12. Лившиц, Р.С. Размещение промышленности в дореволюционной России / Р.С. Лившиц. -М., 1955.
13. Мушкетов, И.В. Геологическая экспедиция на Зеравшанский ледник в 1880 г. / И.В. Мушкетов. -СПб.: Изд-во Русского Географического общества. -1881. –Т.17. -Вып.6. - С. 15.
14. Мышенков, Д.К. Геологические наблюдения во время Зеравшанской экспедиции / Д.К. Мышенков / Записки Императорского Русского географического общества. -1871. –Т.4. –С. 17.
15. Назаров, Х. Очерки истории Кухистана во второй половине XIX и начале XX вв.: автореф. дис. … канд. истор. наук / Х. Назаров. – Душанбе, 1957. -23 с.
16. Наливкин, В.П. Туземцы: теперь и раньше / В.П. Наливкин. – Ташкент, 1913.
17. Нарзикулов, И.К. Региональные аспекты развития и размещения производительных сил Таджикской ССР / И.К. Нарзикулов // Материалы по изучению производительных сил. -Душанбе, 1977.
18. Наследов, Б.Н. Труды Таджикско-Памирской экспедиции / Б.Н. Наследов. – Л., 1935. - С. 46.

19. Немчинов, В.С. Экономико-математические методы и модели. Управление бизнесом Общая экономическая теория / В.С. Немчинов. –М.: Государственное социально-экономическое изд-во, 1962.
20. Опацкий, Л.В. Размещение пищевой промышленности СССР / Л.В. Опацкий / Под ред. Я.Г. Фейгина. – С.: Госпланиздат, 1958.
21. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан (22.12.2016). –Душанбе, 2016. -С. 11.
22. Пробст, А.Е. Эффективность территориальной организации производства / А.Е. Пробст. -М., 1965.
23. Промышленность в хозяйственном комплексе экономических районов СССР. -М.: Наука, 1964. -С. 74.
24. Рахимов, Р.К. Нарзикулов, И.К. Клецельман, У.Х., Саидмурадов, Х.М. Бондарь, В.П., Аминов, Ш.А. Из исследований, посвященных вопросам развития промышленности Таджикистана, где попутно рассматривается и промышленность северных районов, важно отметить труды, а также ряд сборников, выпущенных Институтом экономики АН ТаджССР и другими научными учреждениями.
25. Рахмонов, Э.Ш. Экономические реформы - веление времени / Э.Ш. Рахмонов // Народная газета, 1997. -5 декабря.
26. Рахмонов, Ш.Т. Экономико-географические проблемы размещения производительных сил Таджикистана в условиях трансформируемой экономики (на примере Зеравшанского региона) / Ш.Т. Рахмонов. -Душанбе: Ирфон, 2010. –С. 57.
27. Республика Таджикистан, Согдийская область. Исполнительный орган государственной власти района Айни. Программа социально-экономического развития района Айни на 2016-2020 годы. –Айни, 2015. –С. 11.
28. Саушкин, Ю.Г. Комплексное развитие народного хозяйства СССР / Ю.Г. Саушкин. –М., 1966.
29. Соловьев, А. Экспедиция в Бухару в 1841-1842 гг. при участии натуралиста А.Л. Лемана / А. Соловьев. –Л.: Изд. АН СССР, 1936. -120 с.
30. Таджикская советская энциклопедия. –Т.2. / гл. науч. ред. М.С. Асимов. –Душанбе: АН Тадж. ССР, Гос. ком. Тадж ССР по делам изд-в, полиграфии и кн. торговли. -670 с.
31. Фейгин, Я.Г. Вопросы размещения производительных сил и развитие экономических районов / Я.Г. Фейгин. – М., 1964.

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ БАҲОДИҲИИ ИҚТИСОДӢ-ГЕОГРАФИИ КОМПЛЕКСИ САНОАТИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба омӯзиши назариявӣ ва методологии соҳаҳои саноати вилоят Суғд инчунин саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, иқтидори захиравии комплекси саноатиро нишон медиҳад. Дар мақола ба фаъолияти муътадили корхона оид ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар саноатикунонии чумҳурӣ диққати махсус дода шудааст. Таҳқиқоти назариявӣ ва ҷомеаи муосир нишон медиҳанд, ки ҷанбаҳои гуногуни рушди корхонаҳои саноатӣ бояд аз нуқтаи назари географӣ мунтазам омӯхта шавад. Яке аз масъалаҳои муҳимми замони муосир дар вилояти Суғд омӯзиши саноатикунонии ноҳияҳои алоҳида мебошад. Дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозорӣ, омӯхтани саноатикунонӣ аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Барои омӯхтани саноатикунонии ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат хусусиятҳои иқтисодию географии сарватҳои табиӣ, аҳолӣ, саноат ва нақлиётро муайян кардан лозим аст. Баъди пошхурии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ кори омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ба роҳ монда нашудааст. Баъзе олимон танҳо як тарафи масъаларо алоҳида омӯхтаанд. Дар соҳаи омӯзиши қуввҳои истеҳсолкунандаи вилояти Суғд баъд аз истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон кори тадқиқотии қувваҳои истеҳсолкунанда хеле кам ба роҳ монда шудааст.

**Калидвожаҳо:** саноат, металлургия, тилло, сурма, симоб, нуқра, маъдан, Суғд, маҳсулот, минтақа, нақлиёт, сӯзишворӣ, энергетика.

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ЭКОНОМИКО-ГЕОГРАФИЧЕСКОЙ ОЦЕНКИ ПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

В данной статье автор рассматривает теоретико-методическое исследование отраслей промышленности Согдийской области, а также индустриализацию Республики Таджикистан, что демонстрирует ресурсный потенциал промышленного комплекса. В статье особое внимание уделено стабильной работе предприятия по производству промышленной продукции в условиях индустриализации страны. Теоретические исследования и современное общество показывают, что различные аспекты развития промышленных предприятий должны регулярно изучаться с точки зрения географии. Одним из важнейших вопросов современности в Согдийской области является изучение индустриализации отдельных районов. В условиях перехода к рыночной экономике изучение индустриализации имеет большое научное и практическое значение. Для изучения индустриализации отдельных районов страны необходимо определить экономико-географические особенности природных ресурсов, населения, промышленности и транспорта. После распада бывшего Советского Союза в некоторых частях страны подготовка производительных сил не велась. Некоторые ученые отдельно изучали только один аспект проблемы. После обретения Таджикистаном независимости в области подготовки производительных сил Согдийской области проводилось очень мало исследований.

**Ключевые слова:** промышленный, металлургический, золото, сурьма, ртуть, серебро, ресурсы, Согд, предприятия, регионы, транспорт, топливо, сырье, энергетика.

**THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ISSUES OF ECONOMIC AND GEOGRAPHICAL ASSESSMENT OF THE INDUSTRIAL COMPLEX OF THE SUGHD REGION**

In this article, the author examines a theoretical and methodological study of the industries of the Sughd region, as well as the industrialization of the Republic of Tajikistan, which demonstrates the resource potential of the industrial complex. In the article, special attention is paid to the stable operation of an enterprise for the production of industrial products in the conditions of the country's industrialization. Theoretical research and modern society show that various aspects of the development of industrial enterprises should be regularly studied from the point of view of geography. One of the most important issues of our time in the Sughd region is the study of the industrialization of individual regions. In the context of the transition to a market economy, the study of industrialization is of great scientific and practical importance. To study the industrialization of individual regions of the country, it is necessary to determine the economic and geographical features of natural resources, population, industry and transport. After the collapse of the former Soviet Union, there was no preparation of productive forces in some parts of the country. Some scientists have separately studied only one aspect of the problem. Since Tajikistan gained independence, very little research has been done on the training of the productive forces of the Sughd region.

**Keywords:** Industrial, metallurgical, gold, antimony, mercury, silver, resources, Sogd, enterprises, regions, transport, fuel, raw materials, energy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳақбердиев Ҳақбердӣ Муродбердиевич –*** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аспиранти курси 4-уми кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. E-mail: **hakberdiev8989@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-30-27-29**

**Сведение об авторе:** ***Хакбердиев Хакберди Муродбердиевич*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, аспирант 4-го курса кафедры экономической и социальноной географии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. E-mail: **hakberdiev8989@mail.ru.** Телефон: (**+992) 934-30-27-29**

**Information about the author:** ***Haqberdiev Haqberdi Murodberdievich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, 4th year postgraduate student of the Department of Economic and Social Geography. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. E-mail: **hakberdiev8989@mail.ru.** Phone: (**+992) 934-30-27-29**

УДК:338.242

# АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛИ ҲИСОБОТИ СЕГМЕНТӢ ДАР ХОЛДИНГҲОИ САНОАТӢ

***Низомов С.Ф., Бобиев И.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дигаргуниҳои институтсионалӣ дар соҳаи саноат, ки ба бунёдшавии сохторҳои нави ташкилӣ-идоракунӣ – холдингҳои саноатӣ мусоидат мекунанд, барои рушди соҳаҳои зикршуда шароит фароҳам овард. Ташаккул ва густариши фаъолияти иқтисодии ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талабот нисбати иттилооте, ки дар доираи баҳисобгирии муҳосибӣ тавлид мешавад, таъсири бузург расонд. Таваҷҷуҳи истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибӣ бештар ба иттилооти ҷузъигардонидашуда оид ба сегментҳои дар ҳайати холдингҳо ва корпоратсияҳо фаъолияткунанда рӯз аз рӯз меафзояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ айни замон мафҳумҳои марказҳои масъулият, марказҳои ташаккулёбии хароҷот, воҳидҳои тиҷорат (бизнес), намудҳои фаъолият, сегментҳои тиҷорат тавсиф шудаанд. Баъзе аз олимон доираи тамоми ин мафҳумҳоро бидуни ошкоркунии алоқамандӣ ва таъсири онҳо ба низоми иттилоотии холдинги энергетикӣ истифода бурда истодаанд, олимони дигар бошанд, кӯшиш намуда истодаанд, ки байни ин мафҳумҳо аломати баробар гузоранд. Ихтилоф дар истилоҳот, амалан дар самти эҷод кардани модели баҳисобгирӣ аз рӯи сегментҳо душвориҳоро дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меорад.

Дар амалияи байналмилалӣ шаклҳои гуногуни ташкилотҳо вуҷуд доранд, ки яке аз намудҳои маъмултарин ва нисбатан рушдкарда холдингҳо мебошанд. «Ширкати холдингӣ (аз англисии holding – «соҳиби ширкат») шахси ҳуқуқие мебошад, ки саҳми назоратиро дар ширкатҳои дигар соҳибӣ мекунад ва тавассути ин роҳбарии умумии ин ширкатҳоро анҷом медиҳад. Илова бар ин, мафҳуми «саҳми назоратӣ»-ро ба таври дигар низ шарҳ додан мумкин аст, яъне ҳама гуна шакли иштирок дар сармояи корхонаеро ифода менамояд, ки имконияти идоракунии он таъмин гардад» [18].

Дар асл, холдингҳо яке аз намудҳои иттиҳодияҳои субъектҳои иқтисодӣ мебошанд, ки як қатор хусусиятҳо доранд:

1) муносибатҳои устувори назорати дохилӣ ва вобастагӣ байни ширкати асосӣ ва дигар ширкатҳои зертобеъ ва иштироккунанда, ки дар оиннома ва созишномаҳо оид ба ташкили холдинг қайд гардида, иттиҳодияи гурӯҳии ширкатҳои иштироккунанда пешбинӣ гардидааст;

2) ҷудо будани моликият ва мустақилияти ҳуқуқии иштирокчиёни холдинг, ки ҳар яки онҳо шахси ҳуқуқӣ мебошанд;

3) сиёсати умумӣ дар самти амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин самтҳои мувофиқашудаи истифодабарии фоида ва дигар сарчашмаҳои молиявии иштирокчиёни гурӯҳ (холдинг).

Ҳадафи асосии холдинги энергетикӣ дар муттаҳидкунии кӯшишҳои умумӣ барои таъмини самаранокӣ, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, корҳо ва хизматрасониҳои иҷрошаванда на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозорҳои хориҷӣ мебошад.

Калимаи сегмент аз забони лотинии «segmentum» гирифта шуда маъноаш «бахш» ё «қисме аз доира»-ро мефаҳмонад. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ мафҳуми «сегмент» маънои онро дорад, ки дар ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидорӣ маълумот дар бораи қисматҳо (бахшҳо)-и гуногуни фаъолият бояд алоҳида ошкор карда шавад. Чунин бахшҳо (қисматҳо)-и фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ метавонад маълумот дар бораи истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулоти гуногун, корҳо, хизматҳо ё маълумот дар бораи фурӯши як намуди молҳо дар минтақаҳои гуногун ва ғайраро дар бар гиранд.

Мутахассисони соҳаи баҳисобгирӣ мафҳуми «сегмент»-ро бо тарзҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, бо мақсади муайян кардани самтҳои такмили таъмини методии ташкили баҳисобгирии сегментӣ дар соҳаи саноат, бахусус саноати энергетика ва ифшои

маълумот оид ба он дар ҳисоботи муҳосибӣ, муайян ва омӯхтани мафҳумҳои асосии мавзуъ зарур аст.

Ин ҷо андешаҳои як қатор олимонро оид ба ҳамин масъала баррасӣ менамоем. Г.Ю. Касянова сегментро «қисми фаъолияти ташкилот дар шароити муайяни иқтисодӣ» [7,с.31] мешуморад. В.В. Патров сегментро ҳамчун «қисми фаъолияти ташкилот дар бахши муайян (аз рӯи намудҳои маҳсулот, минтақаҳои ҷуғрофӣ ва ғ.)» [12,с.16] эътироф мекунад. Ба фикри мо, ҳардуи ин таърифҳо маънои аслии сегментро дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ифода намуда, таърифҳои асосӣ мебошанд.

А.А. Соколов ба сегментҳо «намудҳои фаъолият (маҳсулот, кор, хизматрасонӣ)-и ташкилот, воҳидҳои сохторӣ, марказҳои масъулият ё қисмҳои муҳити берунаро (минтақа, бозори фурӯш, гурӯҳи истеъмолкунандагон), ки барои мақсадҳои баҳисобгирии сегментӣ ҷудо карда шудаанд» [14,с.21], дохил менамояд. М.А. Вахрушина оид ба таърифи сегмент чинин андеша дорад: «буриш, ё ҷузъи чизе мебошад, ки амалан як бахши фаъолият бо маркази масъулиятро муайян мекунад» [6,с.363].

Муҳаққиқони хориҷӣ М.Р. Мэтьюс ва М.Х.Б. Перера қайд менамоянд, ки: «...як қатор василаҳои ҷудо кардани сегментҳо мавҷуданд. Аломатҳои ҷудокунӣ метавонанд ташаккулёбии шахси ҳуқуқӣ, сохтори ташкилӣ, молу хизматрасонӣ, гурӯҳҳои истеъмолкунандагон ва минтақаҳои ҷуғрофиро дар бар гиранд. Сегментҳои ҳисоботдиҳандаи истеҳсолиро таърифи универсалӣ додан хеле мушкил аст, аммо ҳар як ташкилот, сохтори идоракунӣ ва фаъолияти он инфиродӣ мебошад. Дар натиҷа, стандартҳо ва меъёрҳои мавҷуда танҳо роҳнамои умумиро муқаррар менамоянд. Таърифи гурӯҳҳои мушаххаси истеҳсолот бештар ба салоҳияти маъмурияти ширкатҳо вогузор карда мешавад» [9,с.397].

СБҲМ масъалаҳои ҷудокунии сохтори ташкилию идоракунӣ ва ҳисоботдиҳии корхонаҳоро бо СБҲМ (IAS) 14 «Ҳисоботи сегментӣ» ба танзим медарорад, ки айни замон ин стандарт ба СБҲМ (IFRS) 8 «Маълумот оид ба сегментҳо» иваз карда шудааст. Дар банди 9 СБҲМ 14 «Ҳисоботи сегментӣ» истилоҳоти «сегменти тиҷорат» ва «сегменти ҷуғрофӣ» ба маънoҳои зерин истифода мешавад [11]:

Сегменти тиҷорат – қисмати фарққунандаи корхонае, ки ба истеҳсоли маҳсулоти алоҳида ё хизматрасонии алоҳида ё гурӯҳи маҳсулот ё хизматрасониҳои бо ҳам алоқаманд машғул аст, ки дорои хавфҳо ва даромаднокие мебошад, ки аз хавфҳо ва даромаднокии ба дигар сегментҳои тиҷорат хос фарқ мекунанд. Омилҳое, ки ҳангоми муайянкунии алоқаманд будан ё набудани маҳсулот ва хизматрасонӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, инҳоро дар бар мегиранд:

(a) хусусияти маҳсулот ё хизматрасонӣ;
(b) хусусияти равандҳои истеҳсолӣ;
(c) намуд ё синфи харидорони чунин маҳсулот ё хизматрасонӣ;
(d) усулҳои барои фурӯши маҳсулот ё хизматрасонӣ истифодашаванда;
(e) дар ҳолатҳои мувофиқ - хусусияти низоми танзимкунӣ, масалан нисбати хизматрасонии бонкӣ, суғуртавӣ ё комуналӣ.

Сегменти ҷуғрофӣ - қисмати фарққунандаи корхонае, ки ба истеҳсоли маҳсулот ё хизматрасонӣ дар доираи муҳити иқтисодии муайян, ки дорои хавфҳо ва даромаднокие мебошанд, ки аз хавфҳо ва даромаднокии дар дигар муҳити иқтисодӣ амалкунанда фарқ мекунанд. Омилҳое, ки ҳангоми ҷудокунии сегментҳои ҷуғрофӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, инҳоянд:

(a) монанди шароитҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ;
(b) алоқаи байни қисматҳои сохторие, ки дар мавқеъҳои ҷуғрофии гуногун фаъолият мекунанд;
(c) наздикии қисматҳои сохторӣ;
(d) хавфҳои махсуси бо фаъолият алоқаманд дар мавқеъи муайян;
(e) қоидаҳои назорати асъор;
(f) хавфҳои асосии асъорӣ.

Сегменти ҳисоботӣ – сегменти тиҷорат ё сегменти ҷуғрофие мебошад, ки дар асоси муқарраротҳи дар боло қайдшуда ҷудо карда шудаанд ва нисбати он ошкоркунии маълумоти сегментӣ мувофиқи СБҲМ талаб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар ягон санади меъёрию ҳуқуқии таҳияшуда қоидаҳои ягонаи танзимкунандаи меъёрҳо барои тақсимкунии сегментҳои фаъолият дар ширкатҳои саноати энергетика муқаррар карда нашудааст. Ин ба он вобаста аст, ки фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагӣ ва бахшҳое, ки онро ҷудо мекунад, инфиродӣ аст. Аз ин рӯ, танҳо пас аз таҳлили амиқи бисёрсатҳаи шартҳои фаъолият ва талаботҳои иттилоотии ҳар як холдинги энергетикӣ маҷмуи беҳтарин меъёрҳо, шумораи бахшҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботӣ метавонад ошкор карда шавад.

Н.Н. Балашова ва Е.В. Макарова муайян намудаанд, ки «ташаккули сегментҳои тиҷорат ҳамчун воҳидҳои баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ дар корхона аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки муҳимтарини онҳо сохтори мураккаби ташкилии корхона мебошад» [1,с.49].

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ як қатор нуқтаи назарҳо дар бораи меъёрҳои интихоби тақсимбандии сегментҳои баҳисобгирӣ оварда шудаанд. Н.Н. Воробьев дараҷаҳои баҳисобгирии сегментӣ дар корпоратсияҳо ва меъёрҳои тақсимбандии онҳоро дар асоси омилҳои сифати беруна ва дохилии тиҷоратӣ муайян мекунад. Бо назардошти омилҳои беруна муаллиф аломатҳои зерини ҷудокунии баҳисобгирии сегментиро муайян намудааст: гурӯҳи харидорон (муштариён); минтақаи фаъолият; намуди фаъолият (марказҳои даромад). Дар асоси омилҳои дохилӣ Н.Н. Воробьев истифодаи аломатҳои зерини ҷудокунии сегментро пешниҳод мекунад: марказҳои масрафот (хароҷот); марказҳои масъулият; барандаҳои масрафот.

А.Х. Раметов равишҳои гуногуни тақсимоти сегментҳои фаъолиятро дар ширкатҳои агросаноатӣ аз рӯи модели сохтори низоми иерархӣ, ки аз се сатҳ иборат аст, пешниҳод намудааст: истеҳсолот – маҳсулот (нигоҳдорӣ) – фурӯш. Дар ҳар як зинаи низоми пешниҳодшуда, муаллиф меъёрҳои гурӯҳбандии сегментиро муайян мекунад: зерсохторҳои истеҳсолӣ – марказҳои масъулият; маҳсулоти истеҳсолшаванда; маҳалли фурӯши маҳсулот. Ба сифати талаботи зарурӣ ҳангоми муайян намудани сегментҳои фаъолиятии ташкилот А.Х. Раметов қайд менамояд: «...имконияти баҳисобгирии ҷудогона аз рӯи истеҳсолот, корҳо ва хизматрасониҳо ё маҳсулоти тайёр барои ҳар яке аз онҳо ҷой дорад» [13,с.78].

Бояд қайд намуд, ки саноати энергетика ҳамчун як бахши соҳаи саноати истеҳсолӣ ба шумор меравад. Ақидаи олимони дар боло зикршударо ҷонибдорӣ намуда, қайд кардан ба маврид аст, ки дар низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶСХК «Барқи тоҷик» ҳамчун холдинги энергетикии бузург се самти фаъолиятро муттаҳид менамояд, ки онҳоро ба сифати зинаҳои асосии сегменти фаъолият тавсиф кардан мумкин аст: истеҳсоли барқ – интиқоли барқ – фурӯш. Дар навбати худ ҳар яке аз ин сегментҳои бузург ба бахшҳо ва зербахшҳо тақсим мешаванд, ки барои босамар фаъолият намудани онҳо ва қабули қарорҳои манфиатноки идоракунӣ омили асосӣ ба шумор мераванд.

Бояд қайд намуд, ки сегментҳои тиҷоратӣ дар корхона ба зерсегментҳо ҷудо мешаванд ва тақсимбандии сегментҳои бузургҳаҷмро ба зербахшҳо (зерсегментҳо) дар расми 1 инъикос менамоем.

Е.А. Шароватова низоми бисёрсатҳаи тақсимбандии сегментиро дар баҳисобгирии идоракунии субъекти иқтисодӣ пешниҳод намуда, чунин сегментҳои зерини баҳисобгириро ҷудо менамояд: «сегментҳои ҷуғрофӣ, сегментҳои амалиётӣ, гурӯҳҳои молу маҳсулот, харидорон ва муштариён, марказҳои масъулият, марказҳои хароҷот» [17,с.1272].

Н.Т. Лабынцев вобаста ба омилҳои дохилӣ, пешбурди баҳисобгирии сегментӣ ва ташаккули ҳисоботи сегментии идоракуниро дар чунин шаклҳо пешниҳод менамояд: «аз рӯи гурӯҳҳои харидорон; аз рӯи маҳалҳои фаъолият ҳамчун таснифи сегментҳои ҷуғрофӣ; аз рӯи мавсим; аз рӯи намудҳои фаъолият (марказҳои даромад); аз рӯи марказҳои масрафот; аз рӯи марказҳои масъулият; аз рӯи барандаҳои масрафот» [15,с.66].

Профессор С.Ф. Низомов сегменти корхонаро ҳамчун маркази масъулият эътироф намуда, чунин қайд менамояд: «маркази масъулият – ин воҳиди сохторӣ ё ин ки сегменти истеҳсолии корхона мебошад, ки барои натиҷаи фаъолияти он менеҷери муайян масъул буда, дорои ҳуқуқи идоракунӣ ва ҳатто назорату қабули қарорҳо мебошад». Дар ҷои дигар: «Сегменти бизнес – ин сохтори корхона ё як қисми он, ки ба харидорони беруна равона гаштааст, ё бахшест, ки зерсохтори мустақили корхона ҳисоб карда мешавад. Вобаста ба чунин шакли зерсохтор аз тарафи корхона дороиҳо ҷудо карда мешавад» [16,с.158].

**Расми 1. Ҷудокунии сегментҳо ба зербахшҳо вобаста ба фурӯши маҳсулот дар корхона**
**Figure 1. Separation of segments into sub-sectors depending on sales at the enterprise**




Манбаъ: таҳияи муаллиф

Ақидаи олимон С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимовро ҷонибдорӣ намуда, танҳо илова карданием, ки ҳадафи сегментикунонии бизнес на танҳо ҷалби харидорони беруна, балки рушду такомули фаъолияти ҳар як сегмент, рушди фаъолияти корхона дар маҷмуъ, устувор кардани мавқеи рақобатнок, чи дар бозорҳои дохилӣ ва чи дар бозорҳои хориҷӣ мебошад.

Оид ба сегменти корхона ҳамчун маркази масъулият дар корхона дигар олимони ватанӣ (С.Қ. Шоймардонов ва дигарон) чунин андеша доранд: «Дар баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ зери мафҳуми марказҳои масъулият зерсохторҳо (сегментҳо)-и дохилии корхона фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби менеҷер (роҳбари зерсохтор) нишондиҳандаҳои асосии он – даромад, хароҷот ва воситаҳои сармоягузоришуда ба ин зерсохтор назорат карда мешавад. Сегменти бизнес ин объекти баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ буда, он метавонад ҳамчун шахси ҳуқуқии мустақил ва ё дар дохили корхонаи бузург ҳамчун зерсохтори алоҳида фаъолият намояд. Оид ба ҳолати якум (шахси ҳуқуқии мустақил) холдинги саноатӣ, ки аз корхонаи асосӣ, вобаста ва фаръӣ иборат аст, мисол шуда метавонад» [2,с.16].

Мо бо ақидаи профессор С.Ф. Низомов оид ба ошкор намудани маънои истилоҳоти дар доираи мавзуъ истифодашаванда розӣ мешавем, ки ӯ чунин қайд намудааст: «таҳқиқоти илмии гузаронидашуда собит менамоянд, ки дар байни олимон ақидаи ягонае оид ба муайянкунии мафҳуми макони ташаккулёбӣ, маркази масрафот ва марказҳои масъулият (сегментҳо) вуҷуд надорад ва чи гуна байни ҳам вобастагӣ доранд, дида намешавад. Баъзеҳо ин ибораҳоро дар истилоҳоти забонӣ ҳаммаънои якдигар (синонимҳо) медонанд ва баъзеи дигарон ҳамчун бахшҳои алоҳида бо хусусиятҳои ба худ хос мешуморанд» [16,с.155].

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои дар боло овардашуда барои муайян кардани сегменти амалиётии бисёр ширкатҳо кифоя мебошад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ мо аломатҳои ҷудокунии сегментҳои фаъолиятро ба сифати объекти мушоҳидакунии баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва назорат, ки дар СБҲМ (IFRS) 8 «Сегментҳои амалиётӣ», дастурҳои методӣ ва адабиётҳои илмӣ муқаррар гардидаанд, пурра намуда, барои ташаккули ҳисоботи сегментии берунаи холдингҳои энергетикӣ меъёрҳои зерин бояд ба инобат гирифта шаванд:

- намудҳои фаъолият – таъминот; истеҳсолот; интиқол; фурӯш;
- намуди маҳсулот – тайёркунӣ, хариди ашё ва таҷҳизоти энергетикӣ; истеҳсоли неруи барқ, неруи гармӣ;
- минтақаҳои ҷуғрофӣ (маҳалли ҷойгиршавии дороиҳо ва бозорҳои фурӯш).

Ҳангоми ҷудокунии иттилоот аз рӯи аломати ҷуғрофӣ омилҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст [4,с.79]:

а) монанди шароит низомҳои иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳое, ки дар қаламрави он ширкат фаъолият мекунад;

б) мавҷудияти робитаҳои муътадил ва устувор дар фаъолиятҳое, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ амалӣ мегарданд;

в) шабеҳи фаъолият;

г) хавфҳое, ки ба фаъолияти ташкилот дар минтақаи муайяни ҷуғрофӣ хоссанд;

д) умумияти қоидаҳои назорати асъор;

е) хавфи асъорӣ, ки бо фаъолияти ташкилот дар минтақаи муайяни ҷуғрофӣ алоқаманд аст.

Меъёрҳои муфассали тақсимбандии сегментҳои фаъолият ҳамчун объекти мушоҳидакунии баҳисобгирӣ барои ташаккули ҳисоботи сегменти берунаи холдинги энергетикӣ дар расми 2 пешниҳод карда шудааст.

**Расми 2. Меъёрҳои муфассали тақсимбандии сегментҳои фаъолият барои ташаккули ҳисоботи сегментии берунаи холдинги энергетикӣ (дар мисоли ШСХК «Барқи тоҷик»)**
**Figure 2. Detailed criteria for the segmentation of activities for the formation of the external segment report of the energy holding (on the example of OJSC "Barki Tojik")**




Ба меъёрҳои ҷудокунии сегментҳо, ки дар СБҲМ (IFRS) 8 «Сегментҳои амалиётӣ» муайян гардидааст, такя намуда аз ҷониби мо чунин таъриф пешниҳод карда мешавад: Сегменти холдинги энергетикӣ ин самт (бахш, қисм)-и фаъолияти ширкати муттаҳидаи холдинги энергетикӣ мебошад, ки аз сохтори умумии ташкилӣ-идоракунии корхона вобаста ба аломатҳои муайян (шароити иқтисодии фаъолият, намуди маҳсулот (корҳо,

хизматҳо), минтақаҳои ҷуғрофӣ ва ғ.) ҷудо карда шудааст, нисбати он маълумоти муайяни баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ барои таҳлил ва назорати фаъолияти амалишаванда ҷамъоварӣ карда мешавад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар шароити имрӯза дар адабиёти иқтисодӣ дар радифи мафҳуми «сегмент» дигар истилоҳот ба мисли «иттилоот оид ба сегментҳо», «ҳисоботи сегментӣ», «ҳисоботи зерсохторӣ» [2,с.322], «ҳисоботи дохилихоҷагии идоракунӣ» [10,с.284] ва ғ. истифода бурда мешавад. Аз мутолиаи адабиёт ва асарҳои иқтисодии гуногуни илмӣ мо ба хулосае омадем, ки истилоҳоти гуногуншакл дар фанни баҳисобгирии идоракунӣ аслан ба як маъно истифода бурда мешавад. Дар доираи сегментҳо (зерсохторҳо, воҳидҳои сохторӣ, бахшҳо) иттилоот оид ба фаъолияти коргоҳҳои истеҳсолӣ, шуъбаҳо, раёсатҳо, филлиалҳо, ширкатҳои духтарӣ, намояндагиҳо ва дигар унсурҳои низоми ташкилӣ-идоракунии холдинги энергетикӣ тайёр карда шуда, зина ба зина ба менеҷерони сатҳи болотар пешниҳод карда мешавад ва дар маҷмуъ, барои холдинги саноатӣ ҳисоботи идоракунии кулл тартиб дода мешавад.

Мо зарурати объективии чунин равишро бо он алоқаманд медонем, ки сиёсати интихобшудаи баҳисобгирӣ барои мақсадҳои баҳисобгирии сегментӣ бояд ба стратегияи тиҷоратие, ки холдинги саноатӣ барои рушди худ татбиқ менамояд (васеънамоии истеҳсолот, ворид шудан ба бозорҳои нав, коркарди маҳсулоти нав ё технологияҳои истеҳсолӣ ва ғ.), мутобиқат намояд. Беҳгардонии сохтори баҳисобгирии корхона бо роҳи такмили сиёсати баҳисобгирӣ бояд на танҳо барои таъмини фаъолияти самарабахши системаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ, балки барои низоми баҳисобгирии идоракунӣ гузаронида шавад [3,с.62].

Барои ҳалли масъалаҳои дар назди мо гузошташуда зарур мешуморем, ки оид ба ҳисоботи аз рӯи фаъолияти як қатор сегментҳои холдинги энергетикӣ тайёршаванда мафҳуми «ҳисоботи сегментӣ» ва иттилоот нисбат ба сегменти мушаххас «ҳисобот оид ба сегмент» номгузорӣ карда шавад. Илова ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки иттилоот оид ба сегментҳо дар холдингҳои энергетикӣ дар шароити саноатикунонии кишвари мо, чи барои баҳисобгирии идоракунӣ ва чи барои баҳисобгирии молиявӣ, аҳамияти амалии бениҳоят бузург дорад.

Дар навбати аввал, ҳаҷми иттилоот оид ба талабот ба маҳсулот (корҳо, хизматҳо) ва имкониятҳои фурӯши он меафзояд. Хусусан, бештари холдингҳои саноатию энергетикӣ сохторҳои воҳидии тобеъу духтарие доранд, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ фаъолият менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки ҳайати сегментҳои дохилии идоракунӣ, дар ин маврид аз сохтори сегментҳои холдинги саноатӣ, ки бо мақсадҳои ҳисоботи молиявии беруна ҷудо карда мешаванд, на он қадар фарқ мекунанд. А.А. Соколов дар таҳқиқоти худ чунин қайд намудааст: «баҳисобгирии сегментӣ – ин зернизоми баҳисобгирии идоракунӣ буда, раванди ҳаммонандкунӣ, ченкунӣ, ғункунӣ, таҳлил, тайёркунӣ, коркард, тафсир ва пешниҳоди намудҳои гуногуни маълумот оид ба сегментҳои фаъолияти ташкилот барои истифодабарандагони дохилӣ мебошад, ки дар асоси он ҳисоботи сегменти дохилӣ ва беруна ташаккул меёбад» [14,с.21].

Мувофиқан, маълумот оид ба сегмент – иттилоот дар бораи қисм (самт, бахш)-и фаъолияти холдинги энергетикӣ бо шароити муайяни хоҷагидорӣ мебошад, ки дар асоси он истифодабарандагони ҳавасманди дохилӣ ва берунаи маълумот метавонанд хусусияти намуди фаъолияти иқтисодии холдинги энергетикӣ, вазъи сохтори ташкилӣ-хоҷагидории он, дараҷаи тақсимбандии нишондиҳандаҳои молиявиро вобаста ба самтҳои фаъолияти корхона баҳо диҳанд.

Ҳисоботи сегментиро Е.А. Бойко ҳамчун «ҳисобот оид ба сегментҳои алоҳидаи бизнес (марказҳои масъулият) дар ташкилотҳо» [5,с.135] баррасӣ мекунад. М.Д. Коляго ҳисоботи сегментиро ҳамчун «ҳисобот байни ҳисоботи идоракунӣ ва ҳисоботи молиявӣ» [8,с.18] эътироф намудааст. Бо назардошти андешаҳои олимон ва таърифҳои муайянкардаи онҳо мафҳуми ҳисоботи сегментии дохилӣ ва берунаро дар сохторҳои ҳамгирошудаи энергетикӣ (холдингҳо) баррасӣ мекунем.

Раванди ба сегментҳои фаъолият ҷудокунии корхона аҳамияти зерин дорад:

- дар доираи баҳисобгирии муҳосибӣ сегментикунонии фаъолият имконияти назоратро васеъ намуда, барои тақсим кардани масъулияти идоракунандагони сатҳи гуногуни идоракунӣ барои хавфҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд;

- ташаккули ҳисоботи сегментии дохилӣ барои тартибдиҳии ҳисоботи сегментии беруна ва ҳисоботи маҷмуии гурӯҳ заминаи воқеӣ фароҳам меорад;

- ташаккули мақсадноки ҳисоботи сегменти дохилӣ имконият медиҳад, ки дар холдинги энергетикӣ на танҳо хавфу хатарҳо таҳлил ва баҳогузорӣ карда шавад, балки фаъолияти корхонаро низ рушд дод.

Инак, асоси сегментикунонии фаъолияти холдинги энергетикӣ ҷудокунии сегментҳо мувофиқ ба аломат ва меъёрҳои дар холдинг интихобкардашуда ва қарор додани онҳо ба сифати объекти баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорат, ташкили баҳисобгирӣ аз рӯи сегментҳо ва ташаккули ҳам ҳисоботи дохилӣ ва ҳам берунаи сегментӣ мебошад. Хусусан, баҳисобгирии сегментӣ барои холдингҳои энергетикӣ, хосса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон, моҳиятан, як навоварие дар самти ташаккул ва ифшои маълумот оид ба фаъоляти мушаххаси пешбарандаи онҳо мебошад, ки такмил ва рушди минбаъдаро тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳадафи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ аз пешниҳоди маълумот ба гурӯҳҳои манфиатдори истифодабарандагони берунӣ ва дохилии иттилоот дар бораи нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда, воқеӣ ва пешбинишавандаи фаъолияти сохторҳои холдинги энергетикӣ, дороиҳо, уҳдадориҳои онҳо, инчунин ҷузъигардонии маълумот оид ба сегментҳо барои ташаккули ҳисоботи сегменти дохилӣ ва беруна иборат аст.

Иттилооти ҳисоботи сегменти дохилӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти ҳар як сегментро пурра баҳогузорӣ кунем ва бартарияти муҳимми он дар ҷой надоштани талаботи қатъӣ оид ба шакли муайяни таъиншуда, таркиб, қоидаҳо ва принсипҳои омодасозии он мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Балашова, Н.Н. Управленческий учет качества по сегментам деятельности молокоперерабатывающих предприятий / Н.Н. Балашова, Е.В. Макарова // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2009. -№1. -С.49.
2. Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ: васоити таълимӣ / Шоймардонов С.Қ. [ва диг.]. -Душанбе: Ирфон, 2017. -468 с.
3. Бобиев И.А. Ҷанбаҳои методии сиёсати баҳисобгирӣ бо мақсадҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар холдингҳои саноатӣ / И.А. Бобиев, Д.Т. Расулов, Б.Ф. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021.– №1.– С. 62-70.
4. Бобиев, И.А. Таҷрибаи байналмилалии ташаккулёбӣ ва пешниҳоди ҳисоботи сегментӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона /И.А. Бобиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021.– №1.– С. 78-86.
5. Бойко, Е.А. Бухгалтерская (финансовая) отчетность / Е.А. Бойко, П.Е. Шумилин. -Ростов н/Д: Феникс, 2004. -С. 135.
6. Вахрушина, М.А. Бухгалтерский управленческий учет / М.А. Вахрушина. -М.: ИКФ Омега-Л; Высшая школа, 2011. – С. 363.
7. Касьянова, Г.Ю. Информация по сегментам: еще один шаг бухгалтерского учета навстречу управленческому / Г.Ю. Касьянова // Российский налоговый курьер. – 2008. – №6. – С.31.
8. Коляго, М.Д. Сегментарная отчетность в системе управления предприятием: дис. … канд. экон. наук: 08.00.12 / Коляго Мария Дмитриевна. -М., 1997. -С. 18-21.
9. Метьюс, М.Р. Теория бухгалтерского учета: Учебник / М.Р. Метьюс, М.Х.Б. Перера; пер. с англ.; под ред. Я.В. Соколова, И.А. Смирновой. - М.: ЮНИТИ, Аудит, 1999. – С. 397.
10. Низомов С.Ф. Баҳисобгирии идоракунӣ [матн]: китоби дарсӣ / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов; Душанбе: Ирфон, 2017. – 324 с.
11. Отчетные сегменты [текст]: международный стандарт финансовой отчетности (МСФО) IAS 14. -М.: Аскери-АССА, 2008.
12. Патров, В.В. Отражение в бухгалтерской отчетности информации по сегментам / В.В. Патров // Бухгалтерский учет. – 2008. – №21. – С. 16.
13. Раметов, А.Х. Модели построения управленческого учета в сельскохозяйственных организациях: монография / А.Х. Раметов. -М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2012. -С. 78.
14. Соколов, А.А. Учет по сегментам деятельности коммерческой организации: формирование и анализ / А.А. Соколов. – М.: Финансы и статистика, 2004. – С.21.
15. Управленческий учет и внутрифирменный контроль в условиях коммерческой деятельности: монография / под ред. Н.Т. Лабынцева. – М. Финансы и статистика, 2009. – С.66-68.

16. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика [текст]: монография / С.Ф. Низомов. -Душанбе: Сохибкор, 2013. – 272 с.
17. Шароватова, Е.А. Современные подходы к сегментированию управленческого учета / Е.А. Шароватова // Вестник Донского государственного технического университета. - 2011. - Т. 11. -№8-1(59). -С. 1272.
18. [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki/

## АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛИ ҲИСОБОТИ СЕГМЕНТӢ ДАР ХОЛДИНГҲОИ САНОАТӢ

Дар мақолаи илмӣ асосҳои назариявию методологии ташаккули ҳисоботи сегментӣ, аҳамияти ба сегментҳо ҷудокунии фаъолияти ширкатҳои бузурги саноатӣ ва равишҳои методии муаллифӣ оид ба муайянкунии сегментҳои ҳисоботӣ ҳамчун консепсияи бунёдии илмӣ дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ақида ва андешаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ оид ба аломатҳои ҷудокунии сегментҳои амалиётӣ ва сегментҳои ҳисоботӣ дар холдингҳои саноатӣ омӯхта шуда, равишҳои методӣ барои муайян кардани бахшҳои гуногуни фаъолият ҳамчун сегментҳои ҳисоботии корхона муайян карда шудааст. Муаллифон қайд кардаанд, ки дар адабиёти соҳавӣ ва асарҳои илмӣ сегментҳо бо синонимҳои гуногун ба мисли “марказҳои масъулият”, “марказҳои ташаккулёбии хароҷот”, “воҳидҳои тиҷорат”, “намудҳои фаъолият”, “сегментҳои тиҷорат” ва ғ. номбар шудаанд, ки зимни пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ истифодабарандагони иттилоотро метавонанд ба иштибоҳ муваҷҷеҳ намоянд. Ихтилоф дар истилоҳот, амалан дар самти эҷод кардани модели баҳисобгирӣ аз рӯи сегментҳо душвориҳо дар фаъолияти субъектҳои иқтисодиро низ ба вуҷуд меоранд. Бояд қайд намуд, ки саноати энергетика ҳамчун як бахши соҳаи саноати истеҳсолӣ ба шумор меравад. Ақида ва назарияҳои олимони гуногуни соҳаро муаллифон ҷонибдорӣ намуда, қайд кардаанд, ки ҶСХК «Барқи тоҷик» ҳамчун холдинги энергетикии бузург се самти фаъолиятро муттаҳид менамояд, ки онҳоро ба сифати зинаҳои асосии сегментҳои фаъолият тавсиф кардан мумкин аст: истеҳсоли барқ – интиқоли барқ – фурӯш. Намунаи ҷудокунии сегментҳо ба зерсегментҳо вобаста ба фурӯши маҳсулот дар холдинги саноати энергетикӣ дар намуди расм нишон дода шудааст. Ҳамчунин, муаллифон меъёрҳои муфассали тақсимбандии сегментҳои фаъолиятро барои ташаккули ҳисоботи сегменти берунаи холдинги энергетикӣ муайян карда, дар намуди ҷадвал пешниҳод намудаанд, ки он ҳамчун воситаи методӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва назорат кумаки амалӣ мерасонад.

**Калидвожаҳо:** холдингҳои саноатӣ, консепсияи муайянкунии сегментҳои фаъолият, холдинги энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, сегментҳои фаъолият, сегментҳои ҷуғрофӣ, сегментҳои ҳисоботӣ, ҳисоботи сегментӣ, меъёрҳо ва аломатҳои ҷудокунии сегментҳо.

## КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ СЕГМЕНТАРНОЙ ОТЧЕТНОСТИ В ПРОМЫШЛЕННЫХ ХОЛДИНГАХ

В научной статье исследуются теоретико-методологические основы формирования сегментарной отчетности, значение сегментации крупных промышленных предприятий и разработаны авторские методологические подходы к формированию отчетных сегментов, как основной научной концепции в области бухгалтерского управленческого учета. Изучены научные теории отечественных и зарубежных ученых по критериям выделения операционных и отчетных сегментов в промышленных холдингах, а также определены методологические подходы для выделения различных сегментов деятельности в качестве отчетных сегментов предприятия. Авторы отмечают, что в научной литературе сегменты пердставляются разными синонимами, такими как: «центры ответственности», «центры возниконовения затрат», «бизнес-единицы», «виды деятельности», «сегменты бизнеса» и пр., что при ведении сегментарного учета и отчетности может ввести в заблуждение пользователей учетной информации. Различия и путанность в терминологии при формировании модели учета по сегментам также создают трудности в управлении деятельности хозяйствующих субъектов. Следует отметить, что энергетика как отрасль промышленности является производственным сектором. Авторы поддерживают мнение и теории различных ученых в данной области, отмечая, что ОАО «Барки Toджик» как крупный энергетический холдинг объединяет три направления деятельности, которые можно охарактеризовать как основные этапы бизнес-сегментов: производство электроэнергии – передача электроэнергии – реализация. Авторами также определены подробные критерии разделения деятельности на сегменты для формирования внешнего сегментарного отчета энергетического холдинга, представленные в табличной форме, которые могут выступать как методический инструмент при ведении бухгалтерского учета, анализа и контроля.

**Ключевые слова:** промышленные холдинги, концепция сегментации деятельности, энергетический холдинг Республики Таджикистан, сегменты деятельности, географические сегменты, отчетные сегменты, сегментарная отчетность, критерии и признаки сегментации.

## CONCEPTUAL BASIS FOR FORMING SEGMENTARY REPORTING IN INDUSTRIAL HOLDINGS

The scientific article examines the theoretical and methodological foundations of the formation of segmental reporting, the importance of segmentation of large industrial enterprises and developed the author's methodological approaches to the formation of reportable segments as the main scientific concept in the field of management accounting. The scientific theories of domestic and foreign scientists have been studied on the criteria for identifying operating and reporting segments in industrial holdings, and methodological approaches have been identified for identifying various segments of activities as reportable segments of an enterprise. The authors note that in scientific literature and in other scientific works, segments are represented by different synonyms, such as: "responsibility centers", "cost centers", "business units", "activities", "business segments", etc., that, when conducting segmental accounting and reporting, it can

be confusing to users of accounting information. Differences and confusion in terminology, in fact, in the formation of the accounting model for segments, also create difficulties in managing the activities of business entities. It should be noted that energy as an industry is a manufacturing sector. The authors support the opinion and theories of various scientists in this field, noting that Barki Tojik OJSC, as a large energy holding, unites three areas of activity, which can be characterized as the main stages of business segments: electricity generation - electricity transmission - sale. An example of dividing segments into subsegments for sales of products in an industrial energy holding is shown in the figure. The authors also defined detailed criteria for dividing activities into segments for the formation of an external segmental report of the energy holding, presented in tabular form, which can be used as a methodological tool in accounting, analysis and control.

**Keywords:** industrial holdings, the concept of segmentation of activities, energy holding of the Republic of Tajikistan, business segments, geographic segments, reportable segments, segment reporting, criteria and signs of segmentation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Низомов Самариддин Фахриевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru.** Телефон: **93-477-33-66**
***Бобиев Исмоил Атоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru**. Телефон: **919-80-31-10**

**Сведение об авторах:** ***Низомов Самариддин Фахриевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru.** Телефон**: 93-477-33-66**
***Бобиев Исмоил Атоевич*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru.** Телефон: **919-80-31-10**

**Information about the authors:** ***Nizomov Samariddin Fakhrievich*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **samaridin@mail.ru.** Phone: **93-477-33-66**
***Bobiev Ismoil Atoevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **sobir_ismoil73@mail.ru.** Phone: **919-80-31-10**

УДК:338.24(575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ДЕҲОТ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

*Ҳаитова Б.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити бозорӣ механизмҳои зиёд оид ба ташаккул ва танзими бозори меҳнат, аз ҷумла роҳҳои мутобиқ кардани рушди хоҷагиҳои миллӣ фаъолият мекунанд.

Дар чунин шароит фаҳмиши назариявӣ оид ба раванди ташаккул ва рушди бозори меҳнат зарур аст.

Олимон бозори меҳнатро вобаста ба вазифаҳои он тавсиф мекунанд. Кочербаева А. Бар ин назар аст, ки "бозори меҳнат ҳамчун системаи муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ тавсиф мешавад, ки дар ташаккул, тақсимот ва такрортақсимоти қувваи корӣ ба вуҷуд меояд" [5,с.25].

Мафҳуми "бозори меҳнат"-ро Карташов С.А. чунин тасвир намудааст: "Бозори меҳнат системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни давлат, корфармоён ва коргарон нисбати тамоми доираи муносибатҳои меҳнатӣ, фурӯш ва хариди хадамоти меҳнатӣ, аз ҷумла омӯзиш, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва ҷалби одамон ба раванди истеҳсолот мебошад" [4,с.7]. Ин таъриф мундариҷаи консепсияи бозори меҳнатро васеъ намуда, қайд мекунад, ки бозори меҳнат на танҳо раванди хариду фурӯш, балки раванди таълим, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва ҷалби захираҳои меҳнатиро ба раванди истеҳсолот фаро мегирад.

Саломова Г.Г. таърифи зеринро пешниҳод мекунад: «Бозори меҳнат як муассисаест ва дар навбати худ аз зерсистемаҳое иборат аст, ки дар раванди ҳамкории рақобатпазир байни субъектҳои ин бозор дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ рушд мекунад. Муассисаи бозори меҳнат мутобиқсозии ҷонибҳоро ба модели аз ҷониби умум эътирофшудаи стандартӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ озмоишшудаи рафтори иқтисодӣ пешбинӣ мекунад» [10,с.14].

Ҷабборов Ш. дар мақолаи худ оид ба бозори меҳнат чунин гуфтааст: “Бозори меҳнат ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ системаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои корфармоён ва меҳнати кироя мебошад. Ин категорияи иҷтимоию иқтисодӣ механизми мушаххаси таърихии ташаккулёфтаро дар бар мегирад, ки маҷмуи муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатиро татбиқ, инчунин ба барқарор ва нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои байни меҳнаткашон, соҳибкорон ва давлат мусоидат мекунад” [14,с.167].

Ба ақидаи муаллиф, бозори меҳнат, пеш аз ҳама, система мебошад, ки аз унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста иборат аст. Нуқтаи ҷолиби навбатӣ дар ин таъриф андешаи муаллиф дар бораи он аст, ки бозори меҳнат як муассисаест, ки барои он бояд фурӯшанда ва харидори меҳнат ҳуқуқҳои баробар ва масъулияти баробарро муқаррар кунанд. Дуглос Норт чунин изҳор мекунад: «Муассисаҳо «қоидаҳои бозӣ» дар ҷомеа мебошанд, ё ба таври расмӣ, маҳдудиятҳои аз ҷониби инсон офаридашуда, ки муносибатҳои байни одамонро танзим мекунанд. Дар натиҷа, онҳо сохтори ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои инсониро, чи дар сиёсат ва чи дар соҳаи иҷтимоӣ ва чи дар иқтисодиёт, муқаррар мекунанд» [2,с.53].

Дар асл, қоидаҳои бозиро давлат дар шакли муқаррароте муқаррар мекунад, ки рафтори инсонро дар доираи муайян фаро мегиранд. Хусусияти дигари институтҳо мавҷудияти хароҷоти муомилот мебошад, чунонки Дуглас Норт қайд мекунад: «назарияи институтҳо аз назарияи рафтори инсон дар якҷоягӣ бо назарияи хароҷоти муомилот бармеояд. Омезиши ҳарду назария ба мо имконият медиҳад, то фаҳмем, ки чаро институтҳо мавҷуданд ва онҳо дар ҳаёти ҷомеа чӣ нақш доранд. Агар ба ин назарияи истеҳсолотро илова кунем, он гоҳ мо нақши институтҳоро дар фаъолияти системаҳои иқтисодӣ таҳлил карда метавонем" [2,с.17].

Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифони гуногунро ҷамъбаст намуда, мо назари худро дар бораи таърифи "бозори меҳнат" дар формулаи зерин пешниҳод менамоем: "Бозори меҳнат маҷмуи институтҳое мебошад, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва масъулияти баробарро байни фурӯшанда ва харидори меҳнат, тақсим ва истифодаи қувваи кориро дар раванди

истеҳсолот дар доираи қонунҳо ва қоидаҳои амалкунандаи кишвар таъмин менамояд». Бозори меҳнат бояд на танҳо раванди такрористеҳсолкуниро бо қувваи кории баландихтисос ва салоҳиятдор таъмин намояд, балки шароити кор, пардохти он ва ҷойгиркунии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро дар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ муайян кунад.

Дар рушди назарияи бозори меҳнат классикони назарияи иқтисодӣ А.Смит ва Д.Рикардо саҳми назаррас гузоштанд. Адам Смит дар китоби худ "Омӯзиш дар бораи табиат ва сабабҳои сарвати миллатҳо" ба меҳнат ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини тақсимоти меҳнат дар ин ё он кишвар диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар ин бора сухан ронда, ӯ қайд мекунад, ки «ба маънои одӣ метавон гуфт, ки меҳнат, ба монанди молҳо, нархи воқеӣ ва номиналӣ дорад. Гуфтан мумкин аст, ки нархи воқеии он аз миқдори зарурӣ ва роҳати барои он додашуда иборат аст ва нархи номиналӣ аз ҳаҷми пул иборат аст. Коргар, сарватманд ё камбағал буда, ба ӯ вобаста ба нархи номиналии меҳнаташ, балки ба ҳаққи хуб ё бад мукофот дода мешавад" [11,с.20].

Маҳз нархи номиналии меҳнат муайян мекунад, ки меҳнат барои ташкили истеҳсолот то кадом андоза муҳим аст ва он ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти ташкилот чӣ гуна таъсир мерасонад. Дар баробари ин, дар назарияи А.Смит меҳнат ягона омили ченкунии сатҳи тахассус мебошад, нархи меҳнат ба ташаккули афзалияти кишвар дар фаъолияти муайяни истеҳсолӣ таъсир мерасонад. Рикардо Д. инчунин ба нархи меҳнат диққати ҷиддӣ дода, ҳамзамон меҳнатро ҳамчун манбаи маҳдуди иқтисодиёт муайян кардааст. Вай ба он нуктаи назар пайравӣ кард, ки мувофиқи он «нархи табиии меҳнат бо пешрафти ҷомеа ҳамеша майл ба афзоиш меёбад, зеро вобаста ба мушкилоти афзояндаи истеҳсолот нархи табиии он танзим карда мешавад. Аммо, беҳбудӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва кушодани бозорҳои нав метавонад тамоюлро муваққатан суст кунад ва афзоиши нархи молҳои ниёзи аввалия метавонад боиси коҳиши нархи табиии онҳо гардад, худи ҳамин сабабҳо ба нархи табиии меҳнат таъсир мерасонанд" [8,с.3].

Ғуломов Х.Ҳ. бозори меҳнатро чунин тавсиф намудааст: “Бозори меҳнат – ин соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ (хизматрасониҳои меҳнатӣ) мебошад. Зери мафҳуми қувваи корӣ қобилияти меҳнатии инсон фаҳмида мешавад, яъне имкониятҳои ҷисмонӣ ва ақлонии инсон, ки ба ӯ имконият медиҳанд кори муайянеро иҷро намояд, ҳамзамон сатҳи муайяни маҳсулнокии меҳнат ва сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро таъмин созад. Бозори меҳнат тавассути талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ танзим карда мешавад. Дар натиҷаи якҷоя амал кардани онҳо сатҳи шуғлнокӣ дар иқтисодиёт муайян карда мешавад” [1,с.175-179].

Ҳамин тариқ, тақсимоти меҳнат на танҳо дараҷаи тахассусии кишварро муайян мекунад, балки ҳамчун мол амал мекунад, дар иқтисодиёт муносибатҳои муайянеро ташкил медиҳад, ки бозори меҳнатро ташкил медиҳанд.

Барои таҳлил, динамикаи захираҳои меҳнатӣ ва шуғл дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2019 (ҳазор нафар)**

**Table 1. Dynamics of labor resources of the Republic of Tajikistan for 2010-2019 (thousand people)**

| Нишондиҳандаҳо | **2010** | **2012** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ | 4548,9 | 4859 | 4983 | 5111 | 5224 | 5326 | 5427 | 5521 |
| Афзоиши захираҳои меҳнатӣ нисбати соли гузашта | 100 | 106,8 | 102,5 | 102,6 | 102,2 | 101,9 | 101,9 | 101,7 |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | 2280 | 2362 | 2382 | 2437 | 2439 | 2460 | 2478 | 2514 |
| Афзоиши аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол нисбат ба соли гузашта | 100 | 103,6 | 101,0 | 102,3 | 100,1 | 100,9 | 100,7 | 101,4 |
| Аҳолии машғул | 2233 | 2307 | 2325 | 2380 | 2385 | 2407 | 2426 | 2463 |
| Афзоиши аҳолии машғул нисбат ба соли гузашта | 100 | 103,3 | 101,0 | 102,4 | 100,2 | 100,9 | 100,8 | 101,5 |

Сарчашма: Аз рӯи ҳисоби муаллиф дар асоси Солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон: Такмили оморӣ. - Душанбе: АОПҶТ, 2020. -420 с.

Аз маълумоти ҷадвали 1 чунин хулоса баровардан мумкин аст: захираҳои меҳнатӣ динамикаи афзоиш доранд, аз ҷумла, дар давраи баррасишаванда онҳо 878,1 ҳазор нафар афзудаанд; дар ин давра шуғли аҳолӣ 193 ҳазор нафар афзудааст, аммо афзоиши он афзоиши захираҳои меҳнатиро қонеъ карда наметавонад. Аз ин рӯ, имрӯз шумораи кофии ҷойҳои корӣ таъсис дода нашудаанд. Барои омӯхтани вазъи кунунии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун изофаи меҳнат тавсиф мешавад, нишондиҳандаҳои демографии кишварро таҳлил кардан лозим аст (ҷадвали 2). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти аҳолии ҷумҳурӣ қобилияти корӣ доранд.

**Ҷадвали 2. Аҳолӣ ва сохтори қисми қобили меҳнат (ҳазор нафар)**
**Table 2. Population and structure of able-bodied part (thousand people)**

| Нишондиҳандаҳо | **2010** | **2012** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2019 в % к 2010** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии аҳолӣ | 7621,2 | 7987,4 | 8352,0 | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 119,7 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат | 4548,9 | 4797,5 | 5046,0 | 5175,1 | 5273,2 | 5379,7 | 5473,9 | 5567,4 | 120,3 |
| Суръати афзоиши аҳолӣ, % | 103,3 | 104,9 | 102,3 | 102,4 | 102,2 | 102,1 | 102,2 | 102,3 | -1,0 |
| Ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар шумораи умумӣ, % | 59,7 | 60,0 | 60,4 | 60,5 | 60,3 | 60,2 | 60,0 | 59,8 | 100,5 |

Сарчашма: Аз рӯи ҳисоби муаллиф дар асоси Солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2020 - 25.

Дар соли 2018 ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат аз шумораи умумии аҳолӣ 60%-ро ташкил дод ва он босуръат идома дорад. Суръати афзоиши сареи аҳолӣ ба афзоиши контингенти қисми қобили меҳнати аҳолӣ мусоидат мекунад, ки онро аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол тавсиф кардан мумкин аст, ки дар маҷмуъ ба иқтисоди кишвар таъсири мусбат расонида метавонад. Бо дарназардошти мафҳуми бозори меҳнат муайян кардани пайдоиши равандҳои муҳоҷират дар бозори меҳнат муҳим аст. К.Маркс ва Ф.Энгелс қайд карданд, ки бозори меҳнат як намуди махсуси бозор аст, ки дар он меҳнат арзишро ба вуҷуд меорад.

К.Маркс ва Ф.Энгелс исбот карданд, ки ҳаракатёбии муҳоҷирати аҳолӣ ба сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа бевосита алоқаманд аст ва таҳти таъсири эволютсияи онҳо тағйир меёбад. Ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ногузир вобастагии мутақобилаи "ҷараён ва гардиши" қувваи кориро дар натиҷаи фарқияти дараҷаи истисмори коргарон дар шароити меҳнат ва музди меҳнат ба вуҷуд меорад, ки ин заминаи муайянкунандаи муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ мегардад.

К.Маркс сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнатиро бо зарурати ҳаракати капитал, истеҳсолот, қувваҳои истеҳсолкунанда алоқаманд медонист. Азбаски ҷараёни капитал аз як минтақа ба минтақаи дигар, аз як соҳа ба соҳаи дигар ҳаракати озоди қувваи кориро тақозо мекунад. Дар ин робита, ҳаракатёбии аҳолӣ яке аз оқибатҳои асосӣ ва дар айни замон, шароити рушди саноати мошинсозии калон мебошад. Худи талаботи дохилии рушди истеҳсолот низ дараҷаи баландтарини тақсимоти фазоии омилҳои онро тақозо мекунад. Тарафдорони равиши неоклассикӣ (П. Самуэлсон, М. Фелдштейн, Р. Ҳогел, Д. Гилдер, А. Лаффер, Ҷ. Харрис, М. Тодаро) чунин мешумориданд, ки бозори меҳнат, ба монанди дигар бозорҳо, дар асоси нарх амал мекунад.

Неокейнсианҳо (Ҷ.Хикс. Пол Самуэлсон ва Франко Модиляни) дар асоси корҳои илмии Ҷ.М. Кейнс ва монетаристҳо (М. Фридман) барои шарҳи фаъолияти бозори меҳнат усули дигарро риоя мекунанд. Онҳо эҳтимоли бад шудани вазъи иқтисодии як кишвари содиркунандаи неруи корӣ, махсусан муҳоҷирати коргарони баландихтисосро қайд мекунанд.

Консепсияи дигари низоми ҷаҳонии муҳоҷират, ки онро Э.Петрас, А.Портес муаррифӣ мекунанд, ба ғояи ҷаҳонишавии тамоюлҳои рушди равандҳои муҳоҷират ва вуруди кишварҳои алоҳида ба системаи муносибатҳои меҳнатии ҷаҳонӣ асос ёфтааст. Ин мафҳум категорияи захираҳои меҳнатиро бо категорияи васеътари захираҳои инсонӣ иваз мекунад. «Захираҳои инсонии ҷаҳонӣ аз рӯйи се минтақа тақсим карда мешаванд - минтақаи асосии рушд, нимкура ва такҷоӣ. Боварӣ ба он аст, ки дараҷаи ҳамбастагии байни кишварҳо ва / ё набудани онҳо аз рӯйи хусусиятҳои сифатии захираҳои инсонии онҳо ба кадом минтақа мансуб будани онҳо муайян карда мешавад» [13].

Як самти дигари илмӣ дар назарияи муҳоҷирати меҳнатӣ мафҳуми "системаҳои муҳоҷират" мебошад, ки тарафдоронаш Билсборроу, Крис, Злотник, Фавсет, Ивахнюк мебошанд, ки кӯшиш карданд равишҳои гуногунро барои шарҳи муҳоҷират муттаҳид кунанд. Ин назария ба усули муназзам асос ёфта, исбот мекунад, ки ҷараёни муҳоҷират байни кишварҳои донор ва қабулкунанда ба ҳамдигар алоқамандии назаррас доранд. Муаллифони консепсия боварӣ доранд, ки муҳоҷират як навъ фазои ягонаро ба вуҷуд меорад, яъне системаи муҳоҷират, ки кишварҳои вуруд ва кишварҳои хориҷро дар бар мегирад, аз ин рӯ, барои фаҳмидани мундариҷа ва динамикаи муҳоҷирати меҳнатӣ, дар маҷмуъ система бояд баррасӣ карда шавад. Баъдтар, ин мафҳумро И.Ивахнюк дар китоби "Системаи муҳоҷирати Авруосиё: назария ва сиёсат", ки системаҳои нави муҳоҷиратро пешниҳод мекунад, тавзеҳ додааст [3,с.38-56].

Равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷаҳон аз асри XVIII оғоз ёфта, асосан бо кӯчонидани аҳолии Аврупо ва баъдан Африка, Осиё ба Амрико алоқаманд буданд. Он солҳо сабабҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ асосан иқтисодӣ буданд. Дар давраҳои минбаъда равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таъсири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ шиддат гирифтанд. Дар ҷумҳурии мо равандҳои муҳоҷират дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX характери ҳамагонӣ пайдо карданд. Сабабҳои асосии хуруҷи аҳолӣ дар он солҳо ноустувории сиёсӣ, шиддат ёфтани муносибатҳои байни миллатҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ буданд. Кормандони бомаҳорати корхонаҳои саноатӣ, кормандони илмӣ, мутахассисони вазорату идораҳо, аз қаламрави ҷумҳурӣ рафтанд, ки дар натиҷа мутахассисони баландихтисос дар корхонаҳои саноатӣ, муҳандисон ва техникҳо намерасиданд, таҷҳизот бекор монданд, суръати истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ паст шуд. Дар асоси гуфтаҳои боло, мехоҳем вазъи кунунии раванди муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи таҳқиқшаванда нишон диҳем (ҷадвали 3 ва ҷадвали 4).

**Ҷадвали 3. Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба воситаи Хадамоти муҳоҷират кор мекунанд (муҳоҷирони меҳнатӣ) (шахс)**

**Table 3. Number of citizens of the Republic of Tajikistan working through the Migration Service (labor migrants) (individual)**

| Солҳо | Ҳамагӣ | То 18 | 18-29 | 30-39 | 40-49 | 50-54 | 55-59 | Сол ва калонтар | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳарду ҷинс | | | | | | | | | |
| 2001 | 3343 | - | 1343 | 2000 | - | - | - | - | - |
| 2002 | 12393 | - | 3300 | 5650 | 2740 | 703 | | - | - |
| 2003 | 2696 | - | 978 | 700 | 640 | 232 | 146 | - | - |
| 2004 | 2349 | - | 932 | 507 | 515 | 395 | | - | - |
| 2005 | 1681 | - | 468 | 593 | 423 | 197 | | - | - |
| 2006 | 1500 | - | 823 | 455 | 303 | 63 | 9 | 3 | - |
| 2007 | 1500 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2008 | 11044 | 307 | 3565 | 4638 | 2290 | 224 | 20 | - | - |
| 2009 | 15529 | 913 | 4658 | 4348 | 3261 | 1958 | 392 | - | - |
| 2010 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2011 | 3221 | - | 106 | 117 | 85 | 13 | - | - | - |
| 2012 | 5351 | - | 2548 | 2121 | 645 | 37 | - | - | - |
| 2013 | 6257 | - | 2251 | 2050 | 1950 | - | - | - | - |
| 2014 | 1717 | - | 746 | 633 | 194 | 111 | 22 | 10 | - |
| 2015 | 868 | - | 374 | 323 | 98 | 56 | 12 | 5 | - |
| 2016 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2017 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2018 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2019 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |

Сарчашма: Бозори меҳнат / Агентии оморӣ, 2017. - P.81-82

Дар ҷадвал танҳо маълумот дар бораи муҳоҷирати меҳнатии муваққатӣ оварда шудааст. Ин вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, гузариш аз як низоми иқтисодӣ ба системаи дигар ҳамеша бо хароҷоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамроҳӣ карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид истисно набуд, ки дар он ҷо зери таъсири вазъи душвори иҷтимоию иқтисодӣ мушкилоти ҷиддие ба миён омаданд, ки боиси ташаннуҷи бозори меҳнат шуданд. Фаъолияти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароите сурат мегирад, ки дар натиҷаи таъсири назарраси хуруҷи шумораи зиёди кадрҳо ва мутахассисони баландихтисос аз ҷумҳурӣ дар марҳилаи аввали давраи гузариш, норасоии ҷойҳои корӣ бо барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва сатҳи хеле пасти музди меҳнат ба назар мерасад.

**Ҷадвали 4. Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мустақилона ба кор дар кишварҳо сафар мекунанд, новобаста аз он ки мустақилона кор мекунанд**

**Table 4. Number of citizens of the Republic of Tajikistan traveling to work independently, regardless of whether they work independently**

| Солҳо | Ҳамагӣ | То 18 | 18-29 | 30-39 | 40-49 | 50-54 | 55-59 | Сол ва калонтар | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳарду ҷинс** | | | | | | | | | |
| 2005 | 412123 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2006 | 6092316 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2007 | 573953 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2008 | 646298 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2009 | 677414 | 16590 | 203224 | 475503 | 97 | - | - | - | - |
| 2010 | 736446 | 39617 | 380210 | 306573 | 10046 | - | - | - | - |
| 2011 | 750070 | 56407 | 359456 | 157546 | 17846 | - | - | - | - |
| 2012 | 739017 | 40935 | 379299 | 308800 | 9983 | - | - | - | - |
| 2013 | 793447 | 23681 | 314684 | 450778 | 4304 | - | - | - | - |
| 2014 | 669090 | 2129 | 259973 | 406626 | 362 | - | - | - | - |
| 2015 | 551728 | 324 | 214157 | 337116 | 245 | - | - | - | - |
| 2016 | 517308 | 1101 | 208157 | 308002 | 48 | - | - | - | - |
| 2017 | 487757 | 101 | 190544 | 297112 | - | - | - | - | - |
| 2018 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 2019 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |

Манбаъ: бозори меҳнат. Агентии омор, 2017. - P.81-82.

Ҳамин тариқ, ҳоло ҷумҳурӣ дар ҳолати интихоби муҳоҷирати кории аҳолии деҳот қарор дорад, зеро манбаи асосии асъори хориҷӣ дар кишвар интиқоли солонаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳаҷми даромади асъории ҷумҳурӣ аз ҳисоби содирот зиёдтар аст. Аз ҳамин сабаб зарурати ташаккул додани захираҳои меҳнатӣ дар деҳот барои рушди кишоварзӣ лозим аст.

Чунин ба назар мерасад, ки сиёсат дар соҳаи шуғли аҳолии деҳот бояд стратегияи минтақавӣ ва барномаҳои мақсадноки рушд ва танзими шуғлро дар бар гирад.

Вобаста ба ин, аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” [6] эълон гардидаанд.

Омори расмӣ аз болоравии суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат дар Тоҷикистон нисбат ба суръати афзоиши ҷойҳои корӣ дар ҷумҳурӣ ва паст шудани сатҳи иштироки қувваи корӣ дар фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Афзоиши шуғли аҳолӣ дар иқтисоди миллӣ асосан аз ҳисоби сохтори шаҳрвандӣ, соҳаи хидматрасонӣ (савдо) ва худтаъминкунӣ таъмин карда мешавад; дар бахшҳои саноатии хоҷагии халқ шумораи шуғлдорон каме меафзояд. Дар ҷумҳурӣ раванди деиндустрикунонии иқтисодиёт ҷараён дорад ва фишор ба бозори меҳнат пайваста меафзояд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи кунунӣ муҳоҷирати меҳнатии беруна ҷузъи муҳимми сиёсати шуғли аҳолии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Бобиев И.А.**

## АДАБИЁТ

1. Ғуломов Х.Ҳ. Бозори меҳнат ва шуғлнокии аҳолӣ дар тоҷикистон / Х.Ҳ. Ғуломов, Ҳ.Ғ. Сангов, М.Б. Андалибова // Кишоварз. - 2021. -№1(90). -С.175-179.
2. Дуглас Норт. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Дуглас Норт. -М.: Фонд экономической книги «Начала», 1997г. – С. 17.
3. Ивахнюк И.В. Евразийская миграционная система: теория и политика / И.В. Ивахнюк. -М.: МАКС Пресс, 2010. -С.38-56.
4. Карташов С.А. Рынок труда: проблемы формирования и управления (на примере г. Москвы) / С.А. Карташов, Ю.Г. Одегов. -М.: Финанстатинформ, 1998. -С.7.
5. Кочербаева А. Сущность движения кадров и его особенности в переходный период / А. Кочербаева. –Бишкек, 2000. -С.25.
6. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т. 23. - С.645-646.
7. Паёми Президенти Љумњурии Тољикистон ба Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон 26.12.2018.
8. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогообложения / Д. Рикардо. -М.: Сочинения, 1935. -Т. 2. -С. 3
9. Рынок труда. Агентство по статистике. - 2017.
10. Саломова Г.Г. Институциональные основы формирования и развития рынка труда в Республике Таджикистан: автореф. дис. ... кан. экон. наук: 08.00.05 / Г.Г. Саломова. -Душанбе: 2006. – 30 с.
11. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. – М., 2000. – С. 20.
12. Статистический ежегодник Республики Таджикистан: статистический сборник. - Душанбе: АСПРТ, 2019. -С.315.
13. Хасбулатов Р.И. Мировая экономика и международные экономические отношения / Р.И. Хасбулатов. -М., 2008. -Ч.2. –718 с.
14. Љабборов Ш. Љанбањои назариявии шуѓли ањолї ва бозори мењнати Љумњурии Тољикистон / Ш. Љабборов // Иќтисодиёти Тољикистон. – Душанбе, 2021. -№3. -С.165-171
15. Эггертссон Трауинн. Экономическое поведение и институты / Эггертссон Трауинн; пер. с англ. -М.: Дело, 2001. -С. 47.
16. 25 лет государственной независимости // Статистический сборник. –Душанбе: АСПРТ, 2018. -С.341.
17. Alchian A., Economic Forces at Work. Indianapolis: Liberty Press, p.129.


## БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ДЕҲОТ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)


Дар мақолаи мазкур масъалаи бозори меҳнат ва таъсири он ба муҳоҷирати меҳнатии деҳот баррасӣ шудааст. Дар асоси таҳқиқоти консепсияи назариявии «бозори меҳнат» гузаронидашуда, муаллиф чунин андешаро пешниҳод мекунад: «бозори меҳнат маҷмуи институтҳое мебошад, ки заминаи баробарҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои байни фурӯшандаро фароҳам меоранд ва харидори меҳнат ташаккул, тақсимот ва истифодаи қувваи кориро дар раванди истеҳсолот дар доираи қонунҳо ва қоидаҳои амалкунандаи кишвар таъмин менамояд». Ҳамзамон, дар мақола масъалаҳои раванди муҳоҷират баррасӣ карда мешаванд, ки бо рушди қувваҳои истеҳсолкунанда алоқамандии зич доранд. Аз тарафи дигар, рушди муносибатҳои ҷаҳонии иқтисодӣ вобастагии мутақобилаи "баромадан" ва "ворид шудан"-и қувваи кориро ба вуҷуд меорад, ки бо шароити кор, зиндагии рӯзмарра ва сатҳи музди меҳнат вобаста аст. Маълум гардид, ки ҷараёни асосии муҳоҷират аз деҳот аст, зеро дар деҳот норасоии ҷойҳои корӣ, сатҳи пасти маош ба назар мерасад ва аксари ҷавонон пас аз хатми мактаб ё донишгоҳ ба кишварҳои дигар ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд.



**Калидвожаҳо:** бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ, аҳолии фаъол, муҳоҷират, раванди муҳоҷират, хуруҷи муҳоҷират, қувваи корӣ.


## РЫНОК ТРУДА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА МИГРАЦИЮ СЕЛЬСКОГО ТРУДА (НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)


В данной статье рассматриваются вопросы рынка труда и его влияния на миграцию сельского труда. Автором на основе проведенного исследования теоретического понятия “рынок труда” предложено собственное мнение, заключающееся в следующем: «рынок труда – это совокупность институтов, создающих предпосылки равных прав и ответственности между продавцом и покупателем рабочей силы и обеспечивающий формирование, распределение и использование рабочей силы в процессе производства в рамках действующих в стране законодательно-нормативных актов». При этом в данной статье рассматриваются вопросы миграционного процесса, который является подвижностью населения и тесно связан с условиями жизни и уровнем развития производительных сил в государстве, и подвижность населения изменяется под воздействием их эволюции, мировые воспроизводственные процессы расширяются и развиваются неравномерно, что становится причиной скачкообразного спроса на иностранную рабочую силу, ее неравномерного размещения по регионам государства. С другой стороны, развитие мировых хозяйственных связей порождает взаимозависимость «оттока» и «притока» рабочей силы, связанных с условиями труда, быта и уровнем заработной платы. Выявлено, что основной миграционный поток осуществляется из сельской местности, так как там имеется нехватка рабочих мест, низкий уровень заработной платы и большинство молодежи после окончания школы или ВУЗа уезжают зарабатывать для семьи в другие страны.



**Ключевые слова:** рынок труда, занятое население, активное население, миграция, миграционный процесс, миграционный отток, трудовые кадры.

## LABOR MARKET AND ITS IMPACT ON RURAL LABOR MIGRATION (ON THE EXAMPLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN)

This article examines the labor market issue and its impact on rural labor migration. On the basis of the research conducted on the theoretical concept of the “labor market”, the author proposes his own opinion as follows: “the labor market is a set of institutions that create the preconditions for equal rights and responsibilities between the seller and the buyer of labor and ensures the formation, distribution and use of labor in the production process in within the framework of the laws and regulations in force in the country”. At the same time, this article discusses the issues of the migration process, which is the mobility of the population and is closely related to the living conditions and the level of development of the productive forces in the state and the mobility of the population will change under the influence of their evolution, the world reproductive processes expand and develop unevenly, which becomes the reason for the spasmodic demand for foreign labor force, its uneven distribution in the regions of the state. On the other hand, the development of world economic ties gives rise to the interdependence of the "outflow" and "inflow" of labor, linked by working conditions, everyday life and the level of wages. It was revealed that the main migration flow is from rural areas, as there is a shortage of jobs, low wages and most young people after graduating from school or university leave to earn money for their families in other countries.

**Keywords:** labor market, employed population, active population, migration, migration process, migration outflow, labor force.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳаитова Бибирачаб Ҳоҷиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-17-46-47**

**Сведение об авторе:** ***Хаитова Бибираджаб Ходжиевна*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес: 7**34025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-17-46-47**

**Information about the author:** ***Khaitova Bibirajab Khodzhievna*** - Tajik National University, applicant for the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **904-17-46-47**

УДК:338.31

# ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ ДАР МАҶМААИ (КЛАСТЕРИ) ПАХТАКОРӢ

***Шерматов Ғ.Р., Олимов А.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**

Зироаткории обӣ асоси иқтисодиёти соҳаи комплекси агросаноатии Тоҷикистонро ташкил намуда, дар масоҳати бештар аз 630 ҳазор гектар замин домат афрохтааст. Яке аз зироатҳои асосии Тоҷикистон пахта мебошад, ки 36,4 фоизи майдони киштзори обёришавандаи ҷумҳуриро дар бар мегирад. Дурнамои рушд ва ҳолати иқтисодиву молиявии чандин соҳаи иқтисоди миллии кишвар ба тараққии соҳаи пахтакорӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, масъалаи асосии соҳаи кишоварзӣ азнавбарқароркунӣ ва рушди устувори соҳаи пахтакорӣ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон барои парвариши ин зироати таъйиноти содиротидошта, ки ба воридшавии маблағҳо бо арзи хориҷӣ ва барҳам задани сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот мусоидат менамояд, шароити зарурӣро дорад. Бо дастгирӣ ва сарпарастии ҳаматарафаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли пахта дарояндаи наздик афзун карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, ҳоло дар соҳаи пахтакорӣ камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд:

- ғайриқаноатбахш будани селексия, тухмипарварӣ ва ноҳиябадии пахта;
- бад будани ҳолати мелиоративии заминҳои кишт;
- таъмин набудани хоҷагиҳои пахтакор бо техникаи кишоварзӣ;
- риоя нагардидани муҳлати гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ;
- интихоби заминҳои киште, ки ба соҳаи пахтакорӣ мувофиқ нестанд;
- ҳавасманд набудани хоҷагиҳои пахтакор ва деҳқонон аз натиҷаҳои фаъолияти худ;
- номутаносибии ҳамгироии корхонаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои саноатӣ.

Таҳлили имкониятҳои истифодаи самараноки иқтидори захирашуда, динамикаи истеҳсоли пахта дар даҳсолаҳои охир ва таъминоти моддию техникии он, аз ҷумла коркарди аввалияи пахта, инчунин сатҳи бадастомадаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ захираҳои боз ҳам бузургтари иқтисодӣ мавҷуданд, ки татбиқи онҳоро далелҳои норавшани рушди муносибатҳои бозорӣ дар зермаҷмааи пахта маҳдуд мекунанд [3,с.91].

Имрӯзҳо хусусиятҳои рушди муносибатҳои бозорӣ дар маҷмааи пахтакорӣ байни олимон, иқтисодчиён ва мутахассисони соҳа масъалаи баҳсталаб ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ формулаҳои зиёде мавҷуданд, ки бозорро ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян мекунанд, аммо аксарияти онҳо ба шакли муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои соҳибкории инфиродии мустақил оварда мерасонад. Ҳамзамон, муносибатҳои бозорӣ бо дараҷаи рушд, хусусиятҳои тағйирпазирӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳояшон фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, бозор ҳамчун ниҳоди мураккаби динамикӣ ва бисёрҷониба ба назар мерасад. Бозор ҳамчун соҳаи мубодилаи маҳсули меҳнат таърихи дуру дарозе дорад. Маҳз тақсимоти меҳнат сабаби асосии рушди мубодила дар бозор мегардад. Тақсимоти меҳнат ва бозор низ таърихан ба ҳам алоқаманданд ва дар ҳамкории зич рушд мекунанд.

Айни замон, рушди тақсимоти меҳнат ва шаклҳои мубодилаи маҳсулот дар ҷомеа, гарчанде ки онҳо дар ҳамбастагӣ ва рушди доимӣ қарор дошта бошанд ҳам, дар робита бо бахши кишоварзии иқтисодиёт равандҳои ба ҳам зид мебошанд. Мубодилаи маҳсулот рушд ва умумигардонии истеҳсолотро тақозо мекунад ва он дар тақсимоти меҳнат, дар ҷойгиршавӣ, диверсификатсия, махсусгардонӣ, марказонидан ва консентратсияи истеҳсолот зоҳир мешавад.

Дар ҷараёни рушди шаклҳои тақсимоти меҳнат ва ҷамъиятигардонии истеҳсолот муносибати доимие мавҷуд аст, ки аз шаклҳои иқтисодӣ ва байнихоҷагӣ ба соҳавӣ ва байнисоҳавӣ, минтақавӣ ва байниминтақавӣ ва иҷтимоигардонии истеҳсолот дар ҳамкорӣ, омӯзиш ва ҳамгироӣ зоҳир шуда, самтҳои гуногун доранд.

Ин нуқтаи назарро академик Л. Абалкин тасдиқ менамояд: «Асосҳои бозор дар раванди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ҳангоми мубодила ва тақсимот василаи байни

истеҳсолот ва истеъмол гардида, ташаккул меёбанд. Ин механизми бозор аст, ки ҳарчӣ бештар ва мураккабтар шуда, ҳам ба истеҳсолот ва ҳам ба истеъмолот таъсир мерасонад ва барои рушди муваффақонаи онҳо мусоидат мекунад» [2,с.25].

Бозори пахта, ба мисли дигар бозори мол, як намуди фаъолият буда, муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи мубодила маҳдуд нашуда, балки муносибатҳои моливу пулиро дар бар гирифта, бо кумак ва тавассути бозор истеҳсол ва фурӯши пахта ба танзим дароварда мешавад.

Мувофиқи ин таъриф робитаҳои иқтисодӣ байни ҳамаи иштирокчиёни бозор ба вуҷуд меоянд. Бозори пахта системаи мураккаби ташаккулёфтаи иқтисодӣ мебошад, ки ба усулҳои фармонфармоию маъмурии танзиму идоракунии истеҳсолот дар соҳаи пахтакорӣ мухолиф аст.

Бозори пахта, ки бо марҳилаҳои такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи пахтакорӣ алоқаманд аст, ташаккули динамикӣ ва нисбатан мураккаби сохториро бо бисёр омилҳои низоми бозор анҷом медиҳад [4,с.44].

**Расми 1. Омилҳое, ки ба рушди бозори пахта таъсир мерасонанд**
**Figure 1. Factors influencing the development of the cotton market**




Муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидории бозори пахта ба хариду фурӯш асос ёфта, ҳам таъминоти пахта, ҳам маҳсулоти коркардшуда ва ҳам талабот ба онҳоро таъмин мекунанд. Айни замон, бозори пахта дар муқоиса бо дигар бозорҳои мол хусусиятҳои хоси худро дорад [8,с.46]. Яке аз хусусиятҳои бозори пахта дар он аст, ки истеҳсоли пахта аз шароити тағйирёбанда ва пешгӯинашавандаи обу ҳаво вобаста аст, бинобар ин, дар системаи муносибатҳои бозорӣ пешниҳоди пахта на ҳамеша ба истеҳсолкунандагони мол вобаста аст. Хусусияти дигари ин бозор бо талаботи кафолатнок ба маҳсулоти саноати пахта алоқаманд аст. Ин омил фоидаи назарраси иқтисодӣ медиҳад, зеро истеҳсолкунандагони мол набояд дар шароити номуайянии фурӯш кор кунанд.

Бартарии асосии бозори пахта бо он алоқаманд аст, ки корхонаҳои саноатӣ истеъмолкунандаи он мебошанд. Аз ин рӯ, маркетинги бозори ин маҳсулот иштироки миёнаравонро дар бар мегирад, ки маънои аз даст додани ҳиссаи даромади истеҳсолкунандагонро дорад. Сарфи назар аз он ки дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта маркетинги бозор ҳиссаи калони арзиши маҳсулотро ташкил диҳад ҳам, хароҷот барои он дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти пахта муҳим ва ногузир мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки хусусияти бозори пахта ҳам дар иқтисоди нақшавӣ ва ҳам дар ташаккули муносибатҳои бозорӣ қисми нисбатан калони истеҳсоли саноатӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, ба бозори пахта мутобиқшавӣ, зудтағйирёбӣ, ҳамкории соҳибкорону корхонаҳои хурд ва вокуниш нишон додан ба вазъи зудтағирёбандаи

иқтисодӣ хос аст. Аммо бозори пахта танҳо дар шароити рақобат арзи ҳастӣ карда метавонад, зеро рақобат боиси рушди илмӣ-техникӣ, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва кам шудани хароҷоти истеҳсолиро ба вуҷуд меоварад [13,с.30].

Бидуни рақобати шадид ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ноил гардидан ғайриимкон аст. Дар шароити муосир ду шакли рақобат вуҷуд дорад:

- дохилисоҳавӣ;
- байнисоҳавӣ.

Рақобати дохилисоҳавӣ ин рақобати байни истеҳсолкунандагони ашёи хоми пахта, яъне барои ба вуҷуд овардани шароити мусоиди истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти соҳаи пахтакорӣ ва ба даст овардани фоидаи баланд мебошад. Дар ин соҳа корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мавҷуданд, ки аз ҷиҳати ҳаҷм, таҷҳизоти техникӣ, технология, ташкили истеҳсолот ва сатҳи ҳосилнокии меҳнат аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Рақобати байнисоҳавӣ ин рақобат байни истеҳсолкунандагони соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатӣ мебошад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳар як истеҳсолкунанда ба гирифтани фоидаи ҳадди аксар аз сармояи гузоштташуда манфиатдор аст. Аммо, дар соҳаҳои истеҳсолӣ шароити мухталифи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ба вуҷуд омадааст, ки омилҳои гуногун доранд. Маблағгузории баробар ба баъзе соҳаҳо боиси он мегардад, ки коркардкунанда фоидаи нисбатан баланд, вале истеҳсолкунанда фоидаи нисбатан камтар ба даст меорад, ки ин, асосан, аз фарқияти сохтори маблағгузорӣ ва сатҳи гардиши нобаробари он вобаста аст.

Муносибатҳои бозорӣ дар истеҳсоли пахта рақобати ба нарх асосёфта ва рақобати доираи сифати маҳсулотро дар бар мегиранд. Дар баробари ин, моҳияти рақобати нархҳо дар он аст, ки пахта дар бозор бо нархҳои мухталиф пешниҳод карда мешавад. Паст кардани нарх роҳест, ки фурӯшанда диққати истеъмолкунандаро ба худ ҷалб намуда, маҳсулоти худро бештар фурӯхта, дар бозор муваффақият ба даст меорад. Усули асосии рақобати нархҳо коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ва дар натиҷа паст кардани нархи пахтаи ба фурӯш бароварда мебошад. Аммо коҳиши нархи маҳсулоти соҳаи пахтакорӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки истеҳсолкунандаи мол захираҳои кам кардани арзиши онро ба охир расонад. Вақте ки мувозинати нисбӣ муқаррар карда мешавад, кӯшиши минбаъдаи паст кардани нарх дар байни рақибон ба вуҷуд меояд.

Ҷанбаи асосии тақсимоти бозори аграрӣ, аз ҷумла бозори пахта, муайян кардани робитаҳои асосии функсионалӣ ва институтсионалӣ мебошад [12,с.47]. Ба чунин робитаҳо дохил мешаванд:

- харидани пахта аз истеҳсолкунандагони он, ки барои ташаккули бозори пешрафтаи пахта махсусан муҳим аст, зеро қисми зиёди маҳсулот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол карда мешаванд ва бо сабабҳои гуногун аксар вақт бо нархҳои ниҳоят арзон фурӯхта мешавад;
- амалиёти нақлиётӣ, боркуниву борфурорӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, зеро мавҷуд набудани таҷҳизоти махсус нигоҳдорӣ ва таҳвили маҳсулоти баландсифатро душвор месозад;
-инфрасохтори бозор ва хидматҳои гумрукӣ;
- пешниҳоди иттилооти фаврӣ ва объективӣ дар бораи шароити бозор бо ёрии системаҳои иттилоотӣ ва агентиҳои махсус;
- қарздиҳии истеҳсол ва савдои пахта тавассути ташкилотҳои бонкӣ ва қарзӣ.

Истеҳсоли пахта бештар ба сатҳи таъминоти техникӣ ва моддии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ вобаста аст, бинобар ин додани қарзҳои имтиёзнок ба ин категорияи истеҳсолкунандагон дастгирии бевоситаи давлат ва унсури танзими давлатии бозори пахта дар кишвар хоҳад буд [14,с.4].

Рушди бозори дохилии пахта на танҳо ба ҳам пайвастани бозорҳои мавҷудаи минтақавӣ, балки эҷоди пайвандҳои нави байниминтақавиро талаб мекунад, ки ниёз ба он ҳангоми ташаккули бозори пешрафтаи пахта ба миён омада, субъектҳои тиҷоратии худро бо системаҳои зарурии иттилоотӣ ва нақлиётӣ таъмин менамоянд.

Категорияҳои муҳимми иқтисодии бозори пахта ин талабот, пешниҳод ва нарх мебошанд, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидории бозор амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат нарх танҳо дар сурати риоя гардидани принсипи омӯзиши танзими давлатӣ ва

бозори озод ҳамчун танзими асосии ба даст овардани мувозинати байни талабот ва пешниҳод амал мекунад.

Дар давраи пеш аз муносибатҳои бозорӣ, ки дар кишвар муносибати нақшавӣ ҷараён дошт, пешниҳоди пахта таъсири афзалиятнок дошт. Онро истеҳсолкунандагони мол ва саноати коркард ташкил мекарданд, нархҳо дар самти таъминот аз ҷониби давлат ба таври қатъӣ танзим карда мешуд.

Омилҳои муҳимтарини тағйирёбии параметрҳои вазъи бозор, самт, лағжиши тағйирёбии он сатҳу динамикаи нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ мебошанд. Таъсири нарх ба талабот дар кишварҳои дорои сатҳи гуногуни рушди кишоварзӣ яксон нестанд. Масалан, дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта талабот ба ашёи хом на танҳо аз рӯйи даромад, балки аз ҷиҳати нарх низ ноустувор аст. Ноустувории талабот ба механизми нарх танзими онро душвор намуда, амалан тавсеаи талаботи дохилиро ҳатто тавассути паст кардани нархи бозор ғайриимкон месозад [15,с.102].

Ташаккули системаи бозор дар соҳаи аграрӣ, алалхусус дар соҳаи пахтакорӣ бо мақсади муайян кардани пайдарпай ва афзалияти чорабиниҳои амалишаванда барои танзими оқилонаи бозор мусоидат мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар бахши аграрӣ давраи хеле тӯлониро фаро мегирад. Аз ин рӯ, ташаккули бозори пешрафтаи пахта ҳамчун системаи муносибатҳои иқтисодӣ раванди мураккабу дарозмуддат аст ва татбиқи он ба вазъи имконоти моддии ҷомеа, инфрасохтори истеҳсолӣ ва бозори пахта, инчунин ба мавҷудияти қонунҳои дахлдор, танзимгарони иқтисодӣ ва танзимкунандаи бозор вобаста аст.

Мураккабии рушди бозори пахта аз зарурати ба назар гирифтани як қатор омилҳо ва шартҳои вобаста ба мундариҷа, моҳият ва афзалиятҳояшон номуайян аст. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, сарфи назар кардани ҳатто яке аз ин омилҳо ба оқибатҳои ногувор оварда расониданаш мумкин аст. Дар Тоҷикистон раванди ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар пахтакорӣ, бо мушкилот ва норасоиҳои азим амалӣ мегардад, ки он дар коҳиш ёфтани истеҳсоли пахта дар корхонаҳои кишоварзӣ ва сатҳи нокифояи коркарди он дар кишвар ифода мeёбанд [7,с.15].

Аз ин рӯ, бозори пахта, ҳамчун системаи муносибатҳои мураккаби иқтисодӣ, бояд робитаҳои барои содироти маҳсулоти пахта кофиро дошта бошад. Дараҷаи рушди робитаҳои байниминтақавӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- сатҳ ва сохтори пахтаи дар кишвар истеҳсолшуда (коркардшуда ва коркарднашуда);
- сатҳи истеҳсоли пахта ва маҳсулоти коркарди он, ки таҳти таъсири омилҳои табиӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд;
- муносибатҳои муқарраршудаи байниминтақавӣ (байнидавлатӣ) оид ба содироти пахта.

Хулоса, ҳар яке аз ин омилҳо ба ташаккул ва рушди робитаҳои байниминтақавӣ таъсири номуайян доранд, аммо омӯзиши онҳо ба фаъолияти бозори дохилии пахта таъсири назаррас расонида метавонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Норов Х.Ғ.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдалимов А. Экономическое стимулирование сельскохозяйственного производства в условиях перехода к рыночным отношениям: автореф. дисс. канд. экон. наук / А. Абдалимов. –Душанбе, 2000. – 21 с.
2. Абалкин Л.И. Труды вольного экономического общество России / Л.И. Абалкин. -М.: 2000. - Т.4. -798 с.
3. Булатов А.Е. Рыночные отношения в АПК: особенности и проблемы становления / А.Е. Булатов // Российский экономический журнал. – 2006. -№9. –С.87-95.
4. Ганиев Т.Б. Аграрная реформа и устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана / Т.Б. Ганиев. -М.: Диалог-МГУ, 1997. -111 с.
5. Давлатов К.К. Развитие кооперации и интеграции в АПК Республики Таджикистан. Монография / К.К. Давлатов. -Воронеж: Истоки, 2008. -218 с.
6. Кадыров Д.К. Основные экономические проблемы развития и повышения эффективности хлопководства в условиях технического прогресса/ Д.К. Кадыров. -Душанбе, 1976. -417 с.
7. Мадаминов А.А. Некоторые аспекты устойчивого развития сельского хозяйства / А.А. Мадаминов // Проблемы экономического устойчивого развития АПК Таджикистана. -Душанбе, 2001. -С.15.

8. Мирзоев Н.Х. Экономические информационные системы-важный фактор управленческой деятельности / Н.Х. Мирзоев, Д.С. Мухсинов, Ш.Н. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. -№8. -С.46-51.
9. Олимов А.Х. Эффективность территориальной организации производства хлопка-сырца. Монография / А.Х. Олимов. -Душанбе: Эр-граф, 2007. -154 с.
10. Олимов А.Х. Экономические проблемы развития хлопководства в Республике Таджикистан / А.Х. Олимов // Кишоварз. – 2007. -№3-4. -С.28-31.
11. Пириев Дж. Стратегические направления развития сельского хозяйства Таджикистана / Дж. Пириев, А. Олимов, Х. Давлатов // Проблемы экономического устойчивого развития АПК Таджикистана. -Душанбе, 2001. -С.15.
12. Сидоров В.А. Феномен рыночного хозяйства: проблема трансформации, историко-экономический анализ бизнеса инноваций: монография / В.А. Сидорова, Я.С. Ядгарова. -Майкоп: ЭлИТ, 2018. -554 с.
13. Шерматов Р.Б. Использование информационно-технологических компонентов в развитии рынка хлопка-сырца / Р.Б. Шерматов, Н.Х. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/5. -Ч.II. -С.26-33.
14. Шерматов Р.Б. Информационные особенности аграрного рынка: проблемы социально-экономичекого развития в Таджикистане / Р.Б. Шерматов, Н.Х. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2015. -С.3-7.
15. Шерматов Р.Б. Проблемы стимулирования производства и реализации хлопка-сырца в Республике Таджикистан / Р.Б. Шерматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2011. -№6(70). -С.101-106.

## ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ ДАР МАҶМААИ (КЛАСТЕРИ) ПАХТАКОРӢ

Дар мақолаи моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои рушди муносибатҳои бозорӣ дар маҷмааи (кластери) пахтакорӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд карда шудааст, ки яке аз масъалаҳои баҳсталаб дар байни олимон, иқтисодчиён ва мутахассисони соҳа хусусиятҳои рушди муносибатҳои бозорӣ дар маҷмааи пахтапарварӣ ба ҳисоб меравад. Аз тарафи муаллифон таҳлили имкониятҳои истифодаи самараноки иқтидори захирашуда, динамикаи истеҳсоли пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муносибатҳои бозорӣ дар истеҳсоли пахта бо рақобати нархӣ гузаронида шудааст. Дар мақола ташаккулёбии бозор ва соҳаи пахтапарварӣ ҳамчун системаи муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, татбиқи он ба вазъи моддии ҷомеа, инфрасохтори истеҳсолӣ ва бозори маҷмааи пахта ба қонунҳои дахлдор танзимгарони иқтисодӣ ва танзимгарони бозор мутобиқ карда шудааст. Муаллифон дар навбати худ қайд месозанд, ки ноустувории талабот ба механизми нарх танзими онро душвор месозад ва амалан тавсеаи талаботи дохилиро ҳатто тавассути паст кардани нархи бозор ғайриимкон месозад. Рушди бозори дохилии пахта на танҳо ба ҳам пайвастани бозорҳои мавҷудаи минтақавӣ, балки эҷоди пайвандҳои нави байниминтақавиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, аз ҷониби муаллифон роҳҳои рушди робитаҳои байниминтақавии соҳаи пахтапарварӣ пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** муносибатҳои бозорӣ, бозори пахта, корхонаҳои саноатӣ, маркетинги бозорӣ, содирот, талабот, пешниҳод, нарх.

## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ РЫНОЧНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ХЛОПКОВОМ КОМПЛЕКСЕ

В статье анализируется экономическая сущность и особенности развития рыночных отношений в хлопковом кластере. Было отмечено, что одним из самых спорных вопросов среди ученых, экономистов и специалистов в данной области является специфика развития рыночных отношений в хлопковом кластере. Авторы анализируют возможности эффективного использования запасов, динамику производства хлопка в Республике Таджикистан, а также рыночные отношения в производстве хлопка с ценовой конкуренцией. В статье рассматривается формирование развитого рынки хлопка как системы экономических отношений, а его реализация адаптируется к материальным условиям общества, производственной инфраструктуре и рынку хлопкового комплекса с учетом соответствующих законов экономических регуляторов и регуляторов рынка. Авторы, в свою очередь, указывают на то, что нестабильность спроса на ценовой механизм затрудняет регулирование и фактически делает невозможным расширение внутреннего спроса даже за счет снижения рыночных цен. Развитие внутреннего рынка хлопка требует не только интеграции существующих региональных рынков, но и создания новых межрегиональных связей. В этой связи авторы предлагают пути развития межрегиональных связей хлопкового комплекса.

**Ключевые слова:** рыночные отношения, рынок хлопка, промышленные предприятия, рыночный маркетинг, экспорт, спрос, предложение, цена.

## ECONOMIC ASPECTS AND PECULIARITIES OF DEVELOPMENT OF MARKET RELATIONS IN THE COTTON COMPLEX

The article analyzes the economic essence and features of the development of market relations in the cotton cluster. It was noted that one of the most controversial issues among scientists, economists and specialists in this field is the specificity of the development of market relations in the cotton cluster. The authors analyze the possibilities of efficient use of stocks, the dynamics of cotton production in the Republic of Tajikistan, as well as market relations in the production of cotton with price competition. The article examines the formation of market and developed cotton as a system of economic relations, and its implementation is adapted to the material conditions of society, production infrastructure and the cotton

complex market, taking into account the relevant laws of economic regulators and market regulators. The authors, in turn, point out that the instability of demand for the price mechanism makes regulation difficult and actually makes it impossible to expand domestic demand even by lowering market prices. The development of the domestic cotton market requires not only the integration of existing regional markets, but also the creation of new interregional ties. In this regard, the authors propose ways of developing interregional ties of the cotton complex.
**Keywords:** market relations, cotton market, industrial enterprises, market marketing, export, demand, supply, price.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шерматов Ғуломҷон Раҷабович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 919-22-95-31**
***Олимов Аловиддин Хайруллоевич*** **-** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декан. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **(+992) 917-05-90-90**

**Сведение об авторах:** ***Шерматов Гуломджон Раджабович*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 919-22-95-31**
***Олимов Аловиддин Хайруллоевич*** – Таджикский аграрный университет им. Шириншо Шотемура, кандидат экономических наук, доцент, декан. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: **(+992) 917-05-90-90**

**Information about the authors:** ***Shermatov Gulomjon Rajabovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Information Systems in Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 919-22-95-31**
***Olimov Aloviddin Khairulloevich*** - Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Dean. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 146. Phone: **(+992) 917-05-90-90**

УДК:338(575.3)

# ТАШАККУЛЁБИИ ИДОРАКУНИИ АЛОҚАИ БАЙНИХОҶАГИИ КИШВАР ДАР ТАЪМИНИ ШАРОИТИ НЕКУАҲВОЛИИ МАРДУМИ МИНТАҚАИ ХАТЛОН

*Нурализода А.Н., Воҳидов У.М., Асоев И.З.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҳавасгардонӣ дар раванди рушди иқтисоди миллӣ омили муҳимми ташаккул додани инфрасохтори молу маҳсулот ба натиҷаҳои кор мебошад. Бинобар ин, зарурате дар пеш меистад, ки дараҷаи некуаҳволии мардум андозагирӣ карда шавад. Чунин нишондиҳанда аз даромадҳои аҳолӣ вобастагии зиёд дошта, ҳамчун сарчашмаи қонеъ гардонидани талаботҳо баромад мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ба ташаккул ёфтани нишондиҳандаи мазкур, омилҳои зиёд таъсири худро мерасонанд, ки омӯзиши онҳо хело зарур мебошад. Дар ин ҷода, аз рӯи адабиёти илмии муосир мафҳумҳои зиёди категорияи «дараҷаи некуаҳволии мардум» маълум мебошанд. Аз ҷумла, чунин мешуморанд, ки «дараҷаи некуаҳволии мардум нишондиҳандаи иҷтимоие мебошад, ки дараҷаи қонеъ гардондани талаботи моддию маънавии одамонро инъикос мекунад, ки аз якчанд қисм иборат аст: андозаи даромади воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ; ҳаҷми молҳои истеъмолшуда ва хизматҳои истифодашуда; бо манзил таъмин будан, инчунин, дараҷаи маълумот”[1,с.85].

Аз ин хусус, тибқи ақидаи олимон Федоренко Н.П. ва Римашевской Н.М.: “некуаҳволӣ, дар баробари даромад ва истеъмол, шароити меҳнату маишат, миқдор ва сохтори вақти холӣ, инчунин, хусусиятҳои дараҷаи маданию маърифатии одамон, балки нишондиҳандаҳои саломатӣ ва нишондиҳандаҳои вазъияти экологӣ низ фаро гиранд” [2,с.5]. Дар баробари ин, дар маҳалҳо низ аз ҷониби мутахассисон оид ба масъалаи некуаҳволии мардум, баҳодиҳии он таваҷҷуҳи хоса ҷой дорад. Аз ҷумла, тибқи ақидаи Нуралиев Н.Н., аз сабаби мураккабии зиёди мафҳуми «сатҳи некуаҳволии мардум» ченкунии миқдорӣ ва сифатии ин сатҳ, ки ба омори иқтисоди дар омӯзиши ҳодисаҳои ҷамъиятӣ хос аст, бо истифода аз системаи нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ ба даст оварда мешавад [3,с.19].

Иқтисоди миллӣ низоми мураккаби бисёрҷанбаи иқтисодие мебошад, ки аз омилҳои зиёд вобаста мебошад. Равандҳое, ки дар иқтисоди миллӣ ба амал меоянд, ба рушди иқтисоди тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсир расонида, ҳамзамон, ба манфиатҳои умумииқтисодии кишвар мусоидат менамоянд. Низоми равандҳои иқтисодии миллӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он, новобаста аз амалҳои кишвар дар ин низом, таъсир мерасонад, ки дар натиҷа таъсири мусбӣ ё самаранокии он ба амал меояд.

Яке аз омилҳои асосии андозагирии сифати зиндагии аҳолӣ дар шароити муосир, асосан, аз даромади аҳолӣ, ки ҳамчун манбаи асосии қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ хизмат мекунанд, муайян карда мешавад. Тағйирёбии иқтисодиёти ҷаҳон дар соҳаи истеҳсолот, шуғл, таваррум метавонад ба сатҳи даромад ва хароҷоти аҳолӣ дар минтақа ва кишвар таъсир ҷиддӣ расонад [4,с.25].

Таҷрибаи иқтисоди ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди он ба қоидаҳои имкониятҳои дохилии истеҳсолии кишварҳои мухталиф асос ёфтааст. Ин имконият дорад, ки тавлиди як маҳсулотро дошта, ҳамзамон, бо гирифтани дараҷаҳои гуногуни самаранокии иқтисодӣ майл мегирад. Дар мавриди иқтидори истеҳсолии кишвар ба усули оқилонаи хароҷот вобаста буда, ба истифодаи фарқиятҳои сохтори захираҳо ва сатҳи баланди пешрафти технологӣ асос ёбад, ки ин сабаби асосии ихтисоси байни кишварҳо ба рақобатпазирии маҳсулот мебошад [5,с.99].

Хоҷагии иқтисоди миллӣ бо ҳам алоқамандии ҳамаи минтақаҳои кишварро ифода мекунад. Дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвари мо рушди босуръати интегратсионии иқтисодиёт идома дорад. Ин ҳамчун шарти муҳимтарини пешрафт амал мекунад. Асоси иқтисодии хоҷагии байнимитақавиро ҳадафмандии объективӣ ва хоҳиши ҳамаи минтақаҳо барои баланд бардоштани фаъолияти иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки ин афзоиши иқтисод миллӣ ва ҳамгироии байнихоҷагидорӣ дар кишвар мебошад. Аз ин рӯ, тибқи муносибатҳои рушд гирифтани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ фаъолияти минтақаҳои алоҳида дар ин самт мавқеи устувори

рушдро мегиранд. Бинобар ин, мувофиқи ақидаи мо, истифода бурдан аз имкониятҳои дохилӣ хело бамаврид мебошад. Дар ин самт аз рӯи гардиши савдои хориҷӣ дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва вилояти Хатлон дар 5 соли охир чунин ифода ёфтааст (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми вилояти Хатлон, млн. доллар**
**Table 1. Foreign trade turnover of the Republic of Tajikistan and status of Khatlon region, mln. dollars**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Соли 2019 нисбат ба соли 2015, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар сатҳи ҷумҳурӣ | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | +1,04 |
| Дар вилояти Хатлон | 312,3 | 310,8 | 342,5 | 368,1 | 404,5 | +1,30 |
| аз он ҷумла, | | | | | | |
| МОИ Тоҷикистон | 0,2 | 3,5 | 4,2 | 6,3 | 8,1 | +40,5 |
| аз он ҷумла, | | | | | | |
| МОИ Хатлон | 0.14 | 0.58 | 2.45 | 1.76 | 0.06 | -0,42 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -С.344-345; Омори вилояти Хатлон. -2020. -С.340-344.

Ҳамин тавр, аз ҷадвали нишондиҳандаҳои гардиши савдои хориҷӣ чунин бар меояд, ки дар робита бо рушди иқтисоди миллӣ майли зиёдшавии савдои хориҷӣ ба назар мерасад. Лекин таҳлил нишон медиҳад, ки равобити байнихоҷагӣ дар доираи минтақаҳои озоди кишвар (Суғд, Данғара, Панҷ, Кӯлоб, Ишкошим) ба ҳисоби умумӣ афзоиш ёфта, саҳми вилояти Хатлон коҳиш ёфтааст (-0,42), ки ин аз назари мо, асосан, таъсири ҳолати пандемиявии баамаломада мебошад. Ҳамзамон, саҳми МОИ суръати баланд пайдо кардааст, ки ин тамоилҳо, аз як тараф рушди муносибатҳои умумиҷумҳуриявиро дар бар гирад, аз тарафи дигар, он ифодакунандаи вазъи воқеии минтақаҳои дохили кишвар ва зарӯрати рушди босуръати иқтисоди минтақаи Хатлонро ифода менамояд, ки дар ин самт бояд таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Аз назари мо, дар ҳолати васеъ шудани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ дар заминаи МОИ-ҳо мувофиқан даромадҳо афзуда, сатҳи некуаҳволии мардумро таъмин намудан имконпазир мегардад.

Ҳамин тавр, ҳамгироии байнихоҷагии минтақаҳои кишвар ва омӯзиши онҳо ба равандҳои муосири иқтисодии миллӣ ба суръати рушди иқтисоди минтақаҳо ва некуаҳволии мардуми онҳо, махсусан, дар сурати ҳамгироӣ дар атрофи минтақаҳои пешрафта (Суғд, Данғара) таъсири мусбат мерасонад. Дар шароити таъмини рушди устувор, ки бо паҳншавии технологияҳои нав, мубодилаи афкор, молу хидматҳо, тавсеаи сармоя ва ҷараёни молиявӣ, тиҷорати дохилию берунӣ тавсиф мешавад, дар тақсимоти меҳнат дигаргуниҳои куллӣ ба миён меояд.

Чунин ҷараён характери бисёрҷабҳа дошта, майли таъсиррасонии муфидро дар бар мегирад. Аз як тараф, раванди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба як қатор минтақаҳои дохили кишвар таъсир расонида, ба афзоиши баланди иқтисодӣ оварда, таъсиси ҷойҳои кориро дар минтақаҳо афзоиш додааст, ки заминаи ин барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат мекунад. Аз дигар тараф, ҳамаи ин боиси он мегарда, ки ҳадафҳои рушд амалӣ гардида, бо дарназардошти навовариҳо дар самти истеҳсолот ва хизматрасонӣ мақоми устувор пайдо намояд.

Хусусиятҳои бозор характери эҳтимолиро дар бар гирифта, чи тавре аз таҷриба бар меояд, натиҷаҳои муносибатҳои бозорӣ майли нобаробариро ба амал меоранд. Ҳамзамон, баробари авҷ гирифтани муносибатҳои байналмилалӣ ба ин раванд ҳамроҳ гардида, рушди умумииқтисодии падидаи фарогирро дар кишварҳои сарватманд ва камбизоат ба амал меорад.

Новобаста аз чунин шакли нобаробариҳо нишондиҳандаи муҳимме, ки барои арзёбӣ намудани сатҳи некуаҳволӣ дар байни табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ дигаргуншавии ММД критерияи муҳим ба шумор меравад, ки тағйироти таркибии он тавсифи муносибатҳои байниминтақавиро мегирад (ниг. ба расми 1).

**Расми 1. Суръати афзоиши ММД (МММ) ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонӣ**
**Figure 1. GDP growth rate per capita in the regions of the Republic of Tajikistan, Somoni**




Сарчашма:. Таҳия ва ҳисоби муаллиф аз рӯи “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020”. -С. 207 ва “Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон-2020”. -С.18-22.

Аз расми 1 маълум мегардад, ки суръати миёнасолонаи афзоиш ёфтани маҷмуи маҳсулоти минатқавии вокеӣ дар панҷ минтақа (Суғд, Халон, ВМБК, НТҶ, ш.Душанбе) ва ММД ба тарики тафрикавӣ ба амал омадааст. Дар муқоиса бо дараҷаи миёнаи умуҷумҳуриявӣ, минтақаҳои овардашуда тамоиле ба назар мерасад, ки минтақаи Хатлон нисбатан таносуби мусбӣ пайдо карда, минтақаҳои дигар ба монанди НТҶ, ВМКБ ва шаҳри Душанбе майли ноустувориро гирифтаанд.

Шарти асосии иштироки минтақаҳо дар ин самт аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам бар меояд, ки устувории сиёсӣ дар мамлакат ва васеъ фаро гирифтани шакли кушоди иқтисодӣ боиси фароҳам омадани иқтидорҳои нав, ҷойҳои корӣ ва мувофиқан афзудани дараҷаи некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлонро нишон медиҳад.

Дар ҳақиқат, мо бар он назарем, ки барои муваффақ шудан ба натиҷаҳои самарабахши минтақавӣ ва омилҳои тақсимоти даромадҳо ва сатҳи некуаҳволии мардуми минтақаҳо кушода будани иқтисодиёти минтақаҳои номбурда нақши муайянкунанда мебозад.

Дар робита ба ин ва дар мавриди фаъол гардидани муносибатҳои берунаи минтақаҳо, ҳар яки он имконият пайдо мекунад, ки на танҳо иқтисодиёти онҳо рушд намояд, балки шароити муфидро барои пешравӣ пайдо карда, дар дохил ва муносибатҳои берунӣ устувориро таъмин намояд. Фикр мекунем, барои вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб зарурате дар пеш меистад, ки ҳарчи бештар корхонаҳои муштарак пайдо шуда, бо васеъ шудани ҷойҳои кории нав ва ҷалби имкониятҳои қувваи кории минтақаҳои номбаршуда даромади некуаҳволӣ афзояд. Аз ҳама муҳим, дар ин самт, имкониятҳое пайдо мешаванд, ки заминаҳои молиявии буҷети минтақаҳо устувор гардида, дар баробари ҷалби сармояҳои беруна иқтисоди минатақаҳо устуворӣ пайдо мекунад, ки дар ниҳояти кор боиси рушди иқтисоди миллӣ мегарданд.

Бинобар ин, таъсис додани МОИ хело тахсирбахш буда, баробари тағйир додани низоми идоракунӣ, ташаккул ёфтани инфрасохтори даромад ва некуаҳволии мардум аз ҳисоби муносибатҳои байнихоҷагӣ суръати нав пайдо мекунад. Аз ин рӯ, ташаккулёбии МОИ-и минтақаи Кӯлоб ҳамингуна шароитеро фароҳам меорад, ки ҳамгироии байниминтақавӣ ва байналмилалӣ пайдо шуда, чунин алоқамандии байниякдигарии иқтисодӣ ваҳолати иқтисодии манфаитаноки байниякдигариро муҳайё месозад. Таҷрибаи давлатҳо нишон медиҳад, ки чунин вазъият аз рӯи шаклҳои ҳархела ва дар сатҳҳои гуногун ба амал меояд. Бинобар ин, баркарорёбӣ ва рушди иқтисодиёти дохилӣ ва берунии минтақаҳо, аллалхусус, тақвият ёфтани чунин чорабиниҳо аз созмон додани

муносибатҳои савдо ва доду гирифти байни минтақаҳои мамлакат алалхусус вилояти Хатлон аҳамияти амалӣ пайдо кардааст.

Аз таҷрибаи муносибатҳои байналмилалии давлатҳои пешқадам бар меояд, ки таъсири тиҷорати хориҷӣ ба тақсими даромад бо таъсири он ба даромади умумии миллӣ дар ин ё он шакл дар доираи ҳамкории байниминтақаҳо алоқамандии зич мегирад. Аз ин рӯ, ин мушкилоти охиринро нодида гирифтан мумкин нест. Аз тарафи дигар, муҳим аст, ки таъсири тиҷорат дар маҷмуъ барои тақсимоти ибтидоии даромад баррасӣ карда шавад. Таъсири тиҷорати хориҷӣ ба тақсими даромади омилҳои истеҳсолот хеле бузург аст [6,с.120]. Бисёр давлатҳо дар натиҷаи ҳамроҳ шудан ба системаи иқтисодии ҷаҳонӣ, асосан тиҷорати хориҷӣ, ба технологияҳои наву муосир расида истодаанд. Бинобар ин, гузариши босуръати вилояти Хатлон барои баланд бардоштани дараҷаи ҳамкориҳо дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ шароити хеле ҳалкунанда барои баланд бардоштани некуаҳволии мардуми минтақа ва ноҳияҳои дохили он мебошад.

Назарияи тиҷорати байналмилалӣ исбот мекунад, ки дар натиҷаи рушди равобити тиҷорати хориҷӣ, ҳамаи кишварҳои иштирокчӣ дар шакли афзоиши некуаҳволии умумӣ имтиёз мегиранд. Аммо мушкилии асосӣ дар он аст, ин фоида баробар тақсим карда мешавад. Зеро аз як тараф возеҳ аст, ки онро дар байни минтақаҳо баробар тақсим кардан мумкин нест, зеро андозаи он аз сатҳе, ки нархҳои ҷаҳонӣ ва умумиҷумҳуриявӣ муқаррар карда мешаванд, вобаста аст. Аз тарафи дигар, фоида аз ҳамкориҳои байниминтақавӣ ва дигар кишварҳо, ки дар маҷмуъ кишвар ба даст меорад, дар дохили кишвар байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, содиркунандагон ва воридкунандагон баробар тақсим карда намешавад. Бо ин мақсад, ҳаҷми воридот дар Тоҷикистон ва вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш қарор медиҳем (ниг. ба расми 2).

**Расми 2. Ҳаҷми воридот дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Хатлон, млн. доллари ИМА**
[7,с.344, 141]
**Figure 2. The volume of imports in Tajikistan, including in Khatlon region, mln. USD**




Аз маълумотҳои расми 2 бар меояд, ки ҳаҷми воридот аз соли 2014 то соли 2017 майли камшавӣ гирифта, баъди он то соли 2019 суръати воридот майли зиёдшавиро гирифтааст. Чунин тамоил аз афзудани васеъшавии низоми байниминтақавии хоҷагидории кишварро тасдиқ менамояд. Чунки муносибатҳои иқтисоди байниминтақавӣ характери суръатнокӣ пайдо намудааст. Лекин чунин имконият на ба ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ рост меояд. Чи тавре ки аз расми овардашуда бар меояд, дар доираи дигаргуншавии ҳаҷми воридоти умумӣ, минтақаи Хатлон имкониятҳои зиёди афзоиш ёфтанро дорад.

Таъсири ҷаҳонишавӣ ба кишварҳои гуногун, ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, вобаста ба шароите, ки кишвар дар ин раванд иштирок менамояд, фарқ мекунад [8,с.8]. Таъсири равандҳои иқтисодии ҷаҳонии муосир, пеш аз ҳама, тиҷорати хориҷӣ ба шароити тақсими даромад ва сатҳи некуаҳволӣ аз сатҳи нархи ҷаҳонӣ вобаста аст.

Масалан, барои тавлидкунандагони тоҷик тавсеаи истеҳсол ва содироти он судманд хоҳад буд, агар нархи ҷаҳонӣ аз нархи дохилии Тоҷикистон болотар бошад. Ба шарте, ки дар ҳолати молҳои воридотиро харидорӣ намудан истеъмолкунандагон молҳои воридотиро харидорӣ кунанд, ки ин ҳолат дар робита ба чунин вазъияте рост ояд, ки агар нархи ҷаҳонии он нисбат ба нархи дохилии Тоҷикистон пасттар бошад.

Тибқи маълумотҳои расмӣ гардиши савдои хориҷии вилояти Хатлон 404,5 миллион долларро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 36,4 миллион доллар ё 10% зиёдтар аст. Иҷроиши барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 ба дараҷаи 98% ташкил ёфтааст. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисод ва иҷтимоии минтақа ба маблағи 469 миллион доллар дар шаҳру навоҳии вилоят 30 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ карда шуда истодааст. Аз натиҷаи таҳлил бар меояд, ки сохт ва таркиби гардиши савдои хориҷии вилояти Хатлон майли муфид дорад, ки ин дар қиёс бо сатҳи ҷумҳурӣ беҳтар ба назар мерасад. Масалан, дар вилояти мазкур содирот 46% ва воридот 54%-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи нахи пахта дар содироти молҳо 23%, калобаи ресандагӣ 21%, семент 15% ва неруи барқ 34%-ро ташкил дод. Шарикони минтақавӣ оид ба рушди содироти мол ба хориҷа соли 2019 асосан Федератсияи Руссия, Узбекистон, Афғонистон, Туркия, Чин ва Покистон буданд [9,с.2]. Ҳамин тавр, қайд кардан ба маврид аст, ки вилояти Хатлон дар ташаккул додани гардиши савдои берунаи кишвар хеле назаррас мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки асоси ин низом истеҳсоли миллӣ ва байналмилалии неъматҳои моддию маънавӣ, тақсим, мубодила ва истеъмоли онҳо мебошад, ки фаъолияти хориҷии таъсисёфта яке аз марҳилаҳои раванди бозистеҳсолии ҷаҳон ба фаъолияти тамоми системаи иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ барои бисёр минтақаҳо ривоҷ гирифтани муносибатҳои байналмилалӣ зарур мебошад, аз ҷумла барои вилояти Хатлон. Дар ин маврид мутахассисону олимон дар доираи ҷаҳонишавӣ ибрози ақида кардаанд [10,с.686]. Ҷаҳонишавӣ, тибқи ақидаи онҳо, ҳамчун падидаи мушаххаси иқтисоди муосир дониста мешавад. Аз ин рӯ, чунин меҳисобем, ки минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон, имконияти рушдро пайдо мекунад.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки чунин майл пайдо кардани содирот асоси моддӣ барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мебошад [11,с.13]. Бинобар ин, барои афзоиши ҳаҷми содирот неруи содиротии кишвар, алалхусус минтақаҳои онро тақвият додан лозим меояд. Дар баробари майли мусбат ҷой доштан, маълум мегардад, ки ҳаҷми гардиши савдо бо дигар мамлакатҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ коста гардидааст. Ин вазъият аз маълумотҳои расмӣ бевосита чунин бар меояд, ки аз 5274,7 млн. доллар дар соли 2014 ба 4523,7 доллар дар соли 2019, яъне 751 млн. доллар кам гардидааст. Ҳамин тавр, дар ин самт имкониятҳои истифоданашуда ҷой дорад. Масалан, дар мавриди минтақаи Хатлон васеъ ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди он ва ба фурӯши содироти баровардани онҳо аз тариқи коркарди маҳсулотҳои полезӣ, боғу токпарварӣ ва меваи хушк, ки онҳо аз нигоҳи экологӣ тоза ва бозоргир мебошанд. Ҳамзамон, ҳамаи ин натиҷаи васеъшавии инфрасохтори даромадҳо мебошанд, ки дар натиҷаи мустаҳкам ба роҳ мондани истеҳсол ва фурӯши молҳо ва ташаккул ёфтани даромад дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсирбахш шуда метавонанд. Ин, аз як тараф, ба устувории бозори дохилӣ, аз тарафи дигар, васеъшавии ҳаҷми хизматрасонӣ бо давлатҳои ҳамсоя мебошад.

Шарти асосии иштироки минтақаҳо дар ин самт аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам бар меояд, ки устувории сиёсӣ дар мамлакат, васеъ фаро гирифтани шакли кушоди иқтисодӣ боиси фароҳам омадани иқтидорҳои нав, ҷойҳои корӣ ва мувофиқан афзудани дараҷаи некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлонро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҳамгироии байниҳоҷагии минтақаҳои кишвар ва омӯзиши онҳо ба равандҳои муосири иқтисодии миллӣ ба суръати рушди иқтисоди минтақаҳо ва некуаҳволии мардуми онҳо, алалхусус, дар сурати ҳамгироӣ дар атрофи минтақаҳои пешрафта (Суғд, Данғара) таъсири мусбат мерасонад. Дар шароити таъмини рушди устувор, ки бо паҳншавии технологияҳои нав, мубодилаи афкор, молу хизматҳо, тавсеаи сармоя ва ҷараёни молиявӣ, тиҷорати дохилӣ ва берунӣ тавсиф мешавад, дар тақсимоти меҳнат дигаргуниҳои куллӣ ба миён меояд. Бо дарназардошти он, ки дар МОИ-и

минтақаи Хатлон ҷалби сармояи хориҷиро тақвият медиҳанд ва ин оғози кор мебошад, дар натиҷа имкониятҳое пайдо мешавад, ки иқтидори истеҳсолию хизматрасонӣ афзуда, ҳамчун омили баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум мегардад. Чунин шароит боиси устуворӣ дар робита ба таваррум пайдо карда, даромади воқеии мардуми минтақаи Хатлон арзиши баландар мегирад.

Пешниҳод ва таклифот

1. Барои рушд ёфтани минтақа омӯзиши системаи равандҳои иқтисодии миллӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он зарур мебошад.

2. Рушди босуръати ҳамгироии иқтисодиёт аҳамияти фаъолияти байнихоҷагиро баланд мебардорад ва рушди фаъолияти иқтисодиро мусоидат мекунад. Бо ин мақсад, равобити байналмилалии минтақа зарур мебошад.

3. Истифода бурдани имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон.

**Муқарриз: н.и.и., муаллими калон Сафаров Н.У.**


**АДАБИЁТ**

1. Кулинцев И.И. Экономика и социология труда / И.И. Кулицин. -М.: 1999. -С.85.
2. Система экономико-математических моделей для анализа и прогноза уровня жизни / Под ред. Н.П. Федоренко, Н.М. Римашевской. -М.: Наука, 1986. -С.5.
3. Нурализода А.Н. Андозагирии сифати зиндагии аҳолии минтаќаҳои Љумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир / Нурализода А.Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳоии иљтимоӣ-иќтисодӣ ва љамъиятӣ. -Душанбе, 2020. -№4. -С.21-27.
4. Кодиров Д.Б. Мировая экономика: учебное пособие / Д.Б. Кодиров, В.И. Боровиков. –Душанбе, 2009. -С.25.
5. Шифф М. Региональная интеграция и развитие / М. Шифф, Л.А. Уинтерс. -М.: Весь мир, 2005. -С.99.
6. Нуралиев А.Н. Уровень жизни населения: теория, мониторинг и пути повышения: монография / А.Н. Нуралиев. -Душанбе: Ирфон, 2011. -160 с.
7. Омори солонаи Љумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -С.344.
8. Омори солонаи вилояти Хатлон. -2020. -С.141.
9. Сафиуллин А.Р. Экономика благосостояния: теория и практика / А.Р. Сафиуллин. –Ульяновск, 2007. -С.8.
10. Хабаргузории телеграфи Тоҷикистон. Внешнеторговый оборот Хатлонской. - 2019. -С.2. [Электронный ресурс]. tajikta.tj.
11. Чепурина М.Н. Курс экономической теории / М.Н. Чепурина, Е.А. Киселевой. –Киров: «АСА», 2006. -686 с.
12. Кузнецов В. Что такое глобализация? / В. Кузнецов // Мировая экономика и международные отношения. – 1998. -№2. -С.13.


## ТАШАККУЛЁБИИ ИДОРАКУНИИ АЛОҚАИ БАЙНИХОҶАГИИ КИШВАР ДАР ТАЪМИНИ ШАРОИТИ НЕКУАҲВОЛИИ МАРДУМИ МИНТАҚАИ ХАТЛОН


Равандҳое, ки дар иқтисоди миллӣ ба амал меоянд, ба рушди иқтисоди тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд ва ҳамзамон ба манфиатҳои умумииқтисодии кишвар мусоидат менамоянд. Бинобар ин, омӯзиши системаи равандҳои иқтисодии миллӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он, новобаста аз амалҳои кишвар дар ин система, таъсир расонида таҳқиқи ин масъаларо рӯзмарра меҳисобад. Дар кишвари мо рушди босуръати ҳамгироии иқтисодиёт идома дошта, аҳамияти фаъолияти байнихоҷагиро баланд мебардорад ва ин ҳамчун шарти муҳимтарини пешрафт амал мекунад. Асоси иқтисодии хоҷагии байнимитақавиро ҳадафмандии объективӣ, хоҳиши ҳамаи минтақаҳо барои баланд бардоштани фаъолияти иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки ин афзоиши иқтисод миллӣ ва ҳамгироии байнихоҷагидорӣ дар кишвар мебошад. Дар ин самт муаллифон бар он ақидаанд, ки рушд гирифтани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ фаъолияти минтақаҳои алоҳида дар ин самт мавқеи устувори рушдро пайдо мекунад. Аз ин рӯ, истифода бурдан аз имкониятҳои дохилӣ хело бамаврид мебошад. Бо дарназардошти он, ки минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон ҷалби сармояи хориҷиро тақвият медиҳад, ки дар натиҷа имкониятҳое пайдо мешавад, ки иқтидори истеҳсолию хизматрасонӣ афзуда, ҳамчун омили баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум устуворӣ пайдо намояд. Ҳамин тавр, мавқеи муаллифон бо факту рақамҳои мушаххас, вазифаҳои асосии ташаккулёбии идоракунии алоқаи байнихоҷагии кишварро дар таъмини шароитҳои некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон мусоидат менамояд.



**Калидвожаҳо:** иқтисоди миллӣ, ҳамгироӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сатҳи некуаҳволӣ, воридот, содирот, гардиши савдо, сармоягузорӣ, хизматрасонӣ, тақсимоти меҳнат, ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии байниминтақавӣ, самаранокии иқтисодӣ.


## ФОРМИРОВАНИЕ УПРАВЛЕНИЯ МЕЖХОЗЯЙСТВЕННЫМИ ОТНОШЕНИЯМИ ДЛЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСЛОВИЙ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ


Процессы, происходящие в народном хозяйстве, влияют на экономическое развитие всех регионов страны и в то же время способствуют общим экономическим интересам страны. Поэтому изучение системы народнохозяйственных процессов на уровне страны и отдельных ее регионов, независимо от действий страны в этой системе, оказывает влияние и рассматривает исследование этого вопроса на повседневной основе. В нашей стране стремительная интеграция экономики продолжает расти, повышая важность межхозяйственной деятельности, а это важнейшее условие прогресса. Экономической основой межрегиональной экономики является

объективная цель, стремление всех регионов к повышению экономической активности, то есть рост национальной экономики и межхозяйственной интеграции в стране. В связи с этим авторы считают, что развитие Республики Таджикистан на международной арене и деятельность отдельных регионов в этой сфере обретет устойчивую позицию развития. Поэтому очень уместно использовать внутренние возможности. Принимая во внимание, что свободные экономические зоны Хатлонской области будут усиливать привлечение иностранных инвестиций, в результате чего появится возможность для увеличения производственных и сервисных мощностей и стать фактором повышения благосостояния населения. Таким образом, авторовы на конкретных фактах и цифрах показали основные задачи управления межхозяйственными связями в стране в обеспечении благополучия жителей Хатлонской области.

**Ключевые слова:** национальная экономика, интеграция, свободные экономические зоны, благосостояние, импорт, экспорт, торговля, инвестиции, услуги, разделение труда, глобализация, межрегиональная интеграция, экономическая эффективность.

## FORMATION OF MANAGEMENT OF INTER-ECONOMIC RELATIONS TO ENSURE CONDITIONS WELFARE OF THE POPULATION OF THE KHATLON REGION

The processes taking place in the national economy affect the economic development of all regions of the country and at the same time contribute to the general economic interests of the country. Therefore, the study of the system of national economic processes at the level of the country and its individual regions, regardless of the country's actions in this system, has an impact and considers the study of this issue on a daily basis. In our country, the rapid integration of the economy continues to grow, increasing the importance of inter-farm activities, and this is the most important condition for progress. The economic basis of the interregional economy is an objective goal, the desire of all regions to increase economic activity, that is, the growth of the national economy and inter-economic integration in the country. In this regard, the authors believe that the development of the Republic of Tajikistan in the international arena and the activities of individual regions in this area will acquire a stable development position. Therefore, it is very appropriate to use internal opportunities. Taking into account that the free economic zones of the Khatlon region will enhance the attraction of foreign investment, as a result of which there will be an opportunity to increase production and service capacities and become a factor in increasing the well-being of the population. Thus, the position of the authors with specific facts and figures presented the main tasks of managing inter-farm relations in the country in ensuring the well-being of residents of the Khatlon region.

**Keywords**: national economy, integration, free economic zones, welfare, import, export, trade, investment, services, division of labor, globalization, interregional integration, economic efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нурализода Амрулло Назрулло* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **amrullon@mail.ru.** Телефон (**+992) 918-75-76-68**

***Воҳидов Умар Маҳмадиевич* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи моделсозии математикӣ ва иттилоотӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **umarv@mail.ru**. Телефон: (**+992) 934-63-40-40**

***Асоев Илҳом Зикрёевич*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. E-mail: **asoev.i@list.ru.** Телефон: **(+992) 002-02-86-90**

**Сведение об авторах:** ***Нурализода Амрулло Назрулло* -** Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **amrullon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-75-76-68**

***Вохидов Умар Махмадиевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры математического и информационного моделирования. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **umarv@mail.ru.** Телефон: (**+992) 934-63-40-40**

***Асоев Илхом Зикроевич*** - Кулябский государственного университет имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес:** 735360, Республики Таджикистан, г. Куляб, улица Сафарова, 16. E-mail**:** **asoev.i@list.ru.** Телефон: **(+992) 002-02-86-90**

**Information about the authors:** ***Nuralizoda Amrullo Nazrullo* -** Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: **amrullon@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-75-76-68**

***Vohidov Umar Mahmadievich* -** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Mathematical and Information Modeling. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: **umarv@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-63-40-40**

***Asoev Ilkhom Zikroevich* -** Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistant of the Department of Economic Theory. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Safarov street, 16. E-mail: **asoev.i@list.ru.** Phone: **(+992) 002-02-86-90**

ТДУ 330.322 (575.3)

# АМАЛИШАВИИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР-СИЁСАТИ КАЛИДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ғуломова Х.А., Раҳимов М.С.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Рушди устувори кишвар натиҷаи такмилу инкишофи сиёсати созандаю сафарбаркунанда ва талошҳои арзандаи Пешвои муаззами миллатамон дар самти беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва боло бардоштани мақоми байналмилалии ҷумҳурии мо ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки рушди устувори кишвари Тоҷикистон ва умуман, масъалаи рушди устувор, яке аз масъалаҳои рӯзмарра маҳсуб меёбад. Ҳамин тавр, доимо дар баромадҳо ва Паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин масъалаи мубрамро хотиррасон карда, қайд мекунанд: “Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти неруи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия, вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад” [7,с.2].

Бояд тазаккур дод, ки рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санаду ҳуҷҷатҳои расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳо, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, барномаву стратегияҳои ҳам байналмилалӣ ва ҳам дохили ҷумҳурӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳуҷҷати таърихии “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (СМР-2030), уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ (09.2015) қабул шудааст ва дигар роҳнамову барномаҳои давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Бояд қайд кард, ки Консепсияи "рушди устувор" пас аз нашри маърузае, ки бо дастури Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1987 таҳия шудааст ва соли 1983 аз ҷониби Комиссияи байналмилалии муҳити зист ва рушд таҳия шудааст, дар саросари ҷаҳон паҳн шуд [9,с.2].

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки ҷиҳати омӯзиши ин масъала аз ҷониби олимону таҳқиқотчиёни ватанӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд, аз ҷумла дар асарҳои И.А. Асроров, Д.С. Тағоев, Р.Р. Раҳимов, Н.К. Қаюмов, Раҳимзода Ш., А. Уроқов, М.М. Ҳасанов, М.М. Исмоилова, К.Н. Файзуллоева, Х.А. Одинаев, Н.Т. Садриддинов, А.А. Мадаминов ва дигарон, ҷанбаҳои мухталифи ин масъала баррасӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, А.А. Мадаминов қайд мекунад, ки “масъалаи рушди устувор бояд яке аз масъалаҳои калидии илми иқтисодӣ ба ҳисоб равад, зеро масъалаҳои воқеии дастоварди зиндагии шоиста, ҳалли масъалаҳои рушди минтақаҳо, аз ҷумла дастоварди бехатарии озуқаворении кишвар, ҳалли худро ёфта наметаванд” [4,с.35].

**Расми 1. Ҳадафҳои асосии Рушди устувори кишвар**
**Figure 1. Main goals of sustainable development of the country**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Таъмини амнияти энергетикӣ | Рушди имкониятҳои коммуникатсионии кишвар | Таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо | Тавсеаи шуғли фарогири пурмаҳсул |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

Дар байни ҳадафҳои асосии ҲРУ, яке аз ҳадафҳои рушди устувори иқтисодии кишварҳо ба ҳисоб меравад, ки такя бо рушди инсонӣ, аз ҷумла пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, тағйир додани моделҳои ноустувор ва пешбурди моделҳои устувори истеъмолот ва истеҳсолот, ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, ҳамчун вазифаҳои асосӣ қайд карда шудаанд [16,с.5]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 муайян намуд: маориф; тандурустӣ; шуғл; мубориза бар зидди коррупсия; таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо; идоракунии

самаранок; ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; пешгирии низои эҳтимолӣ; амнияти энергетикӣ, экология ва идоракунии равандҳои демографӣ [12,с.5].

Илова бар ин, асоси рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои минбаъда се принсипи асосии рушди оянда ташкил менамоянд: 1. боздоранда (пешгирии осебпазирии рушди оянда), 2. саноатикунонӣ (баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ) ва 3. инноватсионӣ (рушд дар асоси навовариҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар) [12,с.6]. Дар доираи ин ҳуҷҷату санадҳои муҳим, ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои мазкур дар назди Ҳукумати кишвар се вазифаи асосӣ гузошта шудааст, ки ҳалли онҳо дар шароити кунунӣ хеле зарур мебошад: 1) расидан ба сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии баробар ба сатҳи кишварҳои тараққиёташон миёна бо дараҷаи миёнаи даромад муқоисашаванда; 2) таъмин намудани рушди устувор тариқи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ; 3) тавсеа ва таҳкими мавқеи табақаи миёна [12,с.11].

Бояд қайд кард, ки дар пояи СМР 2030, мақсадҳои асосии рушди устувори кишвар ин фароҳам овардани шароити мусоидаткунандаи рушд, рушди асосҳои давлатдорӣ, ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, манфиату шаъну шарафи шаҳрвандони кишвар, алалхусус берун аз он, таҳкими мақоми кишвар ва миллат дар арсаи байналмилалӣ, коҳишдиҳии осебпазирии иқтисодиёти кишвар, дарёфт ва коркарди механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилию берунаи рушди устувори иқтисодӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, шуғл ва меҳнати пурмаҳсули шаҳрвандон, дастрасии устувор ба захираҳои энергетикӣ ва фазои мусоиди соҳибкорӣ ва дар ин замина таъмин намудани амнияти миллии кишвар ва мусоидат кардан ба рушди устувор, ташкил медиҳанд [12,с.16].

Дар ин ҷода аз рӯйи барномаи рушди устувори кишвар, масъалаҳои таъмини идоракунии демократӣ, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва вусъатдиҳии имкониятҳои инсон, тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасӣ ба ғизои хушсифат, беҳсозии обтаъминкунӣ, ҳолати санитарӣ ва таркиби ғизохӯрӣ, паст намудани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ дар тамоми шаклҳои он, масъалаҳои рушди устувори экологӣ ва ғ. аҳамияти аввалиндараҷа хоҳанд дошт [12,с.7].

Дар шароити буҳрони низоми иқтисодӣ, баррасии равандҳо ва падидаҳои иқтисодӣ аз нуқтаи назари рушд бештар таъхирнопазир мегардад. Буҳрони кунунӣ баҳсҳоро дар бораи мундариҷа ва ҳадафҳои рушди иқтисод ба амал меоварад. Нақши хеле бузург дар таҳқиқоти муосири илмӣ ба категорияи "*рушди устувор*" вогузор шудааст. Саволе ба миён меояд: оё рушди устувор метавонад ҳамчун ҳадафи ҷомеа амал кунад? Дар ибтидо, рушди устувор ҳамчун низоми дарёфти тавозуни байни низомҳои истеҳсолӣ ва экологии ҷомеа фаҳмида мешуд, аммо ҳоло рушди устувор ба таври васеътар баррасӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, М.Г. Юсупова "рушди устуворро ҳамчун раванди барқарор кардани муносибатҳои ҳамоҳанг байни инсон, ҷомеа ва табиат мешуморад, ки зистан ва пешрафти пайвастаи ҷомеаро бидуни вайрон кардани муҳити табиӣ таъмин мекунад" ва мутобиқсозии муносибатҳоро дар низоми «инсон - табиат», ҳамчун як хусусияти асосии рушди устувор нишон медиҳад [18,с.125].

О.Н. Марганова ва О.В. Емельянова ба чунин таъриф такя мекунанд: «Рушди устувор –рушде ба ҳисоб меравад, ки барои намояндагони наслҳои ҳозира ва оянда шароит фароҳам меоварад, то ки онҳо қобилияти худро нишон диҳанд ва ниёзҳои ҳаётан муҳимми худро қонеъ гардонанд. Он ба иқтисодиёте асос ёфтааст, ки бо принсипҳои амнияти экологӣ ва адолати иҷтимоӣ дар ҷомеаи демократӣ, ки ҳуқуқҳои инсонро риоя мекунад, мувофиқат мекунад» [5,с.79]. Ин равиш андозаҳои рушди устувор, аз ҷумла адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқии инсонро васеъ менамояд. Ақидаи дигаре дар асари Д.В. Преснякова оварда шудааст: *рушди устувор* ҳамчун як раванди тағйири низоми иқтисодӣ баррасӣ мешавад, ки потенсиали худтанзимкунӣ ва худрушдкунандаро дорад ва ҳаракати мақсаднокро дар дурнамо муайян мекунад» [10,с.79]. Аз ин бармеояд, ки *ҳадафи* рушди устувор на танҳо фоида, балки рушди ҳамоҳанги тамоми соҳаҳои ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Барои муайян кардани ҳадафҳои рушд, ба *нишонаҳои* рушди устувор муроҷиат мекунем. М.О. Подпругин ду аломати асосии чунин рушдро муайян мекунад - антропосентрӣ ва биосферосентристӣ: «аломати *антропосентристӣ* ... зинда мондани инсоният (кишвар) ва қобилияти (имконоти) рушди минбаъдаи бефосила (устувор), пайваста ва дарозмуддат мебошад. Мафҳуми аломати *биосферосентристӣ* (экологӣ) нигоҳ

доштани биосфера, ҳамчун асоси табиии тамоми ҳаёт дар Заминро мефаҳмонад», яъне бо маънои ташаккули фаъолияти иқтисодие, ки биосфераро вайрон намекунад [8,с.135].

Ҳамин тариқ, олимони дар боло зикршуда пешниҳод мекунанд, ки тағйир додани курси рушди ичтимоию иқтисодии ҷомеа ба самти таъмини рушди устувор, рад кардани тиҷорати калон, татбиқи имконпазири сиёсати пурра ё қисман протексионизм, назорати пурраи давлатӣ аз болои шохаҳои монополияҳои табиӣ (барқ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт ва ғ.) мебошад.

Чижик А.С. қайд мекунанд, ки рушди устувор раванди рушди доимии мусбат мебошад, ки дар шароити ҳозира ниёзҳои аҳолиро қонеъ мекунад ва қобилияти наслҳои ояндаро барои қонеъ кардани ниёзҳои худ ба хатар намегузорад, ба шарте ки муҳити зист ҳифз карда шавад. Рушди устувор, пеш аз ҳама, беҳтар шудани сифати зиндагии одамонро дар он ҳудуди иқтидори иқтисодии биосфера дар назар дорад, ки ин ба вайроншавии механизми табиии биотикии танзими муҳити зист ва тағйироти глобалии он оварда намерасонад [17,с.13].

Стратегияи рушди тамаддун дар шароити буҳрони ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодӣ, боиси ҳалли бисёр масъалаҳои ҳаётан муҳимми тартиботи ҷаҳонӣ мегардад, ки пеш аз ҳама, ҳифзи сулҳ дар рӯйи Замин, истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории аълосифат ба миқдори кифоя барои тамоми аҳолии кураи Замин, ҳифз ва нигоҳ доштани муҳити зист ва таҳияи механизмҳои ҳифзи он, ҳатто ҳангоми афзоиши истеъмолотро дар бар мегирад. Рушди устувор набояд ҳаракати доимӣ бидуни ҳадаф ва тағйирёбии сифат, балки ҳаракати устувори танзимшаванда ба сӯйи ноосфера ҳамчун ҳолати нави сифатии башарият бошад, қайд мекунад олим. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки самти тамоюли нави тамаддун маълум мегардад, ки хусусиятҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва экологиро ба як системаи ягонаи рушд муттаҳид мекунад. Роҳбарӣ ба муносибати муназзами рушди ичтимоию иқтисодӣ ва экологӣ дигаргуниҳои ҷиддии ҷаҳонбиниро талаб мекунад. Стратегияи нави рушд бояд, пеш аз ҳама, ба ҳифзи табиати атроф, риояи қонунҳои он ва маҳдудиятҳо ва манъкуниҳо вобаста бошад [3,с.452].

Ҳамин тавр, сарчашмаҳои гуногуни илмиро таҳлил карда, метавонем чунин **хулоса** барорем:

- Дар рушди устувори кишвар масъалаҳои таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва самаранокии низоми молиявӣ, рушди неруи инсонӣ ва сиёсати устувори ичтимоӣ ва тариқи сифатан баланд бардоштани хизматрасониҳои ичтимоӣ ба аҳолӣ, гуногуншакл намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар заминаи коркарди ашёи хом ва дигар захираҳои ватанӣ ва ислоҳоти институтсионалӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла дар бахши рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ҳамчун самтҳои афзалиятноки минбаъдаи рушди кишвар муайян карда шудааст.

- Тағйир додани соҳаи истеҳсолот, меҳнат ва идоракунӣ бо мақсади баланд бардоштани фаъолияти коргарон ва баланд бардоштани масъулияти онҳо барои кори иҷрошуда. Дар шароити нави иқтисодӣ зарурати фавран ҷорӣ намудани ислоҳот дар истеҳсолот, меҳнат ва идоракунӣ барои таъмини самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли миллӣ ба миён омадааст.

- Таҷҳизоти куҳнашударо аз соҳаҳои истеҳсолот хориҷ намудан ва бо таҷҳизоти нав иваз кардан ба навсозии таҷҳизот; ҷорӣ намудани навовариҳо; афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ; истифодаи самараноки таҷҳизот тавассути кам кардани бекористӣ; беҳтар намудани шароити кор; ҷорӣ намудани фарҳанги истеҳсолӣ; кам кардани арзиши аслии махсулот ва ғайра мусоидат мекунад.

- Ташкили низоми ягонаи назорати сифати маҳсулоти ниҳоӣ барои кишвар, ки ба тавсеаи бозори ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Назорати сифат аз болои маҳсулоти хӯрокворӣ бояд дар сатҳи истеҳсолӣ, идоравӣ, давлатӣ ва ичтимоӣ амалӣ карда шавад. Назорати истеҳсолӣ ба сертификатсияи маҳсулот бевосита алоқаманд аст.

- Стандартҳои давлатӣ барои маҳсулоти тайёрро ҷорӣ намудан ва истифодаи онҳоро назорат кардан; дигаргунсозӣ ва диверсификатсияи истеҳсолоти корхона ба амал бароварда шавад. Бозсозӣ ба ташаккули усулҳои мутамаддини рақобат байни истеҳсолкунандагон, кам кардани хавфҳо ва васеъ намудани номгӯи маҳсулот мусоидат мекунад.

• Зиёд кардани музди меҳнати кормандон вобаста ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда; ташкили ҷойҳои кории иловагӣ тавассути франчайзинг, ки таблиғи маҳсулотро дар бозор таъмин менамояд; андозбандии дифференсиалӣ аз рӯйи музди меҳнати; таҳияи сиёсати фоидаовари содироту воридоти кишвар, ки ба содироти молҳои ниҳоии босифат нигаронида шудааст, на он ки ашёи хом.

• Рушди соҳаи маориф ва илм, табодули методҳои инноватсионии таълим тибқи барномаҳо, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубодилаи донишу малакаҳо, гузариш ба шаклҳои нави таълим.

• Истифодаи самараноки иқтидори азими гидроэнергетикӣ, оби тоза, замин ва иқлими мусоид, олами наботот ва ҳайвонот, захираҳои назарраси меҳнатӣ, захираҳои бойи минералӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок барои рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, бунёди бахшҳои муосири саноати истихроҷ ва коркард, металлургияи сиёҳ ва ранга, комплекси агросаноатии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ғ. пояҳои асосии рушди устувори кишвар ба ҳисоб меравaнд. Рушди минбаъдаи иқтидорҳои гидроэнергетикӣ ва амалисозии лоиҳаҳои минтақавии нақлиётию коммуникатсионӣ ба Тоҷикистон имконияти табдилёбӣ ба кишвари пешсафи минтақа дар истеҳсол ва интиқоли неруи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза ва вусъатдиҳии имкониятҳои транзитии кишварро фароҳам меоварад.

• Рушди иқтисодиёти кишвар, соҳибкории хурду миёна, дастгирӣ ва таъмини шароит барои рушди он, нигоҳ доштани суръати рушди иқтисодӣ ҳамасола дар сатҳи 7-8%, 3 маротиба ва аз ин зиёд афзоиш додани ММД-и кишвар, афзоиши сатҳи нишондиҳандаи ММД ба ҳар нафр аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани фақирии шадид, зиёд намудани хароҷоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди саноат, кишоварзӣ ва истеҳсолоти содиротшаванда, зиёд намудани сатҳи диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ, сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар ҳама соҳаҳо, ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва ғ.

• Таъмини бехатарии кишвар, амният ва нигоҳ доштани сулҳу субот, якдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллӣ, ҳалли масъалаҳои геополитикӣ ва сиёсӣ, ҳам дар минтақа ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ, мубориза бо терроризму экстремизм, пешгирии паҳншавии таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ, беруна ва дохилӣ, вирусу бемориҳои сироятӣ, қочоқи моводи мухаддир ва яроқу аслиҳа, ҷиноятҳои трансмиллӣ, рушди дониши сиёсӣ ва худогоҳии миллӣ, таъмин намудани артиши миллӣ бо яроқу аслиҳаи нав ва муосир ва ғ. барои рушди устувори миллӣ ва кишвар мусоидат хоҳанд кард.

**Муқарриз: д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисодиѐти миллӣ / Ҳ.Р. Исайнов. –Душанбе: Ирфон, 2018. -648 с.
2. Исайнов Х.Р. Мелиорация: приоритетное направление устойчивого развития сельских территорий Таджикистана / Х.Р. Исайнов, К.А. Тимирязева, // Таджикистан. [Электронный ресурс]. http561-564://www.cawater-info.net/bk/improvement-irrigated-agriculture/files
3. Львова М.И. Устойчивое развитие как альтернативная цель экономических субъектов в современном обществе / М.И. Львова, Т.В. Бакунова, Т.А. Кольцова // Вестник ВГУИТ. - 2018. -Т.80. -№4. -С.452-455.
4. Мадаминов А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана / А.А. Мадаминов. -Душанбе, 2006. -260 с.
5. Марганова О.Н. К вопросу об экономических механизмах устойчивого развития / О.Н. Марганова, О.В. Емельянова // Новый университет. Серия «Экономика и право». - 2014. -№7–8(41-42). -С.79-83.
6. Мирзоев Б. Проблемы устойчивого развития животноводства в Республике Таджикистан / Б. Мирзоев // Вестник Таджикского аграрного университета «Кишоварз». -Душанбе, 2013. -№2(58). -С.52-53.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26-уми декабри соли 2019. [Манбаи электронӣ]. https://mfa.tj/tg/main/view/5441/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-peshvoi-millat-muhtaram-emomali-rahmon-ba-majlisi-oli (санаи истифодабарӣ: 02.10.2020).
8. Подпругин М.О. Понятия устойчивости и устойчивого развития в современной экономической науке / М.О. Подпругин // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. - 2012. -№6. -С.133-139.
9. Преобразование нашего мира: Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года. [Электронный ресурс]. https://sustainabledevelopment.un.org/post2015
10. Преснякова Д.В. О дефинициях «устойчивость» и «устойчивое развитие» в экономической науке / Д.В. Преснякова //Социально-экономические явления и процессы. - 2011. -№8. -С. 129–132.
11. Рањимзода Ш. Љањонишавї ва рушди иќтисоди миллї / Рањимзода Ш. -Душанбе: “Эр-граф”, 2019. -С.14.

12. Стратегияи Миллии Рушди Љумњурии Тољикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. -С.103. [Манбаи электронї]. http://ttu.tj/sustainibltj/
13. Тагоев Дж. Агропродовольственные аспекты стратегического развития национальной экономики / Дж. Тагоев // Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. – 2018. -С.8-17.
14. Тагоев Дж.Х. Развития социальных услуг сельской местности в условиях развивающейся экономики Таджикистана / Дж.Х. Тагоев, Р.Р. Ахмадов // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2016. -№2/9(218). -С.130-1354.
15. Ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ – саноатикунонӣ (саноатикунонии босуръат ва таҷрибаи ҷаҳонӣ) // Садои мардум. -Душанбе, 2.03.2019. -№24 (3974)
16. Цели развития тысячелетия: доклад за 2015 год. [Электронный ресурс]. http://www.un.org/ru
17. Чижик А.С. Направления устойчивого развития национальной экономики / А.С. Чижик // Государственное и муниципальное управление Ученые записки СКАГС. - 2015. -№2. -С.1-13.
18. Юсупова М.Г. Теоретические подходы к определению устойчивого развития / М.Г. Юсупова // Приоритетные научные направления: от теории к практике. - 2013. -№5. -С.123-127.

## АМАЛИШАВИИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР-СИЁСАТИ КАЛИДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур моҳияти иқтисодии консепсияи "рушди устувор" мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар асоси таҳлили андешаҳои мавҷуда дар адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ, принсипҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти кишвар муайян карда шудаанд. Хулоса бароварда мешавад, ки стратегияи рушди устувор бояд ба ба даст овардани ҳамоҳангӣ байни одамон, ҷомеа ва табиат асос ёбад. Муаллифон самтҳои консептуалии рушди устувори кишварро муайян кардаанд. Аз ҷумла, муаллифон қайд мекунанд, ки мақсадҳои асосии рушди устувори кишвар фароҳам овардани шароити мусоидаткунандаи рушд, рушди асосҳои давлатдорӣ, ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, манфиату шаъну шарафи шаҳрвандони кишвар, алалхусус берун аз он, таҳкими мавқеияти кишвар ва миллат дар арсаи байналмилалӣ, коҳишдиҳии осебпазирии иқтисодиёти кишвар, дарёфт ва коркарди механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилию берунаи рушди устувори иқтисодӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, шуғл ва меҳнати пурмаҳсули шаҳрвандон ва ғ. мебошад. Тавассути дарки нишонаҳои рушди устувор ҳадафҳои субъектҳои хоҷагидорӣ асоснок карда мешаванд, самтҳои тағйирёбии системаи иқтисодӣ мутобиқи ҳадафҳои рушди устувор муайян карда мешаванд. Такя бо сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, муаллиф фикру андешаҳои олимони хориҷиро дар бобати мафҳуми "рушди устувор" пешкаш кардааст.

**Калидвожаҳо**: иқтисодиёти кишвар, принсипҳо, рушди устувор, самтҳои консептуалӣ, вазифа, мақсадҳо, усулу медотологияҳо, аломатҳои антропосентристӣ ва биосферосентрии рушд.

## ДОСТИЖЕНИЕ ЦЕЛЕЙ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ-КЛЮЧЕВАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Цель данной статьи - раскрыть экономическую сущность понятия «устойчивое развитие», которое интегрируется в текущую кризисную ситуацию. На основе анализа существующих представлений в отечественной и мировой литературе отмечены основные принципы устойчивого развития экономики страны. Сделан вывод, что стратегия устойчивого развития должна быть основана на достижении равновесия между людьми, обществом и природой. Авторы определяет направления концепций устойчивого развития страны. В частности, авторы отмечают, что основной целью устойчивого развития страны являются создание условий, способствующих её развитию, развитию основ государственности, защите прав и свобод, интересов и чести своих граждан, в особенности за рубежом, укрепление статуса страны и нации на международной арене, уязвимости экономики страны перед потенциальными внешними угрозами, выявление и разработка эффективных механизмов внутренних и внешних источников устойчивого экономического развития, обеспечения устойчивого экономического развития, занятости и производительного труда граждан и т.д. Путем понимания признаков устойчивого развития обосновываются цели экономических вопросов, определяется направление экономической системы в соответствии с целями устойчивого развития. Опираясь на различные научные источники, автор данной статьи представляет взгляды различных зарубежных ученых на понятие «устойчивое развитие», которое подтверждает научную разработку автора.

**Ключевые слова:** идентичность, принципы, устойчивое развитие, концептуальные направления, задачи, управления, методы и методики, антропоцентрические признаки развития биосферы.

## ACHIEVEMENT OF GOALS FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT KEY POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article reveals the economic essence of the concept of "sustainable development", which is adapted to the modern conditions of the global crisis. Based on the analysis of existing ideas in the world and domestic literature, the basic principles of sustainable economic development of the country are noted. It is concluded that the strategy of sustainable development should be based on achieving harmony between people, society and nature. The author identifies conceptual directions of sustainable development of the country. In particular, she notes that the main goals of the country's sustainable development are the creation of conditions conducive to its development, the development of the foundations of statehood, the protection of the rights and freedoms, interests and honor of its citizens, especially abroad, strengthening the status of the country and nation in the international arena, vulnerability the country's economy facing potential external threats, identifying and developing effective mechanisms of internal and external sources of sustainable economic development, ensuring sustainable economic development, employment and productive labor of citizens, etc. By understanding the signs

of sustainable development, the goals of economic entities are substantiated, the directions of change of the economic system are determined in accordance with the goals of sustainable development. Relying on various scientific sources, the author of this article presents the views of various foreign scholars on the concept of "sustainable development", which refers to the author's scientific development of the topic.

**Keywords**: national economy, principles, sustainable development, conceptual directions, tasks, goals, methods and methods, anthropocentric and biospherecentric signs of development.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғуломова Хуршеда Амонуллоевна* -** Донишгоҳи давлатии Данғара, аспиранти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Шарифов, 3. Телефон: **900-51-57-20.** E-mail: **khursheda2021@mail.ru**
***Раҳимов Муҳаммадхоҷа Сергеевич* -** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Шарифов, 3

**Сведение об авторах:** ***Гуломова Хуршеда Амонуллоевна*** - Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры бухгалтерского учета и налогообложения. **Адрес**: 735320, Республика Таджикистан, г. Дангара, улица Шарипова, 3. Телефон: **900-51-57-20.** E-mail: **khursheda2021@mail.ru**
***Рахимов Мухаммадходжа Сергеевич*** - Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры бухгалтерского учета и налогообложения. **Адрес**: 735320, Республика Таджикистан, г. Дангара, ул. Шарипова, 3

**Information about the authors:** ***Gulomova Khursheda Amonulloevna*** - Dangara State University, post-graduate student of the Department of Accounting and Taxation. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharipov street, 3. Phone: **900-51-57-20.** E-mail: **khursheda2021@mail.ru**
***Rakhimov Muhammadkhodzha Sergeevich*** - Dangara State University, applicant for the Department of Accounting and Taxation. **Address**: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, st. Sharipova, 3

УДК:336.1/7

# ТАҶРИБАИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД ДАР МАМОЛИКИ ХОРИҶӢ

*Тагоев Ҷ.Ҳ., Файзуллоев Т.Т., Вазирзода Д.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Таҷрибаи рушди микромолиякунонӣ дар кишвари мо нишон медиҳад, ки оғози ин ҷараён дар ҷумҳурӣ дар шакли барномаҳои қарздиҳии хурд солҳои 1998-2000 аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқии Care International, Mercy Corps, AKTED (Фонди Оғохон), Агроаксияи Олмон, Counterpart Consortium, Барномаи рушди СММ ва ташкилотҳои ғайридавлатии Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон (АМЗСТ), Ташкилоти ҷамъиятии «Ситораи Наҷот», Ташкилоти ғайридавлатии «Меҳрангез», Ташкилоти ғайридавлатии «Оила» шуруъ гардида буд [1]. Натиҷаи амалигардонии лоиҳаҳои татбиқшудаи ташкилотҳои мазкур боиси роҳ ёфтани одамони сатҳи даромадашон паст ба манбаъҳои маблағгузорӣ барои пешбурди тиҷорати хурд, иштирок дар савдо ва ташкили микробизнеси истеҳсолӣ гардид. Инчунин, дар ҳамин давра ташкилотҳои номбурда пешниҳоди хизматрасонии молиявии миқёсан хурдро ба ин табақоти аҳолӣ оғоз намуданд.

Санади воқеӣ барои ташаккули асосҳои қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои микромолиявӣ ва рушди бахши маблағгузории хурди Тоҷикистон ин Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва USAID, ки аз ҷониби Корпоратсияи байналмиллалии молиявӣ таҳия гардида буд ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои микромолиявӣ”, аз 17.05.2004 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», аз 16.04. 2012, №816 оид ба ташаккули рушди ин бахш мебошанд. Қобили қайд аст, ки қонунҳои қабулшуда барои танзими ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти молиякунонии хурд мусоидат намуда, бахши маблағгузории хурди Тоҷикистонро ба ҷузъи муҳимми низоми молияи миллӣ табдил дод, ки он аҳолии ниёзмандро бо маблағгузориҳои хурд таъмин карда, рушди соҳибкории хурди аграрӣ ва микробизнесро тақвият бахшнад. Дар солҳои охир бо вуҷуди муваффақиятҳои назаррас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камшавии шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба мушоҳида мерасад. Тағйирёбии шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар солҳои 2012-2019 дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ташкилотҳои микромолиявӣ дар бахши паст кардани сатҳи қамбизоатӣ нақши муҳимро мебозанд. Дар ин ҷода, махсусан, хизмату фаъолияти ташкилотҳои микромолиякунонӣ шоёни дастгирӣ мебошад.

Дар давлатҳои гуногуни дунё, аз қабили Бангладеш, Ҳиндустон, Индонезия, Боливия, Камерун, Ҳабашистон, Гамбия, Гана, Мадагаскар, Марокаш, Непал, Перу, Филиппин, Уганда, Замбия ва ғ. ҳазорҳо ташкилоту муассисаҳои микромолиявӣ машғули хизматрасониҳои микромолиявӣ ба аҳолии камбизоату қашшоқ мебошанд [5,с.11]. Дар давлатҳои Белоруссия, Украина, Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон раванди микромолиякунонӣ дар марҳилаи гуногуни ташаккулу тараққӣ қарор дорад.

**Ҷадвали 1. Теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд (ТМХ) дар солҳои 2012-2019**
**Table 1. Number of microfinance organizations in 2012-2019**

| Навъи ТМХ | 2012 | 2013 | 2014 | 2016 | 2017 | 2019 | 2019 нисбати 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ТМХ, ҳамагӣ, аз он ҷумла | 125 | 120 | 120 | 86 | 67 | 62 | -63 |
| Ташкилоти амонати қарзии хурд | 35 | 39 | 42 | 38 | 27 | 25 | -10 |
| Ташкилоти қарзии хурд | 44 | 42 | 42 | 14 | 7 | 6 | -38 |
| Фондҳои қарзии хурд | 46 | 39 | 36 | 34 | 33 | 31 | -15 |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маводи захираи электронӣ http://nbt.tj/tj ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.

Ташкилоту муассисаҳои микромолиякунонӣ дар давлатҳои гуногун дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд. Баъзе тадқиқотчиёни раванди

микромолиякунонӣ кулли ташкилоту муассисаҳоеро, ки ба ин ва ё он шакл ба микромолиякунонӣ машғуланд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- институтҳои микромолиякунонӣ, ки мақсади асосиашон гирифтани фоида ба шумор намеравад;
- институтҳои микромолиякунонӣ, ки мақсади асосиашон ҳамкориҳои муфид, яъне ҳамкориҳои барои тарафайн фоиданок мебошад;
- институтҳои микромолиякунонӣ, ки мақсади фаъолияташон гирифтани фоида ба шумор меравад [13,с.70].

Ҳамин тариқ, институтҳои микромолиякунонӣ бо вуҷуди бартариву камбудиҳо ва духелагии фалсафаи фаъолият дар тули якчанд даҳсола роҳи хело ҳам ҷиддиро тай намуда, ба фаҳмиши ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти арзи вуҷуд намудану зарурати фаъолияти худро расонида тавонистанд. Ва ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дар асоси таҳлилу тадқиқи натиҷаҳои фаъолияти онҳо, ташкилоту муассисаҳои микромолиявиро ҳамчун як ҷузъи зарурӣ дар механизми мубориза бар зидди қашшоқию паст намудани сатҳи камбизоатӣ қабул дорад. Имрӯзҳо онҳо дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои аз байн бурдани қашшоқию камбизоатӣ дар курраи Замин фаъолият намуда истодаанд. Ин падидаи навини иқтисодӣ зиёда аз 100 давлати дунёро фарогир буда, мувофиқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, дар ҷаҳон зиёда аз 10000 ташкилоти микромолиявӣ фаъолият мекунанд, ки ба 500 млн. аҳолии камбизоату қашшоқ хизмат мерасонанд ва сармояи дар гардиши ин ташкилотҳо буда, ба зиёда аз 100 млрд доллари ИМА баробар аст [20,с.22-23]. Лозим ба ёдоварист, ки омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ дар ҳама бахши фаъолияти иқтисодӣ метавонад натиҷаи мусбат ба бор оварад.

Яке аз намунаҳо ва таҷрибаҳои самарабахши маблағгузории хурд, лоиҳаи бангладешии ба ном «Громин» (Grameen Bank) мебошад. Он соли 1976 аз тарафи профессор Муҳаммад Юнус ҳамчун усули дастгирии молиявии фаъолияти иқтисодии табақоти камбизоати аҳолӣ дар яке аз мамлакатҳои сусттараққикарда ба роҳ монда шуд. Самти асосии барномаи мазкур маҳз ба бартарафсозии ноадолатӣ нисбати камбизоатон, аз ҷумла дар ҳаққи занон бо роҳи инкишоф додани соҳибкории занон баҳри расидан ба ҳадафҳои на танҳо иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ равона шуда буд. Муҳаммад Юнус дар оғоз ба 40 нафар вомгиранда маблағи баробар ба 27 доллари ИМА бо фоизи хеле ночиз, бе пешниҳоди ягон кафолат ва кафилон пешниҳод кард, аммо шарт он буд, ки онҳо бояд тиҷорати оилавии худро васеъ кунанд, ё ба роҳ монанд. Албатта, аз додани чунин маблағҳои дар назар кам Муҳаммад Юнус камбағал намешуд. Баръакс, ӯ маблағҳои худро баргардонид. Аз ҳама муҳим ин буд, ки ӯ ба боварии деҳқонон ҳам сазовор гашт. Ӯ ёдовар мешавад, ки ба ӯ гуфта буданд, ки камбағалон қарзи гирифтаашонро бар нахоҳанд гардонд, зеро наметавонанд, вале Муҳаммад Юнус мегӯяд, ки таваккал карда буд. Аз ҳама аҷибаш он аст, ки ҳамаи онҳое, ки қарз гирифта буданд, то тангаи охирин ба ӯ қарзҳояшонро баргардониданд [6]. Ҳадафи Муҳаммад Юнус одӣ буд: ба қишри камбизоати аҳолӣ барои баланд бардоштани некуаҳволиашон кумак метавон кард, барои ин ба онҳо имконияти воқеии ташаккул додани даромадҳоро аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ муҳайё бояд намуд. Ба ин мақсад ба онҳо сармояи аввалияро дастрас кардан лозим аст, ки инро маҳз маблағгузории хурд фароҳам меовард. Идеяи дар назар хеле одӣ дар амал ҳаётӣ будани худро нишон дод. Дар доираи лоиҳа ба мардум ба андозаи 25 доллари ИМА маблағгузории хурд барои ҳадафи соҳибкорӣ дода, ба онҳо дар як вақт хизматҳои машваратӣ дар бораи тарзи ба роҳ мондани бизнес расонида шуд. Мизоҷоне, ки қарзҳои аввалинро сари вақт супориданд, имконияти гирифтани қарзҳои нисбатан калонҳаҷмро пайдо карданд. Аллакай соли 1983 дар ин бобат таҷрибаи кофӣ ба даст омад ва дурнамои табдил додани Grameen Bank ба бонки мустақил ба миён омад, ки фаъолияташ ба пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ба қишри камбизоати аҳолӣ, асосан занҳо махсус гардонида шуда буд. Дар давраи таҳлилшаванда (солҳои 1976–1983) шумораи мизоҷони бонк, ки нахуст 100 нафар ҳам набуд, ба зиёда аз 45 ҳазор нафар расида, дар оғози асри XXI бошад, Grameen Bank аллакай ба зиёда аз 4 млн нафар мизоҷ ба тариқи маблағгузории хурд хизмат мерасонид. Бонки мазкур, ки то ба ҳол баробари он ягон муассиса муваффақият ба даст наовардааст, на танҳо ба фаъолияти хайрия машғул буд, балки бизнес-схемаи муваффақеро ба роҳ мондааст. Имрӯзҳо Grameen Bank тавассути

1267 филиали худ ба зиёда аз 46 ҳазор нуқтаи аҳолинишин хизмат мерасонад, ки дар онҳо зиёда аз 7 млн қарзгирандагони он зиндагӣ мекунанд ва 98%-и онҳоро занон ташкил медиҳанд. Маблағи умумии кредити додашуда аз 5,1 млрд доллари ИМА зиёд аст [6]. Ҳамин тавр, 75%-и занони камбизоат дар Бангладеш узви ин ё он ташкилоте мебошанд, ки ба онҳо барои дастрасӣ ба хизматҳои хуб ва арзони молиявӣ имконият медиҳанд; тахминан 15 млн оилаи бангладешӣ аз қарзи хурд ва хизматрасониҳои дигари молиявӣ истифода мебаранд. Коршиносони ин давлат бар он ақидаанд, ки 40%-и коҳиши умумии сатҳи камбизоатӣ дар Бангладеш маҳз аз хизматрасонии маблағгузории хурд ба даст омадааст [18].

Комёбии фаъолияти Grameen Bank оид ба дастгирии молиявии қишри камбизоати аҳолӣ бо ҳадафи ҷалби онҳо ба ҳаёти фаъолона мамлакатҳои дигари ҷаҳони сеюмро водор намуд, ки ба маблағгузории хурди ба шароити маҳал мутобиқгардонидашуда машғул шаванд. Масалан, рушди сектори маблағгузории хурд дар Индонезия, ки ба қатори даҳгонаи давлатҳои аз ҳама қафомондаи ҷаҳон ва яке аз мамлакати камбағалтарини Осиёи Ҷануби Шарқӣ буд, ба ҳавасмандсозии давлатии институтҳои расмии молиявӣ - бонкҳое, ки хизматрасониҳои маблағгузории хурдро тараққӣ медиҳанд ва амалӣ месозанд, асос ёфтааст. Дар соли 1970 Вазорати молияи ин мамлакат бонки тиҷоратии Bank Rakyat-ро, ки моликияти давлатӣ маҳсуб мешуд, вазифадор кард, ки дар доираи «барномаи суғуртаи байниҳамдигарӣ» шабакаи хизматрасониҳои микромолиявиро дар тамоми мамлакат ташаккул диҳад. Дар натиҷа бонки мазкур шабакаи «бонкҳои деҳот»-ро иборат аз 3600 нуқтаи минтақавӣ таъсис дод. Портфели қарзҳои хурди Bank Rakyat, асосан аз ҳисоби амонатгузориҳои ихтиёрие, ки аз ҷониби намояндагони минтақавии «бонкҳои деҳот» ҷамъ мешаванд, ташаккул меёбад [4].

Дар Боливия, ки ба қатори давлатҳои дорои сатҳи пасти рушди иқтисодии Амрикои Лотинӣ дохил мешавад, институти асосии маблағгузории хурд бонки BancoSol мебошад, ки амалиётҳои молиявиро аз соли 1992 шуруъ намудааст. Имрӯз сарчашмаи нисбатан назарраси захираҳои молиявии он маблағҳои ҷалбшуда ба депозит ва амонатҳо мебошанд. Бонки мазкур дорои 26 намояндагии минтақавӣ мебошад, 70%-и мизоҷони истеъмолгари ҳадафноки онро занон ташкил медиҳанд. Қонунгузориҳои бонкии Боливия ба таъмини талабот ба хизматҳои молиявӣ дар ҷузъҳо ва қишрҳои аз ҳама поёнии иқтисодиёт, маҳз маблағгузориҳои хурдро тавсия намудааст [8].

Мисоли дигари маблағгузории хурд дар яке аз давлатҳои қашшоқтарини Африқо – Ҳабашистон мебошад, ки аз пешниҳоди қарзҳои хурд ба хоҷагиҳои фермерӣ дар маҳалҳои деҳот ва субъектҳои соҳибкории хурд дар шаҳрҳо иборат аст. Дар Ҳабашистон маблағи калонтарини қарз ба ҳисоби як қарзгиранда дар сатҳи 5000 бир (баробари 673 доллари ИМА) муайян карда шудааст. Дар ин маврид назорати сахт дар соҳаи иҷозатномадиҳӣ, назорат ва маҳдудкунии ҳуқуқҳои фаъолияти муассисаҳои хурди молиявӣ, ҳамчунин ҷалби захираҳои хориҷии молиявӣ ба сектори хурди молиявӣ аз тарафи Бонки миллии давлат анҷом дода мешавад, ки намунаи равшани монополияи маъмуриятчигӣ дар ин давлат буда метавонад [17].

Таҳқиқу омӯзишҳо нишон доданд, ки мамлакатҳои дорои сатҳи нисбатан пасти тараққиёт неру ва имкониятҳои худро ҳангоми таҳияи барномаҳои маблағгузории хурд, ки ба таъмини зиндагии аҳолии камбизоат равона шудааст, муттаҳид мекунанд. Ҳамин тавр, ҳашт мамлакати африқоии узви Union Monetaire Quest Africain (Бенин, Того, Буркина-Фасо, Нигер, Кот-д'Ивуар, Сенегал, Мали, Гвинея-Биссау) неруи худро дар доираи таҳияи равишҳои ҳаммонанди ташаккули низоми танзими меъёрию ҳуқуқии ташкилотҳои маблағгузории хурд муттаҳид намуданд, ки он тахти назорати Бонки марказии минтақавӣ амалӣ мешавад. Барои мисол, барномаи CB DIBA-ONG, ки дар Бенин тахти васояти CGAP аз соли 1990 амал мекунад ва бо модели «бонкҳои деҳот» ташкил шудааст, ба пешниҳоди хизматрасониҳои маблағгузории хурд ба аҳолии қашшоқтарине, ки дар маҳалҳои деҳот зиндагӣ мекунанд, равона шудааст. Ба сифати илова ба хизматрасониҳои қарзӣ дар доираи барномаи мазкур, ҳамчунин ташаббусҳо оид ба баландбардории маълумотнокии молиявии истеъмолгарон низ амалӣ кунонида мешавад [20].

Ҳамчунин, аз ин падидаи иқтисодӣ дар мамолики рӯ ба инкишоф низ истифода мебаранд. Масалан, дар Ҷумҳурии Покистон бо мақсади дастгирии молиявии аҳолии

камбизоати ноҳияҳои деҳот Фонди рушди «САНГИ» ташкил шудааст, ки як ташкилоти ғайридавлатӣ буда, аз методологияи зерин истифода мебарад: ташкилоти «деҳотӣ» ташкил карда мешавад, ки аз рӯйи схемаи қарзию амонатӣ кор мекунад ва фаъолияти он аз тарафи намояндагии минтақавии аз ҳисоби кормандони «САНГИ» ташкилшуда мутобиқ кунонда мешавад; кумита оид ба идораи қарзҳо ташкил мегардад; аъзоҳаққии он баробари 90 сенти ИМА буда, барои тамоми узви гурӯҳ ҳатмӣ мебошад ва он дар ҳисоби бонкӣ гузошта мешавад; қарзҳо ба ҳар як узви гурӯҳ ба таври инфиродӣ дар ҳудуди 150 доллари ИМА ва ба муҳлати аз 6 то 24 моҳ пешниҳод мегардад ва барои фаъолияти соҳибкории даромадовар дар назар дошта шудааст [16].

Натиҷаҳои таҳлили гузарондашуда шаҳодат медиҳанд, ки барномаҳои маблағгузории хурд ҳамчун воситаи мубориза алайҳи камбизоатӣ ва бекорӣ дар давраҳои аввал ба таври васеъ дар мамлакатҳои ҷаҳони сеюм пешниҳод ва амалӣ шуданд. Аммо аллакай дар оғози солҳои 1990-ум аниқ гардид, ки маблағгузории хурдро ҳам дар мамлакатҳои суст рушдёфта ва ҳам дар мамолики рӯ ба тараққӣ истифода бурдан мумкин аст. Он аз ҳудуди мамлакатҳои дорои нишондиҳандаҳои пасттарини тараққиёти иқтисодӣ берун баромада, имрӯз дар мамлакатҳои рушдкарда, ки аҳолиашон аз факр ва камбизоатӣ азият намекашанд, истифода мешавад. Дар ин ҳолат маблағгузории хурд дар мамлакатҳои тараққиёфтаи саноатӣ вазифаи нисбатан дигарро ба ҷо меорад. Яъне дар ин мамолик он ҳамчун «пойгоҳе» барои соҳибкорони нав, ки барои ташкили бизнеси худ сармояи заруриро надоранд, истифода мегардад.

Бо ибораи дигар, бо назардошти амиқият ва миқёси паҳншавии маблағгузории хурд, имрӯз микромолиякунониро ба он ҳадафи аввалияи асосгузори он Муҳаммад Юнус пурра мувофиқ кардан душвор мегардад, ки тахмин карда буд. зеро Муҳаммад Юнус маблағгузории хурд хосси мамлакатҳои ҷаҳони сеюм мебошад [7]. Яъне, ҳамчун шакли рушди бизнеси хурд, бо самтнокии равшан ифодаёфтаи иҷтимоӣ, маблағгузории хурд имрӯз дар бисёр мамлакатҳо, аз он ҷумла дар мамолики аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта низ бомуваффақият рушд меёбад ва пеш меравад.

**Маблағгузории хурд дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш.** Дар давраи имрӯза маблағгузории хурд ҳамчун фишанги кумаки молиявии равонашуда ба ҳавасмандкунонии фаъолияти меҳнатии қишрҳои васеи аҳолӣ ва ташкили сарчашмаи доимии даромади меҳнатӣ, дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва дорои иқтисодиёти давраи гузариш торафт васеъ паҳн мешавад.

Қобили қайд аст, ки маблағгузории хурд дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бузург ва аҳолии зиёд (Ҳиндустон, Бразилия, Аргентина ва ғ.) хусусияти на танҳо иҷтимоӣ, балки сиёсӣ дорад, зеро тавассути дастгирии тараққии фаъолияти соҳибкории хурд ба ташаккули синфи соҳибмулкон мусоидат мекунад. Барномаи маблағгузории хурд дар чунин мамлакатҳо аз барномаҳои дар давлатҳои ҷаҳони сеюм амалишаванда хеле фарқ дорад. Дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф чунин барномаҳо аз ҷиҳати миқёс чандон калон нестанд, ҳадафи асосиашон низ на аз байн бурдани камбизоатӣ, балки дастгирии ташаббусҳои соҳибкории аз ҷониби қишри аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол сарзада мебошад. Дар ин маврид мизоҷони барномаҳои маблағгузории хурд субъектҳои амалкунанда ва эҳтимолии бизнеси хурд ва соҳибкорӣ, ҳамчунин аҳолии дар маҳалҳои деҳот ва шаҳракҳо маскун дар минтақаҳои дорои хизматрасониҳои нокифояи бонкӣ мебошанд. Масалан, барномаи нисбатан босамар фаъолияткунандаи маблағгузории хурд дар Ҳиндустон аз ҷумлаи барномаҳоест, ки дар ҳамсоягии Бангладеши суструшдёфта амал мекунад. Молияшиносони Ҳиндустон аз ҳамсояи худ дар бобати суръати рушд дар самти микромолиякунонӣ хеле пеш гузаштанд. Ҳиндустон лоиҳаи Financial Inclusion - 2020-ро амалӣ месозад [11]. Ҳатто дар авҷи бухрони молиявии умумиҷаҳонӣ фаъолияти маблағгузории хурд дар Ҳиндустон на танҳо суст нагардид, балки авҷ гирифт. Дар ҳолате, ки тамоми ҷаҳон дар ин фосилаи вақт аз рӯйи имкониятҳо зиндагӣ карданро меомӯхт, Ҳиндустон ҳаҷми маблағгузории хурдро боз ҳам афзун намуд ва бо қувваи дучанд ба ҳамватанони камбизоати худ бо пул кумак карданро давом дод. Танҳо дар соли аввали бухрони умумиҷаҳонии иқтисодӣ дар ин мамлакат ҳаҷми қарзҳо ба андозаи 76% ва теъдоди қарзгирандагон ба андозаи зиёда аз якуним баробар афзуд. Дар ин ҳол миқдори гирандагони қарзҳо барои рушди бизнеси инфиродӣ дар як сол 30% зиёд шуд. Тибқи

арзёбии ширкати консалтингии Intellecap, талаботи ҳамасола ба хизматрасониҳои маблағгузории хурд дар Ҳиндустон аз 5,7 то 19,1 млрд долл. ИМА-ро ташкил медиҳад [11].

Дар ҷаҳони муосир бо дастгирии ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ба ин монанд барномаҳои маблағгузории хурд, ки ба шароити миллии ҳар минтақа мувофиқ карда шудааст, дар бисёр мамлакатҳои Африқо ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ тараққӣ мекунад.

**Бозори хизматрасониҳои маблағгузории хурд дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ**. Дар солҳои охир барномаҳои маблағгузории хурд ба таври нисбатан муваффақ дар бисёр мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ амалӣ мешаванд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва мамолики ҳамсони он дар Аврупо сектори бонкӣ муддати талаботи афзояндаи аҳолиро ба хизматрасониҳои молиявӣ қонеъ карда натавонист. Холигоҳи мазкурро маҳз ТМХ бо пешниҳоди хизматрасониҳои микромолиявӣ ба шаҳрвандон барои нигоҳдории сатҳи зиндагиашон пур карда тавонистанд. Дар давоми панҷ-шаш сол институтҳои маблағгузории хурд дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ зиёда аз 1,7 млн қарзгиранда ва 2,3 млн амонатгузорро ба худ ҷалб карда, бо ин динамикаи мусбати рушдро дар давраи навин нигоҳ доштанд [15]. Масалан, дар Лаҳистон шабакаи васеи институтҳои маблағгузории хурдро фонди «Фундуш Микро» пешниҳод намуд. Он дар 28 ноҳияи мамлакат филиал дорад. Фонд асосан ба корхонаҳои хурди дорои на зиёда аз панҷ нафар корманд хизмат мерасонад. Фонди мазкур хизматарсониҳои қарздиҳиро бо усулҳои амонатнигоҳдорӣ, омӯзиш ва машваратдиҳии аҳолӣ якҷоя карда, принсипҳои дар асоси инфиродӣ, гурӯҳӣ ё ротатсионӣ сохташударо истифода менамояд. Ба рушди низоми лаҳистонии маблағгузории хурд сиёсати давлатии ин соҳа низ мусоидат мекунад. Фонди номбурда маркетинги мутобиқ, стандартизатсияи маҳсулот ва тартибот, маҳсулоти ягонаи барномавии ҳангоми хизматрасонии мизоҷон истифодашаванда ва низоми ягонаи кафолатҳои байниҳамдигариро ба кор мебарад [11].

Дар Маҷористон иҷрои барномаҳои маблағгузории хурдро «Фонди дастгирии соҳибкории Маҷористон» ба уҳда дорад, ки соли 1990 бо мақсади дастгирии молиявии соҳибкории хурд ва миёна ташкил шудааст. Фонд шабакаи серпаҳлуи филиалҳои худро иборат аз 20 намояндагӣ созмон додааст. Соли 1992 дар доираи Фонди мазкур низоми қарздиҳии хурд ташкил дода шуд, ки самти асосии фаъолияташ пешниҳоди ёрии молиявӣ ба бизнеси хурд буд. Қадами баъдина дар рушди низоми маблағгузории хурд дар Маҷористон ташкили Кумитаи давлатӣ оид ба қарздиҳии хурд гардид, ки он дар низоми қарздиҳии хурд тағйироти куллӣ ворид кард. Соли 2004 идоракунии қарздиҳии хурд ба Бонки рушди Маҷористон вогузор шуд, ки аз соли 2005 ба амалисозии барномаи «Микрокредит Плюс» шуруъ намуд. Дар доираи барнома тавассути иттиҳодияҳои маҳаллии соҳибкорон ба қарзгирандагон қарзҳои хурд пешниҳод карда мешавад, онҳо, инчунин, мониторинги онро амалӣ месозанд [12].

**Қарздиҳии хурд дар мамлакатҳои ИДМ**. Қарздиҳии хурд дар мамлакатҳои ИДМ нисбатан дертар шуруъ шуда, имрӯз ҳам васеъ паҳн нашудааст. Дар ин ҷо институтҳои маблағгузории хурд дар марҳалаи ташаккулёбӣ ва ҷамъкунии таҷрибаи таҳия ва амалисозии моделҳои ба шароити ини кишварҳо муносиб маблағгузории хурд бо мақсади дастгирии ташаббусҳои соҳибкорон ва таъмини шуғли аҳолӣ мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Белорус ба рушди бозори хизматрасониҳои молиявии хурд таваҷҷуҳи калон зоҳир мегардад. Ин ҷо дар базаи Фонди дастгирии молиявии соҳибкорони Белорусия лоиҳае амалӣ мешавад, ки мақсади асосиаш таҳия ва амалисозии моделҳои самараноки маблағгузории хурд ба субъектҳои соҳибкорӣ ва бизнеси хурд аст. Низоми маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Белорус дар асоси моделҳои алтернативии бонкии ёрии байниҳамдигарии молиявӣ, маблағгузории суроғадор, дастгирии иҷтимоии молиявӣ ташкил дода шудааст [9]. Коршиносони ин давлат бар он назаранд, ки васеъшавии доираи шахсоне, ки хизматрасониҳои молиявиро истифода мебаранд, баландшавии фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд месозад, боиси таъмини талаботи истеъмолӣ дар бозорҳои маҳаллӣ мешавад, ки натиҷаи бевоситаи он афзоиши ҳаҷми фурӯши молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ хоҳад буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди микромолиякунонӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ ба дастгирии фаъолияти соҳибкории хурд ва микробизнес, тавассути пешниҳоди дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, нигаронида шудааст. Масалан, дар Ҷумҳурии Қазоқистон якбора чанд барномаи маблағгузории хурд амалӣ мешавад. Дар миёни онҳо

Барномаи ACDI/VOCA оид ба рушди бизнеси хурд дар Қазоқистон бештар ба муваффақият соҳиб гаштааст, ки мақсадаш беҳтарнамоии вазъи занон ва оилаҳои камбизоат буда, дар базаи Фонди қазоқистонии қарздиҳии оилаҳо ва Барномаи маблағгузории хурд ба қишри аҳолии камбизоат амалӣ мешавад ва барои пешбурди кори он ташкилоти ғайридавлатии «Микрокредит» таъсис дода шудааст. Фаъолияти мазкур ҳоло ҳафт вилояти калони ин ҷумҳуриро фаро гирифтааст [16].

Ҳамчунин, таҷрибаи муҳим оид ба амалисозии барномаҳои маблағгузории хурд дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба даст омадаанд. Дар ин кишварҳо шумораи зиёди муассисаҳои молиявии хурд фаъоланд, ки дар фаъолияти худ методология ва технологияҳои гуногуни маблағгузории хурд, принсипҳо ва роҳҳои тақсими онҳоро ба кор мебаранд.

Бо вуҷуди ин, аксарияти давлатҳои ИДМ ба ташаккули шароити нисбатан мусоид барои рушди маблағгузории хурд эҳтиёҷ доранд, ки аз набудани таъминоти ҳуқуқӣ ва базаи нокифояи қонунгузориҳое, ки фаъолияти институтҳои миллии молиявии хурдро ба танзим медароранд, вобаста аст. Таҷрибаи хориҷии рушди микромолиякунонӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқони ин мавзуъ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масалан, Д.А. Таджибаева, У.А. Бурханов, Н.У. Машарипова равишҳои ин падидаи навини иқтисодиро таҳқиқ ва пешниҳод намуданд, ки таҷрибаи хориҷии рушди инноватсионии раванди микромолиякунониро тибқи равишҳои зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст [14,с.49, 61].

**Расми 1. Таҷрибаи хориҷии равишҳои инноватсионии маблағгузории хурд**
**Figure 1. Foreign experience of innovative microfinance approaches**




Албатта, мо ин таҳқиқотро қабул дорем ва он барои афзуншавии донишҳои мо дар ин самт мусоидат мекунад. Ҳамзамон, мо дар ин радиф пешниҳод мекардем, ки агар ғояи микромолиякунонӣ (фалсафаи фаъолияти ТМХ) ва бунёди асосҳои ҳуқуқию меъёрии рушди маблағгузориҳои хурд ба он замима мегардид, нақшаи мазкур боз ҳам комилтар мегардид.

**Хусусиятҳои барқароршавӣ ва рушди бозори микромолиявӣ дар Тоҷикистон.** Рушди маблағгузории хурд ва институтҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои умумӣ бо тамоюли умумиҷаҳонӣ ва таҷрибаҳои хориҷӣ мебошад. Аммо баробари ин, дар ҷумҳурии мо он бо як қатор махсусиятҳои хос фарқ мекунад, ки ба вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ, махсусияти ҷуғрофӣ ва нокомилии муайяни институтсионалии бозори ташаккулёбандаи ватанӣ вобаста аст. Баъзе хусусияти фарқкунандаи бозори микромолиявии Тоҷикистонро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: фарқияти назаррас дар байни талабот ва пешниҳод дар бозори хизматрасониҳои маблағгузориҳои хурд; мавҷудияти ҳадафҳои ғайритиҷоратӣ дар фаъолияти ТМХ; фишори ташкилотҳои сектори молиявии расмӣ дар бозори пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии хурд; ҳавасмандсозии начандон фаъоли бонкҳои ватанӣ дар таҳия ва амалисозии барномаҳои худии микромолиявӣ; истифодаи нисбатан ками речаи имтиёзҳо ба ТМХ барои рушди бозори хизматрасониҳои микромоливӣ; начандон фаъол будани механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва дастгирии буҷетии раванди микромолиякунонӣ; дар зинаи ташаккул қарор доштани сегментатсияи бозори микромолиякунонии ҷумҳурӣ.

**Махсусиятҳои маблағгузориҳои хурд дар мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешқадам**. Тамоми заминаҳо барои амалисозии муваффақонаи барномаҳои маблағгузории хурд дар мамлакатҳои аз ҷиҳати саноати пешрафта, аз қабили ИМА, Фаронса, Олмон, Британияи Кабир, Канада, Шветсия ва ғайра мавҷуданд.

Дар ин мамлакатҳо бозори маблағгузории хурд ба сифати фишанги самараноки ҳалли вазифаҳои иҷтимоие ба монанди коҳиши сатҳи бекорӣ, расонидани кумаки молиявӣ ба шаҳрвандони аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир аз ҳисоби амалисозии иқтидорҳои эҷодӣ ва соҳибкории онҳо; таъмини муттаҳидшавии безиёни муҳоҷирон ва кӯчбастагони ҷомеа истифода бурда мешавад. Маблағгузории хурд дар мамлакатҳои рушдёфта бо иҷрои доираи васеи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ: аз дастгирии қишри камбизоати аҳолӣ то ҳавасмандсозии ташаббусҳои соҳибкорӣ, аз тарафи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҳам аз ҷониби муассисаҳои махсуси давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои мазкур имконият медиҳад, ки ба қишри камбизоати аҳолӣ кумаки аз ҷиҳати миқёс калонро расонанд. Дар ин маврид дар бисёре аз ин мамлакатҳо ду методи мубориза алайҳи факр мавҷуд аст: 1) дастгирии субсидияшавандаи молиявӣ ба камбизоатон; 2) пешниҳоди имконият барои машғул шудан ба бизнес. Дар ҳолати дуввум низ барои омӯзиши малакаҳои соҳибкорӣ ва идораи бизнес кумаки калон расонида мешавад [3,с.9].

Ҳиссаи аҳолӣ дар ИМА, ки ба хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ фаро гирифта нашудаанд, танҳо 5-6%-ро ташкил медиҳад, ки ин ҷиҳат онро аз давлатҳои нисбатан камрушдёфта фарқ мекунонад. Равишҳои мазкур дар ИМА на танҳо ба танзими бозори маблағгузории хурд нигаронида шудааст, балки ба таҳияи меъёрҳо ва ҷанбаҳои таъминкунандаи арзёбии фаъолияти институтҳои молиявие, ки дар идораи давлат мебошанд; тартиби пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ва қарзҳои мақсаднок; таҳияи талаботи қонунгузориҳои танзимкунандаи тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои арзон ва мақбули молиявӣ равона шудаанд. Ҳама ташкилотҳои давлатӣ ба кори барномаҳои пешниҳоди қарздиҳои субсидияноки мақсаднок ҷалб карда шудаанд. Дар байни онҳо чунин ташкилотҳоро метавон ном бурд: Хонаи федеролии қарздиҳии ипотекӣ (Freddie Mac), Ассосиатсияи миллии федеролии ипотекӣ (Fannie Mae), Агентии рушди бизнеси хурд, Институти молиявии рушди иҷтимоӣ, ки ҳамаи онҳо маблағҳояшонро ба ташкили рушди иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ба аҳолии осебпазир равона мекунанд [17,с.80].

Дар байни давлатҳои тараққикардаи саноатии Аврупои Ғарбӣ маблағгузории хурд беш аз ҳама дар Фаронса инкишоф ёфтааст. Он аз соли 2005 дар ин мамлакат соҳаи афзалиятнок эълон шудааст. Дар доираи барномаи махсуси таъсисёфта ба фаъолияти мустақили соҳибкории аҳолӣ дастгирии молиявӣ расонида мешавад. Дар ин ҷо ташкили бизнеси нав ҳамчун яке аз роҳҳои самараноки таъмини шуғли коргарони кироя дониста шудааст, ки ин дар навбати худ ба коҳиши сатҳи бекорӣ дар мамлакат оварда мерасонад. Барномаи маблағгузории хурдро дар Фаронса Фонди иҷтимоии ягона амалӣ месозад, ки барои шаҳрвандони бекори хоҳишманди бизнеси худро ташкилдиҳанда кафолати қарз пешниҳод мекунад, ҳамчунин, қарзҳои хурдро ба андозаи аз 500 то 2000 евро ба аҳолии дорои даромади кам пешниҳод мекунад [18,с.309].

**Ҷадвали 2. Сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 2. Poverty level in the Republic of Tajikistan**

| **Тамоюлҳои сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | |
|---|---|---|
| **Солҳо** | **Аҳолӣ** | **Сатҳи камбизоатӣ** |
| 2015 | 8,551 млн.нафар | 31,3% |
| 2016 | 8,742 млн.нафар | 30,3% |
| 2017 | 8,931 млн.нафар | 29,5% |
| 2018 | 9,1 млн.нафар | 27,8% |
| 2019 | 9,3 млн.нафар | 27,5% |
| **Сатҳи камбизоатӣ дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон дар соли 2019** | | |
| - Дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ | | 21,5% |
| - Дар деҳоти ҷумҳурӣ | | 30,2% |
| **Сатҳи камбизоатӣ дар манотиқи кишвар дар соли 2019** | | |
| -Дар вилояти Суғд | | 15,4% |
| -Дар вилояти Хатлон | | 32,8% |
| -Дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | | 29,7% |
| -Дар ноҳияҳои тебеи марказ | | 32,5% |
| - Дар ш.Душанбе | | 15,4% |
| **Мавқеи Тоҷикистон дар радабандии байналмилалии камбизоатӣ, дар соли 2019** | | |

| Мавқеъ (ҷой) | Кишвар | GDP-PPP ($) |
|---|---|---|
| 1 | Қатар | 132,886 $ |
| 55 | Русия | 29,642 $ |
| 57 | Қазоқистон | 28,849 $ |
| 70 | Туркманистон | 20,411 $ |
| 120 | Ӯзбекистон | 9,000 $ |
| 150 | Қирғизистон | 4,056 $ |
| 157 | Тоҷикистон | 3,589 $ |
| 191 | Бурунди | 727 $ |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумоти «Сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон: беҳбудӣ ё баръакс-26.11.2020, Sputnik Тоҷикистон (sputnik-tj.com)» таҳия гардидааст.

Дар баъзе мамлакатҳо, аз он ҷумла ИМА, механизмҳои ҳавасмандсозие истифода мешаванд, ки ба паҳншавии хизматрасониҳои бонкӣ дар бозорҳои маблағгузории хурди сатҳи поёнтар мусоидат менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар ду ҳолат маблағгузории хурд бо амалисозии вазифаҳои худ шакли аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, ҳамчун бизнеси ҳамоҳангшудаи иқтисодию иҷтимоӣ баромад мекунад. Зеро мавқеи Тоҷикистон дар радабандии байналмилалии сатҳи камбизоатӣ начандон таскинбахш аст (ниг. ҷадвали 2). Аз ин рӯ, омӯзиш ва имконоти истифодаи ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷии дар ин мақола зикршуда барои ҷумҳурии мо низ муфид арзёбӣ мегардад: 1) барои хонаводаҳо: микромолиякунонӣ ба афзоиши даромади хонаводаҳо мусоидат намуда, барои рушди сармояи инсонӣ имконият фароҳам меоварад; 2) барои ашхоси воқеӣ, инфиродӣ, аз ҷумла барои бекорони дорои неруи эҷодӣ ва соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки барои оғози ин ва ё он фаъолият сармоя дастрас намуда, ягон намуди машғулияти фоидаоварро ташкил намоянд; 3) барои корхонаҳои хурд ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) метавонад сарчашмаи беминати такрористеҳсоли одӣ ва васеъкунии истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ бошад; 4) дар сатҳи макро- иқтисодиёт ба афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ мусоидат мекунад; 5) пардохти андозҳо ба буҷаи давлат афзун мегарданд; 6) барои таъмини талаботи аҳолии камбизоат бо пули нақд дар мавриди ҳалли мушкилоти иҷтимоии онҳо сарчашмаи бозътимоди қарзӣ маҳсуб меёбад; 7) дар ҳолати дуруст ба роҳ мондану танзими оқилона ин падидаи иқтисодӣ метавонад барои аҳолии камбизоат ҳамчун ёрии таъҷилӣ хизмат кунад.

**Муқарриз: н.и.и., муаллими калон Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Анализ тенденции развития микрофинансовой деятельности в Таджикистане // Бизнес и политика. - 30 марта 2006г. -№12.
2. Бонки миллии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. http://nbt.tj/tj (санаи муроҷиат 03.11.2021).
3. Гладкова В.Е. Роль и место микрофинансирования в современной кредитной системе: монография / В.Е. Гладкова. -М.: Наука и образование, 2012. -126 с.
4. Карлос А. Учебные планы и учебные материалы по курсу «Микрофинансирование» / А. Карлос, Х.С. Шилендер, М. Харпер // Концепция, практика и руководство финансовым посредничеством для бедных слоев населения. -Ананд (Гуджарат), Индия, 2002. -С.16-23.
5. Кульматова Р.У. Микрофинансирование в странах с переходной экономикой / Р.У. Кульматова // Финансы и кредит. - 2008. -№33. -С.69-77.
6. Микрокредиты от Grameen Bank: бороться с бедностью, а не с бедными. [Электронный ресурс]. URL: http://www.webstandart.net/magaz.php?aid=8324.
7. Мухаммад Юнус. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.for-real-man.info/content.php?id=97 (санаи муроҷиат 19.05.2021).
8. Нормы ОНД/БФТ: их значение для поставщиков финансовых услуг, работающих с малоимущим населением. Обзорная статья: CGAP №29. Вашингтон, Округ Колумбия: CGAP, июль 2005.; Microfinance Market Outlook 2016. [Электронный ресурс]. http://www.responsability.com/investing/data/docs/en/17813/ Microfinance- Outlook-2016-EN.pdf.; Машрапова Н.У. и др. Финансовая доступность и микрофинансирование. Вставка2.3. Исламское микрофинансирование. -Ташкент, 2018. -С.48,265.
9. Овчиян М.Р. Концепция развития микрофинансирования в Республике Беларусь на 2010–2015 годы / М.Р. Овчиян, Ю.В. Малафей. -Мн., 2009.
10. Панаедова Г.И. К вопросу о формировании в Российском рынке системы микрофинансирования / Г.И. Панаедова // Финансы и кредит.-2009.-№15.-С.2-6.
11. Сомонаи CGAP. [Манбаи электронӣ]. URL: http: //www. cgap. org/p/site/c/tem plate. rc. (санаи муроҷиат 21.09.2021).

12. Сомонаи Nexit.ru. [Манбаи электронӣ]. URL: http://nexir.ru/referaty/gosudarst vennay politika-v-oblasti-razvitiya-mikrofi nansirova (санаи муроҷиат 17.07.2021).
13. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев. -Душанбе: Ирфон, 2006. –140 с.
14. Таджибаева, Д.А. Финансовая доступность и микрофинансирование [Текст]: учебное пособие / Д.А. Таджибаева, У.А. Бурханов, Н.У. Машарипова. -Ташкент: Baktria press, 2018. - 304 с.
15. Цуциев М. Микрофинансирование - средство борьбы с бедностью и резерв экономического роста / М. Цуциев // Бюджет. - 2007. -№6. [Электронный ресурс]. URL: http://bujet.ru/article/18969.p.
16. Цхададзе Н.В. Микрофинансирование за рубежом: опыт решения социальных задач / Н.В. Цхададзе. [Электронный ресурс]. URL:http:// /cyberleninka.ru /article/n/ mikrofinansiro vanie-za-rubezhom-opyt-resheniya-sotsialnyh-zadach/viewer (дата обращения 14.10.2021).
17. Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг: мировой опыт/ материалы конференции / Н.В. Цхададзе // Наука в современном мире. –М., 2016. -№10(14). -С.80-90.
18. Цхададзе Н.В. Рынок микрофинансовых услуг как социально ориентированный бизнес / Н.В. Цхададзе // Перспективы развития экономики и менеджмента. Сборник научных трудов по итогам международной научно-практической конференции. -Челябинск, 2016. -С.29-43.
19. Шакер, Н.С. Регулирование рынка микрофинансирования: факторы развития [Текст] / Н.С. Шакер // Банковские услуги. – 2016. -№11. -С.6-9.
20. Bank of the Lao PDR Financial Institution Supervision Department // Statistics of Microfinanse: Bank of Lao PDR, GIZ. - 2012. -P.22-23.

## ТАҶРИБАИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД ДАР МАМОЛИКИ ХОРИҶӢ

Дар шароити имрӯза рушди микромолиякунонӣ яке аз воситаҳои асосии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Микромолиякунонӣ ба ҳалли вазифаҳои муҳимтарин, аз қабили паст кардани сатҳи камбизоативу бекорӣ, инчунин дастгирии соҳибкории хурд мусоиадт менамояд. Дар мақолаи мазкур зикр мегардад, ки ташкилотҳои микромолиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи низоми иқтисодии кишвар буда, ба ин восита дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ барои субъктони хоҷагидории хурд ва табақаҳои васеи аҳолӣ мусоидат менамояд. Дар мақола ба рушди микромолиякунонии кишварҳои хориҷаи дорои иқтисоди бозорӣ ва иқтисодиёти давраи гузариши давлатҳои Аврупо, ИМА, ИДМ диққати махсус дода шудааст. Аз ҷумла, маллифон механизмҳои микромолиякунонӣ ва хусусиятҳои моделҳои, амрикоӣ, амрикои лотинӣ, аврупоӣ ва осиёгии микромолиякуниниро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Муаллифон қайд менамоянд, ки ташаккул ва рушди микромолиякунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қиёс бо кишварҳои хориҷӣ вобаста ба шароитҳои ҷуғрофӣ, ҷойгиршавӣ, институтҳо ва ҳолати бозори кишвар хусусиятҳои худро дорад. Ҳамчунин, муаллифон дар асоси таҳлил муайян намуданд, ки бо вуҷуди бартариву камбудиҳояшон ва духелагии фалсафаи фаъолияташон институтҳои микромолиякунонӣ дар тули якчанд даҳсола роҳи хело ҳам ҷиддиро тай намуда, ба фаҳмиши ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти арзи вуҷуд намудану зарурати фаъолияти худро расонида тавонистанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дар асоси таҳлилу тадқиқи натиҷаҳои фаъолияти онҳо, ташкилоту муассисаҳои микромолиявиро ҳамчун як ҷузъи зарурӣ дар механизми мубориза бар зидди қашшоқию паст намудани сатҳи камбизоатӣ қабул дорад. Имрӯзҳо онҳо дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмиллалӣ барои паст кардани сатҳи қашшоқию камбизоатӣ дар курраи Замин фаъолият намуда истодаанд.

**Калидвожаҳо:** микромолиякунонӣ, соҳибкорӣ, тиҷорати хурд, бекорӣ, барномаҳои микромолиякунонӣ, қарзҳои хурд, хизматрасониҳои молиявӣ, минтақа, институтҳои микромолиякунонӣ.

## ОПЫТ РАЗВИТИЯ МИКРОФИНАНСИРОВАНИЯ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ

В современных условиях развития микрофинансирование выступает одним из инструментов развития экономики. Микрофинансирование способствует решению важнейших задач, таких как преодоление бедности и безработицы, поддержка малого бизнеса. В статье отмечается, что микрофинансовые организации являются составной частью экономической системы страны и тем самым способствуют популяризации финансовых услуг, делая их более доступными для субъектов малого предпринимательства и широких слоев населения. Особое внимание в статье уделяется вопросам развития микрофинансирования в зарубежных странах с рыночной и переходной экономикой, странах Европы, США, СНГ. В частности, анализируются механизмы микрофинансирования, раскрываются особенности американской, латиноамериканской, европейской, российской, азиатской моделей микрофинансирования. Авторы отмечают, что формирование и развитие микрофинансирования в Республике Таджикистан, по сравнению с зарубежными странами, имеет свои особенности, зависящие от географического местоположения, институционального и рыночного состояния страны. Также аторы на основе анализа определили, что несмотря на преимущества и недостатки, несмотря на двойственность философии микрофинансовые институты в течение нескольких десятилетий прошли серьёзный путь и смогли донести до сознания мирового сообщества суть своей деятельности. Международное сообщество на основе анализа и исследования результатов своей деятельности признало микрофинансовые организации и институты необходимой частью механизма борьбы с бедностью. Сегодня они работают в партнерстве с правительственными и неправительственными организациями и международными организациями, чтобы искоренить бедность на планете.

**Ключевые слова:** микрофинансирование, предпринимательство, малый бизнес, безработица, микрофинансовые программы, микрозаймы, финансы, финансовые услуги, регион, микрофинансовые институты.

**DEVELOPMENT EXPERIENCE MICROFINANCE ABROAD**

In modern conditions of development, microfinance is one of the tools for economic development. Microfinance contributes to solving the most important tasks, such as overcoming poverty and unemployment, supporting small businesses. The article notes that microfinance organizations are an integral part of the country's economic system and thereby contribute to the popularization of financial services, making them more accessible to small businesses and the general population. Particular attention is paid to the development of microfinance in foreign countries with market and transition economies, Europe, the USA, and the CIS. In particular, the author analyzes the mechanisms of microfinance, reveals the features of the American, Latin American, European, Russian, Asian models of microfinance. The authors note that the formation and development of microfinance in the Republic of Tajikistan, in comparison with foreign countries, has its own characteristics, depending on the geographical, location, institutional and market conditions of the country. On the basis of the analysis, the organizers also determined that despite the advantages and disadvantages, despite the duality of philosophy, the activities of microfinance institutions over the course of several decades have passed a very serious way and were able to convey the essence of their activities to the consciousness of the world community. International community, on the basis of analysis and research of the results of its activities, recognized microfinance organizations and institutions as a necessary part of the mechanism for fighting poverty. Today they work in partnership with governmental and non-governmental organizations and international organizations to eradicate poverty on the planet.

**Keywords:** microfinance, entrepreneurship, small business, unemployment, microfinance programs, microloans, finance, financial services, region, microfinance institutions.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Тагоев Ҷумъахон Ҳамроевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-90-68-74**. E-mail: **tagoev_d@mail.ru**
***Файзуллоев Толибҷон Тоҳирович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93-600-14-01.** E-mail: **tolib-89@inbox.ru**
***Вазирзода Дилором Раҷабмад*** **–** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб номи А.Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи молия ва қарз. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 985-46-46-93.** E-mail: **dilorom_1988@inbox.ru**

**Сведение об авторах:** ***Тагоев Джумъахон Хамроевич*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-90-68-74.** E-mail: **tagoev_d@mail.ru**
***Файзуллоев Толибджон Тохирович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93-600-14-01**. E-mail: **tolib-89@inbox.ru**
***Вазирзода Дилором Раджабмад*** **–** Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, старший преподаватель кафедры финансов и кредита. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 985-46-46-93**. E-mail: **dilorom_1988@inbox.ru**

**Information about the authors:** ***Tagoev Jum'akhon Khamroevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Management of the Agroindustrial Complex. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-90-68-74.** E-mail: **tagoev_d@mail.ru**
***Fayzulloev Tolibjon Tohirovich*** - Tajik National University, candidate of economic sciences, senior lecturer at the Department of Economics and Management of the Agroindustrial Complex. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93-600-14-01.** E-mail: **tolib-89@inbox.ru**
***Vazirzoda Dilorom Rajabmad*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, senior lecturer of the department of finance and credit. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone: **(+992) 985-46-46-93.** E-mail: **dilorom_1988@inbox.ru**

**УДК:33.001.76**

# НИЗОМИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ТАҲЛИЛИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ ТАШКИЛОТ

***Асаналишоев Ғ.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ, ҳам дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи кишвари соҳибистиқлол соҳибкории инноватсионӣ яке аз омилҳои асосии рушди тамоми иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила он бо чунин самтҳо, ба монанди татбиқи технологияҳои захирасарфакунанда, бепартов, сарфа кардани хароҷоти истеҳсолӣ, инчунин таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст.

Рушд ва мураккабшавии раванди инноватсионӣ истифодаи равиши комплексии системавиро тақозо менамояд, ки моҳияти он баррасии инноватсия дар шакли системаи мустақил буда мақсади ниҳоии он таъмини фаъолияти дарозмуддати субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф механизми иқтисодии идоракуниро таҳия кардан лозим аст, ки ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои инноватсионӣ ва эҷоди маҳсулоти рақобатпазири инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Ташкилотҳои муосир, сарфи назар аз намуд, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, баҳисобгирии молу мулк, уҳдадориҳо, сармоя ва дигар нишондиҳандаҳоро пеш мебаранд. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун низоми иттилотӣ маълумоти пурра ва боэътимодро оид ба фаъолияти хоҷагӣ ташкил менамояд, ки он бораи равандҳои иқтисодӣ ва натиҷаҳои фаъолияти корхона, барои идоракунии фаврӣ зарур аст. Дар адабиёти иқтисодӣ барои ташкили баҳисобгирӣ дар корхона равишҳои гуногун пешниҳод гардидааст.

Бо вуҷуди ин, тағйироти сершумор дар ҳисобдорӣ ва қонунгузорӣ оид ба андоз ин равандро нотамом мегузорад ва муҳосибони амалкунандаро маҷбур мекунад, ки усулҳои самараноки нав ва сабти иттилооти бештарро ҷустуҷӯ кунанд.

Ҷараёни муосири ҳаракати ҳамаи равандҳо (технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва ғайра) вокуниши хеле зуд ва босифати воҳидҳои институтсионалиро ба тағйиротҳои рухдода тақозо мекунад. Моҳияти фаъолияти инноватсионӣ дар истифодаи навовариҳои дар ҳаёти рӯзнома ва фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодию ғайри иқтисодӣ ифода меёбад.

Айни ҳол ақидаи фаъолияти инноватсионӣ бештар дар ташкилотҳои инноватсионӣ паҳн гардидааст, аммо воқеият дар он аст, ки он ба ҳама намуди ташкилотҳо новобаста аз намуди фаъолият, ки дар ҳолати рушду инкишоф қарор доранд, хос аст. Рушди ҳаматарафаи фаъолияти инноватсионӣ ба гуногунӣ ва зарурати ба низом даровардани он оварда расонид, ки амаликунандаи он омор ба шумор меравад.

Дар омор чунин намудҳои фаъолияти инноватсиониро аз ҳам фарқ мекунанд:

- ✓ таҳқиқот ва рушд;
- ✓ омодагии инструменталӣ ва ташкили истеҳсолот, ки ба даст овардани таҷҳизот ва воситаҳои истеҳсолӣ, тағйирот дар онҳо инчунин тартиб, усул ва стандартҳои истеҳсолот ва назорати сифатро барои истеҳсоли маҳсулоти нав ё раванди истифодабарии технологияи нав фаро мегирад;
- ✓ лоиҳакашии истеҳсолӣ, дизайн ва коркардҳои иловагии (ба таҳқиқот ва таҳия вобаста нестанд) маҳсулоти нав, хизматрасонӣ ва усулҳои истеҳсол (интиқол)-и онҳо, равандҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла таҳияи нақша ва лоиҳа, ки барои муайян намудани расмиёти истеҳсолот, шартҳои техникӣ, хусусиятҳои амалиётӣ, ки барои эҷоди назария, рушди истеҳсолот, маркетинги маҳсулоти нав, равандҳо ва хизматрасонӣ заруранд;
- ✓ ба даст овардани технологияҳои моддӣ-мошинҳо ва таҷҳизот, мувофиқи таъиноти технологии онҳо бо ҷорӣ намудани инноватсияи технологӣ ва ғайра;
- ✓ ба даст овардани технологияҳои ғайримоддӣ аз берун дар шакли патент, иҷозатнома (аҳдномаҳо) барои истифодабарии ихтироот, намунаҳои саноатии моделҳои зарурӣ, ифшои ноу-хау, инчунин хизматрасониҳои технологӣ, ба даст овардани барномаҳо бо татбиқи инноватсияи технологӣ;

- ✓ омӯзиш, тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳо, барои ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ;
- ✓ тадқиқоти маркетингӣ.

Чунин таснифи намудҳои фаъолияти инноватсионӣ имкон медиҳад, ки се шакли асосии инноватсияи, дар ҳама намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мавҷудбуда аз ҳам фарқ карда шаванд:

1) технологӣ (маҳсулотӣ ва равандӣ);
2) ташкилӣ;
3) маркетингӣ.

Аз нуқтаи назари фаъолияти хоҷагидорӣ омор инноватсияро дар самтҳои зерин ба низом медарорад:

- саноати истихроҷ, соҳаҳои истеҳсолӣ, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ, об;
- соҳаи алоқаву истифодаи технологияи иттилоотӣ ва техникаи ҳисоббарор.

Яъне, дар асл, танҳо секторҳои ашёи хом ва секторҳои иттилоотии иқтисодиёт маҳдуд карда шудаанд.

Инноватсияи технологӣ натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ дар шакли маҳсулоти нав ё мукаммалшуда ва ё хизматрасониҳое мебошад, ки ба бозорҳои нав, ё ба равандҳо хизматрасонӣ нигаронида шудаанд. Инноватсияҳои технологӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ва соҳаи хизматрасонӣ ба ду навъ тақсим мешаванд: инноватсияи маҳсулот, инноватсияи раванд.

Инноватсияи маҳсулот ҷорӣ намудани маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ нав ва такмилёфтаро дар бар мегирад. Ҷорӣ намудани маҳсулоти нав тавассути навоварии куллии маҳсулот иҷро карда мешавад. Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ хусусиятҳои функсионалии он, сифат, ашё ва қисмҳои конструктивии дар он истифодашуда аз маҳсулоти қаблан истеҳсолшуда бояд фарқ дошта бошанд. Чунин навовариҳо ба технологияҳои куллан нав ё такмили технологияҳои мавҷуда дар самти истифодаи онҳо асос меёбанд. Такмили технологии маҳсулот ба маҳсулоти марбута дахл дорад, хусусиятҳои сифатӣ ё арзиши он аз ҳисоби истифодаи ҷузъҳои бештар самараноки мавод, инчунин тағйироти ночиз дар як ё якчанд зерсистемаҳои техникӣ (барои маҳсулоти мураккаб) ба таври назаррас беҳтар карда мешаванд.

Инноватсияи равандӣ ин татбиқи усулҳои нави технологӣ ё ба таври назаррас такмилёфтаи истеҳсолот, аз ҷумла усулҳои интиқол ва таҳвили маҳсулот мебошад. Ин навовариҳо асосан ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ё интиқоли маҳсулоти дар корхона мавҷудбуда равона карда мешавад ва, инчунин, метавонанд барои истеҳсол ва таъминоти маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ нав ё такмилёфтае истифода шаванд, ки бо усули аънанавӣ истеҳсол карда нашудаанд.

Инноватсияи маҳсулот таҳия ва татбиқи хидматҳои комилан нав, такмили хизматҳоро дар асоси илова намудани функсияҳо ё хусусиятҳои нав, беҳбудиҳои назаррас дар хизматрасонӣ (масалан, дар суръат, самаранокӣ) дар бар мегирад. Инноватсияи раванд таҳия ва татбиқи такмилоти нав ё назарраси тарзи истеҳсол ва пешниҳоди хизматҳоро дар бар мегирад.

Инноватсияҳои ташкилӣ усулҳои қаблан маъруфи тиҷорат, ташкили кор ва робитаҳои хориҷиро ифода мекунанд. Мақсади асосии он баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхона тавассути коҳиш додани хароҷоти маъмурӣ ва муомилот, баланд бардоштани дараҷаи таъминот ва қобилияти дастрасӣ ба бозорҳои нав мебошад.

Инноватсияҳои маркетингӣ усулҳои нави маркетингӣ ё ба таври назаррас такмилёфта, аз ҷумла тағйироти назаррасро дар тарҳрезии усулҳои фурӯш ва пешниҳоди молҳо, корҳо, хизматҳо ва таблиғ ба бозорҳои фурӯш, истифодаи стратегияҳои навро дар бар мегиранд. Навовариҳои маркетингӣ ба баланд бардоштани ҳаҷми фурӯш тавассути васеъ кардани ҳайати истеъмолкунандагони маҳсулот, хизматрасонӣ ва пурратар қонеъ гардонидани талаботи онҳо, ба азхудкунии бозорҳои нави фурӯш равона карда мешавад.

Мушоҳида ва тадқиқотҳо нишон дод, ки ташкилотҳо ҳангоми эҷоди навовариҳои технологӣ ба манбаъҳои дохилии иттилоот, ба таваҷҷуҳи истеъмолкунандагони молҳо ва хизматҳо ба маълумоте, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад, такя мекунанд.

Айни замон, сатҳи ҷалби иттилооти илмӣ, ҳам профили таълимӣ ва ҳам соҳавӣ, дар истеҳсолот ниҳоят паст аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои соҳаи фаъолияти марбут ба таҳқиқот ва рушд сатҳи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои илмӣ камтар аз чор фоизро ташкил медиҳад. Инчунин, байни корхонаҳои инноватсионӣ ва муассисаҳои илмӣ, амалан робитаи қавӣ вуҷуд надорад. Чунин тафовут байни илм ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ боиси он мегардад, ки ташкилотҳо маҳсулоти инноватсиониро як маротиба баровардa, ба такмилу навсозӣ ва дигаргунии минбаъдаи он машғул мешаванд. Маҳсулоти нав ба вуҷуд оварда намешавад, дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот истифода намешаванд. Ин самти рушд на танҳо падидаи инқилоби илмию техникӣ, балки пешрафти илмию техникиро низ ғайриимкон месозад.

Ҳамин тариқ, набудани татбиқи дастовардҳои илм дар истеҳсолот ба сатҳи амалан пасти нававарии фаъолияти инноватсионӣ оварда расонид, ки аслан он монеаи ҷиддӣ барои нуфузи корхона ҳисоб мешавад. Дар ҷараёни таҳлили фаъолияти инноватсионӣ маълум гардид, ки он дар ду самт рушд мекунад:

1) такмили навовариҳои мавҷуда (мукаммалгардонӣ);

2) эҷоди маҳсулоти нав (ихтирооту кашфиёт).

Барои ин усулҳои гуногуни баҳисобгирии идоракунӣ лозиманд, ки дар блокҳои шашум ва ҳафтуми система, ки мо поёнтар онҳоро қайд кардаем, татбиқ карда мешаванд.

Дар асоси таҳлил амалияи ҷории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, системаи баҳисобгирӣ ва идоракунии таҳлили фаъолияти инноватсионии ташкилот таҳия карда шудааст, ки он дар ҳафт блок амалӣ карда мешавад:

1) модели фаъолияти инноватсионии ташкилот;
2) модели тақсимоти донишҳо дар нававарии ташкилотҳо;
3) модели ташкили баҳисобгирии фаъолияти инноватсионии ташкилот;
4) баҳисобгирӣ ва идоракунии таҳлили сармояи иҷтимоӣ;
5) баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили иҷораи сармояи иқтидорҳои дохилӣ ва берунӣ;
6) модели идоракунии баҳисобгирии фаъолияти инноватсионии ташкилот (ҳангоми такмили навовариҳо);
7) пешгӯии баҳисобгирӣ (ҳангоми эҷоди маҳсулоти нави инноватсионӣ ва ташаккули тартиби нави технологӣ).

Система ҳалли комплексии мушкилотро дар асоси муайян кардани хусусиятҳо ва қолабҳои фаъолияти инноватсионӣ, ки дониш дар пояи он ҷойгир аст, пешбинӣ менамояд: ташаккули принсипҳои пешбурди баҳисобгирӣ; муайян кардани намудҳои хоси моликият ва идоракунии баҳисобгирӣ ва таҳлили онҳо; идоракунии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳҳои гуногуни рушд ва ғайра.

Инсон барандаи дониш ҳамчун сарват аст. Вай бояд ба омӯзиш ва бозомузӣ майл дошта бошад, донишҳои нав қабул кунад ва бо қобилияти эҷодии худ фарқ кунад. Баҳисобгирии муҳосибии имрӯза талаботи иттилоотии роҳбарони сатҳҳои гуногунро қонеъ намекунад ва ҳисоботи муҳосибӣ барои қабули қарорҳои фаврӣ ва стратегӣ бо истифодаи маълумоти он кофӣ нест. Ҳамгироии объективӣ ва зарурии усулҳои идоракунӣ бо низоми ягонаи баҳисобгирии идоракунӣ мавҷуд аст, аммо онҳо дар иқтисоди мутамарказ таҳти назорат қарор доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои методология ва ташкили баҳисобгирӣ ва назорати хоҷагӣ, ки ба муҳити нави тиҷоратии субъектҳои иқтисодӣ мувофиқат мекунанд, ниҳоят муҳим мебошад [4,с.5].

Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ барои корхонаҳо хеле самаранок аст, ки инро таҷрибаи кишварҳои инноватсионии махсусан пешрафта тасдиқ мекунад. Иқтисодшиноси амрикоӣ Т.Шулс тавассути ҳисобҳои воқеӣ нишон дод, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ назар ба сармоягузорӣ ба технология фоидаовартар аст. Намунаи иқтисоди Ҷопон, ки аз захираҳои табиӣ бой нест, мисоли боварибахш аст: сабаби асосии рушди инноватсионии кишвар кӯшишҳои ба захираҳои инсонӣ нигаронида шуда гардиданд. Бояд гуфт, ки дар ба даст овардани иқтисодиёти Япония нақши асосно тафаккури миллӣ бозид.

Моҳияти дигари масъала дар истифодабарии донишҳо ниҳон аст. Дониш аз нуқтаи назари манфиати он барои ҷомеа муайян карда мешавад. Агар дониш ҳеҷ гоҳ аз ҷониби касе истифода нашуда бошад, пас арзиши (фоидаи) он ба сифр баробар аст. Қимати

дониш ҳар қадар зиёдтар бошад, ҳамон қадар аз истифодаи он аз ҷониби шумораи зиёди одамон натиҷаи баланд медиҳад. Ҳамин тавр, чизи асосӣ на танҳо ба вуҷуд овардани донишҳои нав, балки самаранок истифода бурдани он мебошад.

Самаранокии системаи баҳисобгирии идоракунӣ пурра аз дараҷаи сифати ташкил ва таъминоти методӣ, раванд, оқилона ва самаранокии сохтмони он вобаста аст [2,с.10]. Таҳияи заминаи ягонаи методологӣ, тавсияҳои методӣ оид ба чараёнҳои ташкили системаи баҳисобгирии идоракунӣ-муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидор ба истифодаи ҳисоби хоҷагӣ метавонад таъсири манфӣ расонад ва ба рушди фаъолияи корхонаҳои ватанӣ монеа эҷод кунад. Имкониятҳои зиёд барои баланд бардоштани сифати идоракунӣ бояд ба роҳ монда шавад [4,с.5].

Қайд кардан бамаврид аст, ки таҷрибаи кунунии баҳисобгирии хароҷот, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар фаъолият корхонаҳои ватанӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҷараёни инноватсиониро ҳамчун объекти алоҳидаи баҳисобгирӣ эътироф намекунанд. Хароҷоти дар давоми давраи навоварӣ амалишуда дар системаи баҳисобгирии ташкилотҳо мавқеи дурустро пайдо намекунад. Дар бисёр ҳолатҳо ин боиси ташкили баҳисобгирии ғайрисамараноки хароҷоти инноватисонӣ ва баҳои беэътимод ба самараи навоварӣ мегардад.

Методологияи ҷойдоштаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба истифодабарандагони манфиатдор ба таври воқеӣ базаи иттилоотӣ дар бораи хароҷоти ҳақиқии инноватсияро таъмин намекунад. Ин ба сабаби ҷой доштани нуқсонҳои асосии зерин марбут аст:

- набудани ҳуҷҷатҳои дурусти методӣ ва меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ оид ба фаъолияти инноватсионӣ;
- набудани баҳисобгирии таркибии синтетикӣ ва таҳлили дурусти хароҷоти воқеӣ барои муҳимтарин самтҳо, объектҳо, марҳилаҳои раванди инноватсионӣ ва манбаъҳои маблағгузории онҳо;
- имконнопазирии ба даст овардани маълумоти умумӣ оид ба арзиши хароҷоти воқеӣ барои объектҳои асосии фаъолияти илмию техникӣ;
- набудани робитаи дуруст байни маълумоти воқеӣ ва нақшавӣ (пешгӯӣ) оид ба арзиши лоиҳаи инноватсионӣ;
- дараҷаи пасти истифодаи унсурҳои баҳисобгирии меъёрӣ, ба вуҷуд овардани маълумот барои идоракунӣ, нокифоя кор карда баромадани баҳисобгирии натиҷаҳои ниҳоӣ оид ба роҳ мондани фаъолиятҳо дар самти татбиқи технологияи нав ва муайян кардани нақши ҳар як иштирокчӣ баҳри ба даст овардани самараи иқтисодӣ;
- назорати фаврӣ ва таҳлили чуқури иқтисодии хароҷот.

Бояд гуфт, ки хусусиятҳои комплексии инноватсионӣ имкон намедиҳанд, ки ҳангоми баҳисобгирии муҳосибӣ ягон стандарти мушаххас ҳамчун дастур истифода бурда шавад. Айни замон яке аз камбудиҳои асосии корхонаҳо ташкили баҳисобгирии инноватсионӣ мебошад, ки системаи ягона ва мукаммали ҳисобу китоби дороиҳо мавҷуд нест ва баҳисобгирӣ барои инъикоси хароҷот, даромад, натиҷаҳои молиявӣ барои корҳои тадқиқотӣ, фаъолияти ниҳоии корхона ва ҳисобҳои муҳосибиро боэътимод таъмин намекунанд.

Дар навбати худ, аз сабаби набудани тафаккури муайян дар бораи маҳсулоти инноватсионӣ ҳамчун объекти муҳосибӣ, ташаккули низоми ҳисобу китоби хароҷот барои чорабинҳои инноватсионӣ бояд барои иҷрои принсипҳои зерини амалигардонии он равона карда шаванд:

–баррасии маҳсулоти инноватсионӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти хосиятҳои ченкунии он;

–инъикоси инноватсия дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун объектҳои миқдории муайян ва алоҳида;

–ҷамъоварии хароҷот аз рӯи марҳилаҳои фаъолияти инноватсионӣ баҳисобгирии «инноватсия»»;

–васеъ намудани мундариҷа ва номгӯи объектҳои инноватсионии дар ҳисобгирии муҳосибӣ бо роҳи васеъ намудани фаҳмиши ахбор [5,с.73].

Ба андешаи мо, қадами муҳим ва аввалин дар амалигардонии низоми ҳисобгирӣ оид ба фаъолияти инноватсионӣ ин аз сохтор ҷудо намудани хароҷоти инноватсионии гурӯҳҳои зерин мебошад:

I. Хароҷоти маркетингӣ:

1) муайян кардани имкониятҳои бозор (барои маҳсулот ва хизматҳои нав)
2) озмоиши маҳсулоти (хизматрасонии) нав;
3) омода намудани хатҳои фурӯш;
4) фаъолияти таблиғотӣ;
5) тайёркунии (азнавтайёркунии) кормандони савдо.

II. Хароҷоти омодасозии технологии инноватсия:

1) иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (мустақилона ва ё бо ҷалби дигар ташкилотҳо);
2) хариди ҳуҷҷатҳои техникӣ (ноу-хау) ё иҷозатномаҳо барои истифодаи натиҷаҳои тадқиқот ва коркард;
3) хароҷоти иҷозатномадиҳӣ (сертификатсия)-и маҳсулоти (хизматрасонии) нав;
4) харидани таҷҳизоти нав, масолеҳ, маснуот ва маҳсулоти нимтайёр;
5) бозомӯзии (азнавтайёркунии) кадрҳои истеҳсолӣ.
6) инкишоф додани истифодаи таҷҳизоти нав, масолеҳ, маснуот ва маҳсулоти нимтайёр;
7) баровардани маҳсулоти нав (модернизатсияшуда).

Гурӯҳбандии мазкур мувофиқи моҳияти иқтисодии хароҷотии истифодашуда ба ташкили низоми ҳисобкунии хароҷотҳои инноватсионӣ оварда мерасонад ва инчунин объекти баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти инноватсиониро муайян мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар бисёр корхонаҳои ватанӣ хароҷотҳои маркетингӣ ҳамчун хароҷотҳои ҷорӣ ба инобат гирифта мешаванд. Яъне бояд гуфт, ки қисми зиёди онҳо, бахусус омодасозии (таъсиси) хати фурӯш, фаъолияти таблиғотӣ ва омӯзишии (азнавтайёркунии) мутахассисон оид ба фурӯш боиси хароҷоте мегардад, ки ба давраи ҳисоботии ҷорӣ вобастаанд. Хароҷоти марбут ба чунин фаъолият ҷуз сармоягузорие, ки дар оянда даромад меорад, чизи дигаре нест.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Бобиев И.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Авилкина, М.А. Методика бухгалтерского учета инновационного и сопутствующего продуктов в бюджетных организациях [Текст] / М.А. Авилкина // Вестник Полоцкого государственного университета. Сер. D, Экономические и юридические науки. – 2010. -№4. -С.146-153.
2. Азрилиян, А.Н. (ред) Большой экономический словарь / Под. ред. А.Н. Азрилияна. -М.: Институт новой экономики, 2008. – 209 с.
3. Барфиев К.Х. Основные направления система статистических показателей эффективного использования земельных ресурсов // Экономика и бизнес: теория и практика. 2016. №1. С.28-32.
4. Барфиев К.Х., Ҳукматов Д.Ҷ. Самаранокии низоми назорати дохилӣ (аудит) дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №3. – С. 5-8.
5. Эффективность системы внутреннего контроля (аудита) на предприятиях агропромышленного комлекса // Аудит и финансовый анализ. - 2015. -№4.
6. Балашова Н.Н., Горбачева А.С. Учетное обеспечение формирования инновационного бюджета субъекта агропромышленного бизнеса // Актуальные направления научных исследований в АПК: от теории к практике: материалы Национальной научно-практической конференции. - 2017. -С. 238-246.
7. Варданян С.А. Модель интеграции внутреннего аудита в структуру управления агрохолдингом // Научное обозрение: теория и практика. - 2018. -№12. -С.98-104.
8. Горбачева А.С., Чекрыгина Т.А. Развитие учетно-аналитического обеспечения системы управления производственными затратами организаций АПК // Известия Нижневолжского агроуниверситетского комплекса: наука и высшее профессиональное образование. – 2014. -№4(36). -С.255-261.
9. Голубева Е.В., Чернованова Н.В. Методические аспекты внедрения управленческого учета в учетную практику сельскохозяйственных предприятий // Известия Нижневолжского агроуниверситетского комплекса: наука и высшее профессиональное образование. – 2015. - №3 (39). – С. 241-246.
10. Имомёрбеков Ф.М. Обоснование необходимости государственной поддержки отечественных производителей в сфере услуг. Вестник Таджикского национального университета. - 2017. -№4. -С.8-13.
11. Егорова Е.М. Методика дифференциации управленческого учета в субъектах рынка // Концепция «Общества знаний» в современной науке: сборник статей Международной научно-практической конференции. – 2019. -С.36-39.

12. Румянцева, Е.Е. Новая экономическая энциклопедия / Е.Е. Румянцев. -М.: ИНФРА-М, 2011. – С. 455.
13. Особенности бухгалтерского учета процессов инновационной деятельности и рекомендации по его совершенствованию. Рура Ольга Викторовна, кандидат экономических наук, доцент, ФГАОУ ВО «Севастопольский государственный университет». Молодой учёный. Международный научный журнал. Еженедельно. - 2016. -№27(131).
14. Суворова С.П. Учетно-контрольная система за состоянием расчетов с покупателями [Электронный ресурс]. URL: http://gu-unpk.ru/public/file/archive/ecgum 4_2014_.pdf (дата обращения 10.11.2015).
15. Федоренко И.В., Золотарева Г.И. Аудит: учебник / Сиб. гос. аэрокосмич. ун-т. – Красноярск, 2010. – 470 с.

## НИЗОМИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ИДОРАКУНИИ ТАҲЛИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ ТАШКИЛОТ

Дар шароити тезонидани пешрафти илмию-техникӣ фаъолияти инноватсионӣ асоси инкишофи субъектҳои хоҷагӣ, гарави афзалиятҳои рақобатпазирии онҳо мебошад. Афзалиятҳои рақобатии муосири ширкатҳо бештар аз доштани захираҳои асосӣ ва дороиҳои моддӣ ва аз қобилияти муҳандисон дар таҳия ва татбиқи инноватсияҳо, ки боиси афзоиши сармоягузорӣ ба сармояи зеҳнӣ (ба ҷои физикӣ) мегардад, вобаста нестанд ва асоси пешравии иқтисодиёт дар асоси прогресси илмию техникӣ мебошад. Асоси илмии мақолаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки айни замон доираи васеи рушдро муносибатҳои иҷтимоӣ ташкил мекунанд ва бинобар ин ба яке аз сарчашмаҳои хеле муассири афзоиши моликият табдил меёбанд. Дар баробари ин, худи нишондиҳандаи моликият дар корхонаҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, дорои хусусияти нав гардида иқтидори дониши сифатиро инъикос мекунанд. Дар ин робита, масъалаҳои ташкили баҳисобгирӣ ва татбиқи идоракунии баҳисобгирии фаъолияти инноватсионии корхона аҳамияти хоса дорад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, муҳосибот, инноватсия, сармоя, идоракунӣ, фаъолият, низом, сифат, сармояи инсонӣ, рақобатпазирӣ, омор.

## СИСТЕМА УЧЕТНО-АНАЛИТИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ ОРГАНИЗАЦИИ

В условиях ускорения научно-технической прогресса инновационная деятельность является основой развития хозяйствующих субъектов, залогом их конкурентных преимуществ. Современные конкурентные преимущества компаний не зависят от наличия основных средств и материальных ценностей, и способности инженеров разрабатывать и внедрять инновации, что приводит к увеличению инвестиций в интеллектуальный капитал (вместо физического) и является основой экономического прогресса, основанного на научно-техническом прогрессе. Научная основа статьи состоит в том, что в настоящее время широкий спектр развития формирует общественные отношения и, следовательно, становится одним из наиболее эффективных источников роста собственности. В то же время показатель собственности на предприятиях, занимающихся инновационной деятельностью, имеет новый характер и отражает потенциал качественных знаний. В связи с этим особое значение приобретают вопросы организации бухгалтерского учета и внедрения бухгалтерского учета инновационной деятельности предприятия.

**Ключевые слова:** экономика, бухгалтерский учет, инновации, капитал, управление, деятельность, система, качество, человеческий капитал, конкурентоспособность, статистика.

## ANALYTICAL ACCOUNTING MANAGEMENT SYSTEM INNOVATIVE ACTIVITIES OF THE ORGANIZATION

In the context of the acceleration of the scientific and technological revolution, innovative activity is the basis for the development of economic entities, a guarantee of their competitive advantages. The modern competitive advantages of companies do not depend on the availability of fixed assets and material assets and the ability of engineers to develop and implement innovations, which leads to an increase in investment in intellectual capital (instead of physical) and is the basis of economic progress based on scientific and technological progress. The scientific basis of the article lies in the fact that at present a wide range of development forms social relations and, therefore, become one of the most effective sources of property growth. At the same time, the indicator of ownership in enterprises engaged in innovative activities has a new character and reflects the potential of high-quality knowledge. In this regard, the issues of the organization of accounting and the introduction of accounting for the innovative activity of the enterprise acquire particular importance.

**Keywords:** economics, accounting, innovation, capital, management, activity, system, quality, human capital, competitiveness, statistics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Асаналишоев Ғулом Айналишоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии иқтисодӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gylom@mail.ru.** Телефон: **(+992) 937-18-88-99**

**Сведение об авторе:** ***Асаналишоев Гулом Айналишоевич*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономического учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **gylom@mail.ru.** Телефон: **(+992) 937-18-88-99**

**Information about the author:** ***Asanalishoev Gulom Ainalishoevich*** – Tajik National University, Applicant for the Department of Economic Accounting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gylom@mail.ru**. Phone: **(+992) 937-18-88-99**

**УДК:338.15(575.3)**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ ХАДАМОТИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Абдуллоева Ш.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳалли мушкилоти экологӣ самти нави рушди бахши иҷтимоию иқтисодии аксарияти давлатҳо дар замони муосир мебошад. Ин ба болоравии талабот ба ҳолати сифати муҳити зист вобаста буда, сабаби зиёд шудани таъсиррасонии техногении ҳаёти инсон ба биосфера мебошад. Натиҷаи ин таъсиррасонӣ, экологикунонии иқтисодиёт тавассути дахолати бевоситаи давлат ва ташкили бозори хадамоти экологӣ ҳамчун бахши сохтори нави бозор ба ҳисоб меравад.

Барои таҳқиқи вазъи бозори экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо маводи пурра оид ба ахбороти тиҷорати экологӣ лозим мебошад, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи он омори расмӣ, ки динамикаи бозори маҳсулоти экологии Тоҷикистонро тавсиф ва таҳлил мекунад, оид ба ин масъала ахборот ниҳоят кам ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, аз рӯи аломатҳои муайяни бавосита, рушди бозори хадамоти экологиро роҳандозӣ намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, бозори хадамоти экологии ҷумҳурӣ ҳоло ҳам ба талаботи муосир ҷавобгӯ набуда, яке аз бахши муҳимми омӯзишро барои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳад.

Ташаккули пурраи иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо бе таъсиси бозори хадамоти экологӣ ҳамчун сегменти ғайримуқаррарӣ дар бозори хизматрасониҳо, технологияҳо ва нигоҳ доштани амнияти аҳолии ҷумҳурӣ ғайриимкон аст.

Бинобар ин, истеҳсолкунандагони маҳсулоти бозори экологӣ барои истеҳсоли маҳсулот технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаро пешниҳод мекунанд ва мустақиман худи молҳо бо истифодаи ин технологияҳо истеҳсол карда мешаванд. Ғайр аз он, он хизматрасониҳои марбут ба амнияти экологӣ (таҳия ва татбиқи технологияҳо барои сарфаи энергия ва ҳифзи муҳити зист), инчунин "баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ, доираи васеи хизматрасониҳои таҳлилӣ, тарроҳӣ, коршиносон ва машваратдиҳӣ"-ро пешниҳод мекунад.

Мақсади асосӣ ва татбиқи чунин амалҳо вобаста ба қонунгузории миллӣ, яъне, таъмини устувори захираҳои табиӣ ва ҳифзи онҳо мебошад. Илова бар ин, вай имкон медиҳад, ки маблағҳои ҷамъоваришударо, ки баъдтар барои фаъолияти махсус барои ҳифзи захираҳо истифода мешаванд, барои нигоҳдории инфрасохтори зарурии он равона карда шавад. Масалан, ҷорӣ намудани системаи пардохт барои истифодаи объектҳои нигоҳдории олами ҳайвонот, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муҳити истифодаи олами ҳайвонот (№990 аз 20 июли соли 1994)» дарҷ гардидааст ва Қонуни ҶТ «Ҳифзи олами наботот» (31 марти соли 2004), имкон дод, ки сохторҳои ҳифзи табиат имкон доранд, то маблағҳои назаррасро, ки ба фонди махсуси ҳифзи табиат ва Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва ҷангалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, солона барои барқарорсозӣ, дар бораи минтақаҳои муҳофизатии табиат ва дигар лоиҳаҳои экологӣ дида бароянд [4,с.6].

Равандҳои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба гуногунии биологӣ таъсири сахт мерасонанд. Фаъолияти антропогении инсон ва оқибатҳои он вазъи муҳити зистро бадтар карда, ҳолати чарогоҳҳо, ҷангалҳо ва экосистемаро дар маҷмуъ ба вайроншавӣ оварда мерасонад.

Дар соли 2002 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда», оварда шудааст, ки раванди ҳифзи табиат дар Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо тадбирҳои қонунгузорӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва махсус, инчунин, тавассути системаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда мебошад. Таъсири афзоиши антропогенӣ ба биосфера зарурати баланд бардоштани гуногунрангӣ ва майдони ин минтақаҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо мебошад. Ғайр аз ин, дар ин қонун оварда шудааст, ки "фаъолиятҳои минтақаҳои махсуси

муҳофизатии табиат, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъсир мерасонанд".

Қонун дар бораи экспертизаи экологие, ки дар Тоҷикистон қабул карда шудааст, барои пешгирии таъсири манфии корхонаҳо ба муҳити зист бахшида шудааст.

Экспертизаи экологӣ ин "муайян кардани мутобиқати фаъолияти нақшавӣ ва дигар фаъолият бо талаботи экологӣ ва муайян намудани иқтидори арзёбии экологӣ бо мақсади пешгирӣ намудани таъсири манфии ин фаъолият дар муҳити зист ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар оқибатҳои татбиқи иншооти экологӣ" мебошад.

Дар фаъолияти худ, экспертизаи давлатии экологӣ ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экология», «Дар бораи ҳифзи табиат», фармонҳо ва дастурҳои Кумитаи ҳифзи табиат дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар муддати кӯтоҳ мавқеи он як қатор фаъолиятҳоро ба даст меорад [4,с.3].

Натиҷаҳои арзёбии таъсири экологӣ ин санҷиши пешакии мутобиқати иншооти истеҳсоли оянда, ё фаъолият бо талаботи экологӣя мебошад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», дар Тоҷикистон ду намуди экспертизаи экологӣ гузаронида мешаванд:

1. Назорати давлатии экологӣ аз тарафи комиссияи экспертӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор дар соҳаи мазкур анҷом дода мешавад;

2. Муҳокимаи оммавии экологӣ бо ташаббуси ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё ҷамъият ташкил карда мешавад, ки мувофиқи оинномаҳо масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла масъалаҳои ташкил ва гузаронидани арзёбии таъсири экологӣ, шарҳи табиии экологӣ новобаста аз ҳолати давлат сурат мегирад.

Дар соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» қабул гардид. Айни замон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» дар таҳрири нав дар Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ қабул гардида, ба баррасии Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардид. Қабули қонунҳои зикргардида, ки бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ таҳия гардидаанд, барои дар сатҳи боз ҳам баландтар ба экспертизаи экологӣ фаро гирифтани объектҳо мусоидат хоҳад кард. Маҳз қабули қонунҳои мукаммал имконият медиҳанд, ки самаранокии фаъолияти экспертизаи экологӣ дар миқёси ҷумҳурӣ таъмин карда шавад.

Тадбирҳо оид ба такмили экспертизаи экологӣ иборат аст, аз:

-тартиб додани нақшаи ҷойгиркунии иншоотҳои табиӣ ва таърихию маданӣ;

-барқарор кардани экспертизаи қатъии экологӣ, санитарӣ ва иқтисодӣ ҳангоми ба ҷумҳурӣ ворид намудани техника, технологияи нав ва заҳрхимикатҳою нуриҳои минералӣ, инчунин маҳсулотҳои дар таркибашон аз организмҳои зиндаи модификатсия кардашуда истифода шудаанд;

-дар вақти бастани шартнома, созишнома ва қарордодҳои байнидавлатӣ бояд дар банди махсус оид ба гузаронидани экспертизаи экологӣ зикр шавад;

-ҳангоми хусусигардонии иншоотҳо (заводу фабрикаҳо ва амсоли онҳо), табдили шакли фаъолият ва азнавсозии иншоотҳо, гирифтани хулосаи экспертизаи экологӣ;

-муайян кардани минтақаҳои имконпазири бухрони экологӣ ва роҳҳои пешгирии он;

-ҳангоми хусусигардонии иншоотҳо додани имтиёз ба саҳмиядороне, ки барномаи мукаммали экологӣ дошта, технологияи аз назари экологӣ навтаринро истифода мебаранд;

-ташкили махзани маълумот оид ба иншоотҳои аз экспертизаи экологӣ гузашта.

Мақсади сертификати экологӣ ин таъмини амнияти бехатарии экологӣ дар Тоҷикистон мебошад. Сертификати экологӣ метавонад, дар асоси ихтиёрӣ ё ҳатмӣ амалӣ карда шавад ва раванди муайян намудани мутобиқати маҳсулоте, ки дар кишвар истеҳсол шудааст, ё бо талаботи бехатарии экологӣ ворид карда мешаванд, дохил карда шудааст.

Сертификати экологӣ аз рӯи ихтиёрӣ ба натиҷаҳои аудити экологӣ асос ёфтааст, ки «фаъолияти соҳибкории аудиторони муҳити зист ва ташкилотҳои аудити экологӣ барои гузаронидани таҳлили мустақил ва баҳодиҳии фаъолияти иқтисодӣ, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд ва тавсияҳо барои паст кардани таъсири манфии муҳити зист ва саломатии мардум» асос ёфтааст.

Ҳангоми гузаронидани аудити экологӣ, дараҷаи риояи хусусияти фаъолияти маҳсулот, системаи идоракунӣ ва дигар талаботи экологӣ, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии дар Тоҷикистон мавҷудбуда тафтиш карда мешавад.

Вазифаҳои асосии аудити экологӣ, ки дар корхонаҳои ҷумҳурӣ амал мекунанд, инҳоянд:

- асоснокунии стратегияи экологӣ ва сиёсати корхона;
- муайян намудани афзалиятҳо ва банақшагирии фаъолияти экологии корхона, муайян намудани имкониятҳои иловагӣ барои татбиқи он;
- санҷиши риояи қонунгузории ҳифзи муҳити зист;
- баланд бардоштани самараноки танзими таъсири фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳити зист;
- паст кардани хатари ҳолатҳои фавқулодда бо ифлосшавии муҳити зист.

Хизматрасониҳое, ки дар бозори хадамоти экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, аз инҳо иборатанд: таҳлили хок, ҳаво ва об. Дар миёни бисёр ҷанбаҳои ҳифзи муҳити зист мавқеи асосиро масъалаи сифати ҳавои атмосфера ишғол менамояд. Эҳтимоли гузаронидани таҳлили фаврии таркиби гази атмосфера ба объекти дорои оксиген ($O_2$), гази карбон ($CO_2$) ва карбогидоксид (CO) мебошад. Оксиген ва карбогирооксиди дар боло овардашуда ба омилҳои гуногуни муҳити табиӣ ва антропогенӣ ва оксидшавии карбон вобастагӣ дорад, ки таъсири асосии интиқолдиҳандагиро дар худ доро мебошанд.

Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ 977 корхонаҳои калон ва миёна мавҷуд аст. Аз ҳама манбаҳои калонтарини ифлоскунанда ин истеҳсолоти алюминий ва семент, корхонаҳои коркарди маъдани кӯҳи, стансияҳои барқу гармидиҳӣ, корхонаҳои саноати сабук, саноати бофандагӣ ва коркарди пахта баҳисоб мераванд. Қариб 39% партови моддаҳои ифлоскунанда аз манбаҳои доимӣ дар ҷумҳурӣ ба КВД «Ширкати алюминийи Тоҷик» рост меояд. Дар байни минтақаҳо ва водиҳо бошад, қариб 45% партов ба водии Ҳисор (шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода ва Ваҳдат), ки дар ин ҷойҳо иқтидории асосии саноатии ҷумҳурӣ мавҷуд аст, рост меояд.

**Ҷадвали 1. Партовҳои баъзе аз корхонаҳои саноатии Ҷумҳури Тоҷикистон**
**Table 1. Wastes of some industrial enterprises of the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯи корхонаҳо | Партовҳои моддаҳои ифлоскунанда т/сол | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | $NO_x$ | $SO_2$ | CO | Моддаҳо и сахт | Фто ридҳ о | Дигар моддаҳо | Ҳамагӣ т/сол |
| 1 | КВД «Тоҷиксемент» | 176,015 | 195,840 | 956,040 | 1732,765 | - | 265,996 | 3326,656 |
| 2 | КМ ТК ММ «Апрелевка» | 51,918 | 540,99 | 248,726 | 147,031 | | 1238,28 | 2226,945 |
| 3 | ҶДММ КМ «Зарафшон» | 23,448 | 27,900 | 96,301 | 698,639 | - | 22,694 | 868,982 |
| 4 | КМ «Анзоб» | 14,46 | 47,05 | 48,1 | 16,468 | - | 924,506 | 1050,587 |
| 5 | МБГ«Душанбе» | 72,758 | 941,476 | 397,5 | 2209,588 | - | - | 3621,32 |
| 6 | ҶДММ «Хуак-син Ғаюр Семент» | 2,817 | 1,687 | 3,866 | 169,844 | | 256,012 | 434,226 |
| 7 | КВД «ТалКо» | 550 | 663 | 8563 | 2474 | 164 | 987 | 13401 |

Ба манбаҳои асосии антропогении ифлоскунандаи атмосфера корхонаҳои калони саноатии ҷумҳурӣ (манбаҳои ифлоскунандаи доимӣ), ки дар ҷадвали боло оварда шудааст, дохил мешаванд. Инҳо корхонаҳои Комплекси барқию гармидиҳӣ, кӯҳкорӣ, саноати коркарди маъдани кӯҳӣ, ва металҳои ранга мебошанд. Ба ин соҳаҳо 88% ҳаҷми партови умумии моддаҳои ифлоскунанда аз ҳисоби манбаҳои доимӣ дар ҷумҳури рост меояд [6,с.24].

Ҳолати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2018 назар ба солҳои гузашта беҳтар гашта истодааст. Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми умумии партовҳои моддаҳои зарарнок дар атмосфера дар давраи солҳои 2017-2018 баробар намебошад. Дар

давраи аз соли 2011 то 2015 зиёдшавии ҳаҷми умумии партови моддаҳои зараровар аз манбаҳои ҳаракаткунанда аз 302,7 ҳазор тонна то 383,4 ҳазор тонна ба назар мерасад. Сабаби ин воридшавии воситаҳои автомобилӣ дар ҷумҳурӣ мебошад [6,с.25].

Аз миқдори умумии партови моддаҳои ифлоскунанда 56,3% ба оксиди карбон, 30,7% ба моддаҳои сахт, 3,9% ба дуоксиди сулфур, 2,5% ба карбогидратҳо, 1,4% ба оксиди нитроген ва 5,3% ба дигар моддаҳои махсуси зараррасон рост меояд.

Дар 977 корхонаи дар ҷумҳурӣ фаъолияткунанда наздики 15 ҳазор манбаҳои доимии партови ифлоскунандаи атмосфера, бо 2250 адад дастгоҳҳои газу чангтозакунӣ муҷаҳҳазонидашуда мавҷуд аст. Тақрибан барои 500 манбаҳои муташаккили партов муҷаҳҳазонидашуда бо дастгоҳҳои чангқапак ва газтозакунак муҳим мебошад. Қобилияти миёнаи дошта гирифтани партовҳои зараровар дар дастгоҳҳои чангу газтозакунӣ 72%-ро ташкил медиҳад, чунки 60% дастгоҳҳо фарсуда ва кӯҳна гаштаанд.

Самаранокӣ ва динамикаи рушди бозори экологӣ аз ҳолати механизми ташкилию иқтисодӣ, аз он ҷумла: танзими давлатии амалиёти содиротӣ ва воридотӣ, ки барои истифодаи захираҳои табиӣ ва партовҳо, системаи сертификатсияи экологӣ, ки ба шароитҳои бозори муосир дахл доранд, иборат мебошанд. Маҳдудкунӣ ва навъҳои дигари танзими низоми идоракунии муҳити зист дар асоси литсензияҳо ва шартномаҳои истифодаи захираҳои табиӣ, инчунин механизмҳои созмонҳои байналмилалии тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла муайян намудани сохтори муносиби савдои чакана дар ашёҳои ибтидоӣ ва коркардшуда мебошад. Дар расми 1 механизми ташкилию иктисодии бозори хадамоти экологӣ аз назари муаллиф, аз ҷумла иштирокчиёни он, вазифаҳои онҳо ва унсурҳои асосии он оварда шудааст.

**Расми 1. Ҷузъҳои ташкилию иқтисодии механизми бозори хадамоти экологӣ**
**Figure 1. Organizational and economic components of the mechanism of markets for environmental services**




Вазифаи механизми ташкилию-иқтисодӣ аз он иборат аст, ки бо кумаки тадбирҳои иқтисодӣ ба дастоварди ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, барқарорсозӣ ва истифодаи оқилонаи он ноил гардад. Унсурҳои асосии он: идоракунӣ; банақшагирии тиҷорат ва таҳияи барномаҳои маҷмуи ҳадафҳо оид ба муҳофизат, барқарорсозӣ ва истифодаи оқилонаи муҳити зист; фаъолияти молиявӣ барои васеъ намудани бозор ва хизматрасониҳои экологӣ; муқаррар намудани андоз ва стандарти пардохти истифодаи объектҳои табиӣ; суғуртаи корпоративӣ; мониторинги ҳолати муҳити зист ва иншооти экологӣ; рушди пешгӯиҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси пешбинӣ намудани рушди бозори хизматрасонии экологӣ; ҳисобдорӣ, ҳисоботдиҳӣ; дастгирии инноватсионӣ, тиҷорат ва дигар чорабиниҳое, ки ба истифодаи маҷмуӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд; ҷуброни зараре, ки ба объектҳои табиӣ расонида шудааст; аудит; санҷиш; инвентарҳо мебошанд.

Барои беҳтар намудани низоми назорати экологӣ бояд чунин амалҳоро иҷро намуд:

-иҷрои таҳлилҳои техникию иқтисодии усулҳои ҳозиразамони назоратӣ оид ба ҳолати муҳити зист;

- аз ҳисоби нозирони ҳифзи муҳити зист ташкил намудани хадамоти гумруки экологӣ ҷиҳати назорат аз болои воридот ва содироти техника, технология ва дигар маводе, ки ба муҳити зист зарар мерасонанд;

-такмил ва васеъ намудани системаи назоратии ҳолати экологӣ дар асоси комплекси лаборатория-статсионарҳои мавҷуда ва навташкил, нимстатсионарҳо, назорати аэровизуалӣ;

-таҳия ва такмили усулҳои ошкор сохтани хавфи экологӣ ва арзёбии дараҷаи хатари экологӣ.

Шарти асосии иҷрои ин вазифаи муҳим, пеш аз ҳама, истифодаи васеи воситаҳои муоинаи масофагӣ, истифодаи базаи дастгоҳҳои ҳозиразамон, рушди усулҳои коркарди маълумот ва ғайраҳо мебошанд. Аз ҳама муҳим он аст, ки минтақаҳои аз ин ҷиҳат ноустувор, ки метавонанд боиси рӯй додани ҳолати номатлуби табиӣ гарданд, муайян карда шаванд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки назарияи универсалии амалкунандае таҳия намояд, ки тавонад дар пешгӯӣ ва рафъи оқибатҳои харобиовари табиат ва садамаҳои саноатӣ саҳм гузорад.

Масъалаи ҳамбастагии объектҳои саноатӣ ва шароити табиӣ бисёр муҳим аст, чунки мавҷуд набудани баҳисобгирии хусусияти муҳити табиӣ зимни ҷойгир намудани корхонаи калони саноатӣ, метавонад боиси дар оянда сар задани садамаҳои вазнин барои одамон ва табиат гардад. Ғайр аз ин, зарур аст, ки низоми пешгӯӣ ва моделкунонии ҳолатҳои садамавӣ таҳия шуда, ин раванд бо техникаи компютерӣ таъмин карда шуда, аз экспертизаи экологӣ гузаронида шавад:

Бо мақсади пешгирӣ ва кам кардани хатари рух додани фалокатҳои экологӣ, маҳдуд кардани масоҳати онҳо ва таъмини бехатарии аҳолӣ зарур аст, ки чунин чорабиниҳо амалӣ карда шаванд:

-муайян намудани минтақаҳои хатари калони экологӣ дошта, бақайдгирии ҳамаи корхона ва иншоотҳои ин маҳал, ки метавонанд дар ҳолатҳои садамавӣ боиси ифлос гаштани муҳити атроф аз моддаҳои хавфноки химиявию биологӣ гарданд;

-муайян кардани минтақаҳои эҳтимолии сар задани фалокатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулоддаи иқлимӣ;

-таҳия ва татбиқи чорабиниҳо ҷиҳати ҳадалимкон кам кардани хатари сар задани фалокати экологӣ, пеш аз ҳама, дар корхонаҳои калони химиявӣ, газу нафт, анборҳои сӯзишворӣ, марказҳои нигоҳдории моддаҳои радиоактивӣ, дарғотҳо, иншооти пешгирии сел ва ярҷ;

-таҳияи барномаи давра ба давра иваз кардани воситаҳои истеҳсолии кӯҳнашуда аз ҷиҳати экологӣ хатарнок бо воситаҳои истеҳсолии сифатан нав ва аз нигоҳи экологӣ безарар;

-ба низом даровардани раванди истеҳсол, коркард ва истифодаи моддаҳои заҳрнок, радиоактивӣ, зуддаргиранда ва тарканда бо мақсади кам кардани гардиши истеҳсоли онҳо;

-таҳияи меъёр ва қоидаҳои кашонидани моддаҳои хатарноки тарканда, заҳрнок ва зуддаргиранда ба воситаи нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ ва обӣ;

-таҳияи нақшаи ҷумҳуриявӣ оид ба бартарафсозии оқибатҳои имконпазири фалокатҳои экологӣ ва ғ.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Ёров Ҷ.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоева Ш.Б. Оценка эколого-экономической ситуации в республике Таджикистан: атмосфероохранный аспект / Ш.Б. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2012. -№2/7(98). -С.36-42 (0,75 п.л.).
2. Абдуллоева Ш.Б. Пути формирования и развития рынка экологических услуг в Республике Таджикистан / Ш.Б. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. -№2/2(131). -С.101-106 (0,63 п.л.).
3. Абдуллоева Ш.Б. Формирование и развитие рынка экологических услуг (на материалах Республики Таджикистан): дис. …канд. эконом. наук.: 08.00.05/ Ш.Б. Абдуллоева. -Душанбе, 2017. -205 с.
4. Закон Республики Таджикистан «Об экологической экспертизе» (в редакции Закона РТ от 26. 12. 2005 г. №123, от 30.07.2007г. №328) // Вестник Маджлиси оли РТ. -Душанбе, 2008. -№8. [Электронный ресурс]. http://www.mmk.tj
5. Ибатуллин, У. Некоторые аспекты рынка экологических услуг / У. Ибатуллин, С. Ибатуллина // Экономика и управление. – 1999. -№5-7.
6. Информационный экологический бюллетень. -Душанбе, 2018.
7. Касиров, К.Х. Доклад о перспективах применения платы за экологические услуги в Республике Таджикистан / К.Х. Касиров // Об экологических услугах и финансировании защиты и стабильного использования экосистем. Матер. Международного науч.-практ. Семинара. - Женева, 2005. -С.47-53.

8. Коваленко, В.И. Исследование рынка экологических услуг. Учеб. пособие / В.И. Коваленко, Л.М. Кузнецов. - СПб.: СПбГИЭУ, 2007. -312 с.
9. Конституция Республики Таджикистан (Основной Закон). - Душанбе, 1994.
10. Мухаббатов Х.М. Проблемы опустынивания горных экосистем Таджикистана / Х.М. Мухаббатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-политических и общественных наук. – Душанбе, 2017. -№2/5(1). -С.65-69.
11. Национальная стратегия и План Действий Республики Таджикистан по сохранению и рациональному использованию биоразнообразия. -Душанбе, 2003. -200 с.
12. Одинаев Х.А. Сохранение экосистем и обеспечение экологической безопасности: проблемы и перспективы / Х.А. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-политических и общественных наук. – Душанбе, 2018. -№6. -Ч.1. -С.3-10.
13. Первое национальное сообщение РТ по рамочной ООН об изменении климата. - Душанбе, 2003.
14. Перелет Р. Международные аспекты в формировании экологического предпринимательства и переход к устойчивому развитию / Р.Перелет // Экология. Экономика. Бизнес. (Эколого-экономические аспекты устойчивого развития). - М., 1995. -С.152-166.
15. Развитие рынка экологических товаров, работ и услуг; под ред. А.Ф. Гржымайло. -Таганрог, ТРТУ, 2010. -188 с.

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ ХАДАМОТИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола омилҳои асосии таъсиррасон ба бозори хадамоти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, инчунин марҳила ва усулҳои зарурӣ, барои рушди соҳибкории хурду миёнаи экологӣ дар он таҳлил карда мешаванд. Ҳалли мушкилоти марбут ба беҳтар кардани вазъи экологӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии аксари давлатҳои муосир мебошад. Бо зиёд шудани талабот ба сифати зиндагии аҳолӣ, инчунин муҳити зист алоқамандии зич дорад, ки ин ба баланд шудани таъсири техногении фаъолияти инсон ба биосфера вобаста аст ва дар сабзиши иқтисодиёт ҳам тавассути танзими мустақими давлатӣ ва ҳам тавассути ташкили як намуди махсуси соҳаи бозор - бозори хадамоти экологӣ зоҳир мешавад. Ҳамаи гуфтаҳои дар боло овардашуда зарурати асоснок кардани механизм, самтҳои ташаккул ва рушди бахши экологии хоҷагии халқро дар шароити бад шудани вазъи экологӣ-иқтисодӣ ва шиддатёбии таназзули ҷузъҳои гуногуни экосистемаҳои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва қаламрави Тоҷикистонро пешбинӣ мекунанд. Ташаккул ва рушди бозори хадамоти экологӣ бояд, пеш аз ҳама, ба самти омили экологӣ дар баробари омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асоси ҳаётии ҳар як соҳаи иқтисодиёт бошад ва ҳамчун ҷузъи муҳимтарини консепсияи рушди устувори тамоми давлатҳои муосир эътироф карда шавад. Дар баробари ин, бозори хадамоти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нав ба роҳ монда мешавад, аз ин рӯ, айни замон омӯхтани тамоюл ва дурнамои рушди ин бозор, муайян кардани хусусияти субъектҳои дар он амалкунанда хеле муҳим ва мувофиқ аст. Ҳамзамон, вазъи бозори хадамоти экологӣ зери таъсири талабот тағйир меёбад, ки ин дар навбати худ аз вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ ва вазъи экологӣ вобаста аст ва таъсири танзими давлатиро ҳис мекунад, аз бисёр ҷиҳат ба тозагӣ ва устувории экосистема, дараҷаи оқилонаи истифодаи онҳо вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** хадамоти экологӣ, бозори хизматрасонии экологӣ, таълими экологӣ, аудити экологӣ, экспертизаи экологӣ, захираҳои табиӣ, тиҷорати экологӣ, экологизатсияи иқтисодиёт, сертификатсия, сармоягузорӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ РЫНКА ЭКОЛОГИЧЕСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье представлены основные факторы, влияющие на рынок экологических услуг в Таджикистане, а также проанализированы шаги и методы, необходимые для развития малого и среднего экологического бизнеса в республике. Решение проблем, связанных с улучшением экологической ситуации, представляет собой одно из приоритетных направлений социально-экономического развития большинства современных государств. Последнее имеет тесную связь с возрастающими требованиями к качеству жизни населения и природной среды, что обусловлено усилением техногенного воздействия человеческой деятельности на биосферу и проявляется в экологизации экономики, как прямым государственным регулированием, так и через организацию рыночного сектора особого рода - рынка экологических услуг. Все сказанное выше обуславливает необходимость обоснования механизма и направлений становления и развития экологического сектора национальной экономики в условиях обострения эколого-экономической ситуации и усиления деградации различных компонентов экосистем всего Центральноазиатского региона, в т.ч. и территории Таджикистана. Формировать и развивать рынок услуг экологической направленности необходимо, в первую очередь, в силу того, что экологический фактор, наряду с экономическим и социальным факторами, является основой жизнедеятельности любой экономики и признан важнейшим компонентом концепции устойчивого развития всех современных государств. В то же время, рынок экологических услуг в Таджикистане лишь начинает организовываться, поэтому в настоящее время очень важно и актуально исследовать тенденции и перспективы развития этого рынка, выявить особенности функционирующих на нем субъектов. При этом, обстановка на рынке экологических услуг меняется под воздействием спроса, который, в свою очередь, зависит от экономической ситуации в республике, экологической конъюнктуры и ощущает регулирующее влияние государства, во многом зависит от чистоты и устойчивости экосистем, степени рационализации их использования.

**Ключевые слова:** экологические услуги, рынок экологических услуг, экологическое образование, экологический аудит, экологическая экспертиза, природные ресурсы, эколого-ориентированный бизнес, экологизация экономики, сертификация, инвестиции.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE MARKET FOR ENVIRONMENTAL SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article presents the main factors affecting the market of environmental services in Tajikistan, as well as analyzes the steps and methods necessary for the development of small and medium-sized environmental businesses in the republic. Solving problems related to improving the environmental situation is one of the priority areas of socio-economic development of most modern states. The latter is closely related to the increasing requirements for the quality of life of the population and the natural environment, which is due to the intensification of the technogenic impact of human activity on the biosphere and manifests itself in the greening of the economy, both by direct government regulation and through the organization of a special kind of market sector - the market of environmental services. All of the above stipulates the need to substantiate the mechanism and directions of the formation and development of the ecological sector of the national economy in the context of the aggravation of the ecological and economic situation and the intensification of degradation of various components of the ecosystems of the entire Central Asian region, incl. and the territory of Tajikistan. It is necessary to form and develop a market for environmental services, first of all, due to the fact that the environmental factor, along with economic and social factors, is the basis of the life of any economy and is recognized as the most important component of the concept of sustainable development of all modern states. At the same time, the market of environmental services in Tajikistan is just beginning to be organized, therefore, at the present time it is very important and relevant to study the trends and prospects for the development of this market, to identify the features of the entities operating on it. At the same time, the situation in the market of environmental services is changing under the influence of demand, which, in turn, depends on the economic situation in the republic, the environmental situation, and feels the regulatory influence of the state. largely depends on the purity and sustainability of ecosystems, the degree of rationalization of their use.

**Keywords:** environmental services, market of environmental services, environmental education, environmental audit, environmental expertise, natural resources, environmentally-oriented business, greening the economy, certification, investment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоева Шаҳодат Бахриевна –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 931-44-95-46.** E-mail: **khusravi.2011@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Абдуллоева Шаходат Бахриевна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 931-44-95-46**. E-mail: **Khusravi.2011@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdulloeva Shakhodat Bahrievna*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Management and Marketing. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 931-44-95-46.** E-mail: **Khusravi.2011@mail.ru**

УДК 657.6

# ИНТИХОБИ МАҲАКҲОИ АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ ДАВЛАТӢ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ

*Тоҳирова Р.С., Асоев К.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои расидан ба ҳадафҳои ислоҳоти низоми буҷетӣ ташкил намудани низоми баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи буҷетро дар мамлакат тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки он на танҳо ба дурустӣ ва мақсаднокии харҷкунии воситаҳои давлатӣ имкон диҳад, инчунин ба назорати натиҷанокии истифодаи онҳо мусоидат кунад, барои ба таври воқеъбинона арзёбӣ намудани дороиҳо ва уҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ маълумоти саҳеҳ пешниҳод намояд.

Баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ ва такмили раванди буҷетӣ тақвият бахшидан ба масъулияти иштирокчиёни раванди буҷетӣ ва шаффофии идоракунии молияи давлатиро тақозо менамояд. Ҳангоми дуруст ба роҳ мондани раванди татбиқи буҷети давлатӣ на танҳо чун воситаи танзимкунии молиявӣ баромад мекунад, он инчунин метавонад ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешравии илмию техникӣ, навкунӣ ва такмили пояҳои моддию техникии истеҳсолоти миллӣ таъсир расонад. Идоракунии муносиби молияи давлатӣ барои истифодаи самараноки воситаҳои давлатӣ шарти зарурӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 муҳиммияти такмили низоми идораи молияи давлатиро қайд намуда, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуданд, ки стратегияи идоракунии молияи давлатиро бо назардошти афзалиятҳои кишвар, иҷрои босифати қисми даромад ва хароҷоти буҷет, шаффофияти хароҷоти буҷет, инчунин, пешниҳоди нақшаҳои дурнамои ислоҳот дар ин самтҳо татбиқ намояд [11].

Президенти мамлакат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2021 бори дигар ба масъалаи мазкур диққат дода, таъкид намуданд, ки вобаста ба таҳаввулоти босуръати ҷаҳони имрӯза ва таъсири манфии он Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти муқовимат ба таҳдиду буҳронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмин намудани гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ, дастрасии молиявию дастгирии соҳибкорӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар, омодагӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва гузариш ба иқтисоди «сабз» тақвияти бештар бахшад [12]. Дар ҳалли масъалаҳои мазкур, бешак нақши назорати молиявии давлатӣ, ки яке аз самтҳои фаъолияти он арзёбӣ намудани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ (маблағҳои буҷет ва амволи давлатӣ) мебошад, назаррас аст.

Дар ҳақиқат, имрӯз яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи молияи давлатӣ ва ислоҳоти раванди буҷетӣ дар мамлакат истифодабарии оқилона ва самараноки воситаҳои давлатӣ, иҷрои дурусти барномаҳои давлатии стратегӣ аз ҷониби иштирокчиёни раванди буҷетӣ мебошад. Оқилона будан ва самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ зарур аст, чунки ҳар як ҷомеаи инсонӣ барои ҳарчи самараноктар истифода бурдани сарватҳои худ ҷаҳд мекунад, ки ин натиҷаи ниҳоии истифодабарии воситаҳои давлатӣ мебошад [3,с.33].

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти мақомоти назорати молиявии давлатӣ истифодаи усулҳои нави назорат ба назар мерасад, ки ба ҳифзи воситаҳои буҷети давлатӣ ва моликияти давлатӣ ҳангоми истифодабарии онҳо мусоидат менамоянд. Дар ин маврид яке аз усулҳои муносиби назорати истифодабарии воситаҳои давлатӣ аудити самаранокӣ мебошад, ки барои амалӣ намудани принсипҳои натиҷанокӣ ва сарфанокӣ дар истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои гирандагони воситаҳои давлатӣ оид ба истифодаи мақсадноки онҳо шароит муҳайё месозад.

Аудити самаранокӣ – намуди назорати молиявии давлатии равандҳои ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ мебошад, ки санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ ва гирандагони маблағҳои давлатиро барои муайян намудани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ифода менамояд. Ин намуди аудит аз ҷониби мақомоти назорати молиявии

давлатии мамлакатҳои рушдёфта чун маҷмуи чорабиниҳои назоратӣ оид ба санҷиши мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба хотири арзёбӣ намудани самаранокӣ, сарфанокӣ ва даромаднокии фаъолияти идоракунӣ, таъсири ин фаъолият ба муносибатҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин барои пешниҳод намудани тавсияҳои ба баландбардории минбаъдаи натиҷанокии кори ин мақомот равонагардида ба ҷо оварда мешавад [13,с.220].

Ба қавли дигар, аудити самаранокӣ – маҷмуи чорабиниҳои назоратӣ ва коршиносию таҳлилии ба гирифтани маълумоти саҳеҳ дар бораи объекти назорат равонагардида мебошад, ки барои хулосабарорӣ кардан оид ба дараҷаи самаранокии объекти мазкур умуман ва ҳам оид ба дараҷаи самаранокии идоракунии ин объект, аз ҷумла оид ба самаранокии истифодабарии ҳар як намуди воситаҳои ҷудогардида имкон медиҳанд [14,с.14].

Мувофиқи санадҳои меъёрии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми олии назорати молиявӣ дар мамлакат мебошад ва аудити мустақили беруниро оид ба арзёбии иҷрои буҷети давлатӣ анҷом медиҳад, аудити самаранокӣ – аудити мустақил, холисона ва дурусти чорабиниҳои ҳукуматӣ, низомҳо, амалиёт, барномаҳо, амалҳо ва созмонҳо вобаста ба муқаррар намудани мутобиқати онҳо ба меъёрҳои сарфанокӣ (кам кардани харҷи воситаҳо), маҳсулнокӣ (ба даст овардани боздеҳии бештар) ва натиҷанокӣ (расидан ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои пешбинишуда)-и фаъолияти ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва мавҷудияти имконияти беҳтар кардани он мебошад [16].

Ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ муайян ва барои истифода дар раванди санҷиш интихоб намудани маҳакҳои арзёбии самаранокӣ масъалаи калидӣ ва ниҳоят мураккаб мебошад, чунки дар асоси онҳо ҳадафи аудити самаранокӣ – муайян намудани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад. Дурустии муайян кардани маҳакҳои мазкур ба сифати натиҷаҳои аудити самаранокӣ таъсири муҳим мерасонад. То кадом андоза маҳакҳои интихобшуда ҷиҳатҳои санҷидашавандаи истифодабарии воситаҳои давлатиро тавсиф медиҳанд - омили асосии ҳосилкунандаи сифати аудити самаранокӣ мебошад.

Дар адабиёти соҳаи назорати молиявӣ ва аудит масъалаи муайян кардани маҳакҳои арзёбии самаранокӣ баҳсталаб аст. Пеш аз ҳама, гуногунфаҳмиҳо ва ҳархела шарҳ додани худи мафҳуми маҳаки арзёбии самаранокӣ ба назар мерасад. Ҳанӯз ҳам муҳаққиқони соҳа оид ба шарҳдиҳии чиро ифода намудани маҳаки арзёбии самаранокӣ дар аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ба ақидаи ягона наомадаанд. Онҳо дар баробари «маҳакҳои арзёбии самаранокӣ» мафҳумҳои мухталифро низ ба кор мебаранд, чун «маҳакҳои самаранокӣ», «нишондиҳандаҳои самаранокӣ», «меъёрҳои самаранокӣ», «аломатҳои муайянкунандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ», ки дар қаринаҳои гуногун ҳамдигарро иваз мекунанд.

Ба хотири равшанӣ андохтан ба масъалаи истифодабарии мафҳумҳо мо, пеш аз ҳама, ба фарҳангҳои забони тоҷикӣ муроҷиат менамоем. Он ҷо вожаи маҳак чун «санге, ки тилло ё нуқраро ба он соида, сара ё носара будани он ва ё иёри онҳоро муайян мекунанд», шарҳ дода шудааст [18,с.811]. Ҷойи дигар оварда шудааст [19,с.673]:

Зарри қалбу зарри некӯ дар иёр
Бе маҳак ҳаргиз надонӣ з-эътибор (Румӣ)*
*Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (шарҳи муаллифон).

Аз тафсири маҷозии вожаи «маҳак» бармеояд, ки он чун аломат, ченак ё меъёри санҷиши чизе ба кор бурда мешавад ва дар мавриди арзёбии самаранокӣ он ченаки баҳодиҳии самаранокиро ифода мекунад. Ҳамчунин, вожаи «маҳак» дар забони русӣ чун «критерий» (англисӣ – criterion) қабул шудааст. Аз ин ҷост, ки маҳак аломате мебошад, ки дар асоси он баҳои сифати объект, раванд, ченаки ин баҳо ташаккул меёбад [2,с.272]. Яъне, дар мавриди аудити самаранокӣ, маҳак – аломат ё ченаки арзёбии сифати истифодабарии воситаҳои давлатӣ мебошад.

Дар адабиёт баъзан ба ҷойи мафҳуми «маҳакҳои самаранокӣ» мафҳумҳои «маҳакҳои аудити самаранокӣ» ё «нишондиҳандаҳои аудити самаранокӣ» ба кор бурда мешаванд. Масалан, муаллифон А.В. Бурмистров [4,с.26], К.В. Гавриленко [5,с.50] ва А.В. Никонов [10,с.803] ба ин мақсад мафҳуми «маҳакҳои аудити самаранокӣ»-ро истифода мебаранд, ки ба андешаи мо нодуруст аст.

Баъзе муаллифон чунин меҳисобанд, ки «нишондиҳандаҳои аудити самаранокӣ ҷузъҳои таркибии маҳакҳои аудити самаранокӣ буда, ин ё он ҷиҳати фаъолияти объекти санҷишро инъикос мекунанд» [8,с.33]. Муаллифони дигар ба ин ақида зид баромада, изҳор менамоянд, ки фаъолияти объекти санҷидашавандаро на «нишондиҳандаҳои аудити самаранокӣ» («маҳакҳои аудити самаранокӣ»), балки «нишондиҳандаҳои самаранокӣ» («маҳакҳои самаранокӣ») инъикос менамоянд, ки натиҷаҳои гуногуни истифодабарии воситаҳои давлатӣ ё фаъолияти объекти санҷишро тавсиф медиҳанд [15,с.50].

Вале ба ақидаи мо, мафҳуми дурусттар «маҳакҳои арзёбии самаранокӣ» мебошад, чунки ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ маҳакҳои арзёбӣ (баҳодиҳӣ)-и самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ (маблағҳои буҷет) интихоб карда мешаванд, ки дар асоси онҳо самаранокии аз ҷониби объекти санҷидашаванда истифода бурдани воситаҳои давлатӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар асарҳои Э.А. Барашов [1,с.183-184], И.С. Богданович [3,с.33-39], В.Н. Глаз [6,с.39-46], И.С. Егорова [7,с.10-19] ва дигарон ҳамин мафҳум истифода шудааст. Худи аудити самаранокӣ метавонад тавассути самаранокии истифодабарии воситаҳо – мафҳуми иқтисодии дар низоми идоракунӣ инъикоскунандаи мувофиқати чорабиниҳои гузаронидашаванда ба ҳадафҳо ва манфиатҳои идоракунӣ баррасӣ карда шавад [9,с.48].

Бояд қайд кард, ки дар санадҳои меъёрии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «меъёрҳои арзёбии самаранокӣ» истифода мешавад, ки мазмун ва муҳтавои он пурра ба мафҳуми «маҳакҳои арзёбии самаранокӣ» мувофиқ аст. Маҳакҳои арзёбии самаранокӣ хосиятҳои сифатӣ ва миқдории равандҳо ва натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва фаъолияти объектҳои санҷидашаванда (мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо, корхонаҳо)-ро ифода намуда, нишон медиҳанд, ки кадом натиҷаҳо шаҳодати истифодабарии самараноки воситаҳои давлатӣ мебошанд. Яъне, маҳакҳои арзёбии самаранокӣ стандартҳои намунавии асосноккардашудаи сифати корро ифода менамоянд, ки дар асоси онҳо метавон санҷиш ва таҳлили натиҷаҳои аз ҷониби объекти санҷиш расидан ба ҳадафҳо ва иҷрои вазифаҳои муқарраршудаи онро ба ҷо овард ва дараҷаи самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатиро муайян кард.

Интихоби маҳакҳои арзёбии самаранокӣ дар раванди омӯзиши пешакии мавзӯи аудити самаранокӣ ва соҳаи фаъолияти объектҳои санҷиш пас аз муайян кардани ҳадафҳои он дар асоси таҳлили чунин сарчашмаҳо ба ҷо оварда мешавад [16]:

- қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои ба мавзуи аудити самаранокӣ ва соҳаҳои фаъолияти объектҳои санҷиш дахлдошта, ки қоида, талабот, чорабиниҳои ташкилӣ ва нишондиҳандаҳои банақшагирифташудаи натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатиро муайян мекунанд;
- натиҷаҳои фаъолияти объектҳои санҷиш дар давраҳои пешин, фаъолияти дигар муассисаву корхонаҳо, ки дар соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ сарукор доранд, ё ба намудҳои фаъолияти шабеҳ машғул мебошанд;
- маводи омори давлатӣ оид ба масъалаҳои санҷидашаванда.

Сифати натиҷаҳои аудити самаранокӣ бештар аз риоя гардидани принсипҳои холисона будан, саҳеҳӣ, қиёсшавандагӣ ва басандагии маҳакҳои арзёбӣ вобаста мебошанд.

Маҳакҳои арзёбии самаранокӣ он гоҳ холисона мебошанд, ки агар онҳо дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва фаъолияти объекти аудити самаранокӣ интихоб шуда, хусусиятҳои фаъолияти объекти санҷишро ифода намоянд ва ба ҳадафҳои аудити самаранокӣ мувофиқ бошанд.

Дуруст ифода гардидани маҳакҳои арзёбии самаранокӣ, духӯра маънидод нашудани онҳо аз ҷониби аудиторон, кормандони объекти санҷиш ва истифодабарандагони натиҷаҳои аудити самаранокӣ саҳеҳии онҳоро ифода менамояд.

Принсипи қиёсшавандагии маҳакҳои арзёбӣ талаб менамояд, ки онҳо бояд ба ҳамин гуна маҳакҳои ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ дар соҳаи мувофиқи истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар дигар объекҳои санҷиш ҳамсон бошанд ва тавонанд, ки ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии шабеҳ ба кор бурда шаванд.

Маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ҳамон вақт басанда ҳисобида мешаванд, ки барои таҳия намудани хулосаҳои асоснок аз натиҷаи аудити самаранокӣ шароит фароҳам оранд ва мутобиқ ба ҳадафҳои аудити самаранокӣ

таҳия шуда бошанд. Вобаста аз мавзуи аудити самаранокӣ ва хусусиятҳои соҳаи фаъолияти объекти санҷиш миқдори маҳакҳои арзёбии самаранокӣ дар мавриди ҳар як аудити алоҳида гуногун буда, ҳамзамон таркиби маҳакҳои мазкур ҷиҳати ташаккули хулосаҳои асоснок аз натиҷаи аудити самаранокӣ мутобиқи ҳадафҳои муқарраргардидаи аудит бояд басанда бошад.

Дар асоси бо маҳакҳои дахлдор муқоиса кардани маълумоти воқеӣ оид ба фаъолияти объекти санҷиш, ки дар раванди санҷиш ба даст оварда шудаанд, аз натиҷаҳои аудити самаранокӣ хулосаҳо бароварда мешаванд, ки дар онҳо дараҷаи самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ арзёбӣ карда мешавад. Агар натиҷаҳои санҷидашавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ бо маҳакҳои интихобгардида мувофиқат кунанд, пас маълум мешавад, ки воситаҳои давлатӣ бо дараҷаи басандаи самаранокӣ истифода мешаванд. Риоя нагардидани маҳакҳои мазкур аз мавҷуд будани камбудиҳо дар фаъолияти объекти санҷиш ва зарурати беҳгардонии раванди истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар объекти мазкур далолат медиҳад. Муҳтавои маҳакҳо аз чӣ будани мавзуъ (предмет)-и санҷиш ва ба санҷиш фаро гирифтани кадом ҷиҳатҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ (сарфакорӣ, маҳсулнокӣ, натиҷанокӣ) вобаста мебошад [4,с.27].

Дар аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ маҳакҳои миқдорӣ ва сифатии арзёбии самаранокӣ истифода мешаванд. Маҳакҳои миқдорӣ нишондиҳандаҳое мебошанд, ки қимати онҳо дар намуди ягон адади воқеии маънии муайян дошта ифода мегардад. Аммо на ҳамаи натиҷаҳои истифодаи самараноки воситаҳои давлатиро метавон аз ҷиҳати миқдорӣ бо воҳидҳои ченаки муайян (сомонӣ, фоиз ва дигарҳо) арзёбӣ кард [20].

Дар аксари ҳолатҳо бо маҳаки миқдорӣ қатъиян чен кардани бештари хосиятҳо ва натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ ғайриимкон аст. Барои арзёбӣ намудани онҳо маҳакҳои сифатии самаранокӣ ба кор бурда мешаванд. Маҳакҳои сифатӣ ба таври субъективӣ, бо ёрии баҳодиҳиҳои коршиносона, бо роҳи назорати раванд ва натиҷаҳои фаъолияти объекти санҷиш чен карда мешаванд.

Аксаран маҳакҳои сифатӣ аввалдараҷа мебошанд, чунки онҳо ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти объекти санҷиш таъсир мерасонанд, маҳакҳои миқдорӣ бошанд, дуюмдараҷа мебошанд, чунки онҳо асосан натиҷаи мобайнии фаъолияти объектро ифода мекунанд. Ҳамчунин, маҳакҳои сифатӣ оид ба тамоилоти имконии самаранокии маҳакҳои миқдории ченкунандаи воситаҳои давлатӣ ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ дарак медиҳанд.

Метавон хулоса баровард, ки назорати доимии маҳакҳои сифатӣ ба беҳгардии маҳакҳои миқдорӣ меоварад. Маҳакҳои сифатӣ сабаб ва маҳакҳои миқдорӣ пайомад мебошанд.

Арзёбии миқдории самаранокӣ метавонад бо воҳидҳои гуногуни ченак ифода карда шавад, чунки доираи масъалаҳое, ки онҳо метавонанд бо миқдор ифода карда шаванд, ниҳоят васеъ аст, масалан, ченакҳои миқдории аудити самаранокии ҳамгирокунии маориф ва илм аз ҷумла инҳо буда метавонанд: миқдори дар амалияи таҳсилот татбиқгардидаи таҳқиқотҳо оид ба масъалаҳои рушди маориф; шумораи донишҷӯёне, ки таҷрибаомӯзии пешаздипломиро дар муассисаҳои илмӣ гузаштаанд; шумораи рисолаҳои дипломӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ иҷро карда шудаанд; шумораи кормандони илмӣ, ки дар фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии иловагӣ иштирок кардаанд. Дар ин маврид ченакҳои сифатии арзёбӣ аз ҷумла инҳо буда метавонанд: мубрамии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ; бо таҳқиқоти илмӣ фарогирии масъалаҳои асосии маориф тибқи самтҳои афзалиятноки рушди маориф ва соҳаи касбии ташкилотҳои илмӣ; мавҷуд будани асосҳои илмӣ (аз ҷумла натиҷаҳои таҳқиқоти илмии дахлдор)-и ҳуҷҷатҳои барномавӣ, навовариҳо ва ҳалли масъалаҳо дар соҳаи рушди маориф, пуррагии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, сатҳи назорат, самаранокии қарорҳои қабулгардида.

Хусусияти иқтисодии воситаҳои давлатӣ арзёбии сифатию миқдории гуногуни натиҷаҳои истифодабарии онҳоро талаб менамояд. Як маҳак наметавонад истифодабарии воситаҳои давлатиро ба таври пурра арзёбӣ кунад, бинобар ин, ба ҷо овардани арзёбии маҷмуии истифодабарии воситаҳои давлатӣ бо ёрии низоми маҳакҳо мақбул аст. Арзёбӣ дар асоси афзалиятдиҳӣ ба ин ё он маҳак арзёбии якҷониба буда, ба натиҷаҳои аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ таъсири номатлуб мерасонад.

Барои ҳар як чорабинии назоратии дар доираи аудити самаранокӣ гузаронидашаванда маҳакҳои худии арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ таҳия карда мешаванд, ки вобаста аз хусусиятҳои соҳаи фаъолияти муассиса ва корхонаҳои санҷидашаванда, ҳадафҳо ва вазифаҳои аудити самаранокии гузаронидашаванда, натиҷаҳои даринтизорбуда ва дигар шароит фарқ мекунанд.

Маҳакҳои арзёбии самаранокӣ ба дастовардҳои илмӣ дар соҳаи аудитшаванда, дастурамалҳо, стандартҳо ва қонунҳо, ба натиҷаҳои омӯзиши пешакии фаъолияти муассиса ва корхонаҳои истифодабарандаи воситаҳои давлатӣ, механизмҳои назорати идоракунии ин ё он хароҷот, ин ё он барнома, ба таҷрибаи гузаронидани санҷишҳои ҳамсон асос меёбанд. Чун маҳаки арзёбии самаранокӣ метавонад ҳамчунин мисоли мусбати муқоисакунӣ бо натиҷаҳои кор ҳангоми татбиқи ҳамин гуна лоиҳаҳо, барномаҳо ва дигар хароҷот баромад намояд.

Ҳамчунин, ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба сифати маҳак метавонад пуррагӣ ва натиҷанокии иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва вазъи соҳаи фармоишҳои давлатии ин ё он муассиса ё корхона интихоб карда шавад, чун саривақтӣ, пуррагӣ ва сарфанокии иҷрои фармоиши давлатӣ; ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии иҷрои барномаҳои давлатӣ – сарфанокӣ ва натиҷанокӣ; ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷетӣ – таносуби масрафҳои буҷетӣ ва натиҷаҳои истифодабарии онҳо; ҳангоми арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ барои ба аҳолӣ пешкаш намудани хизматрасонии тиббии ройгон - дастрас будани ёрии тиббии касбӣ ба аҳолӣ, сифати ёрии тиббии ройгон.

Омӯзиши таҳқиқоти мутахассисон ва намояндагони ҷомеаи илмӣ дар асоси интишорот [9; 10; 15; 17] ба мо имкон дод, ки чунин гурӯҳҳои маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатиро ҷудо намоем:

1) Маҳакҳои ниҳодӣ. Дар ин маврид ба сифати аломатҳои асосии таъмини самаранокӣ инҳо хизмат менамоянд: дар санадҳои меъёрию қонунгузорӣ мавҷуд будани маҳакҳои асосноккардашудаи натиҷанокӣ ва маҳсулнокӣ; набудани қонунвайронкуниҳо ҳангоми истифодабарии воситаҳои буҷет ва амволи давлатӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии ҳадафнок; амалкунии босамари ниҳодҳо, аз ҷумла назорати молиявӣ ва аудити дохилӣ дар сохтори тақсимкунандагони асосии воситаҳои буҷетӣ, аудити давлатии берунӣ (дар асоси методологияи аудити самаранокӣ)-и аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коршиносони мустақил гузаронидашаванда ва дигарҳо.

2) Маҳакҳои қаноатмандӣ. Аломатҳои самаранокӣ аз ҷумла инҳо мебошанд: набудани шикоятҳо ва мавҷуд будани вокунишҳои мусбати аҳолӣ дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ, татбиқи барномаҳо, лоиҳаҳо ва умуман истифодабарии воситаҳои давлатӣ, ки бо роҳи пурсиши аҳолӣ гирифта шудаанд.

3) Маҳакҳои амалӣ – арзёбии самаранокӣ дар асоси натиҷаҳои ниҳоӣ, ки пурра бояд ба ҳисоботи буҷет, ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти муассисаҳои буҷетӣ ва аз ҷониби онҳо истифода бурдани амволи давлатӣ, маълумоти назорати сифати менеҷменти молиявӣ мувофиқат кунанд. Масалан, ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии татбиқи барнома дар соҳаи сохтмони роҳҳо маҳакҳои самаранокӣ метавонанд сарфаи вақти ронандагони автомобилҳо, пиёдагардҳо, сарфаи сӯзишворӣ, кам шудани шумораи садамаҳои нақлиётӣ бошанд.

Таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, хулоса мебарорем, ки маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ барои ҳар як ҳолати алоҳидаи гузаронидани санҷишҳо бояд бо ҳамон як қоидаҳо ва мафҳумҳо асос ёбанд. Ҳангоми набудани равиши ягона дар интихоби маҳакҳои арзёбии самаранокӣ онҳо бояд барои ҳар як санҷиш аз нав таҳия карда шаванд. Вобаста ба ин дар мақоми назорати молиявии давлатӣ таҳия намудани номгӯйи маҳакҳои умумии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ зарур аст. Номгӯйи мазкур ҳангоми таҳия намудани маҳакҳои самаранокӣ барои чорабиниҳои назоратии алоҳида бояд ҳамчун асос хизмат намояд. Ба бунёди маҳакҳои самаранокӣ бояд муносибати тафриқавӣ зоҳир кард: намуд (самт)-и истифодабарии воситаҳои давлатӣ, шакли ташкилию ҳуқуқии шахси санҷидашаванда, инчунин хусусиятҳои соҳавии дахлдор бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамчунин давра ба давра нав кардани номгӯйи маҳакҳо дар асоси таҳлили таҷрибаи корбурди онҳо дар чорабиниҳои назоратӣ муҳим аст.

Ҳамин тавр, маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ барои ҳар як объекти санҷидашавандаи мушаххас таҳия карда мешаванд, онҳо метавонанд барои ҳадафҳои гузаронидани аудити самаранокӣ дар дигар объектҳои санҷиш, ҳатто дар ҳамон як соҳаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ мувофиқат накунанд. Азбаски объектҳои аудити самаранокӣ хусусиятҳои хосси фаъолияти худро доранд, пас барои гузаронидани аудити самаранокӣ дар ҳар кадоми онҳо бояд маҳакҳои махсус таҳия карда шаванд, ки мавзуи санҷиш ва унсурҳои алоҳидаи муҳимми самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатиро ба инобат гиранд.

**Муқарриз: н.и.и., Мавлонзода В.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Барашов Э.А. Критерии оценки эффективности использования бюджетных средств / Э.А. Барашов // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2016. -№8-9. -С.183-184.
2. Барихин А.Б. Большой юридический энциклопедический словарь / А.Б. Барихин. – М.: Книжный мир, 2002. – 720 с.
3. Богданович, И.С., Лукьянова Ю.С. Критерии оценки эффективности использования государственных средств / И.С. Богданович, Ю.С. Лукьянова // Вестник Псковского государственного университета. - 2017. -№6. -С.33-39.
4. Бурмистров А.В. Критерии аудита эффективности использования бюджетных средств в муниципальном образовании / А.В. Бурмистров // Вестник Таганрогского института управления и экономики. – 2013. -№2. -С.26-29.
5. Гавриленко К.В. Критерии аудита эффективности расходования государственных средств / К.В. Гавриленко, И.В. Федоренко // Учет, анализ и аудит: проблемы теории и практики. – 2011. -№7. -С.50-53.
6. Глаз В.Н. Определение критериев оценки в аудите эффективности использования муниципальных ресурсов / В.Н. Глаз, Л.А. Мещерякова // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. – 2011. -№2. -С.39-46.
7. Егорова И.С. Проблематика определения критериев оценки эффективности использования государственных ресурсов в рамках аудита / И.С. Егорова // Аудитор. – 2020. -Т.6. -№8. -С.10-19.
8. Жуков В. Теоретические и практические аспекты аудита эффективности / В.Жуков, Е. Синева // Финансовый контроль. – 2004. -№12. -С.33-34.
9. Котлячков О.В. Показатели и критерии эффективности использования средств, применяемых для аудита эффективности / О.В. Котлячков // Международный бухгалтерский учет. – 2013. -№2(248). -С.47-57.
10. Никонов А.В. Определение критериев аудита эффективности использования бюджетных средств / А.В. Никонов / Социально-экономические и естественно-научные парадигмы современности / Материалы XIII Всероссийской научно-практической конференции (Ростов-на-Дону, 30 марта 2018 года). -Ростов-на-Дону, 2018. -С.803-809.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj node/19088
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2021 [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj /node/25005
13. Рябухин С. Аудит эффективности использования бюджетных средств и государственной собственности / С. Рябухин // Вестник Института экономики Российской академии наук. – 2007. -№1. -С.220-234.
14. Садчиков А.С. Аудит эффективности использования ресурсов: методологический подход / А.С. Садчиков // Аудиторские ведомости. - 2007. -№6. -С.14-25.
15. Саунин А.Н. О применении критериев в аудите эффективности использования государственных средств / А.Н. Саунин // Финансы и кредит. – 2005. -№27(195). -С.50-54.
16. Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.sai.tj/index.php/tj/metododol
17. Фадейкина Н.В. Применение методологии и инструментария оценки эффективности использования бюджетных средств в государственном аудите / Н.В. Фадейкина // Вестник НГУЭУ. – 2011. -№2. -С.179-192.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1 / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. -Душанбе, 2010. - нашри дувум. -996 с.
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 / Зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. –М., 1969. -951 с.
20. Khushvakhtzoda K., The fuzzy methodology’s digitalization of the biological assets evaluation in agricultural enterprises in accordance with the IFRS/Khushvakhtzoda K., Nazarov D.//Mathematics. - 2021. -Т. 9. -№ 8.


## ИНТИХОБИ МАҲАКҲОИ АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ ДАВЛАТӢ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ


Солҳои охир дар истифодабарии воситаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудиҳои зиёди бо харҷкунии ғайримақсадонаи онҳо алоқаманд ба назар мерасанд, ҳамчунин далелҳои камомад ва харҷи беасоси маблағҳои буҷетӣ зиёд шудаанд. Ҳолатҳои истифодабарии ғайрисамараноки воситаҳои буҷетиро метавон пешгирӣ ва бартараф намуд, агар воситаҳои махсуси назорат ва таҳлили истифодабарии воситаҳои

давлатӣ ба кор бурда шаванд. Воситаи хуби назорат ва арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ аудити самаранокӣ мебошад. Ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ масъалаи муҳим интихоби маҳакҳои арзёбии ин гуна самаранокӣ мебошад. Ҳалли масъалаи мазкур бо душвориҳои муайян кардани маҳакҳои арзёбии самаранокӣ, ки дар мавриди ҳар як аудит ва дар ҳар як объекти санҷиш гуногун мебошанд, алоқаманд аст. Мақола ба омӯзиши масъалаҳои муайян кардани маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва интихоби онҳо барои гузаронидани ҳар як аудити самаранокӣ бахшида шудааст. Мафҳумҳои «аудити самаранокӣ», «маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ» шарҳ дода шудаанд, муҳиммияти интихоби маҳакҳои арзёбии самаранокӣ барои гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ таъкид шудааст. Принсипҳои асосӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии ҳангоми таҳия намудани маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ истифодашаванда, инчунин талаботи ба онҳо пешниҳодшаванда таҳқиқ шудаанд. Таҳлили маҳакҳои сифатӣ ва миқдории арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ба ҷо оварда шудааст. Аз натиҷаҳои таҳқиқот хулоса бароварда шудааст, ки маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ барои ҳар як ҳолати санҷиш бояд ба ҳамон як қоида ва мафҳумҳо асос ёбанд. Дар мавриди набудани равиши ягона дар интихоби маҳакҳои арзёбии самаранокӣ онҳо бояд барои ҳар як санҷиш аз нав таҳия карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** воситаҳои давлатӣ, идоракунии молияи давлатӣ, аудити самаранокӣ, ҳадафи аудити самаранокӣ, маҳакҳои арзёбии самаранокӣ, объекти аудити самаранокӣ, маҳакҳои сифатии арзёбии самаранокӣ, маҳакҳои миқдории арзёбии самаранокӣ.

## ВЫБОР КРИТЕРИЕВ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СРЕДСТВ ПРИ ПРОВЕДЕНИИ АУДИТА ЭФФЕКТИВНОСТИ

В последние годы в использовании государственных средств Республики Таджикистан наблюдается много недостатков, связанных с нецелевым их расходованием, участились также факты необоснованного расходования бюджетных средств. Можно предотвратить и устранить случаи неэффективного использования бюджетных средств, если применить специальные средства контроля и анализа использования государственных средств. Лучшим средством контроля и оценки эффективности использования государственных средств является аудит эффективности. При проведении аудита эффективности использования государственных средств важным вопросом является выбор критериев оценки такой эффективности. Решение данного вопроса связано с трудностями определения критериев оценки эффективности, которые различны при каждом аудите и в каждом объекте проверки. Статья посвящена изучению вопросов определения критериев оценки эффективности использования государственных средств и их выбора для проведения каждого аудита эффективности. Дается определение понятий «аудита эффективности», «критерии оценки эффективности использования государственных средств», подтверждается важность выбора критериев оценки эффективности для проведения аудита эффективности использования государственных средств. Исследуются основные принципы и источники информации, используемые при разработке критериев оценки эффективности использования государственных средств, а также требования, предъявляемые к данным критериям. Проведен анализ качественных и количественных критериев оценки эффективности использования государственных средств. По результатам исследования делается вывод о том, что критерии оценки эффективности использования государственных средств при проведении аудита эффективности для каждого случая проверок должны основываться на одних и тех же правилах и понятиях. При отсутствии единого подхода в выборе критериев оценки эффективности они должны разрабатываться заново для каждой проверки.

**Ключевые слова:** государственные средства, управление государственными финансами, аудит эффективности, цель аудита эффективности, критерии оценки эффективности, объект аудита эффективности, качественные критерии оценки эффективности, количественные критерии оценки эффективности.

## SELECTION OF CRITERIA FOR EVALUATING THE EFFICIENCY OF THE USE OF STATE FUNDS IN CONDUCTING A PERFORMANCE AUDIT

In recent years, there have been many shortcomings in the use of public funds of the Republic of Tajikistan, associated with their inappropriate spending, and the facts of shortages and unjustified spending of budget funds have also become more frequent. Cases of ineffective use of budget funds can be prevented and eliminated if special means of control and analysis of the use of public funds are applied. The best tool for monitoring and evaluating the effectiveness of public funds is a performance audit. When conducting an audit of the effectiveness of the use of public funds, an important issue is the choice of criteria for assessing such effectiveness. The solution to this issue is associated with the difficulties of determining the criteria for evaluating the effectiveness, which are different for each audit and in each object of verification. The article is devoted to the study of the issues of determining the criteria for assessing the effectiveness of the use of public funds and their choice for each performance audit. The definition of the concepts of "performance audit", "criteria for assessing the effectiveness of the use of public funds" is given, the importance of choosing criteria for assessing effectiveness for conducting an audit of the effectiveness of the use of public funds is confirmed. The basic principles and sources of information used in the development of criteria for assessing the effectiveness of the use of public funds, as well as the requirements for these criteria are investigated. The analysis of qualitative and quantitative criteria for assessing the effectiveness of the use of public funds. Based on the results of the study, it is concluded that the criteria for assessing the effectiveness of the use of public funds in the performance audit for each case of inspections should be based on the same rules and concepts. In the absence of a unified approach to the selection of performance evaluation criteria, they must be developed anew for each check.

**Keywords:** public funds, public finance management, performance audit, purpose of performance audit, performance assessment criteria, performance audit object, qualitative performance assessment criteria, quantitative performance assessment criteria.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Тоҳирова Раҷабмо Сафаровна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **moh-72@mail.ru.** Телефон: (**+992) 935-32-08-36**
***Асоев Камолидин Раҳимович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **asoevkamolidin@gmail.com.** Телефон: (**+992) 934-58-08-08**

**Сведение об авторах:** ***Тохирова Раджабмо Сафаровна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **moh-72@mail.ru.** Телефон: (**+992) 935-32-08-36**
***Асоев Камолидин Рахимович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **asoevkamolidin@gmail.com.** Телефон: (**+992) 934-58-08-08**

**Information about the authors:** ***Tohirova Rajabmo Safarovna*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **moh-72@mail.ru.** Phone: **935-32-08-36**
***Asoev Kamolidin Rahimovich*** - Tajik National University, Ph.D candidate at the Department of Economic Analysis and Audit. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **asoevkamolidin@gmail.com.** Phone: **934-58-08-08**

**УДК.338.378**

# НАҚШИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Рашидова Д.Ҷ.***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ бо муборизаи субъектҳои он-муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК), ба монанди дигар иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ бо мақсади таъмини суботи молиявӣ вобастагии мустаҳкам дорад. Бояд қайд кард, ки дар шароити имрӯза ташаккули тамоюли имконпазири субъектҳои таҳсилоти олии касбии ватанӣ дар муборизаи рақобатӣ дар бозори хизматрасонии таълимӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои самарабахш торафт мураккабтар мегардад. Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ, фазои ҷаҳонии таълим, бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат таъсири назаррас доранд. Дар чунин шароит, ба даст овардани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватанӣ аз сатҳи қобилияти мутобиқшавии онҳо ба шароити тағйирёбандаи беруна вобаста аст, ки ҷустуҷӯи консепсияҳои муосири фаъолият ва рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии онро талаб мекунад [2,с.212-213].

Дар бозори хизматрасонии таълимӣ, гарчанд фарқиятҳои хосси соҳавӣ мавҷуданд, хусусиятҳои хоси таркибӣ, технологӣ, шароити истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар бозори хизматрасонии таълимӣ дар таркиб ва сатҳи салоҳияти касбии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зоҳир мешаванд, аммо дар он қонуниятҳои бозори мол ва ҳамкории рақобатии иштирокчиён низ хос аст.

Тавре ки дар адабиёти иқтисодӣ қайд гардидааст, "рақобатпазирӣ қобилияти рақобат кардани ҷонибҳои манфиатдори бозор буда, ҳамеша заминаи амали рақобатпазирии онҳо дар соҳаи маориф мебошад" [3,с.185]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки рақобатпазирии муассисаҳои ватании соҳаи таҳсилоти олии касбӣ хусусияти бозорӣ дорад.

Мафҳуми "рақобатпазирӣ" дар адабиёти иқтисодӣ ба таври васеъ баррасӣ карда мешавад. Дар раванди таҳқиқот ва арзёбии рақобатпазирии фаъолияти хизматрасонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дарк кардани фарқияти байни рақобатпазирии *объект ва субъект* зарур аст. Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, объекти рақобатпазирӣ хизматрасонии таълимӣ мебошад. Хизматрасонии мазкур ҳамчун объект дар натиҷаи фаъолияти субъектҳо - донишгоҳҳо ташаккул меёбад, ки равандҳои идоракунӣ, ташкилӣ, истеҳсолӣ ва фурӯшро фаро мегирад [5,с.22]. Аз ин рӯ, қобилияти муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ барои рақобат ва пирӯзӣ дар рақобат, ки имконияти нигаҳдории мавқеи мавҷударо таъмин менамояд, истеъмолкунандагони навро ба даст орад ва дар бозори хизматрасонии таълимӣ мавқеи устуворро ноил гашта, рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тавсиф менамояд. Ҳамин тариқ, рақобатпазирӣ инъикосгари натиҷаи истифодаи функсионалии маҷмуи омилҳо ва амали рақобат дар бозор мебошад.

Ҷустуҷӯи механизмҳои такмили рақобатпазирӣ аз хусусиятҳои хоси объектҳои рақобатпазир, возеҳ кардани ҳадаф ва доираи арзёбии он вобаста аст [4,с.27-30]. Таҳлил ва арзёбии сатҳи рақобатпазирӣ, пеш аз ҳама, бо объекти рақобатпазирӣ - хизматрасонии таълимӣ алоқаманд аст. Азбаски рақобатпазирии кишвар ва соҳа дар ниҳояти кор аз қобилияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сарчашма мегирад, истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии рақобатпазир аз шароити барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва, дар маҷмуъ, дар кишвар фароҳам оварда шуда, вобаста аст [6,с.41]. Рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ (ҳамчун маҳсули меҳнат) аз рақобатпазирии худи донишгоҳ, вазъи молиявию иқтисодӣ ва обрӯву эътибори он вобаста аст. Муаллиф тарафдори ақидаи Р.А. Фатхутдинов мебошад, ки рақобатпазирии ҳама сатҳҳо (кишвар, минтақа, соҳа)-ро ҳамчун омили берунаи афзалиятҳои рақобатии хизматрасониҳои таълимӣ донистааст. Дарвоқеъ, афзоиши рақобатпазирии

хизматрасониҳои таълимӣ дар ҳама сатҳҳо бо сатҳи сифати муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбии истеҳсолкунандаи хидматҳои таълимӣ ҳамчун маҳсулот муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи фаъолияти онҳо тамоми нишондиҳандаҳои ҷудонашаванда ва хусусии рақобатпазирии хидматҳо мукаммал мегарданд [11]. Ҳамин тариқ, рақобатпазирии объектҳои сатҳи поёнӣ омили рақобатпазирии сатҳҳои болоӣ мебошад. Тавре ки дар боло қайд кардем, дар навбати худ, ташкилотҳои болоии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ барои таъмини рақобатпазирии донишгоҳҳои кишвар шароит фароҳам меоранд.

Бояд қайд кард, ки сифати хизматрасонии таълимӣ ва рақобатпазирии он бо ҳам зич алоқаманд аст. Сифат ҳамчун маҷмуи хосиятҳои хизматрасонии таълимӣ дар тамоми марҳилаҳои пайдарпайи истеҳсол ва пешниҳоди он ташаккул меёбад. Бояд таъкид кард, ки рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ танҳо пас аз татбиқи он зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, категорияҳои “сифат” ва “рақобатпазирӣ” дар марҳилаҳо ё соҳаҳои гуногун зоҳир мешаванд. Бо вуҷуди ин, сифати хизматрасонии таълимӣ яке аз омилҳои асосие мебошад, ки рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муайян мекунад.

Рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ як сохтори мураккабест, ки нишондиҳандаҳои худро дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ гурӯҳҳои мухталифи низоми нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории рақобатпазир мавҷуданд, ки таснифот шудаанд. А.М. Яновский нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот/хизматрасониҳоро чунин гурӯҳбандӣ кардааст:

а) нишондиҳандаҳои сифат, муфид будани хизматрасониҳои таълимӣ;

б) хароҷоти истеъмолӣ ё нархи ӯ;

в) нишондиҳандаҳое, ки самаранокии хизматрасониро тавсиф мекунанд (усули пешбарӣ, каналҳои фурӯш ва ғайра).

Гурӯҳи охирин ба соҳаҳои маркетинг дахл дорад. Ба ақидаи муаллифи дигар - И.Б. Романов гурӯҳи якуми нишондиҳандаҳои пешниҳодкардаи А.М. Яновский, - сифати хизматрасонии таълимиро ба ду зергурӯҳ тақсим кардааст:

а) меъёрӣ - мувофиқати нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонии таълимӣ ба стандартҳо ва меъёрҳои муқаррар намудаи давлат;

б) нишондиҳандаҳое, ки хосиятҳои нави хизматрасонии таълимии пешниҳодшударо арзёбӣ мекунанд.

Гурӯҳи дувуми нишондиҳандаҳои рақобат танҳо бо хусусиятҳо ва нархи татбиқи он маҳдуд аст. Ӯ дар гурӯҳи сеюм - омилҳои маркетингро муттаҳид кард, ба монанди эътимод ба донишгоҳ, дастрасии хизматрасонии таълимӣ, шиддатнокии таблиғот ва ғ.

Ҳангоми арзёбии сатҳи дастрасӣ ба хизматрасонии мушаххаси таълимӣ, бояд гуногунии ташкили шаклҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мавҷудияти филиалҳои донишгоҳҳо дар минтақаҳои кишвар, инчунин дараҷаи рушди низоми таҳсилоти фосилавӣ ба назар гирифта шавад. Шумораи таблиғот ва интишори онҳо дар васоити ахбори омма, шумораи гурӯҳҳои огоҳшудаи аҳолӣ, истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ ва ғайра нишондиҳандаи шиддатнокии таблиғотро инъикос мекунад. Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои мутобиқати хизматрасониҳо ба пойгоҳи меъёрӣ, сифат, нархҳои татбиқ ва самаранокии истеҳсолот ва пешниҳоди хадамоти таълимӣ ба таркиби омилҳое таалluқ доранд, ки рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимиро муайян мекунанд [10,с.39-40].

Ҳамин тариқ, рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қобилияти ба даст овардани хидматҳои истеҳсолшаванда ва пешниҳодшавандаи афзалиятҳои рақобатӣ дар муқоиса бо хидматҳои шабеҳи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дигар мебошанд.

Бархе муаллифон нақшаи таснифотро, ки омилҳои бартарии рақобатпазирии хизматрасонии таълимӣ ва рақобатпазирии онро инъикос мекунанд, дар шакли занҷираи нарх - сифат - хидмат - муҳити маркетингӣ пешниҳод менамоянд (ҷадвали 1).

Хизматрасониҳоии таълимӣ, ба монанди ҳамаи хосиятҳои молӣ, андозаи харҷ ё хароҷотро барои истеҳсол ва истифодаи онҳо, яъне нархи истеъмолро муайян мекунад [10,с.39-40]. Бояд қайд кард, ки нархи истеъмолӣ аз нархи бозор ва, инчунин, хароҷоти марбут ба пардохти маблағи ҳаққи хариди хизматрасониҳои таълимӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон дар давраи ҳаёти он иборат аст.

**Ҷадвали 1. Омилҳои рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

**Table 1. Factors of competitiveness of educational services of higher education institutions**

| № | Омилҳо | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1. | Нарх | Таносуби сатҳи нархҳо бо нархи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - рақибон. Тараққии низоми тафриқаи нархҳо вобаста ба таносуби талабот ва пешниҳод дар бозори хизматрасонии таълимӣ ва бозори меҳнат, инчунин сиёсати рақибон. |
| 2. | Сифат | Судмандии хизматрасониҳои таълимӣ (талабот ба хатмкунандагон, фаъолият, ба кор таъмин шудан, ба стандарт мувофиқ будан), эътибор. |
| 3. | Хизматрасонӣ | Сатҳи дастрасии хизматрасониҳои таълимӣ, ба истеъмолкунандагон расонидани онҳо, сатҳи хизматрасонӣ, мавҷудияти хобгоҳҳо, толори варзишӣ, марказҳои хидматрасонӣ ва ғайра. |
| 4. | Муҳити маркетингӣ | Самаранокии фаъолияти таблиғотӣ, алоқа бо ҷамъият, агентҳои бозори меҳнат, корфармоён ва ғайра. |

Рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимиро дар низоми сесатҳӣ тавсиф кардан мумкин аст.

Якум, рақобатпазирии хизматрасониҳо сатҳи мутобиқати нишондиҳандаҳои маҷмаавии хизматрасонии таълимиро ба талаботи стандартҳои меъёрӣ ва таълимии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум мекунад. Ин сатҳ ҳамчун сатҳи миёна ё ҳадди ақкали фаъолияти донишгоҳҳо баромад мекунад.

Дувум, рақобатпазирӣ сатҳи мутобиқати нишондиҳандаҳои хизматрасонии таълимиро бо нишондиҳандаҳои шабеҳи муассисаҳои пешбари соҳаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ инъикос мекунад. Ин сатҳ ҳам иҷрои талаботи стандарти сатҳро инъикос мекунад, инчунин тақсимот ва таблиғи самараноки хизматҳоро, ки кори босифати коллективи меҳнатии донишгоҳро инъикос менамояд.

Севум, рақобатпазирӣ вазъи болоравии маҷмуи нишондиҳандаҳоро дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои шабеҳи донишгоҳҳои пешрафтаи кишвар аз ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ ва корфармоён инъикос мекунад. Дар ин ҷо, бартарии рақобатии яке аз макотиби олии касбӣ нисбат ба дигарон ба назар намоён мегардад. Ба ибораи дигар, низоми нишондиҳандаҳои сифат, вазъи молиявию иқтисодӣ, вусъатдиҳии хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагон, таъминот дар бозор, инчунин нишондиҳандаҳои фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба дигар муассисаҳои ҷумҳурӣ баландтар аст.

Дар маҷмуъ, рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ бо дараҷаи талабот ба хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олӣ аз рӯи ихтисоси муайян дар бозори меҳнат дар 5-10 соли оянда, инчунин сатҳи баланди рақобат барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё ихтисоси зикргардида тавсиф карда мешавад.

Тавре ки зикр гардид, нишондиҳандаи сифат, пеш аз ҳама, дар дараҷаи мутобиқатии хизматрасониҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ ба талаботи стандарт, бандҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, ки ба таҷрибаи ҷаҳонии таъмини сифати таҳсилот асос ёфтааст, ифода меёбад. Дар робита ба ин, консепсияҳои зерини идоракунии сифат пешниҳод карда мешаванд:

- таваҷҷуҳ ба истеъмолкунанда ва ниёзҳои бозори меҳнат, зеро нишондиҳандаи сифатро истеъмолкунанда муқаррар мекунад, донишгоҳҳо бояд диққати ҷиддиро ба таҳқиқи эҳтиёҷот, талабот ва интизориҳои истеъмолкунанда ва бозори меҳнат равона кунанд;
- равишҳои равандӣ ва низомбандӣ (системавӣ) бо усулҳои идоракунии сифати маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ тавассути алоқамандӣ дар низоми мувофиқашуда;
- пешсафии роҳбарият: усулҳои ташкили кор ва равандҳои таълимӣ дар чаҳорчӯбаи низоми идоракунӣ бояд аз сиёсати умумӣ ва ҳадафҳои донишгоҳ, ки аз ҷониби шурои олимон ва маъмурият таъсис ёфтааст, сарчашма гиранд, ки татбиқи ҳадафҳоро дар асоси ҷалби самарабахши захираҳои зарурӣ таъмин мекунанд;
- ҷалби ҳайати профессорон-омӯзгорон, баланд бардоштани фаъолияти эҷодии он дар татбиқи ҳадафҳои дар назди донишгоҳҳо гузошташуда, зеро ин танҳо дар ҳолати

рафтори муносиби коллективҳои меҳнатӣ, неруи зеҳнӣ дар ҳама сатҳҳои ташкилот имконпазир аст.

- пайваста ҷустуҷӯ намудани механизмҳои нав вобаста ба тағйирёбии рафтори истеъмолкунандагон, корфармоён ва ҷонибҳои манфиатдор (донишгоҳҳо дар ин шароит бояд рафтори худро дар ин равандҳо, тавассути таъмини сатҳи сифати истеҳсолот ва идоракунӣ тағйир диҳанд);

- баланд бардоштани сатҳи таъминоти иттилоотии донишгоҳ, ки барои қабули қарорҳои воқеии идоракунӣ ҳамчун пойгоҳ мебошад: раванди такмил бояд ба манбаъҳои воқеии иттилоотӣ, маълумотҳое, ки дар натиҷаи андозагирии объективии вазъи воқеии сифати хизматрасониҳои таълимӣ асос ёбад;

- ҳамкории мутақобилан судманд бо таъминкунандагон: сифати хизматрасониҳои таълимӣ аз рӯи сифати ашёи ибтидоӣ, хидматҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ муайян карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити муосир, ҳангоми таҳия, татбиқ ва баланд бардоштани самаранокии низоми менеҷмент, сифат истифодаи усули равандиро тақозо мекунад, ки ба баланд бардоштани сатҳи қаноатмандии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ равона карда шудааст. Усули равандӣ ин идоракунии пайваста мебошад, ки робитаҳои самаранок ва ҳамоҳангшудаи байни равандҳои алоҳида дар дохили муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва омезиши онҳоро таъмин менамояд [1,с.127-129]. Тавре ки дар боло қайд кардем, мутобиқати хизматрасониҳои таълимӣ ба стандартҳо ё меъёрҳо сатҳи ҳадди ақали сифатро муайян мекунад.

Бояд қайд кард, ки соҳаи маориф яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ мебошад, бинобар ин, дар низоми нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ хусусияти иқтисодӣ ва арзиши хизматрасониҳои таълимиро тавсиф мекунанд. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, зарур аст, ки арзиши таҳсил, таълим, яъне хароҷоти донишгоҳ барои омодасозии як мутахассис муқаррар карда шавад. Ба сифати нишондиҳандаи заминавӣ самаранокии иқтисодии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, истеҳсоли хизматрасониҳои таълимӣ баромад мекунад, ки онро ҳамчун таносуби сифати хизматрасониҳои истеҳсолшаванда ва пешниҳодшаванда ба нархи он муайян кардан мумкин аст. Инро ҳиссаи пардохтҳои донишҷӯён барои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда муайян мекунад. Дар асл рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ муҳимтарин замина мебошад. Афзалиятҳои асосии рақобатнокии хизматрасониҳои таълимӣ харҷи кам ё барои истеҳсол ва пешниҳоди он, инчунин тахассуси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун нишондиҳандаи қобилияти қонеъ гардонидани талаботи махсуси истеъмолкунандагон ё фармоишгарон мебошанд. Ба ин навоварии хизматрасониҳои таълимӣ ва сифати онҳоро дохил кардан лозим аст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, донишгоҳу донишкадаҳо рафтор ва усулҳои рақобатро дар асоси истифодаи механизмҳои бозор муайян мекунанд. Масалан, барои ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нархҳои хизматрасониҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбии дигари рақобатпазир ҳамчун меъёри асосӣ барои муайян кардани нархҳои хизматрасониҳои таълимии истеҳсолшуда ва пешниҳодшуда амал мекунанд. Дар рафти таҳқиқот нархи барномаҳои таълимӣ ва хизматрасониҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии рақибон таҳлил карда мешавад. Масалан, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамасола дар самти ташаккули нархҳо дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ таҳқиқоти маркетингӣ мегузаронад. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, нархгузорӣ барои хизматрасониҳои худ муайян карда мешавад. Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, инчунин дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълими ҳамсонро анҷом медиҳанд.

Мақсади асосии таҳқиқот таҳлили нархи хизматрасониҳои таълимӣ дар муҳити рақобатӣ мебошад, ки ҳалли масъалаҳои зеринро муайян мекунад:

1) муайян кардани теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи аломати минтақавӣ, ки мутахассисонро барои хизматрасониҳои шабеҳ омода мекунанд;

2) ташаккул додани сатҳи нархҳои хизматрасонии таълимӣ дар ДТТ дар самтҳо ва шаклҳои мухталифи таълим;

3) ошкор кардани нархҳои хизматрасониҳои донишгоҳҳои рақибон дар самтҳо ва ихтисосҳои гуногун ва муқоиса кардани онҳо бо сатҳи нархҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

4) ҳисоб кардани сатҳи миёнаи нархҳо дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, инчунин тағйирёбии нархҳои хизматрасониҳои ДТТ аз сатҳи миёна4

5) муайян кардани таносуби нархҳо аз рӯи шаклҳои гуногуни таҳсил дар муҳити рақобатии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва муқоиса кардани таносуби мазкур бо таносубе, ки ба ДТТ хос аст.

Бо назардошти хусусиятҳои маҳали ҷойгиршавӣ ва сатҳи алоқаи нақлиётӣ, ки муҳити рақобатии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро муайян мекунанд, муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, дар мавқеъҳои зерин ҷойгиранд:

1) дар микроноҳияи 46 ноҳияи Фирдавсӣ, ш. Душанбе;

2) дар ноҳияҳо ё микроноҳияҳои наздиктарин (63, 46, Гипрозем)-и шаҳри Душанбе.

Ҳисобкунии нархи хизматрасонии таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯи ихтисосҳо ва шаклҳои гуногуни таълим дар асоси ҳуҷҷатҳо ва қарордодҳо (фармони ректор “Дар бораи арзиши таҳсил”) сурат мегирад. Дар ин ҳолат, танҳо арзиши таҳсил барои 1 курс интихоб карда шуд. Сатҳи нархҳои хидматрасонии донишгоҳҳои рақибон дар асоси манбаъҳои интернетӣ (сомонаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ), инчунин бо ташкили пурсиши саволномаҳо муайян карда шудааст. Сатҳи нархҳои хизматрасонии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва нархҳои хизматрасонии донишгоҳҳову донишкадаҳои рақибон барои ҳар ихтисос ва ҳар шакли таҳсил муқоиса карда шудааст.

Сатҳи миёнаи нархҳо барои хизматрасониҳо дар муҳити рақобатии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи миёнаи арифметикӣ барои ҳар як шакли таҳсил ҳисоб карда шудааст. Мо косташавии нархҳоро аз нархҳои миёнаи муҳити рақобат (МТОК-рақибон) ҳисоб намуда, пас онро (косташавии нарх) бо нишондодҳои нисбӣ ҳисоб кардем (тақсими косташавӣ бо бузургии мутлақ ба арзиши миёна ва зарб кардан ба 100%).

Ҳисобкунии нархҳои хизматрасонии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) низ ҳамин тавр сурат гирифтааст. Дар асоси натиҷаҳои таҳлили нархҳои хизматрасонии таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон чунин хулосаҳо бароварда шудаанд:

- сатҳи баланди рақобат аз рӯи ихтисосҳои “Молия ва қарз”, “Андозҳо ва андозбандӣ”, “Баҳисобгирии муҳосиботӣ, таҳлил ва аудит”, “Менеҷменти ташкилотҳо” ва ғайра. Танҳо 7% ихтисосҳои шакли рӯзонаи таҳсил нархи аз сатҳи миёна баланд доштанд (зиёда аз 10%) – “Маркетинги байналмилалӣ, тарроҳӣ”. Тақрибан нархи 20% ихтисосҳо таълими ба арзиши миёна наздик аст. Ин воқеият ба ихтисосҳои “Баҳисобгирии муҳосиботӣ, таҳлил ва аудит”, “Менеҷменти ташкилот”, “Информатикаи амалӣ, сайёҳӣ” тааллуқ доранд. Бештар аз 72% ихтисосҳо нархи таҳсили аз сатҳи миёна пасттар доштанд, аз ҷумла ихтисосҳои “Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо” (дар бахши хизматрасонӣ), “Идоракунии сифат” ва “Иқтисодиёти меҳнат” аз ин шуморанд.

Ғайр аз он, натиҷаҳои бадастомада ба мо имкон доданд, ки тавсияҳои зеринро барои такмили минбаъдаи сиёсати нарх дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳия намоем.

1. Нархи хизматрасониҳои таълимро барои ихтисосҳое, ки дар онҳо паст будани нархҳо аз сатҳи миёна аз 10% зиёд нест, дар сатҳи доимӣ нигоҳ доштан лозим аст.

2. Барои он ихтисосҳое, ки нархҳо аз нархи миёнаи бозор 10% зиёдтар аст, арзиши хизматрасониҳои таълимро ба ҳисоби миёна 10% коҳиш додан лозим аст;

3. Зиёд кардани арзиши нархи таҳсил ба ҳисоби миёна ба андозаи 10% дар ихтисосҳое, ки инҳирофи манфӣ аз бузургии миёнаи нарх дар муҳити рақобат дар ҳудуди 10-30% қарор дорад.

4. Зиёд кардани арзиши хизматрасонии таълимӣ ба андозаи 20% дар ихтисосҳое, ки дар он инҳирофи манфӣ аз бузургии миёнаи нарх беш аз 30%-ро ташкил медиҳад.

Умуман, тадқиқоти маркетингиро оид ба нархҳои хидматрасонии таълимӣ пайваста ташкил кардани алгоритми мониторинги омилҳои ба сатҳи нархҳои хизматрасонии таҳсилотии таъсиррасон, мунтазам нав кардани заминаи иттилоотие, ки барои нархгузорӣ ва таъини нархҳои хизматрасонии таълимӣ дар шароити рақобат заруранд, мувофиқи мақсад аст. Гузаронидани тадбирҳои истифодаи механизмҳои бозор, бахусус нархгузории бозорӣ, афзоиши самаранокии фаъолияти муассисаҳоро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ

таъмин намуда, рақобатпазирии онҳоро дар бозори хизматрасонии таълимӣ баланд мебардорад.

Нишондиҳандаи дигари рақобатпазирӣ ин нишондиҳандаи вусъатдиҳии хизматрасонии таълимӣ ба истеъмолкунандагон мебошад. Вай робитаҳои коммуникатсионии муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбиро барои расонидани хизматрасонии таълимӣ ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ аз рӯи шаклҳои таҳсил (рӯзона, ғоибона, фосилавӣ), инчунин сохторҳои ташкилии он дар минтақаҳои ҷумҳуриро тавсиф мекунад [5,с.22].

Дар низоми нишондиҳандаҳои рақобатпазир индикаторҳои пешбурди хизматрасонии таълимӣ дар бозори хизматрасонии таълимӣ аҳамияти калон доранд. Ин нишондиҳанда таъсирро ба бозори таблиғотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкили PR-ҳамкорӣ бо аҳли башарият ва ВАО (воситаҳои ахбори омма) тавсиф мекунад. Индикаторҳои фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ маҳсулнокии неруи зеҳнӣ ва фаъолияти сохторҳои донишгоҳ, касбият ва таҷрибаи идоракунӣ ва ташкили раванди таълим дар шароити муносибатҳои бозориро тавсиф мекунад.

Маҷмуи нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда (рақобатпазирӣ ва афзалиятҳои рақобатии хизматрасониҳои таълимӣ) бояд самтҳои таҳқиқоти маркетингӣ ва марҳилаҳои мониторинги фаъолият ва рақобатпазирии донишгоҳро муайян кунанд. Тавре ки қайд карда шуд, рақобатпазирии хизматрасонии таълимӣ яке аз шартҳои муҳимми арзёбии муассисаҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Ҳангоми таҳияи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ бояд диққати худро ба ҷузъи инноватсионии хидмат равона кард.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таъхирнопазири таҳия ва татбиқи барномаи тағйироти сохторӣ ҳам дар соҳаи маориф ва ҳам дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба миён омадааст, ки ба пешгирии номутавозинии бозори хидматрасонии таълимӣ ва бозори меҳнат нигаронида шудааст. Муносибатҳои бозории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон медиҳанд, ки иқтидори кадрӣ самараноктар истифода шаванд ва омода намудани мутахассисони ихтисосҳои такроршавандаро бартараф намуда, дар натиҷа, сифати хизматрасониҳои таълимӣ беҳтар карда шавад. Зарур аст, ки ҳамасола мониторинги мутобиқатии омодагии кадрҳои касбӣ ба эҳтиёҷоти иқтисодиёт гузаронида шуда, рӯйхати ихтисосҳое муайян карда шавад, ки донишгоҳҳо ҳангоми банақшагирии раванди таълим ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ ҳангоми интихоби касб ва ташаккули сиёсати кадрҳо онҳоро ба эътибор гиранд. Дар донишгоҳҳо марказҳои мусоидат бо кор таъминкунии хатмкунандагон ва алоқаи доимиро бо онҳо ташкил кардан мувофиқи тақозои замон аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Аҳмадов Р.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Вопросы организации образовательного процесса для студентов иностранных государств / А.М. Карандеева [и др.] // Современные тенденции развития системы образования (к 85-летию Чувашского республиканского института образования): материалы Междунар. науч.-практ. конф. (Чебоксары, 2 апр. 2019 г.) / редкол.: Ж.В. Мурзина [и др.] – Чебоксары: ИД «Среда», 2019. –С.127-129.
2. Ильичева В.Н. Образовательные технологии в высшей школе / В.Н. Ильичева, Д.А. Соколов // Проблемы современной морфологии человека: сборник научных трудов, посвященный 90-летию кафедры анатомии ГЦОЛИФК и 85-летию со дня рождения заслуженного деятеля науки РФ, чл.-корр. РАМН, проф. Б.А. Никитюка. – 2018. –С.212-213.
3. Катаев, А.Х. Методологические и этические аспекты разработки и внедрения новых образовательных технологий в системе среднего профессионального образования / А.Х. Катаев, Н.Н Шоев – Душанбе: Ирфон, 2002. -185 с.
4. Кинелев В.Г. О государственной программе развития высшего образования в Российской Федерации / В.Г. Кинелев // Высшее образование в России. - 1992. -№1.-С. 27-30.
5. Клочкова С.В. Непрерывное медицинское образование в свете современных тенденций / С.В. Клочкова, Н.Т. Алексеева, Д.Б. Никитюк // Журнал анатомии и гистопатологии. –2017. -№S. –с.22а.
6. Котлер Ф. Маркетинг и менеджмент / Ф. Котлер. - Питер, 1998. -896 с.
7. Кравченко Е.В. Портфолио в системе профессиональных достижений студентов / Е.В. Кравченко // Сибирский педагогический журнал. – 2012. -№7. –С.120-122.
8. Мнихович М.В. От анатомии и гистологии к клинической патологии / М.В. Мнихович, Д.А. Соколов, В.Л. Загребин // Журнал анатомии и гистопатологии. - 2017. -С.29-30.
9. Насонова Н.А. Сложности адаптации иностранных студентов первого курса обучения в медицинском вузе /

Н.А. Насонова, В.Н. Ильичева, Д.А. Соколов // Современные тенденции развития системы образования: сборник статей. -Чебоксары: ИД «Среда», 2019. –С.315-317.
10. Нравственное воспитание студента как основа формирования личности врача / А.М. Карандеева [и др.] // Colloquium-journal. – 2018. -№11-5(22). –С.39-40.
11. Основы меркетинга / Ф. Котлер, Г. Армстронг, Д. Сондерс, В. Вонг. -Москва-С-Петербург-Киев, 1998. -1055 с.
12. Приоритеты социально-экономического развития регионов: вопросы теории, методологии, практики / Под редакцией члена-корреспондента РАН А.И. Татаркина. -Екатеринбург: Институт экономики УрО РАН, 2000. -503 с.
13. Современные образовательные технологии [Текст]: учебное пособие / коллектив авторов; под ред. Н.В. Бордовской. – 3-е изд., стер. -М: КНОРУС, 2017. -62 с.
14. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития / Р.К. Раджабов, Х.Н. Факеров, М. Нурмахмадов, М.Х. Саидова. -Душанбе: Дониш, 2007. -544 с.
15. Федеральный образовательный стандарт высшего профессионального образования [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://fgosvo.ru/uploadfiles/5/20111207163943.pdf (дата обращения: (25.12.2009).

## НАҚШИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақола мушкилоти марбут ба асоснокунии назариявӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дида баромада шудааст, ки ба равандҳои ҷаҳонишавии фазои таҳсилот ва бозори ҷаҳонии хидматҳои таҳсилот ва бозори меҳнати ҷаҳонӣ таъсири назаррас доранд. Дар бозори хизматрасонии таҳсилот, гарчанде ки фарқиятҳои хоси соҳавӣ мавҷуданд, ки дар хусусиятҳои хоси мундарича, технология, шароити истеҳсолот ва пешниҳоди хидматҳои таҳсилот дар бозори хидматрасонии таҳсилот, инчунин дар таркиб ва сатҳи салоҳияти касбии кормандони донишгоҳ зоҳир мешаванд, балки онро қонуниятҳои бозори мол ва боҳамтаъсиркунии рақобатпазирии иштирокчиён тавсиф мекунад. Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, объекти рақобатпазирӣ хизматрасонии таҳсилот мебошад. Ин хизматрасонӣ, ҳамчун объект дар натиҷаи фаъолияти субъектҳо – муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташаккул меёбад, ки равандҳои идоракунӣ, ташкилӣ, истеҳсолӣ ва фурӯшро фаро мегирад. Аз ин рӯ, қобилияти муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ барои рақобат, пирӯзӣ дар рақобат, ки ба он имконият медиҳад, ки мавқеи мавҷударо нигоҳ дорад, истеъмолкунандагони навро ба даст орад ва дар бозори хизматрасонии таҳсилот мавқеи устуворро ба даст орад. Ҳамин тариқ, рақобатпазирӣ натиҷаи функсионалии истифодаи системаи омилҳое, ки амали рақобатро дар бозор инъикос мекунад.

**Калидвожаҳо:** маълумоти олии касбӣ, ҷаҳонишавӣ, хидматҳои таҳсилотӣ, истеҳсолот, менеҷмент, ташкилӣ, истеҳсолӣ, истеъмолкунанда, рақобат, сифат, самаранокии омӯзиш.

## РОЛЬ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ В РАЗВИТИИ УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются проблемы, а также дается теоретическое обоснование влияния оказт глобализационных процессов на мировое образовательное пространство и мировой рынок образовательных услуг и мировой рынок труда. На рынке образовательных услуг, хотя и отмечаются характерные отраслевые отличия, которые проявляются в специфических особенностях содержания, технологий и условий производства и предложения образовательных услуг на рынке образовательных услуг, а также в составе и уровне профессиональных компетенций работников вузов, но ему присущи закономерности товарного рынка и конкурентного взаимодействия участников. В сфере высшего профессионального образования объектом конкурентоспособности выступает образовательная услуга. Эта услуга как объект формируется в результате деятельности субъектов - вузов и охватывает управленческие, организационные, производственные и сбытовые процессы. Поэтому способность учреждений сферы высшего профессионального образования конкурировать, выигрывать в конкуренции, дающей им возможность сохранения существующих положений, привлечения новых потребителей и завоевания устойчивого положения на рынке образовательных услуг, характеризует конкурентоспособность вузов. Таким образом, конкурентоспособность отражает функциональный результат использования системы факторов, действие конкуренции на рынке.

**Ключевые слова:** высшее профессиональное образование, глобализация, образовательные услуги, рынок, управление, потребитель, конкуренция, качество, издержки потребителя, эффективность обучения.

## ROLE OF COMPETITIVENESS EDUCATIONAL SERVICES IN THE DEVELOPMENT OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS

The article discusses the problems and also provides a theoretical basis associated with the sphere of higher professional education is influenced by the processes of globalization, the world educational space and the world market of educational services, the world labor market. In the market of educational services, although there are characteristic industry differences, which are manifested in the specific features of the content, technologies and conditions of production and supply of educational services in the educational services market, as well as in the composition and level of professional competencies of university employees, but it is characterized by the laws of the commodity market and the competitive interaction of participants. In the field of higher professional education, the object of competitiveness is an educational service. This service as an object is formed as a result of the activities of subjects - universities, which covers management, organizational, production and sales processes. Therefore, the ability of institutions in the sphere of higher professional education to compete, to win in competition, which gives it the opportunity to maintain existing positions,

attract new consumers and gain a stable position in the educational services market, characterizes the competitiveness of universities. Thus, competitiveness reflects the functional result of using a system of factors, the action of competition in the market.

**Keywords:** higher professional education, globalization, educational services, market, management, consumer, competition, quality, consumer costs, learning efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рашидова Дилрабохон Ҷалоловна*** **-** Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушд. **Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи. Н. Қарабоев 63/3. Телефон: **(+992) 905-05-65-25.** E-mail: **dilrabo@gmail.com**

**Сведение об авторе:** ***Рашидова Дилбархон Джалоловна*** - Технологический университет Таджикистана, кандидат экономических наук, преподаватель кафедры экономической теории и экономики развития. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Карабаева 63/3. Телефон: **(+992) 905-05-65-25.** E-mail: **dilrabo@gmail.com**

**Information about the author:** ***Rashidova Dilbarkhon Jalolovna*** - Technological University of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, lecturer at the Department of Economic Theory and Development Economics. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Karabaev street 63/3. Phone: **(+992) 905-05-65-25**. E-mail: **dilrabo@gmail.com**

УДК:330.5(575.3)

# МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ БЕРУНИИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Шамсов Ф.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди муътадил ва кофии босуръати иқтисоди миллӣ, самаранокии он ва сатҳи баланди рақобатпазирӣ дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ омилҳое мебошанд, ки амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ барои дигар давлатҳо вобастагӣ дорад.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 180 давлати дунё муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда, узви комилҳуқуқ ва фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бонуфузи глобалӣ ва минтақавӣ мебоша [8].

Дар асоси таҷрибаи чандинсолаи ҷаҳонӣ ҳаминро метавон гуфт, ки таъмини амнияти иқтисодӣ ин гарави истиқлолияти кишвар, рушди босамари он дар ҳама самтҳо ва ба даст овардани на танҳо натиҷаҳои мусбат, балки натиҷаҳои баланди иҷтимоӣ, чи дар дохили кишвар ва чи дар ҷаҳон мебошад. Аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иқтисодии кишвар яке аз вазифаҳои асосии кишвар ва ҳамчун самтҳои афзалиятноки давлат мебошад.

Мубрамияти мавзу ҷиҳати баён намудан ва омӯзиши далелҳои зерин равона карда шудааст:

1) истифодаи равишҳои муосир дар соҳаи иқтисодиёт ва идоракунии фаъолияти давлатӣ;

2) тезу тунд шудани мушкилоти дохилии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии кишвар, ки боиси афзоиши пастравии иҷтимоии табақаҳои гуногуни ҷомеа гардида ва бар ин васила таҳдиди вайроншавии асосҳои иқтисодии амнияти фаъолият ва рушди давлатҳо мегардад;

3) зарурати бартараф намудани таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ ба амнияти иқтисодии давлат.

Инсоният аз лаҳзаи мавҷудияти худ дар шароитҳои гуногуни таҳдидҳои доимии табиӣ ва ҳам аз таҳдидҳои дар дохили ҷомеаи худ мавҷудбуда зиндагӣ мекарданд. Чунин таҳдидҳо боиси бавуҷудоии сарчашмаҳои гуногуни хатарҳои берунӣ ва дохилӣ мегардад Хатарҳо ҳамчун имконияти объективии мавҷудаи таъсири манфӣ ба сохти ҷамъият ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи он ба ҷамъият ҳар гуна хисорот, зарарҳо расонида мешавад, ки вазъияти рушду тараққиётро коста мегардонад, фаҳмида мешавад. Сарчашмаи хатар пеш аз ҳама, шароит ва омилҳои ниятҳои душманона ва хосиятҳои зарароваре мебошанд, ки пайдоиши табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ доранд.

Дар таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар дар соҳаи иқтисодиёт нақши аввалиндараҷа дорад. Амнияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои муҳимми амнияти миллии кишвар мебошад. Гуногунии самтҳои амнияти иқтисодӣ ва шаклҳои мавҷудияти он раднопазир аст: Самтҳои амният ин албата ҷудо мешавад ба амнияти энергетикӣ, амнияти захираҳои табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар ҷузъҳои муҳимро дар бар мегирад. Бе таъмини дурусти амнияти иқтисодӣ бомуваффақият ҳалли масъалаҳои дар назди давлат истода имконнопазир мегардад [2,с.268].

Вазъияти кунунии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки стратегияи амнияти иқтисодӣ чи аз ҷиҳати ҷузъҳои дохилӣ ва чи аз ҷузъҳои берунӣ муайян карда шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон мебояд, ки новобаста аз мураккабии давраи гузариш қодир аст амнияти иқтисодиро на танҳо дар дохили кишвар, балки дар хориҷи кишвар низ таъмин намояд.

Самтҳои иктисодии берунии стратегияи давлат ин дар татбиқи самарабахши афзалиятҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат (ТБМ), иштироки мамлакат дар ҳамгироӣ баробар дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Такя ба маълумотҳо ва маводҳо оид ба ин мавзуро ба назар гирифта, шаклҳо, мафҳумҳо ва ҷузъҳои асосии амнияти иқтисодии берунии мамлакатамонро таҳлил намуда, баён менамоем. Бо инъикоси моҳияти ин

мафҳум ҳаминро бояд қайд намоем, ки амнияти иқтисодии берунии давлат, ки дар он мардум тавассути давлат бидуни ягон дахолат ва фишори берунӣ роҳу шаклҳои рушди иқтисодии худро соҳибихтиёрона муайян карда метавонанд, ифода менамояд. Инчунин, амнияти иқтисодӣ бо категорияҳои суботи иқтисодӣ, истиқлолият, соҳибихтиёрии иқтисодӣ, инчунин фишори иқтисодӣ ва ғайра зич алоқаманд аст.

Амнияти иқтисодии хориҷӣ (иқтисодиёти байналмилалӣ) маҷмуи шартҳо ва созишномаҳои сохторҳои байнидавлатӣ ва созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он ҳар як давлат ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ имконияти озодона интихоб ва амалӣ намудани стратегияи иҷтимоию иқтисодиро фароҳам меорад, дар ҳоле ки ба фишори сиёсии дохилӣ ва берунӣ дучор нашаванд. Дар чунин ҳолат давлат ҳак дорад дар ҳолати дахолат накардани давлатҳои дигар муносиибатҳои дутарафаро, ки шароитҳои имконпазир ва фоиданокро ба миён меорад, умед бандад. Амнияти иқтисодии хориҷӣ бояд тавассути бастани шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин таъсиси ташкилотҳои байнидавлатӣ бо мақсади мусоидат ба рушди ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ин ташкилотҳо мусоидат намояд.

Чунин аст, ки вазъи иқтисодиёт ва ҳокимият, ки дар он ҳифзи манфиатҳои миллӣ кафолат дода шуда, рушди кишвар мутаносиб ба ҷиҳатҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст ва бояд иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии кишвар басандагӣ кунад. Амнияти иқтисоди берунӣ инчунин асосҳои моддии дохилӣ дорад дар ҳоле, ки раванди такрористеҳсолкунии маҳсулоти миллӣ, сурати баланди тараққиёт дар саноат ва хоҷагии қишлоқ таъмин карда шавад [4,с.340].

Истилоҳи «амнияти берунииқтисодӣ» аз нигоҳи илми таърих нисбатан ҷавон аст. Дар кишвари мо ин мафҳум дар даврони соҳибистиқлолият дар илм ворид гардидааст. Дар ин мудаттҳо давлати моро мебоист дар давраи гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ мушкилотҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мавҷударо ба таври мушаххас дар мадди аввал гузошта, роҳҳои бартараф намудани онро ҷуё шавад.

Бояд тазаккур дод, ки байни мафҳумҳое чун «амнияти берунииқтисодӣ» ва «амнияти миллӣ» робитаи ногусастанӣ вуҷуд дорад – иқтисод ва фаъолияти иқтисоди хориҷӣ яке аз ҷанбаҳои ҳаётан муҳимми давлат мебошад [3,с.400]. Ҳангоми таҳияи амнияти иқтисодӣ се нуқтаи назар ба вуҷуд меояд:

1. Кифоя будани захираҳои молиявию иқтисодӣ барои таъмини сатҳи зарурии амнияти миллии кишвар, аз ҷумла қобилияти мудофиавии он, ки ба такмил ва сатҳи рушди қувваҳои мусаллаҳ вобаста аст.

2. Мақсаднок будани рушди устувори иқтисодиёти кишвар, ҳам барои бахши давлатӣ ва ҳам барои бахши хусусӣ, аз ҷумла барои соҳибкории инфиродӣ шароити мусоид фароҳам овардан зарур аст.

3. Яке аз ҷузъи зарурӣ барои тамоми кишварҳое, ки ба иқтисоди ҷаҳонӣ фаро гирифта шудаанд, ки баҳри ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва ҷомеа аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад [3,с.340].

Дар сохтори хеле мураккаби дохилии амнияти берунииқтисодӣ се унсури муҳимтарини калидӣ ҷудо карда мешаванд:

1. Истиқлолияти иқтисодӣ - дар шароити кунунии иқтисодиёти ҷаҳонӣ имкони назорати давлатии захираҳои миллӣ, сифати маҳсулот, иштирок дар савдои ҷаҳонӣ дар заминаи баробар, рақобатпазириро дорад, ташкил менамояд.

2. Ҳифзи моликият дар ҳама шаклҳо.

3. Қобилияти такмил ва инкишоф.

Инчунин мафҳуми амнияти берунииқтисодӣ бо категорияи таваккал зич алоқаманд аст, ки самаранокии идоракуниро хеле беҳтар мекунад. Вобаста аз хусусияти талафот ва захираҳое, ки барои барқароркунӣ истифода мешавад, метавонанд дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ зоҳир шаванд. Амнияти иқтисодиро ҳам бо усулҳои соф иқтисодӣ ва ҳам ба воситаи хусусияти ғайри иқтисодӣ, масалан, сиёсӣ ё ҳарбӣ таъмин кардан мумкин аст. Шарти асосии ноил шудан ба амнияти умумимиллии танзими давлатӣ дар соҳаи амнияти иқтисодӣ бо назардошти муносибатҳои берунииқтисодӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки амнияти берунииқтисодӣ бояд ҳамчун омодагӣ ва тавоноии ниҳодҳои давлатӣ барои эҷоди механизмҳои амалӣ ва ҳифзи

манфиатҳои миллии рушди иқтисодии кишвар дар муҳити иқтисоди берунӣ тавассути як низоми иқтисодӣ фароҳам оварда шавад [11,с.592].

Амнияти иқтисодии хориҷӣ нишондиҳандаи субот ва ҳаёти самарабахши ҷомеа, инчунин гарави истиқлолияти кишвар мебошад. Бе арзёбии қобилиятнокии иқтисод ва устувории он ба таҳдидҳои эҳтимолии берунӣ ва дохилӣ таъмини амнияти миллӣ ғайриимкон мегардад. Аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иқтисодии хориҷӣ ба яке аз самтҳои муҳимтарини давлат табдил ёфта истодааст.

Ҳангоми қабули қарор дар бораи таъмини амнияти беруниқтисодӣ таҷрибаҳои дигар мамлакатҳо бояд мавриди омӯзиш гирифта шаванд, зеро тавассути он сиёсати берунии иқтисодиро ба амал бароварда, манфиати худро дар мадди аввал мегузоранд. Табиист, ки таҷрибаи хориҷӣ бояд татбиқ ва қабул карда шавад, вале ҳатман бояд хусусиятҳо ва сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифт ва инчунин дарки аниқи тафовути мафҳумҳои амнияти иқтисодии миллӣ ва хориҷӣ дошта бошад [5,с.128].

Бо ин мақсад дар зер дар ҷадвали 1 хусусиятҳои ин ду мафҳум оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Хусусиятҳои муқоисавии мафҳумҳои амнияти иқтисоди миллӣ ва хориҷӣ**
**Table 1. Comparative features of the concepts of national and foreign economic security**

| Ном | Тавсиф |
|---|---|
| Амнияти миллӣ | Стратегияи давлат ба ҳифзи шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва беруна нигаронида шудааст. Ин як навъи амният аст, ки хатари ҷанг ва хатар ба истиқлолияти давлатро дар бар мегирад.<br>Ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: амнияти иттилоотӣ дар соҳаҳои тиҷорат ва техникӣ; рақобатпазирӣ дар арсаи ҷаҳонӣ; худтаъминкунӣ ва мустақилияти иқтисодӣ; назорати давлатӣ ба соҳаҳои стратегӣ; амнияти логистика нисбат ба захираҳои муҳимтарин. |
| Амнияти беруниқтисодӣ | Амнияти иқтисодии берунӣ барои таъмини кам кардани талафот ба давлат аз таъсири омилҳои манфии иқтисодии берунӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёт тавассути иштироки фаъолонаи давлат дар тақсимоти ҷаҳонии меҳнат пешбинӣ шудааст. |

Ҳамин тариқ, амнияти миллӣ мафҳуми васеътар ва амиқтар аст, дар ҳоле ки амнияти иқтисодии берунӣ ҷузъи амнияти миллӣ мебошад. Ва дар баробари ин, ду мафҳум ба ҳам вобастаанд. Бидуни амнияти миллӣ барои татбиқи амнияти иқтисодии берунӣ шароит вуҷуд надорад, инчунин, дар сурати мавҷуд набудани амнияти иқтисодии берунӣ, амнияти миллӣ пурра ва муассир буда наметавонад, зеро иқтисодиёти рушдёфта ва аз омилҳои хатарноки дохилӣ ва беруна ҳифзшуда.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри таъмини амнияти иқтисодии берунӣ ду вазифаи душвор ва мушаххас иборат аст: табдили системавии ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгирой ба иқтисоди ҷаҳонӣ.

Бинобар ин, масъалаҳои ташкили назорат ҷиҳати тартиб додани муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Дар баробари ин, дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва ташаккули асосҳои консептуалии он нақши асосӣ ба давлат тааллуқ дорад. Консепсияи амнияти иқтисодӣ бояд асоси таҳияи барномаҳои мушаххас ва ноил шудан ба мақсадҳои муқарраргардида бошад. Вазифаи муҳимми ташаккули амнияти иқтисодӣ муайян кардани робитаҳои муайянкунанда мебошад. Дар баробари ин, муқаррароти амнияти беруниқтисодӣ бояд ба дараҷаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ мувофиқ бошад [9,с.952].

Механизми таъмини амнияти беруниқтисодӣ ягонагии ниҳодҳо мебошад, ки тибқи манфиатҳои ҷомеа, шахс ва давлат вазифаи таъмини амнияти иқтисодии кишварро иҷро намуда, идоранамоии муносибатҳои иқтисодии давлатиро дар хориҷи кишвар амалӣ мегардонанд.

Ҳангоми иҷрои ин вазифаҳо институтҳои иқтисодӣ нақши махсус мебозанд, зеро онҳо барои таъсири танзимкунанда ба иқтисодиёти миллӣ пешбинӣ шудаанд, дар ҳоле ки институтҳои ҳуқуқӣ на танҳо қонунияти истифодаи усулҳои иқтисодӣ ва фишангҳои таъсиррасониро ба таҳдидҳо ба иқтисодиёти миллӣ таъмин мекунанд, балки ба амал баровардани вазифаи давлатро таъмин менамоянд [6,с.224].

Дар байни механизмҳои таъмини амнияти иқтисодии хориҷии давлат механизмҳои иқтисодии дохилӣ ва иқтисодии хориҷӣ ҷудо карда мешаванд. Самаранокии механизми дохилии иқтисодӣ бо омилҳои зерин тавсиф мешавад:

1. Иқтидори хоҷагии халқ дар мамлакат барои васеъ намудани такрористеҳсолкунии он.

2. Истеҳсоли маҳсулоте, ки дар тамоми ҷаҳон талабгор зиёд аст.

3. Назорати давлатии захираҳои стратегӣ.

4. Устувории фаъолияти низоми молиявӣ.

5) Нигоҳ доштани неруи илмию инноватсионӣ.

6. Дараҷаи қаноатбахши системаи танзими давлатии иқтисодиёт барои муҳайё намудани шароити оптималии фаъолияти муътадили он дар шароити бозор [12,с.304].

Самаранокии механизми иқтисодии берунии амнияти беруниқтисодӣ кишвар бештар бо омилҳои зерин тавсиф мешавад:

1.Қобилияти муқовимат ба таъсири таҳдидҳои беруна ба вуҷуд дар иқтисодиёти миллӣ.

2. Ҳамкории байналхалқӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти муҳимтарини навъҳои серталабот.

3. Назорати давлатии содироту воридоти молу маҳсулот.

4. Иҷрои шартномаҳои басташуда ва устувории иттифоқҳо бо дигар мамлакатҳо, инчунин ташкилотҳои байналхалқии иқтисодӣ.

5. Муқаррар намудани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ.

6. Иштирок дар ташкили фазои иқтисодии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ.

7. Сатҳи кофии танзими давлатии равандҳои ҳамкории байналмилалӣ барои фаъолияти муътадили иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ.

Дар расми 1 самтҳои татбиқи механизмҳои иқтисодии таъмини амнияти беруниқтисодии давлат нишон дода шудааст.

**Расми 1. Самтҳои татбиқи механизмҳои иқтисодии таъмини амнияти иқтисоди хориҷӣ** [11,с.592]

**Figure 1. Directions of implementation of economic mechanisms to ensure foreign economic security**




Воситаҳои сиёсии таъмини амнияти беруниқтисодии давлат дар маҷмуъ иттиҳодияҳои ҷаҳонии давлатҳо, созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқӣ, корҳои дипломатӣ, динӣ ва ахлоқӣ, тадбирҳо ва чораҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ мебошанд, ки бо мақсади ба иқтисодиёти давлат зарар расонданро истисно менамояд.

Механизми ташкилии таъмини амнияти беруниқтисодӣ дар худ сохторҳо, вазифаҳо ва тартиби дахлдори қабул ва татбиқи қарорҳоро оид ба масъалаҳои амният дар бар мегирад. Ин механизм ба мақомоти дахлдори қонунгузорӣ ва иҷроия, инчунин, ба

мақомотҳои судӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ки ба таъмини амният машғуланд, иқтисодиёти бехавфро ба танзим медарорад.

Масъалаи дигар дар таъмини амнияти берунииқтисодӣ ин идоранамоии хавфҳо ба ҳисоб меравад. Хавфҳо аз нуқтаи назари амнияти берунииқтисодӣ ин маҷмуи шароитҳо ва омилҳое мебошанд, ки имкони мустақим ё ғайримустақими расонидани зарар ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи иқтисодӣ ба вуҷуд меоранд. Мушкилоти амнияти берунииқтисодӣ маҷмуи омилҳоеро дар бар мегиранд, ки дар шароити муайян метавонанд боиси пайдоиши таҳдид ба амнияти иқтисодӣ шаванд.

**Хавфҳо ба амнияти берунииқтисодӣ инҳоянд:**

1. Хоҳиши кишварҳои пешрафта барои истифода бурдани афзалиятҳои худ дар сатҳи рушди иқтисодӣ, технологияҳои баланд (аз ҷумла иттилоот) ҳамчун воситаи рақобати ҷаҳонӣ. Аз замони пайдоиши тамаддуни башарӣ одамон ва ҷомеаҳои тавонотар кӯшиш мекарданд, ки бартариҳои худро истифода баранд, то ҷомеаҳои сусттараққикарда ҳамчун як навъ василаи мавҷудият ба онҳо хидмат кунанд. Ин то имрӯз идома дорад, танҳо ҳоло сухан дар бораи тамоми давлатҳо меравад. Давлатҳои мутараққӣ кӯшиш мекунанд, ки манфиатҳои худро пеш баранд.

2. Тақвият додани номутавозунии сохторӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва системаи молиявӣ, афзоиши қарзи хусусӣ ва соҳибхтиёрӣ, васеъ шудани фарқияти байни арзёбии дороиҳо ва коғазҳои қиматнок. Мисол ин ки ҳиссаи ММД-и ИМА дар ММД-и ҷаҳонӣ дар соли 2017 23,7% буд. Ин қариб чоряки тамоми молу хизматҳои дар ҷаҳон истеҳсолшавандаро ташкил медиҳад. Ва аз ин рӯ чунин хулоса намудан лозим аст, ки агар иқтисодиёти ИМА хароб шавад, иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳам зарар мебинад ва аз ин рӯ иқтисодиёти ИМА манфиати стратегии ҳамаи мамлакатҳои ҷомеаи ҷаҳонист. Дар давоми 30 соли охир шумораи мамлакатҳои тараққикарда кам шуд, зеро прогресси илму техника ба пеш қадами калон гузошт [10,с.218].

Чи тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, таъмини амнияти берунииқтисодӣ гарави истиқлолияти кишвар, шарти суботу ҳаёти пурсамари ҷомеа ва ноил шудан ба комёбӣ мебошад. Ин ба он маъно фаҳмида мешавад, ки иқтисод яке аз ҷанбаҳои ҳаётии фаъолияти ҷомеа, давлат ва шахс аст ва аз ин рӯ, мафҳумҳои амнияти иқтисодии миллӣ ва берунӣ бидуни арзёбии қобилияти иқтисодиёт ҳарфҳои хушку холӣ хоҳанд буд.

Моҳияти амнияти берунииқтисодӣ дар системаи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо, аз ҷумла меъёрҳои макроиқтисодӣ амалӣ мегардад. Системаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи амнияти иқтисодии берунии давлат муайян карда шавад.

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ин нишондиҳандаҳои ҷамъбастии ҳаҷми истеъмол, истеҳсолот, даромад, хароҷот, сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, воридот ва содирот мебошанд.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо доир ба иҷрои нақша – чорабиниҳо вобаста ба шароитҳори иқтисодию иҷтимоӣ тайи солҳои охир амалӣ гардида истодааст, ки ин ба самаранокии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла баланд гардидани ММД, МММ ва ҳаҷми даромади миллӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба имкониятҳои мавҷудбуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои худро ҷиҳати беҳтар намудани амнияти иқтисодӣ бо дигар мамлакатҳои хориҷӣ ба роҳ мондааст. Аз нишондиҳандаҳои гардиши савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола бар меояд, ки робитаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мамлакатҳо барои таъмини амнияти иқтисодӣ хуб ба роҳ монда шудааст, ки мо онро дар ҷадвали 2 нишон медиҳем.

**Ҷадвали 2. Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайи солҳои 2013-2019**
**Table 2. Foreign trade turnover of the Republic of Tajikistan for 2013-2019**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Гардиши савдои хориҷӣ – ҳамагӣ** | **4988,8** | **5274,7** | **4326,2** | **3929,9** | **3972,9** | **4224,3** | **4523,7** |
| Мамлакатҳои ИДМ | 2093,0 | 2405,7 | 2045,4 | 1968,0 | 2086,9 | 2348,3 | 2521,1 |
| Дигар мамлакатҳои ҷаҳон | 2895,8 | 2869,0 | 2280,8 | 1961,9 | 1886,0 | 1876,0 | 2002,6 |
| **Содирот – ҳамагӣ** | **943,4** | **977,3** | **890,6** | **898,7** | **1198,0** | **1073,3** | **1174,4** |
| **Воридот – ҳамагӣ** | **4045,4** | **4297,4** | **3435,6** | **3031,2** | **2774,9** | **3151,0** | **3349,3** |

Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои оморӣ барои соли 2020.

Вобаста ба маълумотҳои дар ҷадвали боло овардашуда, маълум мегардад, ки ҳамасола гардиши савдои хориҷӣ дар ҳолати коҳишёбӣ қарор дорад, ки вобаста ба амал омадани робитаҳои иқтисодӣ дар соли 2019 ба маблағи 4523,7 млн. доллар нисбат ба соли 2013 4988,8 млн. долларро ташкил медиҳад, ки он дар муқоиса ба соли 2013 ба маблағи 465,1 млн. доллар кам гардидааст. Аз таҳлили маълумотҳо бар меояд, ки робитаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ бо мамлакатҳои ИДМ бештар ба назар мерасад. Дар амалӣ гардидани савдои хориҷӣ то кунун вобаста ба баъзе маҳдудиятҳо зиёд будани ҳаҷми воридот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳаҷми содирот бештар ба назар мерасад. Яъне ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба маблағи 3349.3 млн. доллари ИМА ҳаҷми воридот ва 1174,4 млн. доллари ИМА ҳаҷми содирот баробар гардидааст, ки таносуби онро мо дар диаграммаи 1 овардаем.

**Диаграммаи 1. Таносуби содирот ва воридот дар гардиши савдои хориҷӣ**
**Diagram 1. Ratio of exports and imports in foreign trade turnover**

*(млн. доллари ИМА)*




Ногуфта намонад, ки роҳҳои такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин татбиқи сиёсат дар соҳаи амнияти беруниқтисодӣ тавассути амалҳои ҳамоҳангшудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо бо истифода аз тадбирҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва дигар чораҳои муқобили хатарҳо ба даст оварда мешавад. Натиҷаи ин фаъолият вазъи ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Саидмуродова М.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Архипова, Н.А. Бухгалтерский учет и анализ внешнеэкономической деятельности в схемах и таблицах / Н.А. Архипова, Т.А. Корнеева, Г.А. Шатунова. -М.: Эксмо, 2016. -4 00с.
2. Бархатов, А.П. Бухгалтерский учет внешнеэкономической деятельности / А.П. Бархатов. -М.: Дашков и Ко, 2015. - 2 68 с.
3. Вагина, А.В. Обеспечение экономической безопасности во внешнеторговой сфере / А.В. Вагина. -М.: Юрайт, 2018 – 96 с.
4. Гончаренко, Л.П. Экономическая безопасность / Л.П. Гончаренко. –М.: Юрайт, 2018. – 340 с.
5. Иванов, М.Ю. Внешнеэкономическая деятельность / М.Ю. Иванов, М.Б. Иванова. -М.: РИ ОР, Инфра-М, 20 16. - 128 с.
6. Кайгородов, А.Г. Внешнеэкономическая деятельность корпораций / А.Г. Кайгородов, В.И. Колибаба. -М.: Т НТ, 2016. - 2 24 с.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 21.12.2021. http://prezident.tj/node/27417/
9. Рей, А.И. Внешнеэкономическая деятельность России. Теория, история и американский фактор / А.И. Рей. -М.: Либроком, 20 16. - 952 с.
10. Рогуленко, Т.М. Учёт внешнеэкономической деятельности / Т.М. Рогуленко, С.В. Пономарева. –М.: Юрайт, 2017. – 218 с.

11. Ростовский, Ю.М. Внешнеэкономическая деятельность / Ю.М. Ростовский, В.Ю. Гречков. -М.: Магистр, 20 16. - 592 с.
12. Смитиенко, Б.М. Внешнеэкономическая деятельность / Б.М. Смитиенко, В.К. Поспелов, С.В. Карпова, и др. - М.: Мастерство, 20 15. -304 с.

## МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ БЕРУНИИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола мафҳуми амнияти берунииқтисодӣ ва мавқеи он дар системаи амнияти миллии давлат тавсиф гардидааст. Инчунин механизми таъмини амнияти берунииқтисодии кишвар шарҳ дода шудааст. Таҳдидҳои асосӣ ба амнияти берунииқтисодии давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор менамояд, ки чораҳои зарурири дар таъмини амнияти берунииқтисодӣ бозҳам пурзур намояд. Ногуфта намонад, ки таъсири содирот ва воридот ба таъмини амнияти иқтисодӣ оварда мерасонад ва дар ин росто таҳлили хавфу таҳдидҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз нуқтаи назари амнияти иқтисодӣ баррасӣ гардида, роҳҳои такмили механизми таъмини амнияти беруниииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай омӯхта мешавад. Айни замон шумораи таҳдидҳо зиёд шуда истодааст ва ҷумҳурии моро мебояд, ки амнияти иқтисодии кишварро пурзур намуда қобилияти халалдор накардани омилҳое, ки ба иқтисодиёт ва ҳатто ба соҳаҳои ҳарбию сиёсӣ таъсир мерасонад, пурзур намояд. Дар ин росто стратегияи умумии амнияти берунииқтисодӣ пешниҳод шудааст, ки татбиқи он имкон медиҳад, ки иқтидори иқтисодии мамлакат пурзур гардида, иқтисодиёти миллӣ иштирокчии бонуфӯзи бозори ҷаҳонӣ гардад. Ҳамин тариқ, амнияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳким ва инкишоф додан лозим аст, ки бо ноил шудан ба он давлат метавонад ҳам иқтидори дохилии иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоии худро такмил диҳад.

**Калидвожаҳо:** амнияти берунииқтисодӣ, иқтисоди миллӣ, амнияти миллӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади миллӣ.

## МЕХАНИЗМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье раскрывается понятие внешнеэкономической безопасности и ее место в системе национальной безопасности. Разъясняется механизм обеспечения внешнеэкономической безопасности страны. Учитывая основные угрозы внешнеэкономической безопасности государства, Правительство Республики Таджикистан призывает активизировать необходимые меры по обеспечению внешнеэкономической безопасности. Следует отметить влияние экспорта и импорта на экономическую безопасность, и в этой связи необходим анализ рисков и угроз внешнеэкономической деятельности, с точки зрения экономической безопасности и путей совершенствования механизма внешнеэкономической безопасности страны. В то же время количество угроз растет, и нашей стране необходимо укреплять экономическую безопасность страны и ее способность предотвращать воздействие факторов, влияющих на экономику и даже военно-политическую сферу. В данной работе предлагается общая стратегия внешнеэкономической безопасности, реализация которой позволит укрепить экономический потенциал страны и национальной экономики, стать влиятельным участником мировых рынков. Таким образом, необходимо укреплять и развивать внешнеэкономическую безопасность Республики Таджикистан, добиваясь ее государство может улучшить как свой внутренний экономический, так и социальный потенциал.

**Ключевые слова:** внешнеэкономическая безопасность, национальная экономика, национальная безопасность, макроэкономические показатели, национальный доход.

## MECHANISM OF ENSURING THE EXTERNAL ECONOMIC SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS

The article reveals the concept of foreign economic security and its place in the national security system. The mechanism of ensuring the country's foreign economic security is explained. The Government of the Republic of Tajikistan calls for the main threats to the foreign economic security of the state to activate the necessary measures to ensure foreign economic security. It should be noted the impact of exports and imports on economic security, and in this regard, the analysis of risks and threats to foreign economic activity from the point of view of economic security and ways to improve the mechanism of foreign economic security of the country. At the same time, the number of threats is growing, and our country needs to strengthen the country's economic security and its ability to prevent the impact of factors affecting the economy and even the military-political sphere. This paper proposes a general strategy for external economic security, the implementation of which will strengthen the economic potential of the country and the national economy, and become an influential participant in world markets. Thus, it is necessary to strengthen and develop the external economic security of the Republic of Tajikistan, achieving which the state can improve both its internal economic and social potential.

**Keywords:** external economic security, national economy, national security, macroeconomic indicators, national income.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шамсов Фирдавс Саидумарович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктoранти Ph.D. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17

**Сведения об авторе:** ***Шамсов Фирдавс Саидумарович*** – Таджикский национальный университет, доктор Ph.D. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Shamsov Firdavs Saidumarovich*** - Tajik National University, Ph.D. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК:339.0

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМГИРОИИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ВА ИСТЕҲСОЛОТ

*Бурхонзода Зафар Сафар*
**Муассисаи давлатии таҳсилотии литсейи касбии политехникии ш. Душанбе**

Дар Стратегияи миллии рушди Чумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 самти рушди индустриалии кишвар пешбинӣ гардидааст, ки "рушди индустриаливу инноватсионии иқтисодиёти мамлакат, пеш аз ҳама, дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар системаи таҳсилот ва омодасозии кадрҳои муосир барои соҳаҳои иқтисодиёт дар назар дошта мешавад" [12,с.21]. Татбиқи вазифаҳои стратегии мазкур, ки барои ташаккули иқтисодиёти ба донишҳо асосёфта равона карда шудааст, баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар, омодасозии кадрҳоро бо дарназардошти талаботи рушди индустриаливу инноватсионӣ тақозо менамояд. Воқеан ҳам, гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба механизми бозаргонии рушдёбанда ба таври дақиқу возеҳ нишон медиҳад, ки он хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки тахассуси кофии касбӣ ва таҷрибаи фаъолияти амалӣ надоранд, дар мутобиқшавӣ бо бозори меҳнат ба мушкилӣ дучор мешаванд. Дар шароити рушди муносибатҳои бозаргонӣ ба хатмкунанда ҷойи кор ва шуғл на якумрӣ, балки бо замони кӯтоҳтарин кафолат дода мешавад. Ба шумораи зиёди ҷавонон аз нав касб омӯхтан ва фарогирии шуғл ва касбҳои нав рост меояд. Дар шароити кунунӣ соҳаи меҳнат ва соҳаи тайёр кардани кадрҳо ба самтҳои гуногун равона гардидаанд. Дар даҳсолаҳои охир муҳтавои ҳамаи касбҳо ба тағйирот дучор гардид. Як қатор касбҳо бе талабот дар бозори меҳнат монда, касбҳои нав пайдо шудаанд. Тағйироти мазкур бо як қатор сабабҳо ба вуҷуд омадаанд, ки коҳишёбии дархост ба меҳнати бетахассус, талабот ба донишҳои нав ва муҳтавои нави таълим, ҷорӣ намудани системаи худкоршудаи идоракунии равандҳои истеҳсолӣ, ҳаммонандшавии ҳудуди байни касбҳо ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд [11]. Имрӯз барои самарабахшии худтатбиққунии касбӣ ва шахсӣ на танҳо салоҳиятнокии касбӣ, балки салоҳиятнокии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, муошират, салоҳиятнокӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тақозо мешавад, ки он амалан ҳама намудҳои фаъолияти касбиро фарогир мебошад. Зарурати такмили системаи таҳсилоти касбӣ, ворид кардани тағйирот дар соҳаи меҳнат, вокуниш ба ҳолатҳои иқтисодии кишвар, омӯзиши сохтори бозори меҳнат, талабот ба салоҳиятнокии нав қарор мегирад. Ин ҳама ҳадафҳо такмили қатъии дараҷаи тағйирпазирии системаи таҳсилоти касбӣ, эҷоди шакли усулан нави ҳамкории мутақобила бо бозори меҳнат, корфармоён (шарикони иҷтимоӣ)-ро тақозо мекунад, то ки онҳо фаъолона барои рушди он иштирок кунанд. Солҳои ахир дар сохтори бозори меҳнат шумораи шуғлнокӣ ба соҳаи бахши воқеии иқтисодиёт меафзояд. Масалан, дар давраи солҳои 2014-2020, шумораи ба соҳаи бахши воқеии иқтисодиёт аз 2325,4 то 2506, ҳазор нафар ё ба 7,7% афзоиш ёфтааст. Дар соҳаи кишоварзӣ беш аз 1525,6 ҳазор нафар, дар саноати истихроҷи кӯҳӣ ва коркарди конҳои маъданӣ- 12,2 ҳазор нафар афзудааст. Дар соҳаҳои барқ, газ, таъминоти об- 12,6 1 ҳазор нафар, дар соҳаи хизматрасонӣ-751,8 ҳазор нафарро ташкил додааст [5,с.138].

**Ҷадвали 1. Динамика ва сохтори шуғлнокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши воқеӣ ва соҳаи хизматрасонӣ**

**Table 1. Dynamics and structure of employment in the Republic of Tajikistan in the real sector and services**

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 ба 2014 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғулбуда | 2325,4 | 2379,7 | 2385,3 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 | 107,7 |
| Бахши воқеии иқтисодиёт: | 1682,6 | 1704,0 | 1694,8 | 1685,3 | 1698,9 | 1731,0 | 1754,4 | 104,2 |
| Ба % | 72,3 | 71,6 | 71,0 | 70,0 | 70,0 | 70,0 | 70,0 | -2,3 |
| Бахши | 642,8 | 675,7 | 690,5 | 721,7 | 726,6 | 732,4 | 751,8 | 116,9 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| хизматрасонӣ | | | | | | | | |
| Ба % | 27.3 | 28,4 | 29,0 | 30,0 | 30,0 | 30,0 | 30,0 | 2,3 |

Сарчашма: Маҷмуаи омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. -С. 138-139.

Чунонки аз маълумоти ҷадвали 1 бармеояд, дар натиҷаи тағйироти сифатии сохтори неруи корӣ дар соҳаи бахши воқеии иқтисодиёт вазни хосси он дар маҷмуи шуғлнокӣ ба иқтисодиёт аз 72,3 то 70,0% коҳиш ёфтааст. Аммо дар соҳаи хизматрасонӣ аз 27.3 то 30,0% зиёд шудааст. Афзоиши шумораи шуғлнокӣ аз ҳисоби афзудани шумораи он дар соҳаи тиҷорат ба вуҷуд омадааст, ки он хароҷоти зиёди омодасозии мутахассисонро дар бахши воқеии иқтисодиёт талаб намекунад. Дар солҳои ахир дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ҳоли афзоиш аст, ки он тайёр кардани мутахассисони мутобиқи ҳалқаи миёна ва кадрҳои коргариро барои соҳаҳои саноат тақозо мекунад. Дар давраи солҳои 2014-2020, шумораи корхонаҳои саноатӣ аз 2164 то 2283 адад, ё ба 119 воҳид афзудааст. Афзоиши назарраси шумораи корхонаҳо дар соҳаи саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ба мушоҳида мерасад. Дар соҳаи саноати коркардкунанда бошад, 1,3 маротиба афзудааст. Дар давраи баррасишаванда ҳисоби миёнаи солонаи шумораи кормандони саноатӣ- истеҳсолӣ 3.1 ҳазор нафар афзудааст [5,с.397-398]. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (с.2021) чунин омадааст: «Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд. Дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 45 фоиз расонида, дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш дода шавад» [10]. Бинобар ин, дар шароити кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкили ҳамкориҳои пайваста ва мутақобилаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва корхонаҳои саноатӣ, ки ҳадафи он мувофиқат ва наздикшавии бештари омодасозии мутахассисон ба талаботи соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёт ва корфармоёни мушаххас, таъмини робитаи раванди омӯзиши донишҷӯён бо фаъолияти корхонаҳое мебошад, ки оянда дар онҳо кор хоҳанд кард.

Устуворона рӯйи майдон омадани иқтисодиёти дониш навсозии истеҳсолот ва талаботи навро ба мутахассиси дорои таҳсилоти касбӣ, бахусус техникӣ матраҳ менамояд [13]. Афзудани саҳми меҳнати марбут бо амалисозӣ ва хизматрасонии технологияи нав на танҳо донишҳои амалии вобаста ба таҷҳизоти ҷадид, балки ба восита ва шароити иҷрои равандҳои технологиро низ тақозо мекунад. Мутахассисони ҳалқаи миёна бо сатҳи баланди таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди талабот қарор мегиранд.

Корхона ҳар чи бештар дар такмили ҳамаи ҳалқаҳои истеҳсолот бо қувваи корӣ, ки имконияти эҷодкорӣ, қобилияти таҳлил, тамоюл ба ҷустуҷӯҳои навро дар соҳаи фаъолияти худ, ташаббускорӣ, масъулияти иҷтимоӣ барои натиҷаҳои кори худ дорад, манфиатдор мебошад [6,с.159]. Воқеан, сухан дар бораи стратегияи сиёсати кадрӣ меравад, ки дар он ба сифати тарзҳои асосии фаъолияти меҳнатӣ, зарурати таҷдиди мунтазами дониш ва азхудкунии касб ва ихтисосҳои нав пешниҳод мегардад.

Барои системаи таҳсилоти касбӣ масъалаи мазкур аз ҳама муҳимтар аст, зеро имрӯз яке аз ҷиддитарин ва “мутақобилан фоидаовартарин” самтҳои ҳамкории тарафайни истеҳсолот ва таҳсилот, ин иштироки корфармоён дар коркарди муҳтавои таҳсилот аст (тибқи маълумотҳои таҳқиқоти иҷтимоӣ беш аз 80% корфармоён ба ин иқдом омода мебошанд). Агар барои корфармоён иштирок дар коркарди муҳтавои таҳсилот, омодасозии кадрҳоро мутобиқ бо вазифаҳои навсозии техникӣ ва рушди корхона, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва сифати маҳсулоти тавлидшаванда таъмин намояд, он гоҳ барои таҳсилоти миёнаи касбӣ баҳисобгирии дархости истеҳсолоти мушаххас имкони тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир, дар бозори меҳнати минтақавӣ дархостшавандаро фароҳам месозад. Дар шароити навсозии истеҳсолот талабот ба истифодаи хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ барои касбҳои коргарии махсусан мураккаб меафзояд, ҳарчанд ки идоракунии системаи худкоршудаи илмталаб оид ба тавлиди маҳсулоти мураккаби баланддақиқ ва арзишнок вазифаи асосии касбии коргар қарор мегирад [8,с.120-129].

Корхонаҳои шарикони иҷтимоӣ ҳамроҳ бо коллеҷҳо зимни тарҳрезии барномаҳои таълимии касбӣ имкони муайян кардани он донишу маҳоратро доранд, ки он барои истеҳсолот тақозо карда мешавад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбие, ки тайёр кардани кадрҳои ихтисоси техникиро анҷом медиҳанд, зимни тарҳрезии барномаҳои таълимии касбӣ дар реҷаи шарикони иҷтимоӣ бо корхонаҳо кӯшиши барзиёд истифода кардани имконияти коркарди муштараки муҳтавои таълим ва истифодаи озодии академикии дар стандарти таълимӣ воридшударо татбиқ мекунанд. Татбиқи иртиботи мутақобилаи омодасозии мутахассисон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо истеҳсолот имкони истифодаи васеи омодагии бисёрзинагии мутахассисони ҳалқаи миёна (коргарон, техникҳо, техникҳои дараҷаи баланд)-ро медиҳад, илова бар ин, ҳар як зинаи таълим вижагии возеҳи касбиятро дорад.

Бисёрзинагӣ, ки амсилаи таълимии навро нисбат ба шавқу рағбат ва имконоти шахсият ва талаботи фармоишгарони кадрҳо бештар мутобиқшаванда мекунад, ба иртиботи мутақобилаи кадрҳои педагогии коллеҷ ва корхонаҳои шарикони иҷтимоӣ, дар якҷоягӣ бо тақвияти омодагии умумиилмӣ, умумикасбӣ ва махсус асос ёфтааст. Ҳамин тавр, мушорикати муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо истеҳсолот, тамоюли воқеии рушди таҳсилоти касбӣ дар марҳилаи кунунӣ маҳсуб меёбад. Ҳамин тавр, таҳаввулоти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ- иқтисодии ҷомеа дар шароити кунунӣ ба навсозии таҳсилоти касбии ватанӣ боис гардид. Дар шароити бисёрзинагӣ таҳсилоти имрӯз амалӣ гардонидани инегратсияи и миёнаву олии касбӣ ва истеҳсолот яке аз самтҳои муҳим дар рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мебошад.

Назорати норасоиҳо дар байни бозори меҳнат ва бозори хизматрасонии таълимӣ айни замон хеле муҳим аст; набудани кадрҳои баландихтисос, махсусан дар соҳаҳои технологияхои нав ва инноватсионӣ; набудани шарикии самарабахши байни системаи таҳсилоти касбӣ ва корхонаҳои хусусӣ; муайян набудани вақти кофӣ барои омӯзиши коргарон; эътибори пасти касбҳои корӣ; мутобиқат накардани заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои муосири истеҳсолӣ; набудани рушди заминаи меъёрию ҳуқуқӣ барои муносибатҳои байни муассисаҳои таълимӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ ва ғайра. Дар ҳалли ин проблемаҳо нақши муҳимро ба ҳамгироии соҳаи таҳсилот ва истеҳсолот, ки ба фаъолияти муштараки субъектҳои системаи муттаҳиди "таҳсилоти миёнаи касбӣ - таҳсилоти олии касбӣ - истеҳсолот". Татбиқи иҷрои Ҳадафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ, барои гузариши кишвар аз марҳалаи аграрӣ - саноатӣ ба марҳилаи саноатӣ-аграрӣ ташкили раванди омӯзиши ҳамаҷонибаи мутахассисони техникӣ истифода аз низоми байнишабакавии бисёрҷанбаи равандҳои таълимӣ, тадқиқотӣ ва истеҳсолӣ, ҳамгироии муассисаҳои таълимӣ, сатҳҳои гуногуни таҳсилоти касбӣ, мазмуни барномаҳои таълимӣ, технологияҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, шаклҳои нави ташкил ва идоракунии захираҳои молиявию иқтисодӣ ва равандҳои истеҳсолиро тақозо менамояд. Ҳамгироии муассисаҳои миёна ва олии таълимии таҳсилоти касбӣ ва истеҳсолӣ ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои саноат, ки дар он кӯшишҳои ҳамоҳангсозии ҳамаҷонибаи ҳамаи системаҳои интегралӣ имкон медиҳад, ки амалиётҳои муштарак муваффақ шаванд.

Дар робита ба ин, мо Консепсияи ҳамгироӣ кардани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (аз ҷумла дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва олӣ) ва истеҳсолот, ки дар асоси идея ва принсипи умумии усули ҳамгироӣ, ки низоми таъминоти молиявиро барои иштирокдорони муносибати ҳамгироӣ имконият медиҳаду бо низомҳои дигар пайваста бо таҷдиди сохтори он ҳамоҳанг мегардад, дар натиҷа ба сатҳи сифатан нав мегузарад, асоснок намудем [7,с.120-126]. Ҳадаф, вазифаҳо ва функсияи интегратсия дар расми 1 оварда шудаанд.

Консепсияи консептуалӣ зарурати мутобиқати вазифаҳои субъектҳои системаи ягонаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ва истеҳсолот мебошад, ки онҳо дар ҳамаи равандҳои таълимӣ, ки бо рушди касбии мутахассис алоқаманданд, дохил мешаванд. Муносибати интегралӣ барои ҳамкории мунтазами унсурҳо на танҳо дар дохили система, балки бо муҳити беруна шароит фароҳам меорад. Як аломати муттаҳидсозии истеҳсолӣ зичии алоқаҳо нест, балки мутобиқати комили қисмҳои таркибии он аст. Барои пешрафти системаи ҳамаҷонибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (ТМК), олии касбӣ (ТОК) ва истеҳсолот робитаҳои фаъоли муассисаҳои таълимии

касбӣ ва соҳаҳои истеҳсолии саноат мебошанд. Самтҳои асосии фаъолияти маълумоти миёнаи касбӣ, маълумоти олии касбӣ ва истеҳсолот дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

**Расми 1. Ҳадаф, вазифаҳо ва функсияи интегратсияи ТИК, ТОК ва истеҳсолот дар низоми таҳсилоти касбӣ**

**Figure 1. Objectives, tasks and functions of integration of ICT, ICS and production in the vocational education system**




**Ҷадвали 2. Самтҳои асосии фаъолияти маълумоти миёнаи касбӣ, маълумоти олии касбӣ ва истеҳсолот дар доираи интегратсияи ТМК, ТОК ва истеҳсолот**

**Table 2. Main areas of activity of secondary vocational education, higher professional education and production in the framework of integration of TMC, TOC and production**

| **Субъектҳо** | **Моҳият** |
|---|---|
| **Муассисаҳои таҳсилот миёнаи касбӣ** | Коркард намудани барномаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои дахлдори ТОК ва ТМК шароит фароҳам меорад, ки дар он донишҷӯёни муассисаи миёнаи касбӣ ҳамзамон барномаҳои бахши якуми муассисаи олиро аз худ намоянд; ташкил намудани фонди ҳавасмандгардонӣ барои донишҷӯёни лаёқатманди ММК ва МИК, ки барои рушди касбии донишҷуён таъсир мерасонад |
| **Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ** | Коркард намудани барномаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои дахлдори ТОК ва ТМК; хатмкунандагони коллеҷи техникӣ соҳиби маълумоти олии касбӣ мегарданд; кумак дар рушди касбӣ ва касбомӯзии ҷавонони боистеъдод; дар асоси шартномаҳо бо корхонаҳо, ки ба рушду пешбурди истеҳсолот нигаронида шудаанд, курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони корхонаҳо ва ғайраро ташкил мекунанд |
| **Субъектҳои истеҳсолӣ** | - дар таҳияи стандартҳои давлатии касбҳои асосӣ барои корхона иштирок менамояд;<br>- арзёбии сифати таҳсили баъдидипломиро дар бар мегирад;<br>- барои гузаштан аз таҷрибаомӯзии истеҳсолии кормандони муҳандисӣ-техникӣ мусоидат менамояд;<br>- бо муассисаҳои ТОК барои таҳия ва ҷорӣ намудани маҳсулоти инноватсионӣ тадқиқот мегузаронад;<br>- ташкил намудани семинарҳо бо менеҷерони лоиҳаҳо ва мутахассисони асосӣ. |

Сарчашма: Мирсаиддов А.Б. Тамоюли рушди иноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ / А.Б. Мирсаиддов, З. Бурҳонзода. –Душанбе: Ирфон, 2021. -144 с.

Дар асоси намунаҳои муайяншуда, принсипҳои илмии зерини ҳамгироӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ пешниҳод карда мешаванд:

- принсипи синергизм, ки ба афзоиши шумораи алоқамандии ҳамоҳангшудае, ба намуди нави функсияҳои системаи интегратсионӣ мусоидат мекунад;

- принсипи муносибат ба ташаккул ва инкишофи шаклҳои ҳамгироӣ дар асоси муттаҳидсозии қисмҳо ва унсурҳои қаблӣ;

- принсипи ҳамгироӣ, ки ба мустаҳкам намудани муносибат байни унсурҳои системаи ягонаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва истеҳсолот бо мақсади ташаккул додани системаи мукаммали система равона шудааст;

- принсипи кластерӣ;

- принсипи муттасилӣ, мутобиқати байнисоҳавии органикӣ ва ҳамаҷонибаи ҳам унсурҳои берунӣ ва дохилии системаи ягонаи интегралӣ.

Дар ин росто, принсипҳои педагогии ҳамгироии системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва истеҳсолотро метавон ҷудо намуд:

- принсипи мунтазам ва боэътимод, аз як тараф, давомнокии мундариҷа, давомнокии марҳилаҳои тамоми система мувофиқи талаботи тағйирёбии муҳтавои омӯзишҳои техникӣ дар истеҳсолоти инноватсионӣ ва дар навбати худ, марбут ба ҳар як марҳила бо гирифтани натиҷаҳои мушаххас ва имконияти истифодаи он дар амал;

- принсипи анъанавӣ ва навовариҳо, ки аз як тараф, идеяҳои пешқадами анъанавӣ ва консепсияҳои ҳамгироӣ ба даст меоянд ва аз тарафи дигар, системаи муттасилро дар асоси дастовардҳои соҳаи технологияҳои олӣ ва технология пайваста такмил медиҳанд;

- принсипализатсия ва услуби амалия, ки бунёди раванди таълимро дар асоси донишҳои асосӣ дар якҷоягӣ бо таҷрибаи амалӣ менамояд;

- принсипи шаффофият ва таносуби он;

- принсипи равобити гуманитарӣ ва экологӣ, тавсифи ҳадди аксарияти қобилияти шахсӣ дар асоси ақидаи экосентрикӣ.

Умумияти принсипҳои илмию педагогӣ дар асоси моделсозӣ танҳо системаи ягонаи таълими миёна ва олии касбӣ ва истеҳсолот ҷойгир карда шуданаш мумкин аст. Барои рушди равандҳои инноватсионӣ корманди баландихтисос, на танҳо барои корҳои эҷодӣ, муаррифӣ, инчунин барои истифодаи технологияҳои нав талаб карда мешавад. Бинобар ин, дар чаҳорчӯбаи модели интеллектуалӣ барои татбиқи равандҳои инноватсионӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессор Ҷураева А.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллозода Р.А. Хусусиятҳои хосси маркетинги хизматрасониҳои омӯзишӣ дар шароити муосир/ Абдуллозода Р., А.А. Абдуллоев, С. Ганиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳоии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2019. -№2. –С.72-77.
2. Джураева, А. Совершенствование системы оплаты труда преподавателей высшей школы (на примере вузов Республики Таджикистан) / А. Джураева, Г.А. Ходжабекова. -катеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 2009. – 121 с.
3. Джураева, А. Финансирование преподавателей высшей школы и повышение качества труда (на примере вузов Республики Таджикистан) / А. Джураева. -Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 2009. – 152 с.
4. Джураева, А. Финансирование преподавателей высшей школы и повышение качества труда (на примере вузов Республики Таджикистан) / А. Джураева. -Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 2009. – 152 с.
5. Маҷмуаи омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. -С.138.
6. Менар К. Экономика организаций / К. Менар; пер. с фр. -М.: ИНФРА-М, 1996. -159 с.
7. Мирсаиддов А.Б. Тамоюли рушди иноватсиониии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ / А.Б. Мирсаиддов, З. Бурҳонзода. –Душанбе: Ирфон, 2021. -144 с.
8. Мирсаидов А.Б. Асосҳои ниҳодии рушди инноватсия: нигоҳи когнитивӣ / А.Б. Мирсаидов // Ахбори АИ ҶТ. – 2016. -№1. -С.120-129.
9. Назаров Д.М. Совершенствование системы управления образовательными услугами / А.М. Джураева, Х.Р. Рустамова, Ш.А. Джураева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№1. -С.5-11.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (21.12.2021). [Манбаи электронӣ]. http://www.president.tj/ru/node/27418#qubodiyon (санаи муроҷиат 27.12.2021)
11. Разработка модульных программ, построенных на компетенциях / О.Н. Олейникова, А.А. Муравьева, Ю.В. Коновалова, Е.В. Сартакова. -М.: «Альфа - М», 2005.
12. Стратегияи миллии рушди Љумњурии Тољикистон барои давраи то соли 2030. -С.21.
13. Формирование общества, основанного на знаниях. Новые задачи высшей школы: доклад Всемирного банка / пер. с англ. - М: "Весь Мир", 2003. - 232 с.

**ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМГИРОИИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ВА ИСТЕҲСОЛОТ**

Дар мақола масъалаҳои мукаммал намудани механизмҳои ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар робита ба ин, муаллиф консепсияи ҳамгирой кардани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (аз ҷумла дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва олӣ) ва истеҳсолотро пешниҳод намудааст. Принсипҳои илмии ҳамгирой, бахусус принсипи инергизм, ки ба афзоиши шумораи алоқамандии ҳамоҳангшуда мусоидат намуда, барои тамоми иштирокдорон самара меорад, таҳқиқ шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки муносибати интегралӣ ҳамкории мунтазамро на танҳо дар дохили низом, балки рӯйи кор омадани самараи мусбиро дар муҳити беруна мусоидат менамояд ва ҳамин тариқ дар ҷомеа муҳити эҷодкориву иннновациони пайдо мешавад. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки умумияти принсипҳои илмию педагогӣ дар асоси моделсозӣ танҳо системаи ягонаи таълими миёна ва олии касбӣ ва истеҳсолот ҷойгир карда шуданаш мумкин аст. Барои рушди равандҳои инноватсионӣ корманди баландихтисос, на танҳо барои корҳои эҷодӣ, муаррифӣ, инчунин барои истифодаи технологияҳои нав талаб карда мешавад. Бинобар ин, дар чаҳорчӯбаи модели интеллектуалӣ барои татбиқи равандҳои инноватсионӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

**Калидвожаҳо:** муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, рушди индустриаливу инноватсионӣ, ҳамгирой, ҳамгироии таҳсилоту истеҳсолот, ҳамоҳангии бозори меҳнату бозори таҳсилот.

**СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ИНТЕГРАЦИИ СИСТЕМЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ПРОИЗВОДСТВО**

В статье рассматриваются вопросы совершенствания механизмов интеграции между учреждениями сферы профессионального образования и предприятиями сферы производства. В связи с этим автор предложил концепции интеграции учреждений системы профессионального образования (среднего и высшего образования) и субъектов сферы производства, исследовнны основние принципи интеграции, прежде всего, принцип синергизма, который расширяет число скоординированных связей, принсящих эффект для всех участников интеграции. Обосновано, что интегральные отношения благоприятствуют непрыривной совместной деятельности не только внутри системы, но и проявлению во внешней среде положительного эффекта, тем самым создается в обшестве творческая и инновационная среда. Автор также отмечает, что общность научно-педагогических принципов на основе моделирования может быть размещена только в единой системе среднего и высшего профессионального образования и производства. Развитие инновационных процессов требует от работника высокой квалификации не только для творческой работы, презентации, но и для использования новых технологий. Поэтому в рамках умной модели создаются условия для реализации инновационных процессов.

**Ключевые слова:** учреждения профессионального образоваания, производственные предприятия, индустриально-инновационное развитие, интеграция, интеграция образования и производства, сблансированность между рынком труда и образовательных услуг.

**IMPROVEMENT OF MECHANISMS OF INTEGRATION OF THE SYSTEM OF VOCATIONAL EDUCATION AND PRODUCTION**

The article examines the issues of improving the mechanisms of integration between institutions in the field of vocational education and enterprises in the production sector. In this regard, the author proposes the concept of integration of institutions of the vocational education system (secondary and higher education) and the subjects of the sphere of production, the basic principles of integration are investigated, first of all, the principle of synergy, which expands the number of coordinated ties that are effective for all participants in the integration. Evidently, integral relations are favored by continuous joint activity not only within the system, but also by the manifestation of a positive effect in the external environment, thereby creating a creative and innovative environment in the society. The author also notes that the commonality of scientific and pedagogical principles based on modeling can only be placed in a single system of secondary and higher vocational education and production. The development of innovative processes requires a highly qualified employee not only for creative work, presentation, but also for the use of new technologies. Therefore, within the framework of a smart model, conditions are created for the implementation of innovative processes.

**Keywords:** institutions of vocational education, manufacturing enterprises, industrial and innovative development, integration, integration of education and production, balance between the labor market and educational services.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бурхонзода Зафар Сафар –*** Муассисаи давлатии таҳсилотии литсейи касбии политехникии ш. Душанбе, номзади илмҳои иқтисодӣ, директор. **Суроға:** 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Раҳмон Набиев, 264. Телефон: **935-30-62-62**

**Сведение об авторе:** ***Бурхонзода Зафар Сафар –*** Государственное образовательное учреждение Политехнический профессиональный лицей города Душанбе, кандидат экономических наук, директор. **Адрес:** 734036, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Рахмон Набиев. Телефон: **935-30-62-62**

**Information about the author:** ***Burkhonzoda Zafar Safar*** - State Educational Institution "Polytechnic Professional Lyceum of Dushanbe", Candidate of Economic Sciences, Director. **Address:** 734036, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rakhmon Nabiev street. Phone: **935-30-62-62**

УДК:334.34(575.3)

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ИДОРАКУНИИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ) ВА ИМКОНИЯТҲОИ ҶОРИНАМОИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Халилзода Умед Шараф*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Принсипҳои умумии идоракунии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мавҷуданд, ки системаҳои хориҷӣ ва байналмилалии идоракуниро дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бо хусусиятҳои беназирашон ба миён овардаанд. Зеро дар онҳо арзишҳои муайяни миллӣ, хусусиятҳои психологияи миллӣ ва ҳувияти миллии идоракунӣ ба назар гирифта шудаанд, ки дар якҷояги таҷрибаи хориҷии идоракунии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро ифода мекунанд.

Ба ақидаи мо, таҷрибаи мамлакатҳои аз лиҳози иқтисодӣ рушдёфта, рушдёфтаистода ва давраи гузаришро дар фаъолияти идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҳам ҷудо намудан мумкин аст.

1. дар мамлакатҳои иқтисодиёташон рушдёфта истеҳсоли маҳсулоти сифаташон олӣ, махсусгардонии мукаммали хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) афзалият дорад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолияти худро ба қуллаи баланди автоматикунонӣ ва кимиёвигардонӣ бурда расонида, ҳосил дар ин хоҷагиҳо ба ҳисоби миёна 65-70 сентнерро аз як гектар ташкил дода, КАС шакли агробизнесро ба худ касб намуда, соҳа характери индустриалиро гирифтааст.

- дар мамлакатҳои иқтисодиёташон рушдёфтаистода истеҳсоли анъанавии каммаҳсул (истеъмолӣ) аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба роҳ монда шудааст, ки ба ҳисоби миёна як гектар то 35-40 сентнер маҳсулоти донагиро таъмин менамояд [1,с.38-41]. Бахши каммаҳсулӣ хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) хурд ва миёнаро муаррифӣ менамояд, ки бо истеҳсоли маҳсулоти истеъмолӣ машғул мебошанд; дар қатори ин, боз хоҷагиҳои сермаҳсул низ ҷой доранд, ки ба плантатсияҳои бузург ва хубташкилгардида дохил мешаванд (плантатсияҳои истеҳсоли банан дар Америкаи Марказӣ, қаҳва дар Бразилия).

- дар мамлакатҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта (ташаккулёбанда), ноустувории истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ҳосилнокии паст, меҳнати дастӣ ва мавқеи сусти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ бештар ба назар мерасад. Ҳосилнокӣ, ба ҳисоби миёна, аз як гектар то 15-20 сентнер, хоҷагиҳои хурд ва хурдтарин, инчунин, мавқеи бениҳоят сусти бозори хислатнок аст, ки давраи пас аз Шуравии баъзе давлатҳои мустақил шаҳодати комили он мебошад.

**Ҷадвали 1. Хислатҳои фарққунандаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар мамлакатҳои иқтисодиёташон гуногун**

**Table 1. Distinctive features of dehkan farms in countries with different economies**

| **Хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) маҳсулотӣ** | **Хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) истеъмолӣ** | **Хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) ташаккулёбанда** |
|---|---|---|
| | **Фарқият** | |
| - ҳосилнокии баланд | - ҳосилнокии миёна | - ҳосилнокии бениҳоят паст |
| - рушди интенсивӣ | - рушди экстенсивӣ | - меҳнати дастӣ афзалият дорад |
| - дараҷаи баланди махсусгардонии хоҷагидорӣ | - сатҳи миёнаи махсусгардонӣ | - вуҷуд надоштани махсусгардонӣ |
| | **Дар бар мегирад** | |
| - кишоварзӣ ва чорвопарварии интенсивӣ бо ҳаҷми бузурги омодагӣ | - ҷуфткунии қафомонда ва зироаткории серхарҷ | - коркарди нодурусти замин ва хароҷоти дукарата барои кишту кор |
| - боғдорӣ ва сабзавотпарварӣ | - чорвопарварии чарогоҳӣ | - чорвопарварӣ вобаста ба имконият |
| - чорвопарварии чарогоҳӣ | - чорводории бодиянишинӣ | - боғпарварии бемаҳсули серхарҷ |
| - зироаткории интенсивии шакли ҳуқуқӣ ва инфиродӣ | - ҳосилғундорӣ, шикор ва моҳидорӣ | - ҷамъоварии хӯроки чорво, моҳидорӣ |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар мамлакатҳои рушдёфта аз рӯи афзалияти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ фарқият доранд. Вай дар асоси автоматикунонӣ, кимиёвигардонии истеҳсолот, истифодаи технологияи биологӣ ва усулҳои нави беҳтаргардонии насли чорво ва тухмиҳои наботот рушд ёфта истодаанд, ки ба чунин мамлакатҳо ИМА, Ҷопон, Исроил, ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд [2,с.82].

**ИМА.** Дар ИМА 50% заминҳои мавҷуда моликияти хусусӣ ва наздики 40% моликияти ҷамъиятӣ мебошанд. Омӯзиши натиҷаҳои фаъолияти хоҷагиҳои фермерии ИМА нишон дод, ки самаранокии кори онҳо бо шакли заминистифодабарӣ муайян намегардад. Масалан, дар ИМА хоҷагиҳои фермерие, ки андозаи миёнаи онҳо 150 гек. мебошанд, нисбатан самаранокнанд. Яъне, идоракунӣ дар чунин хоҷагиҳо тибқи овоздиҳии саҳмдорон сурат гирифта, кишти зироат, таъмини нуриҳо, интихоби бозор ва инвесторон бо саҳмдорон мувофиқа мегарданд. Банақшагирӣ дар хоҷагиҳо на кам аз се солро дар бар гирифта, дар он кишти навъи зироат, таъмини нуриҳои минералӣ, истеъмолкунандаи иқтидорӣ, хароҷоти молиявӣ-техникӣ ва ғайра пешбинӣ мегарданд. Кишти зироат низ вобаста ба иқлими штат, ҳосилхезии таркиби хок, экология ва талаботи мардуми штат ба роҳ монда мешавад.

Мувофиқи нуқтаи назари амрикоӣ ба идоракунии кадрҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки аз рушди амалияи идоракунии захираҳои инсонӣ замина мегирад ва ба натиҷаи таҳқиқоти марказҳои таҳлилӣ такя мекунад, чунин аст:

- рушди техника ва технология омили муҳимтарини таъсиррасон ба нишондиҳандаҳои истеҳсолот, ҳосилнокии меҳнат, сифати маҳсулоти кишоварзӣ ва кормандони хоҷагӣ мебошад. Агар технологияҳои нав ангезаи камгардии кормандони хоҷагӣ гардад, пас аз кадрҳои нав ва боқимонда талаботи такмили бештар талаб карда мешавад;
- дар бештари хоҷагиҳо сафарбаркунии баланди кормандон ба назар мерасад. Яъне, кормандонро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба ду қисм ҷудо мекунанд: доимӣ ва мавсимӣ. Пеш аз ҳама, кормандони доимӣ бо музди меҳнати баланд таъмин карда мешаванд. Кормандони мавсимӣ ин ҳайати касбияташон паст, ки вобаста ба ҳаҷми истеҳсолоти хоҷагӣ киро карда мешаванд;
- дар ҳолати автоматикунонии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагӣ, зарурати ба ҳадди аксар самаранок ҳавасмандгардонии кормандон барои азхудкунии донишҳои нав, дар баландбардории такмили онҳо пеш меояд. Дар ҳолати баръакс, инноватсия метавонад каммаҳсул гардида, сабаби таназзули сатҳи касбияти кормандон гардад;
- ба вуҷуд омадани тамоюлҳои нави пардохти музди меҳнат вобаста ба таҷриба зиёд гардида, сатҳи такмил ва худомӯзӣ, касбияти баланд на фақат аз ҳаҷми корҳои иҷрогардида вобаста аст;
- ба тарҳи нав ташкил кардани идоракунии кормандон якҷоя бо тағйироти истеҳсолӣ ва ташкилӣ сурат мегирад. Ин ҳолат бештар ба истифодаи дастгоҳи нав, тағйирёбии самти маҳсулоти истеҳсолшаванда, инноватсия дар соҳаи беҳтаргардонии сифати маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи тухмиҳои нав ва ҷорикунии технологияи нави истеҳсолӣ тааллуқ дорад.

Чи тавре кормандонро ба кор қабул менамоянд, ҳамон тавр аз кор сабукдӯшкунии онҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо гузаронидани мусоҳиба сурат мегирад. Агар дар қабули кадрҳо мусоҳиба доир ба донишҳои касбии корманд нисбат ба кишоварзӣ, техника ва технологияҳои истеҳсолӣ, сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, нуриҳои минералӣ, тухмиҳо дода шавад, пас дар ҳолати азкорравӣ мусоҳиба ба ғайр аз ҳолатҳои таъҷилӣ (дуздӣ, дағал вайронкунии тартиботи корӣ) боз ба натиҷаи пасти ҳосил, вайрон кардани технологияи кишт, хароҷоти аз ҳад зиёди истеҳсолӣ дода мешавад. Ба ақидаи фермерони амрикоӣ, «кӯр-кӯрона» муносибат намудан бо кормандон хосси мо нест.

Шарти муҳимми муваффақияти фермерон дар он аст, ки соҳибони замин новобаста аз он ки замин хусусӣ аст, ё ба иҷора дода шудааст, соҳибони маҳсулоти истеҳсолкардаи худ мебошанд ва нисбати фаъолияти худ пурра масъулиятро ба дӯш доранд. Бо ин тарз ҳавасмандии баробар дар баланд бардоштани самаранокии меҳнати худ, зиёд намудани даромад ва фоидаи ҳам соҳибмулк ва ҳам иҷорагир таъмин карда мешавад. Аз рӯи ҳисоби олимони амрикоӣ, 50-60% даромад аз бахши аграрӣ аз ҳисоби пешрафти илмӣ-техникӣ ва ташкили баланди истеҳсолот ба даст оварда шудааст.

Дар заминаи ин қонунгузорӣ дар ҳар як штати Амрико институтҳои кишоварзӣ ташкил шуда, дар онҳо корҳои илмӣ хуб ба роҳ монда шудаанд ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз дастовардҳои илмӣ сари вақт огоҳӣ меёбанд [4,с.223]. Ин омил поягузорӣ дар пешрафти соҳа гардида, роҳандозии ин навъи кор дар хоҷагии халқ, дар асоси ҳисоби хоҷагӣ, аксаран ғайриимкон буд. Рушди таърихии ин принсипҳо ба ташкили низоми мустаҳками давлатӣ ва паҳн гардидани донишҳои соҳавӣ бо дастгирии бевоситаи давлат сабаб гардида, ҷараёни рушди илмиву техникии ин соҳа ба сифати вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат қабул шудаанд.

Ин омил ва чораҷӯиҳои муҳим раванди иқтисодиро такмил дода, дар бисёр давлатҳои мутараққӣ, масалан ИМА, кайҳо боз сурат гирифтаанд ва давлат барои таҳкими ин соҳаи муҳим ҳар рӯз дар сатҳи вазорату идораҳо чораҷӯӣ менамояд. Аз ҳисоби давлат қариб ҳамаи шохаҳои асосии гидротехникӣ бунёд мегарданд, ки шакли бунёди онҳо дар давраи муайян амалӣ мегардад.

Дар ИМА ин амалҳо ба шакли мукаммал дар даврони вақт (бунёди иншооти гидротехникӣ дар дарёи Теннесси; шабакаи марказии тақсимотӣ ва ғайра) ба роҳ монда шудаанд. Дар ин ҷода бунёди кооперативҳои обтақсимкунӣ низ муҳим ба шумор меравад. Танҳо дар сурати иштироки фаъоли давлат дар бунёдкориву обёриҳои замин метавон ба дастовардҳои бузурги иқтисодӣ ноил гашт [8,с.127].

Яке аз роҳҳои ҷалбнамоии инвесторон, таваҷҷуҳи ҷамъият, ҳавасмандии фермерон ба баландбардории сифати маҳсулоти кишоварзӣ, баландбардории самаранокии идоракунии хоҷагӣ дар ИМА ин ташкил ва гузаронидани озмунҳои гуногун дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба монанди «Муъҷизаи деҳқонӣ», «Маҳсулоти сол», «Маҳсулоти беҳтарини фасл» ва «Фермер ва маҳсулот» мебошад. Барои барқарор намудани ташаббусҳои худи фермерон, истифодаи иқтидори ботинӣ ва сафарбаркунии захираҳои онҳо барои баланд бардоштани даромаднокӣ озмуни «Муъҷизаи деҳқонӣ» гузаронида мешавад. Инъикоси фаъолияти иштирокчиёни озмун ва таърихи онҳо тариқи ВАО-и маҳаллӣ ва штатҳои алоҳида амалӣ мегардад. Натиҷагириҳои иштирокчиёни озмун барои пешниҳод аз рӯи номинатсияҳои алоҳида ва, дар маҷмуъ, дар шакли махсус дар доираи баҳодиҳии ҳолати молиявии ХД(Ф) амалӣ мегардад. Натиҷагириҳои озмун ва маросими мукофотсупории ғолибон дар ҷашнҳои гуногуни миллии ИМА ва штатҳои алоҳидаи он баргузор мегардад. Аз ҳама муҳим он аст, ки озмунҳои баргузоршаванда имконият медиҳанд, ки инвестор сарчашмаи сармоягузорӣ, ҳукумат манбаи андозбандӣ, истеъмолкунанда маҳсулоти лозимӣ, муҳаққиқ сарчашмаи таҳқиқот, фермер мушкилоти идоракуниву зироаткории худро дарёфт намоянд.

**Ҷопон.** Системаи ҷопонии идоракунии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), яке аз самараноктарин система дар дунё буда, он ғайрирасмӣ – бо симои инсонӣ эътироф гардидааст. Аз ҳисоби захираҳои табиӣ маҳдуд буда, мамлакат кӯшиши ташкили шароити аксари самаранокӣ барои максималӣ маҳсулнок истифода намудани канданиҳои фоиданок, аз он ҷумла хоҷагии қишлоқ ба роҳ монда мешавад.

Дар Ҷопон идоракунии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ аз тарафи се қишри ҷомеа ба роҳ монда шудааст: соҳибкасбон, ҳаваскорон ва нафақахӯрон.

Соҳибкасбон – фермероне, ки машғулияти асосиашонро пурра деҳқонӣ ташкил дода, ҳамеша кӯшиши ҷорӣ намудани рушди зироатҳои нав, навҷорисозӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ, роботигардонии хоҷагидорӣ, истифодаи моҳворавии санҷиши обу ҳаво, таркиби хок ва кимиёвикунии маҳсулоти кишоварзиро афзалиятнок шуморида, кормандонро ба фаъолияти пурсамари хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва ба истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ҷалб менамоянд, ки беш аз 50% фермеронро дар Ҷопон ташкил медиҳанд. Асоси идоракунии фермерони соҳибкасбро инноватсия ташкил дода, ҳамкорӣ бо ниҳодҳои соҳавӣ, муассисаҳои таълимӣ, обу ҳавошиносӣ, хокшиносӣ, марказҳои таҳқиқотии минтақа ва мамлакат, инчунин, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бениҳоят фаъол мебошанд.

Фермерони ҳаваскор – он деҳқононе, ки дар баробари машғулияти асосӣ боз бо фаъолияти кишоварзӣ машғуланд. Хусусияти хосси идоракунии фермерони ҳаваскор ин баландбардории ҳосилнокии меҳнат, ташкили иқлими корӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти кормандон бо истифода аз донишҳои омехтаи машғулияти асосӣ ва роҳбарӣ дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Новобаста аз машғулияти дувуминдараҷа будани фаъолияти

деҳқонӣ, муошırати ҳамешагӣ бо кормандони хоҷагӣ, сари вақт ҳал кардани тамоми масъалаҳои кишоварзӣ, суҳбатҳои мунтазам бо коргарону мутахассисон дар бобати такмили минбаъдаи истеҳсоли маҳсулоти босифати кишоварзӣ, афзоиши самаранокии хоҷагидорӣ дар фаъолияти фермерони ҳаваскори ҷопонӣ амали муқаррарӣ мебошад.

Фермерони нафақахӯр – деҳқононе, ки баъд аз ба нафақа баромадан пурра ба фаъолияти кишоварзӣ машғул гардида, дар баробари фермерони соҳибкасб ва ҳаваскор истеҳсоли маҳсулоти босифати кишоварзиро ҳам барои бозорҳои дохилӣ ва ҳам содирот ба роҳ монда, беш аз 20%-и хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) Ҷопонро ташкил медиҳанд.

Муносибат ба одам ва интихоби кадр дар фаъолияти хоҷагидории ҷопонӣ омилҳои зеринро дар бар мегирад:

- дарк кардани инсон дар истеҳсоли маҳсулоти босифати кишоварзӣ муҳим аст.
- ноэҳтиромӣ ба тарбияи инсон ва арзишҳои ӯ ба фаъолияти хоҷагидорӣ таъсири манфӣ расонида, ҳангоми ҷой доштани манфиатҳои дарозмуддати хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) қобили қабул нест.
- суфта тасвия намудани идеологияи корӣ ва миссияи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ). Вақте ҳайати хоҷагӣ амалигардонии фаъолияти манфиатбахш ва заруриро дарк мекунанд, мотиватсияи баландро дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дошта метавонанд [15,с.158].

Дар ХД(Ф) Ҷопон азкорравии кадрҳо қариб мушоҳида намешавад, бино ба маълумоти омор, ба ҳар 100 коргари соҳаи кишоварзӣ 5 рӯз коргурезӣ (дар ИМА 43 рӯз, яъне 8 маротиба бештар) рост меояд.

Тибқи маълумоти назарпурсиҳо, 70%-и ҷопониҳо худро уҳдадори иштироки қарин дар корҳои дӯстонашон (ҳамкоронашон) медонанд (дар ИМА 45%-и сокинон, дар Англия 36%, дар Олмон 31%, дар Фаронса 12%, дар Россия 6%).

Иштироки фаъол дар гузаронидани семинарҳо, ҷаласаҳо, муоширатҳо барои баландбардории дараҷаи такмили кормандон, навгониҳо дар соҳаи кишоварзӣ, маҳсулоти экологии тоза, технологияҳои муосири кишоварзӣ фермерони Ҷопон мавқеи махсусро доро мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ташкилотҳои кишоварзии ҷопонӣ бюрократияро ба ҳадди ақал расонида, баръакс, ҳамкории зичи корманд бо роҳбарро дастгирӣ мекунанд. Одатан, роҳбарияти хоҷагӣ ба ҳар як шикояти кормандон фавран вокуниш нишон медиҳанд.

Дар системаи идоракунии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) ҷопонӣ се консепсия васеъ истифода мегардад: музди маош, системаи бетанаффусии омӯзиш, системаи мотиватсия.

**Музди меҳнат дар Ҷопон.** Музди меҳнат дар системаи хоҷагидории Ҷопон аз якчанд қисмат иборат мебошад. Аввалан, музди кори асосӣ (ставкаи базавӣ). Ин қисмати музд барои ҳама кормандони доимии синну сол ва тахассуси якхела тақрибан баробар аст. Дуюм, маблағҳои иловагии гуногуни васеъ истифодашаванда: иловапулӣ, мукофот, бонусҳо, ки аз рӯи натиҷаҳои фаъолият – ҷамъоварии ҳосили баланд, сифати аълои маҳсулоти хоҷагӣ, фурӯши маҳсулот дар хориҷи кишвар ва ғайра иборат аст. Андозаи ин маблағҳо аз 10% то 50%-и музди асосиро ташкил медиҳанд. Пардохтҳои нимсола ва солона (бонусҳо) метавонанд аз музди моҳона якчанд маротиба зиёд бошанд. Мақсад аз ин иловапулиҳо баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, интизоми меҳнат ва итоати бегуфтугӯ ба роҳбари хоҷагӣ мебошад.

**Системаи омӯзиши бетанаффус.** Бозомӯзӣ ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони хоҷагӣ дар институтҳои кишоварзӣ, марказҳои бозомӯзии соҳавӣ, инноватсияи кишоварзӣ, биотехнологӣ, роботикунонии кишоварзӣ ва бевосита дар дохили хоҷагӣ амалӣ гардонида мешавад. Фермерони ҷопонӣ бар он ақидаанд, ки омӯзиши доимӣ ба мукаммалгардонии маҳорати касбӣ, қонеъгардии меҳнат ва зиёдгардонии меҳнати махсулнок оварда мерасонад. Дар Ҷопон омӯзиши доимӣ қисмати ҷудонашавандаи ҷараёни меҳнат мебошад, ки ба ҳар як машғулият 8 соат вақт харҷ мегардад, 4 соат аз ҳисоби фермер ва 4 соат аз ҳисоби шахси корманд.

**Системаи мотиватсия.** Системаи мотиватсия дар Ҷопон ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: ҳавасҳои иқтисодӣ, ҳавасҳои рӯҳӣ.

Ба ҳавасҳои иқтисодӣ дар Ҷопон баландбардории музди меҳнат, кумакпулиҳо ва бонусҳо дохил мешаванд. Ба ҳавасҳои рӯҳӣ дар кормандон ташаккул додани ҳисси

уҳдадорӣ дар назди коллектив, ҷалбнамоии онҳо ба ҳаракатҳои гуногуни истеҳсолӣ ва ғайра тааллуқ дорад.

Принсипҳои калидии идоракунии фермерон дар Ҷопон асос меёбад аз:

1. Таваҷҷуҳ ба мизоҷон – барои хоҷагиҳои ҷопонӣ, аз ҳама муҳим он ки маҳсулот талаботи мизоҷонро қонеъ гардонад.
2. Тағйироти мунтазам – тағйироти мунтазами хурд дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ – таъминот, истеҳсолот, фурӯш, муносибати мутақобилаи шахсӣ ва ғайра.
3. Рӯшод эътирофнамоии мушкилот – ҳамаи муаммоҳо рӯшод ба муҳокима гузошта мешаванд (дар куҷое, ки муаммо мавҷуд нест, мукаммалгардӣ номумкин).
4. Ташкили дастаи корӣ – ҳар як корманд аъзои дастаи корӣ ва кружоки мувофиқи сифат мегардад.
5. Ташкили сифат дар раванд, ҳар қадаре бошад, пешакӣ (сифатро бояд дар раванд ташаккул дод, зеро тафтиш сифатро ташкил намедиҳад).
6. Стандартӣ. (Усулҳое лозиманд, ки муваффақиятҳои бадастовардаро устувор мегардонанд).

Мақсади фермерони ҷопонӣ ба қадри максималӣ истифода бурдани қобилият, истеъдод ва малакаи ҳар як корманд мебошад. Аз ин рӯ, ҷопониҳо равиши "*идораи ширкаткунанда*"-ро дар асоси тасмимгирии «*аз поён ба боло*» пеш гирифтаанд ва ҳар корманд ҳиссаи масъулияти идоракунандагии худро бар дӯш дорад, ки ин барои ҳарчи самараноктар истифода бурдани қобилияташ имкон медиҳад. Усули "*идораи ширкаткунанда*" боиси афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва баландшавии сифати маҳсулот дар хоҷагӣ мебошад.

Консепсияи «Як деҳа – як маҳсулот»-и Ҷопон барои равшан намудан ва ҷалби захираҳои маҳаллӣ ва имкониятҳои воқеии маҳалҳо, ки барои ҳар як минтақа хос мебошанд, инчунин, барои рушди маҳсулоти кишоварзии рақобатпазир дар бозорҳои муосири беруна ва дохилӣ мусоидат менамояд. Ҳадафи асосии консепсия аз он иборат аст, ки фермерҳои деҳаҳои алоҳида дар заминаи мақсадҳои иқтисодӣ, бевосита худашон ҳал мекунанд, ки истеҳсоли кадом намуди маҳсулоти даромаднок бояд ба роҳ монда ва он дар куҷо фурӯхта шавад.

**Исроил.** Хоҷагии қишлоқ дар Исроил яке аз соҳаҳои бениҳоят рушдёфта ба шумор меравад. Ба ҷуғрофияи номувофиқ дар пешбурди хоҷагии қишлоқ нигоҳ накарда, Исроил содиркунандаи бузурги маҳсулоти тару тоза ва яке аз пешвоёни асосӣ дар соҳаи технологияҳои хоҷагидорӣ дар дунё маҳсуб мегардад. Аз нисф зиёди заминҳои Исроил биёбон буда, ҳамагӣ 20% замин барои кишту кор мувофиқ аст. Номувофиқии иқлим ва норасоии об ба пешбурди хоҷагидорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар шароити кунунӣ маҳсулоти хоҷагии қишлоқ 2,5% ММД ва 3,7% содиротро ташкил дода, бо 3,7% аҳолие, ки дар хоҷагии қишлоқ банд мебошанд, 95% талаботи худиро бо маҳсулоти хоҷагӣ қонеъ намуда, содироти зиёдро амалӣ мегардонад.

Ба маҳдудияти заминҳои кишт, номувофиқии иқлим, норасоии об нигоҳ накарда хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) Исроил дар дунё яке аз пешқадамтарин хоҷагиҳо шинохта шудааст. Дар соли 2019 51 000 хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ба ҳисоби миёна тақрибан 13,5 га ба як хоҷагӣ рост меояд, ки 19,8% бо 12 га, 75,7% аз 1 то 9 га, 3,3% аз 10 то 49 га, 0,4% аз 50 то 100 га, ва 0,8% беш аз 200 га заминҳои киштро ба уҳда доранд.

Замин дар Исроил асосан моликияти давлатӣ буда, деҳқон онро ба иҷора мегирад. Замин ҳамчун моликияти хусусӣ танҳо 5%-ро ташкил менамояд. Қисми боқимондаи заминҳо дар Исроил зери моликияти муштараки давлат ва Фонди миллӣ қарор доранд.

Дар Исроил ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба принсипи коллективӣ асос ёфта, ба ду шакл тақсим мегардад: хоҷагиҳои ҷамъиятӣ (кибутсӣ), ки воситаҳои истеҳсолӣ ва фоида умумӣ ва хоҷагиҳои оилавӣ (мошавӣ), ҳар як оила хоҷагии хусусии худро дошта, коркарди замин мустақилона ба роҳ монда мешавад, аммо харид ва фурӯши маҳсулот, ташкил ва идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ коллективона ба роҳ монда мешавад. Ҳар ду навъи хоҷагидорӣ баробарии иҷтимоӣ, ҳамкорӣ ва муносибати мутақобиларо зич ба роҳ монда, дар ба даст овардани ҳаҷми зиёди маҳсулот кумак мерасонанд.

Фермерони Исроил дар гузаронидани таҳқиқотҳо ва технологияҳои идоракунии соҳаи хоҷагидорӣ дар ҷаҳон пешво буда, ин ба зуд инкишоф ёфтани миқдор ва сифати маҳсулоти хоҷагии қишлоқ оварда расонид. Асоси идоракуниро фермерони Исроил дар

баландбардории ҳосилнокӣ ва сифати баланди маҳсулоти хоҷагӣ дида, системаи идоракунӣ ба коркарди тухмӣ ва навъи нави растанипарварӣ, чунин инноватсияҳо ба монанди кондитсионерикунонии хок, истифодаи вермикулит (ҳангоми омехтакунӣ бо хоки маҳал ҳосилнокиро баланд мегардонад), кишти қатрагин ва ҷорикунии дигар навовариҳо дар хоҷагидорӣ бартарият дода мешавад.

Сифати баланди таҳқиқот дар хоҷагидории Исроил аз истифодаи технологияҳои рақамӣ, тағйирдиҳии таъми меваву сабзавот, ҷудокунии сабзавот бо ёрии фототехника ва компютерҳо, бо хароҷоти камтарин истеҳсоли аз меъёр зиёди тухму шир, нигоҳдории дуру дарози маҳсулоти хоҷагӣ бе тағйирёбии сифату таъм, мубориза системавӣ бо ҳашарот шаҳодат медиҳад.

Бахши хоҷагии қишлоқ воқеан пурра ба таҳқиқот ва коркардҳои илмие такя менамояд, ки дар ҳамкории фермерон ва олимон ба вуҷуд омадааст. Натиҷаи таҳқиқот бошад, таъҷилӣ ба замини кишт барои санҷиш равона карда шуда, мушкилоти пешомада ба олимон барои дарёфти ҳал баргардонида мешавад. Ҳангоми ҷорӣ гардидани навоварӣ дар амал Вазорати хоҷагии қишлоқ 40% хароҷоти фермерро барои ихтироъкорӣ мебардорад.

Дар Исроил компютерҳое коркард ва истеҳсол карда мешаванд, ки барои ҳамарӯза назорат кардани кор дар хоҷагӣ самаранок истифода мегарданд. Ба функсияҳои асосии чунин компютерҳо идоракунии раванди нуриандозӣ вобаста ба омилҳои муҳит, бо омехтаҳои гуногун додани хӯрок ба чорво, нигоҳдории гармӣ ва нам дар мурғхона, чорвохона ва кӯлҳои моҳӣ ва дигар дастгоҳҳои коркарди хок, шинонидан, коридани растанӣ, тозакуниву ҷамъкунии ҳосил, ҷудокунӣ ва борҷомакунӣ. Компютерикунонии идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Исроил аз 27 000 корманд дар соли 2000 ба 13 000 корманд дар соли 2020 боис гардид.

Дар Тоҷикистон солҳои 1991-1992 оид ба обёрии қатрагӣ бо роҳбарии мутахассисони Исроил таҷрибаҳои саҳроӣ амалӣ шуд. Соли 1991 дар хоҷагии «Кок-Қурак»-и ноҳияи Ашт дар заминҳои шӯршуда дар майдони 2000 га аз рӯи ин технология таҷриба гузаронида шуд. Обёрии қатрагии пахта нишон дод, ки ҳангоми меъёри системаи обёрии баробар ба 5000-5500 $м^3$/га имконияти гирифтани 50-55 сентнер пахта аз 1 га вуҷуд дорад, ки хароҷоти он 3-3, 5 маротиба камтар буда, ҳосилнокӣ 2-2, 5 маротиба баланд аст [9,с.99-103].

Имрӯзҳо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи истеҳсолкунандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он низ шуҳрати баланд дорад. Аммо ҳаҷм ва мунтазамии интиқоли маҳсулот то ҳанӯз қисмати аз ҳама заифи иқтидори содиротии КАС боқӣ мемонад. Барои бартараф намудани чунин мушкилиҳо дар сатҳи муайян метавон таҷрибаи идоракунии фермерони ИМА, Ҷопон ва Исроилро истифода намуд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Таҷрибаи хориҷии идоракунии ХД(Ф) ва имкониятҳои ҷоринамоии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 2. Foreign experience of DP management (F) and its implementation opportunities in the Republic of Tajikistan**

| № | Мамлакат | Таҷриба |
|---|---|---|
| 1. | ИМА | Банақшагирӣ дар хоҷагиҳо на кам аз се сол |
| | | Ақидаи «кӯр-кӯрона» муносибат намудан бо кормандон |
| | | Ташкили институтҳои кишоварзӣ дар ҳар як шаҳру ноҳия |
| | | Гузаронидани озмунҳои гуногун дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба монанди «Муъҷизаи деҳқонӣ», «Маҳсулоти сол», «Маҳсулоти беҳтарини фасл» ва «Фермер ва маҳсулот» |
| 2. | Ҷопон | Иштироки фаъол дар гузаронидани семинарҳо, ҷаласаҳо, муоширатҳо барои баландбардории дараҷаи такмили кормандон, навгониҳо дар соҳаи кишоварзӣ, маҳсулоти экологии тоза, технологияҳои муосири кишоварзӣ |
| | | Музди маош, системаи бетанаффусии омӯзиш, системаи мотиватсия |
| | | Равиши "*идораи ширкаткунанда*" дар асоси тасмимгирии «*аз поён ба боло*» |
| | | Консепсияи «Як деҳа – як маҳсулот» |
| 3. | Исроил | Обёрии қатрагӣ<br>Компютерикунонии идоракунӣ<br>Ҳамкории зичи фермер ва олимони соҳа |

Мақсаднокии ба роҳ мондани ин муносибат бо дарназардошти махсусиятҳои бахши аграрии мамлакат дар чунин равандҳо заминагузорӣ мешавад:

- Имконияти ташаккули интиқоли устувор ва кафолатноки маҳсулоти кишоварзӣ бо ворид шудан ба бозорҳои дохилӣ ва беруна;
- Ҷустуҷӯ ва ҷалби харидорони стратегӣ ва сармоягузорони маҳсулоти аграрӣ, аз ҷумла барои ҳосили оянда [5,с.21];
- Зиёд намудани занҷираи арзиши иловашуда ва пурзӯр намудани тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ;
- Ташкил намудани кластерҳои содиротии ҳудудӣ дар системаи хоҷагии қишлоқ;
- Ривоҷ додани ташаккули бренди ягонаи маҳсулоти аграрии Тоҷикистон.

Хулоса, омӯхтани таҷрибаи хориҷии идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ҷоринамоии он дар шароити муосири мамлакат ба фермерон имконият медиҳад, ки аз технологияҳои муосири кишоварзӣ огоҳ гардида, баҳри истеҳсол намудани маҳсулоти тару тозаи хоҷагии қишлоқ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ саҳмгузор бошанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Ҳамидов А.Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Бабаджанов Д.Д. Проблемы регулирования системы налогообложения в сельском хозяйстве (хлопководство) / Д.Д. Бабаджанов // Паёми ДДХБСТ. Научно-теоретический журнал. -Худжанд, 2001. -№2-3. -С.38-41.
2. Базаров Ш.Ш. Неформальный сектор в системе современных экономических отношений/Ш.Ш.Базаров, А.Х. Хамидов, Ф. Мамадалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019. - №3. -Част 1. – 82 с.
3. Вопросы капитализации земель // Вестник ТГУПБП. – 2010. -№2 (42). -С.42-50. -0,5 п.л.
4. Вопросы управления и оценки земельных ресурсов (сельскохозяйственного назначения) как реальный актив //Известия Академии наук Республики Таджикистан. - 2011. - №3 (43). -С.98-112. - 0,75 п.л.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)». – Душанбе, 2003. – С. 21.
6. Мадаминов А.А. Основные цели маркетингового исследования в аграрном секторе/А.А.Мамадаминов //Национальная конференция. – Душанбе, 2003. – С. 223-230.
7. Мирсаидов А.Б. Теория производственного поведения дехканских (фермерских) хозяйств (на таджикском языке)/А.Б.Мирсаидов//Национальная конференция «Пути развития АПК Таджикистана: проблемы и суждения». – Душанбе, 2003. – С.127-131.
8. Некоторые проблемы в деятельности фермеров: институциональный анализ //Вестник ТГУПБП. -2011. №1 (45). - С. 60-65. - 0,31 п.л.
9. Проблемы водного хозяйства и пути их решения. – Душанбе, 2002. -С.99-103.
10. Рента в системе организационно-экономического механизма землепользования //Молодой ученый. - №16. - 2014. - С.276-278. - 0,18 п.л.
11. Роль частных мелких инвестиций в развитии продовольственной системы Республики Таджикистан //Известия Оренбургского аграрного университета. Выпуск №4 (48). -2014. -С. 239-242. - 0,25 п.л., в соавторстве, автором –0,11 п.л.
12. Современные концепции экономико-экологического землепользования //Вестник ТГУПБП. -2013. - № 4 (56). - С. 92-98. - 0,37 п.л.
13. Теоретические аспекты экономической оценки земли как основа ценообразования сельскохозяйственной продукции //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2/8(100). -2012. - С 120-127. - 0,44 п.л.
14. Трансакционные издержки в экономической системе: структура и измерение // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. -№4 (34). - 2012. - С. 66-69. - 0,25 п.л., в соавторстве, автором – 0,10 п.л.
15. Хамидов А.Х. Влияние внешней трудовой миграции и финансово-экономического кризиса на неформальную занятость в сфере услуг / А.Х. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019. - №5. -Част 1. - 158 с.


## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ИДОРАКУНИИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ) ВА ИМКОНИЯТҲОИ ҶОРИНАМОИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола имконияти ҷорӣ намудани таҷрибаи хориҷии ташкилу идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Точикистон таҳқиқ карда шудааст. Дар кишварҳои мутараққӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз рӯи афзалияти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ фарқият доранд, ки он дар заминаи автоматикунонӣ, кимиёвигардонии истеҳсолот, истифодаи технологияи биологӣ ва усулҳои нави беҳтаргардонии насли чорво ва тухмиҳои наботот рушд ёфта истодаанд. Муаллиф барои исботи ин ақида аз таҷрибаи ИМА, Ҷопон ва Исроил мисолҳо овардааст. Аз ҷумла, муаллиф дар асоси таҳқиқи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагиҳои фермерии ИМА қайд мекунад, ки самаранокии кори онҳо бо шакли заминистифодабарӣ муайян намегардад. Хоҷагиҳои фермерие, ки андозаи миёнаи онҳо 150 га мебошанд, нисбатан самаранок мебошанд. Яъне, идоракунӣ дар чунин хоҷагиҳо тибқи овоздиҳии саҳмдорон сурат гирифта, кишти зироат, таъмини нуриҳо,

интихоби бозор ва инвесторон мувофиқа мегарданд. Банақшагирӣ дар хоҷагиҳо на кам аз се солро дар бар гирифта, дар он кишти навъи зироат, таъмини нуриҳои минералӣ, истеъмолкунандаи иқтидорӣ, хароҷоти молиявӣ-техникӣ ва ғ. пешбинӣ мегарданд. Низоми идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и Ҷопон дар дунё яке аз самараноктарин ба ҳисоб рафта, як низоми бо симои инсонӣ эътироф гардидааст. Дар ин кишвар, ки захираҳои табиияш маҳдуд аст, кӯшиши ташкили бештарин шароит барои самаранокӣ, истифодабарии максималии канданиҳои фоиданок, аз он ҷумла захираҳои хоҷагии қишлоқ ба роҳ монда мешавад. Муаллиф, инчунин, ба таҷрибаи давлати Исроил дар обёрии қатрагӣ ва имкони истифодабарии он дар шароити Тоҷикистон таваҷҷуҳ кардааст. Дар хулосаи мақола муаллиф менависад, ки омӯхтани таҷрибаи хориҷии идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ҷоринамоии он дар шароити муосири Тоҷикистон ба фермерон имконият медиҳад, ки аз технологияҳои муосири кишоварзӣ огоҳ гардида, баҳри тавлиди маҳсулоти тару тозаи хоҷагии қишлоқ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ саҳмгузор бошанд.

**Калидвожаҳо:** хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), таҷрибаи хориҷӣ, хоҷагии қишлоқ, идоракунӣ, ҷоринамоии таҷриба, самаранокӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, заминистифодабарӣ, технологияҳои муосир.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ УПРАВЛЕНИЯ ДЕХКАНСКИМИ (ФЕРМЕРСКИМИ) ХОЗЯЙСТВАМИ И ВОЗМОЖНОСТИ ЕГО ВНЕДРЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье исследуются вопросы внедрения зарубежного опыта организации управления дехканскими (фермерскими) хозяйствами в условиях Таджикистана. В развитых странах дехканские (фермерские) хозяйства различаются по приоритету производства сельскохозяйственной продукции, который развивается на основе автоматизации, химизации производства, применения биотехнологий и новейших методов улучшения пород животных и сортов растительности. Обосновывая эту точку зрения, автор приводит примеры из опыта таких стран, как США, Япония, Израиль. Так, по результатам исследования опыта управления фермерскими хозяйствами США автор отмечает, что эффективность их функционирования определяется типом землепользования. Эффективными считаются те хозяйства, общий объем которых составляет не менее 150 га. Следовательно, управление в таких хозяйствах осуществляется в соответствии с результатами голосования акционеров, посев культур, обеспечение удобрениями, выбор рынков сбыта согласовывается с инвесторами. Планирование в хозяйствах охватывает не менее трех лет, при этом планируются виды сельскохозяйственных культур, обеспечение минеральными удобрениями, потенциальные потребители, финансово-технические затраты и т.д. Система управления дехканскими (фермерскими) хозяйствами считается одной из самых эффективных в мире и признана системой с человеческим лицом. В этой стране, в условиях ограниченности природных ресурсов, наибольшие усилия направлены на создание всех условий для достижения максимальной эффективности, максимального использования имеющихся ресурсов, в том числе ресурсов сельского хозяйства. Также автор обращает внимание на опыт капельного орошения земель в Израиле и возможность его использования в Таджикистане. В заключении автор резюмирует, что изучение зарубежного опыта управления дехканскими (фермерскими) хозяйствами в современных условиях Таджикистана позволит фермерам получить сведения о современных сельскохозяйственных технологиях, внести больший вклад в производстве свежих сельхозпродуктов, обеспечение продовольственной безопасности и экспорт сельскохозяйственной продукции.

**Ключевые слова**: дехканское (фермерское) хозяйство, зарубежный опыт, сельское хозяйство, управление, внедрение опыта, эффективность, сельскохозяйственная продукция, землепользование, современные технологии.

## FOREIGN EXPERIENCE OF MANAGING DEKHKAN (FARM) FACILITIES AND POSSIBILITIES OF ITS IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the issues of introducing foreign experience in organizing the management of dekhkan (farm) farms in the conditions of Tajikistan. In developed countries, dekhkan (farm) farms differ in the priority of agricultural production, which develops on the basis of automation, chemicalization of production, the use of biotechnology and the latest methods for improving animal breeds and varieties of vegetation. Justifying this point of view, the author gives examples from the experience of countries such as the United States, Japan, Israel. So, according to the results of a study of the experience of managing US farms, the author notes that the effectiveness of their functioning is determined by the type of land use. Those farms with a total volume of at least 150 hectares are considered effective. Consequently, management in such farms is carried out in accordance with the results of voting by shareholders, sowing crops, providing fertilizers, and the choice of sales markets is agreed with investors. Planning on farms covers at least three years, with the planned types of crops, the provision of mineral fertilizers, potential consumers, financial and technical costs, etc. The dehkan (farm) management system is considered one of the most efficient in the world and is recognized as a system with a human face. In this country, in conditions of limited natural resources, the greatest efforts are aimed at creating all conditions for achieving maximum efficiency, maximum use of available resources, including agricultural resources. The author also draws attention to the experience of drip irrigation in Israel and the possibility of its use in Tajikistan. In conclusion, the author summarizes that the study of foreign experience in managing dekhkan (farm) farms in the modern conditions of Tajikistan will allow farmers to obtain information about modern agricultural technologies, make a greater contribution to the production of fresh agricultural products, ensure food security and export agricultural products.

**Keywords:** dekhkan (farm) economy, foreign experience, agriculture, management, implementation of experience, efficiency, agricultural products, land use, modern technologies.

**Маълумот дар бораи маълумот:** ***Халилзода Умед Шараф*** –Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷмент. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992)98-756-52-52**. E-mail: **Umed_Khalilzoda@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Халилзода Умед Шараф*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992)98-756-52-52.** E-mail: **Umed_Khalilzoda@mail.ru**

**Information about author:** ***Khalilzoda Umed Sharaf*** - Tajik State Financial and Economic University, assistant of the department of management. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **(+992) 98-756-52-52.** E-mail: **Umed_Khalilzoda@mail.ru**

УДК 336.581

# МЕХАНИЗМ ВА САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

*Рустам А.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони муосир фаъолияти сармоягузорӣ омили муҳимми рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Сармоягузорӣ ба бунёди объектҳои таъиноти иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, беҳгардонии вазъи молиявии корхонаҳо ва зиёдшавии воридшавии маблағҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Дар ниҳоят сармоягузорӣ ба баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат меоварад. Бинобар ин, рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ зиёд намудани ҳаҷми сармоягузориҳо ва баланд бардоштани натиҷанокии фаъолияти сармоягузориро тақозо менамояд.

Нақши беҳамтои сармоягузориро дар рушди иқтисодии мамлакат ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2021 таъкид намуданд, ки «беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад» [10].

Фаъолияти сармоягузорӣ тавассути таҳия ва иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ амалӣ карда мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар марҳилаи имрӯзаи ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ лоиҳаҳои сармоягузории инноватсионӣ мартабаи баландро касб намудаанд.

Имрӯз масъалаи муҳимтарин дар амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ ин маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ гуфта раванди муайян кардани сарчашмаҳои бунёдшавии сармоягузорӣ бо андозаҳои барои татбиқи лоиҳа ва таъмини шароити мусоиди барои азхудкунии онҳо зарурӣ фаҳмида мешавад. Аммо дар шароити маҳдудияти воситаҳои молиявии озод, ки имрӯз барои аксари субъектҳои иқтисодӣ ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ хос аст, дарёфти тариқаи беҳтарини маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ кори ниҳоят мушкил аст.

Солҳои охир дар самти омӯзиши масъалаҳои марбут ба фаъолияти сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар илми ватанӣ таҳқиқоти муҳим ба назар мерасанд, ки аз байни онҳо корҳои муҳаққиқон Л.И. Абдуллоева [1], Д.Б. Қодирзода [5], Ф.Ф. Обидов [8], Р.З. Хидиралиев [14], Х.А. Хофизов [15], Қ.Х. Хушвахтзода [16; 17] ва дигаронро метавон қайд кард. Аммо дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ба таҳқиқи механизмҳо ва сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, омӯзиши масъалаҳои маблағгузории лоиҳавӣ диққати муҳим дода нашудааст. Ин масъалаҳо дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла И.А. Благих [2], Г.С. Дмитриева [3], Н.Н. Наточеева [6], М.А. Николаев [7], С.А. Орехов [9], В.В. Переверзева [11], И.З. Яригина [18] ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд.

Бо вуҷуди интишорот ва таҳқиқоти илмӣ аксари масъалаҳои бо механизмҳои муосири маблағгузории ҷалби воситаҳои молиявӣ барои иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бахусус лоиҳаҳои инноватсионӣ алоқаманд аз таҳқиқоти ватанӣ дур мондаанд. Таҷрибаи хориҷӣ на ҳамеша метавонад дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор бурда шавад. Ҳамаи ин мубрамии мавзӯи таҳқиқшавандаро тасдиқ намуда, барои таҳқиқоти илмии минбаъда дар соҳаи мазкур зарурятро ба миён меоварад.

Имрӯз нарасидани сарчашмаҳои маблағгузории сармоягузориҳо яке аз монеаҳои рушди босуботи соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ мебошад. Пеш аз ҳама ин ба самтҳои ояндадор – лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ (саноати кӯҳӣ ва саноати сабук), кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт, парандапарварӣ, чорвордорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок дахл дорад. Вобаста ба ин, вазифаи аввалиндараҷаи иқтисодиёти миллӣ бунёди механизмҳои босамараи ҷалби сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатии дорои аҳамияти баланд барои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мебошад.

Лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ лоиҳаҳое мебошанд, ки аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ бо мақсади ҷалби ҳама гуна сармоягузориҳо ба муҳлати муайян ва бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ таҳия мегарданд, ки амалӣ намудани онҳо барои рушди бахшҳои муайяни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии мамлакат мусоидат менамояд. Дар баробари амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ – корхонаҳои тиҷоратӣ дар соҳаи амалисозии лоиҳаҳо низ ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири муҳим мерасонад.

Шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: анъанавӣ ва муосир [6,с.39]. Шаклҳои анъанавии маблағгузории сармоягузориҳо бо истифодабарии воситаҳои худии корхонаҳо (сарчашмаҳои дохилӣ), воситаҳои қарзӣ, ҷалбгардида ва сарчашмаҳои марказонидашудаи воситаҳои пулӣ (сарчашмаҳои берунӣ) амалӣ карда мешаванд. Шаклҳои муосири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ – маблағгузории лоиҳавӣ, маблағгузории венчурӣ, маблағгузорӣ бо истифода аз хати қарзии сармоягузорӣ, қарзи инноватсионӣ, вомҳои ҳадафнок, лизинг, инчунин шаклҳои омехтаи маблағгузорӣ мебошанд.

Сарчашмаҳои дохилии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, истеҳлок, нисбат ба дигар сарчашмаҳо бартариҳо доранд. Истеҳлок сарчашмаи аз ҳама боэътимод ва арзони маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Ҳисобузамкунӣ ва ғункунии маблағи истеҳлок аз натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ вобаста нестанд. Корхонаҳо метавонанд усулҳои босуръати ҳисобузамкунии истеҳлокро истифода баранд [12], ки ин ба ҳарчи зудтар ҷамъ шудани маблағи истеҳлок ва барои сармоягузорӣ дастрас будани он меоварад.

Дар байни сарчашмаҳои қарзӣ қисмати бештарро қарзҳои бонкӣ ва вомҳо, инчунин воситаҳои дар шакли қарзҳо ва вомҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоднамудаи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ташкил медиҳанд. Имкони истифода бурдани қарзҳои бонкӣ аз хосияти фаъолияти минбаъдаи корхонаи чун объекти срмоягузорӣ баромадкунанда ва самаранокии он, инчунин, аз таҷрибаи бонки қарздиҳанда дар соҳаи кор бо лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян мегардад. Маблағҳои қарзҳои бонкӣ метавонанд бо ду самт харҷ карда шаванд: барои маблағгузории сармоягузорӣ ва барои ҳадафҳои хоҷагидорӣ. Самти аввалӣ истифодаи қарзҳои дарозмуҳлатро дар назар дошта, бо масрафҳои хариди таҷҳизот, сохтмони биноҳо ва иншоот алоқаманд аст; самти дуюмӣ барои пур кардани воситаҳои гардон, аз ҷумла хариди ашёи хом ва мавод таъин гардида, бо истифодаи қарзҳои кӯтоҳмулат алоқаманд аст.

Моддаи 114 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат медиҳад, ки фоизҳои қарзҳои дарозмуҳлати барои харид кардан, сохтмон ё муҷаҳҳазкунии дороиҳои истеҳлокшаванда ҷалбгардида ба арзиши истеҳлокшавандаи воситаҳои асосии дахлдор зам карда шаванд ва бо ин роҳ ҳангоми ҳисобу зам кардани андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ аз манбаи андозбандӣ берун карда шаванд. Фоизҳои қарзҳои кӯтоҳмуҳлати барои ҳадафҳои хоҷагидорӣ истифодашаванда дар доираи маҳдудиятҳои бо қонунгузорӣ муқарраршуда ба арзиши аслии маҳсулот дохил карда мешаванд [4].

Тарҳи баргардонидани маблағи кредит ба самаранокии минбаъдаи лоиҳа таъсири бузург мерасонад. Муҳим аст, ки корхона то анҷоми лоиҳа ва ба фаъолият шуруъ намудан ба пардохти қарз водор нашавад. Ҳолати муқаррарӣ дар ин маврид гирифтани фоида, аллакай, дар марҳилаҳои аввали ба истифода додани объекти лоиҳа ва пардохт кардани маблағи қарз аз ҳисоби истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии нав мебошад.

Барои лоиҳаҳои нав, инчунин, барои лоиҳаҳо оид ба васеъ кардани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои амалкунанда ду тарҳи пардохти маблағи қарз ба кор бурда мешавад: а) давра ба давра пардохт кардани маблағи асосии қарз бо ҳиссаҳои баробар ва мутаносибан кам шудани фоизҳо; б) давра ба давра бо ҳиссаҳои баробар пардохт кардани маблағи қарзи асосӣ ва фоизҳо.

Воситаҳои ҷалбгардида маблағҳои дар натиҷаи барориши саҳмияҳо бадастомада, инчунин, саҳмгузориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба сармояи оинномавии корхона, аз ҷумла маблағҳои аз сармоягузорони хориҷӣ воридшударо дар бар мегирад.

Шаклҳои марказонидашудаи маблағгузории лоиҳаҳо – сармоягузориҳои буҷетии аз ҳисоби буҷетҳои марказӣ, маҳаллӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ пешкашшаванда, инчунин, кафолатҳои давлатӣ мебошанд. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ метавонанд дар натиҷаи таъсиси иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои ихтиёрии корхонаҳо, ташкилотҳо ва ё дар мавриди иштироки саҳмӣ дар раванди сармоягузорӣ марказонида шаванд.

Интихоби ҳар яке аз сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ бояд асоснок карда шавад, сармоягузор бояд пайомади иҷрои уҳдадориро барои ҳар яке аз онҳо ва таъсири онҳоро ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти худ пешбинӣ карда тавонад.

Иҷрои уҳдадориҳо ба воситаҳои қарзӣ ва натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ вобаста нест, дар ҳама ҳолат фоизҳои қарзҳо бояд пардохт карда шаванд. Воситаҳои ҷалбгардида пардохт кардани дивидендҳоро талаб менамоянд, вале на ҳама вақт ин талабот ҳатмӣ аст, ҳатто агар фаъолияти корхона даромадовар бошад ҳам, дивидендҳо метавонанд пардохт карда нашаванд. Вобаста ба ин, воситаҳои ҷалбгардида ба сарчашмаҳои худӣ наздик мебошанд ва онҳоро метавон идора кард, чунки онҳо унсури сармояи худӣ мебошанд [9,с.71].

Иҷрои лоиҳа танҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ чунин бартариҳо дорад: дастрасӣ ва сари вақт сафарбаркунии сарватҳои молиявӣ; паст будани дараҷаи хавфи пардохтнотавонӣ; даромаднокии нисбатан баланд дар пайомади набудани зарурати пардохткуниҳо вобаста ба сарчашмаҳои қарзӣ ва ҷалбгардида; нигоҳдории моликият ва идоракунии муассисон [11,с.25]. Ҳамзамон, сарватҳои молиявии дохилӣ, асосан, маҳдуд мебошанд. Сафарбар намудани онҳо барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, онҳоро аз гардиши хоҷагӣ берун мебарорад.

Маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ низ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ (буҷетӣ) ва берунӣ (қарзҳо, грантҳо) сурат мегирад. Бинобар ин, ҳангоми таҳия намудани сиёсати давлатии сармоягузорӣ бояд дар назар дошт, ки шиддатнокии раванди амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз пуррагии истифодабарии тамоми сарчашмаҳои имконии маблағгузорӣ вобаста мебошад. Дар ин маврид, ҳар як сарчашма дорои бартарият ва камбудиҳои ҳам умумӣ ва ҳам ҷиҳати лоиҳаи мушаххас мебошад. Вобаста ба ин мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, инчунин, корхонаҳое, ки фаъолияти сармоягузориро анҷом медиҳанд, бояд усулҳои муносиби сафарбаркунии ҳам сарчашмаҳои худӣ ва ҳам сарчашмаҳои берунии маблағгузориро ба кор баранд.

Дар адабиёт чунин усулҳои сафарбаркунии сарчашмаҳои худӣ, қарзӣ ва ҷалбгардидаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷудо карда мешаванд [7,с.142]:

а) барои сарчашмаҳои худӣ – субвенсия, субсидия, дотатсия, меъёрҳои андозии тафриқашуда, имтиёзҳои андозӣ, фармоиши давлатӣ, низомҳои махсуси андозбандӣ ва дигарҳо;

б) барои сарчашмаҳои қарзӣ – қарзи буҷетӣ, кафолати давлатӣ, замонат, қарзи андозии сармоягузорӣ, барориши қоғазҳои қиматнок, гирифтани дастрасӣ ба қарзи имтиёздор;

в) барои сарчашмаҳои ҷалбгардида – таҳия ва татбиқи барномаҳои сармоягузории умумидавлатӣ ва минтақавӣ, маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бунёди фондҳои сармоягузории умумидавлатӣ ва минтақавӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва лизингӣ.

Корбурди усулҳои мазкури сафарбаркунии сарчашмаҳои маблағгузорӣ бо баҳисобгирии хусусиятҳои лоиҳаҳо ва барномаҳои мушаххаси сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки шиддатнокии раванди сармоягузорӣ ва самаранокии лоиҳа баланд бардошта шавад.

Сатҳи муносиби шиддатнокии раванд ва самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ дар доираи механизми дуруст роҳандозишудаи маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ таъмин мегардад. Механизми мазкур чунин унсурҳои асосиро дар бар мегирад: ҳадаф, субъект, объектҳо ва принсипҳо.

Ҳадафи механизми маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақаҳо, субъекти он – мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, корхонаҳо ва аҳолӣ мебошанд. Объекти механизм сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ мебошанд.

Механизми маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ дар асоси чунин принсипҳо амалӣ карда мешавад [7,с.143]:

- мустақилӣ (аз ҷониби субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ мустақилона интихоб шудани шаклҳо ва самтҳои харҷкунии сарватҳои молиявӣ);

- самаранокӣ (натиҷаи истифодабарии усули сафарбаркунии сарчашмаҳои маблағгузорӣ бояд аз масрафҳои бо он алоқаманд зиёд бошад);

- самтнокии ҳадафӣ (харҷ кардани сарватҳои молиявӣ барои татбиқи ҳадафҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақа);

- тавозуни манфиатҳо (тавре тақсим кардани сарватҳои молиявӣ, ки аз амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ на танҳо иштирокчиёни бевоситаи он (сармоягузорон), инчунин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ (маҳаллӣ), корхонаҳо ва аҳолӣ нафъ гиранд);

- шаффофӣ (дастрасии иттилоот оид ба усулҳои истифодашавандаи сафарбаркунии сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои ҳамаи иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ).

Дар раванди таҳқиқот мо маълумотро аз Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, сарчашмаҳои маблағгузории онҳо, тақсимоти маблағҳои лоиҳаҳои амалкунанда ба соҳаҳои афзалиятнок ҷамъоварӣ намуда, ба таҳқиқ фаро гирифтем.

Омӯзиши маълумоти мазкур нишон дод, ки ба ҳолати 1 октябри соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 74 адад лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 3,5 млрд. доллари ИМА мавриди татбиқ қарор доранд. Аз маблағи мазкур 1,97 млрд. доллар (55,4%) – маблағи грантӣ, 1,46 млрд. доллар (41,0%) – маблағи қарзӣ ва 128,4 млн. доллар (3,6%) - саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (ҲҶТ ва ТМБ) мебошад (диаграммаи 1) [13].

**Диаграммаи 1. Сохтори маблағгузориҳои лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ**
**Diagram 1. Structure of financing of public investment projects**




Сарчашма: маълумоти Кумитаи далатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [13]

Тақсимоти маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда ба соҳаҳо чунин аст: 3,1 млрд. доллар (86,9%) – ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, 426,0 млн. доллар (11,9%) – ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва 41,9 млн. доллар (1,2%) – ба дигар соҳаҳо равона гардидаанд (диаграммаи 2) [13].

**Диаграммаи 2. Тақсимоти маблағгузориҳои лоиҳаҳои амалкунанда**
**Diagram 2. Distribution of funding for existing projects**




Сарчашма: маълумоти Кумитаи далатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [13]

Маблағҳои грантӣ ва қарзӣ, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар мешаванд, асосан аз ҳисоби Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва дигар ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд. Маълумот оид ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ дар давраи солҳои 2016-2020 дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, ҳаз. доллари ИМА**
**Table 1. Financing of public investment projects by international financial organizations, thousand US dollars**

| Ташкилотҳои молиявӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Бонки Умумиҷаҳонӣ** | **44100** | **276900** | **33367** | **148700** | **347300** | **850367** |
| Грантҳо | 17040 | 82800 | 24967 | 148700 | 347300 | 620807 |
| Қарзҳо | 27060 | 194100 | 8400 | - | - | 229560 |
| **Бонки Осиёгии Рушд** | **95200** | **50000** | **184680** | **120000** | **321490** | **771370** |
| Грантҳо | 26650 | 19200 | 184680 | 120000 | 321490 | 672020 |
| Қарзҳо | 68550 | 30800 | - | - | - | 99350 |
| **Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд** | **52000** | **9400** | **97200** | **16500** | **157000** | **332100** |
| Грантҳо | 15000 | 5400 | 26200 | 11300 | 7000 | 64900 |
| Қарзҳо | 37000 | 4000 | 71000 | 5200 | 150000 | 267200 |
| **Дигар ташкилотҳои молиявӣ** | **52940** | **270500** | **56160** | **221268** | **144594** | **745462** |
| Грантҳо | 16750 | 24500 | 15330 | 79418 | 24594 | 160592 |
| Қарзҳо | 36190 | 246000 | 40830 | 141850 | 120000 | 584870 |
| **Ҷамъ аз ҳамаи сарчашмаҳо** | **244240** | **606800** | **371407** | **506468** | **970384** | **2699299** |
| Грантҳо | 75440 | 131900 | 251177 | 359418 | 700384 | 1518319 |
| Қарзҳо | 168800 | 474900 | 120230 | 147050 | 270000 | 1180980 |

Сарчашма: маълумоти Кумитаи далатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [13]

Дар давраи солҳои 2016-2020 танҳо аз ҷониби се ташкилоти бузургтарини молиявии байналмилалӣ ба маблағи 1953837 ҳазор доллари ИМА лоиҳаҳои сармоягузории давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда шудааст, ки аз инҳо 1357727 ҳазор доллар – грантҳо ва 596110 ҳазор доллар – қарзҳо мебошанд. Дар давраи мазкур аз ҷониби дигар ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, инчунин, Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҳукумати Япония ба маблағи 745462 ҳазор доллари ИМА маблағгузории лоиҳаҳои

сармоягузории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда шудааст, ки аз ин 160592 ҳазор доллар – ба грантҳо ва 584870 ҳазор доллар – ба қарзҳо рост меояд. Ҳамин тавр, дар давраи солҳои 2016-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2699299 ҳазор доллари ИМА (1518319 ҳазор доллар ё 56,2% – аз ҳисоби грантҳо, 1180980 ҳазор доллар ё 43,8% – аз ҳисоби қарзҳо) ба лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ маблағгузорӣ шудааст.

Истифодабарии сарчашмаҳои берунии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои ҷалб намудани воситаҳо бо ҳаҷмҳои калон ва аз сарчашмаҳои гуногун имконият фароҳам меорад. Дар баробари ин, истифодабарии сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ амалҳои мураккаб ва давраҳои тулонӣ роҳандозишаванда, пешниҳод кардани кафолати устувории молиявии лоиҳаро талаб менамояд. Ба даст овардани сарчашмаҳои берунӣ ба ташкил намудани назорати мустақили самаранокии истифодабарии онҳо, баландшавии хавфи пардохтнотавонӣ, пастшавии фоидаи субъекти хоҷагидории татбиққунандаи лоиҳа аз сабаби зарурати пардохт кардани фоизҳо барои сарчашмаҳои молиявии қарзӣ ва ҷалбгардида меоварад. Ҳамчунин, эҳтимолияти аз даст додани моликият ва идоракунии ташкилот низ мавҷуд аст.

Вобаста ба ин, солҳои охир дар иқтисодиёти миллӣ бештар ба амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси механизми маблағгузории лоиҳавӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Маблағгузории лоиҳавиро метавон чун механизме ифода намуд, ки дар мавриди он худи лоиҳаи сармоягузорӣ чун тарзи хизматрасонии уҳдадориҳои қарзӣ баромад мекунад. Дар тафовут аз маблағгузории корхонаҳо, ки дар мавриди он корхонаи ташаббускор - субъекти лоиҳа ҳамаи хавфҳои дахлдорро ба худ мегирад, ҳангоми маблағгузории лоиҳавӣ хавфҳо дар байни якчанд иштирокчиёни лоиҳа (масалан, ташкилоти идоракунандаи лоиҳа – қарзгир, бонки қарздиҳанда ва ташаббускори лоиҳа) тақсим карда мешаванд [2,с.197]. Дар мавриди истифодабарии чунин тарзи маблағгузорӣ субъекти сармоягузорӣ объекти сармоягузориро аз диди он арзёбӣ менамояд, ки оё лоиҳа сатҳи даромадеро оварда метавонад, ки пӯшонидани маблағи пешкашнамудаи сармоягузор, қарзҳо ва дигар намудҳои сармояи ҷалбгардидаро таъмин намояд.

Дар низоми маблағгузории лоиҳавӣ раванди идоракунии хавфҳо нақши муҳим дорад. Аллакай, дар марҳилаи таҳиясозии лоиҳаи сармоягузорӣ ошкор намудани омилҳои хавфдор, ки метавонанд ба ҷараёнҳои пулии раванди иҷрои лоиҳа таъсир расонанд, муҳим аст. Ба ин хотир дар марҳилаи пешазсармоягузории лоиҳа таҳлили муфассали миқдорӣ ва сифатии хавфҳо гузаронида шуда, ҳар як хавф ба ҳамон иштирокчии лоиҳа вогузор карда мешавад, ки имконияти бештари идора кардани онро дошта бошад.

Ҳоло чун олоти муҳимтарини амалисозии сиёсати давлатии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои ҳадафноки миллӣ (давлатӣ) баромад менамоянд. Барномаҳои ҳадафноки давлатӣ маҷмуи чорабиниҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ-созандагӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилӣ-хоҷагидорие мебошанд, ки бо сарчашмаҳои молиявӣ, иҷрокунандагон ва муҳлатҳои баҷоорӣ ҳамбаста карда шуда, ҳалли босамараи масъалаҳои ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷдоштаро таъмин менамоянд. Хусусияти асосии корбурди барномаҳои ҳадафноки давлатӣ ин муайян кардани самтҳои рушд ва навбатҳои амалисозии онҳо вобаста ба аҳамияти барномаҳо барои иқтисодиёти миллӣ, мақсаднокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо назардошти имконияти маблағгузории чорабиниҳои барномавӣ дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ мебошад.

Маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи барномаҳои ҳадафноки миллӣ, асосан, бо истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ба ҷо оварда мешавад. Дар механизми мазкур се ҷониби асосӣ (иштирокчиёни лоиҳа) фаъолият менамоянд: давлат (барномаи миллӣ), қарздиҳанда (бонк) ва қарзгир (субъекти хоҷагидории иҷрокунандаи лоиҳа). Ҳар як иштирокчии лоиҳа ҳадафҳои худро пайгирӣ намуда, мехоҳад, ки ҳарчи камтар талафоти моддӣ бинад. Манфиати давлат дар дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, ки рушди онҳо амнияти иқтисодӣ ва мудофиавии мамлакатро таъмин менамояд, ифода меёбад. Бонк ба бозпас гирифтани пулҳои ба лоиҳа гузоштаи худ ва дастгирии давлатӣ манфиат дорад. Барои субъекти хоҷагидорӣ – ташаббускори лоиҳа гирифтани қарз бо меъёри фоизии паст ва муҳлати тулонӣ муҳим аст.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, заминаҳои татбиқ намудани он дар амалияи фаъолияти сармоягузории лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ, пеш аз ҳама,

лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ мавҷуд мебошанд. Таҷрибаи ҷаҳонии амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ самаранокии ин намуди маблағгузориро аллакай собит кардааст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Бобиев И.А.**


**АДАБИЁТ**

1. Абдуллоева Л.И. Инвестиционное обеспечение развития производственного предпринимательства / Л.И. Абдуллооева // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2021. -№1. -С.71-76.
2. Благих И.А. Проектное финансирование в инвестиционной сфере [Текст] / И.А. Благих, А.А. Аркадьев // Проблемы современной экономики. – 2012. - № 2. – С. 197-202.
3. Дмитриева Г.С. Особенности финансирования инвестиционно-инновационных проектов в условиях ограниченности ресурсов [Текст] / Г.С. Дмитриева // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. – 2010. - № 6 (112). – С. 174-176.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 / Иттилооти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2012. - № 9 [Манбаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://base.mmk.tj/view
5. Қодирзода Д.Б. Муаммоҳои асосии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Д.Б. Қодирзода, Р.З. Хидиралиев // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 1. - С. 67-73.
6. Наточеева Н.Н. Финансирование инвестиционных проектов: формы, критерии, приоритеты [Текст] / Н.Н. Наточеева // Экономика. Налоги. Право. – 2013. - № 5. – С. 38-43.
7. Николаев М.А. Механизм финансирования инвестиционного процесса на региональном уровне [Текст] / М.А. Николаев, Т.М. Мальцагова // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. – 2011. -№3(125). –С.138-143.
8. Обидов Ф.Ф. Анализ состояния и приоритетные направления реализации инвестиционных проектов (на примере Хатлонской области) [Текст] / Ф.Ф. Обидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. - № 7. – С. 43-49.
9. Орехов С.А. Формы и методы финансирования инвестиционных проектов [Текст] / С.А. Орехов // Экономика, статистика и информатика. Вестник УМО. – 2012. - № 2. – С. 70-76.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: шаҳри Душанбе, 26 январи соли 2021 // Ҷумҳурият. – 2021. – 27 январ. - № 18.
11. Переверзева В.В. Механизм проектного финансирования при реализации инвестиционных проектов [Текст] / В.В. Переверзева // Вестник РЭУ им. Г.В. Плеханова. – 2018. - № 3 (99). – С. 24-32.
12. Положение по бухгалтерскому учету «Учет основных средств» ПБУ 4/2002. Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан от 11 января 2002 года, № 6 [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://minfin.tj
13. Сайти расмии Кумитаи далатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://investcom.tj/
14. Хидиралиев Р.З. Инвестиционная политика государства как основа функционирования инновационной экономики / Р.З. Хидиралиев, Ф.Б. Баҳромов // Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук – 2018. - № 8. - С. 36-41.
15. Хофизов Х.А. Инвестиции и инвестиционная деятельность в системе факторов регионального развития // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. - № 2-9. - С. 34-38.
16. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи масоили назариявии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021.- № 3-2. – С. 5-15.
17. Хушвахтзода Қ.Х. Асосҳои методологии танзими давлатии сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии минтақа [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Ф.Б. Саидаҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020.- № 3. – С. 70-79.
18. Ярыгина И.З. Финансирование инвестиционных процессов в современных условиях России [Текст] / И.З. Ярыгина // Экономика и бизнес: теория и практика. – 2018. - № 10-2. – С. 133-139.


**МЕХАНИЗМ ВА САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ**


Сармоягузорӣ дар шароити иқтисодии муосир чун омили асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамалакат баромад менамояд. Бе истифодабарии сармоягузорӣ ҳалли аксари масъалаҳои мубрами иқтисодиёти миллӣ ғайриимкон аст. Фаъолияти сармоягузорӣ тавассути таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ҷо оварда мешавад. Барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷалби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ лозим аст. Дар мақола масъалаҳои мубрами ҷустуҷӯи механизмҳо ва интихоби сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ мешаванд. Муҳиммии истифодаи тарзи маблағгузории лоиҳавии равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки имрӯз нарасидани сарчашмаҳои маблағгузории сармоягузориҳо монеаи асосии рушди босуботи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ мебошад. Шаклҳои гуногуни анъанавии дохилӣ ва берунии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, инчунин усулҳои баҷоории онҳо баррасӣ ва таҳлил карда шудаанд. Бартариҳои истифодабарии сарчашмаҳои худӣ, қарзӣ ва ҷалбгардидаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ошкор карда шудаанд. Таҳлили равандҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда шудааст. Аз натиҷаҳои таҳқиқот хулоса бароварда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корбурди механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад ва заминаҳо барои татбиқи бобарори он мавҷуд мебошанд.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти сармоягузорӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, сарчашмаҳои худии маблағгузорӣ, сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ, механизми маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ.

## МЕХАНИЗМ И ИСТОЧНИКИ ФИНАНСИРОВАНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ

Инвестиции в современных экономических условиях выступают основным фактором социально-экономического развития страны. Без использования инвестиций невозможно решение многих актуальных задач в национальной экономике. Инвестиционная деятельность осуществляется путем разработки и реализации инвестиционных проектов. Для реализации инвестиционных проектов требуется привлечение различных источников финансирования. В статье рассматриваются актуальные вопросы поиска механизмов и выбора источников финансирования инвестиционных проектов. Обоснована важность применения способа проектного финансирования инвестиционных процессов в национальной экономике. Подтверждается, что сегодня недостаток источников финансирования инвестиций является главным препятствием устойчивого развития приоритетных отраслей национальной экономики. Рассматриваются и анализируются различные традиционные внутренние и внешние формы финансирования инвестиционных проектов, а также методы их осуществления. Выявлены преимущества использования собственных, заемных и привлеченных источников финансирования инвестиционных проектов. Проведен анализ процессов реализации государственных инвестиционных проектов в Республике Таджикистан. По результатам исследования сделан вывод о том, что в Республике Таджикистан применение механизма проектного финансирования находится на стадии становления и имеются предпосылки для успешной его реализации.

**Ключевые слова:** инвестиционная деятельность, инвестиционный проект, финансирование инвестиционных проектов, источники финансирования инвестиционных проектов, инновационные проекты, государственные инвестиционные проекты, собственные источники финансирования, внешние источники финансирования, механизм финансирования инвестиционного проекта.

## MECHANISM AND SOURCES OF FINANCING OF INVESTMENT PROJECTS

Investments in modern economic conditions are the main factor in the socio-economic development of the country. Without the use of investments, it is impossible to solve many urgent problems in the national economy. Investment activity is carried out through the development and implementation of investment projects. The implementation of investment projects requires the involvement of various sources of financing. The article deals with topical issues of finding mechanisms and choosing sources of financing for investment projects. The importance of applying the method of project financing of investment processes in the national economy is substantiated. It is confirmed that today the lack of sources of investment financing is the main obstacle to the sustainable development of priority sectors of the national economy. Various traditional internal and external forms of financing investment projects, as well as methods for their implementation are considered and analyzed. The advantages of using own, borrowed and attracted sources of financing investment projects are revealed. The analysis of the processes of implementation of state investment projects in the Republic of Tajikistan was carried out. Based on the results of the study, it was concluded that in the Republic of Tajikistan the application of the project financing mechanism is in its infancy and there are prerequisites for its successful implementation.

**Keywords:** investment activity, investment project, financing of investment projects, sources of financing of investment projects, innovative projects, state investment projects, own sources of financing, external sources of financing, mechanism for financing an investment project.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рустам Абдуқаюм Рустам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедари идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **arustam0101@gmail.com.** Телефон: **+992 887-78-07-80**

**Сведение об авторе:** ***Рустам Абдукаюм Рустам*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **arustam0101@gmail.com.** Телефон: **+992 887-78-07-80**

**Information about the author:** ***Rustam Abduqayum Rustam*** - Tajik National University, Ph.D candidate at the Department of Public Finance Management. **Address:** Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **arustam0101@gmail.com.** Phone: **+992 887-78-07-80**

УДК:336.56:614(575.3)

# ТАСНИФИ ОБЪЕКТҲОИ БАҲИСОБГИРӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ФАРМАТСЕВТӢ

*Болтуева Р.К.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вазифаҳои муҳимме, ки асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ аз онҳо вобаста аст, таъйини мавзуъ, усул ва объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Омӯзиши адабиёт имкон медиҳад, ки дар бораи мураккабии ин мафҳумҳо, рушди назарияҳои олимон бо таъсири тағйиротҳои воқеӣ дар иқтисодиёт, ки тағйиротҳои комилан мувофиқи низоми баҳисобгирии муҳосибиро талаб мекунанд, хулоса баровarда шавад. Метавон қайд намуд, ки дар таҳқиқотҳои иқтисодчиёни соҳа Т.П. Карпова, М.А. Вахрушина, О.Н. Волкова, С.Ф.Низомов, С.А., Николаева, В.Ф. Палий, Қ.Х. Хушвахтзода, А.Д. Шеремет, Л.Ф. Шилова ва дигарон аз паҳлуҳои гуногун ин масъала таҳқиқ гардидааст.

Масъалаҳои назария ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ пайваста дар таҳқиқотҳои Л.Ф.Шилова аз мавқеи муносибатҳои таърихӣ ва дигар самтҳои гуногун таҳлил карда шудааст [13]. Дар таҳқиқоти мазкур мо ба нуқтаи назари ин муаллиф такя карда, таркиби баҳисобгирии идоракунӣ ва объектҳои онро тавсиф додем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Ақидаи Л.Ф. Шилова ба мафҳумҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ**
**Table 1. The opinion of L.F. Shilova to the basic concepts of accounting**

| Мафҳумҳои асосӣ | Изҳороти маъмулии мазмуни мафҳумот | Изҳороти муаллифии мазмуни мафҳумот |
|---|---|---|
| Мавзуи баҳисобгирии муҳосибӣ | Мавзуи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли умумӣ фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилотҳо мебошад, ки аз объектҳои муайяни мушоҳидаҳои муҳосибӣ ба миён меояд | Мавзуи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳаракати сармояе мебошад, ки тавассути даромадҳои пулӣ ва моддӣ аз рӯи шаклҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ амалӣ гардонида мешавад: муқаррарӣ (амалиётӣ), молиявӣ ва сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) |
| Объекти баҳисобгирии муҳосибӣ | Объекти баҳисобгирии муҳосибӣ ин аст: моликияти ташкилот (дороиҳо) ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо (маҷмуи қарзҳо ва уҳдадориҳо), инчунин амалиётҳои молиявӣ ва хоҷагӣ (далелҳои ҳаёти хоҷагӣ), ки аз тарафи ташкилот дар раванди фаъолияти он амалӣ гардонида мешаванд ва дар равандҳои алоҳидаи молиявӣ-хоҷагӣ муттаҳид карда мешаванд | Объекти баҳисобгирии муҳосибӣ моликият ва сарчашмаҳои таъмини он, ки дар раванди фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ истифода мешаванд ва бо ҳаракати сармоя ифода меёбанд |
| Унсурҳои асосии объекти баҳисобгирии муҳосибӣ | Амволи ташкилот (дороиҳо);<br>Сарчашмаҳои пайдоиши амволи ташкилот (уҳдадориҳо ва сармоя);<br>Амалиёти хоҷагидорӣ;<br>Равандҳои молиявию хоҷагидорӣ | Объектҳои баҳисобгирии муҳосибиро бояд ба ибтидоӣ ва истеҳсолӣ ҷудо намуд.<br>Ба объектҳои ибтидоӣ дохил мешаванд:<br>амалиёти хоҷагидорӣ;<br>раванди хоҷагидорӣ.<br>Ба объектҳои истеҳсолии баҳисобгирӣ дохил мешаванд:<br>нишондодҳои молумулк ва сарчашмаҳои он, ки бо таъсири амалиёти хоҷагидорӣ дар ҳисоботи баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ҳисоботи муҳосибӣ ба миён меоянд |
| Усули баҳисобгирии | Усули баҳисобгирии муҳосибӣ ин маҷмуи тарзу усулҳоест, ки бо ёрии | Усули баҳисобгирии муҳосибӣ маҷмуи тарзу усулҳоест, ки бо ёрии онҳо |

| | | |
|---|---|---|
| муҳосибӣ | онҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳаракат ва ҳолати амвол ва сарчашмаҳои пайдоиши он инъикос мешаванд | мавзуъ, объект ва унсурҳои он омӯхта мешавад |
| Унсури усули баҳисобгирии муҳосибӣ | Мушоҳидаи ибтидоӣ аз рӯи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *ҳуҷҷатгузорӣ ва бақайдгирӣ;*<br>Ченкунии арзиши объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *баҳогузорӣ ва калкулятсия;*<br>Гурӯҳбандии ҷории иттилоот дар бораи объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ: *баҳисобгирӣ ва қайди дутарафа;*<br>Ҷамъбасти ниҳоии иттилоот дар бораи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *тавозун ва ҳисоботи муҳосибӣ* | Мушоҳидаи ибтидоӣ аз рӯи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *ҳуҷҷатгузорӣ ва бақайдгирӣ;*<br>Ченкунии арзиши объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *баҳогузорӣ ва калкулятсия;*<br>Тақсимоти арзиши объектҳо дар раванди ҳаракати сармоя: *тадриҷан кам кардани қимати мол ва ба сармоя гузаронидани арзиши изофа (амортизатсия ва капитализатсия);*<br>Гурӯҳбандии ҷории иттилоот дар бораи объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ: *баҳисобгирӣ ва қайди дутарафа;*<br>Ҷамъбасти ниҳоии иттилоот дар бораи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *тавозун ва ҳисоботи муҳосибӣ* |

Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси адабиёти [13]

Таҳқиқи мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, то хулоса барорем, ки он маҷмуи равандҳо ва амалҳои таъсири субъекти баҳисобгириро ба объекти баҳисобгирӣ бо мақсади ба даст овардани хосиятҳои он пешбинӣ мекунад, назарияи илм дар бораи идоракунӣ бошад, консепсияро оид ба мавзуъ ва объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ ташкил мекунад, ки ақидаҳои олимони дар зер овардашуда онро тасдиқ мекунанд.

Нуқтаи назари С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов оид ба мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ чунин аст: «Баҳисобгирии идоракунӣ низоми ҳамгироии бо ҳам алоқаманде мебошад, ки унсурҳои (зернизомҳои) муташаккили ба худ хосро доро буда, ҷараёни табдилёбии иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилиро бо мақсади қабули қарорҳои фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ ва проблемавии идоракунӣ таъмин менамояд, ки ба менеҷерон ҷиҳати иҷроиши функсияҳояшон зарур аст» [9,с.15].

Мувофиқи нуқтаи назари П.Ҷ. Орзуев, С.Қ. Шоймардонов, Қ.Х. Барфиев ва И.А. Бобиев: «Баҳисобгирии идоракунӣ ин ҷараёни ошкоркунӣ, ченкунӣ, бақайдгирӣ, ҷамъкунӣ, нигоҳдорӣ, ҳифзкунӣ, таҳлил, омодакунӣ, қабул ва пешниҳоди иттилоот ба идоракунандагони корхона барои иҷро кардани мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мебошад» [11,с.16].

Дар таҳқиқоти мазкур танҳо масъала доир ба объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ дида баромада мешавад. Дар адабиёти иқтисодӣ муаллифон ба таври гуногун мавзуъ ва объекти баҳисобгирии идоракуниро муайян кардаанд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Таҳлили ақидаҳо доир ба мавзуъ ва объекти баҳисобгирии идоракунӣ**
**Table 2. Analysis of views on the topic and object of management accounting**

| Муаллиф | Ақидаҳо | Сарчашма |
|---|---|---|
| А.Д. Шеремет | Объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ ин «... зерсохторҳои нисбатан хурдтаринеанд, ки аз рӯи истеҳсолоти алоҳида, шаклҳои фаъолият, марказҳои масъулият ва ғ. амал мекунанд» | [12,с.7] |
| Т.П. Карпова | Мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ ин «маҷмуи объектҳо дар раванди тамоми давраи идоракунии истеҳсолот» ва объектҳо бошанд, «захираҳои истеҳсолӣ, раванди хоҷагидорӣ, натиҷаҳо» мебошанд. | [1] |
| М.А. Вахрушина | Мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ ин фаъолияти истеҳсолии ташкилот ва идораҳо (қисматҳо)-и алоҳидаи сохтории он, ки марказҳои масъулият номида мешаванд, объектҳо бошад: хароҷоти (ҷорӣ ва асосӣ)-и муассиса ва ҷузъҳои алоҳидаи сохтории он; натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории тамоми | [3] |

| | | |
|---|---|---|
| | муассиса ва ҳам марказҳои алоҳидаи масъулият; нархгузории дохилӣ; буҷетсозӣ ва ҳисоботи дохилӣ мебошанд. | |
| И.Г. Кукукина | Мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ ин аст: «... маълумоти баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва дигар маълумот барои ҳадафҳои идоракунӣ, объект бошад, барандагони хароҷот дар шакли маҳсулот, кор ё хизматрасониҳо, мавқеи пайдошавии хароҷот (ҷузъиёт, қисматҳо, марказҳои масъулиятанд» | [1] |
| О.Н. Волкова | Объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ инҳоянд «... ҷузъҳои алоҳида, ҷойҳои корӣ, равандҳо, лоиҳаҳо ё дилхоҳ вазифаи идоракунӣ дар алоҳидагӣ» | [4,с.32] |

Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси адабиёти мавҷуда

Мундариҷаи мавзуъ бо ёрии тамоми объектҳои он ошкор карда мешавад. Ба он нигоҳ накарда, мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ имрӯзҳо аз ҷониби муаллифони зиёд ба таври гуногун шарҳ дода мешавад, моҳияти моддии он бевосита бо натиҷаҳои интизории таҳия ва татбиқи он алоқаманд аст, Дар шакли умумӣ, вай маҷмуи объектҳоро дар раванди тамоми даври идоракунӣ, дар вақт ва макони муайян, яъне дар шароити мушаххаси амалӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, номгӯи пешниҳодшудаи категорияи объектҳои идоракунӣ, аз рӯи моҳият, яке аз равишҳои имконпазире мебошад, ки барои ҳолатҳои мушаххаси амалигардонии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фарматсевтӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, равиши мазкур ҷамъбасти ақидаҳои омӯхташударо оид ба масъалаи мазкур дар бар мегирад ва хеле васеъ мебошад. Мо бо С.А. Николаева ҳамфикрем ва дар ҳолати мазкур ҳамаи объектҳои баҳисобгирии идоракуниро метавонем ба чор гуруҳ ҷудо кунем [10,с.58]:

Маҷмуи равандҳое, ки фаъолияти ширкатҳоро ташкил медиҳанд;

Захираҳо ё ҳамаи он чизеро, ки ширкатҳо метавонанд барои ба даст овардани ҳадафҳои худ истифода баранд;

Воҳидҳои сохтории ширкат;

Нишондодҳое, ки тавсифоти миқдорӣ ва сифатии гурӯҳҳои объектҳои идоракуниро инъикос мекунанд.

Гурӯҳи якуми объектҳо бо истифодаи муносибатҳои равандӣ ташкил карда шудааст ва моҳияти он дар он анҷом меёбад, ки ҳамаи захираҳо ва фаъолиятҳоро ҳамчун равандҳои алоҳида идора мекунанд. Ҳамин тариқ, ба гурӯҳи якуми объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ худи равандҳоеро дохил мекунанд, ки фаъолияти ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтиро таъмин мекунанд. Самаранокии иҷрои ҳар як раванд ба афзоиши нишондодҳои сифатии ҳамаи фаъолияти ширкат дар умум оварда мерасонад.

Тибқи таснифоти умумии шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ, фаъолияти ширкатҳои фарматсевтӣ ба савдои чакана ва яклухт дахл дорад. Ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтие, ки шакли асосии фаъолияти онҳо фурӯши молҳои фарматсевтӣ мебошад, метавонанд бизнес-равандҳои зиёд дошта бошанд. Ба сифати бизнес-равандҳо нуқтаҳои фурӯш ва дигар мағозаҳои муқаррарии фурӯши яклухт ва чакана ҳисоб меёбанд.

Ширкати тиҷоратии фарматсевтӣ ин системаи тиҷорати муҷаҳҳаз бо технологияи иттилоотӣ мебошад, ки бо табодули захираҳо (моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва ғ.) ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ асос ёфта, бо ҳамкории зичи аъзои коллективи меҳнатӣ, ки фаъолияти онҳо мақсаднок мувофиқа карда шудааст, амал менамояд. Ширкати тиҷоратии фарматсевтӣ системаи кушода мебошад, зеро доимо бо муҳити беруна мубодилаи иттилоотӣ дошта, даромад (захираҳои воридшуда - амонат) ва баромадҳо (истеҳсолот - натиҷаҳо)-и худро ба танзим медарорад ва аз ду унсури мустақил ва бо ҳам амалкунанда – объект ва субъект иборат мебошад. Ҳамчун объекти таъсир дар системаи ширкати тиҷоратии фарматсевтӣ маҷмуи шароити моддӣ, технологӣ, равандҳои ташкилӣ, инчунин, муносибатҳои байни коргарон ҳангоми иҷрои вазифаҳо доир ба хизматрасонии аҳолӣ аз ҷониби ширкат – фурӯши маводи доруворӣ ва дигар молҳои номгӯи дорухонавӣ дида баромада мешавад. Субъект гурӯҳи махсуси одамоне (дастгоҳи идоракунӣ) мебошад, ки тавассути шаклҳои таъсиргузории иқтисодӣ фаъолияти мақсадноки объектро амалӣ гардонида, идоракунии бозор (маркетинг), маблағҳо, бизнес-равандҳо ва амсоли инҳоро дар ихтиёр доранд. Онҳо ашхосе мебошанд, ки дар дараҷаи муайян ҳавасманданд ва дар

фаъолияти ширкат иштирок намуда, барои иҷрои босифати вазифаҳои бар дӯшашон гузошташуда масъуланд.

Илова бар ин, таъсири субъект ба объект дар системаи ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ метавонад танҳо дар шароити ҳаракати иттилоот амалӣ гардонида шавад. Муҳити беруна ба ширкат тавассути даромад, ширкат бошад, дар навбати худ ба муҳити беруна, тавасути баромад таъсир мерасонад. Зери мафҳуми муҳити дохила тамоми механизми хоҷагидории ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми муҳити беруна тамоми шароит ва омилҳое (иҷтимоӣ, технологӣ, иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ, бозорӣ ва соҳавӣ) фаҳмида мешавад, ки новобаста аз фаъолияти ширкат дар муҳити берун аз корхона ба миён меоянд, аммо ба вазъи муҳити дохила метавонанд таъсир расонанд.

Асоси фаъолияти ширкати тиҷоратии фарматсевтиро таъмини бозори маводҳои босифати тиббӣ ташкил медиҳад. Хусусиятҳои фаъолияти фарматсевтиро васф намуда, хулоса мекунем, ки он ба вазъ ва фаровонии бозор, талаботи аҳолӣ, вазъи иҷтимоӣ, ҳолати эпидемологӣ вобаста аст. Дар шароити мусоири бозорӣ метавон як қатор хусусиятҳои фарққунандаеро ҷудо намуд, ки пешбурди фаъолияти таҳқиқотӣ, ҷоришавии бизнес-равандҳои фаъолият ва мувофиқан хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии идоракуниро муайян кунанд. Дараҷаи хеле баланди таъсирро ба тиҷорати фарматсевтӣ вазъи муҳити беруна мебозад. Масалан, сиёсати давлат дар соҳаи тандурустӣ, таъминоти доруворӣ ва иҷтимоӣ, ҳаҷми маблағгузории муассисаҳои муолиҷавӣ-пешгироӣ, таъминоти имтиёзии дорувории аҳолӣ манфиатҳо ва воқеъияти рушди бахшҳои ширкати фарматсевтиро муайян мекунанд.

Қатъӣ будани танзими давлатии соҳаи фарматсевтӣ ва батартибандозии бузургиҳои зиёди фаъолияти фарматсевтӣ, ки бо гардиши истеҳсолоти моддӣ, инчунин, мавҷудияти истеҳсолкунандагони мобайнӣ (табиб дар бозор, ки доруро менависад), алоқаманд аст ва, ҳамзамон, бевосита ба номгӯ, ҳаҷми фурӯш ва фоидаи савдои чаканаи ширкати фарматсевтӣ таъсир карда, ба ҷоришавӣ ва бизнес-равандҳои логистикӣ ва маркетинги (бозорӣ)-и ширкат мусоидат мекунад. Вазъи омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологие, ки ба сатҳи беморшавии аҳолӣ таъсир мерасонанд, номгӯи маводи дорувориро муайян мекунанд ва вазъи омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бошад, ба ҳаҷми фурӯш ва фоидаи дигар номгӯи молҳои дорухонавӣ мусоидат мекунад. Омилҳои технологӣ имконоти воқеии такмили технологияҳои идоракуниро дар соҳаи фарматсевтӣ ва ҳадди ақал, автоматикунонии ҷузъии системаҳои идоракунии бизнес-равандҳоро муайян мекунанд. Пеш аз ҳама, махсусияти пешбурди фаъолияти фарматсевтӣ ва шумораи ками ҳайати коргарони ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ, ки ба фурӯши чакана машғуланд ва ба тиҷорати хурд дахл доранд, таъсир мерасонад. Санҷиши самаранокии фаъолияти ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ бо ёрии робитаи баръакс дар бораи сатҳи қаноатмандии истеъмолкунандагон, вазъи савдои бозор, ҷараёни ташаккули нишондодҳои соҳавӣ ва макроиқтисодӣ, натиҷанокӣ ва самаранокии бизнес-равандҳо ва амсоли инҳо амалӣ карда мешавад. Робитаи баръакс воридшавии иттилоотро дар бораи зарурати хизматҳои чунин ширкати тиҷоратии фарматсевтӣ таъмин мекунад.

Ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ аз рӯи шаклҳои зерини фаъолият ҷамъбаст карда мешаванд. Фаъолияти таъминотӣ-захиравии ширкати тиҷоратии фарматсевтӣ ҳолати ибтидоиро дар даври пешрафти молҳои доруворӣ ишғол мекунад. Ин ҷо фармоиши мол, бадастоварӣ, санҷиши сифат, инчунин, фаъолияти маркетингие амалӣ гардонида мешавад, ки бо равандҳои таъминотӣ, аз ҷумла қабули қарорҳо доир ба ҳаҷми харид, интихоби таҳвилдиҳанда ва ғайра алоқаманд мебошад.

Нигоҳдории маводи доруворӣ ҳангоми бунёд намудани системаи баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ масъалаи муҳим мебошад, ҳатто агар ширкати мазкур танҳо ба фурӯши чакана машғул бошад ҳам, чунки ҳамаи амалиётҳо доир ба фаъолияти дорухона аз ҷониби давлат қатъиян ба танзим дароварда мешавад. Ин ҷо мисли дилхоҳ ташкилоти тиҷоратӣ бузургии хароҷот дар ташаккули натиҷаҳои молиявӣ нақши асосиро мебозад ва паст намудани хароҷот доир ба нигоҳдорӣ ва муносибгардонии захираи молҳо яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолият мебошад.

Фаъолияти молиявию фурӯши ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ бахри таҳлили номгӯи молҳои фурӯхташуда, даромаднокии он, инчунин, иҷрои саривақтӣ ва сифатноки

аҳдномаҳо равона карда шудааст. Системаи баҳисобгирии идоракунии босамар дар муайян намудани категорияҳои нисбатан муҳимми молҳои доруворӣ ва ба бузургии даромад аз намудҳои алоҳидаи молҳо, гурӯҳ ва тамоми молҳо кумак мерасонад.

Ба гурӯҳи дувуми объектҳои баҳисобгирӣ ҳамаи онҳое дохил мешаванд, ки ширкат метавонад барои ба даст овардани ҳадафҳои гузоштааш талош кунад. Инҳо дороиҳои ширкат мебошанд. Баҳисобгирии идоракунии ин гурӯҳи объектҳо низ мисли баҳисобгирии гурӯҳи якум муҳим аст. Метавон аз мафҳуми «нисбӣ»-е истифода намуд, ки аз «Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ» (СБҲМ) бармеояд: «Дороиҳо ин захираҳоеанд, ки аз ҷониби ташкилот назорат карда шуда, мумкин аст барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ истифода шаванд». Ба ибораи дигар, онҳо захираҳоеанд, ки ширкат дар ихтиёр дорад: истеҳсолӣ, молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва ғ.

Дар гурӯҳи мазкур метавон дороиҳои ғайригардиширо ҷудо намуд – арзиши воситаҳои асосӣ (бинои дорухона, воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти ҳисоббарор ва ғ.), ки дар раванди фаъолият истифода бурда мешаванд ва арзиши худро ба маҳсулоти тайёр мегузаронанд, дороиҳои ғайримоддӣ – объектҳои маблағгузории дарозмуддате, ки асоси фардӣ надоранд (патентҳо, иҷозатномаҳо ва ғ.). Захираҳои молиявӣ ин ҳама гуна шаклҳои сармояи ширкат мебошанд, ки дар раванди фаъолияти худ истифода бурда мешаванд (сармояи оинномавӣ, сармояи иловагӣ, қарзҳо ва вомҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат). Захираҳои моддӣ ин ашёҳои меҳнат мебошад, ки ба онҳо бо ёрии воситаҳои меҳнат таъсири мувофиқ расонида мешавад (молҳои доруворӣ ва дигар номгӯи дорухонавӣ, ашёҳои моддӣ ва ғ.). Захираҳои меҳнатӣ ин неруҳои инсоние мебошанд, ки ширкати тиҷоратии фарматсевтӣ барои амалигардонии фаъолият ҷалб намудааст, сохтори онҳо, сатҳи тасниф (маъмурият, фарматсевтон, провизор ва ғ.)-ро дар бар мегиранд. Захираҳои технологӣ ва иттилоотӣ таҷҳизоти муосир, технология ва усулҳо, замимаҳои барномавӣ, системаҳои шабакавӣ ва иртиботие, ки бо коркарди ахбор алоқаманданд ва имкон медиҳанд, ки иттилоот бо мақсади идоракунии фаъолияти ширкат назорат ва истифода бурда шаванд.

Ба гурӯҳи сеюм воҳидҳои сохтории ширкат дохил мешаванд, яъне қисматҳои он ки тибқи ягон нишонаҳои таснифотӣ ҷудо карда шудаанд. Барои муқоиса воҳидҳои камтарини сохторӣ метавонад коргари ширкат бошад, ҳамчун воҳиди калонтарин – худи ширкат. Ҳуқуқҳо, истифодаи захираҳо ва уҳдадориҳо барои натиҷаҳои истифодаи онҳоро муайян карда, воҳиди сохториро дар ҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун маркази масъулият мешиносанд. Доир ба масъалаҳои шабоҳат ва фарқияти маълумотҳо ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Мо бо ақидаи С.А. Николаева розӣ ҳастем, ки мегӯяд: «агар мафҳуми «макони пайдоиши хароҷот» ва «марказҳои масъулият»-ро муқоиса кунем, пас, маълум мегардад, ки макони пайдоиши хароҷот ва марказҳои масъулият ин воҳидҳои сохторӣ танҳо бо нишонаҳои таснифӣ мебошанд» [10,с.68]. Ҳамин тариқ, мафҳуми «макони пайдоиши хароҷот» ва «маркази масъулият», моҳиятан, ақидаҳоро оид ба воҳидҳои сохтории муайяншуда бо таъиноти муайян, захираҳои муайян ва масъулият барои истифодаи онҳо инъикос мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки: "дар адабиёти иқтисодӣ, айни замон, мо ба мафҳумҳои марказҳои масъулият, марказҳои ташаккулёбии хароҷот, воҳидҳои тиҷорат (бизнес), намудҳои фаъолият, сегментҳои тиҷорат дучор меоем. Баъзе аз олимон доираи тамоми ин мафҳумҳоро бидуни ошкоркунии алоқамандӣ ва таъсири онҳо ба низоми иттилоотии ширкат истифода мебаранд, олимони дигар кӯшиш менамоянд, ки байни ин мафҳумҳо аломати баробар гузоранд. Ихтилоф дар истилоҳот, амалан дар самти эҷод кардани модели баҳисобгирӣ аз рӯи зерсохторҳо душвориҳоеро дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меорад" [8,с.72].

Тибқи назария ва амалияи идоракунӣ ҳамаи воҳидҳои сохтории муносиб марказҳои масъулият ҳисоб меёбанд. Роҳбарони онҳо ё мутахассисони барои қитъаҳои мушаххаси кор таъиншуда барои ҳалли вазифаҳои аз ҷониби роҳбарият гузоштащуда масъуланд. Вобаста ба хусусиятҳои фаъолият воҳидҳои сохторӣ метавонанд маркази хароҷот, маркази даромад ё маркази маблағгузорӣ бошанд. Иттилооти идоракунӣ, аз рӯи марказҳои даромад, хусусияти афзалиятнок дорад, зеро вазъи умумии молиявии ширкат ба танзими фаъолияти ин марказҳо вобаста аст. Марказҳои даромад бояд на танҳо хароҷоти ширкатро пурра ҷуброн намоянд, балки фоидаи онро низ таъмин созанд. Аз рӯи

марказҳои масъулият баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат (бамеъёрдарорӣ, банақшагирӣ ва баҳисобгирии хароҷоти мубодила) амалӣ карда мешавад. Ухдадорӣ барои натиҷаҳои фаъолияти марказҳои масъулият бар дӯши мудирони дорухона, нуқтаҳои дорухонавӣ, идораҳо, ҳангоми ҷой доштани анбор – бар дӯши мудири анбор гузошта мешавад.

Анборхона дар сохторҳои хоҷагидории ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтие, ки ба фурӯши чакана машғуланд, бо сабабҳои набудани захираҳои маводи доруворӣ ва дигар молҳои номгӯи дорухонавӣ мумкин аст, ки истифода бурда нашаванд. Захираҳои молӣ дар ибтидо кам карда мешавад, ҳаҷми он бошад, пурра ба толори фурӯш равона карда шуда, ҳамарӯза, дар ҳолати зарурӣ пурра карда мешавад. Фаъолияти марказҳои масъулияти ташкилкардашуда аз ҷониби коргарони маъмурии ширкат назорат карда мешавад, ки онҳо дар асоси иттилооти идоракунӣ дар доираи салоҳиятҳои вазифавӣ қарор қабул мекунанд. Масъалаҳоеро, ки аз доираи салоҳиятҳои онҳо берунанд, роҳбари ширкат ҳал мекунад.

Моҳиятан объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои марказҳои масъулият мебошанд. Ҳадафи баҳисобгирии идоракунӣ бақайдгирии арзиши захираҳое мебошад, ки аз ҷониби марказҳои масъулият даромад ва харҷ карда шуда, ба натиҷаҳои бадастомада низ масъуланд.

Аз навиштаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки баҳисобгирии идоракунӣ ба мувофиқатии хароҷот ва истеҳсол аз нуқтаи назари марказҳои алоҳидаи масъулият, яъне доир ба истифода усули «хароҷот – истеҳсол» дар системаи баҳисобгирии маъмурӣ равона карда шудааст. Дар иқтисодиёти бозорӣ моҳияти баҳисобгириро аз рӯи марказҳои масъулият баҳо додан душвор аст.

Ба ақидаи М.И. Исраилов ва С.А. Мелисова, ба субъектҳои идоракунии низоми иттилоотии баҳисобгирӣ шахсоне дохил мешаванд, ки ба такмилдиҳӣ ва ҷараёнҳои хоҷагидорӣ таъсир мерасонанд: роҳбари корхона, шуъбаи муҳосиботи корхона, шуъбаи молиявии корхона ва шуъбаи аудити дохилӣ» [5,с.61].

Дар заминаи иттилоот аз рӯи марказҳои масъулият системаи баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ва назорати идоракунӣ бунёд мешавад. Ба ақидаи Қ.Х. Барфиев, «низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар соҳаи иқтисодӣ ба ду гурӯҳи калон (низом) ҷудо карда мешавад: низоми баҳисобгирӣ ва низоми таҳлилӣ, ки дар худ тамоми паҳлуҳоро дар бар мегирад» [1,с.10].

Маълумотҳои чунин намудҳои баҳисобгирӣ талаботи иттилоотии идоракунии дохилиширкатиро қаноатманд карда, имкон медиҳанд хароҷот ва натиҷаҳо дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ назорат карда, ҳисобот тартиб дода шуда, ҳангоми таҳлили он дар бораи самаранокии фаъолияти ин ё он ҷузъиёти сохторӣ метавон хулоса баровард. Ғайр аз ин, иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз рӯи марказҳои масъулиятро ҳамчун асос шуморида, маъмурияти ширкат метавонад қарорҳои гуногуни идоракунӣ, масалан дар бораи мақсаднокии ҷузъигардони (ғайримарказонидан)-и тиҷорат қабул намояд [3].

Чи тавре таҷриба нишон медиҳад, иттилооти дар ҳисоботи дохилии зерсохторҳо ва ҳисоботи маҷмуии корхона, аз рӯи шаклҳои гуногун пешниҳодшаванда дар таҳлили фаъолияти хоҷагидориии корхонаю ташкилотҳо дар сатҳи болоии идоракунӣ васеъ истифода бурда мешавад [2,с.79].

Ба гурӯҳи чоруми объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ нишондодҳое дохил мешаванд, ки миқдоран ва сифатан тавсифоти объектҳои таҳқиқотиро инъикос мекунанд. Нишондодҳо ҳамчун гурӯҳи объектҳо назар ба дигар гурӯҳи объектҳо хусусиятҳои хоси худро доранд онҳоро идора намуда, мо тамоми гурӯҳҳои объектҳо ва фаъолиятро дар умум идора мекунем. Дар баҳисобгирии идоракунӣ дар бештари ҳолатҳо раванди идоракунӣ «нисбатан», яъне тавассути нишондодҳои муайяни дуруст амалӣ гардонида мешавад, ки амалан онҳо ҳамчун як навъи «миёнарав» дар байни субъект ва объекти идоракунӣ ва ченкунандаи самаранокии ба даст овардани ҳадафҳои гузошта хизмат мекунанд. Барои пеш бурдани тиҷорати бобарор дар марҳилаи муосири рушди баҳисобгирии идоракунӣ, на танҳо иттилооти молиявӣ, балки иттилооти ғайримолиявӣ, масалан нишондодҳои муносибати мизоҷон ба сифати фаъолияте, ки дар натиҷаи истифодаи технологияҳои идоракунӣ ба даст омадааст, муҳим мебошад. Нишондодҳое, ки натиҷаҳои фаъолияти хоҷагиро аз рӯи бизнес-равандҳо дар баҳисобгирии идоракунӣ васф мекунанд, бояд ҳамзамон, бо истифодабарии захираҳо ва ҳосил намудани маҳсулот ҳамчун натиҷаи маҷмуи равандҳо инъикос гарданд.

Ҳамин тариқ, объектҳои хоси баҳисобгирии идоракунӣ барои ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ захираҳо, равандҳои фаъолият, унсурҳои сохторие мебошанд, ки ҳамчун марказҳои масъулияти молиявӣ ва нишондодҳои фаъолияти бахшҳо истифода бурда мешаванд. Хусусияти ширкатҳои фарматсевтӣ дар тавсифи ин объектҳо зоҳир мегардад. Масалан, дар таркиби бизнес-равандҳо мавқеи хосаро назорате ишғол мекунад, ки бояд тамоми системаи идоракунии фаъолиятро дар бар гирад ва ба талаботи танзими давлатӣ ҷавобгӯ бошад. Барои чунин ширкатҳо равандҳои зерини асосӣ маъмуланд: харид, нигоҳдорӣ, истеҳсол, фурӯш. Барои ҳар як раванд метавон талаботҳои махсуси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро ҷудо намуда, талаботи асосии санадҳои меъёрии-ҳуқуқиро риоя намуд. Объектҳои назорат инҳоянд: захираҳо, даромадҳо ва баромадҳои равандҳо, хароҷот ва натиҷаҳо. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи зарурати ташкили назорати дуҷониба дар системаи баҳисобгирии идоракунии чунин ташкилотҳо хулоса бароварда шавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессор Қурбонов А.К.**

**АДАБИЁТ**


2. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан): диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук 08.00.12 - бухгалтерский учет, статистика. –Бишкек, 2019. -274 с.
3. Бобиев, И.А. Таҷрибаи байналмилалии ташаккулёбӣ ва пешниҳоди ҳисоботи сегментӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона / И.А. Бобиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№1. -С.78-86.
4. Вахрушина М.А. Учетная политика в системе управленческого учета / М.А. Вахрушина, Е.Е. Лялькова. -М.: Экономист, 2008. -208 с.
5. Волкова О.Н. Управленческий учет: учебник. -М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. -472 с.
6. Исраилов М.И. Учет, анализ и контроль бухгалтерских рисков и достоверность финансовой отчетности. Монография / М.И. Исраилов, С.А. Мелисова. –Б.: MAXPRINT, 2020. -220 с.
7. Карпова Т.П. Управленческий учет; учебник для вузов / Т.П. Карпова. -2-е изд., пере- раб. и доп. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. - 351 с.
8. Кукукина И.Г. Управленческий учет: учеб, пособие / И.Г. Кукукина. -М.: Финансы и статистика, 2004. -400 с.
9. Низомов С.Ф. Асосҳои консептуалии ташаккули ҳисоботи сегментӣ дар холдингҳои саноатӣ /С.Ф. Низомов, И.А.Бобиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021.– №8.– С. 68-76.
10. Низомов С.Ф. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов. -Душанбе: Ирфон, 2017. -324 с.
11. Николаева С.А., Шебек С.В. Управленческий учет. Легенды и мифы / С.А. Николаева, С.В. Шебек. -М.: Аудиторско-консалтинговая фирма "ЦБА", 2004. -288 с.
12. Орзуев П.Ҷ. Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ: китоби дарсӣ / П.Ҷ. Орзуев, С.Қ. Шоймардонов, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. -Душанбе: Балоғат, 2019. -540 с.
13. Управленческий учет: учебное пособие / под ред. А.Д. Шеремета. -М.: ИД ФБК-ПРЕСС, 2000. -512 с.
14. Шилова Л.Ф. Методология и инструментарий бухгалтерской отчетности организаций: монография / Л.Ф. Шилова. -Йошкар-Ола; ООО "Стринг", 2010. -210 с.


**ТАСНИФИ ОБЪЕКТҲОИ БАҲИСОБГИРӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ФАРМАТСЕВТӢ**


Мақола ба омӯзиши ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯи объектҳо дар ширкатҳои фарматсевтии тиҷоратӣ бахшида шудааст. Асосҳои назариявӣ-методологии баҳисобгирии идоракунӣ ва нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба мауайянкунии мафҳум, мақсад, усул, унсурҳои асосӣ, вазифаҳо ва обеъектҳои баҳисобгирии идоракунӣ таҳлил карда шудааст. Чун мавзуи мақола таснифи объектҳои баҳисобгирӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ мебошад, дар мақола хулоса бароварда шудааст, ки объектҳои баҳисобгирӣ ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд. Инҳо: маҷмуи равандҳое, ки фаъолияти ширкатҳоро ташкил медиҳанд; захираҳо, ки ширкат метавонад барои ба даст овардани ҳадафҳои худ истифода барад; равандҳои воҳидҳои сохтории ширкат ва нишондодҳое, ки тавсифоти миқдорӣ ва сифатии гуруҳҳои объектҳои идоракуниро инъикос мекунанд. Дигар самти омӯзиши мавзуи мақола тавсифи фаъолияти ширкатҳои фарматсевтӣ, ки ба тиҷорати маводи доруворӣ машғуланд ва равандҳое, ки дар ин соҳаи тиҷорат ҳамчун объекти баҳисобгирии идоракунӣ интихоб шудаанд, мебошад. Дар мақола муайян шудааст, ки объектҳои хоси баҳисобгирии идоракунӣ барои ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ захираҳое мебошанд, ки дар ҷараёни фаъолият истифода мешаванд, зерсохторҳои тобеъ мебошанд, ки ҳамчун марказҳои масъулият эътироф шудаанд ва нишондодҳои фаъолияти марказҳои масъулият, хусусан марказҳои даромад ҳисоб меёбанд. Хусусияти хоси ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ таҳқиқ шуда, мавқеъ ва нақши баҳисобгирии идоракунӣ, ки раванди таъмини назорати дохилӣ аз сатҳи ташкили он вобаста аст, дар соҳаи мазкур муайян карда шудааст. Ҳамчунин, ба ташаккули иттилооти босифати баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз рӯи марказҳои масъулият, ки дар ширкат метавонанд аз рӯи он қарорҳои босамари идоракунӣ оид ба фаъолияти бизнес-равандҳо қабул карда шавад, диққати махсус равона гардидааст.

**Калидвожаҳо:** объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; бизнес-равандҳо; ширкатҳои фарматсевтӣ; фурӯши доруворӣ; марказҳои масъулият; иттилооти идоракунӣ; қабули қарорҳои идоракунӣ.

## КЛАССИФИКАЦИЯ ОБЪЕКТОВ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В ФАРМАЦЕВТИЧЕСКИХ КОММЕРЧЕСКИХ КОМПАНИЯХ

Статья посвящена изучению организации управленческого учета по объектам в коммерческих фармацевтических компаниях. Проанализированы теоретико-методологические основы управленческого учета и концепций отечественных и зарубежных ученых в области бухгалтерского учета, определены понятия, цели, методы, основные элементы, функции и объекты управленческого учета. Поскольку предметом статьи является классификация объектов бухгалтерского учета в коммерческих фармацевтических компаниях, в статье делается вывод о том, что объекты бухгалтерского учета делятся на определённые группы, это: совокупность процессов, обеспечиваюших деятельность компаний; ресурсы, которые компания может использовать для достижения своих целей; процессы структурных подразделений компании; показатели, отражающие количественные и качественные характеристики групп объектов управления. Другим направлением исследования является характеристика деятельности фармацевтических компаний, занимающихся торговлей лекарственными средствами, и процессов, которые выбираются в этой сфере бизнеса в качестве объектов управленческого учета. В статье определено, что специфическими объектами управленческого учета для фармацевтических компаний являются ресурсы, используемые в процессе их деятельности, структурные субъекты, признаваемые как центрами ответственности, и показатели центров ответственности, прежде всего, показатели центров доходов. Изучена специфика деятельности коммерческих фармацевтических компаний и место управленческого учета, от уровня потановки которого, зависит процесс обеспечения внутреннего контроля в данной сфере. Особое внимание уделяется развитию качественной учетной информации и отчетности по центрам ответственности, которые могут быть использованы в компании для принятия эффективных управленческих решений по бизнес-процессам.

**Ключевые слова:** объекты бухгалтерского учета, бизнес-процессы, фармацевтические компании, продажа лекарств, центры ответственности, управленческая информация, принятие управленческих решений.

## CLASSIFICATION OF ACCOUNTING OBJECTS IN PHARMACEUTICAL COMMERCIAL COMPANIES

The scientific article is devoted to the study of the organization of management accounting by objects in commercial pharmaceutical companies. The theoretical and methodological foundations of management accounting and the concepts of domestic and foreign scientists in the field of accounting are analyzed, concepts, goals, methods, basic elements, functions and objects of management accounting are defined. Since the subject of the article is the classification of accounting objects in commercial pharmaceutical companies, the article concludes that accounting objects are divided into certain groups, these are: a set of processes that ensure the activities of companies; resources that the company can use to achieve its goals; processes of structural divisions of the company; indicators reflecting the quantitative and qualitative characteristics of groups of control objects. Another direction of research is the characteristics of the activities of pharmaceutical companies involved in the sale of medicines, and the processes that are chosen in this business area as objects of management accounting. The article determines that the specific objects of management accounting for pharmaceutical companies are the resources used in the course of their activities, structural entities recognized as responsibility centers, and indicators of responsibility centers, primarily indicators of income centers. The specifics of the activities of commercial pharmaceutical companies and the place of management accounting, the level of design of which determines the process of ensuring internal control in this area, have been studied. Particular attention is paid to the development of high-quality accounting information and reporting on responsibility centers, which can be used in the company to make effective management decisions on business processes.

**Keywords:** accounting objects; business processes; pharmaceutical companies; sale of medicines; responsibility centers; management information; making managerial decisions.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Болтуева Рухсора Камоловна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ruhsora@gmail.com**. Телефон: **(+992) 927-79-05-09**

**Сведение об авторах:** ***Болтуева Рухсора Камоловна*** - Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ruhsora@ gmail.com**. Телефон: **(+992) 927-79-05-09**

**Information about the authors:** ***Boltueva Rukhsora Kamolovna*** - Tajik National University, Applicant **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ruhsora@gmail.com.** Phone: **927-79-05-09**

УДК 657.1

# ТАҲҚИҚИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ ЧУН ОБЪЕКТИ ТАТБИҚИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ

*Ҳафизов А.З.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар муҳити иқтисодӣ ва адабиёти илмии ватанӣ вобаста ба гузариши низоми идоракунии корхонаҳо ба пояҳои байналмилалӣ мафҳумҳои нав мавриди истифода қарор мегиранд. Яке аз чунин мафҳумҳои нав барои кормандони низоми идоракунии корхонаҳо, аз ҷумла роҳбарон ва муҳосибони корхонаҳои бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ баҳисобгирии идоракунии стратегӣ (баҳисобгирии стратегӣ) мебошад.

Мафҳуми "баҳисобгирии идоракунии стратегӣ" ба адабиёти илмӣ дар солҳои охир ворид гардида, дар гуфтугузори кории мутахассисони низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ низ нисбат ба мафҳумҳои бештар маъмули "баҳисобгирии муҳосибӣ", "баҳисобгирии идоракунӣ", "стратегияи корхона" ва "идоракунии стратегӣ" камтар истифода мешавад. Албатта, сабаби чунин ҳолат ин аст, ки маъмулан мафҳуми "баҳисобгирӣ" чун амалҳои фаврӣ ва вазифаҳои ҷории идоракунии корхонаҳо дарк карда мешавад. Аммо рушди назария ва амалияи илми идоракунӣ (менеҷмент) нишон дод, ки барои ҳадафҳои стратегии корхона низ баҳисобгирӣ имкон дорад ва гузашта аз ин, ҳатто зарур мебошад. Бинобар ин, масъалаҳои таҳқиқи низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар алоқамандӣ бо татбиқи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ниҳоят мубрам мебошанд.

Дар аввал мо заминаҳои ба пайдошавии худи мафҳуми "баҳисобгирии идоракунии стратегӣ" боисшударо таҳқиқ карда, сипас ба таҳқиқи шароити корбурди он дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ менамоем.

Таҳқиқоти илмии соҳаи баҳисобгирӣ собит менамоянд, ки мафҳуми баҳисобгирии стратегӣ аввалин маротиба аз ҷониби муҳаққиқи англис К. Симмондз ворид карда шудааст. Ӯ мафҳуми мазкурро барои ифода намудани раванди пешкашкунӣ ва таҳлили маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ оид ба тиҷорат ва рақибони корхона ба хотири татбиқ ва назорати стратегияҳои тиҷорат ба кор бурдааст [18,с.26].

Мусаллам аст, ки баҳисобгирии стратегӣ барои ҳадафҳои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода мешавад, яъне вай дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ бурда мешавад. Вале дар баъзе асарҳои илмӣ тасдиқ карда мешавад, ки дар аввал мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ бештар дар муносибат бо вазифаҳои тактикӣ ва фаврии идоракунии корхона ба кор бурда мешуд [1; 2; 10; 12]. Акнун пешоянди "стратегӣ" аз он дарак медиҳад, ки ин намуди баҳисобгирӣ бевосита ба самтҳои рушди дарозмуддати корхона алоқаманд аст ва имкон медиҳад, ки баҳисобгирии стратегӣ чун сатҳи нисбатан баландтари амалияи баҳисобгирӣ аз баҳисобгирии идоракунии анъанавӣ дарк карда шавад [6,с.45].

Маънидодкуниҳои муҳтавои мафҳуми "баҳисобгирии идоракунии стратегӣ", ки дар адабиёт ба назар мерасанд, ниҳоят мухталиф мебошанд. Бо вуҷуди дар адабиёти соҳа диққати муҳим ҷудо намудан ба баҳисобгирии идоракунии стратегӣ масъалаҳои зиёди вобаста ба муҳтавои он баҳсангез мебошанд. Баъзе муаллифон баҳисобгирии идоракунии стратегиро чун пешниҳод ва таҳлил намудани иттилоот оид ба бозорҳо, масрафҳои рақибон, оид ба сохтори масрафҳо ва назораи стратегияи худи корхона ва стратегияҳои рақибон дар ин бозорҳо дар давоми якчанд давраҳо, пешниҳод кардани иттилооти таъминкунандаи қабули қарорҳои хосияти стратегидошта муайян мекунанд. Муаллифони дигар бошанд, мафҳуми баҳисобгирии идоракунии стратегиро бештар бо нигарониш ба муҳити берунии корхона алоқаманд менамоянд.

Аз ҷумла, К. Уорд баҳисобгирии идоракунии стратегиро чун баҳисобгирии идоракунӣ дар қаринаи стратегияҳои тиҷоратии барои татбиққунӣ банақшагирифташуда муайян карда, таъкид менамояд, ки он бояд натиҷаҳои молиявии нисбии дар қиёс бо рақибон, таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон бадастовардаи корхонаро ифода намояд [11].

Ба ақидаи О.Е. Николаева ва О.В. Алексеева, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ самти маҷмуии баҳисобгирии идоракунӣ буда, ба раванди қабули қарорҳои дарозмуҳлат нигаронида шудаст ва дар доираи он гузаронидани таҳлили амиқи муҳити тиҷоратии беруние, ки корхона дар он фаъолияти худро ба ҷо меорад, дар назар дошта шудааст [8].

В.Б. Ивашкевич баҳисобгирии стратегиро чун ҳамгироии вазифаҳоиояндабинӣ, банақшагирӣ ва баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, арзёбии натиҷаҳои фаъолияти ҷорӣ ва оянда, вазъи молиявӣ ва иқтидори истеҳсолии корхона, таҳия намудани якчанд тариқаҳои стратегияи рушди корхона ва интихоби беҳтарини онҳо, баҳисобгирии омилҳои вақт, сармоя, даромаднокӣ ва хавф муайян менамояд. Ба андешаи ӯ, ҳадафи баҳисобгирии стратегӣ таъмини амалкунии босамара, нигоҳдории корхона дарояндаи нисбатан тӯлонӣ мебошад [4].

Ҳамин тавр, моҳияти баҳисобгирии стратегӣ (баҳисобгирии идоракунии стратегӣ)-ро аниқтар ва пурратар метавон чунин ифода кард: баҳисобгирии стратегӣ бахши (зернизоми) иттилоотии низоми баҳисобгирии муҳосибии идоракуние мебошад, ки ба хотири ҷамъоварӣ ва таҳлил намудани маълумот барои ташаккули ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегии корхона ва татбиқи бобарори онҳо ба ҷо оварда мешавад. Ба қавли дигар, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ низоми иттилоотӣ буда, ба раванди қабули қарорҳои идоракунии стратегӣ нигаронида шудааст. Он иттилоотро на танҳо оид ба муҳити дохилии корхона пешниҳод менамояд, балки ба иттилоот дар бораи муҳити берунӣ низ диққати махсус медиҳад [13,с.109].

Амалияи идоракунии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, ки таъминкунандаи асосии иттилооти молиявӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ бахши калидии низоми баҳисобгирии муҳосибии миллӣ - баҳисобгирии молиявӣ мебошад. Вале баҳисобгирии молиявӣ далелҳо ва зуҳуроти фаъолияти хоҷагидории корхонаро танҳо дар доираи замони гузашта ба қайд мегирад. Дар оқибати ин, иттилооти омоданамудаи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ имкон намедиҳад, ки натиҷаҳои зуҳуроти хоҷагидории дар оянда рухдиҳанда пешбинӣ карда шаванд. Вобаста ба ин, метавон бо боварии басанда тасдиқ намуд, ки низоми баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ (баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ) ҳамаи ҷиҳатҳои барои қабули қарорҳои стратегӣ заруриро фаро гирифта наметавонад.

Татбиқи бобарори вазифаҳои стратегии корхонаҳои муосир бе мукаммалсозии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ чун асоси таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии қабули қарорҳои идоракунӣ ғайриимкон аст. Арзи ҳастӣ намудани намудҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ, чун баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ имкон медиҳад, ки иттилоот дар бораи далелҳои фаъолияти хоҷагидории на танҳо дар давраҳои ҳисоботии гузашта ҷойдошта, инчунин дар давраҳои ҳисоботии оянда рухдиҳанда низ ҷамъбаст ва муфассал карда шавад [5,с.35].

Дар адабиёти илмии ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқот дар самти баҳисобгирии идоракунӣ ва бахши барои корхонаҳои ватанӣ нави он – баҳисобгирии стратегӣ танҳо дар интишороти солҳои охир ба назар мерасанд. Дар баробари асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, ки ба таҳқиқи масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳои алоҳидаи саноат бахшида шудаанд [14; 15], баъзе муҳаққиқони ватанӣ ба баррасии масъалаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои бахши кишоварзӣ низ диққати муҳим медиҳанд [7; 9; 16]. Албатта, ин асос дорад, чунки соҳаи кишоварзӣ соҳаи калидии иқтисодиёти миллӣ буда, асоси фаъолияти корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣи мамлакатро ташкил медиҳад. Рушдиояндаи корхонаҳои саноатии мамлакат аз фаъолияти бобарори корхонаҳои кишоварзӣ вобаста мебошад.

Бояд тасдиқ кард, ки вазъи имрӯзаи корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити рақобати бозории ба қавле "на он қадар солим" фаъолият мекунанд, таҳти таъсири якчанд омилҳои асосӣ қарор дорад, чун:

- вазъи умумии бухронии иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, ки бо пастравии амиқ ва тӯлонии ҳаҷмҳои истеҳсоли маҳсулот, таваррум, набудани алоқаҳои устувори хоҷагидорӣ алоқаманд аст;

- пош хӯрдани комплекси кишоварзию саноатӣ, аз байн рафтани корхонаҳои бузурги кишоварзию саноатӣ;

- набудани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши рафтори корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити иқтисодии тез-тез дигаршаванда ва чун натиҷа – набудани тавсияҳои амалӣ барои такмили усулҳои идоракунӣ ва мутобиқсозии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар шароити рақобат, хавф ва номуайянӣ дар бозор.

Илова ба омилҳои номбаршуда, пурзӯршавии вобастагии иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ аз миёнаравҳо, ташкилотҳои савдо, хизматрасонии техника ва мошинолоти кишоварзӣ, маъмурони бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкилотҳои қарзӣ мушоҳида мешавад.

Истеҳсолоти кишоварзӣ аз нархҳо дар бозори воситаҳои истеҳсолот, сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ ва дигар маҳсулоти саноатӣ вобастагии қавӣ дорад. Ҳангоми якхела набудани суръатҳои баландшавии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти саноатӣ, арзиши барқ ва хизматрасониҳо номутаносибии якчандкаратаи онҳо ба миён меояд. Корхонаҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои истеҳсолот ва сӯзишворӣ нисбат ба корхонаҳои кишоварзӣ шароити инҳисории худро водор менамоянд, ки ин ба пастшавии сатҳи таъминоти моддию техникӣ ва муҷаҳҳазии техникии корхонаҳои кишоварзӣ оварда, устувории онҳоро ба муқобили таъсири номатлуби муҳити берунӣ коҳиш медиҳад.

Шароити фаъолияти аксар корхонаҳои кишоварзиро таҳлил намуда, ҳатто метавон тасдиқ намуд, ки имрӯз фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ба маънии асили он мансуб нест, чунки ангезандаи ин гуна фаъолият барои субъектҳои иқтисодии кишоварзӣ, пеш аз ҳама, ҳадафҳое мебошанд, ки барои нигоҳ доштани худ, кормандон ва истеъмолкунандагон (харидорон) ва баъд аз ин, барои баланд намудани фоида, ҳаҷмҳои истеҳсолот, меъёри фоида ва дигар ҳадафҳои рушди хоҷагидорӣ равона гардидаанд.

Ба раванди ташкил ва татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ як қатор хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ чун соҳаи истеҳсолоти моддӣ таъсир мерасонанд. Ин хусусиятҳо асосан бо таъсири омилҳои табиӣ ва иҷтимоӣ муайян мешаванд. Таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар он зоҳир меёбад, ки дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ корхонаҳои намудҳои гуногуни моликият фаъолият мекунанд. Бино бар ин, такшкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар ташкилотҳои хоҷагидории давлатӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ аз сабаби хусусиятҳои шаклҳои моликияти дахлдор яксон нест.

Соҳаи кишоварзӣ бо тинати худ аз дигар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ба куллӣ тафовут дорад. Пеш аз ҳама, ин тафовут аз хусусиятҳои худи истеҳсолоти кишоварзӣ бармеоянд, ки хоси дигар соҳаҳои иқтисодиёт нестанд.

Қайд бояд кард, ки ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ шароити табиӣ-иқлимӣ таъсири назаррас мерасонанд - бо таъсири боришот, хушксолӣ, сармо ва дигар ҳодисаҳои табиӣ ҳосилғундорӣ дар соҳаи растанипарварӣ, ҳосилнокии меҳнат ва дигар нишондиҳандаҳои натиҷавӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ метавонанд ба андозаи назаррас паст шаванд.

Ба соҳаи кишоварзӣ мавсимӣ будани истеҳсолот хос аст, ки оқибати он истифодабарии номавзуни сарватҳои меҳнатӣ, техника, фурӯши номавзуни маҳсулот дар давраҳои алоҳида ва воридшавии нобаробари маблағи фурӯш мебошад. Хосияти мавсимӣ бештар дар растанипарварӣ зоҳир мегардад. Баҳисобгирии идоракунӣ бояд хусусияти мазкурро дар корҳои кишоварзӣ ва масрафҳои истеҳсолӣ инъикос намояд. Дар навбати худ, ин ба худи раванди баҳисобгирӣ таъсир мерасонад, масалан, ҳаҷми корҳои баҳисобгирии масрафҳо дар давраи иҷрои корҳои асосии кишоварзӣ (тухмипошонӣ ва коркарди зироат) ва ҳосилғундорӣ зиёд мешавад, дар давраҳои камшавии корҳои мавсимӣ кам мешавад.

Воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ замин мебошад, ки хусусиятҳои табии он асосан бо шароити иқлимӣ алоқаманд мебошанд. Инчунин, замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат мебошад, ки ин дар раванди истифодабарии замин ва сарватҳои табиӣ маҳдудиятҳои муайянро ҷорӣ менамояд. Вобаста ба ин масъалаи таъмини баҳисобгирии аниқи заминҳои корам ва маблағгузориҳо барои беҳгардонии қитъаҳои замин ба миён меояд. Дар ин маврид, ҳаҷми қитъаҳои замин бо

нишондиҳандаҳои табиӣ (гектар) ва маблағгузориҳои иловагӣ барои беҳгардонӣ ва иҷораи қитъаҳои замин - бо ифодаи пулӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ на танҳо аз қонунҳои иқтисодӣ, инчунин, аз қонунҳои биологӣ, кимиёвӣ ва ҷисмонӣ вобаста аст, ки ин раванди чен кардани таъсири омилҳоро ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ душвор мегардонад.

Раванди истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ бо организмҳои зинда – дороиҳои биологӣ (растанӣ ва ҳайвонот) алоқаманд аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ бояд баҳисобгирии саршумори ҳайвонот ва дигаргуниҳои дар онҳо рухдода (афзоиши вазни зинда, афзоиши насл), инчунин баҳисобгирии равандҳои истеҳсолии дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорвопарварӣ ҷоришавандаро таъмин намояд.

Маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ қисман ба сифати ашёи хом ва воситаҳои истеҳсолот барои эҳтиёҷоти худӣ истифода мешавад: дар растанипарварӣ – тухмӣ, хӯроки чорво, барои коркарди мобайнӣ; дар чорвопарварӣ – ҳайвоноти наслдеҳ, нуриҳои органикӣ. Ҳамаи ин инъикоси аниқи маҳсулотро дар тамоми марҳилаҳои гардиши дохилӣ талаб менамояд. Ҳамчунин, вобаста аз ин, маҳсулоти молии кишоварзӣ аз маҳсулоти умумии он бо ченаки аслӣ ва ҳам бо нархҳои қиёсшаванда ҳамеша кам аст.

Аксаран дар соҳаи кишоварзӣ аз як намуди дороии биологӣ (намудҳои зироат ё чорво) на як намуди маҳсулот, балки якчанд намудҳои маҳсулот гирифта мешавад. Дар ин маврид яке аз намудҳо маҳсулоти асосӣ ва намудҳои дигар – маҳсулоти иловагӣ (ҳамроҳ) ном дорад. Ин ба зарурати ҷудокунии масрафҳои дахлдор дар баҳисобгирии идоракунӣ меоварад. Гирифтани маҳсулоти тайёр дар соҳаи кишоварзӣ аз муҳлатҳои пухта расидани растаниҳо ва парвариши ҳайвонот вобаста аст. Бинобар ин, дар соҳаи растанипарварӣ тайёр шудани маҳсулот ҳамзамон ба давраи ҳосилгундорӣ рост меояд. Ин дар навбати худ ба ташкили баҳисобгирии гирифтани маҳсулот талаботи қатъӣ пешниҳод менамояд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ барои арзёбӣ намудани фаъолияти корхонаҳои соҳа нишондиҳанадҳои гуногуни махсус ба кор бурда мешаванд, чун ҳосилнокии зироат, маҳсулнокии чорво ва дигарҳо. Нишондиҳандаҳои умумии дар тамоми дигар соҳаҳои иқтисодиёт истифодашаванда хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзиро пурра ифода карда наметавонанд.

Аз боиси таъсири омилҳои табиӣ барои истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ давомнокии тулонии раванди истеҳсолот хос мебошад. Равандҳои истеҳсолии кишоварзӣ бо давраҳои кории муқаррарӣ рост намеоянд, қиматҳои бештари нишондиҳандаҳо танҳо дар анҷоми сол муайян карда мешаванд. Баъзе равандҳои истеҳсолӣ аз доираи як соли ҳисоботӣ берун мебароянд. Масалан, равандҳои истеҳсоли гӯшти чорво ва парвариши дарахтони мева дар давоми якчанд солҳо тӯл мекашанд. Бино бар ин, дар баҳисобгирӣ ҷудокунии хароҷот ба давраҳои истеҳсолии бо соли тақвимӣ ростнаоянда ба ҷо оварда мешавад: хароҷоти солҳои пешин барои ҳосили соли ҷорӣ, хароҷоти соли ҷорӣ – барои ҳосили солҳои оянда ва хароҷоти соли ҷорӣ – барои ҳосили ҳамин сол ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳамин тавр, дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ фаъолияти корхонаҳои соҳаи мазкурро метавон чун маҷмуи равандҳои хоҷагидории бо ҳам алоқаманд баррасӣ намуд, ки ба он омилҳои гуногун ва сершумори аз ҷумла аз ҷониби инсон идоранашаванда таъсир мерасонанд. Агар ягон хел омил берун аз доираи баррасӣ монад, пас арзёбии таъсири омилҳои дигар ва ҳам хулосаҳои ҷамъбастӣ аз чунин арзёбӣ метавонанд нодуруст бароянд.

Аҳамияти иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро барои қабули қарорҳои идоракунии муносиб доир ба идоракунии стратегӣ ва фаврии корхонаи кишоварзии муосир наметавон нодида гузашт. Акнун шарти муҳимми рушди босуботи истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакат гузариш ба сатҳи нави ташкили технологияи истеҳсоли маҳсулот ва роҳандозӣ намудани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Вобаста ба ин, зарурати таҳия намудани низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба идоракунии босамараи фаъолияти ҷорӣ ваояндаи онҳо мусоидат намояд, ба миён меояд. Албатта, ҳамаи ин танҳо дар мавриди дар низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ татбиқ намудани баҳисобгирии идоракунии стратегӣ мебошад.

Таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта нишон медиҳад, ки баҳисобгирии идоракунии стратегӣ меҳвари низоми иттилоотии корхонаҳо буда, барои асосноккунии қарорҳои идоракунии ҳам кӯтоҳмуҳлат (ҷорӣ) ва ҳам дарозмуҳлат (стратегӣ) хизмат мекунад. Ба андешаи мо, дар корхонаҳои кишоварзӣ баҳисобгирии идоракунӣ бояд чуноне ташкил карда шавад, ки дар зинаҳои гуногуни масъулият ҳамон ҳиссаи масрафҳо инъикос карда шавад, ки аз рӯи он шахси масъули мушаххас воқеан ҷавобгар аст, ҳама дигар хароҷот ва даромадҳо дар марказҳои масъулияти дахлдор ба ҳисоб гирифта ва назорат карда мешаванд. Дар ин маврид бахши таҳлилии баҳисобгирии идоракунӣ барои ҳар як зинаи идоракунӣ алоҳида иҷро карда мешавад.

Татбиқи бобарори баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ пеш аз ҳама омӯзиши вазъи худи низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ ва арзёбии имкониятҳои онро барои ба таври муносиб амал кардани баҳисобгирии идоракунии стратегӣ талаб менамояд.

Ҳангоми таҳқиқи хосиятҳои муҳим ва муайян кардани самтнокии стратегии тамоми самтҳои идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама, бояд ба хусусиятҳои муҳими бо чунин ҷиҳатҳо алоқаманд диққат дод [3,с.107]:

- омилҳои берунии муҳити фаъолияти корхона;
- нигарониш ба баҳисобгирии номуайянӣ, стратегияи идоракунии хавфҳо;
- асоснокии қарорҳои идоракунӣ ва дигарҳо.

Дар идоракунии корхонаи кишоварзии муосир ҳамаи функсияҳо (вазифаҳо)-и идоракунӣ, чун банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, ангезиш, танзимкунӣ бо стратегияи рушди корхона ва вазифаҳои ҷории идоракунӣ бо ҳам омада ба таври намоён ҷудо мегарданд. Барои ҳар як функсияи идоракунӣ метавон муҳити иттилоотиеро таҳия намуд, ки нишондиҳандаҳои он маҳсули амалисозии вазифаҳо мебошанд. Ҳамин тавр, банақшагирии фаъолияти корхонаи кишоварзӣ бо баинобатгирии тамоми намудҳо, бахшҳо, хусусиятҳои соҳавӣ, мавсимият, талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозор, аз як ҷониб дар асоси имкониятҳои корхона ба ҷо оварда мешавад, аз ҷониби дигар - дар асоси рақобатпазирии субъекти хоҷагидорӣ. Нақшаҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат, дарозмуҳлат, тактикӣ, стратегӣ ва фаврии корхонаи кишоварзӣ ба давраи мушаххаси рушд нигарон мебошанд. Ҳар чӣ қадаре ки ин давра кӯтоҳ бошад, нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда ба нишондиҳандаҳои воқеии фаъолият, ки онҳоро баҳисобгирии идоракунии ҷорӣ муайян мекунад, наздик мебошанд. Ҳар қадаре ки давраи банақшагирӣ тӯлонӣ бошад, муайян кардани нишондиҳанда ё низоми нишондиҳандаҳои васфкунандаи фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявӣ-хоҷагидории корхонаи кишоварзӣ барои оянда душвортар аст. Сатҳи имрӯзаи рушди баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар амалияи ҷаҳонӣ пойдор гардидааст, имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои мазкур барои давраҳои муайяни банақшагирӣ амсилабандӣ карда шаванд.

Аниқии нишондиҳандаҳои банақшагирифташаванда на танҳо аз шароите, ки дар он фаъолияти корхонаи кишоварзӣ ба ҷо оварда мешавад, балки бештар аз устувории ин шароит вобаста мебошад. Ҳангоми шароити якхела дар давраҳои мухталифи фаъолияти корхонаи кишоварзӣ амсилабандии нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ нисбатан аниқтар ба ҷо оварда мешавад.

Ба омилҳои асосии таъсирасон ба шароити фаъолияти кишоварзӣ – мавсимият, хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодабарии дороиҳои биологӣ, инчунин омилҳоеро низ бояд илова намуд, ки азбоиси муносибатҳои гуногуни байни корхонаи кишоварзӣ ва ҷонибҳои алоқаманд ба миён меоянд, чун бо таъминкунандагони ашёи хом, харидорон ва фармоишгарони маҳсулоти тайёр, бо сармоягузорон, мақомоти андоз ва дигар мақомоти назораткунанда (мақомоти назорати санитарӣ, ветеринарӣ, экологӣ, сифати маҳсулот).

Низоми баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои кишоварзии муосир – мавзеи марказии кори муҳосибот ва умуман тамоми низоми идоракунии стратегии корхона баҳисоб меравад, чунки ин ҷо иттилоот дар бораи масрафҳои воқеӣ ҷамъоварӣ карда мешавад ва бино бар ин, асосҳо барои ҳисобкунии фоидаи воқеӣ – нишондиҳандае, ки корхона ба хотири ноил шудан ба он фаъолият мекунад, ташаккул меёбанд [17,с.2].

Паст кардани арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ аз як қатор омилҳо вобаста мебошад, ки баҳисоб гирифтани онҳо вазифаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ

мебошад. Омилҳои мазкурро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: омилҳои бевосита аз корхона вобастабуда (дохилӣ) ва омилҳои берунӣ, ки аз корхона вобаста нестанд. Омилҳои берунӣ, пеш аз ҳама, ин таваррум, афзоиши нархҳои ашёи хом, сӯзишворӣ, тухмӣ, нӯриҳои маъданӣ ва ғайримаъданӣ (органикӣ) ва дигар сарватҳо мебошанд. Бо роҳандозӣ намудани чорабиниҳои ба харҷи нисбатан сарфакоронаи сарватҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулӣ равонагардида метавон омилҳои дохилиро танзим кард. Сатҳи арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ бо сабаби баланд шудани нархҳои молҳои саноатии ба соҳаи кишоварзӣ воридшаванда ба қадри муҳим баланд мешавад.

Паст кардани сатҳи масрафҳо шарти зарурӣ, вале нобасанда барои рушди фаъолияти тиҷоратии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Барои ғолиб омадан дар муборизаи рақибона ба корхонаи кишоварзӣ лозим аст, ки афзоиши фоидаи худро бо баҳисобгирии равандҳои таваррум таъмин намояд. Ғайр аз ин, бояд дар самти беҳгардонии нишондиҳандаҳои ғайримолиявии сифатии фаъолият, чун маҳсулнокӣ, сифати маҳсулоти тайёр, мӯҳлатҳо ва суръати иҷрои фармоишҳо, сатҳи қаноатмандии харидорон ва фармоишгарон, тадбирҳо андешида шаванд. Ин нишондиҳандаҳо ҳамчунин дарк кардани моҳият, такмил ва арзёбии худро талаб менамоянд. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, дар низомҳои муосири менеҷмент ва баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ба онҳо диққати хоса ҷудо карда мешавад. Бинобар ин, марҳилаҳои ташаккули қарорҳои стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ аз сатҳи иттилооти баҳисобгирии идоракунии стратегӣ вобастагии қавӣ доранд.

Ҳамин тавр, баҳисобгирии идоракунии стратегиро метавон чун низоми маҷмуии баҳисобгирӣ-таҳлилии таъминоти иттилоотии раванди идоракунии стратегии корхона муайян намуд, ки барои мусоидат кардан ба таҳия ва татбиқи стратегияи рушди ояндаи корхона нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, мақсади асосии баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил, маънидодкунӣ ва истифодабарии иттилооти иқтисодӣ барои ошкор намудани тамоюлҳои рушди фаъолият, интихоби тарзҳои гуногуни алтернативӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад.

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ бояд дар доираи низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси қоидаҳои бо сиёсати баҳисобгирии корхона муайяншаванда роҳандозӣ карда шавад. Вазифаи асосии сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бунёд намудани дастаи амиқи дастурамалҳо, муқаррарот ва усулҳое мебошад, ки имкон медиҳанд мавзеъҳои асосии баҳисобгирӣ дар корхона ба тартиб доровarда шаванд, амалҳои баҳисобгирӣ ҳамсон, ҳамоҳангсозӣ ва танзим карда шаванд ва дар ин асос дар корхона низоми ягонаи иттилоотӣ барои дастгирии таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ бунёд карда шавад.

Ташкил ва роҳандозӣ намудани баҳисобгирии идоракунии стратегӣ вазифаи идоракунӣ, самти воқеан зарурии фаъолияти идоракунӣ буда, дар шароити истифодабарии ҳамгироёнаи унсурҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунӣ – баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, арзёбӣ ва дигар вазифаҳои идоракунии корхонаи кишоварзӣ ифода меёбад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Абдулмуминзода Н.А.**


**АДАБИЁТ**

1. Вахрушина М.А., Лялькова Е.Е. Учетная политика в системе управленческого учета: Метод формирования, практика применения / М.А. Вахрушина, Е.Е. Лялькова. - М.: Экономист, 2008. - 205 с.
2. Друри К. Управленческий учет для бизнес-решений / К. Друри; пер. с англ. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. - 655 с.
3. Дятлова А.Ф. Методические особенности организации стратегического управленческого учета в аграрных формированиях / А.Ф. Дятлова // Экономика и земельные ресурсы. - 2020. -С. 107-113.
4. Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: Учеб. для вузов / В.Б. Ивашкевич. -М.: Юристъ, 2003. -618 с.
5. Ким Л.И. Стратегический управленческий учет: теория и тенденции внедрения / Л.И. Ким // Вестник Российского университета кооперации. – 2012. - № 2 (8). – С. 35-44.
6. Несветайлов В.Ф. Становление концепции стратегического управленческого учета / В.Ф. Несветайлов // Вестник ТГУ. - 2011. - № 7 (99). - С.45–51
7. Низомов С.Ф. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ / С.Ф. Низомов, Д.У. Икромова // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. - № 2. – С. 51-60.
8. Николаева О.Е. Стратегический управленческий учет / О.Е. Николаева, О.В. Алексеева. - ЛКИ, 2008. - 304 с.

9. Ойев Н.А. Ташаккули баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва ҷорӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Ойев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 3. – С. 9-16.
10. Рыбакова О.В. Бухгалтерский управленческий учет и управленческое планирование / О.В. Рыбакова. - М.: Финансы и статистика, 2005. - 464 с.
11. Уорд К. Стратегический управленческий учет / К. Уорд. – М.: Олимп-Бизнес, 2002. – 448 с.
12. Финансовый менеджмент и управленческий учет для руководителей и бизнесменов / Под ред. Питер Этрилл, Эдди Маклейни; пер. с англ. -М.: Альпина Паблишер, 2016. -648 с.
13. Хушвахтзода Қ.Х. Ташкили баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ / Хушвахтзода Қ.Х., А.З. Ҳафизов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№3(37). – С. 109-114.
14. Хушвахтзода Қ.Х. Пояҳои ғоявии бунёдкунии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. -№4(72). – С. 108-118.
15. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев, М.А. Бобохонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 5. – С. 5-11.
16. Хушвахтзода К.Х. Анализ современного инструментария стратегического управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях / Хушвахтзода К.Х., Н.А. Ойев // Научно-аналитический журнал. Финансовая экономика. –2020. -№8. -С. 350-354.
17. Шогенов Б.А. Стратегический управленческий учет и анализ затрат на производство сельскохозяйственной продукции / Б.А. Шогенов, А.Х. Жемухов // Экономический анализ: теория и практика. - 2008. -№10(115). -С.2-6.
18. Simmonds K. Strategic management accounting // Management Accounting. - 1981. -№59(4). -P. 26-29.

## ТАҲҚИҚИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ ЧУН ОБЪЕКТИ ТАТБИҚИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГӢ

Имрӯз аксари корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъи вазнини бухронӣ қарор доранд. Амалӣ намудани чорабиниҳои ба беҳгардонии вазъи молиявӣ ва баровардани онҳо аз ҳолати бухронӣ нигаронидашуда зарур аст. Ба шумори ин гуна чорабиниҳо метавон татбиқи усулҳо ва тарзҳои нави идоракунии ба дастовардҳо дар соҳаи идоракунии стратегии корхона асосёфтаро номбар кард. Таъмини рушди устувор ва тулонии корхонаҳои кишоварзӣ талаботи навро ҷиҳати интихоби афзалиятҳо дар низоми идоракунии онҳо ба миён меорад. Менеҷменти корхонаро гузариш аз идоракунии фаврӣ ба идоракунии стратегӣ зарур аст. Ҳалли масъалаи мазкурро метавон бо бунёди низоми нави ташаккул ва пешниҳод намудани ахбор дар корхонаҳои кишоварзӣ ба хотири омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунии тактикӣ ва стратегӣ таъмин кард. Ин гуна низомҳо ба пояҳои нави ташаккул ва коркарди маълумот дар бораи муҳити дохилӣ ва берунии фаъолияти корхонаи кишоварзӣ асос меёбанд. Онҳо метавонанд ба менеҷменти корхона имкони муқаррар намудани ҳадафҳои стратегӣ, муайян намудани нишондиҳандаҳои калидиро барои тамоми самтҳои фаъолияти тиҷоратӣ пешкаш намоянд. Дар мақолаи мазкур кӯшиш карда шудааст, ки лаҳзаҳои асосӣ ва имкониятҳои низоми идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ барои татбиқи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ чун зернизоми иттилоотии низоми идоракунии корхонаи кишоварзӣ таҳқиқ карда шаванд. Хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба равандҳои ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ таъсир мерасонанд, таҳқиқ ва таҳлил карда шудаанд. Дар мақола натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба проблемаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ҷамъбаст карда шудаанд. Диққати муҳим ба таҳқиқоти илмие дода шудааст, ки дар онҳо проблемаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ баррасӣ шудаанд. Хулоса аз натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки баҳисобгирии идоракунии стратегиро метавон чун низоми маҷмуии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии раванди идоракунии стратегии корхонаи кишоварзӣ муайян намуд, ки барои мусоидат ба таҳия ва татбиқи стратегияи рушди оянда ва тулонии корхона нигаронида шудааст.

**Калидвожаҳо:** корхонаҳо, стратегия, менеҷмент, раванд, вазъи молиявӣ, вазъи бухронӣ.

## ИССЛЕДОВАНИЕ УПРАВЛЕНЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ КАК ОБЪЕКТ РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА

Сегодня большинство сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан находятся в тяжелых кризисных условиях. Необходима реализация комплекса мероприятий, направленных на улучшение их финансового состояния и выхода из кризисного положения. В числе таких мероприятий можно назвать внедрение новых методов и способов управления, основанных на достижениях в области стратегического управления предприятиями. Обеспечение долгосрочного устойчивого развития сельскохозяйственных предприятий выдвигает новые требования относительно выбора приоритетов в системе их управления. Менеджменту сельскохозяйственных предприятий необходимо смещение от оперативного управления к стратегическому управлению. Решение данной задачи можно обеспечить формированием на сельскохозяйственных предприятиях современных систем создания и преставления информации в целях подготовки и принятия тактических и стратегических управленческих решений. Такие системы основываются на новых принципах формирования и обработки данных о внутренней и внешней среде деятельности сельскохозяйственного предприятия. Они могут предоставлять менеджменту предприятия возможность устанавливать стратегические цели, определять ключевые

показатели по всем направлениям коммерческой деятельности. В данной статье сделана попытка исследовать основные моменты и возможности управленческой системы сельскохозяйственного производства для реализации стратегического управленческого учета как информационную подсистему системы управления сельскохозяйственными предприятиями. Исследованы и анализированы особенности сельскохозяйственного производства, влияющие на процессы формирования и развития стратегического управленческого учета. В статье обобщены результаты научных исследований зарубежных и отечественных исследователей относительно проблем стратегического управленческого учета. Особое внимание уделено научным исследованиям, в которых рассматриваются проблемы стратегического управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях. Выводом по резултатам исследования является то, что стратегический управленческий учет можно определить как комплексную учетно-аналитическую систему обеспечения информации процесса стратегического управления сельскохозяйственными предприятиями, направленную на содействие разработке и реализации стратегии будущего и долгосрочного развития предприятия.

**Ключевые слова:** предприятия, стратегия, управления, процесс, финансовое состояние, кризисное положение.

## RESEARCH OF THE MANAGEMENT SYSTEM OF AGRICULTURAL ENTERPRISES AS AN OBJECT OF THE IMPLEMENTATION OF STRATEGIC MANAGEMENT ACCOUNTING

Today, most of the agricultural enterprises of the Republic of Tajikistan are in severe crisis conditions. It is necessary to implement a set of measures aimed at improving their financial condition and overcoming the crisis. Among these activities can be called the introduction of new methods and methods of management, based on the achievements in the field of strategic management of enterprises. Ensuring long-term sustainable development of agricultural enterprises puts forward new requirements regarding the choice of priorities in their management system. The management of agricultural enterprises needs a shift from operational management to strategic management. The solution to this problem can be ensured by the formation at agricultural enterprises of modern systems for the creation and presentation of information in order to prepare and make tactical and strategic management decisions. Such systems are based on new principles for the formation and processing of data on the internal and external environment of an agricultural enterprise. They can provide enterprise management with the ability to set strategic goals, define key indicators in all areas of commercial activity. In this article, an attempt is made to investigate the main points and possibilities of the management system of agricultural production for the implementation of strategic management accounting as an information subsystem of the management system of agricultural enterprises. The features of agricultural production, influencing the formation and development of strategic management accounting, have been investigated and analyzed. The article summarizes the results of scientific research by foreign and domestic researchers of the problems of strategic management accounting. Particular attention is paid to scientific research, which examines the problems of strategic management accounting at agricultural enterprises. The conclusion based on the results of the study is that strategic management accounting can be defined as a comprehensive accounting and analytical system for providing information to the process of strategic management of agricultural enterprises, aimed at facilitating the development and implementation of a strategy for the future and long-term development of an enterprise.

**Keywords:** enterprises, strategy, management, process, financial condition, crisis situation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳафизов Авзалшо Зулфиқорович*** **–** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва менеҷмент. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддинов, 63. Телефон: **+992 988777471.** E-mail: **afzalsho-777@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Хафизов Авзалшо Зулфикорович*** - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, ассистент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Раштский район, г. Гарм, улица Э. Мухиддинова, 63. Телефон: **+992 988777471**. E-mail: **afzalsho-777@mail.ru**

**Information about the author:** ***Hafizov Avzalsho Zulfikorovich*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, assistant of the Department of Accounting and Management. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm, E. Mukhiddinov street, 63. Phone: **+992 988777471**. E-mail: **afzalsho-777@mail.ru**

УДК: 343.241(575.3)

# НАМУДҲОИ МУСБӢ ВА МАНФИИ БЕКОР КАРДАНИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО

*Миралиев Э.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо ба миён меояд, пеш аз муҳлат бекор кардани падидаи мазкур аст. Бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо бо муҳлати санҷишӣ алоқаи устувор дорад. Аммо муҳиммияти дараҷаи ислоҳшавии маҳкумшуда аз муҳлати санҷишӣ зиёд аст, чунки дараҷаи ислоҳшавии маҳкумшуда шарти асосии иҷро накардани ҷазои воқеии таъиннамудаи суд ба ҳисоб меравад. Дараҷаи ислоҳшавии маҳкумшуда дар рафтори ӯ инъикос мегардад ва ба сифати асоси бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо хизмат мекунад [9,с.144-145]. Дар навбати худ, ба таври дуруст истифода намудани муқаррароти қонуни ҷиноятӣ дар бораи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, имконият медиҳад, ки содир намудани такрори ҷиноятро аз ҷониби шахсе, ки намехоҳад дар роҳи ислоҳшавӣ қарор гирад, пешгирӣ менамояд [20,с.126].

Тибқи талаботи қонуни ҷиноятӣ (м. 71 КҶ ҶТ), ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (м. 226 КИҶҶ ҶТ) бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ҷудо мегардад ба:

1. пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо бо бардоштани доғи судӣ (қ. 6 м. 71 КҶ ҶТ);
2. бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо бо бардоштани доғи судӣ пас аз гузаштани муҳлати санҷишӣ (банди “а” қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ, қ. 3 м. 71 ва қ.2 м. 224 КҶ КИҶҶ ҶТ);
3. ҳангоми ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадориҳе, ки суд ба зиммаи маҳкумшуда мегузорад (қ.7 м. 71 КҶ ҶТ);
4. бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ҳангоми таъин намудани ҷазои маъмурӣ барои кирдорҳое, ки бар зидди тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидаанд ва ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадориҳое, ки суд ба зиммаи маҳкумшуда гузоштааст (қ. 5 ва 7 м. 71 КҶ ҶТ, қ. 1 м. 226 КИҶҶ ҶТ);
5. Бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо бо таъин намудани ҷазои нав аз рӯйи мавзуи ҳукмҳо (қ. 8 м. 71 КҶ ҶТ).

Акнун ду намуди аввалинро мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро шартан “мусбӣ” номгузорӣ мекунем. Якумин, имтиёзе мебошад, ки аз ҷониби суд бо пешниҳоди мақомоти назоратбарандаи маҳкумшуда пас аз гузаштани на кам аз нисфи муҳлати санҷишии муқарраргардида, бо шарти он ки маҳкумшуда ислоҳшавии худро исбот кунад, аниқтараш дар ҳолате ки мақсади шартан татбиқ накардани ҷазо ба даст меояд, амалӣ карда мешавад. Оид ба ин масъала, дар қ. 6 м. 71 КҶ ҶТ низ сухан меравад, ки тибқи он, агар маҳкумшуда бо гузашти на камтар аз нисфи муҳлати санҷиш бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот кунад, суд бо пешниҳоди мақомоти ба рафтори маҳкумшуда назораткунанда метавонад дар хусуси бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судӣ қарор қабул намояд. Меъёри мазкур ҳамчун чораи ҳавасмандгардонӣ дар қ. 6 м. 71 КҶ ҶТ имконияти пеш аз муҳлат бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазоро муқаррар намудааст. Асос барои пеш аз муҳлат бекор кардани муҳлати санҷишӣ ин рафторҳои худи шахси маҳкумшуда оид ба нишон додани ислоҳшавии ӯ мебошад. Оид ба ислоҳ гардидани шахси маҳкумшуда чунин далелҳо шаҳодат медиҳанд: аз ҷумла содир накардани ҷинояти нав дар ҷараёни муҳлати санҷишӣ, муносибати софдилона ба иҷрои уҳдадориҳои аз ҷониби суд ба зиммаи ӯ гузошташуда, риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра. Ҳангоми мавҷудияти ин асосҳо бо пешниҳоди мақомоти назоратбарандаи рафтори маҳкумшуда, дар ҳолати гузаштани на кам аз нисфи муҳлати умумии санҷишӣ суд қарор дар бораи бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо қабул менамояд. Бо санҷидани асоснокии таъинот ва муқаррар намудани асосҳои дар

қонун пешбинигардида, суд ҳуқуқ дорад шартан татбиқ накардани ҷазо ва доғи судии маҳкумшударо бекор намояд.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар қонун муқаррар намудани имконияти пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазоро на танҳо ҳамчун омили муҳимме, ки маҳкумшударо ба амалҳои фаъол ва фоиданок, тасдиқ намудани боварии ба ӯ кардашуда, нишон додани ташаббускорӣ, иродаи худро ба ислоҳшавӣ равона намудан ҷалб мекунад ва на танҳо ҳамчун чораи ҳавасмандгардонии маҳкумшуда барои дар давраи мӯҳлати санҷишӣ фаъолияти хуб нишон додан, балки ҳамчун оқибати татбиқ гардидани шартан татбиқ накардани ҷазо бояд баррасӣ намуд. Ба ғайр аз ин, пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, ки яке аз оқибатҳои мусбии падидаи мазкур ба ҳисоб меравад, аз паси худ як қатор оқибатҳои дигари мусбиро вобаста ба пурра ё қисман татбиқ гардидани он ба бор меорад. Масалан, пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо то ба охир расидани мӯҳлати воқеии таъингардидаи суд, маънои онро дорад, ки тамоми оқибатҳои ҳуқуқии шартан татбиқ накардани ҷазо пурра аз байн меравад. Шахс аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани қарор дар бораи пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо доғи судӣ надошта эътироф карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки дар қонун пешбинӣ гардидани имконияти пеш аз мӯҳлат бекор кардани мӯҳлати санҷиш қобили қабул аст ва тарафдорони нуқтаи назари мазкур чунин мешуморанд, ки ин яке аз омилҳое мебошад, ки ба ислоҳи маҳкумшудагон мусоидат мекунад. Ҳамзамон, онҳо пешниҳод менамоянд, ки пеш аз мӯҳлат бекор кардани мӯҳлати санҷишӣ бояд бо давомнокии он алоқаманд бошад. В.А. Ломако қайд мекунад, ки ихтисор кардани мӯҳлати санҷишӣ "... танҳо дар ҳолатҳои муқаррар намудани мӯҳлати санҷишии на камтар аз ду сол мувофиқи мақсад аст" [13,с.82]. Дар акси ҳол, дар гумон аст, ки дар муддати аз ин кӯтоҳ, ки мӯҳлати санҷишӣ таъин карда мешавад, барои расидан ба мақсадҳои ислоҳи маҳкумшуда бо боварӣ ҳарф занем. Албатта, чунин пешниҳод ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии худро доро мебошад. Бале, дар тули як сол, ҳадди ақал маҳкумшуда метавонад хислатҳои мусбии худро нишон диҳад ва суд ба ислоҳи ӯ эътимод намояд, аммо агар ин гуна эътимод пештар ба вуҷуд ояд чӣ? Чӣ бояд кард? Дар ин сурат, мо мавқеи судро маҳдуд менамоем, баръакси он ки дар чунин ҳолатҳо имконияти ӯ бояд ба қадри имкон васеъ бошад [10,с.122].

Тибқи ақидаи А.Л. Островский, агар нозироти корҳои ислоҳӣ (инспексияҳои иҷрои ҷазо) кори худро дуруст ба роҳ монанд, онҳо бояд салоҳияти ирсол намудани пешниҳод ба суд дар бораи имконияти пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо бо сабаби ислоҳшавии маҳкумшударо ба таври низомнок амалӣ намоянд. Зеро функсияи асосии нозирот "баамалбарории як қатор чораҳое, ки барои расидан ба мақсадҳои шартан татбиқ накардани ҷазо бо роҳи расонидани таъсири мусбӣ ба маҳкумшудагон тариқи мушоҳида намудани рафтори онҳо, аз байн бурдани омилҳои манфии шахсияти маҳкумшуда, ҳолатҳое, ки метавонанд ба ҷараёни ислоҳшавии маҳкумшуда монеъ шавад" [18,с.56-59].

Албатта, яке аз сабабҳои нисбатан кам татбиқ гардидани пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ба он хотир аст, ки мақомоти назоратбаранда итминони комил оид ба ислоҳшавии маҳкумшуда ҳосил накарда ва баамалбарории назорати рафтори маҳкумшудагонро то ба охир расидани мӯҳлати санҷишии муқаррарнамудаи ҳукми суд зарур мешуморанд [11,с.61]. Ба ин хотир, суоле ба миён меояд, ки кадом нафари шартан маҳкумшуда бояд ислоҳшуда эътироф карда шавад? Аз рӯйи мантиқ, агар маҳкумшуда ислоҳшавии худро исбот накунад, мумкин аст, шахс барои адои ҷазои воқеии таъингардида равона карда шавад. Вале суоли пешниҳодгардида ба рафтори мушаххаси мусбии маҳкумшуда дахл дорад.

Ба андешаи С.В. Максимов масъалаи бекор кардани мӯҳлати санҷишӣ ва аз шахси маҳкумшуда бардоштани доғи судиро қонунгузор ба дараҷаи ислоҳшавии маҳкумшуда ва хусусияти рафтори ӯ дар давраи адои мӯҳлати санҷишӣ вобаста намекунад, яъне аз рӯйи рафторҳои маҳкумшуда, ки ҷинояти нав содир накардааст [15,с.42-46], ба ҳуқуқвайрониҳои маъмурӣ, ки зидди тартиботи ҷамъиятӣ мебошанд, роҳ надодааст, дигар ӯҳдадориҳое, ки суд ба зиммаи ӯ гузошташударо сари вақт ба иҷро расонидааст, пас хулоса кардан мумкин аст, ки шахс ислоҳ шудааст. Яъне, ислоҳшавии маҳкумшуда дар дигар амалҳое, ки ӯ дар давраи мӯҳлати санҷишӣ анҷом медиҳад, дида намешавад, балки

маҳз содир накардани ҷинояти нав, ба ҳуқуқвайронии маъмурӣ, ки зидди тартиботи ҷамъиятӣ мебошад роҳ надодан ва иҷро намудани уҳдадориҳое, ки суд ба зиммаи ӯ мегузорад, нишонаи ислоҳшавии маҳкумшуда дар ин давра ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тариқ, дар зери истилоҳи ислоҳи шахси маҳкумшуда иҷро намудани ҳамаи талаботҳои ба зиммаи маҳкумшуда гузошташударо фаҳмидан дуруст мебошад.

Андешаи олимони мазкур дуруст мебошад, чунки агар маҳкумшуда, худро дар ҷамъият шахси мусбӣ муаррифӣ намояд, аммо талаботҳое (ҷинояти нав содир накардан, содир накардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бар зидди тартиботи ҷамъиятӣ, иҷрои уҳдадориҳои қ.5 м. 71), ки суд ба зиммааш мегузорад, иҷро накунад, шахси ислоҳшуда ҳисобида намешавад. Масалан, дар давоми муҳлати санҷишӣ уҳдадориҳои худро иҷро накардан ва ё дар ин давра ҷинояти нав содир намудан нишонаи он аст, ки маҳкумшуда ислоҳ нагардидааст.

В.В. Пронников қайд мекунад, ки бояд ба маҳкумшудагон ҳуқуқи пешниҳод намудани дархост оид ба пеш аз муҳлат бекор намудани муҳлати санҷишӣ дода шавад шавад [19,с.6]. Ба ин тариқ, ҳар як нафари маҳкумшуда метавонад бо ташаббуси худ ба суди маҳалли зист дар бораи пеш аз муҳлат бекор кардани муҳлати санҷишӣ, шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судӣ дархост пешниҳод намояд. Ба назари мо, ин гуна ҳолат қобили дастгирӣ намебошад. Чунки намояндаи нозироти корҳои ислоҳӣ, дигар ба ҷойи омода намудан ва фиристодани гузориш ба суд дар бораи нафароне, ки ислоҳшавии худро исбот намудаанд, танҳо нафарони “хоҳишманд”-ро барои бекор кардани муҳлати санҷишӣ мустақиман ба суд равон мекунад. Ба андешаи мо, вобаста ба масъалаи мазкур мавқеи қонунгузории ҷиноятии ҶТ дуруст мебошад. Чунки тибқи он ин ҳуқуқ танҳо ба намояндагони нозироти корҳои ислоҳӣ вогузор шудааст. Дар давраи муҳлати санҷишӣ аз болои рафтори маҳкумшудагон назорат карда мешавад. Мақсад аз назорати рафтори маҳкумшудагон таъмини иҷрои вазифаҳое, ки суд ба зиммаи онҳо гузоштааст, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ошкор ва бартараф кардани сабабҳо ва шароити мусоид барои содир намудани онҳо мебошад.

Тибқи қонунгузории қаблӣ, мақомоти назораткунандаи маҳкумшудагони ба балоғатрасида нозироти корҳои ислоҳии мақомоти корҳои дохилӣ ва нисбати ноболиғон – нозирот оид ба корҳои ноболиғони мақомоти корҳои дохилӣ буданд. Дар баробари ин, баъзе масъулиятҳо дар соҳаи назорат аз болои ин шахсон тибқи қонун ба зиммаи комиссияҳои назоратӣ ва комиссияҳои кор бо ноболиғони назди мақомоти иҷроияи маҳаллӣ гузошта шуда буданд. Дар сурати ба маҳкумшудагон татбиқ намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ва вогузор намудани онҳо ба коллективи меҳнатӣ ё ташкилоти ҷамъиятӣ, ба ғайр аз мақомоти корҳои дохилӣ, назорати рафтори онҳо ба зиммаи аъзои ин коллективҳо ва ташкилотҳо гузошта мешавад. Ғайр аз ин, фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ, салоҳияти назорат кардани рафтори маҳкумшудагонеро, ки дар хизмати ҳарбӣ мебошанд, амалӣ менамоянд. Аммо айни ҳол бошад, тибқи қ.9 м. 71 КҶ ҶТ ба рафтори маҳкумшудае, ки дар ҳаққи ӯ шартан татбиқ накардани ҷазо таъин карда шудааст - мақоми ваколатдори давлатӣ, ба рафтори хизматчиёни ҳарбӣ бошад - фармондеҳии қисмҳои ҳарбӣ назорат мекунанд. Дар қ. 1 м. 223 КИҶҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ки назорат аз болои рафтори маҳкумшуда бо шартан татбиқ накардани ҷазо дар давоми муҳлати санҷиш аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳии маҳалли истиқомати маҳкумшуда, назорати хизматчиёни ҳарбӣ дар давраи адои хизмати ҳарбӣ бошад, аз тарафи фармондеҳии қисмҳои ҳарбӣ ба амал бароварда мешавад. Дар раванди назорат мушкилоте ба миён омада метавонанд, ки нозироти корҳои ислоҳӣ бидуни кумаки хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонони мақомоти корҳои дохилӣ ҳал карда наметавонанд. Масалан, ҳангоми омӯзиши рафтори маҳкумшуда дар ҳаёти ҳаррӯза, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҳангоми ҷустуҷӯи маҳкумшуда ва ғайра. Бинобар ин, қонун имкон медиҳад, ки мақомоти мазкур ба назорат аз болои маҳкумшудагони ноболиғ ҷалб карда шавад. Аммо ин маънои онро надорад, ки нозироти корҳои ислоҳӣ аз масъулияти назорати рафтори маҳкумшудагон ба шартан татбиқ накардани ҷазо озод мегарданд. Дар асоси КИҶҶ ҶТ нозироти корҳои ислоҳӣ на танҳо маҳкумшудагон бо шартан татбиқ накардани ҷазоро зери назорат қарор медиҳанд, балки дар назорати онҳо инчунин шахсони шартан пеш аз муҳлат аз ҷазо озодшуда, маҳкумшудагон – занони ҳомила ва заноне, ки дар тарбияашон кӯдакони хурдсол доранд, маҳкумшудагоне, ки

ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян адо мекунанд, маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ адо мекунад, қарор доранд.

Намояндагони нозироти корҳои ислоҳӣ дар давоми фаъолияти худ бо ҳар як маҳкумшуда шинос мегарданд, пас аз он зарур будан ё набудани пешниҳоди гузориш ё дархостро мушаххасан аниқ мекунанд ва баъдан онро ба суд пешниҳод мекунанд. Яъне, дар ин вақт аз тарафи нозироти корҳои ислоҳӣ масъалаи мавҷуд будан ё набудани асосҳои пеш аз мӯҳлат бекор кардани мӯҳлати санҷишӣ мавриди таҳқиқи қарор дода мешавад.

Ба ғайр аз ин, суд дар ягон ҳолат танҳо бо як дархости маҳкумшуда мӯҳлати санҷишӣ ё шартан татбиқ накардани ҷазоро бекор намекунад, то он даме ки аз мақомоти назоратбаранда оид ба рафтор ва шахсияти маҳкумшуда маълумот ба даст наоварад. Ҳатто намояндаи нозироти корҳои ислоҳӣ барои додани нишондод ба мурофиаи судӣ даъват карда шуда, дар назди иштирокчиёни мурофиаи судӣ оид ба маҳкумшуда маълумот медиҳад.

Агар аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ пешниҳод оид ба гузаштани нисфи мӯҳлати санҷишӣ ва дар ин мӯҳлат вайрон накардани талаботҳои пешбининамудаи м. 71 КҶ ҶТ ба инобат гирифта метавонад дар бораи пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судӣ қарор қабул намояд. Ҳангоми баррасии муқаррарот дар бораи пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мо ба ибораи “суд ... метавонад” дучор меоем. Дар қонунгузории ҷиноятӣ чунин мавқеъгирӣ бисёр дида мешавад. Як қатор олимон онро ҳамчун уҳдадории суд медонанд [20, с. 137], дигарон бошанд, чунин шарҳдиҳиро нодуруст мешуморанд ва андешаи онро доранд, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҳолатҳои кор метавонанд ҳам ба сифати ҳуқуқ ва ҳам уҳдадории суд баромад кунанд [22,с.118-119]. Аммо аз мазмуни «суд… метавонад» чунин бармеояд, ки ин танҳо «ҳуқуқ»-и суд мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур, ба қ.6 м. 71 КҶ ҶТ назар афканем, маълум мегардад, ки дар сурати гузаштани нисфи мӯҳлати санҷишӣ ва ислоҳшавии худро нишон додани маҳкумшуда суд ҳуқуқ дорад, ки мӯҳлати санҷиширо пеш аз мӯҳлат бекор намояд ва ё онро бекор накунад. Дарвоқеъ, таҳияи чунин қонун, тавре ки Ю.М. Ткачевский қайд менамояд, бесамар ба назар мерасад. Агар маҳкумшуда дар ин муддат ислоҳ шуда бошад ва нисфи мӯҳлати санҷишӣ ба охир расида бошад, суд вазифадор аст, ки шартан татбиқ накардани ҷазоро пеш аз мӯҳлат бекор кунад [12,с.218]. Ба ақидаи В.Ф. Шепелков бояд ҳуқуқи суд оид ба бекор намудани шартан табиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судии маҳкумшуда, ки бо ҳаракатҳои худ ислоҳшавии худро собит намудааст, ба уҳдадории суд табдил дода шавад [28, с. 30]. Андешаи мазкурро мо низ ҷонибдор мебошем. Ин имконият медиҳад, ки таъсиррасонии субъективӣ дар муносибатҳои мазкур аз байн равад. Яъне, дар сурати пешниҳоди маълумотҳои зарурӣ аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ дар хусуси он ки маҳкумшуда ислоҳ шудааст, дигар зарурати ба охир расидани мӯҳлати санҷишӣ мавҷуд нест. Аммо пешниҳоди мақомоти мазкур бояд асоснок ва ҷавобгӯ ба талаботҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти институти шартан татбиқ накардани ҷазо бошад.

Ҳамин тариқ, агар нисфи мӯҳлати санҷишӣ гузашта бошад (бигзор аз як сол мӯҳлати умумӣ 6 моҳ сипарӣ гардида бошад) ва шахси шартан маҳкумшуда боре дар “чашми” намояндагони мақомоти назоратбарандаи рафтори ӯ (албатта, ба мазмуни манфӣ) наафтода бошад, пас дигар назорат бурдани ӯ шарт нест ва ин гуна маҳкумшударо бояд озод намуд. Ҳолати мазкур аз як ҷиҳат барои худи кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ зарур аст, чунки сарбории онҳо дар самти назоратбарии рафтори маҳкумшудагон хеле вазнин аст. Аммо ба андешаи баъзе олимон ин дуруст намебошад, чунки мӯҳалати санҷишие, ки шахс паси сар менамояд, набояд аз як сол кам бошад, чунки дар ин муддати кӯтоҳ наметавон оид ба даст овардани мақсади ҷазо хулоса кард [13,с.157].

Тавре ки қонунгузории ҷиноятӣ дар м.71 КҶ ҶТ муқаррар намудааст, суд ҳангоми таъини намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, шахсияти ҷинояткор ва ҳолатҳои сабуку вазнинкунандаро ба инобат мегирад. Инчунин, дар м.71 КҶ ҶТ мӯҳлати санҷишӣ аз 1 сол то 5 сол пешбинӣ гардидааст. Аз ин рӯ, агар мантиқан назар андозем, маълум мегардад, ки суд бо баинобатгирии принсипи адолат, дар он вақт метавонад, ҳадди мӯҳлати санҷиширо як сол муқаррар намояд, ки агар ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят камтар бошад, агар шахсияти ҷинояткор ба ҷамъият

хавфнокиаш зиёд бошад ва ё ҳолатҳои сабуккунанда дар кирдори шахс мавҷуд бошад. Бинобар ин, дар сурати гузаштани, масалан 6 моҳ, имкони исботиислоҳшавӣ мавҷуд аст. Масалан, дар сурате ки ҷинояти содирнамуда начандон вазнин бошад, дар баробари ин, ҳолатҳои сабуккунанда дар кирдори ҷиноятткор мавҷуданд, дар муддати 6 моҳ талаботҳои ба зиммаи маҳкумшуда гузошташуда иҷро мегарданд, дигар зарурати то ба охир расондани мӯҳлати санҷишӣ мавҷуд нест.

Намуди дуюми "мусбӣ"-и бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо, ки аз ҳама паҳншудатарин мебошад, ба анҷом расидани мӯҳлати санҷишӣ ва бардошта шудани доғи судӣ мебошад. Намуди мазкур ба он маҳкумшудагоне дахл дорад, ки пас аз гузаштани нисфи мӯҳлати санҷишӣ бо ягон роҳе ислоҳшавии худро собит карда натавонистаанд ва ё тартиботи ҷамъиятиро вайрон намудаанд, уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташударо иҷро накардаанд ё ба таври лозимӣ иҷро накардаанд ва огоҳиномаи нозироти корҳои ислоҳиро барои кирдорҳои ношоями худ доро мебошанд. Аз ин рӯ, баъди ба охир расидан мӯҳлати санҷишӣ он бекор карда мешавад. Воқеан, ин намуди бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ба он вобастагӣ дорад, ки маҳкумшудагон новобаста аз таъин чораи инсондӯстӣ нисбаташон роҳи ислоҳшавиро ихтиёр накардаанд. Яъне, дар давоми мӯҳлати санҷишӣ ба вайрон кардани талаботҳое, ки суд ба зиммаи маҳкумшуда мегузорад, даст задааст. Масалан, ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳо ва содир намудани дигар ҳуқуқвайронкуниҳо. Дар ин сурат, то ба охир расидани мӯҳлати санҷишӣ шартан татбиқ накардани ҷазо пеш аз мӯҳлат бекор карда намешавад. Новобаста аз он ки дар давоми мӯҳлати санҷишӣ аз ҷониби маҳкумшуда кӯшиши ислоҳшавии худ анҷом дода намешавад ва нозироти корҳои ислоҳӣ низ ба суд дархост барои пеш аз мӯҳлат бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо, дар маънои мусбиаш ирсол намесозанд, аммо мӯҳлате, ки суд барои ислоҳшавии маҳкумшуда муқарррар намуда буд, ба охир мерасад, дар чунин ҳолат асос барои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мегардад ва ин намуди мусбии бекор кардани институти шартан татбиқнакардани ҷазо эътироф мегардад.

Тибқи талаботи қ.7 м. 71 КҶ ҶТ ва м. 226 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд: КИҶҶ ҶТ) ҳангоми саркашии маҳкумшуда бо шартан татбиқ накардани ҷазо аз иҷрои уҳдадориҳое, ки суд ба зимааш гузоштааст, ё аз ҷониби ӯ вайрон гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, ки барои он муҷозоти маъмурӣ андешида шуда буд, нозироти корҳои ислоҳӣ ӯро дар мавриди имконпазирии беэътибор донистани шартан татбиқ накардани ҷазо ба таври хаттӣ огоҳ месозад.

Дар сурати аз ҷониби маҳкумшуда ба ҷо наовардани талаботи қ. 4 м. 225 КИҶҶ ҶТ сардори нозироти корҳои ислоҳӣ ба суд пешниҳоди дахлдор ирсол менамояд.

Дар сурати мунтазам ба қонуншиканиҳо роҳ додани маҳкумшуда дар давоми мӯҳлати санҷишӣ ва барои содир кардани онҳо ба ӯ ҷазои интизомӣ таъин шуда бошад ва ё ашаддӣ аз иҷро кардани уҳдадориҳое, ки суд ба зиммааш гузоштааст, саркашӣ намояд, нозироти корҳои ислоҳӣ ба суд дар мавриди бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва иҷрои ҷазое, ки бо ҳукми суд таъин шудааст, пешниҳод ирсол менамояд.

Мутобиқи қ. 4 м. 226 КИҶҶ ҶТ ба таври ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадорӣ содир кардани кирдорҳои манъшуда ё аз ҷониби шахси бо шартан татбиқ накардани ҷазо маҳкумшуда беш аз ду маротиба дар тӯли сол иҷро накардани ҳаракатҳое, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудааст ё ба таври давомдор (беш аз 30 рӯз) иҷро накардани уҳдадориҳои аз ҷониби суд ба зиммааш гузошташуда ба ҳисоб мераванд.

Ба таври низомнок вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ҳолате дар назар дошта шудааст, ки аз ҷониби шартан маҳкумшудагон дар давоми як сол ду ё зиёда маротиба тартиботи ҷамъиятӣ вайрон гардида бошад ва барои содир намудани онҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб гардида бошанд.

Ба таври низомнок иҷро накардани уҳдадориҳо бошад, ҳолатеро меноманд, ки дар давоми сол шартан маҳкумшуда даст ба содир намудани амалҳои манъшуда мезанад ё уҳдадориҳои ба зиммаи ӯ гузошташударо иҷро намекунад ва ё ба таври давомдор (беш аз 30 рӯз) аз иҷрои онҳо саркашӣ менамояд. Дар чунин ҳолат, нозироти корҳои ислоҳӣ ба суд гузориш дар бораи бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо пешниҳод намуда, дар он, ҳолатҳои мушаххаси саркашӣ намудани маҳкумшуда аз иҷрои уҳдадорҳо, давраи вақте, ки маҳкумшуда барои бақайдгирӣ ба нозироти корҳои ислоҳӣ ҳозир нагардидааст,

кадом намуди чораҳо аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшуда андешида шудаанд ва чӣ гуна маҳкумшуда нисбати онҳо муносибат кардааст, ҳамчунин ҳамаи далелҳои мавҷуда пурра қайд карда мешаванд.

Агар маҳкумшуда аз мақомоти назоратбарандаи рафтори ӯ пинҳон шавад, ин ба сифати ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадориҳо ба ҳисоб меравад ва оқибатҳои дар боло зикршударо нисбати маҳкумшуда ба вуҷуд меорад. Мазмуни қ.4 м.226 КИҶҶ ҶТ маънои онро дошта метавонад, ки агар дар давоми 30 рӯз ҷойи зист ва маҳалли будубоши маҳкумшуда муайян карда нашавад, пас ӯро аз мақомот пинҳоншуда меҳисобанд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешае вуҷуд дорад, ки вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ҳамчун ба таври қасдона иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаи маҳкумшуда гузошташуда Дониста мешавад, ки боиси бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мегардад [8, с. 206]. Андешаи Наумов А.В. қобили дастгирист, ки тибқи он ҳолати вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби маҳкумшуда (масалан, майдаавбошӣ, саркашӣ намудан аз талаботҳои қонунии кормандони милитсия ва ғайра), ки аз майли ислоҳшавӣ надоштани маҳкумшуда дарак медиҳад, бояд ҳамчун асос барои бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо баррасӣ карда шавад шавад [17,с.436]. Дар таҷриба судҳо аксар вақт барои пешгирӣ намудани ин вазъият ба КҶ ҶТ такя намуда, ин талабот, яъне вайрон накардани тартиботи ҷамъиятиро ҳамчун уҳдадорӣ, ки метавонад ба ислоҳшавии маҳкумшуда мусоидат намояд, ба зиммаи маҳкумшуда вогузор мекунанд ва вайрон намудани ин уҳдадорӣ тибқи талаботи қ. 7 м. 71 КҶ боиси бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ва адои ҷазои воқеии муқаррарнамудаи суд мегардад.

Дар боби 26 Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ "Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ" номбар шудаанд: моддаи 460. Майдаавбошӣ, моддаи 461. Вандализм, моддаи 462. Халалдор кардани оромӣ, моддаи 463. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ нӯшидани машруботи спиртӣ ё кашидани маҳсулоти тамоку, моддаи 463(1). Фурӯши сигарета, сигара, папирос ва дигар маҳсулоти тамоку дар ҳудуд ва назди муассисаҳои тандурустӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, таълимӣ, инчунин бо истифода аз таҷҳизоти автоматӣ, моддаи 463(2). Фурӯши сигарета, сигара, папирос ва дигар маҳсулоти тамоку ба ноболиғон, моддаи 463(3). Манъи истеҳсол, воридот, содирот, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамокуе, ки дар таркибаш никотин ва қатрон аз меъёрҳои гигиении тасдиқгардида зиёд мебошад, инчунин дар бастаи онҳо мавҷуд набудани навиштаҷоти огоҳкунандаи асосӣ ва иловагӣ оид ба зарари кашидани тамоку, моддаи 464. Ҷалб кардани ноболиғон ба рафторҳои зиддиҷамъиятӣ, моддаи 464(1). Аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ноболиғ додани иҷозати воридшавӣ ба клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок, инчунин, марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ ё хизматрасонии интернетӣ, моддаи 465. Қиморбозӣ, моддаи 466. Бардурӯғ даъват кардани хадамоти махсус, моддаи 467. Тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон дар маҳалҳои аҳолинишин, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва дар ҷойҳои барои ин мақсад пешбининашуда, инчунин муомилоти ғайриқонунӣ бо маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ), моддаи 468. Риоя накардани қоидаҳо, меъёрҳо ва дастурамалҳо дар бораи баҳисобгирии маводи тарканда, моддаи 469. Маскуният бе шиноснома ё бидуни қайд, моддаи 470. Аз тарафи шахсони мансабдор ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя накардани тартиби муқарраргардидаи вуруди шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, моддаи 471. Риоя накардани қоидаҳои муқарраршуда дар шароити вазъияти ҳарбӣ, моддаи 4711. Риоя накардани қоидаҳои муқарраршуда дар шароити вазъияти фавқулода, моддаи 472. Ғайриқонунӣ додани ашёҳои манъшуда ба шахсони дар муассисаҳои ислоҳӣ нигоҳдошташаванда, моддаи 473. Риоя ё иҷро накардани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор.

Игошев К.Е. ва Шумаров И.В. қайд менамоянд, ки: "таҷрибаи фаъолияти пешгирикунандаи шуъбаҳои корҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки ҳаёти зиддиҷамъиятӣ доштан ва ба таври низомнок вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ яке аз давраҳои ба роҳи ҷиноят рафтани одамон мебошад" [7,с.117-118]. Бо пайравӣ аз ин ақида, Ткачевский Ю.М. пешниҳод мекунад, ки нисбати ҳар як ҳолати саркашӣ намудан аз иҷрои ҷазо, аз ҷумла шартан татбиқ накардани ҷазо низ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад [24,с.64-65]. Вобаста ба ин, муқаррароти қ. 1 м. 226 КИҶҶ ҶТ (қ. 1 м. 190 КИҶҶ ФР)-ро мисол овардан мумкин аст, ки ин ҳолатҳоро ҳамчун асос барои бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо пешбинӣ намудааст. Зеро бар хилофи талаботи қонун содир

намудани баъзе ҳуқуқвайрокуниҳои маъмурӣ аз ҷониби маҳкумшудагон дар давоми муҳлати санҷишӣ табиист, ки ҳамчун далели ислоҳшавии маҳкумшудагон баромад намекунад [25,с.151].

Олимон боз бар он назаранд, ки дар давоми муҳлати санҷишӣ содир намудани ҳуқуқвайронкунии дигар соҳаҳои ҳуқуқ ҳамчун асос барои бекор кардани шартан татбиқ накардан ҷазо баромад карда наметавонад. Чунки дар ин маврид, аз доираи муносибатҳои ҳуқуқие, ки институти шартан табиқ накардани ҷазо танзим мекунад берун мебароем [23,с.145]. Дар қ. 4 м. 225 КИҶҶ ҶТ омадааст, ки маҳкумшудагон бо шартан татбиқ накардани ҷазо вазифадоранд дар назди нозироти корҳои ислоҳӣ ва фармондеҳии қисмҳои ҳарбӣ оид ба рафтори худ ҳисобот дода, уҳдадориҳои аз ҷониби суд ба зиммаашон гузоштташудаpо иҷро намуда, бо даъвати нозирот ҳозир шаванд. Оид ба ин масъала, Филимонов О.В қайд мекунад, ки дар сурати як маротиба риоя накардани уҳдадорӣ аз ҷониби маҳкумшуда, ин ҳолат ба он асос мешавад, ки нисбати маҳкумшуда огоҳномаи хаттӣ дар бораи имконияти бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ҳангоми такроран риоя накардани талаботи қонун пешниҳод карда шавад. Баъди он ки дубора ин ҳолат риоя карда намешавад, пас он асос барои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва фиристодани шахс барои адои ҷазои веқеӣ мегардад [25,с.152]. Ҳамин тариқ, чораҳои таъсиррасонӣ нисбати маҳкумшудагоне, ки реҷаи ислоҳшавиро вайрон намудаанд, вобаста ба хусусият ва шумораи ҳуқуқвайрокуниҳояшон бояд сангинтар гардонида шаванд.

Таваҷҷуҳи бештарро меъёрҳои нави Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ба худ ҷалб мекунанд, ки дар сурати иҷро накардани уҳдадориҳо ва содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби маҳкумшуда, имконияти дароз кардани муҳлати санҷиширо пешбинӣ менамоянд: қисми 2 м. 67 КҶ Гурҷистон, қ. 2 м. 64 КҶ Қирғизистон, қ. 2 м. 64 КҶ Қазоқистон, қ. 2 м. 74 КҶ ФР ва ғайра. Масалан, дар қ.2 м.74 КҶ ФР пешбинӣ гардидааст, ки «агар шахси шартан маҳкумшуда аз иҷрои вазифаҳои ба зиммаи ӯ таъинкардаи суд саркашӣ кунад ё тартиботи ҷамъиятиро вайрон намояд, ки барои он ҷазои маъмурӣ таъин шуда бошад, суд бо пешниҳоди мақомоти назораткунандаи рафтори ӯ метавонад муҳлати санҷишро дароз кунад, аммо на бештар аз як сол»

Чунин ба назар мерасад, ки имконияти пешбинигардида, яъне дароз кардани муҳлати санҷишӣ ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо, аз як тараф, аз муносибати инсондӯстона нисбат ба ҷинояткор гувоҳӣ медиҳад, ки ба ӯ имконияти дубора дода мешавад то аз адои ҷазои воқеӣ озод бошад, ҳатто агар рафтори маҳкумшуда ба натиҷаи интизорбудаи суд мувофиқат накунад, аз тарафи дигар, ба муносибати нисбатан масъулиятноктари маҳкумшуда ба он талабот ва маҳдудиятҳое, ки ба давраи санҷишӣ алоқамандаңд, мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, қобили қабул дониста мешавад, ки чунин муқарраротбa м. 71 Кодекси ҷиноятии ҶТ ворид карда шавад.

Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия, ба суд ваколат додааст, ки муҳлати санҷишро дароз кунад, аммо оё ин муҳлат ба муҳлати ниҳоии санҷишӣ дохил карда шудааст ё суд ҳақ дорад муҳлати санҷишро аз ҳадди аксар то як сол дароз кунад. Яъне ҳадди аксар дар КҶ ФР то 5 сол муқаррар карда шудааст, оё суд ҳуқуқ дорад, ки дар сурати ба вуҷуд омадани зарурат боз як соли дигар онро зиёд намояд ва ё не. Судҳо ин масъаларо бо роҳҳои гуногун ҳал мекунанд, баъзеҳо аз он чунин мешуморанд, ки дар ҳеҷ ҳолат аз ҳадди ниҳоии дар қ. 3 м. 73 КҶ ФР пешбинишуда набояд берун бароянд. Мавқеи мазкурро А.С. Черноскутов [27,с.169] дастгирӣ менамоянд. Аммо Қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Русия "Дар бораи амалияи таъини ҷазои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо" аз 11 июни соли 1999, мавқеи дигарро дастгирӣ намуда, муқаррар намуд, ки дар ҳолатҳои дар боло зикршуда, суд "метавонад аз муҳлати ниҳоӣ берун бароянд, аммо на бештар аз як сол".

Ба андешаи мо, роҳи беҳтари ҳалли масъалаи мазкур, ба таври мушаххас дар қонуни ҷиноятӣ нишон додани муқаррарот оид ба дароз кардани муҳлати санҷишӣ мебошад. Яъне, мавқеи мазкурро дар самти дароз кардани муҳлати санҷишӣ, ки аз ҳадди ниҳоии пешбиникардаи қонун зиёд мебошад, қобили дастгирӣ меҳисобем. Аммо дар сурате, ки ҳадди ниҳоии муҳлати санҷишӣ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ то 3 сол муққаррар карда шавад. Дар ин сурат, чунин мавқеъгирӣ қобили қабул мебошад. Дар сурати мавҷудияти

ҳадди болоии муҳлати санҷишӣ ба муҳлати 5 сол, зарурати дароз кардани ин муҳлат зиёдтар аз ҳадди ниҳоӣ дида намешавад.

Намуди дигари “манфӣ”-и бекор намудани шартан татбиқ накардани ҷазо аз ҷониби маҳкумшуда дар давоми муҳлати санҷишӣ содир намудани ҷинояти нав мебошад. Қисмати зиёди олимон андешаи онро доранд, ки дар сурати содир кардани дилхоҳ ҷинояти нав дар давраи муҳлати санҷишӣ шартан татбиқ накардани ҷазо бояд ба таври ҳатмӣ бекор карда шавад [5,21,3,23,4,с.102,288,158,146,162]. Агзамов И.М. ҷонибдори асосҳои пешбиникардаи Кодекси моделии ҷиноятӣ (м. 73) оид ба пеш аз муҳалат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо мебошад [16]. Масалан, ӯ қайд менамояд, ки дар сурати содир намудани дилхоҳ ҷинояти қасдона суд уҳдадор аст, ки институти шартан татбиқ накардани ҷазоро бекор намояд, чунки боварии зиёде, ки суд ҳангоми таъини институти мазкур ба маҳкумшуда карда буд, ба он ноил нагардид [1,с.330]. Ба андешаи Э.Н. Жевлаков ба сифати асоси мустақил барои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо дар давоми муҳлати санҷишӣ содир намудани ҷиноят баромад менамояд [6,с.77].

Тибқи талаботи қонун (қ. 8 м. 71 КҶ ҶТ), агар маҳкумшуда дар давоми муҳлати санҷишӣ ҷинояти нав содир намояд, суд шартан татбиқ накардани ҷазоро бекор намуда, мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 68 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷазо таъин мекунад. Ҳангоми дар муҳлати санҷишӣ содир намудани ҷинояти нав аз тарафи маҳкумшуда, суд бо дарназардошти ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда метавонад оид ба бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо қарор қабул кунад. Ҳангоми бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо сурат мегирад [2, с. 159-160]. Аз таҳлилҳои мо (300 ҳукм) чунин аён гардид, ки дар 6 ҳолат шартан татбиқ накардани ҷазо бинобар сабаби содир гардидани ҷиноят аз ҷониби маҳкумшуда бекор карда шудааст. Масалан, бо ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 24 январи соли 2019 ба шаҳрванд С.С. бо м.2 48 қ. 2 бандҳои “б,в,г”- Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол бо адо намудани он дар колонияи ислоҳии дорои низомаш пурзӯр таъин кард шуд. Шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати шаҳрванд С.С. бо ҳукми суди ноҳияи Синои ш.Душанбе аз 25 апрели соли 2018 бо дастрасии қ. 8 м. 71 КҶ ҶТ бо сабаби ҷинояти нав содир намуданаш бекор карда шуд. Бо дастрасии қ. 1 м. 68 КҶ ҶТ ҷазои адонагардида бо ҳукми суди ноҳияи Синои ш.Душанбе аз 25 апрели соли 2018 ба муҳлати 3 сол бо роҳи қисман зам намудан ба ҷазо бо ҳукми нав таъин гардида, ба муҳлати 5 солу 6 моҳ таъин карда шуд [26].

Вобаста ба таҳлили мавзуи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

–Ба уҳдаи судҳо гузошта шавад, ки дар сурати воқеан ислоҳ шудани маҳкумшуда, пас аз гузаштани нисфи муҳлати санҷишӣ шартан татбиқ накардани ҷазоро бекор намоянд. Ин имконият медиҳад, ки таъсиррасонии субъективӣ дар муносибатҳои мазкур аз байн равад. Яъне, дар сурати пешниҳоди маълумотҳои зарурӣ аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ дар хусуси он ки маҳкумшуда ислоҳ шудааст, дигар зарурати ба охир расидани муҳлати санҷишӣ мавҷуд нест.

–Қобили қабул шуморида мешавад, ки маълумотро дар бораи ислоҳшавии маҳкумшуда ба суд дар хусуси пеш аз муҳлат бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо нозироти корҳои ислоҳӣ пешниҳод намояд. Дар ин сурат, раванди тартибот вайрон нагардида, нозироти корҳои ислоҳӣ маълумоти ҳамон маҳкумшудаеро ба суд пешниҳод менамояд, ки воқеан ислоҳ шудааст. Дар ин сурат, кори судҳо осонтар мегардад, чунки дар сурати худи маҳкумшуда имкони пешниҳоди маълумотро доштан, худбаҳодиҳии маҳкумшуда ба рафторҳои худ боиси мушкил намудани кори судҳо мегардад. Инчунин, имкон дорад, ки дар ҳолати ислоҳ нашудан низ маҳкумшуда ба суд дархост дар бораи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо пешниҳод намояд. Албатта, ин ҳуқуқҳои конститутсионии маҳкумшудагонро вайрон намесозад, баръакс имкон медиҳад, ки воқеан ислоҳшудагон ба таври пурра аз ҷазо, шартан татбиқ накардани ҷазо ва оқибатҳои ҳуқуқии он озод гарданд.

–Мо ба андешаи олимоне, ки пешниҳод менамоянд, ки барои вайрон кардани талаботҳое, ки ба зиммаи маҳкумшудагон гузошта мешаванд, ҷавобгарӣ муқаррар карда шавад, розӣ буда наметавонем, чунки хусусияти инсондустӯстона доштани меъёри мазкур моҳияти худро аз даст медиҳад. Ягона имконияте, ки ба сифати таъсиррасон баромад

мекунад ва ҳолати маҳкумшударо вазнин мекунад, ин бекор кардан шартан татбиқ накардани ҷазо ва ба адои ҷазои воқеӣ равон кардани маҳкумшуда мебошад.

–Ба андешаи мо, роҳи беҳтари ҳалли масъалаи дароз кардани муҳлати санҷишӣ ба таври мушаххас дар қонуни ҷиноятӣ нишон додани муқарраротоид ба он мебошад. Яъне, мавқеи мазкурро дар самти дароз кардани муҳлати санҷишӣ, ки аз ҳадди ниҳоии пешбиникардаи қонун зиёд мебошад, қобили дастгирӣ меҳисобем. Аммо, дар сурате ки ҳадди ниҳоии муҳлати санҷишӣ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ то 3 сол муқаррар карда шавад. Дар ин сурат, чунин мавқеъгирӣ қобили қабул мебошад. Дар сурати мавҷудияти ҳадди болоии муҳлати санҷишӣ ба муҳлати то 5 сол, зарурати дароз кардани ин муҳлат зиёдтар аз ҳадди ниҳоӣ дида намешавад.

**Муқарриз: *Холиков Ш.Л.* – н.и.ҳ., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Агзамов, И.М. Испытательный срок в механизме условного неприменения наказания / И.М. Агзамов // Закон и право. - 2012. - № 6. - С. 330.
2. Ревин В.П. Уголовное право Таджикистана. Учебник. Общая часть / В.П. Ревин, Х.С. Сафаров. - Душанбе, 2010. – С. 159-160.
3. Гладких В.И. Условное осуждение: правовая природа и проблемы применения. Монография / В.И.Гладких, С.В. Дьяконова. - МОСКВА, 2009. – С. 158.
4. Ғоибов Р. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Дастури таълимӣ барои факултаҳои ҳуқуқшиносӣ. Нашри 2-юм / Р. Ғоибов. – Хуҷанд: Ношир, 2007. – С.162.
5. Дуюнов В.К. Освобождение от уголовной ответственности и от уголовного наказания / В.К. Дуюнов. - Тольятти, 2001. -С. 102.
6. Жевлаков Э.Н. Назначение наказания: учебное пособие для магистров / Э.Н. Жевлаков. – Москва: Проспект, 2018. – С.77.
7. Игошев К.Е. Социальные аспекты предупреждения правонарушений / К.Е.Игошев, И.В. Шмаров. - М., 1980. – С. 117-118.
8. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под общ. ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. М., 1996. – С. 206.
9. Кондалов, А. Н. Условное осуждение и механизмы его обеспечения: дис. канд. юрид. наук / А. Н. Кондалов. - Казань, 2000. – С. 144-145.
10. Кондалов, А.Н. Условное осуждение и механизмы его обеспечения / А.Н. Кондалов. - Казань, 2000. – С. 122.
11. Кузнецов Н.В. Основания и процессуальный порядок отмены условного осуждения / Н.В.Кузнецов, В.П. Малков // Журнал российского права. -2000. -№ 3. – С. 61.
12. Курс уголовного права: Общая часть: Учебник для вузов. -Том. 2. Учение о наказании: /Под ред. проф. Н.Ф.Кузнецовой и доц. И.М.Тяжковой. – М.: ИКД Зерцало. М., 2002. – С. 218.
13. Ломако В.А. Применение условного осуждения / В.А. Ломако. - Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 82.
14. Ольховик Н.В. Режим испытания при условном осуждении / Н.В. Ольховик. - Омск, 2005 – С. 157.
15. Максимов С.В. Условное осуждение и его цели / С.В. Максимов // Российский следователь. -2005. -№ 9. – С. 42-46.
16. Модельный УК для государств-участников СНГ // Правоведение. 1996. № 1.
17. Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: курс лекций / А.В. Наумов. - М., 1996. – С. 436.
18. Островский А.Л. Спорные вопросы отмены условного осуждения и продления испытательного срока / А.Л. Островский // Российский следователь. -2004. -№ 5. – С.56-59.
19. Пронников, В. В. Условное осуждение и его правовые последствия: дис. ... канд. юрид. наук / В. В. Пронников. – С. 126.
20. Прохоров В.С. Механизм уголовно-правового регулирования: норма, правоотношение, ответственность / В.С. Прохоров, Н.М.Кропачев, А.Н. Тарбагаев. - Красноярск, 1989. – С. 137.
21. Российское уголовное право: курс лекций. Т. 2. Владивосток, 1999. С. 288.
22. Сафонов А.П. Прокурорский надзор за законностью условно-досрочного освобождения осужденных / А.П. Сафонов //Вопросы борьбы с преступностью. -М., 1972. -Вып.17. – С. 118-119.
23. Скобелии С. Ю. Условное осуждение в отечественном уголовном праве. Монография / С. Ю. Скобелии. - Тюмень, 2012. - С.145.
24. Ткачевский Ю.М. Обеспечение исполнения уголовного наказания / Ю.М. Ткачевский // Советское государство и право. -1982. -№ 2. –С. 64-65.
25. Филимонов О.В. Меры воздействия на условно осужденных и основания их применения в нормах уголовного и уголовно-исполнительного права // Проблемы теории наказания и его исполнения в новом Уголовном и Уголовно-исполнительном кодексах России (к 75-летию Н.А. Стручкова). – С. 151
26. Хазинаи суди ноњияи Синои шањри Душанбе, парвандаи љиноятии №1-60/18 (њукми суд аз 24 январи соли 2018).
27. Черноскутов А.С. Развитие законодательства об условном осуждении / А.С. Черноскутов //Актуальные проблемы юриспруденции: Сборник статей. - Выпуск 3. - Часть 2. - Тюмень: Изд-во ТГУ, 1999. – С. 169.

28. Щепельков В.Ф. Проблемы применения и конструирования норм об условном осуждении / В.Ф. Щепельков // Российский судья. -2002. -№ 2. – С. 30.

## НАМУДҲОИ МУСБӢ ВА МАНФИИ БЕКОР КАРДАНИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО

Махсусияти институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар он ифода меёбад, ки агар то ба охир расидани мухлати санҷишӣ маҳкумшада бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот намояд, дар асоси пешниҳоди нозироти корҳои ислоҳӣ суд метавонад шартан татбиқ накардани ҷазоро пеш аз мухлат бекор намояд. Пешбинӣ гардидани талаботи мазкур ҳамчун чораи ҳавасмандкунандаи маҳкумшудагон баромад намуда, барои ҳарчи зудтар ислоҳ гардидани онҳо мусоидат менамояд. Вобаста ба ин масъала, муаллиф дар мақолаи мазкур андешаҳову назарияи олимон ва амалияи таҷрибаи судиро ҷамъоварӣ намуда, дар асоси онҳо хулосаҳои худро дар самти такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва боз ҳам самаранок намудани таҷрибаи судии татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо баён намудааст.

**Калидвожаҳо:** бекор кардан, мусбӣ, суд, назария, амалия, кодекс, пешниҳод, маҳкумшуда, ҷазо, ҷиноят, тартибот, ҷамъият, ислоҳшавӣ.

## ПОЛОЖИТЕЛЬНЫЕ И ОТРИЦАТЕЛЬНЫЕ ВИДЫ ОТМЕНЫ УСЛОВНО – ОСУЖДЁНЫХ

Особенность института испытательного срока заключается в том, что, если по истечении испытательного срока осужденный докажет, что он исправил свое поведение, суд может отменить условный приговор на основании предложения инспекции исправительного труда. Положение этого требования является мерой стимулирования осужденных и способствует их скорейшему исправлению. В связи с этим в данной статье мы собрали взгляды, теории ученых и практику судебной власти, на основании которых мы высказали свои выводы по совершенствованию уголовного законодательства Республики Таджикистан и дальнейшему совершенствованию судебной практики пробации.

**Ключевые слова:** отмена, позитив, суд, теория, практика, Кодекс, рекомендация, осужденный, наказание, преступление, порядок, общество, исправление.

## POSITIVE AND NEGATIVE TYPES OF CANCELLATION OF PROBATION

The peculiarity of the institution of probation is that if at the end of the probationary period the convicted person proves that he has corrected his behavior, the court may revoke the suspended sentence based on the proposal of the correctional labor inspectorate. The provision of this requirement is an incentive measure for convicts and contributes to their correction as soon as possible. In this regard, in this article we collected the views and theories of scientists and the practice of the judiciary, on the basis of which we expressed our conclusions to improve the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and to further improve the judicial practice of probation.

**Keywords**: cancellation, positive, trial, theory, practice, code, recommendation, conviction, punishment, crime, order, society, correction.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Миралиев Эмомалӣ Бобоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-67-20-20**. E-mail: **law.tnu.tj@gmail.com**

**Сведение об авторе:** ***Миралиев Эмомали Бобоевич*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры уголовного права и противодествие коррупции. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-67-20-20.** E-mail: **law.tnu.tj@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Miraliev Emomali Boboevich*** – Tajik National University, Senior Lecturer at the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-67-20-20.** E-mail: **law.tnu.tj@gmail.com**

УДК:347.9

# НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ҲИМОЯТГАР ДАР ТАТБИҚИ МЕЪЁРҲОИ МУРОФИАИ ОДИЛОНА

*Марям Шарифӣ*
**Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

**Муқаддима.** Пайдоиши ҷиноятҳо ва мунокишаҳо дар ҷомеа аён аст. Чӣ метавонад дар барқарор кардани тартиботи дастаҷамъӣ ва ҳалли баҳсҳои шахсии шахсони воқеӣ самаранок бошад, мавҷудияти суди мустақил ва талаботи дахлдори қонунӣ барои баррасии парвандаҳо, то ҳуқуқ ва шаъну эътибори инсон дар ҳолатҳои тартиботи иҷтимоӣ ва зиндагии осоишта баррасӣ карда шаванд. Яке аз рукнҳои муҳимтарин ва таъсирбахш дар татбиқи ҳуқуқи инсон ва мурофиаи одилона мавҷудияти адвокат мебошад.

Стандартҳои мурофиаи одилона бояд дар ҳама намудҳои мурофиаҳо, аз ҷумла ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ, тиҷоратӣ ва маъмурӣ риоя карда шаванд; Аммо, мурофиаи ҷиноятӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахс нақши калон дорад ва хунукназарӣ ва риоя накардани принсипҳои суди одилона дар онҳо ба шахсони алоҳида ва ҷомеа зарари ҷубронннопазир мерасонад ва татбиқи адолати судии ҷиноятиро зери хатар мегузорад. Аз ин рӯ, ин меъёрҳо бояд дар сатҳҳои васеътар ва амиқтар дар мурофиаҳои судӣ баррасӣ ва риоя карда шаванд.

Аз ин рӯ, ҳузури адвокат ҳангоми мурофиаи одилона, алалхусус дар мурофиаҳои ҷиноятӣ зарур ва ногузир аст. Дар парвандаи ҷиноӣ, айбдоршаванда бо прокурор рӯ ба рӯ шудааст, ки барои гирифтани далелҳо дар бораи вайрон кардани қонун аз ҷониби айбдоршаванда тамоми имконот ва воситаҳоро дорад, дар ҳоле ки дар аксари ҳолатҳо айбдоршаванда ҳуқуқҳои худро дар ин соҳа ба қадри кофӣ намедонад ва агар ин тавр бошад, он ҳама шароит, воситаҳо ва шароити рӯҳиро барои рад кардани сабабҳои прокурор ва дуруст будани он надорад. Аз ин рӯ, барои таъмини принсипи баробарӣ, аз айбдоршаванда талаб карда мешавад, ки барои ҳимояи худ адвокат таъйин кунад, дар ин ҳолат адвокати судшаванда ҳамчун адвокат дар назди прокурор (намояндаи ҷомеа) ҳозир хоҳад шуд ва ин баробарӣ таъмин карда мешавад ва аз тарафи дигар, талаботи қонуние, ки прокурорро ба риояи принсипи бетарафӣ дар иҷрои вазифа водор мекунад, холигии боқимондаро дар ин баробарӣ пур мекунад.

**Консепсия ва принсипҳои мурофиаи одилона.** Мурофиаи одилона мафҳуми мураккабест, ки бояд барои муайян кардани таърифи дақиқ алоҳида баррасӣ карда шавад. Маънои аслии мурофиа, мурочиат ба додгоҳ ва пешниҳоди даъво ва амали ҳоким ё судя ҳангоми мурофиа аст ва адолат маънои судя, адолат ва адолат буданро дорад [8]

Аз ин рӯ, мурофиаи одилона мурофиаи бетарафона номида мешавад, ки ба принсипҳои қабулшудаи мурофиа мувофиқат мекунад ва дар он тамоми ҳуқуқҳои қонунии айбдоршаванда ҳифз ва ҳимоя карда мешаванд[11].

Мурофиаи одилона маҷмӯи ҳуқуқҳо ва кафолатҳои марбут ба татбиқи дурусти адолат ва ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи шаҳрвандони ҷомеа мебошад. Риояи меъёрҳои мурофиаи одилона маънои раҳмдилиро нисбати шахсони алоҳида надорад, аммо риояи ин меъёрҳо дар мурофиа боиси он мегардад, ки дар муносибат бо даъвогарони башарият одамон фаромӯш намешаванд ва адолат дар ҳуқуқи онҳо риоя карда мешавад. Риояи ин ҳуқуқ нишон медиҳад, ки ҷомеа ба дараҷаи оқилона расидааст, ки мехоҳад аз хатогиҳо, суиистифода ва ғараз пешгирӣ кунад. Мурофиаи одилона маънои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳамаи ашхосеро дорад, ки ба ягон навъе дар ҷараёни мурофиа ширкат доранд. Ҳифзи ин ҳуқуқҳо инчунин масъалаи умумӣ буда, тамоми марҳилаҳои кашф, тафтиш, мурофиаи судӣ, ҳукм, кафолатҳои баъд аз ҳукм ва татбиқи онро дар бар мегирад [12]

Ҳангоме ки шахс аз ҷониби ҳукумат ба ҷиноят айбдор карда мешавад, ба ӯ хавфи маҳрум сохтан аз озодӣ ва дигар таҳримот таҳдид мекунад, ҳуқуқ ба мурофиаи одилона кафолати асосии кафолати ҷазо надодан ба шахсони ноодилона ва ғайриодилона мебошад[13].

**Нақши вакили мудофеъ дар риояи меъёрҳои мурофиаи одилона.** Принсипи дахолати адвокат ба мурофиаи ҷиноятӣ аз замонҳои қадим сар мезанад. Бо ин роҳ, одамоне, ки

қудрати баёнро надоштанд, ба яке аз хешовандони худ, ки қудрати асоснок ва баён барои дифоъ аз ҳуқуқҳои худро доштанд, ваколатнома додаанд [7]

Бархилофи ақидаи коллективистӣ, ки бартарии манфиатҳои ҷамъиятро нисбат ба шахс ва зарурияти шадидияти амали ҷиноятиро таъкид мекунад, шахспарастон таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсиро аз манфиатҳои ҷамъият ва шахс авлотар медонанд. Аз ин рӯ, онҳо риояи меъёрҳои мурофиаи одилона ва дастрасии айбдоршаванда ва судшаванда ба адвокатро зарур медонанд, зеро онҳо аз масъалаҳои ҳуқуқӣ ба қадри кофӣ огоҳ нестанд ва наметавонанд ҳуқуқҳои худро пурра амалӣ кунанд [14]

Аз тарафи дигар, азбаски презумпсияи бегуноҳии одамон ин аст, ҷамъоварии далелҳо метавонад ин тахминро зери хатар гузорад. Аз ин рӯ, барои шахси дорои малакаи ҳуқуқӣ ва фаҳмиш зарур аст, ки асолату маънои ин далелҳоро зери шубҳа гузорад ва сарнавишти даъворо бо далели марбут ба ҷавобгар тағйир диҳад. Ҳузури вакили дифоъ дар мурофиа инчунин аз вайронкунии адолат ва маҳкум шудани одамони бегуноҳро пешгирӣ мекунад.

Ғайр аз ин, ҳузури адвокат ва кӯшишҳои ӯ барои татбиқи стандартҳои мурофиаи одилона ва эҳтироми шаъну шараф ва ҳуқуқҳои инсонии зерҳимояи ӯ метавонанд ба иҷтимоӣ ва офиятбахшии ӯ мусоидат кунанд, зеро эҷоди ҳисси қудрат ва баробарӣ дар назди прокурор барои айбдоршаванда ва риояи ҳуқуқҳои инсонии ӯ дар ҷараёни парванда, рӯҳияи оштӣ бо ҷомеаро афзоиш медиҳад ва агентҳои давлатиро душмани худ намедонад. Ин чунин маъно дорад, ки на танҳо ҳузури адвокат монеи ҳукми шахси бегуноҳ мешавад, балки ҳатто агар нисбати айбдоршаванда ҳукм бароварда шавад ҳам, вай ин ҳукмро одилона мешуморад, зеро ҳузури адвокате, ки дар зеҳни айбдоршаванда беш аз прокурор ва судя нақши мусбат дорад, ба ӯ итминон медиҳад, ки ӯ дидаву дониста меъёрҳои ҳуқуқии ҷомеаро вайрон карда, ба оқибатҳои ҷиноятии он ба қадри кофӣ дучор омадааст.

Аз ин рӯ, ҳузури адвокат дар таъмини адолати судии ҷиноятӣ он қадар муҳим аст, ки сиёсатгузорони байналмилалӣ ва миллӣ ҳуқуқи адвокатро аз ҷумлаи ҳуқуқҳои асосии айбдоршаванда ва судшаванда медонад [16]

Дар моддаи 31 Конститутсияи мамлакати мо чунин қайд гардидааст: "Ҳар шахс метавонад вакили дифоъ таъйин кунад, ки баробари боздошт шудан айбро бекор кунад ё ҳуқуқи худро исбот кунад. Ҳукумат адвокатро дар парвандаҳои ҷиноӣ барои судшавандаи камбизоат таъйин мекунад. Маҳрамияти гуфтугӯҳо, мукотиба ва иртиботи байни айбдоршаванда ва адвокати ӯ аст ... "

Дар моддаи 7 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ доштани адвокат ё муайян кардани ёрии ҳуқуқӣ яке аз ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда ҳисобида мешавад ва дар асоси сархати ҳафтуми моддаи 6 қонуни мазкур, дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки ҳузури адвокат на танҳо ҳимояи зерҳимояи худ мебошад, балки адвокат масъули назорати иҷрои қонунҳо мебошад ва манфиатҳои ҷомеаро дастгирӣ мекунад, ба ибораи дигар, принсипҳои асосии мурофиаи одилона.

**Принсипи бегуноҳӣ.** Бегуноҳӣ ба маънои тоза кардан аз камбудиҳо ва тuҳматҳо, сафедкунӣ, покӣ ва озодӣ мебошад [8]). Дар истилоҳ, давлати асосии айбдоршаванда то он вақте ки ҳукми ниҳоии суд ба салоҳияти маҳкумшуда дохил намешавад [11] Як намунаи мурофиаи одилона принсипи бегуноҳӣ мебошад. Тибқи ин принсип, ҳеҷ кас гунаҳгор ҳисобида намешавад, агар иттиҳоми ӯ дар суд бо салоҳият собит карда шавад ва тибқи қонун ва суд дар бораи гуноҳи ӯ ҳукм содир накунад. Ин принсип, ба ғайр аз санадҳои байналмилалӣ, дар конститутсияҳо ва ҷазоҳои кишварҳо сабт шудааст. Чи тавре ки дар моддаи 25 Конститутсия ва моддаи 5 Қонун дар бораи иҷрои ҷазо омадааст, "сафедкунӣ шарти асосӣ мебошад. Айбдоршаванда то он даме, ки гуноҳи ӯ бо қарори ниҳоии суд исбот карда мешавад, бегуноҳ ҳисобида мешавад".

Қабули принсипи бегуноҳӣ, аз як тараф, ба зиммаи мақомоти судӣ ва давлатӣ вазифа мегузорад ва аз тарафи дигар, айбдоршавандаро дар ҳолати мусоид мегузорад ва ба ӯ имтиёзҳо медиҳад [1]

Ин имтиёзҳо ҳуқуқи хомӯшӣ, тафсири сабабҳои номуайян ба манфиати айбдоршаванда, манъи боздошти худсарона, ҳуқуқи дифоъ аз худ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, далелҳо ва шоҳидон барои рад кардани айбро дар бар мегиранд.

**Принсипи қонуняти ҷиноят, ҷазо, қатл ва мақомоти истинод.** Принсипи қонунияти ҷиноятҳо ва ҷазоҳо, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро ҳимоя мекунад, яке аз муҳимтарин принсипҳои қонунгузории муосири ҷиноӣ мебошад. Маънии ин принсип аз он иборат аст, ки шахс метавонад дар робита бо рафтор ба ҷавобгарӣ кашида ва ҷазо дода шавад, вақте ки ин рафтор дар қонун ҳамчун ҷиноят пешбинӣ шудааст ва ҷинояткор барои он ҷазо мегирад. Ин принсип қонунияти судро низ фаро мегирад. Ин принсип дар санадҳои байналмилалӣ ва Конститутсия ва Кодекси ҷиноии Афғонистон таъкид шудааст.

Натиҷаҳо аз принсипи зикршуда бароварда мешаванд: аввал, дар қонуни ҷиноӣ, дар сурати номуайянӣ дар қонун, танҳо калимаҳо ва ибораҳои қонунро метавон равшан кард ва берун аз онҳо, қонунро бо назардошти ҳадафи қонунгузор ё дар асоси қиёс шарҳ додан мумкин нест. Сониян, Кодекси ҷазои нави ҷиноӣ наметавонад ба рӯйдодҳои гузашта ҷазо додани ашхосеро, ки бидуни доғи судӣ содир кардаанд, тибқи қонуни вақти комиссия татиқ кунад. Аммо ба таври истисноӣ, қонуни нави барои айбдоршаванда мусоид метавонад ба гузашта баргардонида шавад, агар ҳукми ниҳоии суд ё ҳатто баъд аз баровардани он тибқи муқаррароти қонун бароварда нашавад.

Адвокати айбдоршаванда метавонад дар мавриди вайрон кардани қонунҳои моддӣ ва расмии ҷиноятӣ ба мақомоти дахлдор эътироз кунад. Судшаванда, дар ҳоле ки иҷозат намедиҳад, ки зерҳимояи худ бидуни риояи муқаррароти қонун ба ҷавобгарӣ кашида ва ҷазо дода шавад, метавонад аз имтиёзҳои ҳуқуқӣ барои зерҳимояи худ истифода барад, ба монанди мисол овардан аз муқаррароти қонуни нав, ки ба фоидаи судшаванда мебошанд.

Беғаразӣ инчунин маънои бетарафӣ ва ғаразнок будани як тараф, ҳизб, гурӯҳ ё одамони мушаххасро дорад. Ба тариқи дигар, судяҳо набояд ба баррасии парванда манфиати шахсӣ дошта бошанд ва новобаста аз замина парвандаро баррасӣ кунанд[9].

Бояд эътироф кард, ки барои таъмини мустақилият ва беғаразии мақомоти судӣ нишон додани ин принсип ҳамчун яке аз меъёрҳои муҳокимаи одилонаи қонун кофӣ нест, балки инчунин механизмҳои таъмини мустақилият ва беғаразии судяҳо пешбинӣ шудаанд, ба монанди манъи узвияти судяҳо ба ҳизбҳои сиёсӣ, бемасъулиятии онҳо нисбат ба дигар муассисаҳо ва мақомот ва манъи баррасии парвандаҳо, агар принсипи беғаразии онҳо зери шубҳа гузошта шавад. Вобаста ба ин, моддаи 16 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ иштироки судяро дар парвандаҳое, ки дар онҳо беғаразии ӯ пурсида мешавад, манъ мекунад.

**Принсипи мустақилият ва бетарафии судӣ.**Мустақилият маънои муҳофизат аз таъсир ва назорати сиёсӣ ва иҷроиро дар бар мегирад ва мустақилияти судро аз ҷиҳати сохтор ва татбиқи салоҳият ва мустақилияти судя дар иҷрои вазифаҳои худ дар бар мегирад. Беғаразӣ инчунин маънои бетарафӣ ва ғаразнок будани як тараф, ҳизб, гурӯҳ ё одамони мушаххасро дорад. Ба тариқи дигар, судяҳо набояд дар баррасии парванда манфиати шахсӣ дошта бошанд ва новобаста аз замина парвандаро баррасӣ кунанд [9]

Бояд эътироф кард, ки барои таъмини мустақилият ва беғаразии мақомоти судӣ нишон додани ин принсип ҳамчун яке аз меъёрҳои муҳокимаи одилонаи қонун кофӣ нест, балки инчунин механизмҳои таъмини мустақилият ва беғаразии судяҳо дар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, ба монанди манъи узвияти судяҳо ба ҳизбҳои сиёсӣ, бемасъулиятии онҳо нисбат ба дигар муассисаҳо ва мақомот ва манъи баррасии парвандаҳо, агар принсипи беғаразии онҳо зери шубҳа гузошта шавад. Вобаста ба ин, моддаи 16 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ иштироки судяро дар парвандаҳое, ки беғаразии ӯ зери шубҳа гузошта шудааст, манъ мекунад.

**Ошкорбаёнии мурофиа.** Меъёри дигари мурофиаи одилона ошкоро будани мурофиаҳои судӣ мебошад, Дар он тарафҳо ҳузур дошта бошанд ва сабабҳои якдигарро рад кунанд. Аз тарафи дигар, ҳузури шахсони дигар барои таъмини мурофиаи холисона ва баровардани ҳукми одилона талаб мекунад, ки мурофиаҳои судӣ ошкоро гузаранд. Албатта, ин меъёр тибқи қонунҳои бисёр кишварҳо, дар ҳолатҳои муайян, ба монанди тТартиб ва одоби ҷамъиятӣ, шаъну шарафи инфиродӣ ё манфиатҳои ҳаётии шахсони алоҳида истисно карда мешаванд.

**Эътироз ба қарори суд.** Азбаски ҳузури адвокат метавонад боиси халалдор шудани адолати судӣ ва иерархияи судҳо аз ҷониби мақомоти қонунгузор ҷиҳати пешгирии иҷрои ҳукмҳои хато, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои ашхос, таъмини манфиатҳои иҷтимоӣ ва дар ниҳоят татбиқи адолати судии ҷиноятӣ баррасӣ карда шавад, агар тарафҳо аз ҳукми суд

қаноатманд набошанд, онҳо метавонанд аз болои он шикоят баранд ва дархости бознигарии парвандаро аз ҷониби суди болоӣ талаб кунанд. Аз ин рӯ, агар ҳимоятгар қарори судро ба манфиати зерҳимояи худ арзёбӣ накунад, ӯ метавонад эътирози худро дар асоси муқаррароти қонунӣ ва дар муҳлати иҷозати қонунӣ ба суд пешниҳод кунад, нисбати зерҳимояи худ чора андешида, далелҳои мувофиқ пешниҳод мекунад.

Тибқи моддаи 426 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, агар айбдоршаванда ё намояндаи қонунии ӯ ва прокурор аз ҳукми суди марҳилаи аввал дар ҳама ҷиноятҳо дар доираи муқаррароти ин қонун қаноатманд набошанд, онҳо метавонанд эътирози худро мустақиман ё тавассути суди ҳукмӣ ба суди марҳилаи кассатсионӣ пешниҳод кунанд.

Муайян кардани ҳолатҳое, ки тибқи қонун барои шикояти ҳукмҳои суд иҷозат дода шудаанд, ба монанди хатогиҳо дар татбиқ ва тафсири қонун, беэътибории ҳукм ё амалҳои асосии дар он самарабахш ва пешниҳоди далелҳои мувофиқ барои эътироз баровардани ҳукми суди поёнӣ танҳо масъулияти адвокат мебошанд.

**Манъи мурофиаи дукарата.** Ин принсип инчунин яке аз меъёрҳои раднашавандаи мурофиаи одилона мебошад, ки дар робита бо ҷиноят айбдоршаванда метавонад танҳо як маротиба муҳокима карда шавад, гарчанде ки иерархияи судҳое, ки дар аксари кишварҳо барои адолати судӣ қабул карда мешаванд, ин принсипро вайрон намекунад, зеро судҳои болоӣ инчунин метавонанд парвандаро аз нав дида бароянд, вақте ки ҳукми суди поёнӣ ба охир нарасидааст. Албатта, танҳо истисно аз ин принсип шикояти ҳукмҳои ниҳоии суд мебошад, ки парвандаҳояшон бо парвандаҳои бо қонун иҷозатдодашуда маҳдуданд. Ин принсип ба принсипҳои муҳим, ба монанди озодии шахс, муҳофизати афрод аз суиистифода аз сӯйи ҳукуматҳо, риояи ҳуқуқи инсон, таъмини адолат, эътимоди мухр, тартибот ва сулҳ дар ҷомеа ва адолат асос ёфтааст.

Принсипи аз нав дида баромадани парванда инчунин дар санадҳои байналмилалӣ, аз қабили Аҳднома оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Оинномаи Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ ва қонунҳои дохилӣ, аз ҷумла моддаи 13 Кодекси ҷиноӣ ва моддаи 295 Қонуни иҷро пешбинӣ шудааст.

Аз ин рӯ, ҳимоятгар на танҳо набояд иҷозат диҳад, ки ҳимоятгари ӯ дубора санҷида шавад, ҳатто агар сабабҳои нав пайдо шаванд ё тавсифи ҳуқуқии ҷиноят иваз карда шавад, балки ӯ инчунин метавонад истиснои ин принсипро ба манфиати зерҳимояи худ дар сурати пайдо шудани шикоят истифода намояд.

**Хулоса.** Бояд гуфт, ки меъёрҳои мурофиаи одилона танҳо бо парвандаҳои мавриди баррасӣ маҳдуд нестанд, аммо парвандаҳои зикршуда муҳимтарин меъёрҳои мурофиаи одилона мебошанд. Дарвоқеъ, мурофиаи додгоҳӣ одилона хоҳад буд, вақте ки ҳама ҳуқуқҳои тарафҳо риоя карда шаванд. Нақши адвокат дар эҳтироми ин ҳуқуқҳо ҳамчун шахсе, ки қонунро дарк мекунад ва тибқи қонун барои иштирок дар ҳама марҳилаҳои мурофиа, ҳузур дар суд ва ҳимояи зерҳимояи худ ваколатдор аст, метавонад мувофиқ бошад.

**Information about the author:** ***Komilbek Amid Yorbek*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Political Science, Associate Professor, Vice-Rector for Science and Innovation. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosira street, 33. Phone: **(+992) 935-57-58-55.** E-mail: **amid.komilbek@mail.ru**

УДК: 321.022

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ: МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ОН

*Шоҳрухи Саидҷаъфар*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Тули ду даҳсолаи охир масъалаи ваҳдати миллӣ ва хусусиятҳои муҳимми он аз ҷониби муҳаққиқони дохилию хориҷӣ бо дарназардошти самтҳои муҳимтарини идеологияи давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар робита бо шарту шароити мамлакати мушаххас моҳияти масъалаи мазкур баррасӣ гардида истодааст. Ҳатто, вобаста ба моҳияти падидаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ, неруҳои мухталиф ва қишрҳои гуногуни ҷомеа мафҳумҳои «ваҳдат», «ягонагӣ», «якдилӣ», «муттаҳидӣ», «сулҳу субот» ва монанди инҳо истифода бурда шудаанд.

Омӯзиши таърихи инсоният нишон медиҳад, ки муттаҳид гардидани одамон ҳамчун воситаи хубтару беҳтар таъмин намудани бехатарии онҳо ва шарту шароити ҳимояи манфиатҳои умумӣ ба шумор меравад. Дарки амният аз ҷониби одамон, ташаккулёбии ҷаҳонбинии онҳо дар бораи амният ва таъмини амнияти миллӣ ҳамчун раванди бошууронаи фаъолияти сиёсию ҷамъиятӣ марҳила ба марҳила амалӣ шудааст. Дар ин радиф, ҳаёти дастаҷамъӣ ва таъмини амният тадриҷан ба яке аз талаботҳои муҳимтарини ҳаёти инсонӣ табдил ёфтаанд. Кӯшиши қонеъ намудани ин талабот мардумро муттаҳид намуда, минбаъд сабаби ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни сохторҳои қудратӣ, ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ гардидааст. Ҳатто таъсиси СММ низ бо масъалаи таъмини сулҳу субот ва амнияти башарият асоснок карда мешавад. Мавриди зикр аст, ки яке аз шартҳои асосии таъмини амнияти миллӣ ва ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат низ аз ваҳдати миллӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ вобаста мебошад, ки зарурияти омӯзиши он ба вазъи дохилии ҳар як кишвар вобастагӣ дорад [12,с.5].

Аз ин рӯ, иттиҳод ва ё ваҳдати одамон, пеш аз ҳама, падидаи иҷтимоию сиёсӣ буда, барои аъзоёни як умумият арзиши муҳими ҳаётӣ дорад. Ташаккулёбии ваҳдати миллӣ ҳамчун шакли мураккаби иттиҳоди одамон баъди пайдоиши аввалин миллатҳо оғоз гардида, то ба имрӯз марҳилаҳои гуногун ва шарту шароитҳои мухталифи рушду инкишофро тай намудааст. Дар замони муосир одамон дар заминаи пос доштани арзишҳои таърихӣ ва эҳтиром гузоштан ба онҳо умумияти мушаххасро ташкил медиҳанд.

Пеш аз оне, ки вобаста ба масъалаи мазкур андешаҳои муҳаққиқон баён гардад, моҳияти ваҳдатро дар луғатномаҳо дида мебароем. Дар маъруфтарин луғатҳо, ба монанди «Ғиёс-ул-луғот», «Мунтахаб-ул-луғот», «Чароғи ҳидоят», «Фарҳанги Амид» ва «Фарҳанги форсӣ» зикр шудааст, ки мафҳуми «ваҳдат» калимаи арабӣ буда, маънои воҳид ва ягонагиро ифода менамояд [7,с.171-172]. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳуми «ваҳдат» дар маъноҳои «ягонагӣ, сарҷамъӣ, муттаҳидӣ» [23,с.271] ифода карда шудааст. Дар фарҳанги мазкур ҳамчун намуна мафҳуми «ваҳдати маънавӣ» чун ягонагӣ аз ҷиҳати фикру ақида ва як будани мафкура муаррифӣ мешавад [23,с.271]. Дар Энсиклопедияи миллии тоҷик мафҳуми «ваҳдат» дар мазмуни динию ирфонӣ ифода гардида, ҳамчун «ягонагӣ ва вуҷуди ҳақ» муаррифӣ гардидааст. Аммо мафҳуми «ваҳдати миллӣ» бошад, хеле васеъ тавсиф ёфтааст, ки онро ҳамчун асоси шарҳи назариявии ин масъала қабул намудан мумкин аст. Дар Энсиклопедияи мазкур қайд мегардад, ки «ваҳдати миллӣ фаъолияти ягонагии ниҳодҳои мухталифи иҷтимоӣ ва давлатӣ, сатҳи баланди худшиносӣ ва робитаи шаҳрвандон бо давлат, низоми мавҷудаи арзишҳо ва ормонҳост. Ваҳдати миллӣ ҳамчун қисми ҷудонопазири шуури ҷамъиятӣ ва ғояи меҳварии суботи сиёсӣ дар доираи манфиатҳои шахс, давлат, ҷомеа ва табиат ташаккул ёфта, асоси онро умумияти арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, динӣ ва ғ. ташкил менамоянд» [27,с.558].

Дар луғатҳои русӣ баъзан дар мазмуни маҳдуд моҳият ва хусусиятҳои ваҳдати миллӣ ва муттаҳидшавии миллат нишон дода шудааст. Масалан, дар Луғати мафҳумҳои лингвистӣ зери таҳрири Т.В. Жеребило гуфта мешавад, ки «ваҳдати миллӣ раванди рушду инкишоф ва ташаккулёбии миллат мебошад, ки дар заминаи мавҷудияти ҳудуд, алоқаҳои фарҳангӣ, забонӣ ва этникӣ ба амал меояд» [4,с.225]. Дар Луғати мафҳумҳои сотсиологӣ низ чунин мазмун такрор меёбад. Аммо муаллифони ин луғат дар шарҳи мазмуни ваҳдати миллӣ иловатан қайд менамоянд, ки ташаккулёбии ваҳдати миллӣ дар шароитҳои

мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ба амал меоянд, ки дар ниҳоят ба ташаккулёбии умумияти забон ва рушди забони адабию давлатӣ оварда мерасонад [17,с.156]. Инчунин бояд қайд намуд, ки дар луғатҳои англисӣ низ то андозае ба масъалаи ваҳдат таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Дар луғатҳои англисӣ одатан мафҳуми лотинии «consolido» дар шакли «consolidation» истифода гардидааст, ки мазмунаш муттаҳидшавӣ, иттиҳод, ягонагию якдилӣ ва устуворӣ мебошад.

Мафҳуми ваҳдат баъд аз пайдо шудани давлати миллӣ хосияти илмӣ пайдо намуд. Бо ташаккулу инкишоф ёфтани мафкураи инсон ва ба хотири ба танзим даровардани муносибатҳо ва ҳалли мушкилиҳои ҷомеа механизме лозим буд, ки ин масъалаҳоро бартараф намояд. Механизме, ки талаботи ҷомеаи муосирро қонеъ мегардонид, ваҳдат буд.

Бояд гуфт, ки дар аксар маврид масъалаи ваҳдати миллӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ бо дарназардошти равандҳои иҷтимоӣ, ҳаракатҳои миллӣ ва махсусан дар алоқамандӣ бо масъалаҳои ҷудогонаи амнияти миллӣ баррасӣ мегардад. Дараҷаи омӯзиши масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки дар илмҳои сиёсӣ омӯзиши масъалаи ваҳдати миллӣ равияи нав мебошад. Ҳарчанд, дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбии афкори сиёсӣ мутафаккирони гуногун ва арбобони сиёсӣ роҳу воситаҳои таъмин намудани ваҳдати сиёсӣ ва ягонагии давлатиро баррасӣ намуда бошанд ҳам, асосҳои назариявию методологии ин масъала тули солҳои охир аз ҷониби муҳаққиқони замони муосир мавриди омӯзиш қарор гирифта истодааст. То пайдоиши давлатҳои миллӣ вобаста ба ин масъала мафҳумҳои ваҳдати этникӣ ва ваҳдати сиёсӣ истифода мегардид. Аммо баъди пайдо гардидани миллатҳо ва давлатҳои соҳибистиқлоли миллӣ мафҳумҳои ваҳдати миллӣ, ягонагии миллӣ ва муттаҳид намудани миллат мавриди истифода қарор гирифт. Албатта, ёдовар шудан бамаврид аст, ки фаҳмиши миллат ва шарҳи мухталифи мазмуни миллат ба мазмун ва мундариҷаи ваҳдати миллӣ таъсири худро мерасонад. Аммо дар шароити муосир миллат ҳамон умумияте мебошад, ки дар ҳудуди муайян ва дар ҷомеаи мушаххас умр ба сар мебарад ва тақдири он дар дасти давлати мутамаркази соҳибистиқлол аст. Масъалаи муайян намудани фаҳмиши миллат баҳси дигар аст ва дар доираи таҳқиқоти алоҳида бояд баррасӣ шавад. Ин ҷо таъкид бояд кард, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои миллӣ сохтори сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат бояд ба инобат гирифта шавад. Махсусан, ба инобат гирифтани сохтори конститутсионии давлат ва сохтори сиёсии мамлакат хеле муҳим аст. Мо низ дар таҳқиқи масъалаи ваҳдати миллӣ сохтори демократии давлату мамлакатро ба инобат гирифта, бо дарназардошти системаи сиёсии кишвар онро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаем.

Дар омӯзишу баррасии масъалаи ваҳдати миллӣ олими испаниягӣ Хосе Ортега-и-Гассет (1883-1955) саҳми арзанда гузоштааст. Аммо бояд гуфт, ки таҳқиқоти ӯ дар самти омӯзиши ин масъала бо дарназардошти ҷомеаҳои полиэтникӣ сурат гирифтааст. Мушоҳида намудан мушкил нест, ки дар даврони зиндагии ӯ аввалин давлатҳои миллӣ дар марҳилаҳои аввали рушду инкишоф қарор доштанд ва аз ин рӯ, масъалаи ваҳдати миллӣ низ дар ин гуна ҷомеаҳо бо масъалаҳои этникӣ робитаи зич дошт. Қобили зикр аст, ки дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар ҳар як мамлакат манзараи полиэтникиро дар шаклҳои гуногун мушоҳида намудан мумкин аст. Чунин манзара марҳила ба марҳила дар раванди ташаккулёбии ваҳдати миллӣ ва муттаҳидшавии ҷомеа, инчунин дар зери таъсири омилҳои мухталиф мазмун ва мундариҷаи худро тағйир медиҳад. Бо дарназардошти чунин вазъият Хосе Ортега-и-Гассет қайд менамояд, ки «ягонагии миллат , дар навбати аввал, ба воситаи ба роҳ мондани алоқаҳои зич дар миёни гурӯҳҳои сиёсӣ ва этникӣ таъмин карда мешавад. Он миллатҳое, ки барои фардои худ барномаҳои сиёсӣ доранд, метавонанд мавҷудияти худро нигоҳ доранд ва сатҳу сифати рушду инкишофашонро дар оянда таъмин созанд» [24,с.152]. Аз андешаҳои Хосе Ортега-и-Гассет ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳимояи миллат аз таҳдиду хатарҳо имкон медиҳад, киояндаи миллат ҳимоя гардад. Ба андешаи мо, парокандагии миллӣ, ба қисмҳои мухталиф ҷудо гардидани миллат ва дар миёни онҳо мавҷуд будани андешаҳои хилофи якдигар метавонад барои ояндаи имрӯзу фардои давлату миллат таҳдиди воқеӣ бошад. Хосе Ортега-и-Гассет вобаста ба ташаккулёбии ваҳдати миллӣ андешаҳои хеле ҷолиб пешниҳод намудааст. Ӯ раванди ташаккулёбии миллатҳои аврупоиро баррасӣ намуда, дар ин раванд се марҳилаи муҳимро нишон додааст:

1. муттаҳид намудани гурӯҳҳои этникие, ки аз лиҳози забонӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ бо ҳам умумияти зиёд доранд;

2. муттаҳид намудани гурӯҳҳо ва неруҳои сиёсӣ;

3. таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ [24,с.156].

Чунин навъи баррасӣ нисбат ба раванди ташаккулёбии миллат бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ танҳо дар шароити мавҷудияти ваҳдати миллӣ ва муттаҳид гардидани қишрҳои гуногун ва гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа имконпазир мегардад. Хосе Ортега-и-Гассет низ муттаҳид намудани ҷомеаро дар навбати аввал қарор додааст.

Омӯзиш ва баррасии ваҳдати миллӣ ва ваҳдати сиёсӣ дар нимаи дуюми асри XX тобиши нав пайдо менамояд. Дар ин давра зиёд гардидани шумораи муҳаққиқони ин масъала ба мушоҳида мерасад. Аммо таҳлилу омӯзиши асарҳои олимони мазкур нишон медиҳанд, ки онҳо бештар ваҳдати миллиро бо ваҳдати сиёсӣ омезиш дода, дар якҷоягӣ шарҳ додаанд. Сабаби чунин тарзи баррасӣ бо он алоқаманд аст, ки дар Аврупо ва Амрико дар ин давра аллакай миллат ҳамчун категорияи сиёсӣ тасаввур гардида, дар раванди демократикунонии ҷомеа нақши меҳвариро иҷро менамуд. Бесабаб нест, ки дар ин давра ҳатто мафҳуми ваҳдати демократӣ низ истифода гардидааст, ки мақсад аз ташаккули ин навъи ваҳдат хубтару беҳтар намудани рушди ниҳодҳои демократӣ мебошад. Вобаста ба омӯзиши ин масъала сиёсатшиноси машҳури амрикоӣ Филипп Шмиттер мафҳуми «консолидология», яъне ваҳдатшиносиро мавриди истифода қарор медиҳад ва иброз медорад, ки он дар таркиби илмҳои сиёсӣ метавонад самти мустақили ин шохаи илм бошад. Ф.Шмиттер объект ва субъекти ваҳдашиносиро муайян намуда буд. Ба ақидаи ӯ, шаклҳои гуногуни ваҳдат, аз ҷумла, ваҳдати миллӣ, ваҳдати иҷтимоӣ, сиёсӣ, этникӣ ва ғ. ба сифати объекти омӯзиши ин фан метавонанд баромад намоянд. Ӯ субъектҳои ваҳдатшиносиро ба таври зерин муайян намудааст: шахсони алоҳида, гурӯҳҳои манфиатдор, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ниҳодҳои сиёсӣ, миллӣ ва ҷамъиятӣ. Инчунин, омӯзиши раванди таҳкими системаи сиёсии ҷомеа, ки мавҷудият ва рушду инкишофи мамлакат аз он вобаста аст, предмети ваҳдатшиносӣ бояд бошад. Ф.Шмиттер қайд менамояд, ки «дар ояндаи наздик ваҳдатшиносӣ ба равияи мукаммали назариявие табдил меёбад, ки барои амалияи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ аҳамияти зиёд дорад. Аз ҷумла, дар доираи таҳқиқоти ин соҳаи илм як қатор масъалаҳое, ки бо демократикунонӣ ва таҳкими системаи сиёсии демократӣ алоқамананд, дар сатҳи зарурӣ ҳаллу фасл мегарданд» [26]. Бояд гуфт, ки дар атрофи масъалаи ваҳдати миллӣ олимони хориҷӣ андешаҳои гуногун баён намуда истодаанд, аммо фарогирии масъалаҳои таҳқиқоти онҳо хеле маҳдуд мебошанд, аз ҷумла дар аксар маврид дидан мумкин аст, ки масъалаи ваҳдати миллиро онҳо дар заминаи гузариш ба ҷомеаи демократӣ ва дар алоқамандӣ бо демократикунонии ҷомеа шарҳ додаанд. Аз ҷумла, андешаҳои Ф.Шмиттер низ ба ин гурӯҳи таҳқиқот дохил мешаванд.

Ҳамзамон, муҳаққиқи украинӣ Лутсишин Г. вобаста ба моҳияти ваҳдати миллӣ андешаронӣ намуда, иброз медорад, ки «ваҳдат ва муттаҳидшавӣ яке аз нишонаҳои муҳимтарини давлати ташаккулёфта ва заминаи муҳимтарини мавҷудияти миллатҳои замони муосир мебошад, ки танҳо ба воситаи он таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули миллати сиёсию шаҳрвандӣ имконпазир аст. Ваҳдати миллӣ дар мазмуни васеъ сатҳу сифати давлатдориро муайян намуда, дар арсаи байналмилалӣ рақобатпазирии миллатро таъмин менамояд ва аз ин рӯ, барои давлатҳои замони муосир масъалаи хеле муҳим ва ҳатто зарурӣ ба шумор меравад» [8,с.34]. Ғайр аз ин, ӯ қайд менамояд, ки «ваҳдати миллӣ шарту шароите мебошад, ки доимо асоси давлатдории миллӣ ва ҳаёти миллию сиёсии ҷомеаро ташкил медиҳад» [8,с.34].

Муҳаққиқи дигари украинӣ Майноуг К. ваҳдати миллиро яке аз марҳилаҳои рушди миллат муаррифӣ намудааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ дараҷаҳои рушди миллатро ба таври зерин нишон додааст:

1. Бедоршавии миллат (марҳилае мебошад, ки дар он миллат худро ҳамчун умумият мешиносад, аз ҷониби намояндагони миллат ҷустуҷӯи ҳувияти миллӣ оғоз мегардад, эҳёи фарҳанги миллӣ оғоз мегардад, бузургдошти забон ба амал меояд).

2. Мубориза барои истиқлолият, махсусан барои истиқлолияти том (ба даст овардани истиқлолият ҳанӯз маънои истиқлолияти пурраро надорад ва истиқлолияти том

ба воситаи рушду инкишоф ба даст меояд, амалӣ гардидани мақсадҳо ва ормонҳои миллӣ дар шароити коҳиш ёфтани вобастагии хориҷӣ ба амал меояд).

3. Муттаҳдшавии миллат ё худ ваҳдати миллӣ (баъди ба даст овардани истиқлолият дар аксар маврид ба давлатҳои соҳибистиқлол хатари аз байн рафтан таҳдид менамояд. Бинобар ин, муттаҳидшавӣ ва устуворнамоӣ муҳимтарин раванде мебошанд, ки барои бақои миллату давлат анҷом дода мешаванд) [9,с.150].

Омӯзиш ва баррасии ваҳдати миллӣ аз ҷониби олимони ватанӣ дар самтҳои гуногун ва дар сатҳҳои гуногун анҷом дода шудаанд. Чунончи, ҷомеашиноси шинохтаи ватанӣ Шоисматуллоев Ш. роҷеъ ба ин масъала андешаронӣ намуда, иброз медорад, ки «ваҳдату ягонагии миллиро набояд ҳамчун азбайнравӣ ва баробарсозии фарқиятҳо фаҳмид. Ин, пеш аз ҳама, пайвастшавии монандӣ ва фарқият, умумият ва махсусият мебошад, ки ба таҳкими умумият, эътироф гаштани махсусият, ба дастоварии ваҳдати фарқиятҳо оварда мерасонад» [25,с.264]. То як дараҷаи муайян бо андешаҳои мазкур розӣ шудан мумкин аст. Зеро кам нестанд ҳолатҳое, ки дар он аз байн бурдани фарқиятҳо ва якрангу якнавохт намудани одамон ҳамчун зуҳуроти ваҳдати миллӣ дониста мешавад. Андешаҳои Шоисматуллоев Ш. ба он хотир ҷолиби диққатанд, ки ӯ бори аввал мафҳуми «ваҳдати фарқиятҳо»-ро истифода намуда, пайвастшавии монандӣ ва фарқият, умумият ва махсусиятро ҳамчун шарти муҳимми ваҳдати миллӣ муаррифӣ намудааст.

Як қатор муҳаққиқон ҳангоми баррасии моҳияти ваҳдати миллӣ онро бо масъалаҳои ифтихори миллӣ ва худшиносии миллӣ алоқаманд намудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик Табаров Н.Х. қайд менамояд, ки «омили эҷодкунандаи ваҳдати миллӣ ифтихори миллӣ буда, асоси ифтихори миллӣ худшиносии миллист, ки дар заминаи хотираи таърихӣ сурат мегирад» [21,с.410]. Дар чунин шароит ифтихори миллӣ заминаи асосии ташаккулёбии ваҳдати миллӣ ба шумор рафта, таҳкими он низ дар оянда аз чигунагӣ ва сатҳу сифати ифтихори миллии шаҳрвандони мамлакат вобаста мегардад. Воқеан ҳам, ифтихор аз миллату меҳан, дар ҳама сатҳ ва дар ҳама ҷо эътироф намудани мансубияти миллию шаҳрвандии худ, дараҷаи баланди шуури миллӣ ва худшиносии миллӣ имкон медиҳанд, ки ташаккулёбии ваҳдати миллӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Зеро «ваҳдати миллӣ ё ягонагии миллӣ ин худро ба сифати як ҷузъи миллат амиқан дарк кардан, ҳифзи онро вазифаи шахсии худ ва тамоми ҷомеа донистан, дар роҳи татбиқи марому мақсадҳои миллат саъй кардан аст. Чунин эҳсос бояд дар замири ҳар як сокини мамлакатамон, сарфи назар аз мансубияти милливу мазҳабӣ ҷой дошта бошад ва барои ташаккули ифтихори ватандории онҳо мусоидат намояд» [18].

Баъзан моҳияти ваҳдати миллӣ бо дарназардошти масъалаҳои психологияи миллӣ, умумияти марому мақсад ва идеалҳои миллӣ шарҳ дода мешавад. Ҳатто пойдории ваҳдати миллӣ ва мавҷудияти он аз масъалаҳои мазкур вобаста дониста мешавад. Чунончи, Ғафворова М. дар ин маврид қайд менамояд, ки «ваҳдати миллӣ дар заминаи ягонагии афкору психологияи миллӣ ва ваҳдати байни миллатҳо дар заминаи умумияти марому мақсад ва идеали онҳост» [2,с.89]. Воқеан ҳам психологияи миллӣ дар самти таҳкими ваҳдати миллӣ нақши муҳим мебозад. Зеро эҳсоси хушбахтӣ, орзуи ояндаи дурахшон, бахту иқболи баланд, ифтихор аз давлату кишвар доимо шаҳрвандони мамлакатро раҳнамоӣ менамоянд ва барои расидан ба чунин идеал низ талош варзидан яке аз самтҳои афзалиятноки стратегияи давлатӣ бояд бошад.

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки аксари муҳаққиқон дар атрофи ваҳдати миллӣ андешаронӣ намуда, бештар онро ҳамчун арзиши бебаҳо ва муҳимтарин заминаи рушди минбаъдаи мамлакат донистаанд. Дар чунин шароит гуфтан мумкин аст, ки диққати олимону муҳаққиқонро бештар аз ҳама на моҳият, мазмуну мундариҷаи ваҳдати миллӣ, балки аҳамияти он барои ҷомеа ва мамлакат, зарурияти он барои таъмини рушди минбаъдаи кишвар ҷалб намудааст. Масалан, муҳаққиқи ватанӣ Ятимов А.Т. иброз медорад, ки «ваҳдати миллӣ на танҳо асоси оромию осудагии халқ, балки кафолати инкишофи давлат ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа мебошад» [29,с.115]. Албатта, маълум аст, ки барои ҳар як ҷомеа ва давлат оромию осудагии халқ хеле муҳим ва зарурӣ аст ва инчунин инкишофи давлат ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа низ яке аз ҳадафҳои асосии дилхоҳ кишвар мебошад. Аз ваҳдати миллӣ вобаста намудани амалишавии ҳадафҳои мазкур, ки хеле муҳиманд, аҳамияти ваҳдатро боз ҳам боло мебарад. Мутаассифона, аз гуфтаҳои боло моҳияти ваҳдати миллиро мушоҳида намудан

ва ҳатто муайян кардан каме мушкил аст. Ба ҳамин монанд, файласуфи шинохтаи ватанӣ Идиев Х.У. низ андешаҳои худро иброз намуда, қайд менамояд, ки «ваҳдат яке аз омилҳои таъмини устувории низоми ҷамъиятӣ ва сафарбарнамоии мақсадноки аъзоёни ҷомеа барои ноил омадан ба ҳадафҳои умумии инкишоф маҳсуб мешавад» [5,с.12]. Баъзе муҳаққиқон ваҳдати миллиро бо раванди таърих, рисолати таърихии халқ, симои маънавию ахлоқии он вобаста намуда, дар чунин шакл моҳияти онро шарҳ додаанд. Чунончи, «ваҳдати миллӣ асолати маънавию ахлоқии халқ, симои дурахшони таърихӣ ва рисолати зиндагисози фарҳангофаринии мардум мебошад» [28,с.457]. Таърифи мазкур низ моҳияти ваҳдати миллиро ифода карда наметавонад. Зеро ин падида, на танҳо рисолати таърихию фарҳангӣ, асолати маънавию ахлоқии халқ аст, балки дар он ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ низ ҷойгир аст, ки чунин масъалаҳо ба рушди имрӯза ва ояндаи кишвар рабт доранд.

Инчунин, ваҳдати миллӣ ҳамчун заминаи муҳимми рушди минбаъдаи мамлакат ва кафили сулҳу субот як қатор равандҳои дигарро метавонад дар худ нигоҳ дорад. Пеш аз ҳама, мавҷудияти заминаҳои ташаккулёбии ваҳдати миллӣ ва омилҳои таъсиррасон ба ин раванд метавонанд муҳимтарин масъалаҳои раванди ваҳдатофарӣ ва ё ваҳдатсолорӣ муаррифӣ гарданд. Бояд гуфт, ки барои ба даст овардану ташаккул додани ваҳдати миллӣ ва таҳкими минбаъдаи он заминаҳои муҳим ва шароити мувофиқ зарур аст. Ба андешаи донишманди тоҷик Муҳаммад А.Н., дар Тоҷикистон барои ба даст овардани ваҳдати миллӣ омилҳои зерин мусоидат намудаанд: «якум, вазъияти иҷтимоию сиёсии Тоҷикистони тозаистиқлол. Яъне, хатари бо дахолати аҷнабиён ва душманони таърихии миллати тоҷик аз байн бурдани давлати тоҷикон ва пароканда кардани миллати тоҷик вуҷуд дошт. Маҳз дарки ҳамин вазъият тарафҳои мухолифро дар Тоҷикистон ба мизи музокирот кашид, ки натиҷаи он ваҳдати миллӣ аст. Дувум, омили ба ваҳдати миллӣ мусоидаткунанда мавҷудияти фарҳанги ғанию таҷрибаи таърихии давлатдории тоҷикон буд. Чун тарафҳои мухолиф хатари аз байн рафтани давлати тоҷиконро дарк карданд, бешубҳа, метавон гуфт, ки бе давлати хеш мондани чунин як миллати таърихан соҳибдавлатро ор донистанд. Ин омиле буд, ки боиси бедор кардани худшиносию ғурури миллӣ гардид» [13,с.53].

Бояд гуфт, ки раванди ташаккулёбии ваҳдати миллӣ дар кишвари мо саҳифаҳои хеле рангину ҳузнангезро дар бар мегирад. Зеро зарурати ба даст овардани он ва ташаккули минбаъдаи ваҳдат зарурати давру замон маҳсуб ёфта, мамлакатро бояд аз вартаи ҳалокат мераҳонид. Бинобар ин, олимону муҳаққиқони варзида ва арбобони илму фарҳанги кишвар бо дарназардошти равандҳои пурпечутоби воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон ба ваҳдати миллӣ ва муҳиммияти он баҳои воқеӣ додаанд. Чунончи, яке аз донишмандони шинохтаи тоҷик Тағой Раҳмон, ки худ дар раванди барқарорсозии сулҳу субот Тоҷикистон бевосита ширкат варзидаасту шоҳиди воқеаҳои зиёди сиёсӣ мебошад, раванди ташаккулёбии ваҳдати миллиро ба таври зерин шарҳ додааст: «Ваҳдати миллӣ зина ба зина баробари аз ҳолати муқовимати мусаллаҳона рӯ ба оромӣ нигаронидану гом ниҳодани ҷомеа оғоз гардида, тақвият ёфта, дар устувор гардидани иттиҳоди тамоми қавму миллатҳои сокини кишвар таъсири мусбат расонида, бо дарназардошти аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ пайдо кардани он, бо ҳусну тафоҳуми байни қишрҳои мухталифи фаъолиятдошта таъсири мусбат мерасонад» [15,с.164].

Зарурият, аҳамият ва муҳиммияти ваҳдати миллӣ дар суханрониҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле хуб нишон дода шудаанд. Чунончи, Сарвари давлат соли 2002 ҳангоми суханронӣ намудан ба муносибати 5-солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ чунин қайд намуда буданд: «Сулҳу ваҳдат аз ҷумлаи арзишҳои бебаҳоест, ки башарият дар тӯли таърихи дурударози худ эҷод кардааст ва ҷавҳари онро заковати мардуме ташкил мекунад, ки соҳиби хирад ва фарҳанги қадимаву инсондӯстона аст. Фақат чунин мардум қодир аст, ки ҳама гуна мухолифат ва низоъро бо роҳи музокирот, яъне эҳтироми ақидаҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоии баъзан зидди ҳамдигар, пеш гирифтани сиёсати гузашт ва муросо ҳаллу фасл намояд» [19].

Баъзе муҳақиқон ваҳдати миллиро каме васеътар шарҳ дода, рушди ниҳодҳои демократӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандиро аз он вобаста намудаанд, ки дар чунин шароит арзиши он боз ҳам болотар меравад. Масалан, Қурбон Восеъ дар яке аз

баррасиҳои худ иброз медорад, ки «ваҳдати миллӣ институти ҷомеаи шаҳрвандиро ба бор меорад, ки нақши оила, падару модар, мактабу маориф, аҳзоби сиёсиву ҷамъиятӣ ва дигар созмонҳову ҳаракатҳо, халқиятҳову миллатҳои маскуни мамлакат аз ин падидаи манфиатовари мафкуравӣ баробар истифода мебаранд» [6,с.242]. Дар маҷмуъ, таҳлили чунин баррасиҳо нишон медиҳад, ки рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз пойдории ваҳдати миллӣ ва сатҳу сифати он вобаста мебошад. Ҳатто рушди ояндаи мамлакат ва шарту шароити пешрафти ҷамъиятӣ низ аз ваҳдати миллӣ вобастагӣ дорад. Президенти мамлакат низ дар яке аз суханрониҳои худ вобаста ба ин масъала андешаронӣ намуда, иброз медорад, ки «ваҳдати миллӣ на танҳо асоси оромиву осудагии халқ, балки кафолати инкишофи давлат ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа мебошад» [20].

Дар таҳқиқоти як қатор олимони ватанӣ ваҳдати миллӣ бақои миллату давлат ва наҷоти кишвар аз ноорромиҳо дониста мешавад. Чунончи, роҷеъ ба ин масъала донишманди тоҷик Олимов К. чунин ибрози андеша намудааст: «Ваҳдати миллӣ баёнгари ирода ва орзую омоли деринаи миллати тоҷик будааст, ки баъд аз садсолаҳо таърих дубора онро ба ин сарзамин эҳдо кардааст. Аз ин рӯ, ҳифзи Ваҳдати миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ имтиҳони нави таърих барои мавҷудияти миллати тоҷик аст» [14,с.23]. Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавҷудияти миллати тоҷик аз ваҳдати миллӣ вобаста карда шудааст. Бинобар ин, бешакку шубҳа дар ин гуфтор ваҳдати миллӣ ҳаммаънои сулҳу субот ва устувории мамлакат дониста мешавад.

Дар миёни олимону донишмандони ватанӣ падидаи ваҳдати миллӣ маҳсули ақлу хирад, дастоварди беназири инсоният ва арзиши миллӣ дониста мешавад. Чунончи, ба андешаи Маҳмадов А.Н., «ваҳдат падидаи созандаест, ки маҳсули тафаккури инсонӣ ва ақлу хиради солим буда, инъикосгари пирӯзии рӯшноӣ бар зулмот, некӣ бар бадӣ ва мушахассан, пирӯзии ақл бар ҳиссёт мебошад» [11,с.145]. Воқеан ҳам, ваҳдат рамзи воқеӣ ва ҷавҳари фалсафаи сулҳофарӣ, фарҳангсолориву таҳаммулпазирии миллӣ ва таҷассумгари иттиҳоду ҳамбастагии тамоми мардум мебошад. Он арзишест, ки миллатро аз ҳалокат нигоҳ дошта, ба сӯйи ояндаи дурахшон раҳнамун менамояд ва рукнҳои давлатдорию низоми ҳуқуқиро дар мамлакат таҳким мебахшад.

Албатта, ваҳдат ба созиши миллӣ вобастагии зич дорад. Дар ҷаҳони муосир мамлакатеро пайдо намудан ғайриимкон аст, ки аҳолии он танҳо аз намояндагони як миллат иборат бошад. Дар чунин шароит давлатро лозим меояд, ки барои муттаҳид намудани онҳо дар шакли як умумияти миллию сиёсӣ чораҳои зарурӣ ва дахлдор андешад. Чунин ҳолатро муҳаққиқи ватанӣ Давлатов Н. хеле хуб нишон додааст. Ба андешаи ӯ, «ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, ягонагии тамоми кишвар, ниҳодҳо ва неруҳоеро дар назар дорад, ки дар ҳудуди зисти ин ё он миллат фаъолият менамоянд» [3,с.212].

Аз таҳлилҳои боло маълум мегардад, ки ваҳдат арзиши муқаддас ва шарту шароити амалишавии ҳадафҳои стратегии дилхоҳ давлату миллат ба шумор меравад. Дар ҳаёти ҷамъият арзишҳои муқаддас кам нестанд ва ҳар чизеро, ки инсон муқаддас медонад, вобаста ба тавоноиву қудрати худ ҳифз менамояд. Барои давлат низ як қатор арзишҳои муқаддас мавҷуданд, ки ваҳдати миллӣ яке аз онҳост. Бинобар ин, таҳкими ваҳдати миллӣ, ташаккулёбии он ва устувории пояҳои он аз сиёсати пешгирифтаи давлат ва ҳадафҳои стратегии он вобаста мебошад. Рушду пешрафти ҷомеа аз он шаҳодат медиҳад, ки ваҳдат ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ вобаста ба сохти давлатдорӣ, муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ ташаккул ва рушд мееёбанд. Бояд тазаккур дод, ки устувории ваҳдат бештар ба иқтисодиёти рушдёфта вобастагӣ дорад. Зеро дар ҷомеаи муосир давлате, ки иқтисодиёти тараққикарда дорад, нуфуз ва обрӯяш дар ҷомеаи ҷаҳонӣ баланд мебошад.

Ваҳдат дар сурате бегазанду абадӣ мемонад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар манфиатҳои миллиро аз ҳама манфиатҳои дигар боло гузорад, барои иттиҳоду ягонагии ҷомеа талош намояд, ба қадри сарзамини аҷдодии хеш расад ва онро чун модари худ азизу муқаддас шуморад.

Зарурат ва аҳамияти бузурги ваҳдат махсусан дар давраи соҳибистиқлолии кишвар эҳсос мешавад. Зеро соҳиб шудан ба истиқлолият барои ҳар як халқу миллат кори осон нест, вале муҳофизат ва ҳимояи он мушкилтар аз он аст. «Истиқлолият неъмати бузургест. Вай бунёд ниҳодани пояҳои устувори давлатдорӣ, тоб овардан ба имтиҳони душвори ҳаёти мустақилона, ба роҳ мондани иқтисодиёти муосир ва устувор нигоҳ доштани

давлати демократиро дар назар дорад» [1,с.27]. Роҳи расидан ба истиқлолият ва ваҳдат шояд дар тасаввур осон намояд, вале ҳаёт нишон медиҳад, ки ҳифзи истиқлол ва ваҳдат аз ҳар як сокини кишвар ҷаҳду талошҳои зиёд, маърифатнокӣ ва фарҳанги сиёсии волоро тақозо менамояд.

Чи гунае ки дар боло қайд намудем, ваҳдати миллӣ падидаи иҷтимоию сиёсӣ буда, рушди ояндаи мамлакат ва бақои давлату миллат аз он вобаста мебошад. Ваҳдати миллӣ барои ҳар як миллат хеле арзишманд буда, ба оромию сулҳу салоҳ вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, истиқлолият ва фазои солими ҷомеа барин арзишҳои олӣ вобастаи ваҳдати миллӣ буда, ниёзмандии хешро нисбат ба таҳкими он зоҳир менамоянд. Воқеан ҳам, ваҳдати миллӣ падидаи мураккаби иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Он амалҳо ва шаклҳои мухталифи фаъолияти одамонро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ фаро мегирад. Мақсади асосии ваҳдати миллӣ хотима додани низои байнимиллӣ, дохилимиллӣ, дохилидавлатӣ, байнидавлатӣ ва минтақавӣ мебошад. Нишонаи асосии ваҳдати миллиро бошад, муваффақ гаштан ба ризоияти ҷонибҳои низоъгар, оштии худудҳо, халқҳо ва кишварҳои мухталиф ташкил медиҳад. Ҳастӣ ва бақои ҳар як миллат аз ваҳдати миллӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, лозим меояд, ки ваҳдат тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирад. Ҷомеа бояд масъул ва вазифадор бошад, ки онро устувор нигоҳ дорад, зеро бе он ҳастии миллат ва давлат зери хатар ва шубҳаву ноумедиҳо мемонад.

Дар маҷмуъ, бе ягон мушкилӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки муҳаққиқони ватанӣ дар аксар маврид ваҳдати миллиро бо сулҳу суботи ҷомеа ҳамшабеҳ медонанд ва дар бисёре аз мавридҳо онро дар шакли «сулҳу ваҳдат» низ истифода менамоянд. Дар чунин шакл тасаввур гардидани ваҳдати миллӣ сабабҳои худро дорад. Ба олимони тоҷик аз он сабаб чунин шакли тафаккур хос аст, ки дар кишвари мо баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид ва тули даҳ сол кишварро нооромиҳо фаро гирифта буд. Барои сокинони мамлакат сулҳу субот чунин арзише ба шумор мерафт, ки он аз ҳама гуна арзишҳои дигар болотар меистод. Маҳз дар чунин шароит Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расида, ба ҷангҳои дохилӣ хотима бахшида шуд. Бинобар ин, робитаи сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар тафаккури олимони ватанӣ аз чунин вазъият ва шароит сарчашма мегирад.

Гузашта аз ин, дар давлатҳои ҷангзадаи олам, ба мисли Афғонистон низ ба масъалаи ваҳдати миллӣ аз лиҳози субот менигаранд. Масалан, муҳаққиқи афғон Файзуллоҳ Ҷалол моҳияти ваҳдати миллиро бо дарназардошти вазъияти иҷтимоию сиёсии Афғонистон шарҳ додааст. Ба андешаи ӯ, «ваҳдат ба ҳеҷ ваҷҳ маънии бартарии қавме бар қавми дигар набуда, ваҳдати миллӣ замоне амалӣ мегардад, ки ҳамагон дар пешгоҳи қонун дорои ҳуқуқи мусовӣ бошанд» [22,с.272]. Бояд гуфт, ки масъалаи қавмгароӣ ва низоъҳои қавмӣ яке аз масъалаҳои ҳасостарини ҷомеаи Афғонистон ба шумор меравaнд. Аз ин рӯ, бартарӣ додан ба ин ё он қавм, ба андешаи муҳаққиқ, ҳеҷ гоҳ ба ваҳдати миллӣ бурда намерасонад ва танҳо ҳуқуқу озодиҳои баробари онҳо дар назди қонун асоси ваҳдати миллӣ дониста мешавад. Аммо бояд дар назар дошт, ки «ваҳдати миллӣ пайвандгари роҳҳову қалбҳо ва арзишмандтарин дурест, ки бунёди он на ба ҳар миллату халқият мушарраф мегардад» [10,с.226].

Яке аз роҳу усулҳои таҳкими ваҳдати миллӣ дар шароити соҳибистиқлолии давлатӣ ин ташаккул додани идеяи миллӣ мебошад. Зеро «идеяи миллӣ нишондиҳандаи самтҳои асосии тараққиёти миллату кишвар аст, ки барои бунёди он бояд шаҳрвандон таваҷҷуҳ дошта бошанд. Ҳар он коре, ки барои пешрафти давлату миллат ба анҷом мерасонем, амалест, ки ба идеяи миллӣ омезиш ёфта, дурнамои муносибатҳои ватандориро муайян менамоянд. Идеяи миллӣ такягоҳи асосӣ ва иродаи матини давлату миллат аст» [16]. Бо дарназардошти ин, як зумра донишмандони ватанӣ масъалаи ваҳдати миллӣ ва таҳкими минбаъдаи онро ба сифати идеяи миллӣ муаррифӣ намудаанд, ки чунин андешаронӣ хеле бамаврид аст. Зеро ваҳдати миллӣ кафили сулҳу субот, шарту шароити ташкил намудани созандагию ободонӣ ва таъмин намудани рушду инкишофи ҷомеа ба шумор меравад. Барои ин лозим меояд, ки идеяи миллиро дар шуури мардум ҷо намуд. Идеяи миллӣ бештар ба захираҳои ақлонии миллӣ ва сарварони сиёсӣ вобастагӣ дорад, ки худи онҳо дар раванди таълиму тарбия ва идоракунии давлатӣ ибрати дигарон шуда, худшиносӣ ва худогоҳии миллиро ба зеҳну тафаккури мардум ҷой дода тавонанд. Дар ин раванд нақши сарварони сиёсии кишварҳо, пешво ва анъанаву суннатҳои миллӣ низ хеле бузург аст. Дар

баробари ин, қадр намудани арзишҳои миллию фарҳангӣ, ҳисси ватандӯстию ифтихори ватандорӣ, ки унсурҳои асосии рушд ва мавҷудияти истиқлолияти сиёсӣ ба шумор меравaнд, аз идеяи миллӣ сарчашма мегиранд. Маҳз идеяи миллӣ метавонд устувории истиқлолияти сиёсӣ ва ваҳдати миллиро дар давлат пурқувват намояд.

Мазмун ва моҳияти асосии идеяи миллӣ бештар дар идеологияи давлат ифода меёбад. Саволи мантиқие ба миён меояд, ки пайдоиши идеяи миллӣ, ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ ва шинохти муқаддасоти миллӣ аз куҷо сарчашма мегиранд? Албатта, аз сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ оғоз мегардад. Модоме ки дар давлат субот пойдор набошаду аҳолии мамлакат барои қонеъ намудани талаботи худ даст ба кирдорҳои ҷиноӣ занад, аз куҷо барои онҳо фикри идеяи миллӣ, худшиносии миллӣ ва ё мустаҳкамии ваҳдати миллӣ ба вуҷуд меояд. Аслан давлат вазифадор аст, ки барои рушду инкишоф додани миллат аз ҷиҳати мафкуравӣ бештар ҳолатҳои иҷтимоии онҳоро ба назар гирад. Зеро, агар давлат ҳолатҳои иҷтимоии шаҳрвандонро ба инобат гирад, ҳисси бегонапарастӣ ва таъсири одатҳои бегона ба онҳо кам мегардад.

Яқин аст, ки соҳибихтиёрии ҳар як кишварро асосан се арзиши муқаддас - истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдату ризоияти ҷомеа муайян месозад. Ин се арзиш шарти муҳимми тараққиёти ҷомеа мебошанд. Ваҳдати миллӣ, аз як тараф, ба ҳалли проблемаҳои дохилии кишвар мусоидат намояд, аз тарафи дигар, ҳалли низоъҳо ба таҳкими ваҳдати миллӣ сабаб мегардад. Ба назари тарафҳои моҷарогар бархӯрду фитнаҳо роҳи ҳалли проблемаҳои муосир нестанд ва танҳо идеологияи бардошт ва таҳаммул, ваҳдати воқеӣ ва сулҳи солим, ҳамдигарфаҳмӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо метавонанд барои аз байн бурдани кашмакашиҳову низоъҳои мавҷуда заминаи муфид бунёд кунанд ва барои наслҳои имрӯзу оянда ҳаёти озод аз нифоқу созишро таъмин намоянд.

Ба андешаи мо, ваҳдати миллӣ раванди мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ ва сиёсӣ-психологие мебошад, ки дар худ воситаҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Мақсади воситаҳои зикршуда хотима бахшидан ба муноқишаҳои дохилимиллӣ, байнидавлатӣ ва минтақавӣ, ором кардани ин ё он минтақа, бадастории ризоият миёни тарафҳои даргир, пеш аз ҳама, хотимабахшии амалиёти ҳарбии тарафайн ва истикрори сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Ин буд, ки соли 1988 дар иҷлосияи 41-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба даст овардани ризоияти миллӣ ҳамчун «модели базавии ҳалли низоъҳои дохилимиллӣ ва минтақавӣ» эътироф карда шуд.

Хулоса, ваҳдат ҳолати рушди муттаносиби тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, ки асоси онро якдилию ҳамрайъӣ, иттиҳоду ягонагӣ ташкил медиҳад. Дар ҳолати мавҷуд будани миллатгароии носолим, зуҳури маҳалгароӣ, таҳҳамулнопазирӣ, низоъҳо дар шаклҳои гуногун ва дигар амалҳои номатлуб ваҳдати миллӣ пойдор буда наметавонад.

Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки ваҳдати миллӣ ҳамчун объекти таҳқиқот ва хусусиятҳои муҳимми он асосан аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ бештар баррасӣ гардидаанд. Аммо таҳлилу баррасии андешаҳои онҳо нишон медиҳад, ки моҳияти ваҳдати миллӣ то ҳанӯз ба таври муфассал баён нагардидааст ва вобаста ба он таърифи ягона ба вуҷуд оварда нашудааст. Гурӯҳи аввали муҳаққиқон ваҳдатро ҳамчун арзиш нишон дода, расидан ба ҳадафҳои олии кишвар, таъмини рушди ояндаи мамлакат, таъмини сулҳу субот ва пойдории дигар арзишҳои муҳимми ҷамъиятиро аз он вобаста намудаанд. Гурӯҳи дуюми олимон омилҳоеро номбар намудаанд, ки таҳкими ваҳдати миллӣ аз онҳо вобаста буда, баъзан ин падида танҳо дар заминаи онҳо ташаккул меёбад. Аз қабили, ифтихори миллӣ, худшиносии миллӣ, психологияи миллӣ, ҳувияти миллӣ ва ғ. ба масъалаҳои мазкур мисол шуда метавонанд. Як гурӯҳ олимони дигар бо дарназардошти истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба баррасии ваҳдати миллӣ машғул гардида, асосан раванди ташаккулёбии онро шарҳу тавзеҳ додаанд. Дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки андешаҳои мазкур барои дарки моҳияти ваҳдати миллӣ хеле аҳамиятноканд, аммо ҳеҷ яки онҳо ба пуррагӣ мазмуну мундариҷаи ваҳдати миллиро ифода наменамоянд.

**Муқарриз: *Сафарализода Х.Қ.*- н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуфаттоҳ Ш., Садриддин Ш., Заробиддин Қ. Президент (Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ). – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 270 с.
2. Ғаффорова М. Шуури миллӣ ва ваҳдат // Назарияи ваҳдат. Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. Китоби 14. Қисми 1. – Душанбе: Дониш, 2012. – С.79-98.

3. Давлатов Н. Ваҳдати миллӣ – ваҳдати тамоми мардуми Тоҷикистон аст // Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. – Душанбе: Адиб, 2015. – С.209-218.
4. Жеребило Т.В. Словарь лингвистических терминов. 5-е изд., испр. и доп. –Назрань: Пилигрим, 2010. –С.225.
5. Идиев Х.У. Ваҳдати иҷтимоӣ ва баррасии муҳтавои он дар заминаи дидгоҳи гуногуни фалсафию ҷомеашиносӣ // Назарияи ваҳдат. Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. Китоби 14. Қисми 1. – Душанбе: Дониш, 2012. – С.12-33.
6. Қурбон Восеъ. Ваҳдат-пойдевори давлати соҳибистиқлол. Раванди ваҳдат ва назарияи он // Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. Китоби 19. Қисми 2. – Душанбе: Илм, 2013. – С.226-250.
7. Қурбон Восеъ. Ваҳдати миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ // Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. Ҷилди 3. – Душанбе: Дониш, 2007. – С.165-180.
8. Луцишин Г. Национальная консолидация общества: теоретико-методологические проблемы исследования // Университетские научные документы. Этнографические работы. –2012. – Том 40. –С.33-42.
9. Майноуг К. Анатомия национализма. –Киев, 2000. – 260 с.
10. Маҳмадов А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография. –Душанбе: Эр-граф, 2016. – 280 с.
11. Маҳмадов А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 224 с.
12. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. Воситаи таълимӣ. –Душанбе, 2019. –224 с.
13. Муҳаммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. –Душанбе: Эр-граф, 2016. – 320 с.
14. Олимов К. Симои сиёсӣ ва фарҳангии Пешвои миллат. –Душанбе: Дониш, 2018. –79 с.
15. Раҳмонов Т. Раванди ваҳдат ва назарияи он // Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. Китоби 19. Қисми 2. – Душанбе: Илм, 2013. – С.159-176.
16. Сафарализода Х.Қ. Идеяи миллӣ – такягоҳи устувори ҷомеа [Маводи электронӣ]. URL: http://sadoimardum.tj/maorif/ideyai-mill-takyago-i-ustuvori-omea/ (санаи истифодабарӣ: 24.02.2019)
17. Словарь социологических терминов. –М.: Институт языкознания РАН, 2006. – С.156.
18. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат 19.03.2011. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/257 (санаи истифодабарӣ: 15.01.2019)
19. Суханронӣ ба муносибати 5-солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ. 26.06.2002. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/17918 (санаи истифодабарӣ: 14.01.2019)
20. Суханронӣ дар маросими таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ. 27.06.2006 [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/17918 (санаи истифодабарӣ: 14.01.2019)
21. Табаров Н.Х. Сулҳу ваҳдат-бахти миллат // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷ.27. –Душанбе: Истеъдод, 2017. – С.410-416.
22. Файзуллоҳ Ҷ. Қудрати сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар Афғонистон. – Душанбе: Эр-граф, 2019. –352 с.
23. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – С.271.
24. Хосе Ортега-и-Гассет. Избранные труды / Пер. с исп. –М.: Изд-во «Весь мир», 1997. –704 с.
25. Шоисматуллоев Ш. Ваҳдати миллӣ ҳамчун омили бартарафсозии бегонашавии байниминтақавӣ дар Тоҷикистон // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷ.27. –Душанбе: Истеъдод, 2017. – С.264-274.
26. Шмиттер Ф. Размышления о гражданском обществе и консолидации демократии // Полис. –1996. –№5. –С.87-96.
27. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 3. –Душанбе, 2014. –С.558.
28. Юсуфӣ Хайринисо. Саҳми Президент Эмомалӣ Раҳмон дар эҷоди ваҳдати миллӣ ва ризоияти ҷомеа // Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. Дар партави асарҳо, мақолаҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Адиб, 2015. – С.455-463.
29. Ятимов А.Т. Нусрати дасти фишурда // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷ.13. – Душанбе: Дониш, 2012. – С.95-164.

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ: МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ОН

Муттаҳидшавии миллат ё худ ваҳдати миллӣ хатари аз байн рафтани миллатро бартараф намуда, муҳимтарин раванде мебошанд, ки барои бақои миллату давлат анҷом дода мешаванд. Маҳз дар заминаи ваҳдати миллӣ рушду инкишоф ва таҳкими давлатдории миллӣ ба амал меояд. Парокандагии миллӣ, ба қисмҳои мухталиф ҷудо гардидани миллат ва дар миёни онҳо мавҷуд будани андешаҳои хилофи якдигар метавонад барои ояндаи имрӯзу фардои давлату миллат таҳдиди воқеӣ бошад. Аз ин рӯ, ваҳдати миллӣ барномаи сиёсие мебошад, ки барои нигоҳ доштани мавҷудияти миллат ва таъмин намудани сатҳу сифати рушду инкишофи ояндаи он зарур аст ва ба воситаи он имкони ҳимоя намудани миллат аз таҳдиду хатарҳо низ ба вуҷуд оварда мешавад. Худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ ва ҳувияти миллӣ заминаи асосии ташаккулёбии ваҳдати миллӣ ба шумор рафта, таҳкими он низ дар оянда аз чигунагӣ ва сатҳу сифати падидаҳои мазкур вобаста мегардад. Воқеан ҳам ифтихор аз миллату меҳан, дар ҳама сатҳ ва дар ҳама ҷо эътироф намудани мансубияти миллию шаҳрвандии худ, дараҷаи баланди шуури миллӣ ва худшиносии миллӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо ташаккулёбии ваҳдати миллӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад, балки идеяҳои бунёдкорию созандагӣ, давлатдории миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва таъмини рушду инкишоф бо роҳи амалигардонии стратегияҳои давлатӣ ва ҳадафҳои миллӣ дар амал татбиқ карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** ваҳдати миллӣ, давлатдории миллї, ормонњои миллї, рушди ояндаи кишвар, пешгирї намудани низоъњо, тањкими истиќлолияти давлатї.

**НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО: СУЩНОСТЬ, ОСОБЕННОСТЬ И ЕГО НЕОБХОДИМОСТЬ**

Консолидация нации или национальное единство устраняет опасность исчезновения национальной государственности и является самым важным процессом, который может быть осуществлен для выживания нации и государства. Именно на основе национального единства происходит развитие и укрепление национальной государственности. Национальная раздробленность, разделение нации на разные части и наличие у них противоречивых взглядов могут представлять реальную угрозу настоящему и будущему государства. Следовательно, национальное единство – это политическая программа, необходимая для сохранения существования нации и обеспечения уровня и качества ее будущего развития, а через нее возможность защиты нации от угроз и опасностей. Национальное самосознание, национальная гордость и национальное самопознание являются главной основой формирования национального единства, и его укрепление в будущем также будет зависеть от характера и уровня этих явлений. Национальная гордость, признание национальной и гражданской принадлежности на всех уровнях и всюду, высокий уровень национального самосознания и самопознания позволяют формировать не только национальное единство на необходимом уровне, но и созидательные идеи, укрепление государственной независимости и обеспечение развития путем реализации государственных стратегий и национальных целей.

**Ключевые слова:** национальное единство, национальная государственность, национальные устремления, перспективное развитие страны, предотвращение конфликтов, укрепление государственной независимости.

**NATIONAL UNITY: ESSENCE, FEATURE AND ITS NECESSITY**

Consolidation of a nation or national unity eliminates the danger of disappearing national statehood and is the most important process that can be carried out for the survival of a nation and state. It is on the basis of national unity that the development and strengthening of national statehood takes place. National fragmentation, division of the nation into different parts and the presence of conflicting views in them can pose a real threat to the present and future of the state. Consequently, national unity is a political program necessary to preserve the existence of the nation and ensure the level and quality of its future development, and through it the ability to protect the nation from threats and dangers. National identity, national pride and national self-knowledge are the main basis for the formation of national unity, and its strengthening in the future will also depend on the nature and level of these phenomena. National pride, recognition of national and civic identity at all levels and everywhere, a high level of national self-awareness and self-knowledge make it possible to form not only national unity at the required level, but also creative ideas, strengthening state independence and ensuring development through the implementation of state strategies and national goals.

**Keywords:** national unity, national statehood, national aspirations, long-term development of the country, prevention of conflicts, strengthening of state independence.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Шоҳрухи Саидҷаъфар* -** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **985847084.** E-mail: **kalom2020@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Шохрухи Саидджаъфар*** **-** Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, ассистент кафедры политологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **985847084.** E-mail: **kalom2020@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shohrukhi Saidjafar*** **-** Kulyab State University named after A. Rudaki, Assistant of the Department of Political Science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone**: 985847084.** E-mail: **kalom2020@mail.ru**

УДК:327.1(581+575.3)

# ҲАМГИРОӢ ВА ВОГИРОӢ ДАР РАВОБИТИ АФҒОНИСТОН ВА ТОҶИКИСТОН

*Нуриддинов Р.Ш., Муҳаммад Довуд Нурӣ*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ва дастёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқлол дар соли 1991, фасли ҷадиде дар ҳамгироӣ дар равобити Афғонистону Тоҷикистон кушода шуд. Ду кишвар бо доштани ҳудуди 1200 километри марзи муштараку манофеи мутақобил мебоист тайи се даҳаи гузашта гомҳои асосӣ ҷиҳати ҳамгироӣ бармедоштанд. Аммо, равандиҳои сиёсӣ равобити ду кишварро дар масири дигар қарор доданд. Тадовуми ҷанги дохилӣ дар Афғонистон ва нигаронии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуфузи гурӯҳҳои бунёдгаро, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷиратҳои ғайриқонунӣ аз Афғонистон ба он кишвар ва рақобати қудратҳои бузург вазъияти вогироии нохостаеро дар равобити ду кишвар таҳмил кардааст, ки на хости мардумону ҳукуматҳои ду кишвар аст ва на ҳам дар ростои таъмини манофеи миллии пойдори онҳо. Ин мақола саъй дорад нишон бидиҳад, ки бо вуҷуди вазъияти вогироии нохостаи кунунӣ, замина ва фурсатҳои ҳамгироӣ аз қавому истеҳкоми бештаре бархӯрдоранд ва ояндаи равобити ду кишвар дер ё зуд дар масири ҳамгироӣ қарор хоҳанд гирифт.

*Чаҳорчӯбаи назарӣ.* Ҳамгироӣ ва вогироӣ ду рафтори мутазод дар равобити давлатҳо мебошанд. Таъмини манофеи миллӣ ва дур сохтани таҳдидот нақши меҳварӣ дар ҳамгироӣ ва вогироии кишварҳо дорад [17,с.34].

*Ҳамгироӣ.* Ҳамгироӣ рӯйкардест, ки ду ва ё чанд давлату миллати воқеъ дар як минтақаи ҷуғрофиёӣ тамоюл ба густариши равобит ва эҷоду тақвияти пайвандҳо ва нигаришҳо нисбати якдигар доранд ва ё ба далели ниёз ба тавсеа ва пешрафт дарк мекунанд, ки бо ҳам вобастагии мутақобил доранд. Дар ҳар ҳол вижагии аслии ҳамгироӣ он аст, ки давлатҳо ва миллатҳои мустақил бо ҳифзи эҳтиром ба ҳокимияти миллӣ ва манофеи мутақобил, ба таври довталабона ва огоҳона ҷиҳати ҳамсӯӣ, барқарории равобити наздик ва таъмини ниёзҳои якдигар вориди амал мешаванд [8]. Маъмулан, ҳамгироӣ дар абъоди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ матраҳ мегардад: ҳамгироии сиёсӣ ба далели ҳассосиятҳо ва робитаи танготанги он ба назми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва манофеи қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба содагӣ имконпазир нест. Аммо ҳамгироии иқтисодӣ дар асри кунунӣ ба далели нотавонии давлатҳои миллӣ дар амри таъмини ниёзҳои дохилӣ ва афзоиши вобастагии мутақобил боис гардида, то давлатҳо ва миллатҳо ба самти ҳамгироии иқтисодӣ кашида шаванд. Ҳарчанд ҳамгироии фарҳангӣ авлавияти давлатҳо нест, аммо пешшарти аслӣ барои ҳамгироии иқтисодӣ мебошад ва тавсеаи равобити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ метавонад дар миёни аъзои кишварҳои як минтақа ҳисси иштироки манофеъро ба вуҷуд оварад [2,с.124].

*Вогироӣ.* Дар баробари ҳамгироӣ, вогироӣ қарор мегирад. Дар вогироӣ давлатҳо рағбате ба ҳамкорӣ ва наздикӣ ба якдигар надоранд ва саъй мекунанд равобити худро ба ҳадди ақал бирасонанд. Вогироӣ метавонад ба унвони як аслу роҳбурд дар сиёсати хориҷӣ матраҳ бошад, монанди роҳбурди инзиволабӣ ва ё ҳам метавонад ба унвони сиёсати мақтаӣ ва аксуламале бошад, монанди маҳдудиятҳои марзӣ ба хотири таҳдидоти амниятӣ ва қочоқи маводи мухаддир. Ба ҳамин тартиб, вогироӣ метавонад иродӣ бошад ё таҳмилӣ. Дар вогироии иродӣ як кишвар ба майлу ихтиёри худ сатҳи равобиташро бо дигар кишвар коҳиш медиҳад ва алоқа ба густариши равобит надорад. Аммо дар вогироии таҳмилӣ ва нохоста, як давлат бо вуҷуди доштани иродаи ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ бо дигар кишварҳо бинобар далоиле, монанди таҳдидоти амниятӣ, ихтилофоти марзӣ, масоили идеологӣ ва нуфузи қудрати хориҷии нохостаи сиёсати вогироиро ихтиёр мекунад [7,с.354]. Ҳамгироӣ ва вогироӣ беш аз ҳама дар равобити кишварҳои ҳамсоя аз аҳамияти зиёде бархӯрдор аст. Ағлаби кишварҳои ҳамсоя бо масоили зиёде мувоҷеҳанд, ки метавонанд заминаи ҳамгироӣ ва вогироиро шакл бидиҳад. Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ду кишвари ҳамсоя мисоли хубе дар баҳси ҳамгироӣ ва вогироӣ мебошанд.

Нигоҳи куллӣ бар равобити ду кишвари мардумоне, ки имрӯз дар чорчӯбаи ду кишвари мустақили Афғонистону Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, то пеш аз зуҳури қудратҳои аврупоӣ ва густариши падидаи истеъмор, дар ҷуғрофиёи бидуни марз (Ориёнои

куҳану Хуросони дирӯз) ва бо фарҳангу тамаддуни муштарак зиндагӣ мекарданд. Аммо густариши нуфузи қудратҳои бузурги аврупоӣ аз шимолу ғарбу шарқ, Афғонистонро дар коми Британияи Кабир ва Осиёи Марказӣ ба шумули сарзамини имрӯзии Тоҷикистонро дар коми Русияи подшоҳӣ фурӯ бурд ва боиси ҷудоӣ миёни миллатҳои минтақа, бахусус мардуми Тоҷикистон ва Афғонистон гардид ва дарёи Омӯ дар соли 1896 ба унвони марзи ҷудоӣ таҳмил гардид [15,с.421]. Афғонистон дар соли 1919 ба истиқлол даст ёфт ва бо Осиёи Марказӣ аз маҷрои Маскаву давлати Иттиҳоди Шӯравӣ равобити маҳдуд дошт. Дар авосити қарни XX таомулоти фарҳангӣ ва ҳунарӣ аз тариқи рафтуомади гурӯҳҳои ҳунарӣ, ҳузури теъдоде аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон ба унвони тарҷумон ва эъзоми муҳассилини кишвари Афғонистон ба Тоҷикистон то ҳудуде таҷдиди шинохт аз якдигар ба миён омад [8,с.163].

Бо истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991, заминаи мусоиде барои густариши равобити байни ду кишвар фароҳам шуд, аммо ба далели вуқӯи ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон ва истифодаи гаравҳои мазҳабии Тоҷикистон аз хоки Афғонистон фурсатҳо ба чолиш табдил гардиданд. Ҳарчанд ҳукумати вақти Афғонистон ба раҳбарии устод Раббонӣ ва фармондеҳии Аҳмадшоҳ Масъуд нақши калидӣ дар поён додани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва истиқрори сулҳ бозӣ карданд [16,с.15]. Аммо бо тадовуми ҷанг ва бесуботӣ дар Афғонистон равобити ду кишвар дар поинтарин сатҳ боқӣ монданд. Бо суқути “Толибон” ва истиқрори суботи нисбӣ дар Афғонистон равобити ду кишвар дар масири густаришу тавсеа қарор гирифт. Эҳдоси шаш пул бар фарози рӯди Омӯ, эҷоди бозорчаҳои марзӣ ва инъиқоди теъдоди зиёди мувофиқатнома ва қарордод нишонаи алоқамандии ду кишвар ба тавсеаи равобит дорад. Аммо қудрат ёфтани дубораи “Толибон”-у ДИИШ ва нуфузи онон дар манотиқи марзии Тоҷикистон, бори дигар равобити ду кишварро аз масири ҳамгироӣ ба вогироии нохоста ва таҳмилӣ кашонидааст.

*Авомили вогироӣ.* Вогироӣ дар равобити ду кишвар ҳарчанд нохоста ва бар хилофи орузҳои ду миллат аст, бо ин ҳол воқеиятест, ки бар равобити ду кишвар соя афкандааст. Бархе аз муҳимтарин авомили вогироӣ дар равобити ду кишвар ба қарор зайл мебошанд:

*Омили дин.* Ҳарчанд аксарияти мардумони ҳарду кишвар аз ҷумлаи мусулмонони суннии ҳанафӣ ҳастанд, аммо ҷараёнҳои сиёсии мазҳабӣ дар сиёсати Афғонистон нақши таъйинкунанда доранд, ба наҳве ки номи расмии давлат Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аст, аммо ҷараёни ҳоким дар Ҷумҳурии Тоҷикистони ҷудоии дин аз сиёсат аст [8,с.166]. Дину мазҳаб дар сохтори ҳукумату давлат дар Тоҷикистон ҷойгоҳи ҳувиятбахш надорад [11,с.162]. Аммо дар Афғонистон ба унвони омили машрӯият талаққӣ мешавад.

*Сохтори сиёсӣ.* Низоми сиёсӣ дар Афғонистон ҳарчанд нокоро ва заиф, аммо бар бунёди демократияи қавмӣ устувор аст, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон демократия авлавият дошта, он омили таъминкунандаи суботу амнияти кишвар аст.

*Робита бо қудратҳои бузург.* Тоҷикистон равобити наздике бо Федератсияи Русия ва Чин дорад ва Русия дар Тоҷикистон дорои пойгоҳи низомӣ аст. Аммо Афғонистон робитаи танготанг бо ИМА ва кишварҳои узви НАТО дорад ва ҳамакнун Амрико ва НАТО ба унвони бузургтарин тамвилкунандагони давлати Афғонистон буда ва дорои пойгоҳҳои муҳимми низомӣ дар Афғонистон мебошанд.

*Маводи мухаддир.* Афғонистон умдатарин тавлидкунандаи маводи мухаддир дар ҷаҳон аст ва бахше аз масире, ки ҳадафи мафия ҷиҳати қочоқи маводи мухаддир аст, марзи 1200-километрии Тоҷикистон бо Афғонистон мебошад. Ҳарчанд мизони қочоқи маводи мухаддир дар ҳоли ҳозир аз ин марз коҳиш ёфтааст, аммо дар даҳаи 90 қарни XX ҳаҷми он ба 100 ҳазор тонна мерасид [2,с.48]. Ин чолиш ба унвони як омили муҳимми вогироӣ дар равобити ду кишвар матраҳ аст [1,с.101]. чун боис гардидааст, то Тоҷикистон бо ҳазинаи зиёд ва аз даст додани ҷони марзбонони хеш марзаш бо Афғонистонро баста нигаҳ дорад.

*Бунёдгароӣ.* Фаъолияти афроду гурӯҳҳои бунёдгаро дар марзҳои Афғонистону Тоҷикистон чолиши дигарест, ки дар канори қочоқи маводи мухаддир ва муҳимтар аз он, дар арсаи таомулу равобит ду кишварро ба самти вогироӣ кашонидааст. Ҳамакнун шаҳрвандони Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва уйғурҳои кишвари Чин дар канори “Толибон” алайҳи ҳукумати Афғонистон меҷанганд ва дар камини онанд, то дар хоки Тоҷикистон рахна намоянд.

*Чолишҳои қонунӣ ва зербиноӣ*: қавонини даступогири дохилӣ дар арсаи иқтисодӣ ва тиҷорӣ, пайгирӣ накардан барои иҷроӣ шудани мувофиқатномаҳои мавҷуд, раванди душвору тӯлонии судури виза, бозсозии кунди зерсохтҳои ҳамлу нақл ва афзоиши танишҳо тавассути мафияи маводи мухаддири байналмилалӣ ва фасоди идорӣ.

***Авомили ҳамгироӣ:*** *Сиёсӣ*: назарияпардозон муътақиданд, ки ҷавомеъ метавонанд дар ростои эҷоди ҳамгироии байни худ ва дигарон гом бардоранд, ки аз назари таърихӣ, собиқаи ваҳдат ва ҳамгироии байни онҳо таҷриба шуда бошад, яъне дар мақотее аз таърихи худ, мавҷудияти сиёсии воҳиде доштаанд [18,с.15]. Мардумони Афғонистон ва Тоҷикистон дар бахши аъзами таърихи хеш дар чорчӯбаи як воҳиди сиёсӣ қарор доштаанд. Империяи Кӯшонён, Сомониёну Темуриён мисоли барҷастае дар ин замина мебошанд. Як унсури калидие, ки дар ҳамгироӣ шарт аст, ҳамоно қаробати ҷуғрофиёӣ аст [13,с.135]. Марзи муштараки Афғонистону Тоҷикистони 1206 километр аст. Ин марз як сеюми кулли марзи 3651 километрии Тоҷикистон бо чаҳор ҳамсояи онро ташкил медиҳад ва барои Афғонистон дуюмин марзи тӯлонӣ дар миёни шаш ҳамсояи он аст. Боризтарин чолиш дар арсаи ҳамгироии кишварҳо вуҷуди ихтилофоти марзӣ асту камтар кишварҳои ҳамсоя ҳастанд, ки ихтилофи марзӣ надошта бошанд. Аммо дар равобити Афғонистону Тоҷикистон ихтилофоти марзии қобили таваҷҷуҳе, ки битавонад бар равобити ду кишвар сояи афканд, вуҷуд надорад. Ва ин марз танҳо марз бидуни ихтилоф дар миёни марзҳои кишварҳои минтақа мебошаду шоиста он аст, ки ба он марзи дӯстӣ гуфт. Ду кишвар бо вуҷуди тафовут дар низоми сиёсӣ ва ҷойгоҳи мутафовити дин дар сохтори сиёсии онон, аз сиёсати мудохила дар умури якдигар пайравӣ намекунанд ва Тоҷикистон ҳамвора тарафдори сулҳу амният дар Афғонистон будааст [9,с.338]. Аксарияти мардумони ду кишвар аз ҷумлаи мусулмони суннӣ ва пайрави мазҳаби ҳанафӣ мебошанд. Эҳсоси мардумони ду кишвар нисбат ба якдигар дӯстона ва нек аст ва метавон гуфт, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҷануби Осиё ҳеҷ ду кишваре аз ин мазият бархӯрдор нестанд. Нигоҳи тоҷикон ба мардуми Афғонистон ва нигоҳи мардуми Афғонистон ба мардуми Тоҷикистон бародарона ва комилан дӯстона аст.

*Иқтисодӣ*: аз лиҳози иқтисодӣ навъе вобастагии мутақобила байни ду кишвар вуҷуд дорад, ба наҳве ки ҳар кадом нақши муҳимме дар тавсеа ва рифоҳи миллии он дигаре доранд. Ҳарду кишвар маҳсур дар хушкианд ва барои раҳоӣ аз инзивои иқтисодӣ ба роҳҳои транзитии якдигар шадидан ниёзманд ҳастанд. Афғонистон масири транзити содирот ва воридоти мол барои Тоҷикистон ба уқёнуси Ҳинд, бандарҳои Покистону Эронро фароҳам месозад ва дар муқобил, Тоҷикистон масири хубе барои тиҷорати Афғонистон бо Чин, Қирғизистон ва Қазоқистон аст [12,с.36]. Баргузории панҷумин конфронси ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ барои Афғонистон дар соли 2012 дар шаҳри Душанбе ва таъкид рӯйи ҳамкориҳои минтақавӣ далолат бар вобастагии мутақобили иқтисодии байни кишварҳои минтақа ва бахусус Афғонистон ва Тоҷикистон дорад.

Ниёзи Афғонистон ба барқи Тоҷикистон ва ниёзи Тоҷикистон ба интиқоли барқи мозоди он ба Покистону Ҳинд аз тариқи Афғонистон омили муҳимми дигари ҳамгироӣ аст. Ҳинд барои расидан ба рушди иқтисодии байни 8 то 10 дарсад ва Покистон бо рушди ҳудуди 6 дарсад бо камбуди неруи барқ рӯ ба рӯ ҳастанд. Мудирияти манобеи обҳо, бахусус истифодаи муштарак аз оби дарёи Ому баҳрабардорӣ аз манобеи нафту газ дар марзҳои муштараки ду кишвар дар ҳавзаи Қундузу Қӯрғонтеппа, эҳдоси лоиҳаҳои зербиноӣ дар заминаи роҳи оҳан, роҳи ҳавоӣ ва заминӣ дар оянда мисолҳое аз вобастагии мутақобили ду кишвар аст, ки тавсеа ва мудирияти онон мунҷар ба ҳамгироии бештар байни ду кишвар мегардад.

*Фарҳангӣ*: ҳувияти муштараки таърихӣ ва фарҳангӣ дар таквину тадовуми муносиботи дӯстонаи кишварҳо нақши таъйинкунандае дорад [19,с.40]. Ба ҳар андозае, ки иштироку ташобеҳи фарҳангӣ вуҷуд дошта бошад, барқарории иртиботот боангезатару саҳлтар хоҳад буд. Аз ин ҳайс Афғонистону Тоҷикистон дорои таърих, фарҳангу мероси муштараки фаровон буда, мардумони ду кишвар ба гузаштае ифтихор мекунанд, ки таҷзиянопазир аст ва аз як тамаддун, фарҳангу мероси воҳид далолат мекунад. Аз лиҳози пайвандҳои таърихӣ мардуми Афғонистон решаҳои муштарак бо Тоҷикистон доранд [21,с.8]. Ва мардумони ду кишвар аз куҳантарин даврон дар заминаи фарҳангу тамаддуни воҳид ҳаракат кардаанд [3,с.34]. Ҳарду миллат худро меросдори Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ,

Ибни Сино, Носири Хусрав, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, Фирдавсӣ ва садҳо тани дигар аз машоҳири минтақа, ҷаҳони ислом ва ҷаҳон медонанд.

Забони муштарак омили фавқулода муҳим дар наздик сохтани давлатҳо аст. Ҳамзабонӣ навъи эҳсоси ягонагӣ тавлид мекунад, забони муштарак барои барқарории иртиботот ангеза медиҳад, иртибототро суҳулат мебахшад, ифтихороти муштаракро матраҳ мекунад, додаҳои забонии шаклгирӣ ҳувияти воҳидро фароҳам месозад ва дар ниҳоят забони муштарак калидест барои дарки беҳтари якдигар. Иштироки забонии байни Афғонистону Тоҷикистон яке аз муаллифаҳои аслии ҳамгироӣ метавонад бошад, ба наҳве ки ҳатто масъалаи иттиҳоди се кишвари форсизабон – Афғонистон, Тоҷикистону Эрон матраҳ мебошад [18,с.18].

***Дурнамои равобити ду кишвар.*** Бо таваҷҷуҳ ба тавзеҳоти фавқ ба мулоҳиза мерасад, ки заминаҳо ва авомили ҳамгироӣ байни Афғонистону Тоҷикистон ба маротиб қавитар ва амиқтар аз авомили вогироӣ аст ва муаллифаҳои ҳамгироӣ дар равобити ду кишвар ва ду миллат таъйинкунанда хоҳанд буд ва муаллифаҳои вогироӣ мақтаӣ ва гузаро мебошанд ва дар дарозмуддат наметавонанд ба унвони чолиш дар равобити ду кишвар матраҳ бошанд Масалан, бо вуҷуди тафовути ҷойгоҳи дину мазҳаб дар сохтори сиёсии ду кишвар, ҳарчанд дар мақтаи кунунӣ ба далели бесуботии Афғонистон ва фаъолияти гаравҳои бунёдгароӣ нигаронии давлату мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меояд, аммо дар сурати истиқрори сулҳу шаклгирии ҳукумати марказии қавӣ дар Афғонистон дигар ба унвони як чолиш матраҳ нахоҳад буд. Таҷрибаи се даҳаи таърихи Афғонистон, ки ҳукумату сохтори сиёсии он таҳти назорати ҷараёнҳои мазҳабӣ қарор доштааст, нишон медиҳад, ки полиси ҳукуматҳо судури бунёдгарое ба кишварҳои ҳамсоя набудааст. Ҳарчанд бахше аз атбои кишварҳои Осиёи Миёна ва аз ҷумла Тоҷикистон, дар миёни гурӯҳҳои хоссе дида шудаанд, аммо муҳим ин аст, ки ин афрод мавриди ҳимояти давлату мардуми Афғонистон қарор надоштаанд.

Масъалаи равобити ду кишвар бо қудратҳои бузург низ чолиши ҷиддӣ ба ҳисоб намеояд. Ҳамакнун Тоҷикистон зимни ҳифзи равобити дӯстона бо Русия ва Чин, бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои узви НАТО равобити одӣ ва дӯстонае барқарор кардааст ва аз тарафи дигар, Афғонистон бо вуҷуди равобити танготанг бо Амрико ва НАТО имзои паймони стратегӣ бо ин кишвар, равобити хубе бо Русия ва Чин дорад ва Афғонистон аз ҷумлаи аъзои нозири Созмони Ҳамкории Шанхай аст ва дар нишастҳои он ширкати фаъол дорад.

Баҳси терроризму қочоқи моводи мухаддир, дар сурати истиқрори сулҳу субот қобили назорат хоҳад буд ва чолиши бунёдӣ ба ҳисоб намеояд. Дарвоқеъ, чолиши бунёдӣ дар равобити кишварҳо маъмулан ношӣ аз ихтилофоти марзӣ, идеологӣ, нажодӣ ва фарҳангӣ, таърихӣ ва назорат бар сари манобеи табиӣ аст, ки дар равобити Афғонистону Тоҷикистон ин гуна чолишҳо матраҳ нест. Ва ин бад-он маънист, ки ҳамгироӣ байни ду кишвар дар оянда чи ба сурати дуҷониба ва чи дар қолаби сохторҳо ва созмонҳои минтақавӣ на танҳо хости давлату мардумони ду кишвар аст, балки ниёзи иҷтинобнопазир ба ҳисоб меояд. Ҳамгироиий байни Тоҷикистон ва Афғонистон метавонад нуқтаи оғози ҳамгироии Афғонистон бо соир кишварҳои Осиёи Марказӣ дар оянда бошад.

Аз лиҳози сиёсӣ Афғонистон дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи вижа барои Тоҷикистон қоил аст [14,с.161]. Боздиди мутақобили сарони ҳарду кишвар аз пойтахтҳои якдигар, таъкид бар зарурати ҳамкорӣ байни ду кишвар дар суханрониҳо, конфронсҳо ва мулоқотҳо байни масъулини ду тараф, баргузарии панҷумин нишасти РИКО дар Душанбе, баргузории маросими ҷашни Наврӯз байни се кишвари форсизабон, тарҳи эҷоди созмони кишварҳои форсизабон, эҷоди телевизиони кишварҳои форсизабон, лоиҳаи КАСА-1000 ва даҳҳо тарҳу лоиҳаҳо дар заминаи тиҷорат, сармоягузории муштарак, транзит, эҳдоси хутути роҳи оҳани минтақавӣ ва ғайра ҳама навиди бахши эҷоду густариши ҳамгироӣ байни ду кишвар дорад.

Равобити Афғонистону Тоҷикистон аз бадви истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз бо фарозу фуруди байни ҳамгироӣ ва вогироӣ дар навасон қарор доштааст. Бад-ин маънӣ ки дар мақотеи хос рӯйкарди ҳамгироӣ ғалаба ёфта, аммо дар бештар мақотеъ навъе вогироии нохоста бар равобити ду кишвар сангинӣ кардааст. Ҳарчанд равобити ду

кишвар бо таваҷҷуҳ ба зарфиятҳои мавҷуд дар сатҳи болоӣ қарор надорад, бо вуҷуди ин, ин равобит ҳамвора ҳасана ва ба дур аз танишу ихтилофи ҷиддӣ будааст.

Дар заминаҳои фарҳангӣ, бахусус ҳунарӣ ва илмӣ сатҳи равобити ду кишвар барҷастагии бештар доштааст. Ҳунармандони ду кишвар, ки сафирони фарҳанги муштарак ба ҳисоб меоянд, нақши муассире дар шинохти бештару наздик сохтани ду миллат ифо кардаанд. Ҳамасола теъдоди қобили таввачуҳе аз ҳунармандони Тоҷикистон ба Афғонистон ва баръакс сафар намуда, бо иҷрои барномаҳои ҳунарӣ мавриди истиқболи зиёде қарор мегиранд. Дар заминаи равобити илмӣ ҳам, бо вуҷуди мушкилоту маҳдудиятҳои рафту омад дар марзҳои ду кишвар, Тоҷикистон ҳамасола пазирои теъдоди зиёде аз шаҳрвандони Афғонистон мебошад, ки алоқаманди идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои ин кишвар ҳастанд ва Тоҷикистонро бар соир кишварҳо ва аз ҷумлаи кишварҳои ҳамсоя тарҷеҳ медиҳанд [8,с.158]. Эҳдоси шаш пул бар фарози рӯди Ому, эҷоди бозорчаҳои марзӣ, интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба шаҳрҳо ва бархе навоҳии марзии Афғонистон, ҳаҷми тиҷорати 124 миллион долларӣ ва инъиқоди беш аз 80 тавофуқнома ва қарордод (Вазорати тиҷорати санъат, 2020) ба сурати дуҷониба, лоиҳаи КАСА-1000, оиҳаи сеҷонибаи эҳдоси хатти роҳи оҳан байни Афғонистон, Афғонистон ва Эрон, лоиҳаи панҷҷониба байни Чин, Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистону Эрон [4,с.77] баёнгари ангеза ва алоқаи ду миллат барои ҳамгироии бештар дар арсаи иқтисодӣ аст. Ҳарчанд зарфиятҳои билқувваи ҳамкорӣ ба маротиб бештар аз онанд.

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадипур, Заҳро ва дигарон. Табйини геополитикии шаклгирии созмони минтақавии Осиёи Марказӣ // Фаслномаи «Офоқи амният». Соли чаҳорум. -№12. - 2011.
2. Афзалӣ, Расул ва Муҳаммадҷони Мустафо. Ҳамгироӣ ва вогироии сиёсӣ дар ҳавзаи Каспий ва ҳавзаҳои перомунии он // Фаслномаи «Мутолиоти сиёсӣ». Давраи 1. -№ 1. – 2008. – С. 134-121.
3. Варҷованд Парвиз. Пешрафту тавсеа бар бунёди ҳувияти фарҳангӣ. –Теҳрон, 2009.
4. Ғарҷистонӣ, Муҳаммад Тавассулӣ. Нақши геополитикаи Афғонистон дар эҷоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ // Фаслномаи илмӣ-тахассусии «Нигоҳи муосир». -№. – 2018.
5. Зарқонӣ Сайид Ҳодӣ, Лутфӣ Эмин. Нақши равандҳои марзӣ дар ҳамкорӣ ва ҳамгироии минтақавӣ // Маҷаллаи «Ҷуғрофиё ва тавсеаи ноҳияӣ». -№16. – 2011.
6. Китоби сабз, Афғонистон. – Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, 2011.
7. Қавом, Абдулалӣ. Асли сиёсати хориҷӣ ва сиёсати байналмилал. Чопи 21. – Теҳрон: Самт, 2006.
8. Латифов Ҷура, Маҳмуди Муртазо. Сиёсату ҳукумат дар Афғонистон. –Теҳрон, 2017.
9. Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. - Душанбе: Эр-граф 2016. – 352 с.
10. Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Дипломатия. - Душанбе: Эр-граф, 2017. – 576 с.
11. Питер Линк, Виталий Наумкин. Осиёи Марказӣ дар даҳаи пас аз истиқлол. Тарҷумаи Алиризо Айёрӣ. – Теҳрон: Муассисаи мутолиоти Эрону Авруосиё, 2011.
12. Раисӣ, Беҳрӯз. Иртибототи миёнфарҳангӣ дар равобити Эрону Тоҷикистон // Маҷаллаи улуми хабарӣ. Соли чаҳорум. -№15. -2015.
13. Сайфизода, Сайид Ҳусайн. Усули равобити байналмилалӣ. –Теҳрон: Додгустар, 2016.
14. Таманно, Фаромарз. Сиёсати хориҷии Афғонистон дар сипеҳри ҳамкориҳои минтақавӣ. - Ҳирот: Аҳрорӣ, 2014.
15. Фарҳанг, Садиқ. Афғонистон дар панҷ қарни ахир. – Ҷ.1. Чопи 21. –Кобул: Саодат, 2015.
16. Хайрхоҳ, Хайрӣ Муҳаммад. Тоҷикистон. – Кобул:Майванд, 2017.
17. Ҳофизниё, Муҳаммад Ризо. Усулу мафоҳими геополитикӣ. -Машҳад: Поплӣ, 2006.
18. Шерозӣ, Ҳабибуллоҳ. Фаслномаи мутолиоти равобити байниалмилал. Соли ёздаҳум. -№ 2. – 2016.
19. Buzan, Barry and Ole Waever (2005), Regions and Powers, Cambridge: Combridge University Press.
20. Alasdair, Drysdale & GeraldT Blake (1985)The Middle East and North Africa: a political geography, Oxford University Press.
21. Laruelle, Marlene (2015) The Chinese Silk Road and their Reception in Central Asia, School of International Affairs, G. W. University.


**ҲАМГИРОӢ ВА ВОГИРОӢ ДАР РАВОБИТИ АФҒОНИСТОН ВА ТОҶИКИСТОН**


Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доштани марзи тӯлонӣ бидуни ихтилофи марзӣ ва иддаои арзӣ, ки аз он метавон марзи дӯстӣ номид, таърих, дину фарҳанги муштарак, манофеи мутақобили иқтисодӣ ва эҳсосоти неки мардумони ҳарду кишвар нисбат ба якдигар, фурсатҳои камназире барои тавсеаи ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ доранд. Аммо, дар амал равобиту таомул байни ин ду кишвар дар сатҳи поине қарор доранд ва ҳатто баъзан ба самти вогироӣ майл пайдо мекунанд. Ин ки чаро вогироӣ дар равобити Афғонистону Тоҷикистон соя афканда ва оё ин вазъият дар дарозмуддат идома хоҳад ёфт ва ё ин ки заминаҳои ҳамгироӣ метавонанд дер ё зуд бар вазъияти вогироӣ ғалаба карда, равобити ду кишварро дар масири ҳамгироӣ қарор хоҳанд дод, фарзи аслии ин мақола аст. Дар заминаҳои фарҳангӣ, бахусус ҳунарӣ ва илмӣ сатҳи равобити ду кишвар барҷастагии бештар доштааст. Ҳунармандони ду кишвар, ки сафирони фарҳанги муштарак ба ҳисоб меоянд, нақши муассире дар шинохти бештару наздик сохтани ду

миллат ифо кардаанд. Ҳамасола теъдоди қобили таввачуҳе аз ҳунармандони Тоҷикистон ба Афғонистон ва баръакс сафар намуда, бо иҷрои барномаҳои ҳунарӣ мавриди истиқболи зиёде қарор мегиранд. Дар заминаи равобити илмӣ ҳам, бо вуҷуди мушкилоту маҳдудиятҳои рафту омад дар марзҳои ду кишвар, Тоҷикистон ҳамасола пазирои теъдоди зиёде аз шаҳрвандони Афғонистон мебошад, ки алоқаманди идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои ин кишвар ҳастанд ва Тоҷикистонро бар соир кишварҳо ва аз ҷумлаи кишварҳои ҳамсоя тарҷеҳ медиҳанд

**Калидвожаҳо**: Афғонистон, Тоҷикистон, ҳамгироӣ, вогироӣ, манофеи мутақобил, таърих, дин, фарҳанги муштарак, ноамнӣ, дурнамои равобит.

## ИНТЕГРАЦИЯ И РАСХОЖДЕНИЯ В АФГАНИСТАНО-ТАДЖИКИСТАНСКИХ ОТНОШЕНИЯХ

Исламскую Республику Афганистан и Республику Таджикистан разделяет протяженная граница без пограничных споров и территориальных претензий, которую можно назвать границей дружбы, общей истории, религии и культуры, взаимных экономических интересов и добрых чувств народов двух стран. На практике, однако, отношения между двумя странами находятся на низком уровне, а иногда даже предвзятом. Главный вопрос данной статьи заключается в том, почему напряженность в афгано-таджикских отношениях остается в тени и сохранится ли такая ситуация в долгосрочной перспективе, смогут ли основы интеграции рано или поздно преодолеть напряженность и поставить отношения между двумя странами на новый уровень и на путь к интеграции. В культурной сфере, особенно в художественной и научной сферах, уровень отношений между двумя странами стал более заметным. Представители культуры обеих стран, являющиеся послами общих культур, сыграли важную роль в сближении двух народов. Ежегодно значительное количество таджикских деятелей искусств выезжает в Афганистан и обратно, где выступают с художественными программами. В плане научных связей, несмотря на трудности и ограничения на передвижение на границах двух стран, Таджикистан ежегодно принимает большое количество афганцев, заинтересованных в продолжении образования в вузах этой страны, и Таджикистан является одним из самых популярные стран мира в данном направлении для граждан Афганистана.

**Ключевые слова:** Афганистан, Таджикистан, интеграция, разобщенность, взаимные интересы, история, религия, общая культура, незащищенность, перспективы отношений.

## INTEGRATION AND DIVERSIONS IN AFGHANISTAN-TAJIKISTAN RELATIONS

The Islamic Republic of Afghanistan and the Republic of Tajikistan are separated by a long border without border disputes and territorial claims, which can be called the border of friendship, common history, religion and culture, mutual economic interests and good feelings of the peoples of the two countries. In practice, however, relations between the two countries are low and sometimes even biased. The main question of this article is why tensions in Afghan-Tajik relations remain in the shadows and whether this situation will continue in the long term, will the foundations of integration sooner or later be able to overcome tension and put relations between the two countries to a new level and on the path to integration ... In the cultural sphere, especially in the artistic and scientific spheres, the level of relations between the two countries has become more noticeable. Representatives of the culture of both countries, who are ambassadors of common cultures, have played an important role in bringing the two peoples closer together. Every year, a significant number of Tajik art workers travel to Afghanistan and back, where they perform with art programs. In terms of scientific ties, despite the difficulties and restrictions on movement on the borders of the two countries, Tajikistan annually receives a large number of Afghans interested in continuing their education in universities in this country, and Tajikistan is one of the most popular countries in the world in this direction for Afghan citizens.

**Keywords:** Afghanistan, Tajikistan, integration, disunity, mutual interests, history, religion, common culture, insecurity, prospects of relations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нуриддинов Раймалӣ Шаҳбозович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E–mail: **rshn1995@mail.ru**
***Муҳаммад Довуд Нурӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-ии кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах:** ***Нуриддинов Раймали Шахбозович*** **–** Таджикский национальный университет, доктор политических наук, профессор, заведующий кафедрой международных отношений. **Адрес:** 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E–mail: **rshn1995@mail.ru**
***Мухаммад Довуд Нури-*** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры международных отношений, гражданин Исламской Республики Афганистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors:** ***Nuriddinov Raimali Shahbozovich*** **–** Tajik National University, doctor of political science, professor, head of the Department of international relations. **Address:** 17, Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Tajikistan. E–mail: **rshn1995@mail.ru**
***Muhammad Dovud Nuri*** - Tajik National University, Ph.D. candidate of the Department of International Relations, citizen of the Islamic Republic of Afghanistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

УДК:321.71

# ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ РУШДИ УСТУВОРИ ҶУМҲУРӢ

*Тоирзода С.Т., Саидзода М.М. Авлиёқулов Р.Т.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара,**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ сарфи назар аз душворҳои зиёди сиёсию иқтисодӣ ва нокомиҳо ҷиҳати ташаккул додани соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба дастовардҳои назаррасе ноил гардид, ки мо онро дар мисоли ҳаёти ҷавонони кишвар хеле равшан мушоҳида менамоем.

Сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт ва самараи дилхоҳ ба бор овард. Имрӯзҳо дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ҷавонони бонангу номус содиқона хизмат намуда, зумрае аз онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ ҳиссаи назаррас мегузоранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани иқдомоти онҳо дар ҷомеа имкониятҳои созгор фароҳам меорад.

Қадами нахуст дар самти ташаккулдиҳии сиёсати давлатии ҷавонон – қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» мебошад, ки он ҳанӯз дар ҳафтумин моҳи бадастории истиқлолияти давлатӣ, баъди қабули Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992 ба тасвиб расид.

Мулоқоти нахустини расмии Роҳбари мамлакат - Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қишри созандаи ҷомеа - ҷавонони ҷумҳурӣ, 2 феврали соли 1993 сурат гирифт.

17 марти соли 1994 дар доираи Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон мулоқоти аввалини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар баргузор гардид, ки дар ин давра сохторҳои идораи давлатӣ ташаккул меёфт ва мамлакат дар оғуши ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт.

Бо умеди роҳнамоии ҷавонон ба фардои нек ва тарғиб ва таблиғи онҳо ба бунёди давлати миллӣ, дастёбӣ ба мустақилияти комил, ҳувияти миллӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ Сарвари давлат бо ҷавонон мулоқот анҷом доданд. Дар натиҷа, таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба неруи созанда хеле зиёд гардид, ки ҳавасмандии ҷавононро барои бунёди давлати навин бедор кард. Ин буд, ки ҳаракатҳои нахустини ҷамъиятии ҷавонон, маҳфилҳо ва гурӯҳҳои худфаъол ташкил ёфтанд.

Давраи ташаккулёбии муносибатҳои дуҷониба байни давлат ва ҷавонон давраи қадамҳои устувор дар роҳи бунёди сиёсати давлатии ҷавонон – низоми идораи соҳаи кор бо ҷавонон ба ҳисоб меравад. Ин марҳала аз мулоқоти сеюми Президенти мамлакат бо намояндагони ҷавонон (23 майи соли 1997) ибтидо мегирад. Мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон, ки маҳз бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт, давра ба давра устувор гардида, дар ҳаёти ҷавонони мамлакат саҳифаи нави таърихиро кушод. Насли ҷавон дар симои Сарвари хирадманди давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пуштибони воқеии худро дарёфт.

Дар шароити тағйирёбии муносибатҳои идоракунӣ дар Тоҷикистон зарур буд, ки қишри серҳаракат ва ояндасози он – ҷавонон мавриди таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумат қарор бигирад. Дар раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мулоқоти чоруми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони лаёқатманд 16 майи соли 1998 доир гардид. Дар ин ҳамоиш Сарвари кишвар доир ба масоили таҳияи Консепсия оид ба сиёсати давлатии ҷавонон, Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон, эълон намудани 23- май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва андешидани тадбирҳо дар самти пешгирии ҷинояткорӣ ва нашъамандӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, рушди соҳибкорӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ба масъулини сохторҳои дахлдор дастурҳо

доданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ зарурати ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавононро пазируфт. Аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» (13 марти соли 1992 тасдиқ гаштааст) далели ин нуқта аст. Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Иттиҳоди давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, қонуни асосии ҷавононро қабул кард. Ин бори дигар собит месозад, ки кишвари азизамон. Тоҷикистон дар таҳкими сиёсати давлатдорӣ ва сохтмони ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд сиёсати ҷавононро яке аз самтҳои асосӣ ва стратегӣ медонад.

Қобили зикр аст, ки то қабули қонуни мазкур Кумитаи Марказии анҷумани XXV Иттифоқи Ленинии Коммунистии Тоҷикистон (ИЛКҶТ) дар самти татбиқи сиёсати ҷавонон масъулият дошт. Бо амри тақдир вазифаи азнавсозии фаъолияти комсомол дар шароити ноустувори ҷамъиятӣ, буҳрони системаи иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба рушди иҷтимоии ҷавонон халал ворид мекард, ба зиммаи ҳамин анҷумани комсомоли Тоҷикистон вогузор гашта буд. Бо назардошти ин, анҷумани XXV ИЛКҶТ 18 сентябри соли 1990 қарори дахлдорро оид ба лоиҳаи Қонун «Оид ба сиёсати ҷавонони РСС Тоҷикистон» қабул менамояд. Дар он анҷуман иштирокдорон изтироби худро нисбат ба вазъияти номусоиди иқтисодӣ, ҳолати ногувори саломатии рӯҳию маънавӣ ва ҷисмонию ахлоқии насли ҷавон изҳор намуда, диққати роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакатро ба ҳалли таъҷилии масъалаҳои коркард ва асосҳои сиёсати давлатии ҷавонон, фароҳам овардани шароит барои рушди фаъолияти иқтисодию сиёсии ҷавонон ҷалб кардаанд. Ҳамзамон, вакилони анҷуман зарурати ин сиёсатро дар раванди ташаккули тарбияи идеологии ҷавонон пазироӣ намуда, ҳамаҷониба дастгирӣ карданд. Дар анҷоми кори анҷуман ногузирии таҳия ва татбиқи амалии сиёсати комилу босамари давлат нисбат ба ҷавонон иброз гардида, ҳайати нави Кумитаи Марказии ИЛКҶТ мувазҙаф гардид, ки ҳарчи зудтар лоиҳаи Қонуни РСС Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон»-ро таҳия намуда, ба сессияи навбатии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ барои баррасӣ пешниҳод намояд. Тибқи ин супориш, пленуми Шӯрои Кумитаи Марказии (ШКМ) ИЛКҶТ-и 27 декабри соли 1990 баргузор гардида, лоиҳаи Қонун «Дар бораи ҷавонон»-ро ба Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон пешниҳод намуд. Кумитаи Марказии комсомоли Тоҷикистон роҷеъ ба масъалаи таъсис додани сохтори иҷроияи сиёсати давлатии ҷавонон расман ба Президенти РСС Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов муроҷиат менамояд. Дар ин ҳуҷҷат оварда шудааст, ки «ҳоло дар доираи қонунгузорӣ КМ ИЛКҶ Тоҷикистон лоиҳаи Қонун «Дар бораи ҷавонони РСС Тоҷикистон»-ро пешниҳод намуд, қарорҳои Шӯроҳои вилоятию шаҳрии депутатҳои халқи Ленинобод «Дар бораи тадбирҳо оид ба ташаккул додани сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гаштаанд, корҳо барои омода сохтани барномаҳои ҷавонон дар вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб оғоз шудаанд, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо як қатор қарорҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои ҷавонон, мусоидат намудан ба фаъолияти хоҷагии онҳо ва дастгирии созмонҳои ҷавонон қабул гаштаанд». Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ ҷараёни сиёсати ҳадафмандонаи ҷавонон фаъолона ташаккул меёбад. Дар ҳуҷҷати мазкур КМ ИЛКҶТ талаботи худро оид ба ҳарчи тезтар таъсис додани мақомоти давлатии кор бо ҷавонон дар сохтори ҳокимияти иҷроия изҳор намуда, тартиби мушаххаси ташаккул додан ва муайян кардани мақоми ин мақомотро пешниҳод кардааст. Дар натиҷаи ин заҳматҳо 9 феврали соли 1991 бо Фармони Президенти РСС Тоҷикистон тахти №ФП–27 Кумитаи давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъсис дода шуд.

Таҳлилу омӯзиши ҷараёни баъдинаи ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки маҳз аз мадди назар дур мондани пешниҳодоту таклифҳои ташкилоти ботаҷрибаю бонуфузи ҷавонон, истифода нагаштани иқтидору имкониятҳои онҳо дар марҳилаи аввали ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон боиси баъди як соли фаъолияти нопурра соли 1991 барҳам хӯрдани нахустин идораи давлатии кор бо ҷавонон гардид. Баъди барҳам хӯрдани сохтори давлатии кор бо ҷавонон кадрҳои ботаҷрибаи он пароканда шуданд, ба дигар сохторҳои давлатӣ ба кор гузаштанд. Бо ҳамин шабакаи мавҷудаи хадамоти иҷтимоӣ барои ҷавонон барҳам хӯрд. Ҳамин тавр, кӯшиши нахустини ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон бо сабабҳои субъективӣ тақдири бебарориро соҳиб гашт ва моҳи январи соли 1992 дар ҳайати нави Девони Вазирон бар

ивази Кумитаи давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш Кумитаи давлатӣ оид ба варзиш ва туризм таъсис меёбад. 13 марти соли 1992 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон»-ро қабул намуд. Сипас, мобайни соли 1992 бори дигар мақомоти давлатии кор бо ҷавонон дар шакли Кумитаи давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон, варзиш ва туризм барқарор мегардад. Аммо бо сабаби номусоидии вазъияти сиёсии кишвар он фаъолияти мукаммал намебарад. 9 июни соли 1993 баъди барқарор гаштани сохти конститутсионӣ бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №256 Кумитаи корҳои ҷавонони назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад. Ин марҳиларо метавон оғози кӯшиши дуюми ташаккул додани сиёсати давлатии ҷавонон ном бурд. Мутаассифона, ин иқдомоти пешгирифта низ ҷомаи амал напӯшид. Баъди якуним соли фаъолият дар натиҷаиислоҳоти ҳокимияти давлатӣ, Кумитаи мазкур барҳам хӯрд. Ҳамин тавр, саъйи дуюми комилан ташаккул додани сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон низ бо нобарорӣ анҷом ёфт.

Бо назардошти талаботи замон ва амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз моҳи марти соли 1992, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ва дар ҳамин замина мақомоти ваколатдори давлатӣ Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ (20 марти соли 1998) барои олимон ва ихтироъкорони ҷавон, дилгармии онҳоро ба ояндаи дурахшони кишвар бештар намуд. Дар ин давра тавассути муассисаҳои илмии кишвар садҳо ҷавонон соҳиби дараҷа ва унвонҳои илмӣ гардида, дар риштаҳои гуногуни ҳаётан муҳимми хоҷагии халқи мамлакат ба фаъолияти пурсамар машғул гардиданд ва корҳои илмии анҷомдодаи онҳо фарогири масъалаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа мебошанд.

Мусаллам аст, ки дар ҳар як соҳа асоси фаъолияти ташкилии ҳуқуқии онҳоро қонунгузорӣ фароҳам меорад. Дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон асоси ҳуқуқии фаъолият ба пояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», ки соли 1992 дар шароити мураккаби идораи давлатӣ ва ноороми ҷомеа қабул гардида буд, устувор аст. Дар чунин вазъияти номусоид таҳия шудани чунин санад наметавонад ба пуррагӣ маҷмуи мушкилоти ҳаёти ҷавононро фаро гирад. Дар робита ба ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав аз 09.06.2004 таҳти №1142 қабул гардид.

21 майи соли 2005 дар фазои сулҳу субот, бо назардошти дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, рушди рукнҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ва бо мақсади баррасии ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, вазъи ҳаёт ва мушкилоти фарогирифтаи ҷавонон ва бо ин васила муқаррар намудани вазифаҳо барои солҳои оянда мулоқоти навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Ҷавонони меҳандӯст метавонанд пешбаранда ва ҳимоятгари асили кишвар бошанд, ва дар рушду нумӯи он ҳиссагузор шаванд. Бо ҳамин мақсад ва таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2005 «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон» (барои солҳои 2006-2010) қабул гардид.

Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт ва дорад. Пешвои миллат дар яке аз мулоқотҳои худ бо намояндагони ҷавон чунин изҳор намуданд, ки «ташаккул ва таҳкими тарзи ҳаёти солими ҷавонон яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад, чунки тандурустии ҷавонон тандурустии миллат аст». Бо ҳамин мақсад ҷиҳати беҳбудӣ бахшидан ба вазъи саломатии наврасон ва ҷавонон тавассути паст намудани таъсири рафторҳои хавфнок ва одатҳои номатлуб бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии рушди саломатии ҷавонон» барои солҳои 2006-2010 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 қабул гардид.

Манбаи асосӣ ва устувории дилхоҳ фаъолият ва ё амалиёт аз имкониятҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии мутаносибан муқаррargardида маншаъ мегирад. Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд, ҳанӯз аз солҳои аввали бадастории

истиқлолияти давлатӣ ва мустақилият системаи махсуси фаъолият бо номи «Сиёсати давлатии ҷавонон» ташаккул ёфт ва ҳамзамон барои татбиқи босамари он дар кишвар бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардид. То имрӯз бо назардошти шароити ҷомеаи муосир ва рушду такомули ҷавонон дар ҳолати рақобатпазирӣ ва муқовимат ба тазодҳои ҷомеа ба Қонуни мазкур ду маротиба тағйирот ворид шуд. Маротибаи аввал соли 2004 бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2004, таҳти №1142 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав қабул гардид. Маротибаи дуюм соли 2011 бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳуриии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2011, таҳти №521 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардид, ки дар фазои кишварҳои минтақа ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз қонунҳои беҳтарин шинохта шудааст.

Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» аз 13 марти соли 1992, Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020, Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон (оғоз аз соли 1999 пай дар пай барои ҳар се сол инҷониб), Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон (оғоз аз соли 2002 инҷониб) ва Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (оғоз аз соли 2006 инҷониб), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» ва дар ҳамин замина таъсис ёфтани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ (20 марти соли 1998), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо» (26 феврали соли 1998), баъди танаффуси сесола боз аз нав эҳё шудани рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (23 феврали соли 1998), 23 май эълон гардидани Рӯзи Ҷавонони Тоҷикистон, доир гаштани фестивалҳои ҳамасолаи дӯстии ҷавонон (соли 1997 дар вилояти Суғд, соли 2000 дар Бадахшон, соли 2001 дар шаҳри Душанбе, соли 2002 дар вилояти Хатлон, соли 2003 фестивали дӯстии ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон, соли 2004 дар шаҳри Душанбе, соли 2004 фестивали дуюми дӯстии ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон, соли 2005 дар вилояти Бадахшон, соли 2006 дар шаҳри Душанбе, соли 2007 дар вилояти Суғд), Стипендияи байналмилалии президентӣ “Дурахшандагон”, қабули қонуну барномаҳои рушди иҷтимоии ҷавонони мамлакат, Грантҳои ҳукуматӣ бо мақсади дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии кор бо ҷавонон, таъсисёбӣ ва баргузории ҷаласаи нахустини Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили ҳамасолаи “Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон”, ҷавоникунонии сиёсати кадрӣ ва дар зинаҳои роҳбарикунанда таъйин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд, ободу зебо гардонидани боғҳои фарҳангӣ, мавзеву гулгаштҳои фароғатӣ ва бунёди майдончаҳои варзишии муҷаҳҳаз бо талаботи замони муосир ва билохира эълон гардидани соли 2017 “Соли ҷавонон” шаҳодати раднопазири дар солҳои истиқлолият ба амал омадани тағйироти куллӣ дар ҳаёти ҷавонони кишвар мебошанд [7].

Шароитҳои арзанда барои донишандӯзии ҷавонон ҳамасола фароҳам оварда мешаванд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, агар соли 1991 70 ҳазор нафар машғули таҳсил шуда бошанд, пас имрӯз дар заминаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 257 ҳазор нафар ҷавонон, ки 30 фоизи онҳоро духтарон ташкил медиҳанд, дар муассисаҳои таҳсилоти касбии дохил ва хориҷи кишвар таҳсил намуда истодаанд, яъне метвон гуфт, ки сатҳи донишомӯзии ҷавонон се маротиба зиёд гардидааст.

Ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи ниҳоят мураккаби сиёсӣ рост меояд, чун маҳз ҳамин вазъият ба ташаккулёбии мустаҳками он мусоидат мекунад. Намунаи олии сиёсати мазкур имрӯз дар татбиқи сифатноки он ба назар мерасад. Бешубҳа, дар ин самт як силсила санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳавӣ сиёсати мазкурро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд ва то имрӯз раванди

такмил, таҳия ва қабули падарпайи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ бомаром идома доранд.

Тадбирҳое, ки дар 30 соли даврони Истиқлол дар мамлакат андешида шудаанд, пеш аз ҳама, барои беҳбудии ҳаёти ҷавонон ва ояндаи неки Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои аввали истиқлолият дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа ва дар умум миллату давлат мебошанд. Ин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба насли ҷавон таваҷҷуҳи хосса дошта, онҳоро мунтазам ҳамчун қишри пешбаранда ва ояндадори ҷомеа эътироф ва пуштибонӣ менамояд. Дар муқоиса бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва минтақа сатҳи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон бонизом ҷараён дорад.

**Муқарриз: *Шарифзода Л.Ш.* – н.и.с., дотсенти ДДСРТ**

**АДАБИЁТ**


1. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди VI. – Душанбе, 2007.
2. Зокиров Г Н. Донишномаи сиёсӣ / Г Н. Зокиров. – Душанбе, 2007. – 602 с.
3. Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 таҳти №228
4. Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2004 таҳти №1142, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон».
5. Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурииии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2011, таҳти №521, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон».
6. Миралиев Қ. Ҷавонон ва 20 соли истиқлолият / Қ. Миралиев. – Душанбе, 2012. -272 с.
7. Муинова М.М. Талқини ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ дар байни ҷавонон / М.М. Муинова // Ахбори ДДҲБСТ. - №2 (38). - 2009.
8. Набиев В. Навниҳолони боғи истиқлол / В. Набиев. – Душанбе: Авесто, 2001. – 66 с.
9. Назаров Т. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.Назаров. – Душанбе, 2001.
10. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011.
11. Саймуддинов Ш. Национальное примирение в Таджикистане и его современное значение / Ш.Саймуддинов. - Душанбе, 2003.-150с.
12. Формирование личности: Проблемы комплексного подхода в процессе воспитания школьников /Отв.ред. Т.Н. Макновская.- М., 1998.- 5с.
13. Хакимов М.Х. Особенности становления суверенитета Таджикского народа / М.Х. Хакимов. - Душанбе: Ватанпарвар, 2005. -75с.
14. Ходибоев Ф. Роль молодежи в развитии общества / Ф. Ходибоев. - Душанбе: Истеъдод, 2010. -110с.
15. Шамолов А.А. Вопросы молодёжной политики в Республике Таджикистан / А.А.Шамолов, С.Б. Ашуров. - Душанбе: Дониш, 1998.-244 с.
16. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. –Душанбе: Ирфон, 1997.
17. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост. – Душанбе; Шарқи озод, 2001. – 94 с.
18. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон – созандагони фардои ҷомеа. – Душанбе, Деваштич, 2008. – 65 с.
19. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон – ояндаи Тоҷикистони муосир. – Душанбе: Ирфон, 1997;
20. Эмомалӣ Раҳмонов. Ҷавонон – ояндаи миллат. – Душанбе: Ирфон, 1998.
21. Эмомали Рахмонов. Долгий путь к миру. – Душанбе, 1998.


## ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ РУШДИ УСТУВОРИ ҶУМҲУРӢ


Сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт ва самараи дилхоҳ ба бор овард. Ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи ниҳоят мураккаби сиёсӣ рост меояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани иқдомоти онҳо дар ҷомеа имкониятҳои созгор фароҳам меорад. Тадбирҳое, ки дар 30 соли даврони истиқлол дар мамлакат андешида шуда, пеш аз ҳама, барои беҳбудии ҳаёти ҷавонон ва ояндаи неки Тоҷикистон нигаронида шудааст. Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Дар муқоиса бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва минтақа сатҳи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон бонизом ҷараён дорад ки он, албатта, бо сабаби таваҷҷуҳи бевоситаи Сарвари давлат ба ин қишр мебошад. Дар мақолаи мазкур марҳилаҳои асосии ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон, заминаҳои ҳуқуқӣ ва афзалиятҳои он дар шароити рушди устувори ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсат, давлат, ҷавонон, қонун, стратегия, консепсия, барнома, ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ И ЕЕ ПРИОРИТЕТЫ В УСЛОВИЯХ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ

С первых дней независимости государственная молодежная политика находилась в центре внимания Правительства Республики Таджикистан и дала желаемые результаты. Становление государственной молодежной политики в Республике Таджикистан совпадает с очень сложным политическим периодом, поскольку именно эта ситуация способствует ее укреплению. Правительство Республики Таджикистан всегда поддерживает творческие инициативы и предложения молодежи и создает благоприятные условия для реализации их инициатив в обществе. Меры, принятые в стране за 30 лет независимости, в первую очередь, направлены на улучшение жизни молодежи и светлое будущее Таджикистана. Эффективная реализация государственной молодежной политики с первых дней независимости находится в центре внимания Правительства Таджикистана. По сравнению с государствами-участниками Содружества Независимых Государств и региона, уровень реализации государственной молодежной политики в Таджикистане неуклонно растет, что, безусловно, связано с непосредственным вниманием Президента к этому сегменту. В статье рассматриваются основные этапы формирования государственной молодежной политики, ее нормативно-правовая база и ее приоритеты в контексте устойчивого развития страны.

**Ключевые слова:** политика, государство, молодежь, право, стратегия, концепция, программа, патриотизм, национальное самосознание и др.

## FORMATION OF STATE YOUTH POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: STAGES OF FORMATION AND ITS PRIORITIES IN THE CONDITIONS OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC

From the first days of independence, the state youth policy was in the center of attention of the Government of the Republic of Tajikistan and gave the desired results. The formation of state youth policy in the Republic of Tajikistan coincides with a very difficult political period, since it is this situation that contributes to its strengthening. The Government of the Republic of Tajikistan always supports creative initiatives and proposals of young people and creates favorable conditions for the implementation of their initiatives in society. The measures taken in the country over 30 years of independence are primarily aimed at improving the lives of young people and a bright future for Tajikistan. Effective implementation of state youth policy from the first days of independence has been in the focus of attention of the Government of Tajikistan. Compared to the member states of the Commonwealth of Independent States and the region, the level of implementation of the state youth policy in Tajikistan is steadily growing, which, of course, is associated with the direct attention of the President to this segment. The article examines the main stages of the formation of state youth policy, its regulatory framework and its priorities in the context of sustainable development of the country.

**Keywords:** politics, state, youth, law, strategy, concept, program, patriotism, national identity, etc.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Тоирзода Суҳроб Тоир*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи фанҳои муҳандисӣ ва сохтмони гидротехникӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кучаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 905 77 33 10.** E-mail: **avliyoqulov97@.mail.ru**
***Саидзода Музаффар Маҳмадшариф*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи фанҳои муҳандисӣ ва сохтмони гидротехникӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кучаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 885 22 22 11**
***Авлиёқулов Рустам Тоирович*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, магистри курси якуми ихтисоси идораи давлатӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. Телефон: **(+992) 905993262**

**Сведение об авторах:** ***Тоирзода Сухроб Тоир*** - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры инженерии и гидротехники. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, р-н Дангара, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 905 77 33 10**. E-mail**: avliyoqulov97@.mail.ru**
***Саидзода Музаффар Махмадшариф*** - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры инженерии и гидротехники. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, р-н Дангара, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 885 22 22 11**
***Авлиёкулов Рустам Тоирович*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, магистр 1-го курса по специальности государственного управления. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Душанбе. Телефон: **(+992) 905 99 32 62**

**Information about author:** ***Toirzoda Suhrob Toir*** - Dangara state University, assistant at the departments of engineering subjects and hydraulic structures. **The address:** 734065, Republic of Tajikistan, Dangara region, Soveti street, 30. Phone: **(+992) 905 77 33 10**. E-mail: **avliyoqulov97@.mail.ru**
***Saidzoda Muzaffar Mahmadsharif*** - Dangara state University, assistant at the departments of engineering subjects and hydraulic structures.. **The address:** 734065, Republic of Tajikistan, Dangara region, Soveti street, 30. Phone: **885 22 22 11**
***Avliyoqulov Rustam Toirovich*** - Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, 1st year master in public administration. **The address:** 734065, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Phone: **905 99 32 62**

УДК: 34 (575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ ОМӮЗИШИ ФАЪОЛНОКИИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ

*Абдуев Х.Н.*
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**

Таваҷҷуҳ ба зуҳури фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар шароити муосири ҳаёти ҷамъиятии аксари мамлакатҳо ба шиддат меафзояд. Афзоиши чунин таваҷҷуҳ сабабҳои гуногун дорад ва он дар кишварҳои олам аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар баъзе аз кишварҳо бо такя аз фаҳми ҷавонон дар идомаёбии бозтавлиди ҷомеа бештар ба масъалаҳои зарурии тарзу востаҳои муносибати таъмини ҷойгоҳи онҳо дар сохтори ҷомеа аҳамият медиҳанд. Вобаста ба ин масъалаҳои ҷомеапазирии ҷавонон баҳри муваффақ шудан ба таъмини иштироки онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва ғайра афзалият пайдо мекунанд. Аз ҷониби дигар, афзоиши таваҷҷуҳ ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон ба авҷгирии иштироки онҳо дар чорабинию намоишҳои эътирозӣ алайҳи низомҳои сиёсӣ, ҷалби онҳо ба созмону ташкилотҳои мамнуи тахрибкор аз ҷониби доираҳои фаромиллӣ алоқаманд аст. Айни замон нуқтаи умумии ин ду ҷанбаро ба якдигар наздик созанда аз он бармеояд, ки ҷавонон майли бештар ба тағйири мақоми иҷтимоии худ, талош барои аз худ кардани нақшаои нав ба нав мебошанд ва бо ин мақсад роҳҳои гуногуни ба ҳадаф расиданро интихоб мекунанд. Худи дар таркиби иҷтимоии кишварҳо аз нигоҳи бартарияти фоизи баланди иқтидори иқтисодию меҳнатӣ доштанашон ҷавонон нисбатан ба дигар қишрҳои ҷомеа дар кишвари мо нисбат ба дигар мамлакатҳо фарқ мекунанд. Тибқи баъзе маълумотҳо, дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ 20-30% қисми ташаббускор ва аз ҷумла 40% аҳолии қобили меҳнатро ҷавонон ташкил медиҳанд [8,с.327-342].

Бинобар ин, масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳои ба фазои муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид кардани ин табақаи ҷомеа метавонад ҳам ба рушди истеҳсолот ва ҳам таъмини суботу оромии ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намояд. Аз ҷумла, онҳо дар заминаи эътибордиҳию дастгирии ғояҳои муайяни сиёсӣ аз як тараф ва бетаваҷҷуҳию муқобилият ба арзишу афкори доираҳои дигари сиёсию иҷтимоӣ аз тарафи дигар, пайваста барои мазмуну мундариҷаи нав пайдо кардани онҳо ва умуман ташаккули динамикаи низоми сиёсӣ шароит фароҳам меоранд. Ба андешаи муҳаққиқи рус Илинский И.М., баъзе ҷавонон дар ин давраи гузариш худро барои ҷомеа нолозим ҳисобида, ба амалҳои манфӣ, аз қабили нашъамандӣ, майзадагӣ ва монанди инҳо даст зада, ба ҳолатҳои буҳронҳои равонӣ низ гирифтор мешаванд [5,с.45]. Дарвоқеъ, яке аз омилҳои даст задани ҷавонон ҳамин ҳолат буда метавонад. Лекин на дар ҳама ҳолат ҷавонон дар асоси манфиатҳои сиёсӣ ба чунин рафтор даст мезананд.

Яъне, ташаккул ва зуҳури фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон низ ба падидаҳои хеле зиддиятнок алоқаманд буда, сифати онҳо ба мавҷудияту инкишофи низоми сиёсии ҷомеа таъсиргузор аст. Бинобар ин, низоми сиёсии ҷомеа низ, дар навбати худ, кӯшиш менамояд, ки на танҳо барои муназзамии диду арзишҳои аз ҷониби ҷавонон пайгиришаванда, ҷаҳонбинии онҳо, балки дар сохти эҷодии ниҳодҳои фаъолнокии онҳоро татбиқу мусоидаткунанда чорабиниҳои амалӣ андешад: «Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ роҳбарияти олии сиёсии кишвар ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус дошт. Ҳамин буд, ки ҳанӯз баъд аз шаш моҳи соҳибистиқлолӣ 13-уми марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ба тасвиб расид. Бо қарори Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми июни соли 1993, №256 Кумитаи давлатии ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ба Кумитаи кор бо ҷавонони назди Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда, аввалин мулоқоти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон 17 марти соли 1994 баргузор гардид. Дар идомаи ҳамин сиёсат мулоқоти навбатии Ҷаноби Олӣ бо ҷавонони кишвар 23-юми майи соли 1997 баргузор гардид, ки дар асоси натиҷаҳои он Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№727) «Оид ба баъзе масъалаҳои беҳтар кардани кор бо ҷавонон» ба имзо расид ва ҳамин рӯзи таърихӣ ҳамчун Рӯзи ҷавонон дар Тоҷикистон пазируфта шуд. Сипас бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 1997, №240 мақомоти давлатии ваколатдор

Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар давоми сӣ соли соҳибистиқлолӣ даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сиёсати ҷавонон ба тасвиб расид, ки барои рушду нумӯи соҳа заминаҳои мусоид фароҳам овард" [9,с.237].

Чунин иқдомҳо барои фароҳам овардани шароити мусоид баҳри дарёфти мақоми ҷавонон аз ҷойгоҳи шоистаи худ дар ҷомеа, саъю талош варзида барои татбиқу ҳифзи манфиатҳояшон, нишон додани ташаббусҳои созанда дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа имконияти васеъ фароҳам меоранд. Ҳамзамон, дар шароити имрӯза таъсири воситаҳои фишороварии нав ба зуҳури фаъолнокии сиёсии ҷавонон маҷрои пешрафти он ва ғайра меафзояд. Ин тамоюл дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, инчунин дорои ҷанбаҳои манфӣ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаҳои мазкур, дар маҷмуъ, барои таъмини суботи сиёсии ҷомеа нақши муҳим дорад. Ба андешаи донишманд Д.В. Олшанский, фаъолияти иҷтимоӣ-сиёсӣ, пеш аз ҳама, «фаъолияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё шахсони алоҳида бо таҳия ва ифодаи талаботҳои худ баҳри ҳимояи манфиатҳо, бо мақсади тағйир додани сохтори мавҷудбудаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва институтҳои дахлдори давлатӣ мебошад» [12,с.45].

Масъалаи дигари хеле муҳиме, ки дар баҳсҳои илмӣ доир мешавад, марбут ба шаклҳои зоҳиршавии фаъолнокии сиёсӣ мебошад. Он на ҳамеша якхела аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон ба амал меояд ва барои дарки ин масъала боз ҳам моро зарур аст, ки ба хусусияти худи падидаи фаъолнокии сиёсӣ бори дигар назар андозем. Фаъолнокии сиёсӣ, дар асл, ба сатҳу дараҷаи ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти сиёсӣ алоқамандӣ дошта, гувоҳи имконияти дар ихтиёр доштаашон барои татбиқи ҳуқуқҳои дар самти иштироки сиёсӣ доштаашон аст. Чун майлу талош баҳри татбиқу истифодаи чунин ҳуқуқҳо аз тарафи на ҳамаи шаҳрвандон якхела аст, пас табиист, ки зуҳури фаъолнокияшон ҳам аз якдигар фарқ мекунад. Дар ин маврид зимни мушоҳидаи пайгирона метавонем дар рафтори сиёсии одамон умдатан ҳамеша ду тамоюлро бубинем. Ченакҳое, ки зимни тавзеҳоти хусусияти фаъолнокии сиёсӣ истифода бурда мешаванд, аслан, сатҳи баланд ва сатҳи пасти зуҳурёбии онро арзёбӣ мекунанд. Ин ду шакли зоҳиршавии сатҳи фаъолнокии сиёсӣ аз он бармеоянд, ки то кадом андозаю дараҷа шахс вориди равандҳои сиёсии ҳаёти ҷомеа гардидааст, чӣ тавр манфиатҳои худро бо манфиатҳои умумӣ ҳамоҳанг сохта метавонад, ба иҷрои амали якҷоя оё омода аст ё не, омодаи ширкат дар фаъолияти ҳаракату ниҳодҳои гуногуни сиёсию ҷамъиятӣ мебошад ва ғайра. Зуҳури баръакси ин ҳолатро сатҳи пасти намоёншавии фаъолнокии сиёсӣ мешуморанд, ки дар бисёр консепсияҳо онро амали ғайрисиёсӣ (аполитикӣ) номида, он ҳамчунин метавонад ифодаи як навъ беэътиноӣ ба арзишҳои ҷории ҷамъиятӣ, ноумедӣ аз имконияти татбиқи манфиатҳои хеш дар заминаи низоми амалкунанда ва ғайра бошад. Одатан, низомҳои сиёсӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар фаъолияти сиёсии шаҳрвандон чунин аломатҳои марбут ба сатҳи пасти зуҳури фаъолнокияшон то сатҳи муайян аз байн баранд ва тавассути чунин амал легетимиятнокии дилхоҳи худро нишон диҳанд. Бе назорат гузоштани ҷараёни мазкур хусусан дар мавриди баргузории маъракаю чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятӣ натиҷаи таассуфовар дошта метавонад.

Бинобар ин, сатҳи зуҳури фаъолнокии сиёсиро аксаран ба суръати омодагии посухгӯии саривақтии инсон нисбати импулси аз ҷониби низоми сиёсӣ додашуда монанд ё ташбеҳ медиҳанд, ки то дараҷае ба воқеияти ҳаёти ҷамъиятии ин ва ё он кишвар хос аст. Воқеан ҳам, дар ҷомеаҳои демократӣ низомҳои сиёсӣ дар ҳолатҳои муайян бо падидаҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки вобаста ба мубрамияти ягон иқдомашон боиси сар задани сатҳи мутаносиби фаъолнокии сиёсии одамон мегарданд. Агар ин иқдом салоҳ дониста шавад, фаъолнокии ҷонибдорона ва агар баръакси он бошад, пас фаъолнокии муқовиматкунанда нисбати он сурат мегирад. Масалан, пайдошавии ҳаракати сабзгароён, зардкамзулҳо, «ҳаёти сиёҳпӯстон аҳамият дорад» ва ғайра дар солҳои охир дар як қатор кишварҳои ғарбӣ ин андешаро тасдиқ менамоянд. Дар шароити мусоид чунин шаклҳои фаъоли фаъолнокии сиёсӣ ба ташаккули ҳаракату ҳизбҳои муташаккили ҷамъиятию сиёсӣ асосу замина мегузоранд [14,с.177-178].

Иштироки сиёсии ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ яке аз масъалаҳои баҳсталаби давраи муосир буда, муҳаққиқони зиёде ҳангоми тадқиқот назарияҳои мухталиферо пешниҳод намудаанд. Дарвоқеъ масъалаи мазкур муҳим буда, дар шаклҳои гуногун намудор

мегардад. Равандҳои сиёсии ҷомеаро бидуни иштироки сиёсии насли ҷавон ҳатто тасаввур намудан ғайриимкон мебошад. Мо шоҳиди ҳол ҳастем, ки ҷавонон дар аксарияти мавридҳо иштирокчии асосӣ дар равандҳои сиёсӣ мебошанд. Аммо масъалаи асосӣ танҳо иштирок набуда, балки натиҷаҳои ниҳоии он мебошад. Ҷавонон бояд дар равандҳои сиёсӣ мақсаднок фаъолият намуда, баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсии худ кӯшиш намоянд.

Дар бештари мавридҳо танҳо ба ҷанбаҳои фаъолияти сиёсӣ ва иштироки сиёсии ҷавонон диққат равона карда мешавад. Муҳаққиқон ҳангоми таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои ҷавонон бештар ба унсурҳои сохторӣ, типологияи иштироки сиёсии ҷавонон дар равандҳои сиёсӣ ҳангоми фаъолнокии сиёсии онҳо диққат додаанд. Масъалаи типологияи иштироки сиёсии ҷавонон дар бисёр ҳолатҳо муҳим шуморида мешавад. Ҳамзамон, дар баробари таҳлили шаклҳои анъанавӣ муҳаққиқон дар рафти таҳлил ба шаклҳои муосири иштироки сиёсии ҷавонон таваҷҷуҳ намудаанд. Масъалаҳои иштироки ҷавонон дар равандҳои сиёсӣ дар давраҳои тағйиротҳои иҷтимоӣ аз ҷониби донишмандон ба таври васеъ таҳлил гардидаанд. Давраи тағйирот ё худ гузариш барои ҳар як кишвар марҳилаи асоситарин ба шумор меравад, зеро он заминаҳоро барои рушди оянда ба миён меорад. Дар чунин давра мавқеи ҷавононро нодида гирифтан ғайриимкон мебошад, чунки онҳо қисми ҷудонашаванда ваояндаи ҳар як давлат мебошанд.

Шакли иштироки иҷтимоӣ-сиёсии ҷавонон дар равандҳои сиёсӣ ҳам дар давраи тағйирот ва ҳам дар давраи осоишта аҳмияти муҳимро соҳиб аст. Маҳз ҷавонон дар бисёр ҷомеаҳо сабабгори тағйиротҳо мегарданд. Сабаби асосии тағйиротҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҷомеа, пеш аз ҳама, мувофиқ наомадани манфиатҳо дар ҳаёти сиёсӣ мебошанд. Вақте ки арзишҳои пешина манфиатҳои ҷомеаи муосирро қонеъ сохта наметавонанд, омили асосии тағйиротҳо мегарданд. Оқибати тағйироҳо дар ҷомеа, дар аксарияти ҳолатҳо аз шакли иштироки ҷавонон вобаста аст, зеро онҳо бунёдгузор ва идомадиҳандаи модели нави сохтори ҷомеа ва арзишҳои сиёсӣ мебошанд.

Дар ҳақиқат, вақте ки дар ҷомеа фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ ба амал меояд, он дар пасманзари худ тағйиротҳои бузургро дорад. Натиҷаи фаъолияти иҷтимоӣ-сиёсӣ аз шакли он низ вобастагӣ дорад. Он, асосан, дар шаклҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, қонунӣ ва ғайриқонунӣ ба амал меояд. Фаъолияти осоишта ҳолате мебошад, ки иштироки одамонро дар раванди сиёсӣ қонунгузории расмӣ иҷозат додааст ва ҳар як шахс метавонад озодона иштирок намояд. Фаъолияти ғайриқонунӣ ҳолати берун аз доираи қонунҳои амалкунандаи расмӣ фаъолият намудани аъзоёни ҷомеа мебошад, ки ин ҳолат асосан дар шаклҳои ғайриосоишта ба амал меояд. Ҷомеа дар ҳоле рушд мекунад ва ба пешравиҳои назаррас даст меёбад ки, агар аъзоёни он ба фаъолияти қонунии осоишта дар асоси манфиатҳои ҷамъиятӣ амал намоянд.

Муҳаққиқони соҳаи психологияи сиёсӣ низ ба омӯзиши масъалаҳои ҷавонон назари хосса доранд. Аз нуқтаи назари психологияи сиёсӣ, фаъолияти сиёсии ҳар як ҷавон дар сиёсат ва ҳаёти сиёсӣ ба ӯ имконият медиҳад, ки эътибори худро дар ҷомеа баланд бардошта, манфиатҳояшро ҳимоят намояд. Ин ҳолат боиси баланд гардидани рӯҳияи ин қишри ҷомеа мегардад, ки дар марҳилаҳои минбаъдаи рушди онҳо ва ҷомеа мусоидат менамояд. Ҳолати рӯҳӣ барои фаъолият намудан дар ҷомеа омили асосӣ ба шумор рафта, натиҷаи аксарияти равандҳо аз ҳамин ҳолат вобастагӣ дорад. Агар шахс, махсусан ҷавонон, бо рӯҳияи баланди сиёсӣ ва бо боварӣ ба оянда фаъолият намоянд, он ҷомеа пеш меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин раванди авҷи баланди фаъолнокии сиёсиеро, ки минбаъд боиси ташаккули ҳаракати мустақили ҷамъиятӣ гардид, мо метавонем дар мисоли пайдошавии Ҳаракати ваҳдати миллӣ равшан мушоҳида кунем. Чуноне ки маълум аст, барои хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар баробари иқдомҳои гуногун давлат инчунин тақвияти майлу талошҳои ҳамдигарфаҳмию гузаштқуниҳои тарафайнро хеле моҳирона ба кор даровард. Мардуми одии ҳарду тарафи сангар новобаста аз муқовиматҳои манфиатҷӯёнаи баъзе доираҳо бо ҳамдигар вориди гуфтугӯ дар саҳнаҳои ғайрирасмӣ низ гардиданд. Бисёре аз масъалаҳое, ки дар сатҳи музокироти расмӣ ба душворӣ рӯ ба рӯ мешуданд, акнун бо роҳи ҷалби фаъолону ташаббускорони ҷамъиятӣ роҳи ҳалли худро пайдо менамуданд. Чун низоми сиёсӣ дар ин зуҳурот заминаи муҳимми ҳалли масъалаи оштии миллию таъмини рушди мамлакатро эҳсос намуд ва аз ин хотир

онро ҳамаҷониба дастгирӣ ва ниҳодина кард. Ба гуфтаи О.Г. Шенин, иштироки сиёсӣ дар ҷомеа метавонад ҳама гуна фаъолияти шахсӣ ва ҷамъиятии одамонро фаро гирад [15,с.45].

Ҳамин тавр, омӯзиши масъалаҳои ҷавонон ва махсусан иштироки онҳо дар равандҳои сиёсӣ, ҳамчун субъекти муносибатҳои сиёсӣ, яке аз масъалаҳои асосӣ дар ҳар як давра ба шумор меравад. Давлатҳои гуногун ба масъалаи рушди ҷавонон ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ диққати ҷиддӣ дода, онҳоро ҳамчун як воситаи асосӣ баҳри рушди имрӯзу ояндаи давлати худ мешуморанд. Дар шароити муосир, ки рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ бо махсусиятҳои хоссааш аз давраҳои қаблии инкишоф ба куллӣ фарқ мекунад ва рӯй овардан ба ин масъала амри зарурӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар ҳоле ки таъсири равандҳои иттилоотӣ аз ҳарвақта дида бештар эҳсос мешавад ва ин ҳолат бештар ба ҷавонон таъсиргузор аст, таваҷҷуҳ намудан ба ин раванд саривақтӣ мебошад. Рушди давлати муосирро бе фаъолияти назарраси ҷавонон дар тамоми соҳаҳо тасаввур намудан ғайриимкон мебошад, зеро онҳо иқтидори бузурги давлат муосир ба шумор меравaнд. Ҳолатҳои иштироки сиёсии ҷавонон низ аз аҳамият холӣ набуда, мавқеи муайянро дар равандҳо касб намудаанд. Иштироки сиёсии ҷавонон дар як шакл ба вуҷуд наомада, аз маҳорат ва шакли даркнамоии онҳо вобастагӣ дорад. Муҳаққиқони шинохта О.М. Карпенко ва И.А. Ломанов оиди фаъолияти сиёсии ҷавонон назарияҳои ҷолиберо пешниҳод намудаанд. Ба андешаи ин муҳаққиқон, асоси фаъолияти сиёсиро ҳолатҳои зерин ташкил менамоянд: ақлӣ, интихоботӣ, стихиявии оммавӣ, сохторӣ ва касбӣ [3,с.45].

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки аксарияти аҳолиашро наврасону ҷавонон ташкил менамоянд. Дар ҳоле ки аксарияти аҳолии кишварро ин гурӯҳ ташкил менамояд бояд ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона карда шавад. Ҳукумати кишвар аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолиаш новобаста аз мушкилиҳои ҷойдошта дар ҳамаи самтҳо ба ин масъала диққати хосса равона намудааст. Махсусан қабули як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", Низомномаи грантҳои ҲҶТ барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи волонтёрӣ, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайраҳо, ки фарогири фаъолияти тамоми ҷавонони кишваранд, аз ҳамин қабиланд. Бояд тазаккур намуд, ки имрӯзҳо масъалаҳои ҷавонон яке аз самтҳои асоситарини фаъолияти давлатиро дар кишвар ташкил медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари тозаистиқлол ба масъалаи фаъолияти сиёсии аҳли ҷомеа диққати махсус додааст. Мувофиқи моддаи 29 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки дар равандҳои сиёсии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад [7,с.45]. Моддаи зикргардидаи Конститутсия имконияти хуби фаъолияти қонуниро барои шаҳрвандон муқаррар кардааст.

Ҷавонон хамчун неруи фаъол дар тамои давраҳо бо фаъолияти пурсамари худ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нақши муассир доранд. Ин қишри фаъоли ҷомеа дар таркиби тамоми сохторҳои давлати фаъолият намуда, бо рафтор ва неруи хоссаашон мавқеи худро муайян месозанд. Ҷавонон дар равандҳои сиёсӣ дар аксарияти мавридҳо яке аз субъектҳои асосӣ ва фаъол баромад намуда, кӯшиш менамоянд, ки баҳри рушди ҷомеаи худ ҳиссагузор бошанд. Ин гурӯҳи бузурги иҷтимоӣ ҳам дар равандҳои сиёсии осоишта ва ҳам дар равандҳои сиёсии ғайриосоишта фаъолият менамоянд, ки боиси тағйиротҳои бузург дар сатҳи давлатҳо ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад. Муносибати ҷавонон ба равандҳои сиёсӣ дар рафти фаъолияти онҳо аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Махсусан дараҷаи дониши сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, худшиносии милии онҳо ба фаъолнокии ин гурӯҳ таъсир мегузорад. Дониши сиёсӣ барои ҳар як фард имконият медиҳад, ки равандҳои сиёсиро дуруст дарк намуда, дар асоси он фаъолият намояд. Вақте ки ҷавонон дониши кофии сиёсӣ дошта бошанд, онҳоро гурӯҳҳои манфиатдор ба фоидаи шахсию гурӯҳии худ истифода намебаранд. Онҳо худ тасмимгирандаи ҳадафҳои худ мешаванд. Ҳамзамон, маданияти сиёсӣ низ омили таъсиргузор ба фаъолияти ҷавонон ҳисобида мешавад. Дар ҳоле, ки маданияти сиёсии ҷавонон баланд бошад, онҳо масъалаҳои ҳаёти сиёсиро хуб дарк намуда, фаъолияти самаранокро анҷом медиҳанд, ки ин боиси рушди ҷомеа мегардад. Худшиносии миллӣ низ ба фаъолияти сиёсии ҷавонон

бетаъсир буда наметавонад. Он вазифаҳои бузургро анҷом медиҳад. Дар мавриде ки ҳисси худшиносии миллӣ баланд бошад, рушду пешрафти давлат таъмин мегардад, зеро он худ қувваи ҳаракатдиҳандаи асосӣ баҳри фаъолияти самаранок мебошад.

**Муқарриз: *Усмонзода Х.У.* – д.и. ф., профессор, узви вобастаи АМИТ**

## АДАБИЁТ


1. Вишневский Ю.Р. Гражданская культура студентов. Тенденции и проблемы формирования [Текст] // Социологические исследования. -2009. -№4. -С.116.
2. Зубок Ю.А., Ростовская Т.К., Смакотина Н.Л. Молодежь и молодежная политика в современном российском обществе. -М.: ИТД «ПЕРСПЕКТИВА», 2016. -166 с.
3. Карпенко О.М., Ламанов И.А. Молодёжь в современном политическом процессе в России. -М.: Изд-во СГУ, 2006. -С.135-143.
4. Кастельс М. Глобальный капитализм // Экономические стратегии. -М., 2000. -С. 22.
5. Луков В.А. Ильинский: гуманистическая концепция молодежи //Знание. Понимание. Умение. - 2006. -№ 2. -С. 53.
6. Ковлер А И., Смирнов В.А. Демократия и участие и политике. Критические очерки истории и теории. -М., 1986. -С. 192.
7. КонститутсияиҶумҳурииТоҷикистон. –Душанбе, 2016. -С. 102.
8. Саидова Ҳ. Нақши Пешвои миллат дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон // Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташакккул ва рушд. –С.342.
9. Содиқӣ Н., Абдухолиқзода Л. Асосҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (маориф, илм, фарҳанг, ҷавонон) дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. Дар китоби «Мақоми олии қонунгузори Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ». -Душанбе, 2021. -С.237.
10. Суровова О.В. Политическая социализация Российской молодёжи в условиях трансформации общества: дис. … д-ра полит. наук. -Саратов, 2006. -405 с.
11. Сысоева Н.А., Новокрещенов А.В., Фахрутдинова А.З. Электоральное поведение: американские теории и российская практика. -Красноярск, 2001. -С. 21.
12. Ольшанский Д.В. Политико-психологический словарь. -М., 2002. -С. 573.
13. Тетерский С.В. Международный опыт государственно-общественной поддержки социальных инициатив детей и молодежи. -М.: Реглант, 2003. -С.13.
14. Усмонзода Х. Таъсири падидаҳои навзуҳури иҷтимоӣ ба низомҳои ҷамъиятӣ. дар китоби «Ваҳдат, Давлат, Президент». «Истеъдод». - 2020. –С.177-178.
15. Щенина О.Г. Формы участия молодёжи в политическом процессе современной России: дис. канд. полит. наук. -М., 2005. -С. 78.


## ХУСУСИЯТҲОИ ОМӮЗИШИ ФАЪОЛНОКИИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ


Дар мақолаи мазкур омилҳо ва роҳҳои ташаккули фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар ҳақиқат, фаъолнокии сиёсии ҷавонон мавзӯи муҳим ва рӯзмарра ба шумор меравад. Аз ҷониби дигар, ҳар як фард дар асоси манфиатҳои муайяни сиёсии худ иштирокчии бевоситаи равандҳои сиёсӣ мегардад. Иштироки фаъолона ва мақсаднок дар равандҳои сиёсӣ яке аз шаклҳои барҷастаи фаъолияти сиёсӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, дар баробари таҳлили омилҳо ва роҳҳои ташаккули фаъолнокии сиёсии ҷавонон, таъсири амиқи онро ба ҳаёти ҷомеаҳои муосир низ баррасӣ шудааст. Зеро дар раванди ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ омилҳои зиёде мавҷуданд, ки ба рафти шаклгирии фаъолияти сиёсии ҷавонон бевосита таъсир мерасонанд. Омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ низ барои шаклгирии фаъолияти сиёсии ҷавонон таъсир мерасонанд. Масъалаи асосии омӯзиши фаъолнокии сиёсии ҷавононро ҷанбаҳои методологии он ташкил медиҳад. Методологияи тадқиқи илмии падидаи мазкур имконият медиҳад, ки моҳияти он ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ муайян карда шавад. Инчунин, тавассути таҳлили методологӣ моҳият, хусусият, пайдоиш ва сохтори он низ муайян карда мешавад. Баҳри таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолнокии сиёсии ҷавонон, дарк намудани равандҳои сиёсӣ ва огоҳӣ доштан аз назарияи илмии сиёсӣ, амри зарурӣ мебошанд. Бидуни мавҷудияти донишҳои сиёсӣ ва худшиносии миллӣ муайян намудани ташаккули худшиносии миллии ҷавонон ғайриимкон мебошад. Дар маҷмуъ, ояндаи ҳар як ҷомеа аз мавқеи насли ҷавон, ҷаҳонбинии онҳо, рушди соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ, дараҷаи фаъолнокии сиёсии онҳо ва маънаиёти ҷавонони он вобаста мебошад. Ҷавонон тақдир ва ояндаи ҳар як ҷомеаро муайян менамоянд. Дар ин робита таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба баррасии илмии категорияи фаъолнокии сиёсии ҷавонон баҳри фаҳмиш ва дар амал татбиқ намудани он имкониятҳои беҳтарро ба миён меорад.



**Калидвожаҳо:** фаъолият, ҷавонон, раванд, маърифат, ҷомеапазирӣ, низом, ташкилот, худшиносӣ, муносибат, иштирок.


## ОСОБЕННОСТИ ИЗУЧЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ АКТИВНОСТИ МОЛОДЕЖИ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ


В статье рассматриваются факторы и пути формирования политической активности молодежи в современных условиях. На самом деле политическая активность молодежи - важный и актуальный вопрос. С другой стороны, каждый человек становится непосредственным участником политического процесса, исходя из его или ее конкретных политических интересов. Активное и целенаправленное участие в политическом процессе -

одна из важнейших форм политической деятельности. В то же время, наряду с анализом факторов и способов формирования политической активности молодежи, он также рассматривал ее глубокое влияние на жизнь современного общества. Потому что в процессе формирования общественно-политических отношений существует множество факторов, напрямую влияющих на процесс формирования политической активности молодежи. Экономические, социальные, политические и культурные факторы также оказывают существенное влияние на формирование политической активности молодежи. Основным аспектом изучения политической активности молодежи являются ее методологические аспекты. Методология научного исследования этого феномена позволяет определить его сущность как социально-политическое явление. Сущность, природа, происхождение и структура также определяются посредством методологического анализа. Необходимо всесторонне анализировать политическую активность молодежи, понимать политический процесс и знать теорию политологии. Без политических знаний и национального самосознания невозможно определить формирование национального самосознания молодежи. В целом будущее любого общества зависит от позиции подрастающего поколения, его мировоззрения, развития общественно-политической сферы, уровня их политической активности и смысла молодости. Молодые люди определяют судьбу и будущее любого общества. В связи с этим серьезный интерес к научному рассмотрению категории политической активности молодежи создает лучшие возможности для понимания и ее реализации.

**Ключевые слова:** деятельность, молодежь, процесс, образование, социализация, система, организация, самопознание, установка, участие.

**FEATURESOF THE STUDY OF THE POLITICAL ACTIVITY OF YOUTH IN POLITICAL LIFE**

The article examines the factors and ways of forming the political activity of young people in modern conditions. In fact, the political activity of young people is an important and urgent issue. On the other hand, each person becomes a direct participant in the political process, based on his or her specific political interests. Active and purposeful participation in the political process is one of the most important forms of political activity. At the same time, along with an analysis of the factors and ways of shaping the political activity of young people, he also considered its deep influence on the life of modern society. Because in the process of forming social and political relations, there are many factors that directly affect the process of forming the political activity of young people. Economic, social, political and cultural factors also have a significant impact on the formation of the political activity of young people. The main aspect of studying the political activity of young people is its methodological aspects. The methodology of scientific research of this phenomenon allows us to define its essence as a socio-political phenomenon. Essence, nature, origin and structure are also determined through methodological analysis. It is necessary to comprehensively analyze the political activity of young people, understand the political process and know the theory of political science. Without political knowledge and national self-awareness, it is impossible to determine the formation of the national self-awareness of young people. In general, the future of any society depends on the position of the younger generation, its worldview, the development of the socio-political sphere, the level of their political activity and the meaning of youth. Young people determine the fate and future of any society. In this regard, a serious interest in the scientific examination of the category of political activity of young people creates better opportunities for understanding and its implementation.

**Keywords:** activity, youth, process, education, socialization, system, organization, self-knowledge, attitude, participation.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Абдуев Хуршед Нарзалиевич*** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**,** унвонҷӯ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **935-55-44-49.** E-mail: **abduev90@list.ru**

**Сведение об авторе**: ***Абдуев Хуршед Нарзалиевич*** - Таджикский аграрный университет имени Ш. Шохтемура, соискатель. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: **935-55-44-49.** E-mail: **abduev90@list.ru**

**Information about afthor**: ***Abduev Khurshed Narzalievich*** - Tajik Agrarian University named after Sh. Shokhtemur, applicant. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe Dushanbe, Rudaki Avenue 146. Phone: **935-55-44-49.** E-mail: **abduev90@list.ru**

УДК: 327

# ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН ДАР ДОИРАИ ТАШАББУСИ «ЯК КАМАРБАНД ЯК РОҲ»

*Мирзоев К.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон маҳсуб мегардад.Тавре маълум аст, моҳи сентябри соли 2013, президенти Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар Донишгоҳи Назарбоеви Қазоқистон бо маърӯза таҳти унвони «Пешбурди дӯстии мардум ва эҷоди ояндаи беҳтар» баромад кард ва бори аввал ташаббускори навсозии моделҳои ҳамкорӣ ва якҷоя сохтани камарбанди иқтисоди Роҳи Абрешимро пешниҳод кард. Моҳи ноябри соли 2013 сохтмони Камарбанди Иқтисодии Роҳи Абрешим ба таври расмӣ ба изҳороти иҷлосияи сеюми 18-уми Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии Чин дохил карда шуд ва он стратегияи рушди миллии Чинро дар шароити нави ҷаҳонӣ асоснок менамуд. Инчунин роҷеъ ба стратегияи «як камарбанд як роҳ» теъдоди зиёди «Мақолаҳои Ҳизби коммунистии Чин» навишта шуда буд, ки он рушди устувори Чинро дар бораи стратегияи «Як камарбанд ва як роҳ» инъикос мекунад.

Моҳияти камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим аз он иборат аст, ки он анъанаҳои қадимаи фарҳангии Роҳи Абрешимро тавассути ҳампайвастагии "панҷ пайванд" (иртиботи сиёсӣ, пайвастагии роҳ, савдои бемонеа, гардиши асъор ва равобити мардум бо ҳамдигар) барои ташаккули ҳамкории мутақобилан судманд дар ҳавзаи кишварҳои Авруосиёи эҳё менамояд.

Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим консепсияи иқтисодие мебошад, ки Чин ва кишварҳои Осиёи Марказиро барои бунёди "ҷомеаи манфиатҳо" ва "ҷомеаи ояндаи муштараки инсоният" таҷассум намуда, садоқати ҳукумати Чинро ба рушди муштараки кишварҳои минтақа нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, Чин тавассути ташаббуси «Як камарбанд як роҳ» дипломатияи ҳамсоягию дӯстӣ ва шарикии боэътимодро бо ҳамсоягон тавассути риояи манофеи мутақобилан судманд тақвият мебахшад.

Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим кишварҳои қитъаи Евразияро фаро мегирад. Хитой кишвари ибтидоӣ, Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ нуқтаи ниҳоӣ буда, инчунин ҳавзаи шимоли Африкаро низ фарогир мебошад [11]. Осиёи Марказӣ аз нигоҳи мавқеияти ҷуғрофӣ Авруосиёро бо ҳам мепайвандад.

Минтақаҳое, ки бояд тавассути онҳо бозорҳои бузург гузаранд, дар бунёди Камарбанди иқтисоди Роҳи Абрешим мавқеи муҳимми стратегӣ доранд. Тоҷикистон дар қисми ҷанубу шарқии Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, ки дар ғарб ва шимол бо Ӯзбекистон ва Қирғизистон ҳамсарҳад аст. Афғонистон дар ҳамбастагӣ бо Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ҷойгир аст ва дар консепсияи иқтисодии Чин минтақаи хосси иқтисодӣ мебошад. Тоҷикистон бошад, таърихан як кишвари транзитӣ дар Роҳи қадимаи Абрешим буд. Шаҳри Хуҷанд дар шимол як замон шаҳраки муҳим дар Роҳи Абрешими қадим буд. Тоҷикистон як гиреҳи муҳим дар бунёди Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим аст.

Ҳанӯз аз замони ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ, Тоҷикистон марҳила ба марҳила тавассути рушди устувори худ суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиро тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, мавқеи Тоҷикистон дар ташаббуси Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим махсусан муҳим арзёбӣ мегардад. Аз сабаби оне, ки миқёси нисбатан хурди иқтисоди кишвар ва мушкилоти барҷастаи камбизоатӣ, иқтисоди Тоҷикистон дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бештар ба ҷомеаи байналмилалӣ вобаста буд, аз соли 2002 то 2014, Тоҷикистон ба маблағи умумии 2,7 миллиард доллари ИМА кумаки беруна гирифт [12]. Чин барои Тоҷикистон як кишвари ҳамсояи дӯст ва дорои нуфузи муҳимми байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад. Маблағгузорӣ, кумак ва воридоти маҳсулоти саноатии Чин барои тағйироти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Пас аз ба миён омадани ташаббуси Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим, мақомоти Тоҷикистон аҳамияти онро барои рушди кишвар дарк карданд ва омодагии қавӣ ба ҳамкорӣ бо консепсияи камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим нишон доданд. Тоҷикистон нахустин

кишвар дар ҷаҳон аст, ки "Ёддошти тафоҳум дар бораи мусоидати муштарак барои сохтани Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим" -ро бо Чин имзо кардааст.

Ташаббуси бузурги бунёди Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим барои рушди Тоҷикистон имкониятҳои нави таърихӣ фароҳам меорад. Консепсияи Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим ба таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон, мубодилаи наздики Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва талабот ба сармоя ва технология мувофиқат мекунад ва ин сабаби муносибати мусбии Тоҷикистон мебошад. Умаров С. директори Департаменти макроиқтисодии Донишкадаи иқтисодии Вазорати иқтисод ва савдои Тоҷикистон, чунин мешуморад, ки кишварҳои камарбанди иқтисодӣ бояд муносибатҳои мукаммали иқтисодӣ дошта бошанд ва онҳо бояд бо табодули бештари иқтисодӣ алоқаманд бошанд. Рушди камарбанди иқтисодӣ бояд пеш аз ҳама рушд ва робитаи байни Чин, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро фаро гирад. Ба андешаи ӯ, Тоҷикистон метавонад тавассути сохтани Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим илму технологияи пешрафтаро ба даст орад ва ба бозори ҷаҳонӣ иртиботи бевосита пайдо кунад [13].

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Чин савумин кишваре буд, ки бо Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор кард. То инҷониб дар муносибатҳои Чин ва Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддӣ ба назар мерасанд. Дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ин ду кишвар 20 майи соли 2013 муносибатҳои худро то сатҳи шарикии стратегӣ расониданд. Ду кишвар сатҳи баланди эътимоди сиёсии тарафайн доранд, муносибатҳои ҳамкориҳои институтсионалӣ ва қонунигардондашударо барқарор кардаанд, барои муносибатҳои тиҷоратӣ заминаи мустаҳкам доранд ва таърихи тулонии робитаҳо доранд. Ин барои Чин ва Тоҷикистон барои якҷоя сохтани Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим заминаи хуб фароҳам меорад.

Дар шароити соҳибистиқлолӣ муносибатҳои Чин ва Тоҷикистон дар сатҳи баланди эътимод ба роҳ монда шудааст. Ин бунёд асосан аз чаҳор ҷанба иборат аст: якум, ҳарду кишвар ба рушди муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҳамсоя аҳамият медиҳанд. Чин ба рушди муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва дӯстона бо кишварҳои ҳамсоя аҳамияти калон дода, ҷонибдори ба принсипҳои неки ҳамсоягӣ, сулҳ ва шукуфоӣ мебошад. Таҳкими ҳамкориҳои дӯстона бо кишварҳои Осиёи Марказӣ нуқтаи муҳимми сиёсати хориҷии Чин маҳсуб меёбад. Ғайр аз ин, Тоҷикистон сиёсати мустақили бисёрвекторими хориҷиро пеш мебарад [14], ки ҳадафи он барқарор намудани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд бо дигар кишварҳо дар асоси эҳтироми қонунҳои байналмилалӣ мебошад. Дар сатҳи дуҷониба, Чин яке аз муҳимтарин шарикони дипломатии Тоҷикистон мебошад. Дуюм, ин ду кишвар ҳеҷ гуна норозигии таърихӣ ва баҳсҳои марзӣ надоранд, ки ин заминаи муҳим барои таҳкими заминаи эътимоди сиёсии дуҷониба мебошад. Пас аз музокироти чандинсола, 27 апрели соли 2010, ду кишвар "Протоколи таъини марзи Чин ва Тоҷикистон дар хатти марзии Чин ва Тоҷикистон"-ро имзо карданд. Моҳи январи соли 2011 Палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон созишномаи демаркатсияро расман тасдиқ кард. Савум, ҷонибҳо дар масоили марбут ба манфиатҳои асосии ҳамдигар якдигарро қатъиян дастгирӣ мекунанд. Чин роҳи рушди интихобкардаи Тоҷикистонро дастгирӣ мекунад ва ба дахолати неруҳои хориҷӣ ба корҳои дохилии он мухолиф аст. Тоҷикистон сиёсати "Як Чин" -ро қатъиян риоя мекунад ва ба ҳама гуна шаклҳои "истиқлолияти Тайван" мухолиф аст. Ҳеҷ як кишвар иҷозат намедиҳад, ки ягон неру дар қаламрави худ ба фаъолиятҳое машғул шавад, ки ба соҳибихтиёрӣ, амният ва тамомияти арзии кишвари дигар зарар расонанд. Чорум, ду кишвар ҳамкории минтақавиро фаъолона пеш мебаранд. Ду кишвар дар умури Осиёи Марказӣ ҳамоҳангии наздик доранд ва дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай фаъолона ҳамкорӣ ва ҳамкорӣ мекунанд.

"Изҳороти муштараки Чину Тоҷикистон дар бораи рушди муносибатҳои ҳамсоягӣ ва дӯстона дар садаи 21", ки ҷонибҳои Чин ва Тоҷикистон имзо кардаанд, заминаи ҳуқуқиро барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои неки ҳамсоягӣ ва дӯстонаи Чин ва Тоҷикистон дар асри нав фароҳам меорад. 20 майи соли 2013 ду кишвар Эъломияи муштараки Чину Тоҷикистонро дар бораи барқарор кардани шарикии стратегӣ ба имзо расониданд. Ин созишномаҳо кафолати ҳуқуқии ҳамкории Чин ва Тоҷикистонро ташкил медиҳанд ва барои таҳкими муносибатҳои дуҷониба асос мегузоранд. Аз замони барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни ду кишвар, ҳукуматҳои ду кишвар созишномаҳои

ҳамкории дуҷонибаро фаро мегиранд, ки соҳаҳои мухталифро фаро мегиранд. Механизми муколама ва ҳамкорӣ байни ҳукуматҳои ду кишвар ва идораҳои дахлдор таъсис дода шудааст. Ҳамзамон, ҳамчун кишвари бунёдгузори Механизми Панҷгонаи Шанхай, ҳамкории Чин ва Тоҷикистон дар доираи СҲШ ва механизми ҳамкории дуҷонибаи ду кишвар дар якҷоягӣ як чаҳорчӯби ҳамкории устувортарро ташкил медиҳанд. Сохтани механизмҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба марҳила ба марҳила густариш ёфта, кафолати рушди институтсионалии муносибатҳои дуҷонибаро таъмин менамояд [7]. Бо назардошти ҳамкориҳои амниятӣ, "се неру", қочоқи маводи мухаддир, ҷинояти киберӣ ва шаклҳои гуногуни ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ таҳдидҳои ҷиддӣ ба амният ва суботи ду кишвар ва минтақа мебошанд. Механизми ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои зиддитеррористӣ байни қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои азои Созмони Ҳамкории Шанхай як механизми бисёрҷонибаи ҳамкорӣ, мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм сурат гирифтааст. Ҳамкории амниятии Чин ва Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳамкорие, ки ду кишвар имзо кардаанд, сурат мегирад, ки хусусиятҳои ҳуқуқии ҳамкории ду кишварро инъикос мекунанд.

Пешрафти ҳамкориҳои иқтисодии Чину Тоҷикистон дар ҳоли рушд буда, инчунин мавқеи муҳимми Чинро дар самти ҳамгироии иқтисодӣ намоёнтар менамояд ва ба савумин шарики бузурги тиҷоратии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Тоҷикистон сиёсати иқтисодии боз шудан ба ҷаҳони беруниро амалӣ мекунад ва барои беҳбуди муҳити савдо ва сармоягузорӣ талош меварзад. Барои вуруди ширкатҳои чинӣ ба бозори Тоҷикистон барои фаъолияти соҳибкорӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд [8]. Тоҷикистону Чин узви СУС ҳастанд. Пояи мустаҳками ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байни Чин ва Тоҷикистон барои мустаҳкам намудани робитаҳои иқтисодӣ ва амалӣ гардиданӣ Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз нуқтаи назари таърихӣ ва фарҳангӣ, вилояти Синчиони Чин ва Тоҷикистон ба доираи фарҳангии Осиёи Миёнаи Бузург шомиланд. Чин ва Тоҷикистон таърихи тулонии робитаҳои хунӣ ва фарҳангӣ доранд. Бо мақсади омӯхтани фарҳангва таҷрибаи муваффақонаи рушди Чин шумораи донишҷӯёни тоҷик дар Чин хеле афзудааст. Соли 1993 Шӯрои стипендияи Чин ба Тоҷикистон панҷ бурсия ҷудо кард. То соли хониши 2009 наздик ба 200 донишҷӯи тоҷик дар 23 донишгоҳи Чин таҳсил мекарданд [2].

Ташаббуси камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим барои сохтмони инфрасохтори нақлиёт имконият фароҳам меорад. 24 августи соли 2016 роҳи оҳани Вайа (Ваҳдат-Ёвон), ки аз ҷониби China Railway Construction 19th Bureau Group сохта шудааст, ба истифода дода шуд. Роҳи оҳан ба ҳамгироӣ ва рушди минтақаҳои марказӣ, ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистон мусоидат намуда, мушкилоти транзити дохилии роҳи оҳанро дар Тоҷикистон ҳал мекунад. Ғайр аз ин, роҳи оҳан ба як роҳи оҳани байналмилалӣ табдил хоҳад ёфт. Лоиҳаи мазкур аввалин лоиҳаи роҳи оҳан барои ворид кардани як ширкати сохтмонии Чин ба бозори Осиёи Марказист ва он дорои аҳамияти бузурги иқтисодиву саноатӣ мебошад. Шоҳроҳи Воше-Ховалинг (VK87), ки расман 14 январи соли 2014 оғоз ёфта буд, роҳи асосии ҳаракат аз Восеъ то Ховалинг дар шаҳри Кӯлоб мебошад, ки 4 сентябри соли 2016 ба итмом расидааст. Ҳамкориҳои байниҳамдигарии Чин ва Тоҷикистон инчунин ба кишварҳои ҳамсоя таъсири назаррас дорнад.

**Муқарриз:** ***Маҳмадов П.А.*** **– д.и.с., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Генри Киссинджер, Фарид Закария, Найл Фергюсон, Дэвида Даокуя Ли. Станет ли XXI век веком Китая?, - М.: Изд-во «АСТ», 2013. С. 150. – 190с.
2. Генри Киссинджер. О Китае. М.: Изд-во «АСТ», 2015. С. 559. – 635с.
3. Генри Кисинджер. Мировой порядок. – М.: Издательство «АСТ», 2015. С. 277. – 511 с.
4. Джозеф. С. Най. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век., -М:. Изд-во «АСТ», 2014. -444 с.
5. Дугин А.Г. Геополитика. Учебное пособие для вузов. 2 – е изд. – М.: Академический проект. 2015. С. 325. – 585с.
6. Збигнев Бжезинский, Брент Скоукрофт. Америка и мир: Беседы о будущем американской внешней политики. М.: Изд-во «АСТ», 2013. С. 139. – 317с.
7. Збигнев Бжезинский. Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы. М.: Изд-во «АСТ», – 2015. С. 60. – 702с.
8. Рашид Алимов. Таджикско-китайские отношения: история, статус-кво, потенциал развития. Исследования России, Центральной Азии и Восточной Европы, 2010 (2). 89 — 92

9. Hui Ning, Yang Shidi. The definition of the connotation, cooperation content and realization path of the Silk Road Economic Belt［J］. Journal of Yan'an University, 2014(8): 60-66.
10. Wang Hai Xing. Building the Silk Road Economic Belt to promote the common development of all countries in the region［J］. Russian Journal, 2014(1): 5-10
11. Xing Guangcheng. The Silk Road Economic Belt and the Eurasian Geographical Pattern［N］. Guangming Daily, 2014. -06-29.
12. Wang Yixuan. 12-nation think tank experts talk about the Silk Road: "The Construction and Future of the Silk Road Economic Belt: A Summary of the 12 Country Think Tank Forum"［J］. China Economic News, 2014( 9) : 36-40
13. Han Lu. The advancement of the Silk Road Economic Belt in Central Asia: Achievements and Prospects［J］. International Studies, 2017( 3) : 108 － 121
14. Ma Wen. Exchanges and contacts compose a new chapter of friendship? Opening up Henan along the "Belt and Road"［EB /OL］( 2017-05-13 ［2017-06-18］. http: / /henan. people com. cn /n2 /2017 /0513 /c351638 － 30176238.

**ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН ДАР ДОИРАИ ТАШАББУСИ «ЯК КАМАРБАНД - ЯК РОҲ»**

Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаи ҳамкории Тоҷикистон ва Чинро дар доираи ташаббуси «Як камарбанд-як роҳ» таҳлил намуда, хусусиятҳои барҷастаи онро нишон додааст. Моҳияти асосии Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим иборат аз он аст, ки анъанаҳои қадимаи фарҳангии Роҳи Абрешимро тавассути мустаҳкам намудани “панҷ пайванд” (иртиботи сиёсӣ, пайвастагии роҳ, савдои бемонеа, гардиши асъор ва пайвасти мардум бо ҳамдигар) барои ташаккули ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҳавзаи кишварҳои Авруосиё эҳё менамояд.Ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» барои рушди иқтисодии Тоҷикистон имкониятҳои нав фароҳам меорад. Консепсияи Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим ба таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон, мубодилаи наздики Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва талабот ба сармоя ва технология мувофиқат мекунад ва ин сабаби муносибати мусбии Тоҷикистон мебошад. Кишварҳои камарбанди иқтисодӣ бояд муносибатҳои мукаммали иқтисодӣ дошта бошанд ва онҳо бояд бо табодули бештари иқтисодӣ алоқаманд бошанд. Рушди камарбанди иқтисодӣ бояд пеш аз ҳама рушд ва робитаи байни Чин, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро фаро гирад. Ба андешаи муаллиф, Тоҷикистон метавонад тавассути сохтани Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим илму технологияи пешрафтаро ба даст орад ва ба бозори ҷаҳонӣ иртиботи бевосита пайдо кунад.

**Калидвожаҳо:** Роҳи Абрешим, ҳамкорӣ, сиёсат, давлат, сармоягузорӣ камарбанди иқтисодӣ, муносибат.

**СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА И КИТАЯ В РАМКАХ «ОДИН ПОЯС - ОДИН ПУТЬ»**

Автор, в данной статье анализируя сотрудничество Таджикистана и КНР в рамках одного пояса и пути, показывает его характерную особенность. Основной суть экономического пояса Шелкового пути заключается в том, что древние культурные традиции Шелкового пути посредством укрепления «пяти союзов» (политическое отношение, соединенность дороги, беспрепятственная торговля, оборот валюты и связь людей между собой) для развития Евразии являются весьма эффективным. После приобретения независимости и завершения гражданской войны, Таджикистан как недавно состоявшая страна, постоянно движется в сторону социальной стабильности и экономического развития. Из-за малого объёма развития экономики и низшей социальной уровни жизни населения экономическая сфера страны в большей степени зависит от международного сообщества, в частности в рамках одного пути и пояса в сотрудничестве с Китайской Народной Республикой. Необходимо отметить, что КНР для Таджикистана является соседней дружеской страной и имеет важное международное и региональное влияние. Поэтому Таджикистан является первой страной в мире, которая подписала “Меморандум о взаимопонимании и совместном сотрудничестве для строительства экономического пояса Шелкового пути”. По мнению автор, это может содействовать новым возможностям великой инициативы экономического пояса Шелкового пути для развития Таджикистана. Так как Экономическая концепция Шелкового пути является фактором плодотворного отношения Таджикистана и Китая, развития внешнеполитических отношений Таджикистана, тесного сотрудничество и обмена товарами между странами Центральной и Южной Азии.

**Ключевые слова:** Шелковый путь, сотрудничество, политика, государство, вложение капитала, экономический пояс, отношение.

**COOPERATION OF TAJIKISTAN AND CHINA IN THE FRAMEWORK OF THE SAME BELT AND WAY**

The author, in this article analyzing cooperation between Tajikistan and the PRC within the same belt and path, shows its characteristic feature. The main essence of the Silk Road economic belt is that the ancient cultural traditions of the Silk Road by strengthening the "five alliances" (political attitude, road connectivity, unhindered trade, currency circulation and communication between people) are very effective for the development of Eurasia.After gaining independence and the end of the civil war, Tajikistan, as a newly formed country, is constantly moving towards social stability and economic development. Due to the small volume of economic development and the lower social standards of living of the population, the country's economic sphere largely depends on the international community, in particular, within the framework of one path and belt in cooperation with the People's Republic of China.It should be noted that the PRC for Tajikistan is a neighboring friendly country and has an important international and regional influence. Therefore, Tajikistan is the first country in the world to sign a “Memorandum of Understanding on Joint Cooperation for the Construction of the Silk Road Economic Belt”.Also, the author's opinion may contribute to new opportunities for the great

initiative of the Silk Road Economic Belt for the development of Tajikistan. Since the Economic Concept of the SilkRoadis a factorin fruit fulre lations between Tajikistan and China, the develop mentof foreign policyre lations of Tajikistan, closecooperation and exchange of goodsbetween the countries of Central and South Asia.

**Keywords:** silkroad, cooperation, politics, state, capital investment, economicbelt, attitude.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзоев Комилҷон Худойдодович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти Ph.D кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Телефон: **+992000070791.** E-mail: **komiljon91-91@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Мирзоев Комилджон Худойдодович*** **–** Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, докторант Ph.D кафедры политологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Телефон: **+992000070791.** E-mail: **komiljon91-91@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mirzoev Komiljon Khudoidodovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Ph.D student of the Department of Political Science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov, 16. Phone: **+992000070791**. E-mail: **komiljon91-91@mail.ru**

УДК:327.2(581)

# ЭҲЁИ ТОЛИБОН – 2 : РЕШАҲОИ ИҶТИМОИЮ ДИНӢ ВА САМТГИРИИ СИЁСИВУ ИДЕОЛОГӢ

*Мамадгафуров И.Э.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Фирори нангини ИМА ва шарикони ғарбии ӯ дар моҳи августи соли 2021 аз қаламрави Афғонистон ва муҷаддадан ба сари қудрат омадани ҷунбиши «Толибон» (Толибон – 2) боз дар рӯ ба рӯйи ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи Афғонистон ва тамоми мушкилоти марбут ба онро сарозер кард. Марҳалаи ҳузури Амрико (2001-2021) дар Афғонистон ба поён расид. Раиси ҷумҳур Ашраф Ғанӣ низ бар асоси тавтеаи дохилӣ ба ном «пуштунмаслиҳат» оҷилан мамлакатро тарк мегӯяд ва қудратро ба роҳи осоишта ба дасти «Толибон» месупорад. Дар мамлакат қудрат аз дасти як гурӯҳи қавмӣ – гилзоиҳо ба дасти қавми дигари пуштунҳо – дурониҳо мегузарад.

Дар чунин ҳолат, чизе ки якбора ба назар мерасад, шабоҳати ин ҳолат ба ҳамон ҳолате мебошад, ки Артиши Шӯравӣ дар солҳои 80-уми асри XX Афғонистонро тарк карда буд. Имрӯз ба ҳамагон маълум аст, ки дар замони ҳузури Артиши Шӯравӣ дар Афғонистон, яъне 9 солу як моҳу 19 рӯз, 3 миллион нафар афғонҳо кушта ва маъюб шуданд. Дар қаламрави Афғонистон наздик ба 12 млн адад мина гузошта шудааст, ки як қисми онҳо то ҳанӯз безарар гардонида нашудаанд. Дар айни ҳол дар он давра аз ҳисоби буҷети ИҶШС барои дастгирӣ ва пуштибонии режими Кобул ҳамасола наздики 800 млн доллари амрикоӣ масраф мешуд. Барои нигоҳдории Артиши 40-ум ва доир кардани амалиётҳои ҷангӣ аз буҷети ИҶШС ҳамасола 3 млрд доллари амрикоӣ масраф мешуд [6].

Мутобиқ ба гуфтаҳои коршиноси амрикоӣ Робет Блеквил, аз Шӯрои равобити хориҷии ИМА барои артиши 150 ҳазор нафараи Неруҳои байналмилалии мусоидати амният (ISAF, ки бар асоси қатъномаи №1386 Шӯрои амнияти СММ аз 20 декабри соли 2001 таъсис дода шуда буд) бо роҳбарии Созмони Амнияти Атлантикаи Шимолӣ солона 7 млрд доллари амрикоӣ харҷ карда мешуд (Маҷаллаи «Foreign Affairs» аз 23 марти соли 2012) [8]. Воқеият чунин аст, ки дар муддати 20 соли ҳузури артиши хориҷӣ дар ин мамлакат ИМА бештар аз 2 трлн. 250 млрд доллар харҷ кардааст. Дар асоси ҳисоботи донишгоҳи бонуфузи амрикоӣ Браун, ҳангоми фирори нангин аз Афғонистон контингенти низомии ИМА ба «Толибон» ғановати хеле бузурге дар шакли техникаи ҳарбӣ, таҷҳизоти низомӣ, тиру туфанг ва муҳиммот ба маблағи 82 млрд доллари амрикоӣ боқӣ гузоштанд [8].

Оқибатҳои эҳёи «Толибон» (марҳилаи аввали мавҷудият дар солҳои 1996-2001) ин аст, ки боз як ҷунбиши бунёдгароӣ, ки тақрибан дар тамоми ҷаҳон мамнӯъ ва аз ҷониби СММ ҳамчун созмони террористӣ ба феҳрасти сиёҳ шомил карда шудааст, ба таври расмӣ қудрати давлатиро дар шакли Аморати Исломии Афғонистон, ки яке аз унсурҳои сохторсоз доир ба ташкили Хилофати исломии ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ба даст меорад. Хилофат марз надорад, марзи он дар он ҷое тамом мешавад, ки он ҷо мусулмонон зиндагӣ мекунанд.

Дар айни замон суолҳое, ки хеле мубраманд ва мавриди баррасӣ қарор мегиранд, инҳо мебошанд: Оё дар ҳақиқат «Толибон» собиқ шогирдони мадрасаҳои динӣ мебошанд? Ҳайати миллии иштирокчиёни «Толибон – 2» чӣ гуна аст ва онҳо пайрави кадом мазҳабанд? Аз ин рӯ, лозим аст, ки решаҳои иҷтимоию идеологии ҳаракати «Толибон-2» муайян карда шаванд.

Аз 15-уми марти соли 2021 ба ин тараф воситаҳои ахбори ҷаҳонӣ ба ҷунбиши тундрави «Толибон – 2», ки эътибораш рӯз то рӯз ба таври зиддиятҳо тағйир меёбад, таваҷҷуҳи калон зоҳир мекунанд. Агар ба таърихи ин масъала дар ибтидои солҳои 2000-ум таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки афкори ҷомеа «Толибон»-ро як созмони террористӣ қабул мекард ва ҳатто амалиёти низомии СААШ дар Афғонистон расман бар зидди терроризм нигаронида шуда буд. Аммо имрӯзҳо ҷунбиши «Толибон»-ро қариб ки як ҷунбиши ватандӯстӣ ҳисоб мекунанд, ки гӯё барои озод кардани ватани худ аз истилогарони ғарбӣ меҷангида бошанд. Ҳокимияти теократии солҳои 1990-уми онҳоро дигар касе ба ёд намеорад. Чунин нофаҳмиҳо асосан ба пайдоиши норавшани ҳаракати «Толибон» ва

норавшан будани барномаи сиёсии он вобаста аст. Барои ҳамин ҳам ақидае вуҷуд дорад, ки бозгашти «Толибон» ва ба сари қудрат расидани онҳо (дар соли 2021) хислати миллии озодихоҳӣ дорад (ки бо баъзе сабабҳо дар солҳои 90-уми асри гузашта чунин хислатро надошт). Аммо дар ин ҷода нақши аз ҳама муҳимро намояндагони ҳаракати исломии ҳиндустонӣ -деобандӣ (деобандизм) бозидааст.

Ин ҷараён таълимоти (доктринаи ) аслӣ надошта, шохаи аслии ислом ҳам нест, балки барои эҷоди модели зиндагии мусулмонон дар ҷомеаи ғайриисломӣ талош мекунад.

Таърихан, ҷунбиши деобандизм дар нимаи дуюми асри XIX дар Ҳинди бритониёӣ, ҳангоми ки англисҳо ҳокимияти муғулҳои бузургро барҳам доданд, пайдо шудааст. Азбаски мусулмонон дар Панҷоб ва Синд дар ақаллият буданд, онҳо маҷбур буданд, ки ҷамоатҳои пӯшида ташкил намоянд, то аз омезиш (ассимилятсия) бо ҳиндуҳо канорагирӣ кунанд, зеро дигар шоҳе вуҷуд надошт, ки манфиатҳои онҳоро ҳимоят кунад. Дар ибтидо сарони ин ҷунбиш Муҳаммад Қозим Нанотавӣ ва Рашид Аҳмад Гангоҳӣ ба пайвастани таълими мактаби Қуръон бо омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ исрор меварзиданд ва бар ин ақида буданд, ки танҳо таҳсилоти ҳамаҷонибаи муосир ба як мусулмон дар шароити бегонаи фарҳангӣ имкон медиҳад, ки ҳамчун як шахси лозимӣ барои ҷомеа табдил ёбад. Аммо дар баробари ин, онҳо чунин меҳисобанд, ки мусулмонони Ҳинд бояд аз сиёсат канорагирӣ кунанд ва ҳувияти фарҳангии худро бар асоси риояи қатъии шариат дар зиндагии хонаводагӣ поя гузоранд. Ҷ. Кепел чунин қайд мекунад, ки лоиҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ барои ҷунбиши деобандӣ бегонаанд: «Идеологияи деобандӣ мафҳуми шаҳри некуро намедонад: такягоҳи ахлоқ танҳо ҷомеа, ҷамъияти диндорон, ки бо оммаи фатвоҳо муттаҳид шудаанд, ба ҳисоб меравад ва ба ҳар шахс имкон медиҳад, ки мувофиқи шариат зиндагонӣ кунад. Аз арсаи сиёсӣ ва доираи қонуният берун баровардани давлат ба инкори ҳар гуна мафҳуми шаҳрвандӣ ва озодӣ табдил меёбад, ки ҷойи онҳоро имон ва итоаткорӣ мегирад» [1,с.230].

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI сели гурезаҳои афғонӣ деобондистони Покистонро маҷбур сохт, ки як қатор муассисаҳои таълимиро барои ин гурезагон ифтитоҳ намоянд, ҳарчанд ки сифати таълим дар ин муассисаҳои таълимӣ он қадар хуб набуд. «Аксари ин муассисаҳои таълимӣ дар деҳот ва урдугоҳи гурезаҳо ҷойгир буда, онҳоро муллоҳои чаласавод, ки аз муносибатҳои ибтидоии ислоҳотии деобандизм дур буданд, роҳбарӣ мекарданд. Дар фаҳмиши онҳо шариат ба таври хеле қавӣ ба паштунволӣ, қонуни шарафи қабилаҳои паштун шабоҳат дорад ва онро то андозае ба хотир меорад» [2].

Аз лаҳзаи пайдо шудани "Толибон" дар Афғонистон, пеш аз ҳама, эҳтимоли ба ҷунбиши шогирдони мадрасаҳои динӣ тааллуқ доштани онҳо баҳсталаб аст. Масалан, рӯзномаи муҳоҷирон бо номи «Навои бомдод», ки дар Ҳиндустон ба нашр мерасид, чунин менигорад: «Толибон кистанд, қонунҳои шариатро дар куҷо омӯхтанд, оё фақат илми диниро омӯхтаанд ё дар канори он аз илмҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ низ бархӯрдор мебошанд ва дар кадом мадрасаҳои динӣ тир андохтан, танк рондан, идора кардани ҳавопаймо ва стратегияи ҳарбиро омӯхтаанд"? [9].

Масъалаи муҳимме, ки фавран пас аз 15 августи соли 2021 ба миён омад, ин таркиби иҷтимоии ҷунбиши "Толибон" буд. Мушоҳидоне, ки аз манотиқи таҳти назорати "Толибон" боздид ба амал меоварданд, таъйид мекардаанд, ки бештари "Толибон" омӯзгорон ва донишҷӯёни мадрасаҳои динӣ ҳастанд, ки аксари онҳо алайҳи низомиёни шӯравӣ ҷангидаанд. Масъалаи решаҳои иҷтимоии ҳаракати "Толибон"-ро омӯхта, мо ба як далели хеле аҷибе дучор шудем, ки дар миёни "Толибон" як қисми рабудаҳои Қандаҳор – «пойлучҳо» дучор омадем, ки дар як ҷамъияти пинҳонӣ муттаҳид шудаанд ва либосҳои махсус пӯшидаанд, ин қабил одамонро имрӯз низ дар байни "Толибон" дидан мумкин аст. Паҳлуи дигари ин масъала он аст, ки онҳо гурӯҳ-гурӯҳ шуда, тапонча дар даст дар миёни мардум сайру гашт мекунанд ва агар ба кӯчактарин беэътиноии худ дучор шаванд, ба маҳаллаҳо ҳамла мекунанд ва то ба ақидаи худашон интиқом нагиранд, ҳамалро бас намекунанд. Чунин "Толибон" махсусан ба намоз ва рӯзадорӣ алоқаманд нестанд ва дар муқоиса бо тоифаи дигари "Толибон", ки таҳсил ва корро авлотар медонанд, онҳоро «чет» (шарафдор, одами бебандубор) меноманд. Бо вуҷуди ин, дар байни "Толибон" будани онҳо шакке мавҷуд нест.

Аллакай баъди ба сари ҳокимият омадани "Толибон-2" дидан мумкин аст, ки дар баробари он ки самти сиёсии ҷунбиши "Толибон" хусусиятҳои беш аз пеш мушаххас

пайдо карда истодааст, дар ҷомеаи Афғонистон, аз он ҷумла паштунҳо равандҳои ҷабҳагирӣ ва тазод вусъат меёбад, ки дар натиҷа паштунҳо аз рӯйи аломатҳои этноминтақавӣ тақсим мешаванд.

Ҳамин тариқ, аллакай дар даҳаи сеюми асри XXI масъалаи мансубияти миллии "Толибон" аҳамияти махсусан калони сиёсӣ пайдо мекунад: агар "Толибон" ҳақиқатан ҳам шаҳрвандони Покистон бошанд, пас дар марзҳои Афғонистон пайдо шудани онҳо ба ҷуз таҷовузи хориҷӣ ба муқобили давлати сохибихтиёр чизи дигаре нест; агар онҳо намояндагони миллати паштуни сокини Афғонистон бошанд, пас ин боз як қувваи дохилии афғонӣ мебошад, ки ба муборизаи байниҳамдигарӣ барои ба даст овардани қудрат ворид шудааст. Ба назари мо, дар ин баҳс ҳар кадоме аз тарафҳо мафҳумҳои мухталифро дасткорӣ карда, мафҳуми «шаҳрвандӣ»-ро ба мафҳуми «миллат» иваз кардаанд ва баръакс. Чунон ки далелҳои вақтҳои охир шаҳодат медиҳанд, бисёре аз намояндагони ҷунбиши «Толибон-2» танҳо ба забонҳои паштую урду ҳарф зада, забони дариро умуман намедонанд.

Дар заминаи гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки аксарияти "Толибон" аз қавми паштунҳо мебошанд, бахусус, паштунҳои манотиқи ҷанубӣ, ҷанубу шарқӣ, шарқӣ ва ғарбии Афғонистон ва инчунин паштунҳои покистонӣ, умдатан аз вилоятҳои марзии Хибару Пуштунҳо Вазиристон ва Балуҷистон мебошанд. Дар зери номи умумии ҷунбиши "Толибон" як муттаҳидшавӣ (конгломерат) аз неруҳои мухталиф, чи аз рӯйи пайдоиши иҷтимоӣ ва чи аз лиҳози эътиқоди динӣ ва ақидаҳои сиёсӣ ниҳон аст. Иштирокчиёни ҷунбиши «Толибон-2», ки бо ангезаҳои мухталиф ба вуҷуд омадаанд, зери парчамҳои сафеди "Толибон" муттаҳид шуда, пас аз 15 августи соли 2021 бори дуюм дар таърихи Афғонистон дар ин мамлакат режими теократие бо номи «Аморати Исломии Афғонистон»-ро барпо карданд.

Масъалаи ин ки таркиби миллии иштирокдорони ҷунбиши "Толибон" киҳо мебошанд, маълум шуд, аммо саволе ба миён меояд, ки онҳо ҷонибдорӣ кадом мазҳаб мебошанд. Аз манбаъҳои мавҷуда мо далелҳои зеринро дар даст дорем: дар ҳудудҳои истиқомати қабилаҳои паштун дар Афғонистон муллоҳо дар масҷидҳо дастмузд (ҳуқуқ) мегирифтанд, ки миқдори онро шӯрои қабилаҳо муайян мекард. Ҳар мусулмон вазифадор буд, ки дар тобистон ё тирамоҳ ба масҷид саҳмеро бо номи «рад» (бозгашт) ё «эмоматӣ» (ҳиссаи эмомӣ) дар шакли гандуму ҷуворимакка ва амсоли ин бисупорад. Ба ғайр аз ин, хону моликҳо ва деҳқонони сарватманд ба масҷидҳо хайрияҳои гуногун «сарсоя» (садақа), закот (андоз), шукрона (садақа ба мулло) ва хайрот (садақа дар ҷаноза)-ро месупориданд ва дар баробари ин муллоҳо ва толибонро бо либос таъмин мекарданд.

Вобаста ба масъалаҳои иерархияи (силсилаи) динӣ метавон гуфт, ки донандагони дин қишри бонуфузтарин ва имтиёзноки рӯҳониёни Афғонистон: уламо, имомони масҷидҳо, сарони равияҳои сӯфиён ба ҳисоб мерафтанд. Ба тоифаи баъдӣ кормандони додгоҳҳои шариат – қозиҳо, муфтиҳо, мухтасибҳо ва ғайра шомил буданд. Бо вуҷуди ин, "Толибон" муваффақ шуданд, ки бори дуюм Мулло Муҳаммад Ҳасан Охундзодаро амиралмуъминин эълон намоянд. Бори аввал дар таърихи Афғонистон раиси ҳукумати дунявӣ дар соли 1918 дар намози ҷумъа дар масҷиди Идгоҳ вазифаи мулло (имом)-ро ба ҷо овард. Қайд кардан бамаврид аст, ки "Толибон" дар фаъолияти амалии худ аз урфу одатҳои динӣ, ба мисли фатво васеъ истифода мебаранд. Илова бар ин, агар уламои дараҷаи олӣ ҳаққи додани фатво дар оғози ҷиҳодро дошта бошанд, воқеан, муллоҳои одӣ онро иҷро мекарданд (тибқи як маълумот, фатво дар бораи оғози ҷиҳод алайҳи режими ҲХДА дар таърихи 26 январи соли 1979 аз тарафи мӯйсафеди 75-сола, пири ҷамъияти «Қодирия» Миё Гулҷон аз Тагоб ё мутобиқ ба маълумоти дигар фатво аз тарафи роҳбари ҷамъияти «Қодирия» С. А. Гелонӣ ва ё С. Муҷаддидӣ пири ҷамъияти «Нақшбандия» содир шуда буд). Аллакай дар ибтидои даҳсолаи сеюми асри XXI мо, инчунин, маълумот дорем, ки дар масҷидҳои бузурги Афғонистон роҳбарони амалии "Толибон" ва ҳамчунин аъзои одии ҷунбиши "Толибон" дар эълони фатво ширкат накардаанд. Аз ҷумлаи чунин муассисаҳои таълимӣ «Дорулулуми Арабия», «Мадрасаи Абуҳанифа», мадрасаҳо дар назди масҷидҳои «Пули Хиштӣ» ва «Шоҳи душамшера» дар Кобул, Дорулмадраса ва Мадрасаи Ҷомеи Шариф дар Ҳирот, «Мадрасаи Асадия» дар Мазори Шариф, «Мадрасаи Муҳаммадия» дар Қандаҳор, «Наҷм-ул-мадраса» дар Ҷалолобод, «Мадрасаи Зоҳиршоҳӣ» дар Маймана, «Дор-ул-улуми рӯҳонӣ» дар Пактиё ва амсоли инро номбар кардан мумкин аст.

“Толибон” дар ин мадрасаҳо чӣ меомӯхтанд, суоле матраҳ мебошад. Маълум аст, ки аз рӯйи анъана дарсҳо дар онҳо аз рӯйи барномаи классикӣ сурат мегирифт, ки аз фанҳои зерин иборат буд: пеш аз ҳама, аз ёд кардани Қуръон ва намоз, омӯзиши ҳадис ва тафсир (шарҳҳо ба Қуръон), асосҳои ҳуқуқи исломӣ (фиқҳ) ва мантиқ. Ба ғайр аз ин, ба омӯзиши забони арабӣ, инчунин, аз ёд кардани ашъори Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил ва дигар шоирони намоёни Шарқи Наздик ва Миёна таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд. Ба гуфтаи Асадуллоҳ Валвалҷӣ, муаллифи мақолаи «Нигоҳе ба вижагиҳои иҷтимоии ҷомеаи Афғонистон», дар мадрасаҳои манотиқи паштуннишин низ омӯзиши осори классикии адабиёти паштун Раҳмон-Бобо ва осоре ба монанди «Рашид-ул-баён», «Сайф-ул-мулук», «Юсуф ва Зулайхо» ва амсоли инҳо ва дар маҳалҳое, ки ӯзбекҳо ва туркманҳо ба таври дастҷамъона зиндагонӣ мекунанд, ашъори Навоӣ ва Фузули низ воҷиб буд. Хатмкунандагони мадрасаҳои Афғонистон барои гирифтани маълумоти олии динӣ одатан ба хориҷи кишвар, ба марказҳои маъруфи исломии Деобанд, Алигарҳ (Ҳиндустон), Ал-Азҳар (Миср), Мири Араб (Бухоро), Қум (Эрон) ва ғайра мерафтанд, аз ин рӯ, ба низоми таълими динӣ мазҳабҳои гуногуни ислом таъсир мерасониданд. Машҳуртарин мактаби олии динӣ барои толибилмони Афғонистон «Дор-ул-улуми Деобанд» буд, ки соли 1867 дар шаҳри Деобанди Ҳиндустон бунёд ёфтааст. Назаре вуҷуд дорад, ки маҳз мактаби Деобанд тавассути Ҷамъияти уламои исломии Покистон (Ҷомеат-ул-улуми ислом) - ҶУИ дар ташаккули ақидаҳои динии “Толибон”, пеш аз ҳама роҳбарияти ҷунбиши “Толибон” таъсири бисёр қавӣ доштааст. Дар китоби «Толибон: аз мадраса ба қудрат» омадааст, ки “Толибон суннимазҳабанд” («аҳли суннат ва ҷамоат» - «аҳли суннат ва ризо»), пайравони мазҳаби деобанд мебошанд, ки таълимоти онҳо бар эътирофи «чаҳор далел», ё «чаҳор мураббӣ», яъне асли эътирофи ғайрат ва машруъияти ҳар чаҳор мазҳаби шариати суннии – Ҳанафӣ, Моликӣ, Шофеӣ ва Ҳанбалӣ буёнд ёфтааст. Б. Д. Меткаф дар китоби худ «Эҳёи ислом дар Ҳинди бритониё: Деобанд 1860-1900» таъйид мекунад, ки уламои суннии Деобанд баробарӣ ва қонунии ҳамаи чаҳор мазҳаби сунниро эътироф кардаанд ва мисли сунниёни мазҳаби ҳанафӣ пайравони шариатанд.

Аммо, ба назари мо, кӯшиши таблиғгарони паштун, ки “Толибон”-ро мусулмонони диндор муаррифӣ намуда, мехоҳанд нишон диҳанд, ки онҳо, яъне “Толибон” ҳар чаҳор шохаи сунниро эътироф мекунанд, ҳадафҳои хеле мушаххасро дар пай дошт: аввалан, исбот кардани он ки онҳо ифротгароёни ғайримазҳабӣ мебошанд, дар муқоиса ба намояндагони созмони бунёдгароёнаи «Тариқаи Муҳаммадия» («Роҳи Муҳаммад»), ки ҳеҷ яке аз чаҳор мазҳаби сунниро эътироф накардаанд ва дуюм, пеш аз ҳама аҳолии паштунро бовар кунондан, ки “Толибон” ворисони шарифи динӣ, ақидаҳо ва урфу одатҳои паштунҳои «ҳақиқӣ» мебошанд.

Азбаски дар оянда мо ба эҳтимоли қавӣ ба мактаби Деобанд, ки дар воқеъ дар ташаккули тафаккури динии “Толибон” пеш аз ҳама, ба воситаи силсилаи мадрасаҳои ДУИ таъсири муайяне доштааст, муроҷиат мекунем, зарур мешуморем, ки дар бораи тавсифи он ба таври муфассалтар истода гузарем. Набудани маълумот аксар вақт овозаҳои хеле аҷибу ғаиброро ба вуҷуд меорад. Масалан, касе метавонад фикр кунад, ки “Толибон” миллат мебошанд, ба хатои калонтарин роҳ медиҳад. Ҳамаро бо тартиб таҳлил намуда қайд кардан бамаврид аст, ки исми “Толибон” арабӣ буда, «донишҷӯён» тарҷума мешавад, аммо на донишҷӯи одӣ, балки рӯҳонӣ. “Толибон” як таълимоти динӣ ва идеологӣ буда, он дар солҳои навадуми асри XX асосан дар байни паштунҳо пайдо шудааст, гарчанде дар байни онҳо ҳузури миллатҳои дигар низ имконпазир аст. Моҳияти “Толибон” дар риояи дақиқ ба догмаҳоест, ки аз исломгароии деобандӣ сарчашма мегиранд. Дар ин таълимот манъи оммавии фароғат, телевизион ва варзиш татбиқ шуда, зан дар ҷомеа ҳуқуқ надорад.

Роҳбарони онҳо дар як навъ паноҳгоҳҳои пӯшида қарор доранд ва гоҳ-гоҳ ба пайравони худ муроҷиат мекунанд. Гумон меравад, ки “Толибон-2” омодаанд, дар Афғонистон ислоҳоте анҷом диҳанд, яъне муносибати анъанавии худро тағйир диҳанд. Онҳо ҳатто аз давлатҳои хориҷӣ даъват мекунанд, ки сафирони худро баргардонанд. Баъдан эълон карданд, ки Конститутсияи соли 1964 замони Зоҳиршоҳро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ҳамчун асос қабул хоҳанд кард.

Суоли дигаре ин аст, ки оё “Толибон-2” ба Осиёи Марказӣ ҳаракат хоҳанд кард ё не? То ҳол онҳо танҳо қасд доштанд, ки Афғонистонро аз боқимондаҳои ҳузури Америко ва

душманони аморати исломӣ пок созанд. Аммо дар байни “Толибон – 2” нуқтаи назари ягона мавҷуд нест. Чун дар ҳама муҳити сиёсӣ, дар байни онҳо унсурҳои радикалӣ ва муътадил низ мавҷуд мебошанд. Эҳтимол аст, ки “Толибон” бо дарёфти аслиҳаи зиёди амрикоӣ алайҳи душманони ислом ҷиҳод эълон намуда, ба сӯйи дигар давлатҳо ҳаракат кунанд.

Ба эҳтимоли қавӣ дар бораи бартарияти ҷузъи теократӣ дар ҳукуматҳои ояндаи Афғонистон сухан гуфтан мумкин аст. Новобаста аз тағйироти кадрӣ, аксари мақомоти олии роҳбарияти кишварро шахсони дорои унвонҳои динӣ ишғол мекунанд. Пайванди “Толибон” ба мазҳаби деобандии исломи суннии худ тобеияти давлатро ба нақшаҳои аз ҷониби мақомоти динӣ бармеангезад. Анъанаи дахолати мақомоти маънавӣ ба сиёсат на танҳо дар Афғонистон, балки дар як минтақаи бузурги Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ниҳоят дар мазҳаби маҳаллии ҳанафӣ ва зери таъсири қавии сохторҳои сӯфӣ, бахусус, нақшбандия пойдор гардид. Ҳанӯз дар асри XV шайхи маъруфи самарқандӣ Хоҷа Аҳрор дар ин кор саҳми бузург дошт, ҳама чиз зери шиори «Барои иҷрои рисолати рӯҳонӣ дар ҷаҳон бояд аз қудрати сиёсӣ истифода кард», сурат мегирифт.

Ҷунбиши деобандӣ дар Ҳинд пайдо шуда, махсусан дар ибтидои асри XX таъсир расонидани он ба ҷомеаи Афғонистон фаъол шуд. Тариқати нақшбандия бо андешаҳои худ дар бораи ваҳдати дин ва сиёсат дар Афғонистон зуд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Ғояҳои нақшбандия бар воқеияти Афғонистон дар робитаи мутақобилаи ҷузъҳои дунявӣ ва маънавӣ ҷой гирифтанд. Мактаби анъанавии деобандӣ ба таҳкими меъёрҳои ахлоқи патриархалӣ, пешгирӣ кардани тамаркузи аз ҳад зиёди қудрат ва моликият дар як даст, ки ба руҳияи қисми зиёди диндорони одӣ мувофиқат мекард, даъват менамуд. Аксари ин меъёрҳо имрӯзҳо низ камбизоатонро, ки ташнаи адолати иҷтимоӣ ва моил ба анъанапарастӣ мебошанд, ба шомил шудан ба ҷунбиши “Толибон” водор мекунад.

Се ҷанги Англия ва Афғонистон, ки ҳар дафъа боиси вокуниши шадиди мазҳабӣ мешуд, сабаби аслии таҳкими радикализми исломӣ дар Афғонистон буд. Анъанаи иштироки руҳониён дар ҳаёти сиёсӣ (ва ҳузури ҳатмии динӣ дар мафкураи сиёсӣ ҳамчун қисми бартаридошта), ки дар давраи ҷангҳои Англия ва Афғонистон гузошта шуда буд, тадриҷан ба ташаккули асосҳои фундаментализм, ки ҳомилони он ҳамеша хеле зуд ба қувваи тавоно ва муташаккили сиёсӣ мубаддал мегаштанд, табдил ёфт.

Доир ба суоле, ки “Толибон” кистанд ва чӣ мехоҳанд, андешаҳои гуногун ҷой доранд. Ба ақидаи роҳбарони имрӯзаи “Толибон – 2” – “Толибон” ҷунбиши миллии озодихоҳие мебошад, ки мақсади аввалини он озод кардани Афғонистон аз тамоми қувваҳои хориҷӣ, бахусус, контингентҳои ҳарбии ИМА мебошад. Дар ҳамин ҳол, ин як ҷунбиши исломист, ки ҳадафаш бунёди як ҷомеаи исломӣ дар кишвар аст. Ин маънои онро дорад, ки Толибон – 1 ва 2 дар баробари ДИИШ ва “Ал-Қоида” гурӯҳҳои террористӣ эътироф шуда ва дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, бахусус, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мамнуъ эълон карда шудаанд, ки ҳадафашон бунёд кардани хилофат ва васеъшавии максималии он мебошад.

Доир ба пайдоиши ҷунбиши “Толибон” қайд кардан бамаврид аст, ки решаҳои ин ҷунбишро дар солҳои 90-уми қарни бистум бояд ҷустуҷӯ кард. Аммо ҳаракатҳои исломӣ, ки мақсади онҳо мубориза ба муқобили мустамликадорон, яъне империяи ҳамонвақтаи Британия буд, фаъолиятҳои худро дар хоки Покистони ҳамсоя оғоз карда буданд. “Толибон” дар шакли муосир дар замони ҳамлаи ИҶШС ва мавҷудияти ҳукумати дастнишондаи шӯравӣ Наҷибуллоҳ дар ин кишвар ташаккул ёфта буд. Роҳбарони ин гурӯҳ усулҳои сотсиалистии идоракунии ҳокимиятро тамоман қабул надоштанд ва аз ин рӯ, бар зидди он «ҷиҳод» эълон карданд.

Дар айни замон суоли «Толибон” ба чӣ бовар доранд, хеле мубрам мебошад. “Толибон” як шохаи нисбатан муътадили ислом - мазҳаби ҳанафиро эътироф мекунанд. Ин то андозае чунин як этнодин аст, ки ба намунаҳои аввалини эътиқод ишора мекунад. Бидуни шакку тардид, “Толибон” исломгаро ҳастанд - онҳо мехоҳанд давлате бар пояи ислом бунёд карда, сиёсати худро бар пояи имон асос гузоранд. Дар байни диншиносон ақидае вуҷуд дорад, ки “Толибон – 2” ба исломи классикӣ баргаштаанд, на сахтгирӣ ва ҳатто ба фаъолияти созандагӣ ташвиқ мекунанд. Малашенко сабаби ба таври мусолиматомез аз тарафи “Толибон” тасарруф шудани Кобулро маҳз дар ақидаҳои

мазҳабии онҳо мебинад. Ба ақидаи ӯ, онҳо то андозае ба он такя мекарданд, ки чӣ гуна Муҳаммад пайғамбар (с) Маккаро бо роҳи осоишта гирифта буд.

Шояд ин муболиға бошад, зебо ҳам садо диҳад, аммо муътадилтар будани дидгоҳҳои мазҳабии онҳо дар муқоиса бо соли 1996 бешубҳа аст» [7].

Идеологияи "Толибон" омехтаи аҷиби деобандизм ва паштунволӣ мебошад. Деобандизм яке аз ҷараёнҳои исломист, ки ба он шиддати хосси ахлоқӣ хос аст. Паштунволӣ рамзи нонавиштаи қабилаҳои паштун аст, он тарзи зиндагии онҳо то замони пайдоиши ислом мебошад. Аз ин рӯ, ҳукмронии "Толибон" ҳатто дар пасманзари кишварҳои сахтгиртарин мусулмонӣ дигар мебошад.

Дар хусуси муносибатҳои мушаххаси "Толибон-2" бошад, нисбат ба занон, ки айни замон мавриди интиқод қарор гирифтааст, аз ҷумла, аз тарафи як қатор кишварҳои исломӣ низ (ба занҳо кор кардан, бе ҳамроҳии мард аз хона баромадан, таҳсил кардан ва гирифтани ёрии тиббӣ манъ карда мешуд), он бештар аз амалҳои анъанавии паштунҳо илҳом гирифта, ба зуҳуроти хеле шадид табдил дода шудааст.

Ҳамин тариқ, дар ин мақола мо решаҳои маънавии ҷунбиши ифротии "Толибон"-ро пайгирӣ намуда, доир ба пайдоиш ва андешаҳои радикалии онҳо изҳори ақида намудем.

**Муқарриз: *Шарифзода Л.Ш.* -н.и.с., дотсенти ДСРТ**

**АДАБИЁТ**


1. Арчаков М.К. Природа и корни идеологических установок движения «Талибан» // Общество: политика, экономика, право. -2018. -№5. [Электронный ресурс]. URL:https://cyberleninka.ru/article/n/priroda-i-korni-ideologicheskih-ustanovok-dvizheniya-taliban (дата обращения: 03.01.2022).
2. Ахмед Рашид. Талибан. Ислам, нефть и новая Большая игра в Центральной Азии. Библион - Русская книга. 2003 – С.67.
3. Васецова Е.С. Движение «Талибан» и его роль в региональных политических процессах // Социально-гуманитарные знания. 2020. №5. [Электронный ресурс]. URL:https://cyberleninka.ru/article/n/dvizhenie-taliban-i-ego-rol-v-regionalnyh-politicheskih-protsessah (дата обращения: 14.12.2022).
4. Кепель Ж. Джихад. Экспансия и закат исламизма / Ж. Кепель. – М.: Ладомир, 2018. – 468 с.
5. Махнач В.Л. Политика. Основные понятия / В.Л. Махнач, С.О. Елисеев. – М.: Синергия, 2015. – 319 с.
6. Непосильное бремя»: сколько денег потратил СССР на Войну в Афганистане. Об этом сообщает «Рамблер». [Электронный ресурс]: https://finance.rambler.ru/markets/40240138/?utm_content=finance_media&utm_medium=read_more&utm_source=copylink
7. Новые старые хозяева Афганистана: что такое движение Талибан Об этом сообщает «Рамблер». [Электронный ресурс]. https: //finance.rambler.ru/other/47023809/?utm_content=finance_media&utm_medium=read_more&utm_source=copylink
8. Прошина Е. Броневики, винтовки, гаубицы и самолеты: что армия США «подарила» талибам Об этом сообщает «Рамблер». [Электронный ресурс]: https://finance.rambler.ru/economics/47025893/?utm_content=finance_media&utm_medium=read_more&utm_source=copylink
9. Рӯзномаи «Навои Бомдод»№18, 16.05.2017
10. Саранцева А.А. Общественные лидеры и религиозные взгляды движения «Талибан» // Архонт. 2020. №4 (19). [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/obschestvennye-lidery-i-religioznye-vzglyady-dvizheniya-taliban (дата обращения: 05.01.2022).
11. Саранцева А. А. Причины и предпосылки появления движения «Талибан» // Архонт. 2020. №3 (18). [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/prichiny-i-predposylki-poyavleniya-dvizheniya-taliban (дата обращения: 04.01.2022).
12. Толипов Ф. Выиграть сражение и не проиграть войну. Стратегические вызовы Афганской кампании / Ф. Толипов // Россия и мусульманский мир. Научно-информационный бюллетень / РАН ИНИОН. Центр гуманит. науч.-информ. исслед. – М.: 2015. – №5 (275). – С. 97-106.


**ЭҲЁИ ТОЛИБОН – 2 : РЕШАҲОИ ИҶТИМОИЮ ДИНӢ ВА САМТГИРИИ СИЁСИВУ ИДЕОЛОГӢ**


Дар мақола асосҳои идеологӣ, иҷтимоӣ-динӣ ва сиёсии ташкилоти экстремистии ҳаракати "Толибон" мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Таҳқиқи гузаронидашуда имконият медиҳад тасдиқ намоем, ки идеологияи "Толибон" дар асоси назарияи фундаменталии мактаби деобандизм ташаккул ёфтааст. Инчунин қайд гардидааст, ки таълимоти деобандизм ошкоро экстремистӣ набуда, инъикосгари низоми фундаментализми динӣ мебошад, ки зарурияти нигоҳдории асосҳои анъанавии динро дар шакли тағйирнопазир асоснок менамояд. Аз ин рӯ, ҳукмронии "Толибон" ҳатто дар пасманзари кишварҳои сахтгиртарин мусулмонӣ дигар мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар хусуси муносибатҳои мушаххаси "Толибон-2" бошад, нисбат ба занон, ки айни замон мавриди интиқод қарор гирифтааст, аз ҷумла, аз тарафи як қатор кишварҳои исломӣ низ (ба занҳо кор кардан, бе ҳамроҳии мард аз хона баромадан, таҳсил кардан ва гирифтани ёрии тиббӣ манъ карда мешуд), он бештар аз амалҳои анъанавии паштунҳо илҳом гирифта, ба зуҳуроти хеле шадид табдил дода шудааст. Ҳамин тариқ, дар ин мақола мо решаҳои маънавии ҷунбиши ифротии "Толибон"-ро пайгирӣ намуда, доир ба пайдоиш ва андешаҳои радикалии онҳо изҳори ақида намудем.

**Калидвожаҳо:** Толибон, деобандизм, паштунҳо, ҷанг, идеология, решаҳои маънавии ҳаракати ифротгароӣ.

**«ВОЗРОЖДЕНИЕ ТАЛИБАН – 2 : СОЦИАЛЬНО-РЕЛИГИОЗНЫЕ КОРНИ И ПОЛИТИКО-ИДЕОЛОГИЧЕСКАЯ ОРИЕНТАЦИЯ»**

В статье исследуются идеологические, социально-религиозные и политические основы экстремистской организации движения «Талибан». Проведенный анализ позволяет утверждать, что идеология талибов формировалась на основе фундаменталистских теорий деобандийской школы. Отдельно отмечено, что учение деобанди не является заведомо экстремистским, а выступает проявлением религиозного фундаментализма системы, обосновывающей необходимость сохранения в неизменном виде традиционных основ религии. Поэтому правление талибов отличается даже на фоне самых строгих мусульманских стран. Что касается специфического обращения Талибана-2 с женщинами, которое в настоящее время подвергается критике, в том числе со стороны ряда исламских стран (работа на женщин, выход из дома без мужа, учеба), запрет на получение образования и получение медицинской помощи), было больше вдохновлено традиционной пуштунской практикой и стало очень жестоким явлением. Таким образом, в этой статье мы прослеживаем духовные корни экстремистского движения «Талибан» и выражаем свои взгляды на их истоки и радикальные идеи.

**Ключевые слова:** Талибан, деобандизм, пуштуны, война, идеология, духовные корни экстремистского движения.

**"REVIVAL OF THE TALIBAN - 2: SOCIO-RELIGIOUS ROOTS AND POLITICAL-IDEOLOGICAL ORIENTATION"**

The article examines the ideological, socio-religious and political foundations of the extremist organization of the Taliban movement. The analysis carried out allows us to assert that the ideology of the Taliban was formed on the basis of the fundamentalist theories of the Deobandi school. Separately, it is noted that the teachings of Deobandi are not deliberately extremist, but are a manifestation of the religious fundamentalism of the system, which justifies the need to preserve the traditional foundations of religion unchanged. Therefore, the rule of the Taliban differs even against the backdrop of the most strict Muslim countries. Regarding the specific treatment of women by the Taliban 2, which is currently being criticized, including by a number of Islamic countries (working for women, leaving home without a husband, studying), banning education and receiving medical care), it was more inspired by traditional Pashtun practice and has become a very violent phenomenon. Thus, in this article we trace the spiritual roots of the Taliban extremist movement and express our views on their origins and radical ideas.

**Keywords:** Taliban, deobandism, Pashtuns, war, ideology, spiritual roots of the extremist movement.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мамадгафуров Исмоил Эгамназарович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори калони кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **918-85-55-65**

**Сведение об авторе:** ***Мамадгафуров Исмоил Эгамназарович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, старший преподаватель кафедры политологии и международных отношений. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **918-85-55-65**

**Information about the author:** ***Mamadgafurov Ismoil Egamnazarovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Senior Lecturer of the Department of Political Science and International Relations. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone: **918-85-55-65**

УДК:321.1(575.3)

# ҶОЙГОҲИ СИЁСАТИ ҲАРБӢ – ВАТАНДӮСТӢ ДАР ТАЪЛИФОТИ НИЁГОНИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

*Гулямов Ҷ.Ф.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Вазъи кунунии ҳарбӣ-сиёсии ҷаҳони муосир бозгӯи он аст, ки таҳдиду хатарҳо ба ҳаёти давлатҳои миллӣ бештар гардида, ҳолати ҳарбию низомии ҷаҳон беш аз пеш мураккабтару печидатар мегардад. Муборизаҳои ҳарбии бозингарони сиёсӣ ва ҳуҷумҳои ногаҳонии ташкилоту гурӯҳҳои экстремистию террористӣ агар, аз як ҷониб, омодагии ҷиддии ҳарбиро тақозо намоянд, аз ҷониби дигар, сатҳи баланди ватандӯстиро талаб мекунад. Чунки заминаи асосии аз худ кардани қобилиятҳои ҳарбӣ ва таваҷҷуҳ доштану шавқманд будан ба соҳаи ҳарбӣ маҳз доштани ҳисси баланди ватандӯстӣ мебошад.

Вазъи сиёсии ҷаҳони муосир аз давлатҳои нисбатан хурд ва рӯ ба тараққӣ тақозо менамояд, ки сиёсати густурда ва натиҷабахши ҳарбӣ-ватандӯстиро таҳия ва амалӣ намуда, дар ин замина тақвияту ташаккули қобилиятҳои ҳарбӣ ва ҳисси ватандӯстӣ дар замири насли ҷавон инкишоф дода шавад. Насли муосири инсоният, аз ҷумла насли ҷавони мо зери таъсири сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ қарор дошта, дорои тафаккури осебпазир мебошад. Ин ҳолат метавонад дар сурати ба нафъи давлату миллат истифода карда натавонистани қобилиятҳои ҳарбии насли ҷавон, аз ҷониби гурӯҳҳо ва давлатҳои манфиатдор бар зидди давлати мо истифода гардад. Мавриди зикр аст, ки махсусан дар раванди ҷалби ҷавонони мо ба ташкилотҳои экстремистию террористӣ баръало мушоҳида мешавад. Дар паради ҳарбӣ ба ифтихори 27-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд карданд: “Ҳодисаҳое, ки солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба амал омада, боиси ҳалокати ҳазорҳо нафар одамони бегуноҳ ва бехонумон мондани миллионҳо нафари дигар дар баъзе кишварҳои сайёра гардида истодаанд, моро водор месозанд, ки барои тақвияти пояҳои моддиву техникии ҷузъу томҳои ҳарбӣ, ба хусусияти таҳдиду хатарҳои муосир мутобиқ гардондани қудрати мудофиавии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва такмили сатҳи омодабошии ҷангии ҳайати шахсии он минбаъд низ тадбирҳои зарурии иловагӣ андешем.

Бахусус, вазъи зудтағйирёбандаи ҳарбиву сиёсии сайёра, аз ҷумла минтақа, торафт густариш ёфтани доираи фаъолияти гурӯҳу созмонҳои террористиву экстремистӣ, инчунин, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ тақозо менамояд, ки дар самти ҳимояи истиқлоли Ватани азизамон, ҳифзи амнияти давлату ҷомеа ва зиндагии ороми сокинони мамлакат доимо зираку ҳушёр ва омода бошанд”[1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дорои марзи муайяни худ буда, ҳифзи он шарти асосии таъмини субот дар кишвар ва пешгирии хатарҳои эҳтимолии хориҷӣ мебошад. Ҳифзи комил ва боварибахши марзу бум нишонаи аввалиндараҷаи иқтидори ҳарбии давлат ва сатҳи ватандӯстии аҳолии он мебошад.

Имрӯз таъмини соҳибихтиёрии давлат яке аз принсипҳои калидӣ дар низоми давлатдорию давлатсозӣ маҳсуб ёфта, дар маънои ҳарбӣ- сиёсияш он дар ҳифзи мустақилонаи тамомияти арзии кишвар инъикос меёбад. Соҳибихтиёрӣ принсипест, ки мазмуни гуногун дорад, вале ҷавҳари асосии онро мазмуни сиёсӣ ва ҳарбӣ ташкил менамояд. Бо назардошти омилҳои дар боло зикргардида, имрӯз зарурати таҳияи барномаю консепсияҳои ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир ва сиёсати навсозишудаи ҳарбӣ – ватандӯстӣ зарур мебошад, ки он бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва фарогири роҳу усулҳои натиҷабахши ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва соҳибихтиёрии давлати ҷавони Тоҷикистон бошад. Таҷрибаи таърихии давлатҳои пешрафтаи дунё низ гувоҳи он аст, ки барои таъмини рушду тараққиёти устувори давлат ва таъмини амнияти комил дар он, ҳамзамон мудофиаи кафолатноки давлат аз таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои илман асоснокшудаи ҳарбӣ – сиёсӣ вобастагии амиқ дорад. Вале соҳаи ҳарбиро наметавон бе ҳисси баланди ватандӯстӣ тасаввур кард.

Равандҳои ҳассоси сиёсӣ дар ҷаҳони муосир нишон медиҳанд, ки яке аз роҳҳои боэътимодтарин ва устувортарини ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлол ва ҳифзи соҳибихтиёрии давлат ташаккули ҳисси ватандӯстии ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки дараҷаи олии он хизмати содиқона ва фидокорона дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Хизмати ҳарбӣ намунаи олии ватандӯстӣ мебошад.

Аммо мушоҳидаҳо ва таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки дар ин самт як қатор мушкилоти ҷиддӣ ҷой дошта, ҳалли онҳо таҳқиқ ва пешниҳоди хулосаҳои илман асоснокро тақозо менамояд.

Пеш аз ҳама, сиёсати ҳарбӣ – ватандӯстӣ қисми таркибии сиёсати давлат ба ҳисоб рафта, мазмуни асосии онро ҳимояи бевоситаи сарзамин, Ватан, давлат, ҷомеа ва ҳифзу нигоҳдошти сулҳу амният, субот ва ваҳдату ягонагӣ дар он ташкил медиҳад. Бо назардошти мазмуни болозикр сиёсати ҳарбӣ – ватандӯстӣ дар худ арзишҳои олии инсонӣ, ҳифзи номусу шараф, иффат, покӣ, рӯҳи гузаштагон, хуну ҷони модарону кӯдакон ва дигар табақаҳои осебпазир, ному тоҷ, озодӣ ва ҳаққи рисолати таърихиро инъикос менамояд.

Бо дарки ин масъулият ва рисолат, гузаштагони мо ҳамеша арзишҳо ва мазмуни болозикрро бо ифтихору саодатмандӣ ҳифз сохтаанд, ки он инъикоси худро дар андеша ва афкори бузургони миллат ёфтаанд.

Нахуст далел дар ин самт китоби муқаддаси “Авесто” мебошад, ки дар он ҷангу сулҳ, ҳимояи арзишҳои болозикр ва мубориза бо зулму ситам дар заминаи қувваҳои некию бадӣ, яъне Аҳурамаздо ва Аҳриман инъикос ёфтааст.

Некию накукорӣ дар «Авесто», ки ба сифати ҳифзи арзишҳои волои инсонӣ, аз ҷумла сарзамин тасвир ёфтааст, онро Аҳурамаздо – Худои некӣ ва як қатор фариштаҳову худоҳо ҳифз менамоянд. Қувваҳои бадӣ аз тарафи Аҳриман офарида шуда, одамону девҳои бадкор онро амалӣ менамоянд [2].

Манзарае, ки дар “Авесто” тасвир ёфтааст, айнан ҳолати имрӯзаи ҷаҳони муосир буда, зулму ситам болои миллатҳо ва давлатҳои муайяни зери ҳадафҳои геосиёсӣ қарордошта, мансуб ба бозингарони ҷаҳонӣ мебошад. Имрӯз низ қувваҳои аҳриманӣ ҷаҳони обод ва давлатҳои миллии дорои сулҳу амниятро ба майдони ҷанг табдил дода, хуни мардуми бегуноҳро рехта истодаанд.

Сарчашмаи дигар яке аз дурдонаҳои фарҳанги миллии мо достони “Гӯруғлӣ” мебошад, ки таърихи ниҳоят қадима дошта, аз ҷониби халқ эҷод гардидааст. Ғояи асосии онро дифоъ аз Ватан, мубориза бо душманон, инчунин нишон додани далерӣ ва ватандӯстии одамон ташкил менамояд.

Қаҳрамонҳои асосии ин достон Аваз ва писаронаш Нуралӣ ва Шералӣ мебошанд, ки кишвари худ Ҷамбули Мастонро бо далерию шуҷоат ва мардонагию ҷасорат ҳифз менамоянд. Ҷамбули Мастон, ки ҳамчун кишвари афсонавӣ тасвир ёфтааст ва дар он одамон дар фазои хушбахтӣ ва серию пурӣ зиндагӣ менамоянд, душманон мехоҳанд онро ба харобазор табдил диҳанд. Аммо бо ҳисси баланди ватандӯстӣ Аваз ва писаронаш Нуралӣ ва Шералӣ ва мардуми одӣ кишвари худро бо тамоми ҳастӣ аз таҷовузкорон ҳифз мекунанд.

Ин достон намунаи олии ватандорӣ буда, дар роҳи ҳифзи Ватан ва баланд бардоштани ифтихори соҳибдавлатии насли наврасу ҷавон нақши бориз мегузорад [3].

Дар таълимоти ватандӯстӣ ҷойгоҳи махсусро афкори Абулқосим Фирдавсӣ касб менамояд. Бо тасвири майдони набард, ҷонфидоии паҳлавонону ҷавонони далеру ҷасур, нозукиҳои ҷанг, аҳамияту ҷойгоҳи низомиёну сипаҳсолорон дар таъмини пойдории давлат, роҳу усулҳои пешбурди давлатдорӣ, ҷойгоҳи артиш дар низоми давлатдорӣ Абулқосим Фирдавсӣ дар асл бунёдгузори сиёсати ҳарбӣ – ватандӯстӣ маҳсуб ёфта, “Шоҳнома” консепсияи ватандорӣ ва ҷасорату мардонагӣ дар роҳи ҳифзи Ватан мебошад. Дар ин асари безавол ҳимояи Ватану сарзамин бо ҷасорат, таҳамтанӣ, ифтихори ватандорӣ, шарафу номуси миллӣ аз ҳама таҳдиду хатарҳо мавзӯи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ғояи асосии ин шоҳасарро ифтихори ватандорӣ, фарогири роҳи тулонии таърихии тайкардаи миллати мо, раванди давлатдорию давлатсозии он дар марҳилаҳои гуногуни қарнҳои мухталиф бо бурду бохт ва муваффақияту хатогиҳо ташкил додааст.

Муҳтавои «Шоҳнома» инъикосгари он аст, ки Эронзамин аз ҳуҷуми арабҳо, румиён ва тӯрониён эҳсоси хатар мекунад. Дар ин асар нахустин ва охирин душмани эрониён

аъроб нишон дода шуда, ки дар достонҳои «Заҳҳоки морон»[4], «Разми Ковус бо шоҳи Ҳамоварон»[4], разми Шопур бо Тоири араб[6], шикасти Эрон аз дасти аъроб дар аҳди Яздигурд [7] ёд мешавад.

Сарзамини Эрон, ки кишвари пешрафта буд ва дар он давра маркази рушди тамаддуни инсонӣ маҳсуб меёфт аз чашми душманон дур буда наметавонист. Ба дастовардҳои мардуми эронӣ қавму қабилаҳои дигар бо чашми ҳасуд ва тамаъ менигаристанд. Махсусан қавми аъроб, ки аз фарҳангу маърифат дур буданд, ба Эрон ҳуҷум намуда, мушкилоти зиёдеро ба сари мардуми Эронзамин меоранд. Ин ҳолатро Абулқосим Фирдавсӣ дар номаи Яздигирд ба марзбонони Тӯс[8] инъикос намудааст ва аз харобкориҳои ин қавми аҳриманӣ бо ғурури ватандорӣ ёд мекунад. Тасвири ин ҳолат нишонаи он аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ ба мо ҳаммиллатони худ таъкид намудааст, ки дар роҳи ватандорӣ новобаста аз рушду тараққиёти давлати худ ҳамеша омодаи ҳифзи он бошем. Чунки дар дунё қавму халқиятҳои бефарҳангу беарзиш зиёданд ва ҳамеша тамаъ ба фарҳангу тамаддуни дигарон доранд. Ин ҳолат омодабошии ҷангӣ ва низомии ҳамешагии давлатро тақозо намуда, аз ҳар фарди ҷомеа рисолати баланди ватандориро талаб менамояд.

Абулқосим Фирдавсӣ ҳамзамон аз ҳуҷумҳои тахрибкоронаи румиёну тӯрониён ёдовар шуда, таъкид намудаанд, ки зираку ҳушёр бошем, аз бегонапарастӣ худдорӣ намуда, аз сарзамини худ ҳамеша дифоъ намоем ва нагузорем, ки арзишҳои муқаддаси миллии моро қавму халқиятҳои кӯчию бефарҳанг поймол созанд. Тибқи достонҳои «Подшоҳии Искандар»[9], «Подшоҳии Шопури Зулактоф»[10], «Подшоҳии Кисрои Нӯширавон»[11], «Подшоҳии Ҳурмуз» [11] душмании румиён бо эрониён аз Салм - писари Фаридун оғоз мешавад. Дар ин достонҳо Абулқосим Фирдавсӣ моро ҳушдор медиҳад, ки ҳамеша ватани худро дӯст дорем ва дар ҳифзи он сарсупурда бошем.

МубоПосле Муборизаҳои дигари ватандорӣ ва ҳифзи сарзамин бо тасвири даврони шоҳии Каюмарс нишон дода шудааст. Каюмарс дар давраи ҳукмронии худ ба пешрафтҳои зиёде ноил гардида, дар заминаи адлу инсоф ва раъиятпарварӣ амал намуда, кишвари худро ба рушду пешрафт мерасонад ва оини шоҳиро замина мегузорад. Ба ин пешрафтҳои ӯ қувваҳои аҳриманӣ бо ҳасад нигариста, ба муқобили ӯ ҷанг мекунанд, ки дар натиҷа писари Каюмарс Сиёмак кушта мешавад. Ҳолати мазкур нишонаи он аст, ки дар ҳамаи давраҳои таърихӣ миллатҳои тамаддунсоз ва фарҳангӣ ҷабру ситам ва таҷовузкориҳои зиёде аз дасти қавму қабилаҳои кӯчию бефарҳанг дидаанд. Ин раванд то имрӯз низ идома дорад ва аз мо тақозо менамояд, ки дар ҳифзи асолати миллии худ ҳамеша омода бошем.

Дар достонҳои “Шоҳнома” Абулқосим Фирдавсӣ ба такрор ба мо таъкид менамоянд, ки новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ, бояд ҷонибдори озодӣ бошем ва нагузорем, ки мулки аҷдодиамонро аҷнабиён идора намоянд. Мо заррае бетафовутӣ ва бетарафӣ нишон диҳем, мушкилоти гӯшношуниде ба сари наслҳои оянда меояд. Чуноне ки Заҳҳоки араб дар Эрон роҳбарӣ намуд, ҳазорон дарду ранҷ ба сари сокинони ин сарзамин овард. Фирдавсӣ таъкид кардааст, ки дар замони вай ҳам аъроб дар сари қудратанд ва мисли Заҳҳоки морон фақат ташнаи хуну моли ин мардуманду бас. Мебояд мисли Фаридун ҷавонмарди диловаре сар барорад ва афроди ғаюри мулкашро дар атрофаш муттаҳид намуда, Ватанашро аз морхорон пок созад [13].

Доир ба артишсозӣ Абулқосим Фирдавсӣ таъкид менамояд, ки артиши комил ва қаҳрамонҳои ватандӯсту ифтихори миллидошта, пирӯзии дилхоҳ набардҳоро таъмин месозанд ва омодаанд, ки барои ҳифзи Ватан ҳатто ҷони худро дареғ надоранд. Дар симои баҳодурон ва паҳлавонони замон, ба мисли Рустам сарсупурдагону ҳомиёни Ватану миллат тасвир шудаанд, ки кишварро аз бедодгариҳои дохилию берунӣ бо ҷонбозиҳо муҳофизат месозанд. Фирдавсӣ иброз медорад, ки маҳз халқи одӣ ва родмардони Ватан дар навбати аввал ҳимоятгарони асосии сарзамини аҷдодӣ мебошанд ва аз даст додани он барои онҳо мусибати азиме буда, ҳама буду шуди худро маҳз дар ватандорӣ мебинанд.

Дар ин қисмати достон Фирдавсӣ маҳз аз ватандӯстӣ ва ифтихори миллии эронитаборон дар симои Рустам сухан ронда, махсус қайд мекунад, ки ҳаёти шахси наздиктарин ҳам наметавонад аз ҳифзи Ватан волотар бошад. Бо ин навиштаҳо Фирдавсӣ дар қалби форсизабонон тухми меҳру муҳаббат ба марзу бумро бо маҳорати устодона кошта, аз таърихи аҷдодӣ, ки дар гӯшаи фаромӯшӣ афтода буд, ёд мекунад ва бисёр ҳодисаҳову саҳнаҳои ҳамосии миллӣ ва ҷойгоҳи онро мӯшикофона баён менамояд [15].

Осори ниёгонамон инъикосгари он аст, ки роҳи давлатдорию давлатсозӣ кори содаю осон набуда, ҷонфидоӣ, далерӣ, шуҷоату матонат, ҷавонмардӣ ва паҳлавонию мубориз буданро тақозо менамояд.

Имрӯз зарурати воқеии омӯзиш ва татбиқи андешаҳои ватандӯстонаи ниёгони мо дар амал ба вуҷуд омадааст, то Ватани соҳибистиқлоли худ – Тоҷикистонро дар раванди муборизаҳои шадиди геополитикӣ ҳифз карда тавонем ва сулҳу амният, суботи комил ва ваҳдати миллиро дар он побарҷо нигоҳ дорем.

Махсусан, насли ҷавони кишвар дар ин самт бояд масъулияти бештарро дарк намояд. Муҳимтарин рисолати ҷавонон ҳимояи сарзамини аҷдодӣ ва таъмини амнияту субот дар кишвар аст. Имрӯз бо дарки масъулияти ватандорӣ ҷавонони мо сарҳади давлатиро сарбаландона ҳифз намуда истодаанд ва сипари боэътимоди Ватан мебошанд. Ин ифтихор, шарафи бузург ва рисолати ҷавонмардии мост. Артиши миллиро бе ҷавонон тассавур кардан имкон надорад. Имрӯз ҷавонони мо бо ҳисси баланди ватандӯстӣ шабонарӯз оромии кишвар ва зиндагии осудаҳолонаи сокинонро аз хатарҳои замон ҳифз намуда истодаанд. Хизмат дар сафи Артиши миллӣ, пеш аз ҳама, мазмуни ҳимояи номус, шаъну шараф, волидайн, наздикон ва ҳамватанонро дорад. Бахри ҳифзи ватан бояд тамоми ҷавонон масъулият дошта бошанд.

Артиши миллӣ мактаби ҷавонмардӣ ва тарбияи далерону ҷасурони Ватан аст. Маҳз ҳангоми хизмат дар сафи Артиши миллӣ мо моҳияти ватандориро эҳсос намуда, муқаддас будани онро дарк мекунем.

Авроқи таърих далели раднашаванда ва боэътимодро, рӯшан ва бозгӯ мекунад, ки миллати мо барои ҳимояи сарзамини худ пайваста ҷонфидоӣ ва ҷасорату матонату қаҳрамонӣ намудааст. Корнамоиҳои Шерак, Спитамен, Муқаннаъ ва Темурмалик нишони воқеии ватандӯстӣ ва сабақи ҳаётӣ барои мо ҷавонон мебошад. Қаҳрамониҳои бемислу монанди фарзандони шоистаи миллат ва ҷонфидоию ҷонбозиҳои онҳо барои ҳимояи Ватан ҳангоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ дараҷаи олӣ ва меҳри ватанхоҳӣ, озодихоҳӣ ва меҳанпарастии миллати мо буд. Дар ин давра миллати мо – ҳам ҷавонписарону ҳам ҷавондухтарон, ҳам модарону падарон ва ҳатто кӯдакон на танҳо дар муҳорибаҳои ҷангӣ иштирок намуданд, балки тамоми дороии худро барои ҳимояи Ватан бахшиданд. Шабу рӯз заҳмат кашида, ба ҷанговарони майдони ҷанг моводи ғизоӣ ва либосу дигар лавозимоти зарурӣ омода мекарданд. Ин сабақ ва намунаи ибрат барои мо ҷавонон имрӯз ба ҳисоб меравад.

Ҳимояи Ватан ягона вазифа ва масъулияти пурифтихор аст, ки танҳо ба мо ҷавонон эътимод ва бовар кардаанд ва бояд тарзе амал намоем, ки ҳамватанон бо мо ва хизмату корнамоии мо дар ин роҳ ифтихорманд бошанд.

Мардуми шарифи кишвар дар симои сарбозон фарзандони бонангу номус ва далеру шуҷои худро мебинанд, ки ба Ватани худ ҳамеша вафодор ҳастанд.

Имрӯз шароити бисёр мураккаб ва печидаи сиёсию ҳарбии ҷаҳон хушдор медиҳад, ки мо ҷавонон ҳарчи бештар дар андешаи ҳифзи давлатдории худ бошем. Моро зарур аст, ки новобаста аз самти фаъолият соҳиби малакаи заруриии омодабошии ҷангӣ бошем. Хизматро дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ зарурати аввалиндараҷа ва ҳаётӣ донем.

**Муқарриз: н.и.т., дотсент Шарипов А.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба ифтихори 27-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 21 феврали соли 2020. (Санаи муроҷиат: 08.07.2020).
2. Готҳо. Сурудҳои поки Зардушти Спитамон ва ҳафт ҳот [Матн] / Баргардон ва ба чоп омодасохта Алӣ Акбар Ҷаъфарӣ. – Теҳрон, 1382 ҳ. – С.35.
3. Рахмонов Р.К. О таджикском эпосе "Гуругли". Вестник таджикского национального университета. Серия филологических нау номер: 4-3 (113) год: 2013 страницы: 184-193.
4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. – С.67-116.
5. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.2. – С.116.
6. Абулқосим Фирдавсӣ.Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7. – С.312- 320.
7. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1991. – Ҷ.9. – С.414-488.
8. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. – С.447
9. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7. – С.5-167.
10. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7. – С.5-167.
11. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – С.71-448 ва С.448-603.
12. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. – С.163-464.

13. Азизов К. Ҷ. Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома» – и Абулқосим Фирдавсӣ: дисс. н.и.ф. – Душанбе , 2020, С-39.
14. Қурбонов С. М. Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): дисс. н.и.с. – Душанбе, 2020. – 155с.
15. Азизов К. Ҷ. Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома» – и Абулқосим Фирдавсӣ: дисс. н.и.ф. - Душанбе, 2020. – С.61.

## ҶОЙГОҲИ СИЁСАТИ ҲАРБӢ – ВАТАНДӮСТӢ ДАР ТАЪЛИФОТИ НИЁГОНИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур масоили сиёсати ҳарбӣ – ватандӯстӣ, ки дар ҳама давраҳои таърихӣ, сарфи назар аз низоми сиёсии давлат, асоси ҳифзи соҳибихтиёрии миллии давлат маҳсуб меёфт, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Имрӯз ҳар як кишвари дунё, махсусан давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба қувваҳои мусаллаҳ ва иқтидори ҳарбие ниёз доранд, ки такягоҳи боэътимод дар системаи таъмини амнияти миллӣ бошанд. Аз ин рӯ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ ва омодагии онҳо ба ҳимояи Ватан вазифаи муҳимми ҳам сохторҳои ҷамъиятӣ ва ҳам ҷомеа дар маҷмуъ мебошад. Тағйирот дар муносибатҳои идеологӣ ва сиёсии ҷомеа, самаранокии пасти низоми мавҷудаи омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва тарбияи ҷавонон дар марҳилаи кунунӣ тадбирҳои муассирро талаб мекунад. Ва ин бидуни омӯхтани таҷрибаи солҳои гузашта ва таҳлили ҷиддии заминаҳои ташаккули сиёсати ҳарбӣ – ватандӯстӣ ва таҳқиқи асосҳои хизмати ҳарбӣ ғайриимкон аст.Бо назардошти ин афкори ҳарбӣ ватандӯстии ниёгони миллати тоҷик бояд ҳамаҷониба омӯхта шавад ва дар заминаи он ифтихори миллӣ ва тафаккури ватандӯстии ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон ташаккул дода шавад.

**Калидвожаҳо:** сиёсат, ҳарбӣ, Ватан, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, ниёгон, таърих, афкор, тоҷик, миллат, давлат, кишвар, артиш, ҷомеа, ғоя, таълимот, амният, ваҳдат, сулҳ, оромӣ.

## МЕСТО ВОЕННО – ПАТРИОТИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ В ТРУДАХ ПРЕДКОВ ТАДЖИКСКОЙ НАЦИИ

В статье автор анализирует и изучает военно-патриотическую политику, которая всегда была и остается основой защиты национального суверенитета государства во все исторические периоды, независимо от политического строя государства. Сегодня каждая страна в мире, особенно развивающиеся страны, нуждаются в вооруженных силах и военном потенциале, чтобы быть надежной базой в системе национальной безопасности. Поэтому воспитание молодежи в духе патриотизма и готовности защищать Родину - важная задача как для социальных структур, так и для общества в целом. Изменение мировоззренческих и политических установок общества, низкая эффективность существующей системы базовой военной подготовки и воспитания молодежи на современном этапе требуют действенных мер. А это невозможно без изучения опыта прошлых лет и серьезного анализа основ формирования военной политики - патриотизма и изучения основ военной службы. С учетом этого военного мнения необходимо досконально изучить патриотизм предков таджикского народа и на его основе сформировать национальную гордость и патриотическое мышление общества, особенно подростков и молодежи.

**Ключевые слова:** политика, военные, Родина, патриотизм, национальная гордость, предки, история, мысли, таджики, нация, государство, страна, армия, общество, идеи, образование, безопасность, единство, мир, спокойствие.

## THE PLACE OF MILITARY - POTRIOTIC POLICY IN THE WORKS OF THE ANCESTORS OF THE TAJIK NATION

Military-patriotic policy has always been and remains the basis for protecting the national sovereignty of the state in all historical periods, regardless of the political system of the state. Today, every country in the world, especially developing countries, needs armed forces and military capabilities to be a reliable base in the national security system. Therefore, educating young people in the spirit of patriotism and readiness to defend the Motherland is an important task both for social structures and for society as a whole. Changes in the worldview and political attitudes of society, the low efficiency of the existing system of basic military training and education of young people at the present stage require effective measures. And this is impossible without studying the experience of past years and a serious analysis of the foundations of the formation of military policy - patriotism and the study of the foundations of military service.Taking into account this military opinion, it is necessary to thoroughly study the patriotism of the ancestors of the Tajik people and, on its basis, form the national pride and patriotic thinking of society, especially adolescents and youth.

**Keywords:** politics, military, Motherland, patriotism, national pride, ancestors, history, thoughts, Tajiks, nation, state, country, army, society, ideas, education, security, unity, peace, tranquility.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулямов Ҷамшед Файзуллоевич-*** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел.: **+(992)938807675.** E-mail: **sqz_0085@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Гулямов Джамшед Файзуллоевич*** – Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, соискатель кафедры политологии**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр-т Рудаки, 121. Тел: **+(992)938807675**. E-mail: **sqz_0085@mail.ru**

**Information about the authors*: Gulyamov Jamshed Faizulloevich*** – competitorDepartment of Political Tajik state pedagogical university named S. Ayni. **Adress:** 734025,Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave., 121. Phone**:+(992)938807675**. E-mail: **sqz_0085@mail.ru**

УДК: 66.01.+26.22

# МАСОИЛИ ҲАМБАСТАГИИ СИЁСАТИ ОБӢ БО СИЁСАТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ (ДАР МИСОЛИ ҲАВЗАИ ДАРЁИ СИР)

***Қувватзода С. З.***
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Об аз сарватҳои табиие мебошад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, заминаи асосии рушди онҳо мебошад. Дар баробари истифодаи бевосита, об инчунин асоси мавҷудияти дигар соҳаҳо ва рушду пешрафти онҳо мебошад. Махсусан, таъминоти озуқаворӣ бе соҳаи кишоварзӣ ва соҳаи кишоварзӣ бе таъминоти об вуҷуд дошта наметавонанд. Ҳамзамон, дар шароити муосир захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии истеҳсоли қувваи барқ ба ҳисоб рафта, бунёди неруи сабз ва иқтисоди сабз мебошад.

Бо назардошти ин, масоили об, озуқа ва энергия ба ҳам иртиботи ногусастанӣ доранд ва таъминоти амнияти озуқаворию энергетикӣ, пеш аз ҳама, ба таъминоти амнияти обӣ вобаста аст.

Таъмини амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ аз авлавиятҳои асосии сиёсати давлатӣ ва минтақавии тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ҳар як ҷанбаи амният равишҳои ҳамоҳангшуда ва байнисоҳавӣ оид ба истифодаи захираҳои об, энергетика ва замин ҳам дар дохили кишвар ва ҳам байни кишварҳоро тақозо мекунад. Дар солҳои охир мубоҳисаҳои ҷиддӣ дар бораи аҳамияти дуруст ба назар гирифтани ҳамбастагии зиёди байнисоҳавӣ барои ноил шудан ба амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ ва рушди устувор идома доранд. Дарки имкониятҳое, ки дар натиҷаи банақшагирии байнисоҳавӣ ва фаромарзӣ пешниҳод мегарданд, бароиояндаи устувори иқлим низ муҳим аст.

Зери мафҳуми «амният» барои арзёбии мақсадҳои зери назар, дар умум дастрасии воқеии захираҳои об, энергия, озуқаворӣ, дастрасӣ ба манбаи ин захираҳо ва эътимоднокии он бо назардошти ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва техникии марбут ба дастрасӣ ба манбаъ ва арзиши дастрас доштани онҳо фаҳмида мешавад.

Тибқи арзёбии UNECE зери мафҳуми «алоқамандӣ» миёни амнияти об, озуқа ва энергетика, робитаи ногусастанӣ миёни ин соҳаҳо фаҳмида мешавад, ки дар сурати расидани таъсир ба яке аз ин соҳаҳо ҳатман он ба соҳаҳои дигар, инчунин ба экосистемаҳо низ таъсир мерасонад, ки аз онҳо захираҳои табиӣ ва фаъолияти инсон вобаста аст [1].

Бо дарназардошти таъсири мутақобилаи системаҳои об, энергетика ва озуқаворӣ, равиши «алоқамандӣ» ба баланд бардоштани натиҷаҳои мутақобилан судманд, ҳадди ақал кам кардани қарорҳои ғайримуқаррарӣ, баланд бардоштани истифодаи оқилонаи захираҳо ва коҳиш додани пайомадҳои манфии иҷтимоӣ ва экологӣ нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии равиши «алоқамандӣ» густариши ҳамгироии байнисоҳавӣ барои беҳтар намудани амнияти об, энергетика ва озуқаворӣ мебошад.

Дар ин раванд об омили муайянкунанда ба ҳисоб рафта, бе он соҳаҳои дигар амал намекунанд. Аз ин рӯ, ҳамоҳангсозии байнисоҳавии ҳамаи соҳаҳои истифодабарандагон ва истеъмолкунандагони об ҳамчун яке аз унсурҳои идоракунии маҷмуии захираҳои об бо таваҷҷуҳи махсус ба устувории экологӣ зарур мебошад.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда, зиёда аз 54,6%-и захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд. Аммо Тоҷикистон аз он ҳамагӣ аз ҳисоби Сирдарё 7% ва аз ҳисоби Амударё 15,2%-ро истифода менамояд.

Аммо давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ дар самти истифода ва истеъмоли захираҳои обии дар Тоҷикистон ташаккулёбанда мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Масалан, саҳми давлатҳои минтақа дар ташаккулёбии захираҳои обии баҳри Арал чунин аст: Қирғизистон -25,3%, Ӯзбекистон 7,6%, Қазоқистон 3,9%, Чин ва Покистон дарякҷоягӣ 5,4% [2].

Аммо нишондоди истифода ва истеъмоли захираҳои обии минтақа тамоман дигар аст. Дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи даврони Шуравӣ аз захираҳои обии Сирдарё Ӯзбекистон 50,5%, Қазоқистон 42% ва Қирғизистон 0,5%-ро истифода ва истеъмол менамоянд.

Аз захираҳои обии Амударё бошад, Ӯзбекистон 42,2%, Туркменистон 42,3% ва Қирғизистон 0,3%-ро истифода менамоянд [3].

Ҳаҷми солонаи захираҳои оби тоза дар Осиёи Марказӣ дар муқоиса бо давраи шуравӣ коҳиш ёфта, дар пайи афзоиши босуръати демографӣ талабот ба захираҳои об зиёд гардида истодааст. Дар баробари ин, ҳамзамон тағйирёбии иқлим низ таъсири манфии худро расонида, талаботро ба об зиёд гардонидааст. Ин омилҳоро метавон тавассути иваз ва навсозии инфрасохтори куҳнаи обёрӣ ва баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати об ва тиҷорати минтақавӣ дар соҳаи об ҷуброн кард. Илова бар ин, тамоми кишварҳо ба диверсификатсияи кишоварзӣ ва гузариши қисман аз пахтакорӣ ба зироатҳое, ки ба об талаботи кам доранд, зарур мебошад. Созишномаи соли 1998 дар бораи истифодаи захираҳои обӣ ва энергетикии ҳавзаи дарёи Сир [4] то ибтидои солҳои 2000-ум барои танзими мубодилаи энергия ва танзими маҷрои об замина фароҳам овард. Аммо ин созишнома аз ҷониби ҷонибҳо ҳеҷ гоҳ пурра иҷро нашуд, ҳарчанд онҳо расман аз он даст накашидаанд. Соҳаи энергетикаи Қирғизистон ва Ӯзбекистон бештар аз захираҳои оби ҳавзаи дарёи Сир вобаста аст. Дар Қирғизистон қисми зиёди неруи барқро неругоҳҳои барқи обӣ тавлид мекунанд, дар ҳоле ки бисёре аз неругоҳҳои ҳароратӣ ва коркарди нафт дар Ӯзбекистон оби Сирдарёро барои хунуккунӣ ва дигар эҳтиёҷоти саноатии энергетикӣ истифода мебаранд ва аксари неругоҳҳои барқи обии кишвар низ дар ин ҳавза ҷойгир шудаанд. Қирғизистон, ки дар саргаҳи ташаккулёбии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Сир ҷойгир аст ва гидроэнергетика соҳаи асосии таъминоти он ба неруи барқ маҳсуб меёбад, низоми фаъолияти обанборҳои худро тавре роҳандозӣ намудааст, ки он ба истеҳсоли неруи барқ дар фасли зимистон ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо гармӣ нигаронида шудааст [5].

Аз ин рӯ, дар фасли зимистон ҳаҷми обпартоӣ аз обанборҳои кишварҳои болооб одатан аз ҳаҷми табиии об зиёд гардида, дар фаслҳои баҳору тобистон, ки барои соҳаи кишоварзии кишварҳои поёноб зарур мебошад, кам мешавад. Ин ҳолат миқдори захираи обро барои обёрӣ дар давраи нашъунамои кишоварзӣ дар кишварҳои поёнооб кам мекунад. Эҳтиёҷоти ҳам энергетика ва ҳам кишоварзиро метавон дар солҳои намнок бо зимистони мулоим қонеъ кард, аммо дар солҳои хушк бо зимистони сард, ҳарду бахш метавонад норасоии захираҳои обро эҳсос кунад. Дар солҳои хушкӣ барои обёрӣ бештар об лозим аст, дар ҳоле ки мавҷудияти об ба ғайр аз танзими ҷараёни об ба миқдори боришоти барф ва обшавии пиряххо вобаста аст. Хушксолиҳо бо миқдори ками боришот, зимистони сахт бо яхбандии зиёд ва коҳиши обшавии пиряххо боиси аз ҳад зиёд кам гардидани маҷрои дарёҳои фаромарзӣ мегарданд, ки ҳам дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳам энергетика мушкилоти зиёдро дар пай доранд. Илова бар ин, системаҳои калони ирригатсионӣ ва заҳкаш низ барои кашидани об миқдори зиёди энергия сарф мекунанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки камбудии об дар фасли тобистон таъсири худро ба неругоҳҳои ҳароратӣ низ дар ҳавзаи дарёи Сир мерасонад. Ҳаҷми обанборҳои НБО Қамбар-Ота-1 ва НБО-2 назар ба НБО ҳозираи Токтогул камтар бошад ҳам, вале онҳо иқтидори ба қадри кифоя баланд хоҳанд дошт. Мақомоти Қирғизистон тахмин мезананд, ки ба кор андохтани ин неругоҳҳо имкон медиҳад, ки НБО-и Токтогул ба реҷаи кори ирригатсионӣ баргардад.

Ин на танҳо шароити фаъолияти кишоварзиро дар кишварҳои поёноб беҳтар мекунад, инчунин сатҳи партовҳои зарарноки дар пайи фаъолияти неругоҳҳои гармӣ ихроҷшавандаро ба атмосфера коҳиш медиҳад. Барои дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҷиҳати навсозӣ ва баланд бардоштани иқтидори энергетикӣ, ҳамзамон фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ, Қирғизистон ба боло бурдани тарифҳои неруи барқ шурӯъ кард. Бесабаб нест, ки тарифҳои баланд дар баробари сарфаи бештари неруи барқ боиси 20 дарсад кам шудани истифодаи барқ шудааст.

Ҷониби Ӯзбекистон ва Қазоқистон аз фаъолият ва бунёди неругоҳҳои барқи обӣ дар кишварҳои болооб то ҳанӯз изҳори нигаронӣ доранд. Аммо дар худи кишварҳои поёноб низ бунёди неругоҳҳо, обанборҳо ва дигар иншоотҳои соҳаи об барои истеҳсоли неруи барқ, обёрии кишоварзӣ, идоракунии маҷрои дарёҳо дар ҳолатҳои зарурӣ бо маром идома дорад. Мисоли чунин иншоотҳо сарбанди Кӯксаройи Қазоқистон ва НБО-и Андиҷон-2 мебошанд. Дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ, энергетика ва идораи оби ҳавзаи дарёи Сир ва ҳамкории байни кишварҳо ба таври комил равшан нест.

Ҳамзамон, як қатор номуайяниҳои дигар низ ҷой доранд, ки метавонанд дар оянда ба рушди бештари ҳамгироиҳои минтақавӣ дар соҳаи об, озуқаворӣ ва энергетика таъсиргузор бошанд:

1. сатҳи нокифояи ҳамкориҳои минтақавӣ ва омилҳои геополитикӣ;
2. тағйирёбии иқлим;
3. рушди босуръати демографӣ;
4. обшавии босуръати пиряххо ва кам гардидани маҷрои дарёҳои фаромарзӣ;
5. истифодаи ғайриоқилона ва масрафи аз ҳад зиёди об дар соҳаи кишоварзӣ.

Заминҳои обёришавандаи Тоҷикистон 90 дарсади заминҳои кишти кишварро ташкил дода, асосан ба воситаи насосҳо обёрӣ мешаванд ва 40 дарсади кулли масрафи неруи баркро ҳангоми обёрӣ ташкил медиҳанд. Бо назардошти он ки 80 фоизи майдони обёришавандаи заминҳои ҳавзаи дарёи Сир дар Тоҷикистон тавассути насосҳо бо об таъмин карда мешаванд, дар сурати истифодаи ғайриоқилона мушкилоти гаронро дар соҳаи таъминоти об ва неруи барқ ба вуҷуд меорад. Самаранокии пасти истифодаи об дар соҳа ба инфрасохтори обкашӣ фишори иловагӣ оварда, хароҷоти баркро зиёд мекунад, дар ҳоле ки таҷҳизоти кухна ва фарсудаи обкашӣ, манбаъҳои беэътимод ва зуд-зуд қатъ шудани қувваи барқ, дар навбати худ, боиси паст шудани самаранокии истифодаи об мегарданд.

Масалан, қатъ гардидани қувваи барқ боиси якбора зиёд гардидани сарфи об мегардад, зеро обгузар ва наҳрҳоро аз нав бо об пур кардан лозим мешавад. Ин мушкилот махсусан барои вилояти Суғди Тоҷикистон, ки қисми зиёди заминҳои кишоварзии он бо ёрии насосҳо дар баландии то 300 метр бо об таъмин карда мешаванд, дахл дорад. Интихоби зироат омили дигаре аст, ки ба истифодаи захираҳои обу энергетикӣ таъсир мерасонад.

Ҳарчанд саҳми замини пахта дар вилояти Суғд аз 24 дарсади заминҳои корами соли 2011 то 16 дарсад дар соли 2015 коҳиш ёфт, деҳқонон пахтаро ашёи хоми муҳимтарине медонанд, ки талабот ба он дар бозор зиёд аст. Дар баробари ин ҳосили зироатҳо паст буда, барои пахта аз 1,4 т/га дар ноҳияи Ашт то 2,1 т/га дар ноҳияи Конибодомро ташкил медиҳад [6].

Дар Ӯзбекистон беш аз 75 дарсади пойгоҳҳои обкашӣ, ки барои обёрӣ истифода мешаванд, корношоям гардидаанд ва зарурати пурраи таҷдиду навсозӣ ва ё иваз намудан ба миён омадааст [7]. Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар сатҳи маҳаллӣ Қазоқистон тарифҳои тафриқавии воҳиди ҳаҷмро вобаста ба сатҳи норасоии об дар минтақаи муайян муқаррар кардааст. Системаҳои энергетикии бесамар дар кишварҳо инчунин ба сатҳи вобастагии байни истифодаи захираҳои гуногун таъсир мерасонанд.

Дар баробари дигар кишварҳои узви ИДМ, кишварҳои Осиёи Марказӣ низ дар ҷаҳон нишондиҳандаҳои пасттарини самаранокии ММД доранд. Махсусан, тамоми раванди истеҳсол, интиқол, тақсимот ва фурӯши қувваи барқ самара ва арзиши нисбатан паст доранд. Дар баробари кам будани самаранокии истифодаи об ва энергия дар соҳаи кишоварзӣ, ин барои минтақа мушкилоти ҷиддие ба миён меорад. Нишондиҳандаи асосии самараи истеҳсоли қувваи барқ сарфи хосси сӯзишвории истеҳсоли қувваи барқ мебошад.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар давраи аз соли 2007 то соли 2014 арзиши ин нишондиҳанда хеле баланд - беш аз 300 г дар як киловатт-соат ва дар Қирғизистону Ӯзбекистон мунтазам аз 400 г дар як киловатт-соат зиёд буд. Нишондиҳандаи беҳтарин дар байни кишварҳои ИДМ дар соли 2014 ба Белорус тааллуқ дорад - 246,8 г дар як киловатт-соат. Талафот дар шабакаҳои интиқол ва тақсимот дар солҳои 2004-2014 10-20 дарсади неруи барқи тавлидшуда дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ва то сеяки неруи баркро дар Қирғизистон ташкил додааст, ки аз вазъи бади техникии шабакаҳои барқ шаҳодат медиҳад [8].

Дар Қирғизистон якбора афзоиши масрафи неруи барқ барои гармидиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва гармкунии об дар солҳои охир боиси хеле афзудани сарбории шабакаҳои тақсимоти барқ гардидааст. Дар айни замон сатҳи фарсудашавии инфрасохтори шабакаҳои барқӣ 50 фоизро ташкил медиҳад. Танҳо 14 фоизи ҳисобкунанкҳои барқӣ ба талаботи ҳозира ҷавобгӯ буда, боқимонда ҳисобкунакҳои барқӣ истеҳсоли солҳои 1950

буда, дақиқияти истифодаи қувваи баркро нишон дода наметавонанд ва ба талаботҳои муосири технологӣ ҷавобгӯ нестанд.

Ҳамаи ин боиси талафоти беасоси баланди технологӣ ва тиҷоратӣ дар тақсимоти қувваи барқ мегардад. Тибқи як пажӯҳиши ахире, ки аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд [9] анҷом шудааст, мушкилоти асосии таъмини неруи барқ дар Осиёи Марказӣ ба фарсуда шудани таҷҳизоти неругоҳҳои барқӣ марбут аст. Инфрасохтори харобшуда хатари халалдор шудани системаҳои энергетикии кишварҳоро афзоиш дода, сифати неруи барқи ба истеъмолкунандагон додашударо коҳиш медиҳад ва ба вазъи иқтисод ва сифати зиндагии аҳолии минтақа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар сурати дарёфт нагардидани сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва навсозӣ нашудани таҷҳизотҳои неругоҳҳои барқии кишварҳои минтақа дар давоми бистсолаи оянда, аксари шабакаҳои энергетикие, ки аз замони шӯравӣ бе навсозӣ фаъолият намуда истодаанд, аз кор мебароянд [10].

Дар давоми солҳои 1950-1980 ба туфайли рушди густурдаи кишоварзии обёришаванда баҳри Арал камоб шуда, ҳоло ба якчанд обанборҳои хурди дорои сатҳи ноустувори оби шӯр тақсим шудааст. Аммо вазъи қисми шимолии баҳри Арал, ки дарёи Сир ба он ҷорӣ мешавад, дар натиҷаи бунёди сарбанди Кокарал, ки муштаракан Қазоқистон ва Бонки Ҷаҳонӣ сохтаанд, ба эътидол омад. Сарфи назар аз он, ки усулҳои кишоварзӣ тадриҷан нав карда мешаванд, истифодаи тулонии усулҳои аз ҷиҳати экологӣ номутаносиби зироаткории обёришаванда дар минтақа боиси шӯршавии заминҳои кишоварзӣ ва хеле паст шудани сатҳи ҳосилнокии онҳо гардидааст.

Ҳамзамон, заминҳои кишоварзии кишварҳои болооби минтақа эрозия шуда, заминҳои кишоварзии кишварҳои поёнобро бошад, раванди шӯршавӣ ва ботлоқшавӣ фаро гирифтааст. Раванди таназзулёбӣ ва шӯршавии заминҳои кишоварзӣ андешидани тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд. Ҳарчанд даҳсолаҳо боз заминҳои кишт тавассути шустан аз намакҳо тоза карда шуда истодаанд, аммо ин раванд миқдори зиёди обро тақозо менамояд. Сарфи назар аз талошҳо ва корҳои дар ин самт анҷомёфта, барқарорсозии шӯразаминҳо аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Аз ҷумла, ба гуфтаи мақомоти Ӯзбекистон, пас аз тасмими ҳукумат дар соли 2007 майдони заминҳои шӯр то ин муддат 60 ҳазор гектар кам шудааст.

Соҳаи кишоварзӣ аз чанд ҷиҳат ба олудашавии захираҳои об оварда мерасонад. Пеш аз ҳама, олудашавии оби дарёҳо аз омехташавӣ бо пасобҳои боқимондаи кишоварзӣ, ки бо нуриҳои минералӣ ва пасмондаҳои заҳрхимикатҳо олуда мебошанд. Инчунин, ба дарёҳо пайвастани пасобҳои боқимондаи заминҳои кишоварзӣ, ки бо намакҳои гуногуни минералӣ омехта мебошанд, боиси шӯршавии оби дарёҳо мегардад. Пешгирии ҳолатҳои шӯршавии обҳои дарёҳо аз ҳисоби ба онҳо пайвастани боқимондаи пасобҳои заминҳои кишоварзӣ тавассути кам истифода бурдани об дар заминҳои кишт ва истифодаи технологияҳои каммасрафи об дар ин соҳа имконпазир мебошад.

Иншоотҳои мавҷудаи обёрӣ дар минтақа аллакай қисман таҷдид ва навсозӣ гардидаанд. Махсусан дар Қазоқистон ва Ӯзбекистон обёрии қатрагӣ ба роҳ монда шуда истодааст. Тибқи маълумоти Комиссияи ҳамоҳангсозии байнидавлатии идоракунии об, масрафи об барои обёрӣ дар Ӯзбекистон аз тақрибан 18 ҳазор метри мукааб дар як гектар дар соли 1990 то 10,5 ҳазор метри мукааб дар соли 2008 коҳиш ёфтааст. Ӯзбекистон аллакай дар майдони беш аз 25 ҳазор гектар системаҳои обёрии қатрагиро насб кардааст, ки обро камтар истифода мебаранд ва шӯршавию таназзули заминро пешгирӣ менамоянд.

Дар байни омилҳое, ки татбиқи густурдаи усулҳои истифодаи самараноки обро душвор мегардонанд, хароҷоти баланди татбиқи онҳо, маҳдуд будани имкониятҳои молиявии кишоварзон барои дарёфти маблағгузорӣ ва надоштани таҷриба ва донишҳои зарурӣ дар ин самт мебошанд.

Барои муайян намудани имкониятҳо ҷиҳати ноил шудан ба амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ ва таъмини суботи экологӣ дар Осиёи Марказӣ тавассути амалҳои ҳамоҳангшудаи байнисоҳавӣ, иҷрои вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

1. Арзёбии вазъи кунунии амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ ва муайян кардани омилҳои ноустувории амният дар шакли нишондиҳандаҳои динамикӣ барои оянда дар кишварҳои Осиёи Марказӣ.

2. Муайян кардани сатҳи пешбинишавандаи амнияти об, озуқаворӣ ва энергетикӣ бо нигоҳ доштани тамоюлҳои мавҷуда дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳи соли 2030.

3. Пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба муттаҳид намудани кӯшишҳои кишварҳои минтақа дар пешбурди қарорҳои мутақобилан судманди байнисоҳавӣ ҷиҳати таъмини амнияти кишварҳои худ ва рушди устувори минтақа.

Ду хулосаи асосии тадқиқот инҳоянд:

Аввалан, Осиёи Марказӣ дар маҷмуъ барои қонеъ кардани ниёзҳои об, энергетика, амнияти озуқаворӣ ва экологӣ захираҳои кофӣ дорад, аммо як қатор омилҳои ноустуворкунанда (рушди демографӣ, рушди саноат ва талабот ба энергия, тағйирёбии иқлим ва масоили Афғонистон) ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории давлатҳои минтақаро барои таъмини рушди минбаъда талаб менамояд.

Дуюм, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ тақсимоти нобаробари табиии заминҳои корам, иқтидори озуқаворӣ, захираҳои об, захираҳои сӯзишвории истихроҷшаванда, иқтидори гидроэнергетикӣ, иқлим ва топография таҳияи тадбирҳои ягонаро дар заминаи робитаҳои захираҳои энергетикӣ ва обу замин барои ҳамаи кишварҳо ғайриимкон месозад. Ба инобат гирифтани вижагиҳои ҳар як кишвар барои дарёфти роҳҳои муассиртарини ҳалли робитаҳои байнисоҳавӣ дар дохили кишварҳо ва сатҳи минтақа муҳим аст.

**Муқарриз: н.и.т., дотсент Шарипов А.Н.**


**АДАБИЁТ**

1. UNECE (2021). [Электронный ресурс]. https://unece.org/environment-policy/water/areas-work-convention/water-food-energy-ecosystem-nexus.
2. Куватов С.З. Водная политика Республики Таджикистан в годы государственной независимости: проблемы и перспективы: Автореф. дисс. ... канд.полит. наук / С.З. Куватов. – Душанбе, 2018. – 25с.
3. Муртазаев У. И. Управление водными ресурсами Центральноазиатского региона: проблемы и пути их решения / У. И. Муртазаев. –Душанбе: Ирфон, 2016.
4. Созишнома миёни кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба имзо расида буд.
5. Бонки Умумиҷаҳонӣ. Ҳамбастагии захираҳои обӣ ва энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ. Тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаи дарёи Сир (Вашингтон, Бонки Умумиҷаҳонӣ, 2004).
6. Сарчашма: маълумотҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Владимир Волосский. Сотрудничество в сфере электроэнергетики и устойчивое развитие государств Центральной Азии. Неопубликованная аналитическая записка для ЕЭК ООН, 2016.
8. Тибқи маълумоти расмии ширкати Қазоқистон KEGOC, дар соли 2014 талафоти шабака дар Қазоқистон 2,77% неруи барқи тавлидшударо ташкил додааст. Ин рақам дар Осиёи Марказӣ ва тамоми ИДМ пасттарин аст, аммо эҳтимол дорад, ки ин рақамҳо танҳо талафоти интиқолро инъикос кунанд, на тақсимотро.
9. Fichtner GmbH & Co. KG, Central Asia Regional Economic Cooperation: Power Sector Regional Master Plan. Technical assistance consultant's report for the Asian Development Bank (Manila, ADB, 2012).
10. Игорь Томберг. Энергетика Центральной Азии: проблемы и перспективы. Сайт Российского совета по международным делам, 2012: http://russiancouncil.ru/inner/?id_4=324#top-content Источник: Владимир Волосский. Сотрудничество в сфере электроэнергетики и устойчивое развитие государств Центральной Азии. Неопубликованная аналитическая записка для ЕЭК ООН, 2016.


## МАСОИЛИ ҲАМБАСТАГИИ СИЁСАТИ ОБӢ БО СИЁСАТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ (ДАР МИСОЛИ ҲАВЗАИ ДАРЁИ СИР)


Масоили вобаста ба об, озуқа ва энергетика дар ҷаҳони муосир аз масъалаҳои авлавиятдошта маҳсуб ёфта, бо назардошти рушди босуръати демографӣ, тағйирёбии иқлим, камшавии захираҳои оби тоза, аз гардиши кишоварзӣ баромадни масоҳати зиёди майдонҳои кишт беш аз пеш мубрам ва мураккаб гардида истодаанд. Дар баробари бомаром зиёд гардидани талабот ба об маводи озуқа ва неруи барқ, баръакс, ҳаҷм ва имкониятҳои истеҳсоли онҳо кам шуда истодааст.Чунин ҳолат омӯзиши маҷмуии масоили болозикрро тақозо мекунад ва ҳамбастгии онҳо ба таври дақиқ бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад.Таъмини минбаъдаи ҳаёти осоишта ва пешрафти ҷомеа аз таъмини амнияти соҳаҳои болозикр вобаста аст. Масоили амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ дар рӯзномаи ҷаҳонӣ мавқеи махсус дошта, мавриди таваҷҷуҳи роҳбарияти сатҳи олии сиёсӣ қарор доранд.Осиёи Марказӣ бо рушди босуръати демографӣ, таназзули заминҳои кишт, обшавии пиряххо ва камшавии захираҳои об дар пешорӯи мушкилоти обию озуқаворӣ ва энергетикӣ қарор дорад. Дарёфти роҳи ҳалли ин мушкилот таҳлили ҳамаҷонибаи илмии масъаларо аз нуқтаи назари илмҳои гуногун, аз ҷумла илмҳои сиёсӣ тақозо менамояд.



**Калидвожаҳо:** об, озуқа, қувваи барқ, дарё, Осиёи Марказӣ, ҳавзаи дарёи Сир, амният, алоқамандӣ, ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ, кишоварзӣ, экология, муҳити зист, неругоҳ, наҳр, давлат, пирях, обанбор.

## ИНТЕГРАЦИЯ ВОДНОЙ ПОЛИТИКИ С ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ И ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКОЙ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ (ПРИМЕР БАССЕЙНА РЕКИ СИРДАРЬЯ)

Вопросы, связанные с водой, продовольствием и энергией, входят в число приоритетных в современном мире, и, учитывая быстрый демографический рост, изменение климата, истощение ресурсов пресной воды, эрозию больших площадей сельскохозяйственных земель становится все более важным и сложным. Напротив, при неуклонном росте спроса на воду, продукты питания и электроэнергию сокращаются объемы и мощность их производства. Такая ситуация требует всестороннего изучения вышеперечисленных вопросов, и следует тщательно учитывать их взаимосвязь. Обеспечение мирной жизни и процветания общества зависит от обеспечения безопасности вышеперечисленных сфер. Водная, продовольственная и энергетическая безопасность занимают особое место в мировой повестке дня и находятся в центре пристального политического внимания. Центральная Азия сталкивается с проблемами воды, продовольствия и энергии из-за быстрого демографического роста, сокращения пахотных земель, таяния ледников и сокращения водных ресурсов. Решение этой проблемы требует всестороннего научного анализа проблемы с точки зрения различных наук, в том числе политологии.

**Ключевые слова:** вода, еда, электричество, река, Центральная Азия, бассейн Сырдарьи, безопасность, взаимосвязанность, солидарность, сотрудничество, сельское хозяйство, экология, окружающая среда, электростанция, канал, состояние, ледник, водохранилище.

## INTEGRATION OF WATER POLICY WITH FOOD AND ENERGY POLICIES IN CENTRAL ASIA (EXAMPLE OF SIRDARYA RIVER BASIN)

Issues related to water, food and energy are among the priorities in the modern world, and given the rapid demographic growth, climate change, depletion of fresh water resources, erosion of large areas of agricultural land is becoming more and more important and complex. On the contrary, with a steady increase in demand for water, food and electricity, the volume and capacity of their production are decreasing.This situation requires a comprehensive study of the above issues, and their relationship should be carefully considered.Ensuring a peaceful life and prosperity for society depends on ensuring the security of the above areas. Water, food and energy security are high on the global agenda and are at the center of political scrutiny.Central Asia faces water, food and energy challenges due to rapid demographic growth, shrinking arable land, melting glaciers and shrinking water resources. The solution to this problem requires a comprehensive scientific analysis of the problem from the point of view of various sciences, including political science.

**Keywords:** water, food, electricity, river, Central Asia, Syrdarya basin, security, interconnectedness, solidarity, cooperation, agriculture, ecology, environment, power plant, canal, state, glacier, reservoir.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қувватзода Сайдулло Зувайд*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа. **Суроғa:** Ҷумурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 907800071**. E-mail: **sqz_0085@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Кувватзода Сайдулло Зувайд*** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат политических наук, доцент кафедры политологии и связи с общественностью. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон**: +(992)907800071**. E-mail: **sqz_0085@mail.ru**

**Information about author:** ***Quvatzoda Saydullo Zuvaid*** – Academy of Public Administration under the President of Republic of Tajikistan, Candidate of political sciences, dotsent of the department of political science and public relations. **Adress**: Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir street. Phone: **+(992)907800071**. E-mail: **sqz_0085@mail.ru**

## ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА


***Улугходжаева Х.Р.*** Развитие налоговой системы Таджикистана за годы суверенитета и проблемы ее совершенствования………………………………………………………………………. ***5***

***Назаров Д.М.*** Нечеткое моделирование оценки надежности поставщиков на рынке строительных услуг……………………………………………………………………………. ***12***

***Тохирова Р.С., Фозилова М.И.*** Пути улучшения показателей инновационно-промышленного предпринимательства в Центральном Таджикистане……………………………………………….. ***19***

***Тагоев Б.Д.*** Обеспечение экономической безопасности в условиях глобализации: подходы и инструменты……………………………………………………………………………………….. ***29***

***Махмадизода Ф.Б., Музаффаров Б.С.*** Формирование и развитие региональных агропродовольственных кластеров в условиях ВТО………………………………………………… ***36***

***Юсуфзода Ф., Вафадари Казем.*** Возможности и вызовы развития туризма в сельской местности Таджикистана…………………………………………………………………………………… ***44***

***Маликов И.О.*** Концепция обоснования стратегии развития мясного рынка в Республике Таджикистан……………………………………………………………………………………….. ***53***

***Бадурашвили К.Г.*** Валютный рынок в системе финансовых институтов………………………... ***63***

***Хакбердиев Х.М.*** Теоретико-методологические вопросы экономико-географической оценки промышленного комплекса Согдийской области………………………………………………. ***72***

***Низомов С.Ф., Бобиев И.А.*** Асосҳои консептуалии ташаккули ҳисоботи сегментӣ дар холдингҳои саноатӣ……………………………………………………………………………….. ***83***

***Ҳаитова Б.Ҳ.*** Асосҳои назариявии бозори меҳнат ва таъсири он ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)................................................................... ***92***

***Шерматов Ғ.Р., Олимов А.Х.*** Ҷанбаҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои рушди муносибатҳои бозорӣ дар маҷмааи (кластери) пахтакорӣ......................................................................... ***99***

***Нурализода А.Н., Воҳидов У.М., Асоев И.З.*** Ташаккулёбии идоракунии алоқаи байнихоҷагии кишвар дар таъмини шароитҳои некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон... ***105***

***Ғуломова Х.А., Раҳимов М.С.*** Амалишавии ҳадафҳои рушди устувор-сиёсати калидии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................... ***112***

***Тагоев Ҷ.Ҳ., Файзуллоев Т.Т., Вазирзода Д.Р.*** Таҷрибаи рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ.......................................................................................................... ***118***

***Асаналишоев Ғ.А.*** Низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунии фаъолияти инноватсионии ташкилот........................................................................................................................ ***128***

***Абдуллоева Ш.Б.*** Ташаккул ва рушди бозори хадамоти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ***134***

***Тоҳирова Р.С., Асоев К.Р.*** Интихоби маҳакҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ........................................... ***141***

***Рашидова Д.Ҷ.*** Нақши рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ дар рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон...................... ***149***

***Шамсов Ф.С.*** Механизми таъмини амнияти беруниқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир...................................................................................................... ***157***

***Бурхонзода Зафар Сафар.*** Такмили механизмҳои ҳамгироии низоми таҳсилоти касбӣ ва истеҳсолот...................................................................................................................... ***164***

*Халилзода Умед Шараф.* Таҷрибаи хориҷии идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва имкониятҳои ҷоринамоии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................ *170*

*Рустам А.Р.* Механизм ва сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ.............. *179*

*Болтуева Р.К.* Таснифи объектҳои баҳисобгирӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ... *187*

*Ҳафизов А.З.* Таҳқиқи низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ чун объекти татбиқи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ.............................................................................................. *195*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Миралиев Э.Б.* Намудҳои мусбӣ ва манфии бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо.. *203*

*Марям Шарифӣ.* Нақш ва аҳамияти ҳимоятгар дар татбиқи меъёрҳои мурофиаи одилона.. *213*

*Сайфуддин Зиёӣ, Забеҳулло Қурайшӣ.* Баррасии озодии баён дар қонунҳои Афғонистон ва асноди байналмилалӣ.................................................................................................................. *219*

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

*Мамадазимов А.М.* Объективные предпосылки превращения «дарственной дипломатии» в шелковую дипломатию…………………………………………………………………………… *223*

*Нуриддинова М.Р.* ООН и вопросы проведения операции по поддержанию мира и стабильности в Таджикистане………………………………………………………………………………….. *232*

*Умарализода Ш.* Современные тенденции и особенности социализации молодёжи в Республике Таджикистан……………………………………………………………………………….... *239*

*Комилбек Амид Ёрбек.* Ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии низоми идоракунии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................................................................ *246*

*Шоҳрухи Саидҷаъфар.* Ваҳдати миллӣ: моҳият, хусусият ва зарурияти он…………………… *251*

*Нуриддинов Р.Ш., Муҳаммад Довуд Нурӣ.* Ҳамгироӣ ва вогироӣ дар равобити Афғонистон ва Тоҷикистон......................................................................................................................... *261*

*Тоирзода С.Т., Саидзода М.М. Авлиёқулов Р.Т.* Ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: марҳилаҳои ташаккул ва афзалиятҳои он дар шароити рушди устувори ҷумҳурӣ.............................................................................................................. *267*

*Абдуев Х.Н.* Хусусиятҳои омӯзиши фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ................ *273*

*Мирзоев К.Х.* Ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар доираи ташаббуси «як камарбанд як роҳ» *279*

*Мамадгафуров И.Э.* Эҳёи Толибон-2: решаҳои иҷтимоию динӣ ва самтгирии сиёсиву идеологӣ.................................................................................................................................. *284*

*Гулямов Ҷ.Ф.* Ҷойгоҳи сиёсати ҳарбӣ – ватандӯстӣ дар таълифоти ниёгони миллати тоҷик.. *291*

*Қувватзода С.З.* Масоили ҳамбастагии сиёсати обӣ бо сиёсати озуқаворӣ ва энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ (дар мисоли ҳавзаи дарёи Сир)................................................................. *296*

## ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Список использованной литературы составить в двух вариантах: 1) на языке оригинала (таджикский, русский, английский) и 2) перевод всей использованной литературы на русский язык (для журнала «Вестник ТНУ. Серия естественных наук» список литературы перевести на английский язык)
11. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
12. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
13. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
14. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
15. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
16. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
17. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
18. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
19. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
20. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
## Серия социально-экономических и общественных наук

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2021. №8**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А.Назарова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 38,12 усл. п.л. 38,12.
Подписано в печать 30.12.2021